# АХТАРОНИ АДАБ

37

**ҲАЙАТИ МУШОВАРА ВА ТАҲРИРИЯИ**
**50-ҶИЛДАИ ОСОРИ КЛАССИКОН ВА МУОСИРОН**
**АЗ СИЛСИЛАИ «АХТАРОНИ АДАБ»**

**ҲАЙАТИ МУШОВАРА**

*Абдуҷаббор Раҳмонзода*
*Шамсиддин Орумбекзода*
*Фарҳод Раҳимӣ*
*Низом Қосим*
*Гулназар*
*Сахидод Раҳматуллозода*
*Гурез Сафар*

**ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ**

*Абдулҳамид Самад*
*Кароматулло Олимзода*
*Абдураҳмон Абдуманнон*
*Абдунабӣ Сатторзода*
*Аламхон Кӯчаров*
*Мирзо Муллоаҳмад*
*Алии Муҳаммадии Хуросонӣ*
*Муҳтарам Ҳотам*

АБДУЛҚОДИРИ БЕДИЛ

# МУНТАХАБОТ

Душанбе
«Адиб»
2018

ББК 84 Тоҷик 7-5
Б-12

Бо саъю кӯшиш ва муқаддимаву тавзеҳоти
*Бобобек Раҳимӣ*

Муҳаррир *Мубашшир Акбарзод*

Б-12 **Абдулқодири Бедил. Мунтахабот.**
– Душанбе, «Адиб», 2018, 480 саҳ.

Дар ин маҷмӯа 500 ғазал аз ғазалиёти Бедил, ки наздик ба се ҳазоранд, интихоб ва таҳия гардидааст. Кӯшиш ба кор рафтааст, ки ғазалҳои нисбатан сода ва оммафаҳми шоир интихоб шаванд.

ISBN 978-99947-2-538-0

© Нашриёти «Адиб», 2018

# ҒАЗАЛ ДАР ЭҶОДИЁТИ БЕДИЛ

Дар эҷодиёти Мирзо Абдулқодири Бедил (1644-1720) навъи адабии ғазал мақоми асосиро ишғол менамояд. Шуҳрат ва маҳбубияти шоир, пеш аз ҳама, ба ғазалиёти ӯ вобастагӣ дорад. Тамоми пайравон ва муқаллидони Бедил, асосан, ба ғазалҳои ӯ татаббуъ намудаанд. Худи шоир низ ба жанри ғазал таваҷҷуҳи хоса доштанашро зикр намудааст. Ба ақидаи ӯ, шоири ҳақиқӣ он аст, ки дар баҳри ғазал шиноварӣ карда тавонад:

*Бедил, гуҳари назм касерост, ки имрӯз*
*Дар баҳри ғазал заврақи андеша давонад.*

Ба ақидаи Бедил, ғазал бояд баёнгари мавзӯи рӯз, баёнгари масъалаҳои воқеии зиндагӣ бошад, бар хилофи қасида, ки ифодагари орзуҳои хаёлист:

*Имрӯзат аз амал пайи фардо гирифтааст,*
*Эй ғофил аз ғазал, ба хаёли қасида рав.*

Бедил аз он хуш аст, ки шеъри ӯ бозтобандаи авзои ҷаҳон аст. Дар шеъри ӯ ҳақиқати офоқро метавон мутолаа кард. Шеъри ӯ, ба монанди мавҷ, аз корномаи дарё хабар медиҳад:

*Сатре агар зи вазъи ҷаҳон вонавиштаем,*
*Гардондаем рангу чалипо навиштаем.*
*Аз нақши мо ҳақиқати офоқ хонданист,*
*Чун мавҷ корномаи дарё навиштаем.*

Ба андешаи шоир, шеъре писанди хотири хонанда ё шунаванда шуда метавонад, ки дорои таъсири азиме бошад. Таъсири сухани ҳақиқиро бо асари тиру туфанг баробар кардан мумкин аст ва Бедил бо он менозад, ки каломи ӯ дорои ҳамин гуна таъсир аст.

*Хуш дор, ки бар гӯши азизон натавон хӯрд,*
*Гар нест суханро асари тиру туфанге.*

Қобили қайд аст, ки таъсири шеъри Бедил бетараф ва умумӣ нест, балки таъсири душмангудозу дӯстнавоз аст:

*Мисраи тоза, ки аз баҳри хаёлам мавҷ аст,*
*Дӯстро оби ҳаёт асту ба душман теғ аст.*

Дар осори шоир ғазал аз ҷиҳати микдор низ мақоми аввалро дорост. Нашри кобулии ғазалиёти ӯ, ки комилтарин нусхаи чопист, аз 2838 ғазал иборат аст, ки теъдоди абёташ беш аз 30 ҳазор мебошад.

Муҳаммад Иқболи Лоҳурӣ (1877-1938) дар рисолае бо номи «Мутолааи Бедил дар партави андешаҳои Бергсон» навиштааст, ки аз ғазалиёти Бедил нусхаи хаттие дар назди ӯ мавҷуд аст, ки шомили 30 ҳазор байт мебошад (Ниг. Алҳоҷ Муҳаммад Иброҳими Зарғун. Нақди рисолаи Бедил дар партави андешаҳои Бергсон, Ҳирот-Афғонистон, саҳ.15).

Дар китобхонаи Ризо Ромпури Ҳиндустон нусхае аз девони ғазалиёти Бедил мавҷуд аст, ки дорои 2870 ғазал буда, миқдори байтҳояш наздик ба 33 ҳазор аст. Дар ин нусхаи девон ғазалҳое ба назар мерасанд, ки аз нашрҳои комили куллиёти Бедил – нашри Сафдарӣ (Бамбай, 1299 қ) нашри Кобул (1341 ҳ.ш.) ва нашри Теҳрон (1376 ш.) берун мондаанд.

Як хусусияти ин нусха ин аст, ки як идда ғазалҳои шоир – ғазалҳои мадҳӣ, ғазалҳои ҳаҷвӣ, ғазалҳои хайримақдам, ғазалҳои идона, ғазалҳои таърих, чанд ғазали бенуқта ва як ғазали муаммо ба он дохил нашудаанд. Агар ин гурӯҳ ғазалҳоро низ ба ғазалҳои нусхаи мазкур зам намоем, теъдоди ғазалҳои он афзунтар мешавад.

Яке аз вижагиҳои ғазалиёти Бедил, чун ғазали аксари шоирони сабки ҳиндӣ, гуногунии мавзӯъ ва парешонии афкор дар доираи як ғазал аст. Дар ин ё он ғазал мавзӯъ ва масоили гуногун ва ҳатто хилофи якдигар метавонанд паиҳам оянд. Дар ин гурӯҳи ғазалҳо ҳар як байт дорои мазмуни мустақил буда, маъмулан, як фикри тамомшударо дар бар меги-

рад. Барои мисол ғазалеро метавон зикр кард, ки матлааш байти зер аст:

*Безанг дар ин маҳфил оина намебошад,*
*Он дил, ки тиҳӣ бошад аз кина, намебошад.*

Чунон ки гуфтем, дар ғазалиёти Бедил як маънии баитмомрасида дар доираи як байт ифода меёбад. Аммо, дар ниҳояти камӣ ҳам бошад, ифодаи як маъниро дар доираи ду байт низ дидан мумкин аст. Ду байти зер мисоли ин фикр шуда метавонанд:

*Назму насре, ки мекунам таҳрир,*
*Беҳ, ки дар зиндагӣ кунад шодам.*
*Варна, ҳайф аст нақшам аз паси марг.*
*Гул занад бар мазори Беҳзодам.*

Дар девони Бедил ғазалҳои дар як мавзӯъ ё мавзӯъҳои ба ҳам наздик сурудашуда низ кам нестанд. Ба ин гурӯҳи ғазалҳо ғазалҳои «Танпарастон, ки ба ин обу намак айёшанд», «Дар такаллум аз надомат ҳеҷ кас осуда нест», «Ту гар худро набинӣ, нест олам ғайри дидораш»-ро дохил намудан мумкин аст.

Мавзӯъ ва мундариҷаи ғазалиёти Бедил басо рангоранг ва доманадор мебошад. Баёни масъалаҳои ирфону тасаввуф, тасвири ишқу лаҳзаҳои гуворои ошиқӣ, таранннуми зебоиҳои ҳаёт, тасвири лаҳзаҳои гуногуни зиндагӣ, тасвири ҳолатҳои тағйирёбандаи рӯҳӣ, ситоиши инсон ва мақоми он дар зиндагӣ, тасвири баҳор ва манзараҳои зебои табиат, васфи хислатҳои ҳамидаи инсон, танқиди норасоиҳои ҷамъият, мазаммати хулқу атвори ношоистаи инсонҳо аз умдатарин мавзӯъҳои ғазалиёт ба шумор меравbooнд. Дар девони шоир дар мавзӯъҳои ҳасбиҳолӣ, ифтихор аз ҳунари шоирӣ, мадҳу ситоиши гурӯҳи муайяни одамон, изҳори дӯстӣ ва самимият нисбат ба шахсони наздик ва ғайра низ ғазалҳои зиёдеро пайдо намудан мумкин аст. Ғазалҳои Бедилро ба гурӯҳҳои ғазалҳои тавҳидӣ, ирфонӣ, ишқӣ, фалсафӣ, пандуахлоқӣ,

ҳасбиҳолӣ, тавсифӣ, мадҳӣ, ҳаҷвӣ, ғазалҳои идона, ғазалҳои фахрӣ ва ғайра тақсим намудан мумкин аст. Бештари ғазалҳои Бедил ишқию ирфонӣ мебошанд. Аз ғазалҳои сирф ирфонии Бедил намунаи беҳтарин онест, ки бо матлаи зайл шурӯъ мешавад:

*Ба авҷи кибриё, к-аз паҳлуи аҷз аст роҳ он ҷо,*
*Сари мӯе гар ин ҷо хам шавӣ, бишкан кулоҳ он ҷо.*

Ғазали дигаре, ки маънии аксари абёташ ирфону тасаввуф аст, ғазалест ба ин матлаъ:

*Пайвастагӣ ба Ҳақ зи ду олам буридан аст,*
*Дидори дӯст ҳастии худро надидан аст.*

Ба гурӯҳи ғазалҳои ошиқонаи Бедил ҳам ғазалҳои ишқию ирфонӣ ва ҳам ғазалҳои дар мавзӯи ишқи воқеии инсонӣ эҷодшударо дохил намудан мумкин аст. Вақте ки мо ғазалҳои ошиқона мегӯем, ишқу ошиқии умумиро дар назар дорем, он хоҳ ишқи ирфонӣ бошаду хоҳ ишқи ҳаётии инсонӣ. Ҳангоми ба зоҳири маънӣ ё худ ба сурати маънӣ диққат додан, лаҳзаҳои ишқи воқеии инсониро мушоҳида менамоем. Яъне, тасвир ва баёни ишқи воқеии инсонӣ зоҳир ё худ сурати маънии байт аст. Зоҳири маънии байт ба аксари хонандагон дастрас бояд бошад ва лаззати эстетикие, ки аз хондани байт даст медиҳад, дар маънии зоҳирии он ифода меёбад. Агар мо дар ин ё он байт маънии ирфонии онро ҷустанӣ бошем, бояд ба ботини он диққат диҳем. Вале фаҳмидани маънии ботинии байт ба ҳар кас муяссар намешавад. Хонандае ба маънии ботинии байт сарфаҳм меравад, ки илова бар завқи шеърдонию шеърфаҳмӣ, аз илми тасаввуф низ огаҳӣ дошта бошад. Ғазалҳои «Нишоти ин баҳорам бе гули рӯят чӣ кор ояд?», «Ҳарчанд дар ин гулшан ҳар сӯ гули худрӯест», «Ба пирӣ ҳам наям ғофил зи ишқи он камонабрӯ»-ро аз ҷумлаи ғазалҳои ишқии шоир донистан мумкин аст.

Яке аз мавзӯъҳои ба назар намоён дар ғазалиёти Бедил танқиди замон ва мазаммати золимон аст. Дар ин бора

ғазалҳои зиёдеро, аз қабили «Ин давр даври ҳез аст, вазъи матин кӣ дорад?», «Бар санг зад замона зи бас сози ошно», «Имрӯз даври суҳбат вақфи ситамаёғист», «Халқро бар сари ҳар луқма зи бас саршиканист» ном бурдан мумкин аст. Шоир дар ин гурӯҳи ғазалҳо аз бемеҳрии даврон, каҷравии замона, беадолатиҳо дар зиндагӣ шикоят намуда, худи замонаро сабабгори ин нобаробариҳо медонад.

Дар девони Бедил як идда ғазалҳо мавҷуданд, ки бо унвони умумии «Хайримақдам» маъруфанд. Ин гурӯҳи ғазалҳо дар таҳнияти қудуми дӯстон ва дигар иродатмандони шоир суруда шудаанд. Ғазалҳои «Эй баҳористони иқбол, эй чамансимо, биё», «Биё, эй ҷоми минои тараб нақши кафи поят», «Субҳи таманно дамид, дил чаманистон кунем», «Зиҳӣ, навиди хиромат баҳори иксирам» аз ҷумлаи ҳамин гуна ғазалҳо мебошанд.

Дар девони Бедил ғазалҳои дар мадҳу ситоиши ҳокимони аср эҷодшударо низ дидан мукин аст. Ғазалҳои «Эй ҳама оёти қудрат зоҳир аз шони шумо», «Агар хуршеди гардунам вагар гарди сари роҳам», «Ту шамшери ҳақӣ, ҳар кас зи ғафлат бо ту бистезад», «Эй бағафлатхуфтагон, нури назар сомон кунед», «Биёр бода, ки бӯи баҳори ҷон омад», «Ёди он мавсим, ки бо ваҳми баҳору фасли дай», «Эй зафар шефтаи ҳиммати нусратфолат» ва ғайра аз қабили ғазалҳои мадҳии шоир мебошанд.

Сабаби ба ин мавзӯъ рӯй овардани Бедил, аз як тараф, эҳтиёҷоти моддӣ бошад, аз тарафи дигар, ин аст, ки ӯ бо аксари мамдуҳони худ алоқаи дӯстӣ дошт. Гузашта аз ин, қисме аз ашъори мадҳии ӯ дар асари илтимос ва хоҳиши дӯстони наздикаш эҷод шудаанд. Ӯ дар ин бора дар чанд ҷои девонаш ишораҳо намудааст. Чунончи, дар муқаддимаи девон гуфтааст:

*Бедил, моро ҳарзадароӣ шон нест,*
*Мадҳи миру ситоиши султон нест.*
*З-ин даст каломе, ки зи мо мешунавӣ,*
*Ғайр аз исори хидмати ёрон нест.*

Шоир дар ҷои дигар фармудааст:

*Мадҳу таърихи баъзе аз шоҳу амир*
*Кардам ба таколифи азизон таҳрир.*
*Онҳо мурданду ман пушаймон гаштам,*
*Фитрат ба азоби қабр монд аз ташвир.*

Дар ғазалиёти Бедил тасвири баҳор ва манзараҳои зебои Ҳиндустон низ мавқеи намоён дорад. Ғазалҳои «Имрӯз навбаҳор аст, соғаркашон биёед», «Чашм во кун, ранги асроре дигар дорад баҳор», «Сайри гулзори кӣ, ё Раб, дар назар дорад баҳор?», «Субҳи кишвари Майвот ёсуминбаҳор аст ин» дар ҳамин мавзӯъ сурудa шудаанд.

Дар осори Бедил ба ғазалҳои фахрия низ дучор омадан мумкин аст. Бедил дар байтҳои алоҳидаи ғазалиёташ аз қудрату истеъдоди шоирии худ ёд карда, ба маънии баланду ибороти нозуки шеъраш ишораҳо намуда, бо ифтихор мегӯяд:

*Бедил аз фитрати мо қасри маонист баланд,*
*Поя дорад сухан аз курсии андешаи мо.*

* * *

*Бедил, камоли ҳар фан бар ҷавҳар аст мавқуф,*
*Ҷое ки ман набошам, фитрат қусур дорад.*

* * *

*Зи баъди мо на ғазал, не қасида мемонад,*
*Зи хомаҳо ду-се ашки чакида мемонад.*

* * *

*Бедил, таҷаддудист либоси хаёли ман,*
*Гар сад ҳазор сол бароядҳ, куҳан наям.*

* * *

*Агар зи мулки адам то вуҷуд фаҳм гуморӣ,*
*Ба ҷуз каломи ту, Бедил, дигар калом набошад.*

* * *

*Бедил, аз афсуни сухан булбули боғи чӣ гулӣ?*
*Ранги чаман мешиканад бӯи баҳор аз пари ту.*

Дар девони Бедил ғазалҳое мавҷуданд, ки аксари абёташон аз мазмуни фахрия иборатанд. Ғазалҳои «Майпарасти эҷодам, нашъаи азал дорам», «Баҳри розам, печутоби фикр гирдоби ман аст», «Ҳарфам ҳама аз мағз аст, аз пӯст намегӯям» мисоли ин фикр шуда метавонанд.

Мавзуи дигаре ки ғазалиёти Бедилро зинат додааст, тарғибу ташвиқи бо халқ зистан ва ҳамдаму ҳамнафаси он будан аст. Ин даъвати шоир, аз як тараф, ҷанбаи инсондӯстӣ доштани ашъори ӯро нишон диҳад, аз тарафи дигар, халқият ва моҳияти иҷтимоии осори ӯро ошкор месозад. Ба ақидаи шоир, дар ҷамъият зиндагӣ карда, аз аҳли он ҷудо будан ғайримумкин аст. Инсон вақте аз суҳбати ҷаҳониён раҳоӣ меёбад, ки аз ҷаҳон ва зиндагӣ умуман даст кашад:

*То абад маҳви шукӯҳи халқ бояд буду бас,*
*Шоҳи мо оина мепардозад аз гарди сипоҳ.*

* * *

*То нафас боқист, бояд бо алоиқ сохтан,*
*Хизрро ҳам улфати оби бақо занҷири пост.*

* * *

*То бувад мумкин, ба вазъи халқ бояд сохтан,*
*Одамийят пеш натвон бурд бо насносҳо.*

* * *

*Ба вазъи халқ баро, ё зи даҳр гӯша гузин,*
*Гуҳар сарест, ки дарё намекашад бораш.*

* * *

*Зи доми суҳбати мардум раҳоӣ осон нест,*
*Касе ки гӯша гирифт аз ҷаҳониён, анқост.*

Вобаста ба ҳамин масъала як нуктаро зикр намудан лозим аст. Дар ғазалиёти Бедил дар қатори андешаҳои бо мардум зистану ҳамдами халқ будан байтҳое ба назар мерасанд, ки дар онҳо хонанда ба гӯшанишинӣ ва кунҷи узлат даъват карда мешавад. Оё дар ин ҷо зиддияти фикр ва ихтилофе дар ақидаи иҷтимоии шоир ба назар мерасад? Гуфтан лозим аст, ки осори фаровони Бедил дар давраҳои гуногуни ҳаёташ иншо шудаанд ва вобаста ба вазъиятҳои мухталифи замон ва

аҳволи рӯҳии шоир, эҷодиёти ӯ, аз ҷумла, ғазалиёташ аз «сад гуна фикрҳои гуногуни зидди якдигар» (С.Айнӣ)  холӣ нестанд. Аз ин ҷиҳат, дар ғазалиёти ӯ ба назар расидани тарғиби гӯшанишинӣ, ҳаётбезорӣ ва дигар оҳангҳои афтодарӯҳӣ факти тасодуфӣ нест. Лекин, дар баробари ин хусусияти умумӣ, ки ба аксари шоирони гузаштаи мо хос аст, мисолҳои дигаре аз ғазалиёти шоир шаҳодат медиҳанд, ки тарғиби гӯшагирӣ дар аксари мавридҳо ба мақсади дигаре ба миён омадааст. Шоир борҳо гӯшрас намудааст, ки гӯшагирии ӯ барои ҷӯшу хурӯши оянда мебошад. Ӯ бештар ба мақсади ёфтани маънӣ ва андешаву афкори тоза ба танҳоӣ рӯй меоварад:

*Бар хамӯшӣ задаам, фикри хурӯше дорам,*
*То тавон нола дурудан, нафасе мекорам.*

* * *

*Ғаввосии тааммул бе музди маъние нест,*
*Гар мо нафас надуздем, дарё гуҳар надорад.*

* * *

*Асрори сухан ҷуз ба хамӯшӣ натавон ёфт,*
*Мифтоҳи дари ганҷи маонист тааммул.*

* * *

*Дарди сар бисёр дорад олами савту садо,*
*Сурма ногардида натвон бар сухан ғолиб шудан.*

* * *

*Ҳар сухансанҷе, ки хоҳад сайди маъниҳо кунад,*
*Чун забон мебояд аввал хилвате пайдо кунад.*

* * *

*Чу хома гар ба хомӯшӣ ба сар барӣ, Бедил,*
*Ту низ рози дили халқ бар забон ронӣ.*

* * *

*Нест, Бедил, гӯшагириҳои мо бе маслаҳат,*
*Хилвате мебояд арбоби суханро чун забон.*

Дар мисолҳои зер мақсаду мароми шоир аз гӯшагирӣ ва танҳоӣ боз ҳам равшантару фаҳмотар мешавад. Ба ақидаи шоир, хилватгузинӣ ҳам ба рабти сухан мадад мерасонаду ҳам ба каломи ӯ рутбаи маънӣ бахшида, онро чун майи куҳан пурзӯр менамояд:

*Ихтиёри гӯшаи хомӯшиям беҳуда нест,*
*Қадрдони маъниям, рабти сухан мепарварам.*

* * *

*Бедил, аз узлат каломам рутбаи маънӣ гирифт,*
*Хумнишинӣ бодаамро ин қадар пурзӯр кард.*

Бедил дар баробари гӯшагирии бомақсад кунҷи узлати бемаъниро накӯҳиш мекунад. Махсусан гӯшагирӣ ба умеди «сайри гиребон»-ро сахт мазаммат ва маҳкум менамояд:

*Маҳрами сайри гиребон кас мабод,*
*Завраќи моро ки дар гирдоб бурд.*

* * *

*Имтиёзи гӯшагирӣ доми розӣ кас мабод,*
*Сайди мо аз ошён дар чангули шаҳбоз монд.*

Дар ғазалиёти Бедил мавзӯъҳои тарғиби меҳнатдӯстӣ, кӯшишу ғайрат, интихоби касби нек низ хеле зиёд ба назар мерасад. Шоир, дар баробари накӯҳиши бекорию афсурдагӣ, хонандаро ба ҷидду ҷаҳди фаъол ва меҳнати софдилона ташвиқ менамояд. Ба ақидаи ӯ, дасте ки машғули корест, дардро намебинад, баръакс, шахси бекор ҳамеша афсурдаву нотавон ва дар зери бори нанг мебошад.

*Афсурдагӣ камингари таътили кас мабод,*
*То даст гарми кор бувад, шал намешавад.*

* * *

*Вазъи бекорӣ далели инфиоли кас мабод,*
*То зи саъйи нохунат коре кушояд, сар махор.*

* * *

*Нози бекорӣ ниёзи ғайрати мардӣ макун,*
*Ин ҳинои панҷа нанги дасту бозу мешавад.*

Қобили қайд аст, ки шоир ғаму андӯҳ, азобу машаққат ва дарду алами ба кор пайвастаро аз хушию хуррамӣ ва шодию тараби бекорӣ авлотар медонад:

*Дарди андӯҳ хуш аст аз тараби бекорӣ,*
*Ҳайфи дасте ки зи дил бар камарам мегузарад.*

Дар ғазалиёти Бедил ситоиши ҳунару ҳунарманд, васфи илму дониш ва тарғиби аз бар кардани касбу кори муфид низ фаровон ба назар мерасад. Байтҳои зер мисоли ин гуфтаҳо шуда метавонанд:

*Обрӯи мард, Бедил, бо ҳунар ҷӯшидан аст,*
*Нест дар шамшерҳо ҷуз теғи ҷавҳардор сабз.*

* * *

*Аз ҳунар оинаи миқдори ҳар кас равшан аст,*
*Риштаи шамъ аст, Бедил, мавҷи ҷавҳар теғро.*

* * *

*Бе ҳунар мушкил, ки бошад тозарӯиҳои мард,*
*Карда ҷавҳар шабнамӣ бо сабзаи шодоби теғ.*

* * *

*Талоши илму амал муғтанам шумар, Бедил,*
*Макаш хумори шаробе, ки ақлрост музил.*

Дар эҷодиёти Бедил масъалаи инсон, моҳият ва мавқеи иҷтимоии он, ситоиши бузургии қудрат ва тарғиби худшиносии вай мақоми намоён дорад. Бедил ба кашфи моҳият ва дарки табиати инсон, маърифати олами ҳайратангези он диққати ҷиддӣ медодааст ва қатъи назар аз он ки ба моҳияти асосии инсон, ки «дар ҳақиқати ҳол маҷмӯи ҳамаи муносибатҳои ҷамъиятӣ мебошад» (К,Маркс) сарфаҳм нарафтааст, онро аз тамоми мавҷудоти олам афзал ва шариф доништа, бо ибораҳои «шамъи базми қудс», «наййири сипеҳри ҳақиқат», «офтоби тобони офоқ», «шамъи фонуси чарх» ва ғайра тавсифу ситоиш намудааст. Бедил дар ғазалиёти худ низ ба ин мавзӯи муҳим борҳо рӯй оварда, инсонро «самари баҳори ранг», «сармояи ҳастӣ», «овози тоси фалак» дони-

ста, онро сабаби мавҷудият ва инкишофи ҷамъият дониста-аст. Ба ақидаи шоир, олами ҳастӣ ба туфайли вуҷуди инсон пойдор аст, бе вуҷуди вай оори олами имкон ботил ва бемаънист:

*Бе вуҷуд осори имкон ботил аст,*
*Партави хуршед меҷӯшад ба ҳам.*

* * *

*Бе вуҷуди мо ҳамин ҳастӣ адам хоҳад шудан,*
*То дар ин оина пайдоем, олам олам аст.*

* * *

*Қиёматхурӯш аст бунёди имкон,*
*Аз ин сози найранг инсон тарона.*

* * *

*Фалак созест мустағнӣ зи вазъи ҳарзаоҳангӣ,*
*Манумои ту мебошад, гар овозест дар тосаш.*

* * *

*Ҳар зарра, ки ояд ба назар барқи рами мост,*
*Олам ҳама даштест, ки моем ғизолаш.*

Дар девони Бедил ғазале мавҷуд аст, ки саропо ба таърифи инсон бахшида шудааст. Шоир дар нишон додани мақому мартабаи инсон, агарчи аз доираи таълимоти Қуръон берун нарафтааст, ақидаи дар шаъни инсон вуҷуддоштаро таъкиду таъйид намудааст. Ӯ инсонро мунтахаби махлуқоти Худо, сабаби пайдоиши дигар мавҷудот, манбаи равшанӣ, софигари зулумот, нури ишқу шарми ҳусн, зоти ӯро хуршеди рӯзу моҳи шаб донистааст.

*Чист одам? Муфради килки дабиристони Раб,*
*К-ин ҳама авзои асмороcт таркибаш сабаб.*
*Зодаи илми маволидаш ҷаҳони моу тин,*
*«Лаямлид ламюлад»-аш оинаи асли насаб.*
*Аз тасаннуъ гар ҳама мову ту орад бар забон,*
*Миму нун дорад ҳамон шакли кушоду басти лаб.*
*Эҳтимолоти тамизаш ваҳми чандин хайру шар,*
*Офтобе дар ваболи туҳмати раъсу занаб.*

*Он суи кавну макон тайёру парвозинтизор,*
*Шаш ҷиҳат вобастагиоғӯшу озодиталаб.*
*Оҳувони дашти фитратро хаёли ӯ Хутан,*
*Коргоҳи шишаи афлокро фикраш Ҳалаб.*
*Нур аз ӯ беэҳтиҷобу зулмат аз вай бекалаф,*
*Зоти оламтоби ӯ хуршеди рӯзу моҳи шаб,*
*Ҳосили радду қабулаш инқисоми хубу зишт,*
*Инфиолаш дӯзаху иқбол фирдавси тараб.*
*Шӯри ишқ аз фитнаоҳангони қонуни димоғ,*
*Шарми ҳусн аз сояпарвардони мижгони адаб.*
*Аз ҳазор оина як нури яқинаш мунъакис,*
*Аз ду олам нусхааш як нуқтаи дил мунтахаб.*
*Бо ҳама сомони қудрат шахси таслимэътибор,*
*Бо камоли кибриёӣ пайкари Бедиллақаб.*

Дар ғазалиёти Бедил тасвир ва тавсифи созҳои гуногуни мусиқӣ, хурӯши дилрабои созу оҳанг. маҳорат ва тардастии мутриб, ҳолатҳои рӯҳии мустамеъон ва дигар лаҳазоти рӯҳнавози ҳалқаҳои созу наво низ мавқеи ба назар намоён доранд. Аз ғазалҳои шоир байтҳои зиёдеро овардан мумкин аст, ки дар онҳо садои танбӯру тор, нолаи чангу най, овози фараҳбахши даф, замзамаи дилнавози муғаннӣ мавриди тасвир қарор гирифтаанд. Нашъа ва кайфияте, ки аз садои дафу танбӯр ва нолаи чангу най даст медиҳад, аз таъсир ва нашъаи май кам нест:

*Нағма ҳам дар нашъапаймоӣ қиёмат мекунад,*
*Мавҷи май тор аст, Бедил, косаи танбӯрро.*

* * *

*Бо ҳарифон зи мавҷи май нарасид,*
*Ончи аз тори соз мерасадам.*

* * *

*Шӯхии мизроби мутриб гар ба ин кайфият аст,*
*Косаи танбӯр мастӣ медиҳад оҳангро.*

Аз лиҳози алоқамандона тасвир намудани нашъаи май ва нағмаҳои мутриб ғазали зер ҷолиби диққат аст, ки дар он

ҳамоҳангии қулқули мино ва нолаи танбӯру тор, нози соқию мутриб ва ниёзи махмурону мустамеъон бо маҳорати баланд тасвир ёфтаанд. Дар баробари ин, созу навое, ки аз ҷӯршавии нағмаи мутриб ва қулқули мино ҳосил мешавад ба таронаи дабдабаноки аҳли ҷоҳу сарват муқобил гузошта шуда, таъсирбахшу рӯҳнавозтар будани он таъкид ёфтааст.

*Имшаб зи сози мино гарм аст ҷои мутриб,*
*Кӯк аст қулқули май бо нағмаҳои мутриб.*
*Дарюза чашм дорем аз косаҳои танбӯр,*
*Дар ҳаққи мо баланд аст дасти дуои мутриб.*
*Сад ранг оҳи ҳасрат печидаем дар дил,*
*Ин тордон ниёз аст аз мо ба пои мутриб.*
*Кайфияти баму зер мафҳуми анҷуман нест,*
*Дар парда то чӣ бошад манзури рои мутриб?*
*Номаҳрамони айшанд бегонагони соқӣ,*
*В-аз дард бемансибон ноошнои мутриб.*
*Ҳарчанд восароянд сад раҳ таронаи ҷоҳ,*
*Ин ағниё надоранд файзи ғанои мутриб.*
*Узри димоғи мастон масмӯъи ҳеҷ кас нест,*
*Ё Раб, ки гесуи чанг афтад ба пои мутриб.*
*Қонун ба захма нозон, даф аз тапонча хандон,*
*Бар сози мо фитодаст яксар балои мутриб.*
*Бедил, кӣ раҳм мекард бар сахтҷонии мо,*
*Нохун агар намебуд зӯрозмои мутриб?*

Дар девони Бедил ғазалҳое низ мавҷуданд, ки таърихҳои ин ё он воқеаҳои замони шоирро инъикос намудаанд. Ба таъбири дигар гӯем, Бедил ғазалҳои таърих низ эҷод кардааст. Иддае аз ин ғазалҳо таърихҳои валодат ё вафоти ашхоси алоҳидаро ифода менамоянд. Чанд ғазали таърих, ки Бедил иншо кардааст, аз нигоҳи муҳтаво хеле маҳдуд мебошанд. Доираи мавзӯоти онҳо мундариҷаи қитъаҳои таърих ва рубоиёти таърихро ба хотир меоранд.

Инак, ғазале, ки дар таърихи издивоҷи Шокирхон ном дӯсти шоир гуфта шудааст, иқтибос мешавад:

*Кошона салои айш дардод,*
*Эй даҳр, тараб муборакат бод!*
*Рушди иқбол дорад имрӯз*
*Ҳамроҳии хони маъниэҷод.*
*Вақт аст, ки аз навои дилҳо*
*Сози даврон расад ба иршод.*
*Ақди гуҳарест зевари ҷоҳ,*
*Қосид малъуну дӯстон шод.*
*Аз муждаи иддиои ин файз*
*Олам чаманест аршибунёд.*
*Ҷӯшида зи даври улфати ҳам*
*Матлуби вафои сарву шамшод.*
*Ё Раб, зи таназзули фусурдан*
*Ин гул гираҳи хазон мабинод!*
*Ҳар мисраи ин тариқи мавзун*
*Дорад зи шуҳуди сол таъдод.*
*Акнун ба макони маънии хос*
*Шеъре зи ду мисраам нидо дод:*
*«Авқоти саодати ду кавкаб,*
*Шерозаи улфати ду ҳамзод».*

Тавре ки аз байти ҳаштуми ғазал бармеояд, ҳар мисраи он моддаи таърих аст, ки ба ҳисоби абҷад аз он санаи 1101 (1690) бармеояд.

Ғазали дигаре, ки ҳар мисрааш таърихи вафоти яке аз дӯстони Бедил шоири маъруф Оқилхони Розиро ифода менамояд, ин аст:

*Вой, пайванди сухансанҷон намонд,*
*Такягоҳи соҳиби ирфон намонд.*
*Рафт аз офоқ лутфи адлу дод,*
*Баркати дин, қудваи инсон намонд,*
*Қутби ақтоби ҳақоиқ бор баст,*
*Солике дар кишвари имкон намонд.*
*Маҷмаи аснод бешероза шуд,*
*Робити иқлими Ҳиндустон намонд.*
*Ҳодии анвори лутф аз дида рафт,*
*Маҳдии ҷамҷоҳ Оқилхон намонд.*

Ҳар мисраи ин ғазал низ моддаи таърих аст, ки аз он санаи 1108 (1696) – таърихи вафоти Оқилхон бармеояд.

Гуфтан лозим аст, ки ҳам дар нашрҳои сафдарӣ (Бамбай, 1299) ва кобулии (ҷиди 2, саҳ. 151) Куллиёти Бедил ва ҳам дар тазкираи «Сафинаи Хушгӯ (Патна, 1959, саҳ. 13) ибораи «маҷмаи аснод»-и мисраи ҳафтуми ғазал дар шакли «маҷмаи устод» омадааст. Аммо дар тазкираи Ҳусайнқулихони Азимободӣ «Ништари ишқ» (Душанбе, ҷилди 2, саҳ. 597) ибораи мазкур дар шакли «маҷмаи аснод» аст ва ҳамин вариант саҳеҳ мебошад. Зеро дар сурати «маҷмаи устод» гуфтан, мисраи ҳафтум нисбат ба дигар мисраъҳо 350 адад зиёд мешавад. Дар сурати «маҷмаи аснод» гуфтан ададҳои ҳамаи мисраъҳо баробаранд. Гузашта аз ин, дар варианти «маҷмаи устод» калимаи «устод» бо калимаҳои «маҷмаъ» ва «шероза» мутаносиб нест. Дар варианти «маҷмаи аснод» дар байни калимаҳои мазкур таносуб барҷой аст.

Дар байни ғазалҳои Бедил се ғазали бенуқта ва як ғазали муамморо ҳам дидан мумкин аст. Аз ғазалҳои бенуқта якеро иқтибос менамоем:

*Дил агар маҳви муддао гардад,*
*Дард дар коми мо даво гардад,*
*Туъмаи дард агар расад дар ком,*
*Ҳар магас ҳамсари ҳумо гардад,*
*Маҳви асрори турраи ӯро*
*Раги гул доми муддао гардад,*
*Гарсиголад видоъи ҳирсу ҳавас,*
*Гираҳи дил гуҳарадо гардад.*
*Гусалад гар ҳавас салосили ваҳм,*
*Кӯҳу саҳро ҳама ҳаво гардад.*
*Маҳв гардад саводи мисраи сарв,*
*Мадди оҳам агар расо гардад*
*Мову эҳроми оҳи дардолуд,*
*Ҳам ҳаво гардро асо гардад.*
*Дили осуда ку? Магӯ васвос,*
*Гираҳ орад, ки доми мо гардад.*
*Дар тулӯъи камоли Бедили мо*
*Моҳ дар ҳолаи Суҳо гардад.*

Дар хусуси ин ғазал ҳаминро илова кардан лозим аст, ки он замимаи яке аз номаҳои бенуқтаи Бедил аст, ки ба Абдулазизи Иззат ном устоди шоир ирсол шудааст. Бедил дар охири нома хоҳиши ислоҳи ғазалро низ иброз намудааст. Ӯ навиштааст: «Тарроҳи маъмураи ҳарами дилҳо, ҳодими асоси ҳирсу ҳаво ҳамвора мавсули вусули давом дорад. Соликан ва восилан ду-се мисраи сода, ки алҳол дили савдомаол тарҳ карда ва килки видодсилк дар иҳотаи доми мистар даровар-да, тамаъ дорад, ки дар дарсгоҳи мутолааи ислоҳро ҳамсил-ки гавҳари камол гардад».

Дар бораи ягона ғазали муаммои Бедил гуфтан лозим аст, ки илова бар вазифаи муаммоӣ доштани ғазал, он дорои мазмуни умумӣ ва аҳаммияти адабӣ -эстетикӣ низ мебошад. Дар девони Бедил онро дар дохили дигар ғазалҳо низ дидан мумкин аст. Ҳоло ғазали мазкурро дар ин ҷо дарҷ менамоем. Баъди ҳар як мисраъ номи аз он беруноянда низ дар қавсайн оварда мешавад.

*Адабсанҷи баён ҳарфе аз он лаб ҳар куҷо дорад (Шуҳрат)*
*Хироми мавҷи гавҳар по ба домони ҳаё дорад (Баҳаштӣ)*
*Кафи хокем, дар мо дигар андози расоӣ ку? (Адиб)*
*Ки дасти аҷз агар дорад баландӣ, дар дуо дорад. (Қадим)*
*Бухор аз гил, гуҳар аз об сар бар мекунад ин ҷо, (Моҳир)*
*Нагӯӣ мурда рафторе надорад, зинда по дорад. (Фаттоҳӣ)*
*Ғаму шодӣ надорад пову сар, з-ин моҷаро бигзар, (Шамс)*
*Чу махмал туҳмати бедории мо хобҳо дорад. (Суҳроб)*
*Аз ин кулфатсаро бархезу по бар қасри гардун зан, (Раҳим)*
*Қиёматфитнае дар доманат сар дар ҳаво дорад. (Қубод)*
*Бақои ҷоҳ мавқуф аст бар инъоми бебаргон, (Фонӣ )*
*Ғано муҳри сари ганҷаш ҳамон дасти гадо дорад. (Мурид)*
*Сари савдоии ман хоки роҳи ёди дилдоре, (Доим)*
*Ки номаш то расад бар лаб, даҳон ҳамди Худо дорад. (Муҳаммад)*
*Замини инқилоби назми ғайрат нест номавзун. (Ризо)*
*Нишасти гарди майдон бар сари мардон адо дорад. (Имтиёз)*
*Магар доғи ту дӯзад чашм бар дарди мани Бедил,*
*Вагарна, ин гулистон кай сари бӯи вафо дорад?*

Бино бар гуфтаи Холмуҳаммади Хаста – мусаҳҳеҳи нашри кобулии куллиёти Бедил (Ҷилди 2, саҳ.213), ғазали мазкур бо дигар муаммоҳои Бедил дар нусхаи хаттии рубоиёти шоир, ки дар китобхонаи шоҳии Кобул маҳфуз аст, дарҷ гардидааст. Дар нусхаи мазкур дар фавқи ҳар мисраъ исме ки аз он бармеояд, сабт ёфтааст.

Ва ниҳоят, Бедил дар баҳрҳои ба истилоҳ номатбӯъи комил, мутақорибі шонздаҳрукнӣ, мутадорики шонздаҳрукнӣ ва баҳри раҷази мусаммани мураффал низ ғазалҳо сурудааст. Дар яке аз нусхаҳои хаттии девони ғазалу мухаммасҳои Бедил, ки дар Китобхонаи Ризо – Ромпури Ҳиндустон зери №3656 маҳфуз асту аксаш дар соли 2010 дар Теҳрон ба табъ расидааст, дар баҳрҳои номатбӯъи мазкур ҷамъан 88 ғазал мавҷуд аст. Аз ҷумлаи онҳо 61 ғазал дар баҳри комил, 22 ғазал дар баҳри мутақорибі шонздаҳрукнӣ, 4 ғазал дар баҳри мутадорики шонздаҳрукнӣ, як ғазал дар баҳри раҷази мусаммани мураффал иншо шудаанд.

Инак, аз ҳар кадоми ин баҳрҳо яктоӣ матлаъро зикр менамоем.

1. Баҳри комил – мутафоилун ҳашт бор V V – V –

*Ба вусули мақсади офият на далел ҷӯ, на асо талаб,*
*Ту зи ашк он ҳама пас наӣ, қадаме зи обила по талаб.*

2. Мутақорибі шонздаҳрукнӣ фаӯлу фаълун ҳашт бор V – V / – –

*Ба шабнаме субҳи ин гулистон нишонд ҷӯши ғубори худро,*
*Арақ чу селоб аз ҷабин рафту мо накардем кори худро.*

3. Мутадорики шонздаҳрукнӣ – фаилун фаилун ҳашт бор V V – / V V –

*Наям он, ки ба ҷуръати васфи лабат расадам*
*хамупечи инони адаб,*
*Зи тааммули мавҷи гуҳар задаам дари ҳусни адо*
*ба забони адаб.*

4. Раҷази мусаммани мурафаал: муфтаилотун муфтаилотун муфтаилотун муфтаилотун ҳашт бор

V – V – – / – V V – – / – V V – – / – V V – –
*Дурии базмат дар ғаму шодӣ гар кунад ин май*
*қисмати ҷомам,*
*Субҳ нахандад бар рухи рӯзам, шамъ нагиряд*
*бар сари шомам.*

Аз санъатҳои бадеӣ, ки дар ғазалиёти Бедил ба кор рафтааст, фаровонтаринаш санъати тамсил ё худ ташбеҳи мураккаб аст. Тавре ки маълум аст, моҳияти ин санъат иборат аз он аст, ки шоир фикри худро дар мисраъе баён намуда, дар мисраи дигар онро бо мисолҳо тақвият медиҳад, тасдиқ менамояд. Дар бештари мавридҳо фикри шоир дар мисраи аввал ифода меёбаду мисраи сонӣ тамсил ё таъкиди фикр аст. Барои мисол чанд байтро зикр намудан мумкин аст:

*Ақбае дигар набошад рӯҳи аз тан растаро,*
*Нест бими сӯхтан дуди зи оташ ҷастаро.*

Дар ин байт фикри шоир дар мисраи аввал баён гардида, мисраи сонӣ тамсили фикр аст. Шоир гуфтанист; рӯҳ, ки аз бадани инсон ҷудо шуд, мавриди ҳеҷ гуна азоб қарор намегирад. Рӯҳи аз тан ҷудошуда монанди дуди аз оташ раҳогардида мебошад. Дуд вақте дар азоб аст, ки дар дохили оташ бошад. Ҳамин ки аз оташ ҷудо шуд, аз азоб низ халос мешавад.

Дар санъати тамсил дар доираи ин ё он байт калимаҳои ҳамнисбат вуҷуд доранд, ки дарк намудани онҳо фаҳмидани маънои байтро осон мекунад. Дар байти мазкур калимаву ибораҳои ҳамнисбат инҳоянд: рӯҳи аз тан раста ва дуди зи оташ ҷаста; ақбае дигар набошад ва нест бими сӯхтан.

Мисоли дигар:

*Шиква аз гардун далели тангдастиҳои мост.*
*Нола дар парвоз бошад тоири парбастаро.*

Шоир дар мисраи аввал мегӯяд, ки сабаби аз гардун шикоят кардани мо тангдастии мо мебошад, чӣ тавре ки боиси нолаи паранда парҳои басташудаи ӯянд.

Дар санъати тамсил мавридҳое ҳам мешаванд, ки мисраи аввал тамсили фикр асту мисраи дуввум шакли баёни фикри шоир. Ин ҳолатро дар байти зер дидан мумкин аст:

*Мавҷ, чун бо якдигар ҷӯшид, гавҳар мешавад,*
*Дил тавон гуфтан нафасҳои баҳампайвастаро.*

Санъати тамсил, илова бар он ки фикри шоирро тақвият медиҳад, дар фаҳмидани маънии байт низ ёрӣ расонида метавонад. Байти зер мисоли ин фикр шудан метавонад.

*Гар шавӣ огаҳ аз одоби ҳузур,*
*Маҳрами хуршед ҷуз хаффош нест.*

Дар ин ҷо фикри асосӣ дар мисраи аввал баён гардидааст. Шоир гуфтанист, ки кас бояд аз одоби ҳузур огаҳ бошад. Вале аз мираъ маълум намешавад, ки худ одоби ҳузур аз чӣ иборат аст. Ҷавоби ин суол дар мисраи дувум баён шудааст. Одоби ҳузуре, ки шоир дар назар дорад, дурӣ ҷустан аз маҳбуб аст, ба монанди дурӣ ҷустани хаффош аз хуршед.

Байти дигаре дар ҳамин мавзӯъ:

*Дил дархури шикаст ба иқлими унс тохт,*
*Чинӣ ҳамон ба ҷодаи мӯ рафт Чинталаб.*

Шоир дар мисраи аввал мегӯяд, ки дили ошиқ ба қадри шикасти хеш ба мақсад наздик шуда метавонад. Яъне, дил ҳар қадар ки маҷрӯҳу нотавон бошад, имкони ба маҳбуб пайвастан бештар аст. Шоир барои тасдиқ ва тақвияти фикри хеш мисол меорад ва он ин аст: Косаи чинӣ ҳамон вақт ба макони аслии худ, яъне, ба кишвари Чин, баргашта метавонад, ки мӯ бароварда бошад, яъне, шикаста бошад. Дар гузашта косаҳои чинии шикастаро ба кишвари Чин бармегардонданд ва аз онҳо косаҳои нав месохтанд. Шоир дили маҷрӯҳи ошиқро ба косаи чинии мӯдор ва мақоми маҳбубро ба кишвари Чин монанд кардааст.

Навъи дигари тамсил истифодаи зарбулмасалу мақол дар шеър аст, ки дар адабиёти илмӣ бо номи «ирсолулмасал» ёд

мешавад. Дар ин навъи тамсил шоир барои таъсирбахш ва нишонрас шудани шеъраш аз маводи тайёр – зарбулмасалу мақол истифода мекунад. Ба туфайли шуҳрат ва маъруфияти зарбулмасалу мақол шеъри шоир ба дили хонанда зудтару хубтар роҳ меёбад. Ба се байти зер таваҷҷуҳ намоед:

*Сунбул асири зулфи туро доми ваҳшат аст,*
*«Афъигазида мерамад аз шакли ресмон».*

* * *

*Нафас дар қатъи роҳи умр узри ланг меорад,*
*«Насиҳат пешрав бошад ба вақти кор коҳилро».*

* * *

*Осмон бегонагонро қобили сахтӣ надид,*
*«Ҷуз ба дасти ошно нафрӯхт қассоб устухон».*

Ҷолиби диққат аст, ки ин се зарбулмасал дар шаклҳои «Моргазида аз ресмони ало метарсад», «Танбалро кор фармою насиҳат шунав» ва «Қассоб устухонро ба ошнояш медиҳад» ҳоло ҳам дар байни мардум роиҷ мебошанд.

Дар байни мардуми Афғонистон зарбулмасале маъмул аст, ки дар ин шакл садо медиҳад: «Фоидаи ин кор ба шохи буз аст». Яъне, ин кори бефоида ва ношуданист. Бедил ҳамин зарбулмасалро дар байти зер басо моҳирона ва дар мавқеъ истифода кардааст:

*Аз барги тароват нигаҳе об надодем,*
*Сарсабзии ин боғ ба шохи бузу меш аст.*

Ҳамчунин зарбулмасали «Ба курпаат нигоҳ карда пой дароз кун» қариб дар шакли варианти имрӯзааш истифода шудааст:

*Сарфаи ҳастӣ надорад соя аз тарки адаб,*
*Ҳар тараф хоҳӣ, бирав, лек аз гилемат по макаш.*

Бедил на танҳо барои тамсили фикр, барои тасдиқ ва тақвияти он аз зарбулмасалу мақол истифода мекунад, инчунин фикри асосиро низ ба воситаи зарбулмасалу мақол баён

менамояд. Дар байти зер андешаи беаҳаммият ва камарзиш будани зиндагӣ ва ба зудӣ фаромӯш шудани онро ба воситаи зарбулмасали «Аз ин гӯш даромаду аз он гӯш баромад» басо табиӣ ва боварбахш баён намудааст.

*Бедил, масали куҳнаи афсонаи ҳастӣ*
*З-ин гӯш дарун рафту аз он гӯш баромад.*

Мавридҳое низ ҳастанд, ки шоир ҳам фикри худро ва ҳам тамсили фикрро ба воситаи зарбулмасалу мақол баён мекунад. Ба таъбири дигар гӯем, дар гуфтани шеър санъати ирсолулмасалайнро ба кор мебарад. Чунончи, дар байти зер мисраи аввал, ки фикри шоир аст, дар шакли мақоли «Кори дунё тамомӣ надорад» баён гардидаасту мисраи дуввум, ки тамсили фикр аст, ба воситаи зарбулмасали «Санги вазнину бӯса» баён ёфтааст.

*Касе бори дунё набурдаст бар сар,*
*Зи таслим бӯсест санги гаронро.*

Ҳамин тарзи баёнро дар байти дигари шоир низ дидан мумкин аст. Байт ин аст:

*Бедил, ин нақд ба торочи ғами нася мадеҳ,*
*Кори имрӯз кун имрӯз, зи фардо фардо.*

Мисраи якуми байт мақолест, ки имрӯз ҳам дар шаклҳои «Нақдро ба нася набояд дод», «Нақдро мадеҳ, насяро бигир», «Нақде зи ҳазор нася беҳтар» дар байни мардум машҳур аст. Мисраи дувум мақолест, ки дар шакли «Кори имрӯзаро ба фардо магузор» то ҳол маълум мебошад.

Дар ғазалиёти Бедил байтҳое низ мавҷуданд, ки дар онҳо ин ё он зарбулмасалу мақол ба шакли комил оварда нашуда, ба мазмуни он танҳо ишорае рафтааст. Аз ҷумла, дар ин байти шоир ишорае шудааст ба мазмуни мақоли машҳури «Ба доно ишораву ба нодон калтак».

*Ҳазар, эй ҳасуди ҷунунҳасаб, ки ба ҳукми огаҳии адаб*
*Масале, ки Бедили мо занад ба ту, нест кам зи кутак задан.*

Байти зер мақоли «Агар дар хона кас аст, як ҳарф бас аст»-ро ба хотир меорад:

*Эй нола, хомуш, дар хона кас нест,*
*Як ҳарф гуфтам, афсона кӯтоҳ.*

Аз хондани мисраи аввали байти дигар зарбулмасали «Замин сахту осмон баланд» ба ёд меояд:

*Хок пасту домани гардун баланд,*
*Узри дасти кӯтаҳ овардем мо.*

Дар ғазалҳои Бедил ба мисраъҳое дучор омадан мумкин аст, ки ё зарбулмасаланду вариантҳои имрӯзаашон ба мо маълум нестанд, ё ин ки офаридаи худи шоиранду ба туфайли ҳаётӣ ва воқеӣ буданашон ба ҳукми зарбулмасалу мақол даромадаанд. Мисраъҳои дувуми абёти зайл мисоли ин фикр шуда метавонанд:

Интихоби ин маслах қитъаҳои ҳамворест,
Пушту сина то бошад, кас намехарад гардан.

* * *

Нест ба олами ҷунун гардиши ранги офият,
*Ҳеҷ кас аз бараҳнагӣ ҷома куҳан намекунад.*

* * *

*Ману савдои хубон, зоҳиду андешаи ризвон,*
*Дар ин ҳасратсаро ҳар кас саре дорад, саре дорад.*

* * *

*Ҳиммат ба фикри ҳастӣ худро гиреҳ насозад,*
*Ҳайф аст кисадӯзӣ бар нақди ройгоне.*

* * *

*Хиффати аҳли виқор аз бетамизиҳо маҳоҳ,*
*Қатраро натвон нишондан дар тарозуи гуҳар.*

* * *

*Барнадорад даст зангор аз камини оина,*
*Ҳар киро завқи тамошо беш, кулфат бештар.*

* * *

*Ҷуз аҷз, саъйи ноқис чизе намебарад пеш,*
*Афтодан аст чун ашк атфолро давидан.*

* * *

*Кам нест шахси моро дар кисвати заифӣ*
*Аз ришта доманиҳо ё остинӣ аз мӯ.*

* * *

*Даъвии козиб гувоҳ аз хеш пайдо мекунад,*
*Чун забон шуд ҳарзагӯ, дорад қасам дар остин.*

* * *

*Кулфатшикори ғайратам аз оҳи беасар,*
*Бар дил расад, чу тир хато гардад аз нишон.*

* * *

*Зи бедардӣ ҷаҳоне ғофил аст аз офият ин ҷо,*
*Чӣ донад устухоннашкаста қадри мӯмиёиро?*

* * *

*Бар умеди васл мушкил нест қатъи зиндагӣ,*
*Шавқи манзил мекунад наздик роҳи дурро.*

* * *

*Ҳеҷ кас туҳматнишони доғи бенафъӣ мабод,*
*Чатри шоҳӣ гар набошӣ, сояи девор бош.*

* * *

*Ҳирс қонеъ нест, Бедил, варна, з-асбоби маош*
*Он чи мо даркор дорем, аксараш даркор нест.*

* * *

*Ман намегӯям зиён кун ё ба фикри суд бош,*
*Эй зи фурсат бехабар, дар ҳар чӣ бошӣ, зуд бош.*

* * *

*Санг ҳам бе интиқоме нест дар мизони адл,*
*Бут шикастӣ, мустаидди оташи Намруд бош.*

* * *

*Пайдоии Ҳақ нанги далоил написандад,*
*Хуршед на ҷинсест, ки ҷӯӣ ба чароғаш.*

*   *   *

*Чун ашки чашми ҳайрон бишкан қадам ба домон,*
*То обрӯ нарезӣ, аз хона кам бурун о.*

*   *   *

*Ҳеҷ кас дар боргоҳи огаҳӣ мардуд нест,*
*Софии оина бо габру мусулмон ошност.*

*   *   *

*Дархури ҷоҳ аст иброми фузулиҳои табъ,*
*Симу зар чун беш шуд, мегардад афзун эҳтиёҷ.*

Истифодаи Бедил аз зарбулмасалу мақолҳо, аз як тараф, аз халқияти осори шоир хабар диҳад, аз тарафи дигар, дар тадқиқи сайри таърихии ин жанри фолклор судманд мебошад.

Санъати дигаре, ки дар ғазалиёти Бедил мақоми назаррас дорад, таносуби сухан ё худ муроотунназир аст. Дар ин санъат шоир ба мақсади таъсирбахшу нишонрас баён карданни фикр дар шеър калима ва иборотеро интихоб менамояд, ки онҳо аз ҷиҳате, ё аз ҷиҳати маънӣ, ё аз ҷиҳати шакл, ба ҳам наздиканд, бо ҳам мутаносибанд. Барои мисол байти зерро аз назар мегузаронем.

*Суфу атлас ба назар тори таҳайюр дорад,*
*Пинае чанд ки дар далқи гадо дӯхтаӣ.*

Дар ин байт калимаҳои «суф», «атлас», «тор», «пина» (дарбеҳ), «далқ» ва феъли «дӯхтан» бо ҳам мутаносиб буда, дар таъсир бахшидани фикри шоир мусоидат намудаанд.

Мисоли дигар:

*З-ин чаман, Бедил на сарве ҷасту на шамшод руст,*
*Аз хаёли қоматаш дуде ба сар дорад баҳор.*

Дар ин байт санъати таносуби сухан басо бамаврид истифода шудааст. Калимаҳои сарву шамшод, хаёлу қомат, дуд ва растану ҷастан бо ҳам мутаносиб омада, маънии байтро басо дилчасп ва гуворо намудаанд.

Дар байти зер, танҳо дар мисраи аввали он, калимаҳои «хаёл», «қомат», «оҳ» ва «асо» бо ҳам дар таносуб омада, мисраъро мавзун ва хушоҳанг намудаанд.

*Эй хаёли қоматат оҳи заифонро асо,*
*Бар рухат наззораҳоро лағзиш аз ҷӯши сафо.*

Дар байти зер калимаҳои Канъон, Юсуф, чоҳ ва таркиби «фурӯ рафтан» бо ҳам мутаносиб омада, таъсири суханро дучандон зиёд кардаанд:

*Ба Канъони ҳавас гарде надорад Юсуфи матлаб,*
*Магар дар худ фурӯ рафтан кунад эҷоди чоҳ он ҷо.*

Санъати тамсил агар барои фаҳмидани маънои шеър мадад расонад, таносуби сухан дар кори беғалат хондану тасҳеҳ намудани матн мусоадат мекунад. Барои мисол байтеро аз назар мегузаронем:

*Дар тариқи нафъи худ кас нест муҳтоҷи далел,*
*Бе асо роҳи даҳан маълум бошад кӯрро.*

Дар баъзе нусхаҳои хаттӣ ба ҷои калимаи «тариқ» калимаи «талош» сабт ёфтааст: «Дар талоши нафъи худ». Кадоме аз ин калимаҳо дуруст аст? Албатта, калимаи «тариқ». Зеро аз калимаҳои дигари байт калимае нест, ки бо калимаи «талош» мутаносиб бошад. Аммо калимаҳои мутаносиб бо калимаи «тариқ» зиёданд. Инҳо иборатанд аз калимаҳои «далел», «асо», «роҳ» ва «кӯр».

Мисоли дигар. Дар нашри кобулии ғазалиёти Бедил байте аз як ғазал дар ин шакл омадааст:

*Эй бехабар, бикӯш, ки марди Худо шавӣ,*
*Бингар, чӣ мешавӣ, агар аз худ ҷудо шавӣ.*

Тавре ки мебинем, байни мисраъҳои ин варианти байт иртибот ва таносуби маъноӣ дида намешавад. Дар мисраи

аввал тарғиб шудааст, ки кӯшиш намо, ки марди Худо шавӣ, Мисраи дувум масъалаи тамоман дигарро баён намудааст. Яъне, нигоҳ кун, ки пас аз мурдан чӣ мешавӣ.

Акнун варианти нусхаи Ромпурро мебинем:

*Эй бехабар, магӯ, ки чу мурдӣ, Худо шавӣ?!*
*Дигар чӣ мешавӣ, агар аз худ ҷудо шавӣ.*

Дар байни мисраъҳои ин вариант иртибот ва таносуби маъноӣ вуҷуд дорад. Дар мисраи аввал гуфта мешавад, ки магӯ, ки пас аз мурдан ба Худо пайваст мешавӣ, яъне, рӯҳи ту ба рӯҳи мутлақ ҳамроҳ мешавад. Мисраи дувум ин маъниро идома дода, онро инкор мекунад ва мегӯяд: дониста бош, ки пас аз марг чизе намешавӣ, ҳар чӣ шавӣ, дар зиндагият мешавӣ. Пас, варианти саҳеҳи байт он аст, ки дар нусхаи Ромпур дарҷ гардидааст.

Ғазалҳои ин маҷмӯа аз рӯи нашри кобулии девони Бедил интихоб ва таҳия шудаанд. Дар тасҳеҳи матн нусхаи хаттии ғазалиёти шоир, ки дар китобхонаи Ризо-Ромпури Ҳиндустон зери №3656 маҳфуз аст, низ истифода шудааст. Факсимили нусхаи мазкур ба кӯшиши шоир ва донишманди эронӣ Алиризои Қазва дар соли 2010 дар Теҳрон ба табъ расидааст.

*Бобобек РАҲИМӢ*

* * *

Ба авҷи кибриё, к-аз паҳлуйи аҷз аст роҳ он ҷо,
Сари мӯе гар ин ҷо хам шавӣ, бишкан кулоҳ он ҷо.
Адабгоҳи муҳаббат нози шӯхӣ барнамедорад,
Чу шабнам сар ба муҳри ашк меболад нигоҳ он ҷо.
Ба ёди маҳфили нозаш саҳархез аст аҷзоям,
Табассум то куҷоҳо чида бошад дастгоҳ он ҷо?
Муқими дашти улфат бошу хоби ноз сомон кун,
Ба ҳам меоварад чашми ту мижгони гиёҳ он ҷо.
Хаёли ҷилвазори нестӣ ҳам оламе дорад,
Зи ҷайби мо саре бояд кашидан гоҳ-гоҳ он ҷо.
Хушо базми вафо, к-аз хиҷлати изҳори навмедӣ
Шарар дар санг дорад парфишониҳои оҳ он ҷо.
Ба саъйи ғайр мушкил буд з-ошӯби дуӣ растан,
Саре дар ҷайби худ дуздидаму бурдам паноҳ он ҷо.
Дил аз камзарфии тоқат набаст эҳроми овозе,
Ба санг ояд магар ин ҷому гардад узрхоҳ он ҷо.
Ба Канъони ҳавас гарде надорад Юсуфи матлаб,
Магар дар худ фурӯ рафтан кунад эҷоди чоҳ он ҷо.
Зи бас файзи саҳар меҷӯшад аз гарди саводи дил,
Ҳама гар шаб шавӣ, рӯзат намегардад сиёҳ он ҷо.
Зи тарзи машраби ушшоқ сайри бериёӣ кун,
Шикасти ранги кас обе надорад зери коҳ он ҷо.
Замингирам, ба афсуни дили бемуддао, Бедил,
Дар он водӣ, ки манзил низ меафтад ба роҳ он ҷо.

* * *

Оинаи чандин табу тоб аст дили мо,
Чун доғи ҷунун шуъланиқоб аст дили мо.
Умрест, ки чун оина дар базми хаёлат
Ҳасратнигаҳи як мижа хоб аст дили мо.

Моему ҳамин мавҷи фиреби нафасе чанд,
Сарчашма магӯед, сароб аст дили мо.
Паймонаи мо пур шавад, он дам ки биболем,
Дар базми ту ҳамзарфи ҳубоб аст дили мо.
Оташ зану наззораи бебокии мо кун,
Ҷуз сӯхтан охир ба чӣ боб аст дили мо?!
Лаъли ту ба ҳарф омаду додем дил аст даст,
Яъне, ба суоли ту ҷавоб аст дили мо.
Мо ҷуръакаши соғари саршори гудозем,
Шабнамсифат аз олами об аст дили мо.
То чист саранҷоми шумори нафас охир?
Умрест, ки дар пойи ҳисоб аст дили мо.
Ҳасратсамари кӯшиши беҳосили хешем,
Азбаски нафас сӯхт, кабоб аст дили мо.
Дарё ба ҳубобе чӣ қадар ҷилва фурӯшад?
Оинаи васлему ҳиҷоб аст дили мо.
Сад санг шуд оинаву сад қатра гуҳар баст,
Афсӯс, ҳамон хонахароб аст дили мо.
То ҷунбиши тори нафас афсонатироз аст,
Бедил, ба каманди раги хоб аст дили мо.

* * *

Аз ном агар нагзарӣ, аз нанг бурун о,
Эй накҳати гул, андаке аз ранг бурун о.
Олам ҳама аз боли парӣ оина дорад,
Гӯ, шиша намудор шаву санг бурун о.
З-ин арсаи аздод макаш нанги фусурдан,
Гирам, ҳама тан сулҳ шудӣ, ҷанг бурун о.
То шуҳрати вомондагият ҳарза набошад,
Як обилавор аз қадами ланг бурун о.

Оби рухи гулзори вафо вақфи гудозест,
Хуне ба ҷигар ҷамъ куну ранг бурун о.
То шиша наӣ, санг нишастаст ба роҳат,
Аз хеш тиҳӣ шав, зи дили танг бурун о.
Як лағзиши по ҷодаи тавфиқ талаб кун,
Аз захмати чандин раҳу фарсанг бурун о.
Ваҳшаткадаи мовуманат гарди хиромест,
З-ин парда чӣ гӯям ба чӣ оҳанг бурун о?
Афсурдагие нест ба авҳоми тааллуқ,
Ҳарчанд шарар нестӣ, аз санг бурун о.
Дар нолаи хомушнафасон маслаҳате ҳаст,
Эй софии матлаб, нафасе занг бурун о.
Зиндонии андӯҳи таалluқ натавон зист,
Бедил, дилат аз ҳар чӣ шавад танг, бурун о.

* * *

Асар дур аст аз ин ёрон ҳуқуқи ошноиро,
Сару гардан магар зоҳир кунад дарди ҷудоиро.
Зи бедардӣ ҷаҳоне ғофил аст аз офият ин ҷо,
Чӣ донад устухоннашкаста қадри мӯмиёиро?
Кашокашҳо нафасро аз таалluқ барнамедорад,
Зи ҳастӣ бигсалам, к-ин ришта дарёбад расоиро.
Зи фикри мовуман ҷастан талоше тунд мехоҳад,
Макун таклифи табъ ин мисраи зӯрозмоиро.
Навое нест ғайр аз қулқули мино дар ин маҳфил,
Нафас яксар раҳини шишасозон гашт ноиро.
Кӣ медонад таалluқ дар чӣ ғирбол уфтод обаш?
Видоъи дом ҳам дар гиря меорад раҳоиро.
Ба ҳар маҳфил ки бошӣ, бетаҳошӣ чашму лаб макшо,
Ки тамкин тахта мехоҳад дукони беҳаёиро.

Надорад зиндагӣ нанге чу ташҳири[1] худоройӣ,
Бипӯш аз чашми мардум лаккаи рангинқабоиро.
Тамаъ дар арзи ҳоҷат зиллате дигар намехоҳад,
Кушоди чашм кард аз коса мустағнӣ гадоиро.
Ба ҳар ҷо парфишон бошад нафас, сайди ҷунун дорад,
Нишони пуч бисёр аст ин тири ҳавоиро.
Тариқи амн сар кун, вазъи бекорӣ ғанимат дон,
Ки хор аз дур мебӯсад кафи пойи ҳиноиро.
Суҷуде мебарам, чун соя, дар ҳар дашту дар, Бедил,
Ҷабин бардошт аз дӯшам ғами бедаступоиро.

* * *

Эй мурдаи такаллуф, аз кайфу кам бурун о,
Гоҳе ба рағми дониш, девона ҳам бурун о.
То аз гулат ҷуз исор ранге дигар нахандад,
Сар то қадам, чу хуршед, дасти карам бурун о.
Танзеҳ[2] бениёз аст аз инқилоби ташбеҳ[3],
Гӯ, барҳаман, ду рӯзе маҳви санам бурун о.
Сад шамъ з-ин шабистон дар худ зад оташу рафт,
Эй хори пойи ҳиммат, з-ин сон ту ҳам бурун о.
Дар арсаи таайюн[4] бе ростӣ зафар нест,
Ҳар ҷо ба ҷилва ойӣ, бо ин алам бурун о.
Шамъи бисоти ғайрат мапсанд доғи хиффат,
Сарбозӣ он қадар нест собитқадам, бурун о.
Чун ашки чашми ҳайрон бишкан қадам ба домон,
То обрӯ нарезӣ, аз хона кам бурун о.
Шарми ғурури аъмол обе назад ба рӯят,
Эй инфиоли Кавсар, як ҷабҳа нам бурун о.
Бори хаёли асбоб бар гардани ҳаё банд,
То дӯш хам набинӣ, мижгон ба ҳам бурун о.

Ашғоли шахси фитрат бе нафйи ваҳм саҳл аст,
Чун хома чизе аз худ бо ҳар рақам бурун о.
Бедил, зи қайди ҳастӣ саҳл аст нози ҷастан,
Гар марди ихтиёрӣ, рав, аз адам бурун о.

* * *

Эй рустаи гулзорат з-он наргиси ҷодуҳо
Соди қалами тақдир бо мисраи абрӯҳо.
Натвон ба дили ушшоқ афсуни раҳоӣ хонд,
З-ин силсила озоданд занҷирии гесӯҳо.
Найранги талаб моро ин дарбадарӣ омӯхт,
Қумрӣ ба бари сарв аст оворaи кукуҳо.
Бар ғунча ситамҳо рафт, то гул чаманоро шуд,
Аз гарди шикасти дил рангест бар ин рӯҳо.
Сайди ду ҷаҳон аз адл дар панҷаи иқбол аст,
Парвоз намехоҳад шоҳини[5] тарозуҳо.
Гар лафз нагардад фош, маънӣ нашавад урён,
Бепардагии ранг аст ошуфтагии бӯҳо.
Хиссат зи карамкешон зулм аст ба дарвешон,
Бар сабза дами теғ аст лабхушкии ин ҷӯҳо.
Мо саҷдасириштонро ҷуз аҷз панохе нест,
Уммеди расо дорем чун сар ба таҳи мӯҳо.
Ҳар кас зи назарҳо ҷаст, аз хок бурун ншаст,
Вомондаи ин саҳрост гарди рами оҳуҳо.
Ин олами андӯҳ аст, ёрон, тараб ин ҷо нест,
Ҷамъият агар хоҳед, пешонию зонуҳо.
Қонеъсифатон, Бедил, бар моидаи қисмат
Чун мавҷи гуҳар боланд аз хӯрдани паҳлӯҳо.

* * *

Эй баҳористони иқбол, эй чамансимо, биё,
Фасли сайри дил гузашт, акнун ба чашми мо биё.
Мекашад хамёзаи субҳ интизори офтоб,
Дар хумарободи махмурон қадаҳпаймо биё.
Баҳр ҳар сӯ рӯ ниҳад, амвоҷ гарди роҳи ӯст,
Ҳар ду олам дар рикобат медавад, танҳо биё.
Хилвати андеша ҳайратхонаи дидори туст,
Эй калиди дил, дари уммеди мо бикшо, биё.
Арзи тахсис[6] аз фузулиҳои одоби вафост,
Чун нигаҳ дар дида ё чун рӯҳ дар аъзо биё.
Беш аз ин натвон ҳарифи доғи ҳирмон зистан,
Ё маро аз худ бибар, он ҷо ки ҳастӣ, ё биё.
Фурсати ҳастӣ надорад дастгоҳи интизор,
Муфти имрӯзем, пас, эй ваъдаи фардо, биё.
Рангу бӯ ҷамъ аст, дар ҳар ҷо чаман дорад баҳор,
Мо ҳама пеши туем, эй ҷумла мо, бо мо биё.
Васли муштоқон зи асбоби дигар мустағнӣ аст,
Эҳтиёҷ ин аст, к-эй сомони истиғно, биё.
Ку мақоме, к-аз шукӯҳи маъният лабрез нест?
Ғафлат аст инҳо, ки Бедил гӯядат: ин ҷо биё.

* * *

Эй хаёли қоматат оҳи заифонро асо,
Бар рухат наззораҳоро лағзиш аз ҷӯши сафо.
Нашъаи сад хум шароб аз чашми мастат ғамзае,
Хунбаҳои сад чаман аз ҷилваҳоят як адо.
Ҳамчу оина ҳазорат чашми ҳайрон рӯ ба рӯ,
Ҳамчу кокул як ҷаҳон ҷамъи парешон дар қафо.
Теғи мижгонат ба оби ноз доман мекашад,
Чашми махмурат ба хуни ток мебандад ҳино.

Абруйи мушкинат аз бори тағофул гашта хам,
Монда зулфи саркашат з-андешаи дилҳо дуто.
Ранги холат сурма дар чашми тамошо мекашад,
Гарди хаттат медиҳад оинаи дилро ҷило.
Баста бар боли асират номаи парвози ноз,
Хуфта дар хуни шаҳидат ҷӯши гулзори бақо.
Аз сафои оразат ҷон мечакад гоҳи арақ,
В-аз шикасти турраат дил медамад ҷойи садо.
Лаъли хомӯшат гар аз мавҷи табассум дам занад,
Ғунча созад дар чаман пироҳан аз хиҷлат қабо.
Аз нигоҳат нашъаҳо болида ҳар мижгон задан,
Дар хиромат фитнаҳо ҷӯшида бо ҳар нақши по.
Ҳар куҷо завқи тамошоят барандозад ниқоб,
Кист гардад як мижа бар ҳам задан саброзмо?
Гар ҷамолат ом созад рухсати наззораро,
Мардумак аз дидаҳо пеш аз нигаҳ гирад ҳаво.
Охир аз худ рафтанам роҳе ба фаҳми ноз бурд,
Сӯхтам чандон, ки бо хӯйи ту гаштам ошно.
Умрҳо шуд дар ҳавоят боли аҷзе мезанад,
То куҷо парвоз гирад Бедил аз дасти дуо?

* * *

Бо саҳар рабте надорад шоми мо,
Фориғ аст аз соф дурди ҷоми мо.
Дил ба тавфи хоки кӯе бастаем,
Тукма дорад ҷомаи эҳроми мо.
Гиря имшаб ҳасрати рӯйи кӣ дошт?
Равғани гул рехт аз бодоми мо.
Аз амал дилро мусаххар кардаем,
Пухта меҷӯшад хаёли хоми мо.

Дар ҳақи инсофи абнои замон
Доди таҳсин медиҳад дашноми мо.
Бар ҳарифон аз хамӯшӣ ғолибем,
Гар набошад баҳси мо илзоми мо.
З-ин чаман тасвири субҳе гул накард
Бенафастар аз ҳавои боми мо.
Дархури ризқи муқаддар зиндаем,
Решаи ин дона дорад доми мо.
Фақр моро шуҳраи офоқ кард,
Кӯс зад дар бенигинӣ номи мо.
Барнамеояд зи ташвиши кусуф
Офтоби кишвари айёми мо.
Нури маънӣ аз тасаннуъ бохтем,
Хона торик аст аз гулҷоми[7] мо.
Ғайри рам дар корвони барқ нест,
Як хат аст оғоз то анҷоми мо.
Нома бар боли таҳайюр бастаем,
Бар кӣ хонад бекасӣ пайғоми мо?
То фалак боз аст дарҳои қабул,
Оҳ аз бесабрии иброми мо!
Ҳар тараф чун ашк, Бедил, медавем,
То куҷо белағзиш афтад гоми мо?

* * *

Бо ҳама афсурдагӣ муфти тамошоем мо,
Мавҷҳо дорад парӣ, чандон ки миноем мо.
Рангҳо гул кардаем, аммо дар оғӯши адам,
Байзаи товус зери боли анқоем мо.
Манзили мо маҳмили мо, саъйи мо афтодагист,
Ҳамчу ашк аз корвони лағзиши поем мо.

Бехудӣ умрест аз дил мекашад рахти нафас,
То буруни худ ҷаҳоне дигар ороем мо.
Нардбони чоки дил то қасри гардун бурдан аст,
Чун саҳар аз хеш осон барнамеоем мо.
Гӯшаи ороми дигар аз куҷо ёбад касе,
Чун нафас, дар хонаи дил ҳам намепоем мо.
Имтиёзи васлу ҳиҷрон дурбоши кас мабод,
Оҳ аз ин ғафлат, ки бо ӯ низ танҳоем мо.
Сарфаи кӯшиш надорад ёди умри рафта ҳам,
Фурсат аз каф меравад, то даст месоем мо.
То ба ҳиммат бигзарем, аз ҳар чӣ меояд ба пеш,
Ҳамчу фурсат якқалам дисози фардоем мо.
Бе ҳузуре нест истиқболи азхудрафтагон,
Саҷда гардӣ, гар бидонӣ бо кӣ меоем мо.
Шӯхии осори маънӣ бе иборат мушкил аст,
Фоштар гӯем, ӯ ҳам ӯст, то моем мо.
Бемуҳобо кист, Бедил, аз сари мо бигзарад?
Чун шикасти обила як қатра дарёем мо.

*   *   *

Ба аҷзе, ки дорӣ, қавӣ кун миёнро,
Ба ҳикмат нагардондаанд осмонро.
Равон бош ҳамдӯши беихтиёрӣ,
Балад гир рафтори реги равонро.
Нафас, гар ҳама мавҷи гавҳар барояд,
Зи дасти гусастан нагирад инонро.
Дар ин анҷуман нокасӣ қадр дорад,
Зи касби адаб садр кун остонро.
Ба арзи ҳунар лаб кушудан нашояд,
Зи чидан маёшӯб ҷинси дуконро.

Чӣ дом аст дунё? Чӣ ном аст уқбо?
Ту меъморӣ ин хонаҳои гумонро
Касе бори дунё набурдаст бар сар,
Зи таслим бӯсест санги гаронро.
Ба ваҳми таайюн[8] рамид аз ту роҳат,
Зи парвоз пар додаӣ ошёнро.
Ба меърочи давлат макаш ранчи ботил,
Качиҳост дар ҳар қадам нардбонро.
Тунукмояи фақр дорад саодат,
Ҳумо гир бемағзии устухонро.
Зи лафз ошно шав ба мазмуни нозук,
Камар ҳалқа кардаст мӯйи миёнро.
Ҳисобест дар иттифоқи ду ҳамдам,
Ададҳост воҳид забону даҳонро[9].
Зи худдории мост маҳрумии мо,
Бурун ронда хушкӣ зи дарё каронро.
Тамизе нашуд маҳви ин наргисистон,
Надидан кушудаст чашми чаҳонро.
Сару кори дунё аён аст, Бедил,
Мукаррар макун мунфаил имтиҳонро.

* * *

Бар санг зад замона зи бас сози ошно,
Дар сурма гард мекунад овози ошно.
Имрӯз нест қобили тафриқу имтиёз
Анчоми кори душману оғози ошно.
Гар сайқале ба кор барад саъйи иттифоқ,
Дил мехарошад оинапардози ошно.
То кай дар ин бисот зи афсуни илтифот
Бар рӯйи шамъ бӯса занад гози ошно?

Доди кушоди кор тазаллум[10] куҷо барад?
Зад ҳалқа бастагӣ ба дари бози ошно.
Гар муддаои дил ду нафас орамидан аст,
Дому қафас хуш аст зи парвози ошно.
Бишнав навои неку бад аз дуру дам мазан,
Най нола доштаст зи дамсози ошно.
Чанги қазост даҳр, амонгоҳи халқ нест,
Гунҷишкро чӣ суд зи шаҳбози ошно?
Миннаткаши такаллуфи ахлоқ кас мабод,
Бегонаам зи хеш, ҳам аз нози ошно.
Аз ҳар чӣ дам занӣ, ба хамӯшӣ ҳавола кун,
Ин анҷуман пур аст зи ғаммози ошно.
Мактуби ишқ қобили иншо касе наёфт,
Бурдем сар ба муҳри адам рози ошно.
Бедил, ба ҳарфу савти ҳам овора гашт халқ,
Оҳ аз фусуни ғӯл ба овози ошно!

* * *

Баҳр мепечад ба мавҷ аз ашки ғампарварди мо,
Чарх мегардад дуто дар фикри бори дарди мо.
Гар ба майдони риёзат каҳрабо даъвӣ кунад,
Коҳ гирад дар даҳан[11] аз шарми ранги зарди мо.
Дур набвад, гар камони сайди дилҳо зеҳ кунад,
Ҳамадои абруйи нозест байти фарди мо.
Медиҳад бӯйи гиребони саҳар мавҷи насим,
Метавон донист ҳоли дил зи оҳи сарди мо.
Ҳамчу най, дар ҳар нафас дорем нақди нолае,
Эй ҳавас, ғофил мабош аз ганҷи бодоварди мо.
Мо – сабукрӯҳон зи қайди шашдари[12] тан форiғем,
Муҳраи озоди дил дорад бисоти нарди мо.

Гар диҳад сад бор гардун хоки оламро ба бод,
Нашканад ошуфтагӣ ранге ба рӯйи гарди мо.
Дӯш бо теғи табассум рафтӣ аз базму ҳанӯз
Шӯр берун медиҳад захми намакпарварди мо.
Дар саводи ҳайрат аз ёди ҷамолат бехудем,
Рӯзу шаб хоби саҳар дорад дили шабгарди мо.
Нест, Бедил, ҷуз навои қулқули минои май
Ҳеҷ кас дар маҳфили хуниндилон ҳамдарди мо.

* * *

Ба меҳри модари гетӣ макаш ранҷи умед ин ҷо,
Ки хунҳо мехурад, то шир мегардад сафед ин ҷо.
Муқими норасоӣ бош пеш аз хок гардидан,
Ки саъйи ҳар ду олам чун арақ хоҳад чакид ин ҷо.
Муҳит аз ҷунбиши ҳар қатра сад тӯфон ҷунун дорад,
Шикасти ранги имкон буд, агар як дил тапид ин ҷо.
Гудози нестӣ аз интизорам барнамеорад,
Зи хокистар шудан гул мекунад чашми сафед ин ҷо.
Зи сози улфатоҳанги адам дар пардаи гӯшам
Навое мерасад, к-аз бехудӣ натвон шунид ин ҷо.
Дар ин меҳнатсаро оинаи ашки ятимонам,
Ки дар бедаступоӣ ҳам маро бояд давид ин ҷо.
Кабоби хомсӯзи оташи ҳасрат диле дорам,
Ки ҳар ҷо бенавое сӯхт, дудаш сар кашид ин ҷо.
Ниёзи саркашони ҳусн ошӯбе дигар дорад,
Камингоҳи тағофул шуд, агар абрӯ хамид ин ҷо.
Тапишҳои нафас аз пардаи таҳқиқ мегӯяд,
Ки то аз худ асар дорӣ, нахоҳӣ орамид ин ҷо.
Баланд аст онқадарҳо ошёни аҷзи мо, Бедил,
Ки бе саъйи шикасти болу пар натвон расид ин ҷо.

* * *

Бар тоқ нeҳ табахтури[13] ҷоҳу ҷалолро,
Чинӣ салом кард ба як мӯ сафолро.
Олам зи дастгоҳи бақо туъмаи фаност,
Чун шамъ реша мехурад ин ҷо ниҳолро.
Пур гаштану тиҳӣ шудан аз хеш оламест,
Оина кун уруҷу нузули ҳилолро.
Бар шишаҳои соат агар ворасидаӣ,
Дарёб гарди қофилаи моҳу солро.
Маҳкуми ҳирсу поси маротиб – чӣ мумкин аст?
Бо шарм кор нест забони суолро.
Тасвири ҳусну қубҳи ҷаҳон то кашидаанд,
Бар ранг дидаанд муқаддам зуголро.
Ёрон, дар ин чаман ба такаллуф тараб кунед,
Ин ҷо ҳизоб ҳам шаби идест золро.
Товуси мо агар на парафшони нози ӯст,
Ранги паридаи кӣ чаман кард болро?
Дар дарсгоҳи сунъ зи таътили мо мапурс,
Бо шуғли хома нисбати хушкест нолро.
Маҳ шуд ҳазор бор ҳилолу ҳилол бадр,
Дидем вазъи олами нақсу камолро.
Хоро ҳарифи саъйи заифон намешавад,
Сад кӯча аст дар буни дандон хилолро.
Шояд хате ба нам расад аз лавҳи сарнавишт,
Ҷаҳдест бо ҷабин араќи инфиолро.
Бедил, ба сурма нисбати ҳар кас дуруст нест,
Мижгон шумурдан аст забонҳои лолро.

* * *

Ба даъват ҳам касеро кас намегӯяд: биё ин ҷо,
Салои[14] нон шикастан гашт бонги осиё ин ҷо.
Агар бо ин нигуниҳост хони ҷуд сарпӯшаш,
Зи вазъи тоҷ бар кашкӯл мегиряд гадо ин ҷо.
Фалак дар хок пинҳон кард яксар сурати одам,
Мусаввир гардае мехоҳад аз мардумгиё ин ҷо.
Иёри рабти улфат дигар аз ёрон кӣ мегирад?
Сару гардан чу ҷому шиша аст аз ҳам ҷудо ин ҷо.
Ҷаҳон номунфаил гул кард, асар ҳам мавқеъе дорад,
Арақворе ба рӯйи кас намешошад ҳаё ин ҷо.
Зи бемағзӣ шукӯҳи салтанат шуд нанги канносӣ,
Ба ҷойи устухон гуҳ хурда мегардад ҳумо ин ҷо.
Кӣ меорад паёми дӯстони рафта з-ин маҳфил?
Магар аз нақши пое бишнавем овози по ин ҷо.
Ғубори субҳ дидӣ, шарм дор аз сайри ин гулшан,
Зи ибрат хок бар сар карда меояд ҳаво ин ҷо.
Агар дар табъи ғайрат нанги изҳори ғараз бошад,
Кафи по мекунад саркӯбии дасти дуо ин ҷо.
Тараб умрест бо сози кудурат барнамеояд,
Сиёҳӣ пештоз афтод аз ранги ҳино ин ҷо.
Равам, дар кунҷи танҳоӣ замоне вокашам, Бедил,
Ки аз дилҳои пур дар базми суҳбат нест ҷо ин ҷо.

* * *

Ба шабнаме субҳи ин гулистон нишонд ҷӯши ғубори худро,
Арақ чу селоб аз ҷабин рафту мо накардем кори худро.
Зи поси номуси нотавонӣ чу соям ногузири тоқат,
Ки ҳар чӣ з-ин корвон гарон шуд, ба дӯшам афканд бори худро.
Агар дилат занги кин зудояд, хилофи хулқат ба пеш н-ояд,
Сафои оина шарм дорад, ки хурда гирад дучори худро.

Ба умри мавҳум фикри фурсат фузуд сад бешу кам зи ғафлат,
Ту гар иёри амал нагирӣ, нафас чӣ донад шумори худро?
Қадам ба сад дашту дар кушодӣ, зи нола дар гӯшҳо фитодӣ,
Инон ба забти нафас надодӣ табиати найсавори худро.
Зи шарми ҳастӣ қадаҳ нигун кун, димоғи мастӣ ба ваҳм хун кун,
Ту, эй ҳубоб, аз тараб чӣ дорӣ? Пур аз адам кун канори худро.
Баландии сар ба ҷайби пастӣ шуд эътибори ҷаҳони ҳастӣ,
Чароғи ин базм то саҳаргоҳ зинда дорад мазори худро.
Ту шахси озоди парфишонӣ, қиёмат аст ин, ки ғунча монӣ,
Фусурд худдорият ба ранге, ки санг кардӣ шарори худро.
Ба хеш агар чашм мекушудӣ, чу мавҷи дарё, гиреҳ набудӣ,
Чӣ сеҳр кард орзуи гавҳар, ки ғунча кардӣ баҳори худро?
Видоъи ороиши нигин кун, зи шарм домони ҳирс чин кун,
Мазан ба санг аз ҷунуни шуҳрат чу номи анқо виқори худро.
Бадар зан аз муддао чу Бедил, зи улфати ваҳми пуч бигсил,
Ба остони умеди ботил хиҷил макун интизори худро.

* * *

Буд бемағз сари тундхурӯши мино,
Имшаб аз бода ба ҷо омада ҳуши мино.
Вақти он шуд, ки ба дарюза[15] шавад сархуши ноз
Косаи доғи ман аз пунбаи гӯши мино.
Зиндагӣ гардани моро ба хами аҷз кашид,
Бода зуннори вафо баст ба дӯши мино.
То нафас ҳаст, ба дил замзамаи шавқ расост,
Кам насозад асари бода хурӯши мино.
Эй қадаҳ, гӯш шаву муждаи мастӣ дарёб,
Гарми лутфест кунун лаъли хамӯши мино.
Мекашад ҷилваи лаъли ту ба кайфияти май
Оби ҳасрат зи лаби хандафурӯши мино.

Чашму дил зеби гирифтории савдои ҳаманд,
Хатти ҷом аст ҳамон ҳалқаи гӯши мино.
Ҳама ҷо ҷилвафурӯш аст дил, аз дида мапурс,
Ҷоми ин базм нуҳуфтанд ба ҷӯши мино.
Қулқуле роҳзани гӯш шуду ҳуш намонд,
В-арна сад ранг наво дошт хурӯши мино.
Дили ушшоқ зи офат натавон бозхарид,
Парфишон аст шикаст аз бару дӯши мино.
Бедил, андар қадаҳи бода назар кун ба ҳубоб,
То чӣ дорад нафаси обилапӯши мино.

* * *

Бувад сармашқи дарси хомушӣ борикбиниҳо,
Зи мӯ ангушти ҳайронӣ ба лаб доранд чиниҳо.
Маро аз заъфи парвоз аст қайди ошён, варна,
Нафас гирам чу бӯйи ғунча аз хилватгузиниҳо.
Ниёзи ман уруҷи нашъаи нозе дигар дорад,
Сипеҳровозаам бар остонат аз заминиҳо.
Дили раморзу мушкил шавад маҳбуси навмедӣ,
Ки санг ин ҷо шарар мегардад аз ваҳшаткаминиҳо.
Нафас дуздиданам шуд боиси ҷамъияти хотир,
Ба дом афтод сайди матлабам аз домчиниҳо.
Ғубори фақр занги саркаширо мешавад сайқал,
Сиёҳӣ мебарад аз шуъла хокистарнишиниҳо.
Ба шӯхӣ омад аз бедастгоҳӣ эҳтиёҷи ман,
Дарозӣ кард даст охир зи кӯтаҳостиниҳо.
Хурӯши аҳли ҷоҳ аз хиффати идрок мебошад,
Тунуказарфист яксар иллати фарёди чиниҳо.
Тариқи дилрабоӣ як ҷаҳон найранг мехоҳад,
Ба ҳусни маҳз натвон пеш бурдан нозаниниҳо.

Магар аз фикри уқбо бозгардам, то ба хеш оям,
Ки аз худ сахт дур афтодаам аз пешбиниҳо.
Дуто гаштем дар андешаи як саҷда пешонӣ,
Ба роҳи дӯст хотам кард моро бенигиниҳо.
Дами теғ аст, Бедил, роҳи борики сухансанҷӣ,
Забони хома ҳам шақ дорад аз ҳарфофариниҳо.

* * *

Биё, хуршеди маъниро бибин аз равзани мино,
Ки ёди субҳи содиқ медиҳад хандидани мино.
Зи зуҳди хушки зоҳид нест боке сайри мастонро,
Ки эмин аз хазон бошад баҳори гулшани мино.
Зи номи май забонам масту бехуд дар даҳон афтад,
Нигоҳам ранги май пайдо кунад аз дидани мино.
Масеҳи вақт агар кас бодаро хонад, аҷаб набвад,
Ки ҳар дам бода ҷони тоза бахшад дар тани мино.
Саломат яққалам дар маркази санг аст, агар донӣ,
Шикасти яъс мепечад ба худ болидани мино.
Видоъи маънийят аз лаб кушуданҳост, эй ғофил,
Парӣ гардад парешон охир аз хандидани мино.
Сиришти мову мино, гӯӣ, аз як хок шуд, Бедил
Ки моро дил ба тан механдад аз хандидани мино.

* * *

Биё, ки ҷоми мурувват диҳем ҳавсаларо,
Ба сояи кафи по парварем обиларо.
Ба водие, ки таъаллуқ далели кӯшишҳост,
Зи бори дил ба замин хуфта гир қофиларо.
Зи соҳиби амал озодагӣ чӣ имкон аст?
Дар ин бисот гаронхезиест ҳомиларо.

Зи инқилоби ҳаводис бузурге эмин нест,
Ба табъи кӯҳ асар афзунтар аст зилзиларо.
Муҳаббат аз ману ту ранги имтиёз гудохт,
Тарию об сазовор нест фосиларо.
Ба каҷадоии ҳусни тағофулат нозам,
Ки ёди ӯ кулаҳи ноз мекунад гиларо.
Чу субҳ, як-ду нафас муғтанам шумар, Бедил,
Макун далели қиёмат чу зоҳидон чиларо.

* * *

Поси кори худ набошад соҳиби тадбирро,
Даст бар қайди садо мушкил бувад занҷирро.
Нафъ з-ин бозор натвон бурд бе ҷинси фиреб,
Эй ки судандешаӣ, сармоя кун тазвирро.
Нест осон роҳ бар қасри иҷобат[16] ёфтан,
Эҳтиёте кун каманди нолаи шабгирро.
Содадил аз кибри дониш туршрӯӣ мекашад,
Ҷавҳар ин ҷо чини абрӯ мешавад шамшерро.
Бенавоӣ бин, ки дар ҳамрозии дарси ҷунун
Сурма шуд бахти сиёҳам ҳалқаи занҷирро.
Дар биёбони таҳайюр нам зи чашми мо махоҳ,
Бениёз аз ашк медон дидаи тасвирро.
Вазъи мардум ғафлати моро қависармоя кард,
Хоби мо афсона фаҳмид он ҳама таъбирро.
Дар муҳаббат доғдори кӯшиши беҳосилам,
Барқи оҳи ман намесӯзад магар таъсирро.
Нақши ҳастӣ сархати лавҳи хаёле беш нест,
Ҳам ба чашми баста бояд хонд ин таҳрирро.
Нағмаи қонуни ваҳдат бар ту нозишҳо кунад,
Гар ба ранги тори соз аз бам надонӣ зерро.

Он қадар яъсам шикаст охир, ки чун бунёди ранг
Қатъ кард обу гили ман улфати таъмирро.
Ростбозонро зи ҳукми каҷсириштон чора нест,
Бо камон, Бедил, итоат лозим омад тирро.

* * *

Пеши он чашми сухангӯ мавҷи май дар ҷомҳо
Чун забони хомушон печида сар дар комҳо.
Ранги хубиро зи чашми ӯ саботе дигар аст,
Равғани тасвир дорад ҳусн аз ин бодомҳо.
Мавҷи дарёро тапидан рақси айши зиндагист,
Бисмили ӯро ба беоромӣ аст оромҳо.
Аз мазоқи[17] ноз агар ғофил набошад коми шавқ,
Метавон сад бӯса лаззат бурдан аз дашномҳо.
Чун хати паргор, агар мақсад далели аҷз нест,
Пойи оғоз аз чӣ мебӯсад сари анҷомҳо?
Аз гирифтории мо бо ишқ зебе дигар аст,
Боли мурғон мешавад мижгони чашми домҳо.
Шуҳраи олам шудан мушкил бувад бе дарди сар,
Рӯзу шаб чин бар ҷабин дорад нигин аз номҳо.
Сахт душвор аст қатъи роҳи иқлими адам,
Ҳамчу пайки умр бояд аз нафас зад гомҳо.
Мақсади ваҳшатхиромони нафас фаҳмиданист,
Бе суроғе нестанд ин бӯйигулэҳромҳо.
Нашъаи айше ки дорад ин чаман, хамёза[18] аст,
Бар пари товус мебандам бароти ҷомҳо.
Ҳеҷ кас дар олами иқбол фориғбол нест,
Рахш натвон тохтан, Бедил, ба пушти бомҳо.

*   *   *

Пеши тавонгарманишон паҳлуи лоғар макушо,
Даст ба ҳар даст мадеҳ, чашм ба ҳар дар макушо.
То зи яқинат ба гумон чашм напӯшанд хасон,
Банди ниқоби саҳарат дар сафи шабпар макушо.
Ҳиммати тамкинназарат нест кам аз мавҷи гуҳар,
Ҷайби ҳаё то надарӣ, хок шаву пар макушо.
То нафитад шамъсифат оташи ғорат ба сарат,
Дар бари маҳфил зи миёнат камари зар макушо.
Оби рухи кас наравад ҷуз ба тақозои ҳавас,
Шиша тиҳӣ гир зи май ё лаби соғар макушо.
Гар ба худ афтад нигаҳат, пашм надорад кулаҳат[19],
Нанги калӣ то накашӣ, дар ҳама ҷо сар макушо.
Лаб ба ҳам ор аз манумо, ваъзу баён пур масаро,
Пушту рухи ин ду варақ таҳ куну дафтар макушо.
Мотами ҳам дар назар аст анҷумани ибрати мо,
Чашме агар боз кунӣ, бе мижаи тар макушо.
Эй нафасат субҳи азал, бо абадат чист ҷадал?
Як сарат аз ришта бас аст, он сари дигар макушо.
Бедил, аз оинаи мо ғайри адаб гул накунад,
Хуни таҳайюр ба хаёл аз раги ҷавҳар макушо.

*   *   *

То ба кай дар парда дорам оҳи бетаъсирро?
Аз видоъи орзу пар медиҳам ин тирро.
Кулбаи Маҷнун, чу саҳро аз иморат фориғ аст,
Бому дар ҳоҷат набошад хонаи занҷирро.
Ранги зарди мо иёри қудрати ишқ асту бас,
Ин тило бепарда дорад ҷавҳари иксирро.
Мо таҳайюрпешагонро изтиробе дигар аст,
Пар задан дар ранг хун шуд бисмили тасвирро.

Осмон бо он кач̣ӣ шамъи бисоташ ростист,
Ҳалқаи чашми камон наззора донад тирро.
Кӯшиши бедаступоён аз асар навмед нест,
Интизори дом охир мекашад нахчирро.
Ҷисми кулфатхез дар зиндони таъмират гудохт,
Аз шикастан қуфл кун ин хонаи дилгирро.
Арзи ҳастӣ дар хумори инфиол афтодан аст,
Гардиши ранг аст соғар маҷлиси тақсирро.
Бисмили мо баски аз завқи шаҳодат метапад,
Теғи қотил мешуморад фурсати такбирро.
Ваҳшати Маҷнуни моро чора натвон ёфтан,
Ҳалқа кард андешаи забти садо занҷирро.
Нест дар бедории мавҳуми мо беҳосилон
Он қадар хобе, ки кас заҳмат диҳад таъбирро.
Пӯшиши ҳол аст, Бедил, сози ҳифзи обрӯ,
Бениёмӣ мекунад беҷавҳар ин шамшерро.

* * *

Чандин димоғ дорад иқболи чоҳи мино,
Бар арш метавон чид аз дастгоҳи мино.
Растан зи ҷаври гардун бе майкашӣ муҳол аст,
Дуздидаам зи мино сар дар паноҳи мино[20].
Даври фалак ҷунун кард, моро хиҷил баровард,
Бар худ зи шарм бастем охир гуноҳи мино.
То май расад ба соғар, бар ҳуши мо ҷунун зад,
Юсуф парӣ баромад имшаб зи чоҳи мино.
Зоҳид, ба базми мастон дигар ту чеҳра манмо,
Шабҳои ҷумъа кам нест рӯзи сиёҳи мино?
Бо ин дуруштхӯён бечора дил чӣ созад?
Умрест бар сари кӯҳ афтода роҳи мино.

Дилҳо пур аст, бо ҳам гар ҳарфу савт дорем,
Қулқул дар ин мақом аст яксар гувоҳи мино.
Бо дастгоҳи ишрат пур тавъам аст кулфат,
Чашми таре нишастаст бар қоҳ-қоҳи мино.
Шарми хумору мастӣ хун гашту сар наяфрохт,
Охир нигун баромад аз сина оҳи мино.
Нозукдилони ин базм омодаи шикастанд,
Аз вазъи пунба, зинҳор, машкан кулоҳи мино.
Поси риояти дил осон магир, Бедил,
Бо ҳар нафас ҳисобест дар коргоҳи мино.

* * *

Чу ашк он кас, ки мечинад гули айш аз тапиданҳо,
Бувад дилтанг, агар гавҳар шавад аз орамиданҳо.
Зи бас ом аст дар ваҳшатсарои даҳр бетобӣ,
Дили ҳар зарра дорад дар қафас чандин тапиданҳо.
Маҷӯ овозаи шуҳрат зи оҳанги сабукрӯҳон,
Садои боли мурғи ранг набвад дар париданҳо.
Нигаҳ дар дидаи ҳайрони мо шӯхӣ намедонад,
Ба ранги чашми шабнам дурди ин миност диданҳо.
Дуто кардем охир хешро дар хидмати пирӣ,
Расонидем бори зиндагонӣ то хамиданҳо.
Зи равнақ боз мемонад, чу мино шуд зи май холӣ,
Шикасти ранг зоҳир мешавад дар хун кашиданҳо.
Маро аз печутоби гирдбод ин нукта шуд равшан,
Ки дар роҳи талаб меъроҷи домон аст чиданҳо[21].
Зи қатъи улфати дилҳо ҳасуд осуда наншинад,
Шавад хамёзаи миқроз афзун дар буриданҳо.
Гудози дарди навмедӣ тамошое дигар дорад,
Ба ранги ашки носурам назарбози чакиданҳо.

Ҳубоб аз мавҷ ҳаргиз сарфаи тоқат намебинад,
Зи боли мо гиреҳ во мекунад охир тапиданҳо.
Зи ҳастӣ гар бурун тозӣ, адам дар пеш меояд,
Дар ин водӣ мақоме нест ғайр аз норасиданҳо.
Маҷӯ аз тифлхӯён фитрати озодагон, Бедил,
Ба парвози нигаҳ кай мерасад ашк аз давиданҳо?

* * *

Ҳайф, к-аз ифлос навмедӣ фазояд мардро,
Даст агар кӯтоҳ шуд, бар дил нашояд мардро.
Аз таназзулҳост, гар дар олами озодагӣ
Чини пешонӣ ба ёди доман ояд мардро.
Чун табақҳои занон[22] гулкарда гир осори нанг,
Дар фусӯси молу зар гар даст сояд мардро.
Ҷадвали обу[23] хиёбони чаман манзури кист?
Захми майдонҳо кашад, то дил кушояд мардро.
Як тағофул мекунад саркӯбии сад кӯҳсор,
Дар сухан мебояд аз ҷо дарнаёяд мардро.
Домани Рустам таконад бар сари ин ҳафт хон[24]
Дасти ғайрат, то ғубор аз дил зудояд мардро.
Дар мизоҷи дона омодаст таъсири замин,
Ҳез кам пайдо шавад, гар зан назояд мардро.
Ногузири рағбати иқбол бояд зистан,
Ҷоҳи дунё сурати зан менамояд мардро.
Ҷавҳари ғайрат дар ин майдон намемонад ниҳон,
Теғ мегардад забону меситояд мардро[25].
Гар зи симу зар вафо хоҳӣ, ба хиссат ҷаҳд кун,
Қаҳба[26] маҳкум аст аз имсоке, ки córяд мардро.
Бедил, ин дунё на имрӯз имтиҳонгаоҳ асту бас,
То ҷаҳон боқист, зан меозмояд мардро.

*   *   *

Ҳайф аст, кашад саъйи дигар бодакашонро,
Ёрон, ба хати ҷом бибандед миёнро.
Мо софдилон саршикани табъи дуруштем,
Бар санг тараҳҳум набувад шишагаронро.
Ҳасрат ҳама дам сайди хами қомати пирист,
Гул дар бари хамёза бувад шохи камонро.
Ғафлат зи сарам боз нагардад, ки чу гавҳар
Бо дида гиреҳ сохтаам хоби гаронро.
Олам ҳама ёр аст, ту маҳҷуби[27] хаёлӣ,
Банд аз мижа бардор, яқин соз гумонро.
Осударавон ҷодаи ташвиш надоранд,
Манзил талабӣ, тарк макун забти инонро.
Мову саҳар аз як ҷигари чок дамидем,
Оҳе накашидем, ки нагрифт ҷаҳонро.
Дидорпарастем, мапурс аз раму ором,
Парвоз нигоҳ аст таҳайюрқафасонро.
Дил ҷамъ кун, аз кашмакаши даҳр бурун о,
К-ин баҳр дар оғӯши гуҳар рехт каронро.
Гардун ҳама парвозу замин ҷумла ғубор аст,
Манзил бинамоед иқоматталабонро.
Сармоя чу субҳ аз ду нафас беш надоред,
Беҳуда бар ин ҷинс мачинед дуконро.
Бедил зи нафасҳо равиши умр аён аст,
Нақши қадам аз мавҷ бувад оби равонро.

*   *   *

Ҳирс фурсатинтизору даври ранг аст осиё,
Дил зи навбат ҷамъ кун, пур бедиранг аст осиё.
Саъйи рӯзӣ бо балои беамон ҷӯшидан аст,
Бештар дар гардиш аз боди туфанг[28] аст осиё,

Як надомат кори чандин донаи дил мекунад,
Гар тавонӣ даст бар ҳам суд, нанг аст осиё.
Аз манумо ҳар чӣ андӯзӣ, ниёзи нестист,
Ошиқи ин хирмани офатбачанг аст осиё.
Санг ҳам оинаи таҳқиқ сайқал мезанад,
Умрҳо шуд, дар талоши рафъи занг аст осиё.
То қиёмат гардиши афлок дар кор асту бас,
Кас нафаҳмид ин, ки мегардад, чӣ ранг аст осиё?
То нафас боқист, гирди ризқ мегардида бош,
Об чун вомонад аз рафтор, ланг аст осиё.
Зери гардун ноумеди амн то кай зистан?
Донаҳо, з-ин ҷо бурун оед, танг аст осиё.
Осмон ҳам то куҷо дар фикри мардум таг занад?
Баски рӯзихор бисёр аст, данг аст осиё.
Не заминат офиятгоҳ аст, не чархи баланд,
Бо чӣ хоҳӣ тарф баст[29], охир, дусанг аст осиё.
Бедил, аз гардун саломат чашм натвон доштан,
Алвидоъи дона гӯ, коми наҳанг аст осиё.

* * *

Дар талаб то чанд резӣ обрӯи комро?
Як сабақ шогирди истиғно кун ин ибромро.
Доғ будан дар хумори матлаби ноёб чанд?
Пухта натвон кард аз оташ орзуи хомро.
Магзар аз мавқеъшиносӣ, варна, дар арзи ниёз
Беш аз оруғ аст нафрат оҳи беҳангомро.
Мехиромад пешпеши дил тапишҳои нафас,
Ваҳшат аз нахчир ҳам беш аст ин ҷо домро.
Монеи сайри сабукрав пойи хоболуд нест,
Боли парвоз аст зиндони нигинҳо номро.

Дурии васлат ба қадри дастгоҳи ҷустуҷӯст,
Қатъ кун ваҳму хиёли қосиду пайғомро.
Ҳусни мутлақ доштам, худбиниям оина кард,
Ин қадарҳо ҳам асар мебудааст авҳомро.
Чун ғубори шишаи соат тасаллидушманем,
Аз мизоҷи хоки мо ҳам бурдаанд оромро.
Зиндагӣ то кай ҳалоки Каъбаву дайрат кунад?
Беҳ, ки аз дӯш афканӣ ин ҷомаи эҳромро.
Аз тағофул то нигоҳи чашми хубон фарқ нест,
Нашъа якранг аст ин ҷо дурду софи ҷомро.
Ҳалқаи он зулф равнақ аз ғубори дил гирифт,
Дуди оҳи сайди мо шуд сурма чашми домро.
Кай равад фикри мазаррат аз мизоҷи аҳли кин?
Мор натвонад ҷудо аз заҳр дидан комро.
Арзи маънӣ дигару изҳори сурат дигар аст,
Бедил, аз оина натвон хост вазъи ҷомро.

* * *

Дар безарӣ зи ҷабҳаи ахлоқ чин кушо,
Ҳарчанд остин гираҳ орад, ҷабин кушо.
Аз соилон дареғ нашояд табассумат,
Гирам, кафат тиҳист, лаби офарин кушо.
Оби ҳаёти ҷӯи ҷасад ҷавҳари сахост,
Роҳи таровише чу зуруфи гилин кушо.
Мунъим агар зи тангии хулқ аст нози ҷоҳ,
Чиндортар зи нақши нигин остин кушо.
Гар лаззат аз маоли ҳаловат набурдаӣ,
Боре зи ашки шамъ сари ангубин кушо.
Афсонаҳои Бежану Рустам ба тоқ неҳ,
Гар марди қудратӣ, дилат аз банди кин кушо.

Ҳайф аст табъи мард зи ғайбат қафо хурад[30],
Мижгон ба ҳам неҳу назари ҷумлабин кушо.
Боғу баҳор ташнаи сайри тағофулест,
Ёрон, ҳазар кунед зи ҳези суринкушо.
Аз нақби санг нақши нигин фатҳи боб ёфт,
Эй номҷӯ, ту ҳам раҳи зери замин кушо.
Таҳқиқ ҳар қадар диҳадат муҳлати нафас,
Гавҳар ба сӯзани нигаҳи вопасин кушо.
Бедил, ба ҳар чӣ азм кунӣ, васл мақсадест,
Ин ҷо нишонаҳост, ту шаст аз камин кушо.

* * *

Шафақ дар хуни ҳасрат метапад аз дидани мино,
Ақиқ обе равон мегардад аз хандидани мино.
Ҷигарҳо бар замин мерезад аз каф рафтани соғар,
Диле дар зери по дорад ба сар ғалтидани мино.
Бинол аз дарди ғафлат он қадар, к-аз худ бурун ойӣ,
Ба қадри қул-қул аст аз хеш доман чидани мино.
Суроғи айш аз ин маҳфил маҷӯ, к-аз ҷӯши дилтангӣ
Садои гиря печидаст бар хандидани мино.
Тунуксармоя аст он дил, ки шуд осудагӣ созаш,
Ба бемағзӣ далеле нест ҷуз хобидани мино.
Ба саъйи бехудӣ қулқулнавои сози найрангам,
Шикасти ранг дорад ин қадар нолидани мино.
Руунат дар мизоҷи майпарастон раҳ намеёбад,
Чӣ имкон аст аз таслим сар печидани мино?
Назокат ҳам дар ин маҳфил ба каф осон намеояд,
Гудози санг мехоҳад ба худ болидани мино.
Бисоти ноз чидам, ҳар қадар к-аз худ бурун рафтам,
Пурӣ болид дархӯрди тиҳӣ гардидани мино.

Хамӯшӣ чанд? Табъи аҳли маънӣ тоза кун, Бедил,
Ба махмурон ситам дорад нафас duздидани мино.

* * *

Айш донад дили саргашта парешониро,
Нохудо бод бувад киштии тӯфониро.
Ашк дар ғамкадаи дида надорад қимат,
Аз буни чоҳ барор ин маҳи канъониро.
Ишқ набвад ба иморатгарии ақл шарик,
Сел аз каф надиҳад санъати вайрониро.
Аз хату зулфи бутон тозадалел аст, ки ҳусн
Карда чатри бадан асбоби парешониро.
Бор ёбӣ чу ба хоки дари соҳибназарон,
Чини домони адаб кун хати пешониро.
Резиши ашки надомат зи сияҳкориҳост,
Лозим аст абри сиёҳ қатраи найсониро
Зери гардун натавон ғайри касофат андӯхт.
Нохуну мӯст расо мардуми зиндониро.
Лофи озодагӣ аз аҳли фано нозебост,
Домани чида чӣ лозим тани урёниро?
Ҷоҳил аз ҷамъи кутуб соҳиби маънӣ нашавад,
Нисбате нест ба шероза сухандониро.
Нафаси сӯхта бояд ба тапиш равшан кард,
Нест шамъе дигар ин анҷумани фониро.
Натавон ёфт аз он ҷилваи беранг суроғ,
Магар оина кунӣ дидаи қурбониро.
Бозгаште набувад пойи талабро, Бедил,
Сели мо нашнавад афсуни пушаймониро.

*   *   *

Ишқ агар дар ҷилва орад партави мақдурро[31],
Аз гудози дил диҳад равған чароғи Турро.
Бениёзӣ баски муштоқи лиқои аҷз буд,
Кард холи рӯи худ дасти Сулаймон мӯрро.
Аз фалак бе нола коми дил намеояд ба даст,
Шаҳд хоҳӣ, оташе зан хонаи занбӯрро.
Аз шикасти дил чӣ ишратҳо, ки бар ҳам хурду рафт,
Мӯйи чинӣ шом ҷӯшонд аз саҳар фағфурро.
Орзуманди туро сайри гулистон офат аст,
Накҳати гул теғ бошад соҳиби носурро.
Сӯхтан дар ҳар сифат манзури ишқ афтодааст,
Машраби парвона аз оташ надонад нурро.
Софу дурде нест дар хумхонаи таҳқиқ, лек
Дор боло бурд шӯри нашъаи Мансурро.
Гар диле дорӣ, ту ҳам хун созу соҳибнашъа бош,
Май шудан махсус набвад донаи ангурро.
Дар тариқи нафъи худ кас нест муҳтоҷи далел,
Бе асо роҳи даҳан маълум бошад кӯрро.
Хушнамо набвад ба пирӣ арзи андоми шабоб,
Лофи гармӣ сард бошад накҳати кофурро.
Бар умеди васл мушкил нест қатъи зиндагӣ,
Шавқи манзил мекунад наздик роҳи дурро.
Нағма ҳам дар нашъапаймоӣ қиёмат мекунад,
Мавҷи май тор аст, Бедил, косаи танбӯрро.

*   *   *

Ақбае дигар набошад рӯҳи аз тан растаро,
Нест бими сӯхтан дуди зи оташ ҷастаро.
Шиква аз гардун далели тангдастиҳои мост,
Нола дар парвоз бошад тоири парбастаро.

Интизоми офият аз олами касрат махоҳ,
Бесабот аст эътибори рангу бӯ гулдастаро.
Ҳамчу сарв озодагонро қайди улфат ростист,
Хатти мистар дом бошад мисраи барҷастаро.
Аз забони чарбу нарми халқ дорам ваҳшате,
К-аз даҳони шер нашносам даҳони пистаро.
Аз шикастан дил намеафтад зи чашми эътибор,
Кас намехоҳад таҳи по шишаи бишкастаро.
Мавҷ чун бо якдигар ҷӯшид, гавҳар мешавад,
Дил тавон гуфтан нафасҳои ба ҳам пайвастаро.
Ғунчаҳо дар бистари захми ҷигар осудаанд,
Эй насим, оташ мазан дилҳои улфатхастаро.
Ҷавҳари ворастагон мушкил, агар монад ниҳон,
Роҳ дар чашм аст гарди бар замин наншастаро.
Бо каломи обдорат кай расад лофи гуҳар?
Бедил, ин ҷо эътиборе нест ҳарфи бастаро.

* * *

Фусуни ҷоҳ узри ланг созад парфишониро,
Ба ғалтонӣ расонад об дар гавҳар равониро.
Чу гул дар субҳи пирӣ мекашӣ хамёзаи ҳасрат,
Макун, эй ғунча, сарфи хоб шабҳои ҷавониро.
Набояд ростӣ аз чархи каҷрав орзу кардан,
Мабодо, бо хадангиҳо бадал созад камониро.
Чӣ дорӣ аз вуҷуд, эй зарра, ғайр аз ваҳми парвозе?
Адам бошу ғанимат дор хуршедошёниро.
Ғуруру фитнаҳо дар сар, суҷуду офият дар бар,
Замин то метавон будан махоҳед осмониро.
Шуд аз мавҷи нафас равшан, ки баҳри кишти омолат
Зи мӯ бориктар обест ҷӯйи зиндагониро.

Лаби захмам ба мавҷи хун намедонам, чӣ меҷӯяд?
Магар теғи ту дарёбад забони безабониро.
Сабукрӯҳӣ, чу ранги ошиқон, дорад иёри ман,
Ҳама гар зар шавам, бар хеш напсандам гарониро.
Чаманпардози дидорам, зи ҳайрат чашми он дорам,
Ки чун товус, дар оина гирам парфишониро.
Ба мазмуни китоби офият то ворасӣ, Бадил,
Ба ранги соя равшан кун саводи нотавониро.

* * *

Кардаам сармашқи ҳасрат сарви мавзуни туро,
Нола мехонам баландиҳои мазмуни туро.
Шомпарварди ғамам, бо субҳи иқболам чӣ кор?
Тирабахтӣ сояи бед аст Маҷнуни туро.
Хокҳои ин чаман мебоядам бар сар задан,
Баски гул пӯшид нақши пойи гулгуни туро.
Сози маҳшар гашт офоқ аз ғубори ҳасратам,
Дар найи мижгон чӣ фарёд аст маҳзуни туро?
Шӯри истиғно бурун аз пардаҳои аҷз нест,
Риштаи мо сахт печидаст қонуни туро.
Фаҳми яктоист барқи эътибороти дуӣ,
Умрҳо шуд, хондаам бар хеш афсуни туро.
Ҳар чӣ мебинам, суроғе аз хаёлат медиҳад,
Ҳар ду олам як сари зонуст Маҷнуни туро.
Эй дили девона, сабре, к-аз сувайдо чора нест.
Дидаи оҳу фурӯ бурдаст ҳомуни туро.
Бедил, озодӣ гар истиқболи оғӯшат кунад,
Он қадар во шав, ки натвон баст мазмуни туро.

*   *   *

Куҷо алвони неъмат з-ин бисот осон шавад пайдо,
Ки Одам аз биҳишт ояд бурун, то нон шавад пайдо.
Тамизи лаззати дунё ҳам осон нест, эй ғофил,
Чу тифлон, хун хӯрӣ як умр, то дандон шавад пайдо
Саҳар то шом бояд так задан чун офтоб ин ҷо,
Ки хушкоре[32] ба чашми ҳирс аз ин анбон шавад пайдо.
Саҳоби кишти мо сад раҳ шикофад чашми гирёнаш,
Ки гандум як табассум бо лаби хандон шавад пайдо.
Талоши мавҷ дар гавҳар шудан уммеди он дорад,
Ки гарди соҳиле з-ин баҳри бепоён шавад пайдо.
Ҷунун ҳам ҷаҳдҳо бояд, ки домонаш ба чанг афтад,
Дарӣ сад пираҳан, то пайкари урён шавад пайдо.
Уюб ояд бурун, то гул кунад ҳусни камол ин ҷо,
Калаф бепарда гардад, то маҳи тобон шавад пайдо.
Парешон аст аз беилтифотӣ субҳаи улфат,
Зи дил бастан магар ҷамъияти ёрон шавад пайдо.
Амон хоҳ аз газанди халқ дар гармихтилотиҳо,
Ки ақраб бештар дар фасли тобистон шавад пайдо.
Бинои ваҳшати ин куҳнаманзил ибрате дорад,
Ки соҳибхона гар пайдо шавад, меҳмон шавад пайдо.
Зи пайдоӣ ба номи маҳз чун анқо қаноат кун,
Фароғ ин ҷо касе дорад, к-аз ин унвон шавад пайдо.
Чу субҳ он беҳ, ки гум бошад касе дар гарди маъдумӣ,
Вагар пайдо тавонад гашт, болафшон шавад пайдо.
Дар ин саҳро ба вазъи Хизр бояд зиндагӣ кардан,
Нагардад гум касе, к-аз мардумон пинҳон шавад пайдо.
Ҳарифи гавҳари ноёб набвад саъйи ғаввосон,
Магар ин коми дил аз ҳиммати мардон шавад пайдо.
Хаёлоти парӣ бе шиша нақши тоқи нисён кун,
Муҳол аст ин, ки ҳар ҷо ҷисм гум шуд, ҷон шавад пайдо.

Тамошогоҳи ибрат по ба доман сайр мехоҳад,
Нигаҳ мебояд ин ҷо тавъами мижгон шавад пайдо.
Радифи бори дунё ранҷи уқбо сохтан, Бедил,
Зи гову хар намеояд, магар инсон шавад пайдо.

* * *

Гар даме бӯси кафат гардад муяссар теғро,
То абад рагҳои гул болад зи ҷавҳар теғро.
Аз кудурат барнамеояд мизоҷи кинаҷӯ,
Бештар дорад ҳамин зангор дар бар теғро.
Эй ки дорӣ сайри гулзори муҳаббат дар хаёл,
Боядат аз шавқ зад, чун сабза ба сар теғро.
Айш хоҳӣ, сайди офат шав, ки монанди ҳилол
Чарх абрӯ мекунад бар чашми соғар теғро.
Пардаи найранги тӯфон буд шавқи бисмилам,
Хунам охир кард бозуи шиновар теғро.
То магар якбора гардад қатъ кори ҳастиям,
Чун дами миқроз мехоҳам дупайкар теғро.
Мавҷи тӯфон мезанад ҷӯйи ба дарё муттасил,
Ҷавҳари дигар бувад дар дасти Ҳайдар теғро.
Ҳар киро дил аз ғубори кинаҷуӯиҳо тиҳист,
Мекашад ҳамчун ниём осуда дар бар теғро.
Дил ба уммеди талофӣ метапад, аммо куҷост
Он қадар захме ки хобонад ба бистар теғро?
Бедил, аз ҳар мисраам мавҷи назокат мечакад,
Кардаам рангин ба хуни сайди лоғар теғро.

*    *    *

Мехурад хун нафас андар дили ғампешаи мо,
Ҷавҳари теғ бувад хору хаси бешаи мо.
Баски чун шамъ ба ғам нашвунумо ёфтаем,
Шуъларо мавҷи таровват шумурад решаи мо.
Сахтии даҳр зи сабри дили мо зинҳорист,
Об шуд тоқати санг аз ҷигари шишаи мо.
Қадди хамгашта ҳамон нохуни Фарҳоди ғам аст,
Саъйи беҷост ба ҷуз ҷонканӣ аз тешаи мо.
Шуғли расвоию мастурии аҳвол балост,
Кош, ороиши бозор диҳад пешаи мо.
Шӯри занҷири ҷунун аз нафаси мо пайдост,
Накҳати зулфи кӣ печида бар андешаи мо?
Чашми уммед надорем зи кишти дигарон,
Дили мо донаи мо, нолаи мо решаи мо.
Хомушиҳо сабақи мактаби бетобӣ нест,
Яккалам нола бувад машқи найи бешаи мо.
Нашъаи машраби берангӣ аз он софтар аст,
Ки шавад мавҷи парӣ дурди таҳи шишаи мо.
Бедил, аз фитрати мо қасри маонист баланд,
Поя дорад сухан аз курсии андешаи мо.

*    *    *

Назар бар каҷравон аз ростон беш аст гардунро,
Ки хотам бештар дар дил нишонад нақши ворунро.
Шаҳидам, лек медонам, ки ишқи офиятдушман
Чу ёқутам ба оташ мебарад ҳар қатраи хунро.
Дар оғӯши шиканҷи доми улфат роҳате дорам,
Хаёли зулфи Лайлӣ сояи бед аст Маҷнунро.
Гар аз шӯри ҳаводис огаҳӣ, сар дар гиребон кун,
Ҳисори офият ҷуз хум намебошад Фалотунро.

На танҳо ағниёро чарх бармегирад аз пастӣ,
Замин ҳам луқмаҳои чарб донад ҷинси Қорунро.
Шуури ҷисм занҷирест дар роҳи сабукрӯҳон,
Ки чун хат нақш бандад, пойи рафтан нест мазмунро.
Дил аст он тухми найранге, ки баҳри ҷустуҷӯи ӯ
Ҷигар сӯрох-сӯрох аст нуҳ ғирболи гардунро.
Ба қадри кӯшиши ишқ аст наъли ҳусн дар оташ,
Садои тешаи Фарҳод маҳмезест Гулгунро.
Хаёли мосиво фарш аст дар ваҳдатсарои дил,
Даруни хеш дорад хонаи оина берунро.
Ҳаводис муждаи амн аст, агар дил ҷамъ шуд, Бедил,
Гуҳар афсона донад шӯриши амвоҷи ҷайҳунро[33].

* * *

Нест бо ҳуснат маҷоли гуфтугӯ оинаро,
Сурма мерезад нигоҳат дар гулӯ оинаро.
Ғайри ҷавҳар дар тамошои хати наврустаат
Мекунад сад орзу дар дил нумӯ оинаро.
Хотами фӯлодро аз ранги гул бандад нигин,
Он ки бо он ҷилва созад рӯбарӯ оинаро.
Сурати ҳолам парешонтар зи ҷӯши ҷавҳар аст,
Ёди гесӯи кӣ кард ошуфтагӯ оинаро?
Гар чунин шармат нигаҳро маҳви мижгон мекунад,
Рафта-рафта мебарад ҷавҳар фурӯ оинаро.
То расад доғе ба каф, сад шуъла мебояд гудохт,
Ёфт Искандар ба чандин ҷустуҷӯ оинаро.
Дар тапишгоҳи таманно бе камоле нест сабр,
Арзи ҷавҳар шуд шикасти орзу оинаро.
Дил агар дар ҷаҳд кӯшад, муфти эҳроми сафост,
Ҳам ба қадри сайқал аст оби вузӯ оинаро.

Ҳусну қубҳи мост ин ҷо боиси радду қабул,
Варна, як чашм аст бар зишту накӯ оинаро.
Роҳати дил хоҳӣ, аз арзи камол озод бош,
То зи ҷавҳар нашканӣ дар дида мӯ оинаро.
Сурати бемаънии ҳастӣ надорад имтиҳон,
Акси гул наззора кун, аммо мабӯ оинаро.
Софии дил ҳам гиребончокии роз асту бас,
Ку ҳуҷуми занг, то гардад руфӯ оинаро?
Эй басо дил, к-аз таҳайюр хок бар сар кардааст,
Ҳар куҷо хокистаре ёбӣ, биҷӯ оинаро.
Хоксориҳост, Бедил, равнақи аҳли сафо,
Мекунад хокистар афзун обрӯ оинаро.

*   *   *

Ҳарчанд гаронӣ бувад асбоби ҷаҳонро,
Чун най ба хамидан накашад нолакашонро.
Бетоби ҷунун дар ғами асбоб набошад,
Дил зоди раҳи шавқ бувад реги равонро.
Бедории ман, шамъсифат лофи забонист,
Дорам зи хамӯшӣ ба камин хоби гаронро.
Офоқ фусунанҷумани шӯри хамӯшист,
Ҳайратлагани шамъи забон соз даҳонро.
Эмин натавон буд зи ҳамвории золим,
Дар ростӣ афзунии захм аст синонро.
Бунёди каҷандеш шавад сахт зи таҳдид,
Аз банди қавӣ муҳра макун пушти камонро.
Мумсик нашавад қобили имони хисосат,
То нашмарад ангушти шаҳодат лаби нонро.
Моро ба ғами ишқ ҳамон ишқ илоҷ аст,
Маҳтоб бувад пунбаи носур катонро.

Хат файзи баҳоре дигар аз ҳусни ту дорад,
Ҷӯши раги гул мекунад ин шуъла духонро[34].
Вақт аст кунун, к-аз асари хуни шаҳидон
Шамшери ту ёқут кунад санги фасонро.
Ишратҳаваси рафтани рангам, чӣ тавон кард?
Карданд баҳори чамани шамъ хазонро.
Бошад, ки сар аз манзили мақсуд барорем,
Чун ҷода дар ин дашт фикандем инонро.
Бедил, нафасат хун макун аз ҳарзадароӣ,
Таҳрики забон нештар аст ин раги ҷонро.

* * *

Ҳар куҷо таслим бандад дар миён шамшерро,
Мекунад, чун мавҷи гавҳар безабон шамшерро.
Саркашӣ вақфи[35] тавозуъ кун, ки бар гардун ҳилол
Мекунад гоҳе сипар, гоҳе камон шамшерро.
То ба худ ҷунбӣ, сипарафкандаи хокию бас,
Гӯ, биёвезад ғурур аз осмон шамшерро.
Бисмилоҳангони таслимат муҳайё кардаанд
Ҷабҳаи шавқе, ки донад остон шамшерро.
Ҳусн то сар дод абрӯро ба қатли ошиқон,
Қабза кард ангушти ҳайрат дар даҳон шамшерро.
Гашт аз хоби гарон чашмат ба хуни мо далер,
Мекунад бебоктар санги фасон шамшерро.
Зоил аз зинат нагардад ҷавҳари мардонагӣ,
Қабзаи зар аз буриш монеъ мадон шамшерро.
Бисмили мавҷи майам, захмам ҳамон хамёза аст,
Дар лаби соғар кун, эй қотил, ниҳон шамшерро.
Навбаҳори ишратам, Бедил, ки бо ин лоғарӣ
Хуни сайдам кард шохи арғавон шамшерро.

* * *

Аз хомушӣ мапурсу зи гуфтори андалеб,
Сад ғунчаву гул аст ба минқори андалеб.
Мову диле ба сина зи доғи хаёли дӯст
Тарроҳи ошёнаи гулдори андалеб.
Номаҳраме, ки аз адаби ишқ ғофил аст,
Дорад иҳонати[36] гул аз инкори андалеб.
Бе ёр, ҷойи ёр нишони қиёмат аст,
Бо боғ дар хазон нафитад кори андалеб.
Дарди сари тазаллуми улфат куҷо барад?
Гар зери бол ҳам надиҳад бори андалеб.
Аз дурбоши ғайрати хубон ҳазар кунед,
Гул хорҳо нишонда ба озори андалеб.
Оини дилбарӣ ба чӣ рангаш нишон диҳанд?
Шохи гуле, ки нест қафасдори андалеб.
Бӯйи гулам буруни чаман доғ мекунад
Аз нолаҳои дар паси девори андалеб.
Ман низ беҳавас наям, аммо надод ишқ
Парвонаро димоғи[37] сару кори андалеб.
Шояд насиби дарде аз аҳли вафо барам,
Бастам дили дуним ба минқори андалеб.
Болини хоби гул ҳама ранги шикаста буд,
Оҳ аз надомати пари бекори андалеб.
Бедил, баҳори ишрати ушшоқ нола аст,
Имсол низ мегузарад пори андалеб.

* * *

Аз равонӣ дар таҳайюр ҳам асар медорад об,
Гар ҳама оина бошад, дарбадар медорад об.
Содадилро ихтилоти пучмағзон роҳат аст,
Сандале аз каф[38] ба рафъи дарди сар медорад об.

Кам зи мунъим нест касби иззати дарвеш ҳам,
Бештар аз лаъл хоки хушк бармедорад об.
Нест азхудрафтаро андешаи поси қадам,
Чун равон шуд, кай ба пеши по назар медорад об?
Ҳастии ориф ба қадри дастгоҳи нестист,
Аз гудози хеш дорад, баҳр агар медорад об.
Ҷавҳар аз оина натвонад қадам берун задан,
Мавҷро ҳамчун нигаҳ дар чашми тар медорад об.
Золимонро дастгоҳ орад пайи касби фасод,
Машқи хунрезӣ кунад, то нештар медорад об.
Аз ҳаводис нест коҳиш тинати огоҳро,
Заҳмати судан набинад, то гуҳар медорад об.
Софтабъон инфиол аз сози ҳастӣ мекашанд,
Бе тариҳо нест, то аз худ асар медорад об.
То адам аз ҳастии мо қосиде даркор нест,
Ҳам ба қадри рафтани худ номабар медорад об.
Фақри соҳибҷавҳар осори камоли иззат аст,
Теғ дар ҳар ҷо тунук шуд, бештар медорад об.
Бода бар ҳар табъ мебахшад ҷудо хосияте,
Бедил, андар ҳар замин таъми дигар медорад об.

* * *

Аз сари мастӣ набуд имшаб хитобам бо шароб,
Бедимоғӣ шиша зад бар санг, гуфтам: ё шароб.
Базми имконро бувад ғавғои ҳастӣ то ба кай?
Чанд хоҳад буд, охир, ҷӯши як мино шароб?
Даври ваҳме метавон тай кард чун авроқи гул,
Соғари ин базм ранг асту шикастанҳо шароб.
Маст то махмури ин майхона муҳтоҷ асту бас,
Ваҳми банг аст, ин ки гӯӣ дорад истиғно шароб.

Умрҳо будем махмури самандармашрабе,
Нест аз инсоф, агар резӣ ба хоки мо шароб.
Беқаророни талаб сар то қадам кайфиятанд,
Мекунад эҷод аз ҳар узви худ дарё шароб.
Соғари базми хаёлам наргиси махмури кист?
Меравам мастона аз худ, хӯрдаам гӯё шароб.
Субҳ аз хамёза охир ҷоми шабнам мезанад,
Ҳасрати махмурам аз худ мекунад пайдо шароб.
Хуншудансарманзилем, аз ҷустуҷӯи мо мапурс,
Ток медонад, чиҳо дар пеш дорад то шароб.
Баҳри манъи майкашиҳо муҳтасиб даркор нест,
Бедил, охир риъша[39] мебандад ба дасти мо шароб.

* * *

Имшаб зи сози мино гарм аст ҷои мутриб,
Кӯк аст қулқули май бо нағмаҳои мутриб.
Дарюза чашм дорем аз косаҳои танбӯр,
Дар ҳаққи мо баланд аст дасти дуои мутриб.
Сад ранг оҳи ҳасрат печидаем дар дил,
Ин тордон ниёз аст аз мо ба пои мутриб.
Кайфияти баму зер мафҳуми анҷуман нест,
Дар парда то чӣ бошад манзури рои мутриб?
З-он чеҳраи арақнок ҳайрони ҳарфу савтем,
Ҳар ҷост тарсадое[40], дорад ҳаёи мутриб.
Шӯри лаби ту моро нагзошт дар дили хок,
Оташ ба найситон зад охир ҳавои мутриб
Номаҳрамони айшанд бегонагони соқӣ,
В-аз дард бенасибон ноошнои мутриб.
Ҳарчанд восароянд сад раҳ таронаи ҷоҳ,
Ин ағниё надоранд файзи ғинои мутриб.

То мо хамӯш будем, шавқи ту бенафас буд,
Аз най баланд гардид шӯри навои мутриб.
Узри димоғи мастон масмӯъи[41] ҳеҷ кас нест,
Ё Раб, ки гесуи чанг афтад ба пои мутриб.
Қонун ба захма нозон, даф аз тапонча хандон,
Бар сози мо фитодаст яксар балои мутриб.
Бедил, кӣ раҳм мекард бар сахтҷонии мо,
Нохун агар намебуд зӯрозмои мутриб?

* * *

Боз дар гулшан зи хешам мебарад афсуни об,
Дар назар тарзи хироме дорам аз мазмуни об.
Шӯриши амвоҷи ин дарё хурӯши базми кист?
Нағмаи тар мефишорад мағзам аз қонуни об.
Барнамедорад дурандагӣ тинати равшандилон,
Дар раги мавҷаш ҳамон об аст ранги хуни об.
Ҳамчу шабнам ашки мо оинаи оҳ асту бас,
Бар ҳаво хатм аст ин ҷо ваҳшати Маҷнуни об.
Шуд арақ шабнамтирози гулситони шарми ёр,
Ин гуҳар буд интихоби нусхаи мавзуни об.
Орзу гар ташнаи рафъи ғубори ҳасрат аст,
Бо вуҷуди теғи ӯ натвон шудан мамнуни об.
Нест сайри олами найранг ҷойи дам задан,
Ишқ дарёҳои оташ дораду ҳомуни об,
Маънии осудагӣ нақши тилисми хомушист,
Бар ман аз мавҷи гуҳар шуд равшан ин мазмуни об.
Табъам аз ошуфтагӣ доми сафое дигар аст,
Дархури амвоҷ бошад ҳусни рӯзафзуни об.
Қулзуми имкон нами мавҷи саробе ҳам надошт,
Ташнагиҳо кард моро ин қадар мафтуни об.

Вахдат аз худдории мо тухматолуди дуист,
Акс дар об аст, то истодаӣ беруни об.
Софтабъонанд, Бедил, бисмили шавқи баҳор,
Ҷодаи рагҳои гул дорад суроғи хуни об.

* * *

Бе латофат нест, аз бас ваҳшатоҳанг аст об,
Гар дари роҳат занад, ҳамчун гуҳар, санг аст об.
Фитнатӯфон аст арзи ранги бӯйи ин чаман,
Дар тилисми хок, ҳайронам, чӣ найранг аст об?
Нашъаи равшандилӣ пур бехумор афтодааст,
Аз сафои табъ доим шиша дар чанг аст об.
Чун гиребонгир шуд ёри мувофиқ, душман аст,
Гар бипечад дар гулӯ, бо теғ ҳамсанг аст об.
Бо гудози яъс аз худ рафтанам дил мебарад,
Нағмагӣ дорад чакидан, ҳар куҷо чанг аст об.
Маҳмили мо-оҷизон бар дӯши лағзиш бастаанд,
Сад қадам аз мавҷ агар пайдо кунад, ланг аст об.
Дурии марказ ҷаҳонерост таклифи низоъ,
То ҷудо аз санг шуд, бо шуъла дар ҷанг аст об.
Бе кудурат нест дар касрат сафои ваҳдатам,
То ба гулшан роҳ дорад, сарфи сад ранг аст об.
Обрӯ натвон ба пеши нокасон чун шамъ рехт,
Эй тамаъ, шарме, ки ин ҷо шуъла дар чанг аст об.
Хонадорӣ доғи кулфат мекунад ворастаро,
Дар дили оина, Бедил, сарбасар занг аст об.

*  *  *

Тоби зулфат соя овезад ба тарфи офтоб,
Хатти мушкинат шикаст орад ба ҳарфи офтоб.
Дида дар идроки оғӯши хаёлат оҷиз аст,
Зарра кай ёбад канори баҳри ҳарфи офтоб?
Бинят он мисраи олист, к-аз андози ҳусн
Дахли нозаш дорад ангуште ба ҳарфи офтоб.
Зулмати моро фурӯғи нури ваҳдат ҷозиб аст,
Соя охир меравад аз худ ба тарфи офтоб.
Дар арақ эъҷози ҳусни ӯ тамошокарданист,
Шабнами гул мечакад он ҷо зи зарфи офтоб.
Баски иқболи ҷунуни мо баланд афтодааст,
Метавон урёнии мо кард сарфи офтоб.
Ҳар куҷо бо меҳри рухсори ту лофи ҳусн зад,
Ҳам зи партав бар замин афтод ҳарфи офтоб.
Мо адамсармоягонро лофи ҳастӣ нодир аст,
Зарра ҳайрон аст бар вазъи шигарфи офтоб.
Баски дар наззораи меҳри ҷамоли ӯ гудохт,
Мавҷи шабнам мезанад имрӯз барфи офтоб.
Ҷонфишониҳост, Бедил, дар тамошои рухаш,
Чун саҳар кун накди умри хеш сарфи офтоб.

*  *  *

То занад фоли гуҳар, бетобиоҳанг аст об,
Наъл дар оташ ба ҷустуҷӯи ин ранг аст об.
Ҳарфи арбоби насиҳат бар дили гарм офат аст,
Шиша чун дар оташ афтад, бар сараш санг аст об.
Пайкари таслими мо чанги бисоти айши мост,
Чун ба пастӣ мешавад моил, хушоҳанг аст об.
Қомати хамгашта чун мавҷ аз хурӯши дил гудохт,
Аз садои дилхароши сози мо чанг аст об.

Мекунад дар худ тамошои баҳористони ранг,
Аз барои сархушӣ дар табъи гул банг аст об.
Доми андӯҳ аст моро, ҳар чӣ ҷуз озодагист,
Мансаби гавҳар агар бахшанд, дилтанг аст об.
Аз сароби эътибор ин ҷо диле хуш мекунем,
Варна, аз оинаву гавҳар ба фарсанг аст об.
Аҷзи пирӣ ҷуръатамро дар арақ хобондааст,
Нағма аз шарми заифиҳои ин чанг, аст об.
Кист аз кайфияти касби латофат бигзарад?
Дар мақоми шишасозиҳо дили санг аст об.
Зиндагӣ аз ваҳму ваҳм аз зиндагӣ болидааст,
Олами об аст бангу олами банг аст об.
З-ин чаман як барг ҷуз болу пари парвоз нест,
Бехабар шерозабанди нусхаи ранг аст об.
Чашмаи Хизрам ба ёд омад, арақ кардам зи шарм,
Ташнаи теғи фаноро ин қадар нанг аст об.
То нафас дорӣ, ба базми синасофон нагзарӣ,
Эй ба ҷуръат муттаҳам, оина дар чанг аст об.
Аз куҷо ёбад касе, Бедил, суроғи хуни ман?
Дар дами шамшери нозаш сахт беранг аст об.

* * *

Чун писта нест дар ғами он рангипонбалаб,
Дандоншикастае, ки фишорад забон ба лаб.
Айши висолу завқи канор орзуи кист?
Моему ҳарфи бӯсе аз он остон ба лаб.
Субҳи табассуме ба тааммул дамондаем
З-он гарди хат, ки нест чу ҳарфаш нишон ба лаб.
Роҳе ба дарди беасарӣ қатъ кардаем.
Ҳамчун сипандам, обила дорад фиғон ба лаб.

Азбаски имтиҳонкадаи ваҳми ҳастиям,
Ояд нафас чу оинаам ҳар замон ба лаб.
Ушшоқ то ҳадиси вафоро забон диҳанд,
Чун шамъ медавад ҳама аҷзояшон ба лаб.
Халқе ба ҳарфу савт фишурдаст пойи ҷаҳд,
Роҳе чу хома меравад ин корвон ба лаб.
Бе хомушӣ гум аст сари риштаи сухан,
Бандӣ забон ба ком, ки ёбӣ даҳон ба лаб.
Дилкӯби фитрат аст ҳадиси сабуксарон,
Чун пунба номи кӯҳ наёяд гарон ба лаб.
Хоҳӣ, нафас фурӯ кашу хоҳӣ, ба нола кӯш,
Ҷавлони умрро накашад кас инон ба лаб.
Серӣ зи хони чарх касеро ба ком нест,
Дорад ҳилол ҳам лабе аз ҳарфи нон ба лаб.
Саъйи заифи халқ ба ҷое намерасад,
Гар марди қудратӣ, нафасатро расон ба лаб.
Бедил, ба ҷилвагоҳи нисори табассумаш
Оҳ аз ситамкаше, ки наёвард ҷон ба лаб!

* * *

Дил аз хумори талаб хун куну шароб талаб,
Ҷигар ба ташналабӣ вогузору об талаб.
Зи офият натавон муждаи кушоиш ёфт,
Ба дил шикасте агар ҳаст, фатҳи боб талаб.
Матарс аз ғами носур, эй ҷароҳати дил,
Ба зулфи ёр бизан дасту мушки ноб талаб.
Мабош ҳамчу гуҳар мурдареги[43] ин дарё,
Назар баланд куну ҳиммати ҳубоб талаб.
Муҳит дар хами оғӯши беқарории туст,
Даме чу сел дар ин дашт изтироб талаб.

Қадам ба водии фурсат зану мижа бардор,
Баҳор меравад, эй бехабар, шитоб талаб.
Либоси офият аз даҳр гар ҳавас дорӣ,
Зи моҳтоб катону ҳарир аз об талаб.
Шабе чу шабнами гул сарф кун ба бедорӣ,
Саҳар барор сару васли офтоб талаб.
Ҳазор ҷилва дар оғӯши бехудӣ маҳв аст,
Ҷаҳон шуур талаб мекунад, ту хоб талаб.
Бибанд пардаи чашму дилат зи айби касон,
Кушоди кори худ аз банди ин ниқоб талаб.
Ниёзу ноз ҳамон дурду софи як қадаҳанд,
Чу пойи ӯ сари мо ҳам аз он рикоб талаб.
Дили гудохта, Бедил, ниёзи мижгон кун,
Таровати чамани умр аз ин саҳоб талаб.

* * *

Субҳдам сайёра бол афшонд аз домони шаб,
Вақти пирӣ рехт аз ҳам оқибат дандони шаб.
Ашки ҳасрат лозими сози раҳил[44] афтодааст,
Шабнами субҳ аст осори нами мижгони шаб.
Барнамеояд баёзи чашми оҳу аз савод,
Субҳи иқболи ҷунунам нашканад паймони шаб.
Дар ҳавои дуди савдо ҳушам аз сар рафту рафт,
Ошён аз даст дод ин мурғ дар тайрони[45] шаб.
Дар хами он зулф хун шуд тоқати дилҳои чок,
Субҳи мо охир шафақ гардид дар зиндони шаб.
Бо ҷамолат баст ҳар ҷо аҳди байъат офтоб,
Турраи мушкинадо ҳам тоза кард имони шаб.
Аз ҳаводис файзи маънӣ мебаранд аҳли сафо,
Мефурӯзад шамъи субҳ аз ҷунбиши домони шаб.

Мужда, эй завқи гирифторӣ, ки бозам мерасад
Накҳати зулфи касе аз дасти мушкафшони шаб.
Хатти ӯ бар субҳ, пиндорӣ, шабехунномаест,
Рӯйи ӯ фардест, гӯйӣ, дар шикасти шони шаб.
Ламъаи субҳе, ки мегӯянд, дар олам куҷост?
Инқадарҳо хоби ғафлат нест ҷуз бурҳони шаб.
Гӯшагири вусъатободи ғубори ҷаҳл бош,
Пардапӯши як ҷаҳон айб аст Ҳиндустони[46] шаб.
Бедил, аз печухами зулфаш раҳоӣ мушкил аст,
Бар каримон саҳл набвад рухсати меҳмони шаб.

* * *

Тараб дар ин боғ мехиромад зи сози фурсат паём бар лаб,
Зи наргис акнун мабош ғофил, ки най гирифтаст ҷом бар лаб.
Агар ба маънӣ расида бошӣ, хурӯши мастон шунида бошӣ,
Чу барги токанд аҳли машраб нуҳуфта зикри мудом бар лаб.
Расонда халқе зи ҳарзарой [47] ба арсаи қудратозмоӣ
Ҳуҷуми ашғоли жожхоӣ чу тавсани белаҷом бар лаб.
Ба худфурӯшист иззату шон, ба ҳарфу савт аст фахри ёрон,
Ту ҳам ба қадри нафас пар афшон чу дастгоҳи калом бар лаб.
Саботи ноз он қадар надорад бинои иқболи бебақоят,
Гузашта гир ин, ки офтобе расонда бошӣ чу бом бар лаб.
Масоили муфтиён шунидам, ба пушту рӯйи варақ расидам,
Тасарруфи моли ғасб[48] дидам: ҳалол дар дил, ҳаром бар лаб.
Зи хонақаҳ ҳар кӣ сар барорад, маротиби ҷӯъ[49] мешуморад,
Тариқаи сӯфиён надорад ба ғайри зикри таом бар лаб.
Гар аз мукофоти хубсу ғайбат шунидаӣ ваъдаи надомат,
Чаро замоне зи захми дандон намерасонӣ паём бар лаб?

Ҷунуни чандин ҳазор шуҳрат фусурд дар ҷайби синачоке,
Касе нашуд маҳрами садое аз ин нигинҳои номбарлаб.
Хурӯши дайру ҳарам дар ин раҳ намуд аз улви[50] доғам огаҳ,
Худопараст асту Аллаҳ-Аллаҳ, бараҳману Ром-Ром бар лаб.
Рақам задам бар табассуми гул зи соиди чиндаростинат,
Қалам кашидам ба мавҷи гавҳар аз он хати мушкфом бар лаб.
Ҷаҳон ба сад ранг шуғл моил, ману ҳамин таври шавқ, Бедил,
Тасаввурат солу моҳ дар дил, тараннумат субҳу шом бар лаб.

* * *

Файзи ҳаловат аз дили бекибрукин талаб,
Занбӯрро зи хона барор, ангубин талаб.
Бепарда аст ҳусни ғано дар либоси фақр,
Дасти расо зи кӯтаҳии остин талаб.
Дил ҷамъ кун зи бому дари офиятфусун,
Осудагӣ зи хонабадӯшони зин талаб.
Пашминапӯш рав ба фусурдансарои шайх,
Фасли шито муҳофазат аз пӯстин талаб.
Дасти талаб ба ҳар чӣ расад, муфти аҷз гир,
Дур аст осмон, ту мурод аз замин талаб.
Гулҳои ин чаман ҳама дар зери пойи туст,
Эй ғофил аз адаб, нигаҳи шармгин талаб.
З-ин ҷилваҳо, ки дар назарат саф кашидааст,
Оинадории нафаси вопасин талаб.
Умри талош бод ба каф чун нафас гузашт,
Чизе наёфт кас, ки биярзад ба ин талаб.
Дил дархури шикаст ба иқлими унс тохт,
Чинӣ ҳамон ба ҷодаи мӯ рафт Чинталаб.
Шабнам висоли гул талабид, об шуд зи шарм,
Аз ҳар кӣ ҳар чӣ металабӣ, инчунин талаб.

Ин остон ҳаваскадаи арзи ноз нест,
Шояд ба саҷдае бихарандат, ҷабин талаб.
Бедил, хароши чеҳраи иқбол шуҳрат аст,
Ибрат зи корхонаи нақши нигин талаб.

* * *

Гар ба ин гармист оҳи шуълазои андалеб,
Шамъ равшан метавон кард аз садои андалеб.
Офати ҳуши асирон барқи дидор асту бас,
Мезанад ранги гул оташ дар бинои андалеб.
Пунбаи шабнам ба гӯши ғунча доғи лола шуд,
Беш аз ин натвон шунидан моҷарои андалеб.
Ишқро бе дастгоҳи ҳусн шуҳрат мушкил аст,
Аз забони барги гул бишнав навои андалеб.
Ҷойи он дорад, ки чун сунбул ба рағми боғбон
Реша дар гулшан давонад хори пои андалеб.
Матлаби ушшоқ аз изҳор ҳам маълум нест,
Кист, то фаҳмад забони муддаои андалеб?
Сози дилтангӣ ба ин оҳанг ҳам мебудааст,
Танг кардам аз лаби хомӯш ҷои андалеб.
Решаи дилбастагӣ дар хоки ин гулшан набуд,
Рафт гул ҳам дар қафои нолаҳои андалеб.
Монеи қатли заифон ҷуз мурувват ҳеҷ нест,
В-арна, аз гул кас нахоҳад хунбаҳои андалеб.
Дар чаман рафтему сози нола сайроҳанг шуд,
Ҷилваи гул кард моро ошнои андалеб.
Оҳи муштоқон насими навбаҳори ёди ӯст,
Рангҳо хуфтаст, Бедил, дар садои андалеб.

*  *  *

Мумсик агар ба арзи сахо ҷӯшад аз шароб,
Дасте баланд мекунад, аммо ба зери об.
Табъи карам фусурдаи дасти тиҳӣ мабод,
Бар кишти оламест ситам хушкии саҳоб.
Ин аст агар самоҷати[51] арбоби эҳтиёҷ,
Раҳм аст бар мизоҷи дуоҳои мустаҷоб.
Ғоратнасиби ҳасрати дарди муҳаббатам,
Нагрист бедиле, ки зи чашмам набурд об.
Дил он қадар гудохт, ки ғам ҳам ба сел рафт,
Оташ дар об ғӯта зад аз ашки ин кабоб.
Афсонасозии шарару барқ то ба кай?
Гар марди ин рамӣ, ту ҳам аз худ бурун шитоб.
Ёрон абас ба ваҳми тааллуқ фусурдаанд,
Ин ҷост чун нигаҳ, қадам аз хона дар рикоб.
Субҳ аз нафас ду мисраъи барҷаста хонду рафт,
Девони эътибору ҳамин байташ интихоб.
Хоҳӣ, нафас хаёл куну хоҳ гарди ваҳм,
Чизе намудаем дар оинаи ҳубоб.
Маҳвему боисе зи таҳайюр падид нест,
Эй фитрат, об гарду зи мо рафъ кун ҳиҷоб.
Маънӣ чӣ во намояд аз ин лафзҳои пуч?
Пур ташна аст ҷилваву оинаҳо сароб.
Дар базми ишқ илм чиву маърифат кадом?
То ақл гуфтаем, ҷунун медарад ниқоб.
Дар оламе, ки ёди ту бо мо муқобил аст,
Оина мекашад ба рухи соя офтоб.
Бедил, зи ҷӯши сабза дар ин раҳ фитодааст
Бе чашм як ҷаҳон мижа туҳматпарасти хоб.

*   *   *

Нагӯямат ба хато соз ё савоб талаб,
Камингар аст зи худ рафтанат, шитоб талаб.
Агар ҳақиқати анҷом дар назар дорӣ,
Зи ҳар куҷо гуҳарат мерасад, ҳубоб талаб.
Шикасти обила ҳар гом соғаре дорад,
Суроғи обе агар хоҳӣ, аз сароб талаб.
Гули нигоҳе агар чидаӣ зи боғи висол,
Ба рӯзи ҳаҷр зи мижгони тар гулоб талаб.
Ба рафъи кулфати ҳар офатест тадбире,
Гар оташе ба дил афтад, зи дида об талаб.
Ҷаҳон зи хеш тиҳӣ гашт, то ту болидӣ,
Ба сифри нуҳ фалак аз қадри худ ҳисоб талаб.
Касе зи марг агар расми зиндагӣ хоҳад,
Ту ҳам зи олами пирӣ бирав, шитоб талаб.
Муқими бекасӣ осуда аз парешонист,
Чу ганҷ офият аз хонаи хароб талаб.
Ту қосиди ҳавасӣ аз адам ба сӯи вуҷуд,
Ҳақиқати нафасат хонда шуд, ҷавоб талаб.
Зи ҷунбиши мижа дарси ишоратат ин аст,
Ки ҳарза аст нигоҳ, андаке ҳиҷоб талаб.
Баҳор мешунавӣ, сайри ранг кун, Бедил,
Зи ҷилва ончи тамаъ дорӣ, аз ниқоб талаб.

*   *   *

Вақти пирӣ шарм доред аз хизоб,
Мӯ сиёҳӣ дидааст он ҷо ба хоб.
Чашми диққатҷавҳаре пайдо кунед,
Ҷуз ба равзан зарра кам дид офтоб.
Эътиборот ончи дорад, зиллат[52] аст,
То гуҳар гул кард, рафт аз қатра об.

Чашм бастан рамзи маънӣ хондан аст,
Нуқта мебошад далели интихоб.
Ҷамъи илм ифлос меорад, на ҷоҳ,
Бештарҳо пӯст мепӯшад китоб.
З-ин баҳорат ончи омад дар назар,
Ибрате гардида бошад бениқоб.
Сӯзи ишқе нест, варна, равшан аст
Ҳамчу шамъат пой то сар фатҳи боб.
Ҷуз равонӣ нест дар дарси нафас,
Сакта мехонад зи лакнат шайху шоб.
Ин ки олам худнамоӣ мекунад,
Нам надорад дар ҷабин мавҷи сароб.
Фаръ[53] азбас моили асли худ аст,
Шишаро ангур медонад шароб.
Фурсати аз худ гузаштан ҳам кам аст,
Як арақ пул бар нафас банд, эй ҳубоб.
Аз мукофоти амал ғофил мабош,
Оташ эмин нест аз ашки кабоб.
Мовуман[54] бенисбат аст, он ҷо ки ӯст,
Бо катон рабте надорад моҳтоб.
Он шикорафкан ба хунам тар нахост[55],
Чашму мижгон буд фитроку рикоб.
Бедил, истиғно ҳамин яъс асту бас,
Даст бардор аз дуои мустаҷоб.

* * *

Ҳамеша сангдилонанд номдори тараб,
Зи ханда нақши нигинро ба ҳам наёяд лаб.
Забони ҳосиду тамҳиди[56] ростӣ ғалат аст,
Каҷӣ бадар натавон бурд аз думи ақраб.

Саводи[57] фақр асармояи сафои дил аст,
Чу субҳ, пок намо чеҳрае ба домани шаб.
Ба ғайри ишқ надорем ҳеҷ оине,
Гузидаем чу парвона сӯхтан мазҳаб.
Ҳунар ба аҳли ҳасад медиҳад натиҷаи айб,
Зи ҷавҳар аст дар абрӯи теғ чини ғазаб.
Ҳавас чӣ гуна кунад шӯхӣ аз дили қонеъ?
Ба домани гуҳар осуда аст мавҷи талаб.
Ба дашти аҷз таҳайюрматоъи қофилаем,
Агар бар оина маҳмил кашем, нест аҷаб.
Чу чашма зиндагии мо ба ашк мавқуф[58] аст,
Дигар зи гиряи мо – бехудон мапурс сабаб.
Бисоти зулф шавад чида дар дамидани хат,
Ба чоки синаи субҳ аст чини домани шаб.
Ҷаҳон қаламрави изҳори бениёзиҳост,
Кадом зарра, ки ӯ нест офтобнасаб?
Сар аз раҳи ту чӣ сон вокашам, ки бе қадамат
Рикоб бо дили сангин тиҳӣ кунад қолаб.
Зи баски душмани осудагист тинати ман,
Чу шуъла мешиканад рангам аз шикастани таб.
Қадаҳпарастӣ аз асбоб фориғам дорад,
Китоби дардисарӣ шустаам ба оби инаб.
Ба хомушӣ талаб аз лаъли ёр коми умед,
Ки бӯса рӯ надиҳад, то ба ҳам наёрӣ лаб.
Ба пеши ҷилваи тоқатгудози ӯ, Бедил,
Газид ҷавҳари оина пушти дасти адаб.

* * *

Ҳар куҷо оташе аз ваҳшатам афрӯхтааст,
Барқ дар аввали парвоз нафас сӯхтааст.
Чӣ хаёл аст, дил аз доғ тасаллӣ гардад,
Ахгаре чашм ба хокистари худ дӯхтааст.

Лофро оинапардози муҳаббат макунед,
Ба нафас ҳеҷ кас ин шуъла наяфрӯхтааст.
Натавон маҳрами таҳқиқ шуд аз илму амал,
Вазъҳо сохтаву мовуман омӯхтааст.
Поси асрори муҳаббат ба ҳавас н-ояд рост,
Шамъ бар қашқаву[59] зуннор чиҳо сӯхтааст?
Эй нафасмоя, дукондории ғафлат то чанд?
Осмон ҷинси саломат ба ту нафрӯхтааст.
Аз қумоши баду неки ду ҷаҳон бехабарем,
Чун ҳаё пираҳани мо назари дӯхта аст.
Заррае нест, ки хуршеднамоӣ накунад,
Гарди роҳат чӣ қадар оина андӯхтааст.
Гар на Бедил сабақ аз мактаби Маҷнун дорад,
Ин қадар чоки гиребон зи кӣ омӯхтааст?

* * *

Омадам, то сад чаман бар ҷилва нозон бинамат,
Нашъа дар сар, май ба соғар, гул ба домон бинамат.
Ҳамчу дил умре дар оғӯши хаёлат доштам
Ин замон ҳамчун нигаҳ дар чашму мижгон бинамат.
Гарди домонат ба мижгони ниёз афшондаам,
Бекусуф[60] акнун ҳамон хуршеди тобон бинамат.
Эй масеҳонашъаи ранҷи ду олам эҳтиёҷ,
Бар нигаҳ зулм аст, агар муҳтоҷи дармон бинамат.
Дидаи хамёзасанҷе чун қадаҳ овардаам,
То ба ранги мавҷи саҳбо, масти ҷавлон бинамат.
Оламе аз нақши поят чашм равшан мекунад,
Андаке пеш ой, то ман ҳам хиромон бинамат.
Ҳаққи зоти туст саъйи дастгириҳои халқ,
То абад, ё Раб, асои нотавонон бинамат!

Арзи теъдоди маротиб хиҷлати шавқи расост,
Он чи дил мамнуни диданҳо шавад, он бинамат.
Ғунчагиҳоят насиби дидаи Бедил мабод,
Чашми он дорам, ки то бинам, гулистон бинамат.

*   *   *

Он ҷангҷӯ ба зоҳир агар пушт додааст,
Пинҳон даре зи фатҳи намоён кушодааст.
Азбаски саъйи ҳиммати мардон фурӯтанист,
Пушти сипаҳ қавӣ ба савори пиёда аст.
Маҳви қафост оинапардозии сафо,
Аз ришдор ҳеҷ мапурсед, сода аст.
Тифлӣ, чӣ мумкин аст равад аз миҷози шайх?
Ҳарчанд мӯ сафед кунад, пирзода аст.
Аз иллати машоиху атворашон мапурс,
Билфеъл тинати нари ин қавм мода аст.
Ҳар ҷо музайянест[61], ба ҳукми салоҳи шаръ,
Дар риши муҳтасиб бачаашро ниҳодааст.
Ин ҷо хаёли гунбади аммома ҳеҷ нест,
Бори сурин ба гардани воиз фитодааст.
Зоҳид куҷову тоати Яздонаш аз куҷо?
Дар вазъи саҷда шеваи хосаш ирода аст.
Раъноии имом надорад сари намоз,
Менозад аз асо, ки ба дасташ чӣ додааст.
Мулло ҳазор бор ба ангуштҳои дахл
Таҳ карда дарсу гарми талоши иъода[62] аст.
Номарду мард то накашад заҳмати гувоҳ,
Қозӣ дар ин муқаддама ғавраш зиёда аст.
Иқболи халқ баски ба идбор[63] баста аҳд,
Пеш уфтодаасту қафо истодааст.

Пастӣ кашид домани ин ҳезтинатон
Чандон, ки номашон ба забонҳо фитодааст.
Нақши ҷаҳон натиҷаи андешаи дуист,
Найранги шахсу оина тимсол зодааст.
Бедил, чӣ зиллат аст, ки гардуни мунқалиб
Дар табъи мард хосияти зан ниҳодааст?

* * *

Аз ин бисот касе доғи орамидан рафт,
Ки бо вуҷуди нафас, ғофил аз тапидан рафт.
Дар ин чаман сари таслимофатем ҳама,
Гуле, ки барқи хазонаш назад, ба чидан рафт.
Зи бас гудози таманно ба дил гиреҳ кардем,
Нафас чу ашк ба дарюзаи чакидан рафт.
Кабоби ғайрати он раҳравам, ки ҳамчу самар
Ба пошикастагии ранг то расидан рафт.
Зи баски қатъи таъаллуқ зи хеш душвор аст,
Чу гоз[65] муддати умрам ба лаб газидан рафт.
Наям чу ашк ба роҳи ту доғи навмедӣ,
Сари суҷуд саломат, агар давидан рафт.
Маҷӯ зи мардуми бемаърифат дами таслим,
Зи сарв аз раҳи беҳосилӣ хамидан рафт.
Суроғи ҷилва зи мо – бехудон магиру мапурс,
Баҳори ҳайрати оина дар надидан рафт.
Фасонае зи рами фурсати нафас хондем,
Ба лаб накарда гузар, он сӯи шунидан рафт.
Хаёли ҳастии мавҳум реша пайдо кард,
Ба фикри хоб матан[66], фасли орамидан рафт.
Ба ҷаҳд маснади иззат намешавад ҳосил,
Наметавон ба фалак, Бедил, аз давидан рафт.

*   *   *

Агар май нест, ҷамъият кадом аст?
Каманди ваҳдат ин ҷо даври ҷом аст.
Чу соғар дар муҳити майкашиҳо
Зи мавҷи бода қуллобам[67] ба ком аст.
Ду олам дар намак хуфт аз ғуборам,
Ҳанӯзам шӯри мастӣ нотамом аст,
Агар бедастгоҳам, ғам надорам,
Чу ҳиндуям сияҳбахтӣ ғулом аст.
Зи болафшониям қатъи назар кун,
Ки сайди ман нигоҳи чашми дом аст.
Ману майхонаи дидор, к-он ҷо
Мижа то боз гардад, хатти ҷом аст.
Дил аз ҳастӣ намечинад фурӯғе,
Нафас дар кишвари оина шом аст.
Ҷаҳон зиндони навмедист, аммо
Даме к-аз худ барой, сайри бом аст.
Дар ин маҳфил ба ҳукми шаръи таслим
Нафас гар мекашӣ, чун май ҳаром аст.
Ба табъи аҳли дунё пухтагӣ нест,
Самар чандон, ки сарсабз аст, хом аст.
Асирӣ шаҳпари озодии мост,
Нигини дом моро сайди ном аст.
Зи ҳастӣ то адам ҷаҳде надорад,
Зи мижгон то ба мижгон ним гом аст.
Ба ғафлат он қадар дурем аз дӯст,
Ки васлаш то расад ин ҷо, паём аст.
Зи Бедил ҷуръати ҷавлон маҷӯед,
Чу мавҷ ин нотавон паҳлӯхиром аст.

*   *   *

Имрӯз даври суҳбат вақфи[68] ситамаёғист,
Қулқул таранги миност, азбаски нашъа ёғист[69].
Илзому[70] инфиол аст шарти вифоқи аҳбоб,
Дилбастагӣ, ки доранд бо якдигар, ҷаноғист[71].
Аз табъи нуктасанҷон инсоф карда парвоз,
Азбаски хурдагиранд, таҳсинашон калоғист[72].
Дар дӯстон шикоят ҳангома гарм дорад,
Ҳар ҷо хамӯшие ҳаст, аз шиква бедимоғист.
Не дил ҳузур дорад, не дида нур дорад,
Сомони ин шабистон кӯрию бечароғист.
То дил алам начинад, аз кина муҳтариз[73] бош,
Гар талхӣ аз ҳаловат гул кард, мева доғист[74].
Мушкил, димоғи савдо озодагӣ нахоҳад,
Доғи ҳавои саҳрост, ҳарчанд лола боғист.
З-ин ҷустуҷӯи ботил бар ҳар чӣ ворасидам,
Дидам, ба дӯши анфос бори адамсуроғист.
Бедил, мани ҷунункеш дар ҳасрати дили ҷамъ
Аз ҳар кӣ чора ҷустам, гуфт: ин мараз димоғист.

*   *   *

Имрӯз, ки уммед ба кӯи ту муқим аст,
Гар бол кушоям, дили парвоз дуним аст.
Натвон зи сарам бурд ҳавои дами теғаш,
Ин ғунча гиреҳбастаи уммеди насим аст.
Шуд ҳоҷати мо пардабарандози ғаноят,
Соил ҳама ҷо оинаи рози карим аст.
Файзи назари кист, ки дар гулшани имкон
Ҳар барги гул имрӯз кафи дасти Калим аст.
Ҷуз коҳиши ҷон нест зи ҳамсуҳбати саркаш,
Гирён бувад он мум, ки бо шуъла надим аст.

Бар софзамирон бувад ошӯби ҳаводис,
Сад мавҷ кашокаш ба сари дурри ятим аст.
Пайваста пуровоз бувад косаи холӣ,
Пургӯии аблаҳ асари табъи сақим[75] аст.
Осудадилӣ улфати яъс[76] аст, вагарна,
Уммед ҳам ин ҷо чӣ кам аз заҳмати бим аст?
Ҳайрони талаб мояи тамйиз надорад,
Дар чашми гадо шаш ҷиҳат осори карим аст.
Берангии гулшан нашавад ҳамсафари гул,
Оина зи худ мераваду ҷилва муқим аст.
Бедил, зи ҷигарсӯхтагӣ чора надорам,
Бо доғ маро лоласифат аҳди қадим аст.

* * *

Андеша дар назокати маънӣ камол дошт,
Ҳусни фурӯғи меҳр ниқоби ҳилол дошт.
Шерозаи ғубори ҳавас гашт хиҷлатам,
Хокам тасаллӣ аз арақи инфиол дошт.
Дил рафт аз барам ба фусуни ҳавои васл,
Ин ғунча дар кушудани оғӯш бол дошт.
Аз худ рамиданест уруҷи димоғи ман,
Ҷомам назар зи гардиши чашми ғизол дошт.
Тухми адаб ба решаи шӯхӣ намезанад,
Мавҷи гуҳар забоне агар дошт, лол дошт.
Ҳуснат ба доди ҳайрати оина мерасад,
Охир лаби хамӯшии мо ҳам суол дошт.
Дилро ғами видоъи ту дар хун нишонда буд,
Ҳоли хуше надошт, ки гӯям чӣ ҳол дошт?!
Пургӯйии ман офати огоҳии дил аст,
Оина буд, то нафасам эътидол дошт.

Мурдему аз ғубори ду олам ба дар задем,
Эй офият, бибол, ки ҳастӣ вабол дошт.
Ғоратгари баҳори нишотам шукуфтагист,
То ғунча буд дил, чамане дар хаёл дошт.
Бедил, ҳазор ҷилва дар оинаат гузашт,
Он шахс ку, ки ин ҳама арзи мисол дошт?!

* * *

Баҳри розам, печутоби фикр гирдоби ман аст,
Шӯхии табъи расо амвоҷи бетоби ман аст.
Софи маънӣ кард мустағнӣ[77] зи дурди суратам,
Чун бати май ботини ман олами оби ман аст.
Шӯри шавқам пардаи оҳанги сози бехудист,
Нолаи ман чун сипанд афсонаи хоби ман аст.
Дар сафои ҳайратам маҳв аст нақши коинот,
Ин катон гумгаштаи оғӯши маҳтоби ман аст.
То камони ваҳшатам дар қабзаи ворастагист,
Дургардиҳо зи мардум тири партоби ман аст.
Ҷабҳаам фарши суҷуди аҳли таслим асту бас,
Қомате дар ҳар куҷо хам гашт, меҳроби ман аст.
Гӯшаи амне зи чашми баста дорам чун ҳубоб,
Гар назар во мекунам бар хеш, селоби ман аст.
Гашт изҳори ҳунар беобрӯиҳои ман,
Ҷавҳарам чун оина реги таҳи оби ман аст.
Ҷоме аз хумхонаи ирфон ба даст овардаам,
Соф гардидан зи ҳастӣ бодаи ноби ман аст.
Ғафлатам, Бедил, иёри[78] имтиҳони ҳушҳост,
Ҳамчу махмал, доми хоби дигарон хоби ман аст.

* * *

Базми гардун субҳхез аз гарди бетоби ман аст,
Нури ин оинаи мино зи симоби ман аст.
Як ҷаҳон забти нафас дорад ба худ печиданам,
Риштаи мавҳуми ҳастӣ ташнаи тоби ман аст аст.
То тағофул дорам, аз вазъи ҷаҳон осудаам,
Чашм пӯшидан бисотороии хоби ман аст.
Дархури ворастагӣ маснадтирози[79] иззатам,
Боли парвозам чу қумрӣ фарши санҷоби ман аст.
Мӯ ба мӯям чашмаи барқи таҷаллиҳои ӯст,
Тур агар оташ фурӯзад, кирми шабтоби ман аст.
Аз мизоҷи гавҳарам шӯхӣ намеболад ба хеш,
Мавҷ умре шуд, батӯфонбурдаи оби ман аст.
Ҷӯши дарде ку, ки оҳанги асар пайдо кунам,
Риштаи қонуни оҳам, яъс мизроби ман аст.
Маҳви шавқам, аз ғами асбоби роҳат фориғам,
Софии оинаи ҳайрат шакархоби[80] ман аст.
Мебарад ҷазби хиромат чун ғубор аз ҷо маро,
Ҷилвае аз чини домони ту қуллоби ман аст.
Умрҳо шуд, з-ин шабистон интихобе мезанам,
Ҳар куҷо ҳайроние гул кард, маҳтоби ман аст.
Ҳар тараф пар мезанад наззора, ҳайрат хуфтааст,
Олами оинаам, ҳамворӣ асбоби ман аст.
Аз қумоши хомушӣ, Бедил дуконе чидаам,
Ҳар чӣ ғайр аз худфурӯшиҳо бувад, боби ман аст.

* * *

Баски мастонро ба қадри майкашиҳо обрӯст,
Мезанад паҳлу[81] ба гардун, ҳар кӣ бар дӯшаш сабӯст.
Ҳар диле к-аз ғам нагардад об, пайкон асту бас,
Ҳар саре к-аз шӯри савдо нашъа напзирад, кадуст.

Барнамеояд ба ҷуз ҳеҷ аз муаммои ҳубоб,
Лафзи мо гар вошикофӣ, маънии ҳарфи магӯст.
Аз шикасти дил ба ҷои нозуке хобидаем,
Бар сари овози чинӣ сояи девор мӯст.
Дар дили ҳар зарра чун хуршед тӯфон кардаем,
Ҳар куҷо оинае ёбанд, бо мо рӯбарӯст.
Моҷарои аҷзи мо нашнида мебояд шунид,
Гуфтугӯи нотавонон нотавонигуфтугӯст.
Ҷайби ҳастӣ чун саҳар ғоратгари чок асту бас,
Риштаи омоли мо беҳуда дар банди руфӯст[82].
Баски дар роҳат арақрези хиҷолат мурдаем,
Гар зи хоки мо таяммум об бардорад, вузӯст,
Чун нигин аз маънии таҳқиқи худ огаҳ наям,
Ин қадар донам, ки нақши ҷабҳаи ман номи ӯст.
Барқ ҷӯшидаст, ҳар ҷо гиряе сар кардаам,
Бо камоли хокбозӣ тифли ашкам шуълахӯст.
То ба худ ҷунбад нафас, сад ранг ҳасрат мекашам,
Дар кафи андеша ҷисми нотавонам килки мӯст.
Чун гуҳар иззатфурӯши сахтҷониҳо наям,
Ҳамчу дарё дархури арзи гудозам обрӯст.
Фикри нозук гашт, Бедил, монеи осоишам,
Дар бисоти дида ин ҷо дурбоши хоб мӯст.

* * *

Барқ бо шавқам шароре беш нест,
Шуъла тифли найсаворе беш нест.
Орзуҳои ду олам дастгоҳ
Аз кафе хокам ғуборе беш нест.
Чун шарорам як нигаҳ арз асту бас,
Оина ин ҷо дучоре беш нест.

Лолаву гул захмии хамёзаанд,
Айши ин гулшан хуморе беш нест.
То ба кай нозӣ ба ҳусни орият?
Мовуман[83] оинадоре беш нест.
Меравад субҳу ишорат мекунад,
К-ин гулистон хандаворе беш нест.
То шавӣ огоҳ, фурсат рафтааст,
Ваъдаи васл интизоре беш нест,
Даст аз асбоби ҷаҳон бардоштан
Саъй гар мард аст, коре беш нест.
Чун саҳар накде ки дар домони туст,
Гар бияфшонӣ, ғуборе беш нест.
Чанд дар банди нафас фарсуданат?
Маҳви он домӣ, ки торе беш нест.
Сад ҷаҳон маънӣ ба лафзи мо гум аст,
Ин ниҳонҳо ошкоре беш нест.
Эй шарор, аз ҳамраҳон ғофил мабош,
Фурсати мо низ боре беш нест.
Ғарқаи ваҳмем, варна, ин муҳит
Аз тунукобӣ каноре беш нест.
Бедил, ин камҳимматон бар иззу ҷоҳ
Фахрҳо доранду оре беш нест.

*   *   *

Бурут тофтанат гурбашонии ҳавас аст,
Ба риш мард шудан бузгумонии ҳавас аст.
Ба ҳарфу савт палангӣ наёяд аз рӯбоҳ,
Фусуни ғурришат афсонахонии ҳавас аст.
Зи одамӣ чӣ маош аст ҳамҷуволии хирс?
Талоши суфу намад зиндагонии ҳавас аст.

Ба ваҳм вонагузорад хирад зимоми ҳавос,
Рама ба гург супурдан шубонии ҳавас аст.
Чӣ лозим аст ба шайхӣ алоқаи дастор?
Харӣ ба шох расондан ҷавонии ҳавас аст.
Ба дастгоҳи шутурмурғ инфиол макаш,
Ки маҳмилат ҳама бар парфишонии ҳавас аст.
Иёри ибрати сарчангҳои хирс бигир,
Ки риши говию ин шонаронии ҳавас аст.
Зи тозиёнаву чӯб ончи мояи асар аст,
Барои кунихарон меҳмонии ҳавас аст.
Танидааст ба думлобагӣ [84] ҷунуни ҳавас,
Бад-ин сагон чӣ қадар мизбонии ҳавас аст.
Ба сеҳри пуч зи эъҷоз дам задан, Бедил,
Дар ин ҳаёкада гӯсолабонии ҳавас аст.

* * *

Беқарориҳои чарх аз дасти каҷрафторӣ аст,
Хокро осудагӣ аз паҳлуи ҳамворӣ аст.
Нест ғайр аз сӯхтан иди мазаллатпешагон[85],
Хорро дар васли оташ пираҳан гулнорӣ аст.
Аз мизоҷи мо чӣ мепурсӣ, ки чун реги равон
Хоки мо чун об аз нанги фусурдан ҷорӣ аст.
Гар зи дасти мо наёяд ҳеҷ, ҷоне меканем,
Нолаи булбул дар ин гулшан гули бекорӣ аст.
Обрӯ хоҳӣ, муқими остони хеш бош,
Ашкро аз дида по берун ниҳодан хорӣ аст.
Парфишонӣ нест мумкин бисмили тасвирро,
Захмии теғи таҳайюр аз тапидан орӣ аст.
Дасти ҳиммат остин мегардад аз холӣ шудан,
Сарнигунӣ мардро аз хиҷлати нодорӣ аст.

Шуъла хокистар шавад, то оварад чашме ба ҳам,
Як мижа осудагӣ ин ҷо ба сад душворӣ аст.
Ғайри теғи ӯ кӣ бардорад сари афтодагон?
Хуфтагонро субҳи равшан сандали бедорӣ аст.
Бигзар аз фикри хирад, Бедил, ки дар базми висол
Гардиши он чашми майгун офати ҳушёрӣ аст.

* * *

Биё, эй ҷому минои тараб нақши кафи поят,
Хироми мавҷи май махмури тарзи омаданҳоят.
Нафас дар сина накҳатошёни хулди тавсифат,
Нигаҳ дар дида шабнампарвари боғи тамошоят.
Шукӯҳи ҷилваат ҷуз дар фазои дил намегунҷад,
Ҷаҳон пур гардад аз оина, то холӣ шавад ҷоят.
Пур осон аст, агар тавфиқ бахшад нури биноӣ
Тамошои биҳишт аз гӯшаи чашми таманноят.
Тавон дар мавҷи соғар ғӯта зад аз нақши пешонӣ,
Ба мастӣ гар диҳад фармон нигоҳи нашъапаймоят.
Фурӯғи шамъ ҳам мушкил тавонад ранг гардондан
Дар он маҳфил, ки манъи даври соғар бошад имоят.
Мурувват сарфи эҷодат, карам файзи худододат,
Адаб таъмири бунёдат, ҳаё осори симоят.
Назарандешии ваҳмам ба доғи ғайр месӯзад,
Диле оина созам, к-аз ту резам ранги ҳамтоят.
Ҳавохоҳи ту иксири саодат дар бағал дорад,
Нафас будам, саҳар гул кардам аз файзи дуоҳоят.
Тиҳӣ аз саҷдаи шавқат сари мӯе намеёбам,
Саропо дар ҷабин меғалтам аз ёди саропоят.
Асар маҳви дуои Бедил аст, уммеди он дорам,
Ки болад дину дунё дар паноҳи дину дунёят.

*  *  *

Пеши чашме ки нури ирфон нест,
Гар бувад осмон, намоён нест.
Умрҳо шуд, дамидааст офоқ,
Белибосӣ ҳанӯз урён нест.
Шамъро гар ба фикри хеш сарест,
То кафи пош ҷуз гиребон нест.
Нақшбанди хаёли дур мабош,
Гул чӣ дорад, к-аз ин гулистон нест?
Бояд аз нақди эътибор гузашт,
Ҷинси бозори ибрат арзон нест.
Бар фалак ҳам хам аст дӯши ҳилол,
Нотавонӣ кашидан осон нест.
Наргисистони ибратем ҳама,
Чашм аз худ бипӯш, мижгон нест.
Оҷизӣ Хизри водии адаб аст,
Пойи хобида ҷуз ба домон нест.
То нафас аз тапиш наёсояд,
Ҷамъ гардидани дил имкон нест.
Хиҷлате чидаед, барчинед,
Худфурӯшон, замона дуккон нест.
Саҷдаро муфти офият шумаред,
Ҷабҳасоӣ кафи пушаймон нест.
Коми айш аз сафои дил талабед,
Хона оташ задан чароғон нест.
Гуҳ махӯр, эй тамаъ, ки нони хасон
Ҳазм ногашта боби дандон нест.
Шарм дор аз талаб, ки бар дари халқ
Силие ҳаст, агар хӯрӣ, нон нест.
Бедил, имрӯз дар мусулмонон
Ҳама чиз аст, лек имон нест.

* * *

То зи ҷинси табу тоби нафас осоре ҳаст,
Ишқро бо дили савдозадаам коре ҳаст.
Ку диле, к-аз ҳавас ороиши дукконаш нест?
Дар сафохонаи ҳар оина бозоре ҳаст.
Халқе офаткаши найранги хаёл аст ин ҷо,
Ҳеҷ кас нест хар, аммо ҳамаро боре ҳаст.
Хок гаштему зи таъсири хаёли ту ҳанӯз
Дили ҳар зарраи мо чашмаи дидоре ҳаст.
Мовуман ҳеҷ кам аз наъраи мансурӣ нест,
То нафас ҳаст, ҳузури расану доре ҳаст.
Эй дил, ибром[86] макун, чашмаш агар ҷон талабад,
Аз мурувват магузар, хотири беморе ҳаст.
Боиси қатли ман аз лоларухон ҳеҷ мапурс,
Ин қадар бас, ки бигӯянд: гунаҳкоре ҳаст.
Оташи ҳусни кӣ дар дайри хаёл афтодаст?
Шамъ ҳам сӯхтаи қашқаву зунноре ҳаст.
Захми моро асарандуди табассум准писанд,
Ки дар ин мавҷи гуҳар гарди намакзоре ҳаст.
Беҳ, ки дар пеши лабат арзи хамӯшӣ набарад,
Тӯтиеро ки зи шаккар сари гуфторе ҳаст.
Ё Раб, аз партави дидор нагардад маҳрум,
Маҳфили ҳайрати мо оинамиқдоре ҳаст.
Умр дар забти нафас сайди расоӣ дорад,
То тавонӣ, ба гиреҳ гир, агар торе ҳаст.
Ҳамчу он нағма, ки аз тор бурун меояд,
Агар аз хеш равӣ, ҷодаи бисёре ҳаст.
Тоби хуршеди ҷамолаш чу надорӣ, Бедил,
Дар хаёли хати ӯ сояи деворе ҳаст.

* * *

Танам зи банди либоси такаллуф[87] озод аст,
Бараҳнагӣ ба барам хилъате худодод аст.
Накард зиндагиям як дам аз фано ғофил,
Зихудфаромушии ман ҳамеша дар ёд аст.
Ҳуҷуми шавқ надонам, чӣ муддао дорад?
Зи сина то сари кӯят ғубори фарёд даст.
Чӣ нақшҳо ки набаст орзу ба пардаи шавқ?
Хаёли мӯйи миёни ту килки Беҳзод аст.
Машав зи нолаи най ғофил, эй нишотпараст,
Ки шамъи анҷумани умр равшан аз бод аст.
Ҳадиси зуҳд раҳо кун, қаландарӣ омӯз,
Чӣ ҷойи донаи тасбеҳу доми аврод аст?
Сафои сина ғанимат шумору ишрат кун,
Ки кори тирадилон чун ғубор бар бод аст.
Зи сояи мижаи ӯ канора гир, эй дил,
Ту хастаболию ин сабза дасти сайёд аст.
Ғубори ҳастии ман нола медиҳад бар бод,
Дигар чӣ мекунӣ, эй ашк, вақти имдод аст.
Зи ҳасти хеш мазан дам, ки дар муҳити адаб
Ҳубобро нафаси сарди хеш ҷаллод аст.
Ба қайди ҷисм сабукрӯҳ муттаҳам нашавад,
Шарар, агар ҳама дар санг бошад, озод аст.
Наҷот металабӣ, хомушӣ гузин, Бедил,
Ки дар тариқи саломат хамушӣ устод аст.

* * *

Танҳо на зарра диққати изҳор доштаст,
Хуршед низ оина дар кор доштаст.
Дил ғарраи[88] чӣ айш нишинад, ки зери чарх
Гавҳар шикасту оина зангор доштаст.

Танзеҳ дар саноеи осори даҳр нест,
Ин шишагар ҳақиқати гилкор доштаст.
Дар шаш ҷиҳат танидани оҳанги ҳайратест,
Қонуни дарди дил чӣ қадар тор доштаст?!
Огоҳ нест ҳеҷ кас аз нашъаи ҳузур,
Ҳайрат ҳазор соғари саршор доштаст.
Нақши нигорхонаи дил ҷуз хаёл нест,
Оина ҳар чӣ дорад, аз он ор доштаст.
Эй аз ҷунуни ҷаҳл таносонӣ орзуст,
Ҳуше, ки сояро кӣ нигунсор доштаст?
Қадди дутост ҳалқаи чандин суҷуди ноз,
Гӯё, сuроғе аз дари дилдор доштаст.
Ҳарчанд доғ гашт дилу дида хун гирист,
Огаҳ нашуд, ки ишқ чӣ озор доштаст.
Бедил, ту андаке гиреҳи дил кушода кун,
К-ин навғазал чӣ санъати асрор доштаст.

* * *

Чойи ором ба ваҳшаткадаи олам нест,
Заррае нест, ки саргарми ҳавои рам нест.
Гиреҳи бод бувад давлати ҳастӣ чу ҳубоб,
То Сулаймон нафасе арза диҳад, хотам нест,
Чаман аз ғунча ба ҳар шох сиришкаш гиреҳ аст,
Мижаи аҳли тараб ҳам ба ҷаҳон бенам нест.
Ҳеҷ доно назанад теша ба пойи ором,
Аз биҳишт он ки бурун омадааст, одам нест.
Гӯ, биё барқу фурӯ рез ба кишти ду ҷаҳон,
Акс агар маҳв шуд, оинаи моро ғам нест.
Риштаворе нафаси сӯхта афрӯхтаем,
Шамъ дар хилвати бедории дил маҳрам нест.

Гар ҷаҳон ноз бар асбоби фузунӣ дорад,
Баҳри сомони камӣ зарраи мо ҳам кам нест.
Ин қадар ваҳм зи оғӯши нигаҳ меболад,
Дида ҳар гаҳ мижа овард ба ҳам, олам нест.
Чашм бар мавҷи хатат дӯхтан аз содадилист,
Риштаҳои раги гулро гираҳи шабнам нест.
Адами соя зи хуршед муайян гардид,
Гар ту шӯхӣ накунӣ, ҳастии мо мубҳам[89] нест.
Бедил, аз бас ба гирифтории дил хӯ кардем,
Бе ғами дому қафас, хотири мо хуррам нест.

* * *

Ҷое ки нуҳ фалак зи ҳаё сар фикандааст,
Чун гул чамандимоғии[90] иқбол ханда аст.
Дидем дастгоҳи ғурури сабуксарон,
Сармояи кулоҳи ҳама пашми ганда аст.
Мансубаи хирад ҳамаро моти ваҳм кард,
З-ин арса хокбозии тифлон баранда аст.
Аз хок барнадошт фалак, ҳар кадар хамид,
Боре, ки пирӣ аз хами дӯшам фикандааст.
Бар айби халқ хурда нагиранд маҳрамон,
Эй бехабар, ману ту Худо нест, банда аст.
Номуси эҳтиёҷ ба ҳиммат нигоҳ дор,
Дасти тиҳӣ ҷунуни гиребондаранда аст.
То тешаат ба по нахурад, жожхо мабош,
Дандон даме ки пеш фитад, лабгазанда аст.
Аз яъси муддао раҳи ором руфта гир,
Ин дашт тахтаи кафи афсӯси ранда аст.
Моро маоли[91] кори тараб бедимоғ кард,
Бӯйи гули чароғ дар ин базм ганда аст.
Бедил, мабош ғарраи сомони эътибор,
Ҳарчанд ранг бол надорад, паранда аст.

* * *

Чашми хирад оинаи ҷоми майи ноб аст,
Абрӯи сухан дар шикани мавҷи шароб аст.
Огоҳии дал металабӣ, тарки ҳунар гир,
К-аз ҷавҳари худ бар рухи оина ниқоб аст.
Бетоби фано он ҳама кӯшиш написандад,
Шабгири[92] шарарҳо ҳама як лаҳза шитоб аст.
Ориф ба Худо мерасад аз гардиши чашме,
Дар ним нафас баҳр ҳамоғӯши ҳубоб аст.
Кайфияти тӯфонкадаи гиря мапурсед,
Дар ҳар нами ашкам ду ҷаҳон олами об аст.
Ин баҳр гудози ҷигари сӯхта дорад,
Обе ки ту дорӣ ба назар, ашки кабоб аст.
Чун сиккаи давлат ба касе нест мусаллам,
Пайдост, ки ҳар нақши нигин нақш бар об аст.
Хуш бош, ки дар майкадаи нашъаи таҳқиқ
Миное агар ҳаст, ҳамон ранги шароб аст.
Бе ҷунбиши дил роҳ ба ҷое натавон бурд,
Яксар ҷараси қофилаи мавҷ ҳубоб аст.
Дар маҳфили қонуни навосанҷии ушшоқ
Гӯше ки адофаҳм нашуд, гӯши рубоб аст.
То сурма нагаштем, ба чашмаш нарасидем,
Дар базми хамӯшон нафаси сӯхта боб аст.
Дил чист, ки бо хок баробар натавон кард?
Бе рӯи ту то хонаи оина хароб аст.
Дониш ҳама ғафлат шавад аз аҷзи расоӣ,
Чун тори назар кӯтаҳӣ орад, раги хоб аст.
Бедил, агар афсурдадиле ҷамъи кутуб кард,
Дар мадрасаи дониши мо ҷилди китоб аст.

*   *   *

Чашме, ки надорад назаре, ҳалқаи дом аст,
Ҳар лаб, ки сухансанҷ набошад, лаби бом аст.
Бечавҳарӣ аз ҳарзадароист забонро,
Теғе, ки ба зангор фурӯ рафт, ниём аст.
Мағрури камолӣ, зи фалак шиква чӣ лозим?
Кори ту ҳам аз пухтагии табъи ту хом аст.
Гӯянд: Биҳишт асту ҳамон роҳати ҷовид,
Ҷое ки ба доғе натапад дил, чӣ мақом аст?
Чашми ту набастаст магар гуфтушунудат?
Маҳви худӣ, эй бехабар, афсона кадом аст?
Эй шуъла, умеди нафаси сӯхта то чанд?
Фардост, ки парвози ту фарсудаи дом аст.
Навмедиям аз қайди ҷаҳон шиква надорад,
Бо дому қафас тоири парбохта ром аст.
Кай субҳ ниқоб афканад аз чеҳра, ки имшаб
Оинаи бахти сияҳам дар кафи шом аст?!
Не сабр ба дил монду на ҳайрат ба назарҳо,
Эй сели дилу барқи назар, ин чӣ хиром аст?
Мастанд асирони хамупечи муҳаббат,
Дар ҳалқаи гесӯи ту зикри хати ҷом аст.
Бигзар зи ғано, то нашавӣ душмани аҳбоб,
Аввалсабақи ҳосили зар тарки салом аст.
Бедил, ба гумон маҳви яқинам, чӣ тавон кард?
Камфурсатӣ аз васлпарастони паём аст.

*   *   *

Ҳазар зи роҳи муҳаббат, ки пур хатарнок аст,
Ту мушти хори заифию шуъла бебок аст.
Тавон ба бекасӣ эмин шуд аз мазаррати[94] даҳр,
Самуми[95] ҳодисаро бахти тира тарёк аст.

Ба ихтиёр нарафтем, ҳар куҷо рафтем,
Ғубори мову нафас ҳукми сайду фитрок[96] аст.
Зи бас замона ҳуҷуми касодбозорист,
Чу ашк гавҳари мо вақфи домани хок аст.
Чӣ гуна кам шавад аз мо маломати зоҳид?
Ки сад забони дарозаш ба чӯби мисвок аст.
Аз ин муҳит, ки дар бенамист тӯфонаш,
Касе ки оби рухе бурд, гавҳараш пок аст.
Ғубори ҳодиса ҳиснест[97] нотавононро,
Каманди мавҷи хатар нохудои хошок аст.
Зе хеш рафтани мо раҳбаре намехоҳад,
Далели қофилаи субҳ синаи чок аст.
Наёмадаст шаробе ба арзи шӯхии ранг,
Ҷаҳон ҳанӯз сияҳмасти сояи ток аст.
Чӣ вонамоямат аз чашмбанди олами ваҳм?
Ки худнамоию оина дар дили хок аст.
Замона каҷманишонро[98] ба бар кашад, Бедил,
Касе ки рост бувад, хори чашми афлок аст.

* * *

Хоки ғурбат кимиёи мардуми некахтар аст,
Қатра дар гарди ятимӣ хушк чун шуд, гавҳар аст.
Мавҷи шуҳрат дар камини хомушӣ пар мезанад,
Мисраи барҷаста оҳанге зи тори мистар аст.
Зиштии аъмол дорад барқи нафрин дар бағал,
Шоҳиди ҳусни амалро ҷӯши таҳсин зевар аст.
Мансаби гавҳарфурӯшӣ нест махсуси садаф,
Ҳар навое к-аз лаби хомӯш ҷӯшад, гавҳар аст.
Аз маоли ҷустуҷӯҳои нафас огаҳ наям,
Ин қадар донам, ки сайри шуъла то хокистар аст.

Муҳри хомӯшист чун оина сар то пойи ман,
Гар ба арзи гуфтугӯ оям, забонам ҷавҳар аст.
Ин муаммо ҷуз дами теғи ту накшояд касе,
К-аз ҳазорон уқдаам як уқда савдои сар аст.
Мехурӯшад ишқу аз ҳам мегудозад пайкарам,
Наъраи шер ин найистонро ба оташ раҳбар аст.
Гар маро асбоби парвозе набошад, гӯ, мабош,
Тоири рангам, шикасти хотирам болу пар аст.
Ҳамчу шабнам дар тилисми домгоҳи ин чаман
Мурғи моро файзи обу дона аз чашми тар аст.
Роҳати ҷовиди фақр аз ҷоҳ натвон ёфтан,
Хоки соҳил қимати худ гар шиносад, гавҳар аст.
Каъбаҷӯ афтод шӯхиҳои тоқат, варна, ман
Ҳар куҷо аз по нишинам, остони дилбар аст.
Ҷӯши дониш иқтизои софии дил мекунад,
Хонаи оинаро ҷорӯб зулфи ҷавҳар аст.
Маргро дар тинати осудатабъон роҳ нест,
Оташи ёқут, Бедил, эмин аз хокистар аст.

*   *   *

Хомушӣ дар парда сомони такаллум кардааст,
Аз ғубори сурма овозе таваҳҳум[99] кардааст.
Бе ту гар чанде дар ин маҳфил ба ибрат зиндаем,
Дар бинои мо чу шамъ оташ тараҳҳум кардааст.
То хамӯшӣ доштем, офоқ беташвиш буд,
Мавҷи ин баҳр аз забони мо талотум кардааст.
Аз адам ноҷаста шӯхиҳои ҳастӣ мекунем,
Субҳи мо ҳам дар ниқоби шаб табассум кардааст.
Маъбади[100] ҳирс остони саҷдаи беиззатист,
Оламе ин ҷо ба оби рӯ таяммум кардааст.

Ҳеҷ кас мағрури истеъдоди ҷамъият мабод,
Қатраро гавҳар шудан беруни қулзум кардааст.
Хомтабъон аз фишори ранҷи даҳр озодаанд,
Пухтагӣ ангурро зиндонии хум кардааст.
Ғайбати золим газандаш кам маяндеш аз ҳузур,
Неши ақраб нардбонҳо ҳосил аз дум кардааст.
Сеҳркориҳои чарх аз ихтилоти бенасақ[101]
Хушкии атвори мардумро сирешум[102] кардааст.
Он тапиш, к-аз захми ҳасратҳои рӯзӣ доштем,
Гарди моро чун саҳар анбори гандум кардааст.
Ин гулистон ғунчаҳо бисёр дорад, бӯ кунед,
Дар ҳамин ҷо Бедили мо ҳам диле гум кардааст.

* * *

Халқро бар сари ҳар луқма зи бас саршиканист,
Ношто гар шиканӣ, қалъаихайбаршиканист[103].
Магзар аз завқи ҳаловаткадаи маҳфили дард,
Нолапардозии най олами шаккаршиканист.
Нафас аз забти тапиш маънии дил мебандад,
Гавҳаророии ин мавҷ ба худ даршиканист.
Сад қиёматкада дар пардаи ҳайрат дорем,
Мижа бар ҳам задани мо сафимаҳшаршиканист.
Сахт корест, ки бо кулфати дил сохтаем,
Занги оина шудан саддисикандаршиканист.
Мебарад саъйи фано тангӣ аз оғӯши ҳубоб,
Вусъати машраби мо тобеи соғаршиканист.
Орзу ҳасрати мижгони кӣ дорад, ё Раб?
Ки нафас дар ҷигарам бехуди ништаршиканист.
Маҳв кун арзи камолу дили равшан дарёб,
Софии оина оинаи гавҳаршиканист.

Тарки ҷамъияти дил сахт надомат дорад,
Баҳр яксар араќи хиҷлати гавҳаршиканист.
Бедил, аз хеш ба ҷуз нафй[104] чӣ исбот кунем?
Рангро шӯхии парвоз ҳамон паршиканист.

* * *

Хатти хубон ҳам ҳарифи табъи ваҳшатпеша нест,
Тухми шабнам дар раги гул дар тилисми реша нест.
Пириям роҳи фано бар зиндагӣ ҳамвор кард,
Бесутуни умрро ҷуз қомати хам теша нест.
Дастгоҳи маънии нозук суханро зевар аст,
Ҷавҳари ин теғ ҷуз печухами андеша нест.
Пой дар доман кашидан нашъаи ҷамъият аст,
Бодаи моро чу шабнам эҳтиёҷи шиша нест.
Сози ҳастӣ яққалам омодаи барқи фаност,
Мушти хошоке, ки натвон сӯхтан, дар беша нест.
Об гардидем, бар ҳар гул ки чашме дӯхтем,
Шабнами моро ба ғайр аз худгудозӣ пеша нест.
Дил зи мақсад ғофилу он гоҳ лофи ҷустуҷӯ?
Шарм дор аз маънии лафзе, ки дар андеша нест.
Пайкари хамгашта иншо мекунад мӯйи сафед,
Мавҷи ҷӯйи шир бе имдоди оби теша нест.
Аз сари афтода побарҷост бунёдам чу шамъ,
Нахли таслими маро ғайр аз тавозуъ реша нест.
Бедил, аз хешон намебояд ионат[105] хостан,
Мӯмиёӣ чорафармои шикасти шиша нест.

* * *

Ханда субҳест, ки дар банди гиребони гул аст,
Айш мавҷест, ки саргаштаи тӯфони гул аст.

Ғунчаро бӯйи дилафзо сухани зерилабист,
Хулқи хуш абҷади тифлони дабистони гул аст.
Маҳви рангинии гулзори тамошои туам,
Аз нигаҳ то мижаам арзи хиёбони гул аст.
Баски сад ранг ҷунун зинда шуд аз бӯйи баҳор,
Дами Исо хиҷил аз ҷунбиши домони гул аст.
Дар гулистони вафо саъйи касе зоеъ нест,
Ранг ҳам гар равад аз худ, пайи сомони гул аст.
Оламе чашм ба гарди рами мо равшан кард,
Дами субҳ оинапардози чароғони гул аст.
Эй хуш он дида, ки дар анҷумани тозаниёз
Боли булбул ба назар дораду ҳайрони гул аст.
Даври беҳушии моро қадаҳе лозим нест,
Гардиши ранг ҳамон лағзиши мастони гул аст.
Ғунчасон ғафлати мо боиси ҷамъияти мост,
В-арна, бедории гул хоби парешони гул аст.
Мотаму сури ҷаҳон оинаи якдигаранд,
Мақтаи оҳи саҳар матлаи девони гул аст.
Дидае во куну найранги таҳайюр дарёб,
Ин гулистон ҳама як захми намоёни гул аст.
Бедил, аз ёди рухаш ғӯта ба гулшан задаем,
Сари андешаи мо маҳви гиребони гул аст.

* * *

Хандаам субҳе ба сад чоки гиребон ошност,
Гиря селобе ба чандин дашту домон ошност.
Сояамро метавон чун зулфи хубон шона кард,
Баски табъи ман ба сад фикри парешон ошност.
Дастам аз дил барнамедорад гудози орзу,
Сел умре шуд, ки бо ин хонавайрон ошност.

Аз фусуни носеҳон бар хеш меларзам чу об,
Як тани урёни ман бо сад зимистон ошност.
Ҷаври ҳусну сабри ошиқ тавъами[106] якдигаранд,
Бо ханданги ӯ дили ман ҳамчу пайкон ошност.
Дургарди васлам, аммо дар тамошогоҳи шавқ
Бо дилам тири нигоҳаш то ба мижгон ошност.
Нестам огаҳ, чӣ гул мечинам аз боғи ҷунун?
Ин қадар донам, ки дастам бо гиребон ошност.
Ҳеҷ кас дар боргоҳи огаҳӣ мардуд нест,
Софии оина бо габру мусулмон ошност.
Ғарқи дил шав, то ба асрори ҳақиқат ворасӣ,
Қаъри ин дарё ҳамин бо ғӯтахорон ошност.
Мо – ҷунункорон зи тоқат яққалам бегонаем,
Сахтҷонӣ бо дили саброзмоён ошност.
Базми васлу ҳастии ошиқ хаёле беш нест,
Қатра, даст аз худ бишӯ, ҳарчанд тӯфон ошност.
Бедил, ин маҳфил ниҳон дар гиряи шамъ асту бас,
Доғи он захмам, ки бо лабҳои хандон ошност.

* * *

Худнамоиҳо касофатҷавҳарист,
Шиша, то дар санг мебошад, парист.
Эътибор ин ҷо надорад офият,
Шамъ сар то пош помоли сарист.
Сарв гул нокарда, озодӣ маҳоҳ,
Ин самар вақфи баҳори бебарист.
Пунба неҳ дар гӯшу вокаш[107] бехалал,
Хонаи осудагӣ қуфлаш карист.
Бехудиро чорсӯи ноз кун,
Ранг гардондан дукони ҷавҳарист.

Оташам, оташ, мапурс аз кисватам,
Ҳар чӣ мепӯшам, ҳамон хокистарист.
Инфиоли саҷда з-он дар мебарам,
Чун ҷабин бар ман арақ бояд гирист.
Рангҳо яксар шикастомодаанд,
Ин гулистон олами миногарист.
Яккалам мӯйи шиканпарвардаем,
Паҳлуи мо нардбони лоғарист.
Фитрат аз норостӣ чап мехурад[108],
Лағзиши ин хома аз бемистарист.
Васл пайғом аст, чун омад ба ҳарф,
То худое гуфтаӣ, пайғамбарист.
Мардро дар халқ мунсиф зистан
Бар сипеҳри авҷи иззат меҳварист.
Чун арақ гавҳарфурӯши хиҷлатем,
Қимати мо инфиоли муштарист.
Бедил, аз бунёди мо хиҷлат нарафт,
Хоки мо чун об мавзӯи тарист.

* * *

Дар такаллум аз надомат ҳеҷ кас осуда нест,
Ҷунбиши лаб яккалам ҷуз дасти барҳамсуда нест.
Роҳатободе, ки мардум ҷаннаташ номидаанд,
Бетакаллуф, ин сухан ғайр аз лаби накшуда нест.
Гар забон аз шӯхии изҳор водуздад нафас,
Софии оинаи матлаб ғуборандуда нест.
Поси номуси сухан дар безабонӣ равшан аст,
Ҳеҷ мазмуне дар ин сурат нафасфарсуда нест.
Қатраҳо аз забти мавҷ оинадори гавҳаранд,
То шавад равшан, ки саъйи хомушӣ беҳуда нест.
Гуфтугӯ, Бедил, далели ҳарзатозиҳои мост,
То ҷарас фарёд дорад, корвон осуда нест.

* * *

Дар хамӯши якқалам овозаи ҷамъият аст,
Ғунчаро поси нафас шерозаи ҷамъият аст.
Лаззати осудагӣ ошуфтагон донанду бас,
Зулф аз ҳар ҳалқа дар хамёзаи ҷамъият аст.
Ҷуз ба мурдан манзили ором натвон ёфтан,
Гӯр агар лаб во кунад, дарвозаи ҷамъият аст.
Ҳамчу гирдобам дар ин дарёи тӯфонэътибор
Умрҳо шуд, гӯш бар овозаи ҷамъият аст.
Сӯхтан хокистароро гашт муфти офият,
Шуълаи моро навиди тозаи ҷамъият аст.
Гул ба қадри ғунча гардидан парешон мешавад,
Тафриқа оинаи андозаи ҷамъият аст.
Хоксориҳои Бедил дар парешонмашрабӣ
Шоҳиди ошуфтагиро ғозаи ҷамъият аст.

* * *

Дар рабти халқ яксар номуси кибриёест[109],
Чун субҳа ҳар кас ин ҷо дар олами ҷудоест.
Мунъим ба чатру афсар иқбол мефурӯшад,
Ғофил ки бар сари мо бесоягӣ ҳумоест.
Ворастагиаёғем, бе ваҳми боғу роғем,
Субҳи фалакдимоғем, бар боми мо ҳавоест.
Дорад ҷаҳони иқбол идбор дар муқобил,
Бар худсарӣ мачинед, ҳар ҷо сарест, поест.
Орому рам дар ин дашт фарқ онқадар надорад,
Дар дида ончи кӯҳ аст, дар гӯшҳо садоест.
Овораи хаёлот дил бар чӣ бандад охир?
Гар ишқ бениёз аст, дар ҳусн бевафоист.
З-ин вартаи хиҷолат осон наметавон раст,
Чун шамъ зиндагиро дар ҳар арақ шиноест.

Дархурди сахтҷонӣ бояд ғами ҷаҳон хӯрд,
Таркиби вусъи тоқат маъҷуни иштиҳоест.
Бемоягони қудрат шоистаи қабуланд.
Дасти шикаста бораш бар гардани дуоест.
Гӯши тазаллуми дил з-ин анҷуман кӣ дорад?
Дар гарди мӯйи чинӣ фарёди сурмасоест.
Гулзори бебариҳо ворастагибаҳор аст,
Дар сарнигунии бед ҳар барг пушти поест.
Бедил, куҷо барад кас бедоди бетамизӣ?
Дунё гузаргаҳе буд, пиндоштем, ҷоест.

* * *

Дар тариқи рафтан аз худ раҳбаре даркор нест,
Ваҳшати наззораро болу паре даркор нест.
Киштии тадбири мо тӯфонии ҳукми қазост,
Ҷуз дами таслим ин ҷо лангаре даркор нест.
Ҳар сари мӯ баҳри ғафлатпеша болини пар аст,
Аз барои хоби махмал бистаре даркор нест.
Мебарад, чун гирдбод аз хеш саргардониям,
Сархуши дашти ҷунунро соғаре даркор нест.
Дар ниёми ҳар нафас теғи дудам хобидааст,
Чун саҳар, дар қатъи ҳастӣ ханҷаре даркор нест.
Мушти хоки мо саропо фарши таслим асту бас,
Саҷдаи моро ҷабинею саре даркор нест.
Ҷӯши хун нозукдилонро пӯст бар тан медарад,
Аз заифӣ бар раги гул ништаре даркор нест.
Хешро аз дидаи худбини худ пӯшидан аст,
Эҳтиёти мо барои дигаре даркор нест.
Фикри маркаб дар тариқи фақр сози гумраҳист,
Нафс дар фармон агар бошад, харе даркор нест.
Истиқомат бас бувад арбоби ҳимматро камол,
Баҳри теғи кӯҳ, Бедил, ҷавҳаре даркор нест.

* * *

Дар печутоби гесӯ то шонаро арӯсист,
Сайри саводи занҷир девонаро арӯсист.
Бе гиря нест мумкин таъмири ҳасрати дил,
То сел мехиромад, вайронаро арӯсист.
Дарё гуҳарфурӯш аст аз орамидани мавҷ,
Гар орзу бимирад, фарзонаро арӯсист.
Айши бисоти имкон мавқуфи ғафлати мост,
То мо сиёҳмастем[110], майхонаро арӯсист.
Файзе наметавон бурд, то дил ба ғам насозад,
Оташ зану тараб кун, к-ин хонаро арӯсист.
Дилро баҳори ишрат тарки хаёли ҷисм аст,
Гар сар барорад аз хок, ин донаро арӯсист.
Бозори ваҳм гарм аст аз ҷинси бешуурӣ,
Дар базми хобнокон афсонаро арӯсист.
Аз лутфи сарфарозон шоданд зердастон,
Дар хандаи сурохӣ паймонаро арӯсист.
З-он нолае, ки занҷир дар бори шавқ дорад,
Фарзонаро надомат, девонаро арӯсист.
Дар сина бе хиёлат рақси нафас муҳол аст,
То шамъ ҷилва дорад, парвонаро арӯсист.
Бедил, чаро насӯзам шамъи видоъи ҳастӣ?
З-он шӯхи ошнокуш бегонаро арӯсист.

* * *

Дар хаёлободи роҳат огаҳӣ номаҳрам аст,
Ҷилва нанмояд биҳишт, он ҷо ки ҷинси одам аст.
Дар назарҳо гарди ҳайрат, дар нафасҳо шӯри аҷз,
Сози базми зиндагониро ҳамин зеру бам аст.
Аз дуто гаштан надорад чора нахли мевадор,
Қомати ҳар кас ба зери бор меояд, хам аст.

Яъстамҳид аст ин уммедҳо, ҳушёр бош,
Ҳар қадар арзи амалҳо[111] беш, фурсатҳо кам аст.
Бо фурӯғи ҷилваат наззорагиро тоб ку?
Ранги гул чун оташ афрӯзад, сипандаш шабнам аст.
Дар бинои ҳайрат аз ҳусни ту мебинам халал,
Хонаи оина ҳам барпо ба девори нам аст.
Дарси ибратҳои моро нусхае даркор нест,
Чашми оҳуро саводи хеш сармашқи рам аст.
То нафас боқист, золим нест бе фикри фасод,
Гӯшагири фитна мебошад, камонро то дам аст.
Шуъла ҳар ҷо мешавад саргарми таъмири ғурур,
Доғ механдад, ки ҳамворӣ бинои муҳкам аст.
Айши шоҳӣ дар тилисми серчашмӣ бастаанд,
Косаи чашми гадо гар пур шавад, ҷоми Ҷам аст.
Дӯстон, ҳошо, ки рабти улфати ҳам бигсаланд,
Мавҷҳоро рафтан аз худ ҳам дар оғӯши ҳам аст.
Номдориҳо гирифторист дар доми бало,
Бедил, ангушти шаҳонро тавқи гардан[112] хотам аст.

* * *

Дар сояи абрӯ нигаҳат масту хароб аст,
Чун теғ зи сар даргузарад, олами об аст.
Ошиқ ба чӣ уммед занад фоли тамошо?
Дар олами найранги ту то ҷилва ниқоб аст.
Як ғунчаи бедор надорад чамани даҳр,
Шохи гули ин боғ саросар раги хоб аст.
Мо ғарқаи тӯфони хаёлем, вагарна,
Ин баҳр тунукмоятар аз мавҷи сароб аст.
Як дидаи тар беш надорем чу шабнам,
Дар қофилаи мо ҳама минои гулоб аст.

Парвонаи комиладаби пойи чароғем,
Дар кишвари мо болу пари рехта боб аст.
Фурсатталабӣ лозими анҷоми вафо нест,
То бисмили мо гарми тапиш гашт, кабоб аст.
Бемағз бувад донаи кишти амали[113] даҳр,
Дар риштаи мавҷ ар гуҳаре ҳаст, ҳубоб аст.
Ибратгаҳи имкон набувад ҷойи иқомат,
Дар дида нигаҳро ҳама дам по ба рикоб аст.
Дар ишқ ба маъмурии дил ғарра мабошед,
Ҳар ҷо қадами сел расидаст, хароб аст.
Бедории бахтам зи гули обилапоист,
То ғунча бувад, дидаи уммед ба хоб аст.
Чун ҷавҳари оина зи ҳайрат ҳама хушкем,
Ҳарчанд рагу решаи мо дар дили об аст.
Ҷуз сӯзу гудоз аз пари парвона нахондем,
Ин сафҳаи оташкада ҷузви чӣ китоб аст?
Бедил, зи суханҳои ту маст аст шунидан,
Таҳрики забони қаламат мавҷи шароб аст.

* * *

Дил аз баҳори хаёли ту гулшани роз аст,
Нигаҳ ба ёди ҷамолат биҳиштпарвоз аст.
Хаёли марҳами кофур[114] гулфурӯш мабод,
Ба рӯи теғи туам чашми захми дил боз аст.
Ту барқи ҷилванигаҳдушманӣ, касе чӣ кунад?
Шикасти оина аз ҳусни мастии ноз аст.
Гудохтам зи таҳайюр, ки чашми оина ҳам
Баҳори ҳусни туро шабнами назарбоз аст.
Маям чу накҳати гул ҷавҳари ҳаво гардид,
Ҳанӯз шишаи рангам шикастаноғоз аст.

Лабе, ки ханда дар ӯ хун шавад, лаби миност,
Раге, ки неш ба дил мезанад, раги соз аст.
Сахост нашъаи шуҳрат карамнажодонро,
Кушодадомании абр боли парвоз аст.
Фиреби аҷз махӯр аз пари шикастаи ранг,
Ки дар гирифтани парвоз чангули боз аст.
Зи печутоби нафас сӯзи дил тавон донист,
Забони дуд ба асрори шуъла ғаммоз аст.
Надонам, ин ҳама ҳарфи ҷунун кӣ мегӯяд?
Ки гӯши ҳалқаи занҷири мо пуровоз аст.
Тавон зи бехудиям кард сайри олами ҳусн,
Шаҳиди ишқаму хунам қаламрави ноз аст.
Ниҳоли гулшани қадри суханварӣ, Бедил,
Ба қадри маънии барҷаста гарданафроз аст.

* * *

Рафтани умр зи рафтори нафасҳо пайдост,
Ваҳшати мавҷ тамошои хироми дарёст.
Гирдбоде, ки ба худ дудсифат мепечад,
Нафаси сӯхтаи синаи чоки саҳрост.
Ҷавҳари оина афсурда зи қайди ватан аст,
Аксро гарди сафар оби рухи нашвунумост.
Аз гуҳар мавҷ муҳол аст таровад берун,
Гираҳи тори назар чашми ҳаёпешаи мост.
Қатъи сарриштаи парвози талаб натвон кард,
Бол агар силсила кӯтоҳ кунад, нола расост.
Наргиси масти туро дар чамани ҳусни адо
Майи шӯхӣ ҳама дар соғари лабрези ҳаёст.
Баски бе обила гоме нашумурдам ба раҳат,
Оби оина зи нақши қадамам чеҳракушост.

Эътибори ба худ оташ заданам саҳл магир,
Қадри шамъ аз ҳама кас як сару гардан болост.
Эй таманно, макун аз хиҷлати ҷавлон обам,
Умрҳо шуд, чу гуҳар қатраи ман обилапост.
Ҳеҷ кас нест забондони хаёлам, Бедил,
Нағмаи пардаи дил аз ҳама оҳанг ҷудост.

* * *

Зиндагӣ накди ҳазор озор аст,
Ҳар қадар кам шуморӣ, бисёр аст.
Дили ҷамъе, ки тавон гуфт, куҷост?
Ғунча ҳам як сару сад девор аст.
Ба шумори манумо хурсандем,
Чӣ тавон кард, нафас бекор аст?
Асари саъйи кадом обилапост?
Хори ин раҳ мижаи хунбор аст.
Хоксорон чамани хуррамиянд,
Сабзаву гул ба замин бисёр аст.
Ҳусн нодида тамошо дорад,
Мижа бардоштанат девор аст.
Дар адам низ ғуборе дорад,
Хокам оинаи ҷавҳардор аст.
Пешпо мехӯрам аз улфати дил,
Бар нафас оина ноҳамвор аст.
Норасоӣ қафаси шикваи кист?
Хомушӣ печиши сад тӯмор аст.
Ғунчаро хандаву парвоз якест,
Боли мо дар гираҳи минқор аст.
Чун ҷарас, кош, ба манзил нарасем,
Нолаи мо зи асар безор аст.

Мурда ҳам фикри қиёмат дорад,
Орамидан чӣ қадар душвор аст.
Бедил, аз санъати тақдир мапурс,
Зулфи ёрему шаби мо тор аст.

* * *

Содагӣ дилро асири фикрҳои хом дошт,
То таҳайюр буд дар оина, акс ибром[115] дошт.
Гар намебуд орзу, ташвиши ҷонкоҳӣ набуд,
Моҳиёнро ташнаи қуллоб ҳирси ком дошт.
Аз адои абруят лутфи нигаҳ фаҳмидаем,
Ин камон ранги фиреб аз равғани бодом дошт.
Дил на имрӯз аз сафо фоли сабӯҳӣ мезанад[116],
Дар кудурат низ ин оина айши шом дошт.
Мо зи худдорӣ абас хуни талабҳо рехтем,
Дар садои боли бисмил офият пайғом дошт.
Дил мусаффо кардан аз хешам ба тавфи ҷилва бурд,
Оина бар дӯши ҳайрат ҷомаи эҳром дошт.
Бепаруболӣ тапишфарсудаи парвоз нест,
Ҳар касе ин ҷо ба қадри оҷизӣ ором дошт.
Дар ниқоби ашкам охир ҳасрати дил қатра зад[117],
Ранги саҳбо пои гардидан ба табъи ҷом дошт.
Чун арақ з-ин нақди исоре[118] ки об аст аз ҳаё,
Мо адо кардем, ҳар кас аз хиҷолат вом дошт.
Баски, Бедил, бар табоеъ[119] ҳирси шуҳрат ғолиб аст,
Ҷонканиҳо санг ҳам дар орзуи ном дошт.

* * *

Сармояи узри талабам аз ҳама беш аст,
Дар қофилаи ашк ҳамин обила пеш аст.
Ҷаҳде, ки зи фикри ҳасади халқ барой,
Хоре ки ба пое нахалад, марҳами реш аст.

То марг фусурдан накашад тинати мардон,
Оташ ҳама дам сӯхтаи ғайрати хеш аст.
Ҷое ки зи хатти ту нумӯ сабз нагардад,
Фирдавс агар тал шавад, анбори ҳашиш[120] аст.
Аз барги тароват нигаҳе об надодем,
Сарсабзии ин боғ ба шохи бузу меш аст.
Аз санг шарар кам нашуд, аз хок ғубораш,
Аз яъс бипурсед, ки роҳат ба чӣ кеш аст?
Бастаст қазо рабти алоиқ[121] ба гусастан,
Ҳуш дор, ки бегонагие бо ҳама хеш аст.
Дуккони адам мояи тағйир надорад,
Моему матоъе, ки на кам буду на беш аст.
Бедил, баадаб бош, ки дар пайкари инсон
Гар раг кунад изҳори пурӣ, ташнаи неш аст.

* * *

Сиришкам нусхаи девонаи кист?
Ҷигар оинадори шонаи кист?
Ҷунун меҷӯшад аз тарзи каломам,
Забонам лағзиши мастонаи кист?
Дилам гар нест фонуси хаёлат,
Нафас болу пари парвонаи кист?
Зи худ рафтам, вале бӯе набурдам,
Ки рангам гардиши паймонаи кист?
Хамӯшӣ нола мегардад, мапурсед,
Ки он ноошно бегонаи кист?
Надорад мазраи имкон дамидан,
Табассум обёри донаи кист?
Шуурам ранг гардонд, аз кӣ пурсам,
Зи худ рафтан раҳи кошонаи кист?

Гудози дил ки сели хонумонҳост,
Арақпарвардаи девонаи кист?
Наёвардем мижгоне фароҳам,
Намакпоши ҷигар афсонаи кист?
Дили ошиқ ба истиғно наярзад,
Хамӯшӣ вазъи густохонаи кист?
Ба пирӣ ҳам нафаҳмидем, афсӯс,
Ки дунё бозии тифлонаи кист?
Ба дайру Каъба корат чист, Бедил?
Агар фаҳмидаӣ дил хонаи кист.

* * *

Сари ҳар кас зи гуле пар задааст,
Гул надонист, чӣ бар сар задааст?
Гар бувад оина манзури бутон,
Чашми мо ҳам мижа камтар задааст.
Лағзиши майкадаи аҷз расост,
Пойи беобила соғар задааст.
Бе рухаш номи тамошо мабаред,
Бар нигоҳам мижаи тар задааст.
Бо дили ҷамъ ҳамон месӯзам,
Шуъла ин ҷо дари ахгар задааст.
Шамъ гар сайри гиребон дорад,
Фоли парвоз таҳи пар задааст.
То раҳе во шавад аз қадди дуто,
Зиндагӣ ҳалқа бар ин дар задааст.
Шавқат аз нома бар он мустағнист,
Ранги мо пар ба кабутар задааст.
Гираҳи дил зи кӣ ҷӯяд нохун?
Дасту пойи ҳама қайсарзадааст[122].

Нола гар машқи ҷунун мехоҳад,
Шаш ҷиҳат сафҳаи мистарзадаст.
Ғофил аз таъни кас огоҳ нашуд,
Бар раги мурда кӣ ништар задааст?
То куҷо заҳмати уммед барем?
Нафас ин бол мукаррар задааст.
Нест оташ, ки зи ҷо бархезад,
Дили бемор ба бистар задааст.
Фақр озодии бесохтаест[123],
Кӯтаҳӣ домани мо бар задааст.
Ин сухан нест, ки ёрон фаҳманд,
Ибрат аз Бедили мо сар задааст.

* * *

Сифла бо ҷоҳ низ ҳеҷкас аст,
Мӯр агар пар баровард, магас аст.
Нафсро бешиканҷа магзоред,
Саги девона муслиҳаш[124] марас[125] аст.
Хиффати[126] аҳли шарм бебокист,
Чун парад чашм, поймоли хас аст.
Мунфаил нест халқи ҳарзамаош,
Ду ҷаҳон як димоғи булҳавас аст.
Бар умеди кушоди укдаи кор
Чашм агар боз кардаем, бас аст.
Хуни афсурдаем, боқӣ ҳеч,
Хирқаи мо чу пӯст бар адас[127] аст.
Фурсати рафтанест боби суроғ,
Корвони хаёл беҷарас аст.
Оина нисбате ба дил дорад,
Ки мақоми тааммули нафас аст.

Муфлисонро зи олами асбоб
То гиребон тамом дастрас аст.
Ҳар кӣ ҷаст аз адам, ба ҳастӣ сохт,
Як қадам пеш ошён қафас аст.
Бедил, аз хок меравем ба бод,
Ғайр аз ин нест, ончи пешу пас аст.

*   *   *

Шайх, то азм бар намоз шикаст,
Сад вузӯ тоза карду боз шикаст.
Сӯфӣ афканд бар замин мисвок,
Ваҷд дандони ин гуроз шикаст.
Шубҳа дарси тааммули ману туст,
Ранги таҳқиқ аз имтиёз шикаст.
Айши сарбаста дошт хомӯшӣ,
Лаб кушудан тилисми роз шикаст.
Бар замин тохт ҳодисоти фалак,
Ба нишеб омад аз фароз шикаст[128].
Ададомӯз буд вазъи сипеҳр,
Гардани мо хами ниёз шикаст.
Дил хароби иъодаи дард аст,
Шишаҳо ҳасрати гудоз шикаст.
Ноумедӣ калиди матлабҳост,
Эй басо дар, ки кард боз шикаст.
Дастгоҳ он қадар набояд чид,
Остине, ки шуд дароз, шикаст.
Мутриби ин надоматанҷуманем,
Нағмаи мост аҷзу соз шикаст.
Бедил, аз пайкари хамидаи мо
Натавонӣ кулоҳи ноз шикаст.

* * *

Ошиқӣ мақдури ҳар айёш нест,
Ғам кашидан санъати наққош нест.
Ҳусни маҳбубе, ки моро доғ кард,
Гар қиёмат фош гардад, фош нест.
Гар шавӣ огоҳ аз одоби ҳузур,
Маҳрами хуршед ҷуз хаффош нест.
Бениёзӣ аз тасаннуъ[129] фориғ аст,
Базми дил густардаи фаррош нест.
Гарди авҳом андаке бояд нишонд,
Ҳастӣ охир арсаи пархош[130] нест.
Шаш ҷиҳат фарш аст истиғнои фақр,
Муфлисӣ дар ҳеҷ ҷо қаллош нест[131].
Нуҳ фалак аз шӯри бемағзӣ пур аст,
Ин макон ҷуз гунбади хашхош[132] нест.
Чашми роҳат чун нафас аз дил мадор,
Хонаи оинаат шаббош нест.
Истиқомат рафта гир аз сози шамъ,
Саркашӣ бо ҳар кӣ бошад, пош нест.
Бо такаллуф марг ҳам зиллаткашист,
Аз кафан гар бигзарӣ, наббош[133] нест.
Эй ҳавасмеҳмони хони зиндагӣ,
Ғусса бояд хӯрдан, ин ҷо ош нест.
Дар тағофулхонаи абрӯи ӯст,
Бедил, он тоқе ки нақшаш фош нест.

* * *

Қонуни адаб пардадари савту садо нест,
З-ин соз магӯ, то нафасат сурманаво нест.
Аз ҳар чӣ асар вокашӣ, афсона далел аст,
Сармояи ин қофила ҷуз бонги даро[134] нест.

Ҳар ҳарф, ки омад ба забон, мунфаилам кард,
Кам ҷаст аз ин кеш[135], ҳаданге ки хато нест.
Ҳиммат чӣ қадар зери фалак бол кушояд?
Паст аст ба ҳадде, ки дар ин хона ҳаво нест.
Умрест, ки аз сози бадандомии офоқ
Гар риштаву тобест, ба ҳам тангқабо[136] нест.
Моро тарии ҷабҳа ба ибрат нарасонид,
Ҷинси араќи саъй зи дуккони ҳаё нест.
Бе аҷзи расо қобили раҳмат натавон шуд,
Дасте, ки баландӣ расадаш, боби дуо нест.
Ҳуш дор, ки дар сояи девори қаноат
Хобест, ки дар хоби пару боли ҳумо нест.
Вомондаи аҷзем зи афсуни тааллуқ,
Гар дил накашад ришта, нафас обилапо нест.
Аз ҷаҳлу хирад то ҳавасу ишқу муҳаббат
Ҷуз мо чӣ матоъ аст, ки дар хонаи мо нест?
Моро карами оми ту муҳтоҷи ғано кард,
Гар ҷилва тағофул занад, оина гадо нест.
Ҷуз маънӣ аз осори иборат натавон хонд,
Гар ғайри Худо фаҳм кунӣ, ғайри Худо нест.
Ҳар бебасареро накунад маҳрами таҳқиқ,
Он дасти ҳинобаста, ки ҷуз ранги ҳино нест.
Бедил, рами фурсат чаманорост дар ин ҷо,
Гул фикри иқомат чӣ кунад, ранг ба ҷо нест?

* * *

Коҳиши табъи ман аз фитрати бебоки худ аст,
Шамъро барқи фано шуълаи идроки худ аст.
Ғайр мушкил, ки шавад доми асирони вафо,
Қафаси ваҳшати субҳам ҷигари чоки худ аст.

Бар накардем сар аз доираи ҳайронӣ,
Шабнами мо нигаҳи дидаи намноки худ аст.
Ранги бетобии дил аз нафаси ман пайдост,
Гардани шишаи ин бода раги токи худ аст.
Тӯбӣ [137] ин ҷо самараш қобили дил бастан нест.
Зоҳид аз бехабарӣ решаи мисвоки худ аст.
Гар дил аз шарми карам об шавад, исор аст,
Варна, гавҳар ҳама ҷо укдаи имсоки[138] худ аст.
Нест дилро чу шикаст анҷумани офияте,
Садафи гавҳари мо синаи садчоки худ аст.
Гирдбод аз нафаси сӯхта доме дорад,
Сайди ин бодия дар ҳалқаи фитроки худ аст.
Зарару нафъи ҷаҳон аст ба нисбат, варна,
Заҳр дар олами худ соҳиби тарёки худ аст.
Дил ба хун метапад аз шӯхии ҷавлони нафас,
Мавҷи бетобии ин баҳр зи хошоки худ аст.
Шуъларо саҷдагаҳе нест чу хокистари хеш,
Ҷабҳаи мо нуқати доираи хоки худ аст.
Бедил, аз содадилӣ оина лабрези сафост,
Оби ин чашма зи мавҷи назари поки худ аст.

* * *

Кинаро дар домани дилҳои сангин маскан аст,
Ҳар куҷо тухми шарар дидем, сангаш хирман аст.
Хоксорон қосиди афтодагиҳои ҳаманд,
Ҷодаро тӯмори нақши по ба манзил бурдан аст.
Бо дили ҷамъ аз хароши сина ғофил нестам,
Ғунчасон дар ҳар сарангуштам ниҳон сад нохан аст.
Бигзар аз асбоб, агар огоҳӣ аз завқи фано,
Чун шавад манзил намоён, гарди роҳ афшондан аст.

Ғафлати таҳқиқ бар мо тору пуди ваҳм бофт,
Варна, дар маҳтоб аҳволи катонҳо равшан аст.
Бе лаби ӯ чун хаёли ғайр дар дилҳои соф
Шишаҳоро мавҷи саҳбо хор дар пироҳан аст.
Оташе дар ҷайби дил дуздидаам, к-аз сӯзи он
Мӯ бар аъзоям чу гулхан дуди чашми равзан аст.
Ҳеҷ савдое батар аз заҳмати ифлос нест,
Дасти қудрат чун тиҳӣ шуд, бо гиребон душман аст.
Аз видоъи ғунча оғӯши гул иншо кардаем,
Бегиребонӣ тамошогоҳи чандин доман аст.
Бедил, аз чашми таҳайюрпешагон нам хостан
Домани оина бар уммеди об афшурдан аст.

* * *

Мовуман[139] гум гашт, ҳар гаҳ хоб шуд ҳамбистарат,
Байзаи анқост сар дар зери болини парат.
Авҷи ҳиммат, то нафас боқист, пастӣ мекашад,
Бигзарӣ з-ин нардбонҳо, то расӣ бар манзарат.
Сар ба зону дӯхтан, он гаҳ хаёли маҳрамӣ?
Бегумон, ин ҳалқа афкандаст беруни дарат.
Эй ҳубоб, аз сифри авҳом ин қадар болидаӣ?
Як нафас дигар бияфзо, гар наёяд боварат.
Оташи ин корвон дар ҳеҷ ҳол осуда нест,
Баъди мурдан низ парвозест дар хокистарат.
Кош, аз ин ҳастӣ садои аррахиле бишнавӣ,
Мекашад ҳар субҳ чандин пунба аз гӯши карат.
З-ин дабистон маънии ҷамъиятат равшан нашуд,
Чун саҳар, азбас парешон буд хатти мистарат.
Эй майи минои ишрат, аз такаллуф пур мабол,
Рехтӣ дар хок, агар лабрез кардӣ соғарат.

То ба кай бандӣ ваболи худ ба дӯши дигарон?
Об беҳ оина аз шарми кафи равшангарат.
Ҳамчу шамъат фурсати ҳастӣ балогардон бас аст,
Рангҳо дорӣ, ки мегардад ҳамон гирди сарат.
Хоҳ бар гардун қадам зан, хоҳ рав зери замин,
Ҷуз ҳамин вайрона натвон ёфт ҷойи дигарат.
Бе раги гардан мадон дар имтиҳонободи ишқ
То начарбад[140] ришта дар сӯзан ба ҷисми лоғарат.
Аз ҳаловатгоҳи кунҷи фақр агар огаҳ шавӣ,
Бӯриё хоҳад найистон шуд ба завқи шаккарат.
Обрӯ афзуд, то ҷустӣ канор аз таври халқ,
Нанги дарё дар гиреҳ баст эътибори гавҳарат.
Омадурафти нафас, Бедил, қиёмат доштаст,
Пушту рӯйи як варақ карданд чандин дафтарат.

*   *   *

Машшотаи шӯхе, ки ба дастат дили мо баст,
Мехост чаман тарҳ кунад, ранги ҳино баст.
Он ранг, ки медошт дареғ аз вараќи гул,
Аз дур кафи дасти ту бӯсиду ба по баст.
Охир чаманеро ба сарангушти ту печид,
Во кард ниқоби шафақу ғунчанамо баст.
Об аст зи шабнам дили ҳар барги гул имрӯз,
К-ин ранги чамансози вафо сахт баҷо баст.
З-ин нур ки аз шамъи сарангушти ту гул кард,
То шуъла занад оташи ёқут, ҳаё баст.
Кайфияти гул кардани ин ғунча ба рангест,
К-аз ҳайрати саршор тавон оинаҳо баст.
Арбоби назарро ба тамошои баҳораш
Дасти мижае буд, таҳайюр ба қафо баст.

То арза диҳад мунтахаби нусхаи асрор,
Тарроҳи чаман маънии ҳар ғунча ҷудо баст.
Бедил, ту ҳам аз шавқ чаман шав, ки ба ин ранг
Шерозаи девони ту имрӯз ҳино баст.

* * *

Масти ирфонро шароби дигаре даркор нест,
Ҷуз тавофи хеш даври соғаре даркор нест.
Саъйи парвозат чу бӯйи гул гар аз худ рафтан аст,
То шикасти ранг бошад, шаҳпаре даркор нест.
Субҳро изҳори шабнам хандаи дандоннамост,
Синачоки шавқро чашми таре даркор нест.
Хиффату тамкин ҳиҷоби нашъаи ворастагист,
Баҳр агар бошӣ, ҳубобу гавҳаре даркор нест.
Шона гар машшотаи зулфат набошад, гӯ, мабош,
Дафтари ошуфтагиро мистаре даркор нест.
Оташи хуршедро набвад кавокиб ҷуз сипанд,
Ҳусн чун саршор бошад, зеваре даркор нест.
Сӯхтан чун шамъ авҷи пояи иқболи мост,
Доғ манзур аст ин ҷо, ахтаре даркор нест.
Шуълаҳо дар пардаи саъйи ҷаҳон хобидааст,
Гар нафас сӯзад касе, оташгаре даркор нест.
Изтироби дил зи ҳар мӯям чакидан мекашад,
Чун раги абри баҳорам ништаре даркор нест.
Олами аҷз аст ин ҷо, ҷоҳ ку? Шавкат кадом?
То тавонӣ, нола кун, карруфаре даркор нест.
Хишти бунёди ту бар ҳам чидани мижгон бас аст,
Дар тағофулхона бому манзаре даркор нест.
Зуҳду тақво ҳам хуш аст, аммо такаллуф бартараф,
Дарди дилро бандаам, дарди саре даркор нест.
Ҳирс қонеъ нест, Бедил, варна, аз сози маош
Он чи мо даркор дорем, аксаре дар кор нест.

* * *

Нафаси булҳавасон бар дили равшан теғ аст,
Шамъи афрӯхтаро ҷунбиши доман теғ аст.
Шишаро саркашии хеш нишондаст ба хун,
Гардани беадабонро раги гардан теғ аст.
Миннати сояи иқбол зи оташ кам нест,
Гар ҳумо бол кушояд ба сари ман, теғ аст.
Хоки таслим ба сар кун, ки дар ин дашти ҳалок
Ту надорӣ сипару дар кафи душман теғ аст.
Натавон аз нафаси сӯхтагон эмин буд,
Дуди ин хона чу барқаст зи равзан, теғ аст.
Акс хунест фурӯ рехта аз пайкари шахс,
Гар ҳама оина созанд зи оҳан, теғ аст.
То мухолиф зи мувофиқ қадаме фосила нест,
Дар гулӯ об чу истод зи рафтан, теғ аст.
Кӯҳ аз нолаву фарёд намеосояд,
Чӣ кунад, бар сари ин пои ба доман теғ аст?
Зулфиқоре дигар аст, он ки кунад қатъи амал[141],
Варна, миқроз ҳам аз баҳри буридан теғ аст.
Кулфати зиндагӣ аз марг батар мебошад,
Шамъи моро зи сари худ нагузаштан теғ аст.
Сатри хуне зи парафшонии бисмил хондем,
Ки гар аз хеш равӣ, ҷодаи равшан теғ аст.
З-ин надомат, ки ба васле нарасидам, Бедил,
Ҳар нафас дар ҷигарам то дами мурдан теғ аст.

* * *

Нест эмин аз бало, ҳар кас ба фикри ҷустуҷӯст,
Рӯзу шаб гирдобро аз мавҷ ханҷар бар гулӯст.
Дар тамошое ки моро бори[142] ҷуръат додаанд,
Орзу дар сина хор асту нигаҳ дар дида мӯст.

Ҷодаи каҷ раҳравонро сархати ҷонкоҳӣ аст,
Боиси ошӯби дилҳо печутоби орзуст.
Он чи натвон дод ҷуз дар дасти маҳбубон, дил аст,
В-он чи натвон рехт ҷуз дар пойи хубон, обрӯст.
Бар фиреби арзи ҷавҳар гирди пуркорӣ магард,
Оина бе ҳусн натвон ёфтан, то содарӯст.
Ҳусни берангест дар ҳар ҷо ба ранге ҷилвагар,
Дар дили сангончи мебинӣ шарар, дар ғунча бӯст.
Ғайри ҳайрат обёри мазраи ушшоқ нест,
Чун раги ёқут ин ҷо реша дар хуни нумӯст.
Бе фано натвон ба кунҳи маънии ашё расид,
Оина гар хок гардад, бо ду олам рӯбарӯст.
Дар ибодатгоҳи мо, к-он ҷо ҳавасро бор нест,
Нақши хеш аз лавҳи ҳастӣ гар тавон шустан, вузӯст.
Хору хасро эътиборе нест ғайр аз сӯхтан,
Обрӯи мазраи мо барқи истиғнои ӯст.
Ғафлати мо пардадори айби биноӣ хуш аст,
Чоки домони нигаҳро бастани мижгон руфӯст.
Чун забони хома, Бедил, дар кафи устоди ишқ
Бо камоли нуктасанҷӣ бехабар аз гуфтугӯст.

*   *   *

Вазъи тартиби адаб дар арсагоҳи лоф нест,
Қобили ин зеҳ камони қабзаи наддоф[143] нест.
Аз адам меҷӯшад ин афсонаҳои мовуман,
Гар ба маънӣ ворасӣ, ҷуз хомушӣ ҳарроф[144] нест.
Ғафлати дилҳо ҷаҳонеро мушавваш во намуд,
Ҳеҷ ҷо мӯҳиштар[145] аз оинаи нософ нест.
Роиҷу қалби[146] дукони ваҳм беандоза аст,
Бо чӣ пардозад димоғи нотавон? Сарроф[147] нест.

Хоби роҳат муддаои мунъим аст, аммо чӣ суд?
Махмале ҷуз бӯриёи факр таскинбоф нест.
Ҳар киро дидам, дар ин машҳад[148] дунимаш кардаанд,
Теғи қотил ҳам бар ин тақдир беинсоф нест.
Он суйи хавфу раҷо[149] хулди яқин пайдо кунед,
В-арна, имоне ки машҳур аст, ҷуз аъроф нест.
Нақши ин дафтар камоҳӣ [150] кашфи табъи мо нашуд,
Айнаки фитрат дар ин ҷо он қадар шаффоф нест.
Булфузули ҷуд бош, ин базми икром асту бас,
Ҳар қадар бахшад касе об аз муҳит, исроф нест.
Аршу фарш ин ҷо муҳоти вусъатободи дил аст,
Каъбаи моро саводи тангӣ аз атроф нест.
Толиби фаҳми мусаммоӣ, иёри исм гир,
Сурати анқо ҳамин ҷуз айну нуну қоф нест.
Қайди дил, Бедил, ғубори нанги фитратҳо мабод,
То зи мино нагзарад, дурд аст ин май, соф нест.

*   *   *

Ваҳми ҳастӣ ҳеҷ касро аз тапидан во надошт,
Муҳри болу пар ҳамон ҷуз байзаи анқо надошт.
Оламе з-ин базми ибрат муфлису маъюс рафт,
Кас нашуд огаҳ, ки чизе дошт бо худ ё надошт.
Бекасӣ заҳматпарасти миннати аҳбоб нест,
Ёди айёме, ки кас ёд аз ғубори мо надошт.
Ҳар чӣ пеш омад, ҳамон рӯ бар қафо кардем сайр,
Яккалам дӣ доштем, имрӯзи мо фардо надошт.
Даъвии соҳибдилӣ аз ҳарзагӯён ботил аст,
То нафас безабт мезад, шишагар мино надошт.
Машқи ҳамворӣ дар ин мактаб далели хомушист,
То дуруштӣ дошт санги сурма, ҷуз ғавғо надошт.

Ҳирс ҳар сӯ раҳ барад, бар симу зар дорад назар,
Зоҳид аз фирдавс ҳам матлуб ҷуз дунё надошт.
Қонеъон сероби таскин аз зулоле дигаранд,
Оби ширине, ки гавҳар дорад, аз дарё надошт.
То зи тамкин нагзаранд одобдонони вафо,
Шамъи маҳфил дар сар оташ дошт, зери по надошт.
То биёбонмарги навмедӣ набояд зистан,
Ҳар куҷо рафтем, моро бекасӣ танҳо надошт.
Дуриям з-он остон девона кард, аммо чӣ суд?
Он қадар хоке ки афшонам ба сар, саҳро надошт.
Чун нафас, Бедил, нафасҳо дар тараддуд сӯхтам,
Гӯшаи дил ҷои роҳат буд, аммо ҷо надошт.

* * *

Ҳарчанд дар ин гулшан ҳар сӯ гули худрӯест,
Аз хуни шаҳидонат дар ранги ҳино бӯест.
Аз силсилаи таҳқиқ ғофил натавон будан,
Тӯли амали офоқ аз олами гесӯест.
Эй чарх, сари моро помоли ҷафо мапсанд,
Ин лавҳи хати таслим аз хоки сари кӯест.
Тавфиқи расо ишқ аст, моро чӣ тавоноист?
Ёзидани ҳар дасте аз қуввати бозуест.
Бе ҷаҳди ҳилол ин ҷо маҳ нақш намебандад,
Эҷоди ҷабини мо вазъи хами зонуест.
Шому саҳари олам то субҳдами маҳшар
З-ин хоб ки мо дорем, гардондани паҳлӯест.
Хар сӯ назар афкандем, дил кӯшиши беҷо дошт,
Олам ҳама дар маънӣ Фарҳоди ҷунунхӯест.
Тафриқи ҳаќу ботил маснӯъи хаёлот аст,
Гар хат накашад шӯхӣ, ҳар пушти варақ рӯест.

Фурсатнашиносонем мо бехабарон, варна,
Ҳар ман ки ба пеши мост, то дам задаем, ӯест.
Ҳеҷ аст миёни ёр, аммо чӣ тавон кардан?
Аз ҳайрати мавҳумӣ дар дидаи мо мӯест.
Ҷое ки ғурури ӯст, аз мо кӣ нишон ёбад?
Дар бодияи Лайлӣ Маҷнун рами оҳуест.
Бедил, ба тавозуъҳо сайди дили мо кардӣ,
Мо бандаи ин вазъем, ин сурати абрӯест.

* * *

Ҳар куҷо гул кард доғе, бар дили девона сӯхт,
Ин чароғи бекасӣ то сӯхт, дар вайрона сӯхт.
Олам аз хокистари мо мавҷи соғар мезанад,
Чашми махмури кӣ моро ин қадар мастона сӯхт?
Ҳусн як мижгон нигаҳро рухсати шӯхӣ надод,
Шамъи ин маҳфил тапишҳо дар пари парвона сӯхт.
Муждаи васли ту шуд ғоратгари осоишам,
Хоб дар чашмам ҳамон ширинии афсона сӯхт.
Вазъи дунё ҳеҷ бар девона таъсире накард,
Бештар ин барқи ибрат хирмани фарзона сӯхт.
Доғи дил шуд раҳнамои кӯҳу ҳомун лоларо,
Сар ба саҳро мезанад, ҳар кас матоъи хона сӯхт.
Барқи номуси муҳаббатро чу доғ оинаам,
Ман ба хокистар нишастам, гар дили бегона сӯхт.
Мастии чашми туро нозам, ки барқи ҳайраташ
Мавҷи майро чун нигаҳ дар дидаи паймона сӯхт.
Баски хубонро зи рашки ҷилваат доғ аст дил,
Метавон аз оташи санги санам бутхона сӯхт.
Дур чашми бад, зиёнкори замини улфатам,
Мазраъе дорам, ки бояд чун сипандам дона сӯхт.

Орзуҳо дар нафас хун кард истиғнои дил,
Нола дар занҷир аз тамкини ин девона сӯхт.
Бисмили он тоирам, Бедил, ки дар гулзори шавқ
Чун шарор, аз гармии парвоз бетобона сӯхт.

* * *

Ёр дур аст зи мо, то ба назар наздик аст,
Имтиёз оинаи дурии ҳар наздик аст.
Мегазад ҷавҳари оина кафи дасти тиҳӣ,
Бохабар бош, ки ифлосу ҳунар наздик аст.
Агар аз неъмати алвон натавон ком гирифт,
Муғтанам гир, ки дандон ба ҷигар наздик аст.
Чун нафас ним нафас дар қафаси оинаем,
Роҳати манзили мо пур ба сафар наздик аст.
Дуди дил муждаи хокистари мо доду гузашт,
Яъне, ин шаб ки ту дидӣ, ба саҳар наздик аст.
Хами таслим ҳам аз вазъи ниёзам бипазир,
Ҳалқа ҳарчанд бурун аст зи дар, наздик аст.
Ғайри бисмил ҳама кас ҷусту надоранд суроғ,
Ошёне ки ба афшондани пар наздик аст.
Дурии обу гуҳар бар ману дилдор мабанд,
Он қадар нест, ки гӯям: чӣ қадар наздик аст?
Бедил, оина бипардоз, ғами дурӣ чанд?
Осмон низ ба андози назар наздик аст.

* * *

Бемағзию дорӣ ба мани сӯхтаҷон баҳс,
Эй пунба, макун ҳарза ба оташнафасон баҳс.
Аз як нафас аст ин ҳама шӯри манумоят,
Бар як раги гардан чӣ қадар чида дукон баҳс?

Бо чарх далерӣ бувад асбоби надомат,
Эй дидаварон, сарфа надорад[151] ба духон баҳс.
Дар тарки таҷаммул алами[152] шӯру шаре нест,
Булбул нанамояд ба чаман фасли хазон баҳс.
Аз мадраса дам нозада бигрез, вагарна,
Бархост раги гардану омад ба миён баҳс.
Дар нусхаи марг аст, гар инсоф тавон ёфт,
То илми фано нест, ҳамон баҳсу ҳамон баҳс.
Аз оҷизии ман ҷигари хасм кабоб аст,
Бо об кунад оташи сӯзанда чӣ сон баҳс?
Зеру бами ин анҷуман офотхурӯш аст,
Ҳар дам задан ин ҷо дами теғ асту фасон баҳс.
Бо санг ҷунун мекунад андози шарорам,
Умрест, ки дорад нигаҳу хоби гарон баҳс.
Дар маъракаи ҳуш, ки хун бод бисоташ,
То ранг нагардид, нагардонд инон баҳс.
Гар дарси хамӯшӣ сабақи ҳоли ту бошад,
Бедил, нарасад бар ту зи анбои[153] замон баҳс.

* * *

Хорист ба ҳар каҷманиш азростравон баҳс,
Бар хок фитад тир, чу гирад ба камон баҳс.
Гӯёии оина бас аст аз лаби ҳайрат,
Ҳайф аст, шавад ҷавҳари равшангуҳарон баҳс.
Тамкин чӣ қадар хиффати дил мекашад он ҷо,
К-аз ҳарфи баду нек кунад кӯҳи гарон баҳс.
Бо теша чаро чеҳра[154] шавад нахли баруманд?
Бо хамшудақомат макун, эй тозаҷавон, баҳс.
Мотамкадаи илм шумар мадраса, к-он ҷост
Инсоф ба хун ғӯтазану навҳакунон баҳс.

Гар бехираде соз кунад ҳарзазабонӣ,
Бигзор, ки чун шуъла бимирад ба ҳамон баҳс.
Он кист, ки гардад тарафи мавлавӣ имрӯз?
Як теғи забон дораду сад нӯки синон баҳс.
Аз ҷӯши ғубори манумо арсаи имкон
Баҳрест, ки чидаст карон то ба карон баҳс.
Дил шикваи он ҳалқаи гесӯ написандад,
Ҳарчанд кунад оина бо оинадон баҳс.
Бо хасм дами теғ бувад ҳуҷҷати мардон,
Зан шавҳари марде, ки кунад ҳамчу занон баҳс.
Бедор шуд аз нолаи ман ғафлати инсоф,
Гарднд ба ҳайрат вараҷи хоби гарон баҳс.
Ҷамъияти гавҳар накашад заҳмати амвоҷ,
Бедил, ба хамӯшон накунад аҳли забон баҳс.

* * *

То зи пайдоӣ ба гӯшам хонд афсун эҳтиёҷ,
Рӯзи аввал чун дилам хобонд дар хун эҳтиёҷ.
Ҳусну ишқе нест, ҷуз иқболу идбори зуҳур,
Лайлии ин базм истиғност, Маҷнун эҳтиёҷ.
Нағмаи қонуни ин маҳфил салои ҷуди[155] кист?
Оламеро аз адам овард берун эҳтиёҷ.
То нашуд хокистар, аз оташ сиёҳӣ гум нашуд,
Тирабахтиҳо маро ҳам кард собунэҳтиёҷ.
Сайди найранги таваҳҳумро чӣ ҳастӣ? Ку адам?
Пеш аз ин хунам ғано мехӯрд, акнун эҳтиёҷ.
Дархури ҷоҳ аст ибромн фузулиҳои табъ,
Симу зар чун беш шуд, мегардад афзун эҳтиёҷ.
Бо лаимон гар чунин ҳирси гадотабъат хуш аст,
Боядат зери замин бурдан ба Қорун эҳтиёҷ.

Гар лаб аз изҳор бандӣ, ашк мижгон медарад,
То куҷо бояд нуҳуфт ин ноламазмун эҳтиёҷ?
Субҳи ин вайрона бо он бетааллуқ зистан
Мебарад аз як нафас ҳастӣ ба гардун эҳтиёҷ.
Арзи матлаб нармии гуфтор иншо мекунад,
Ҳарфи номавзуни моро кард мавзун эҳтиёҷ.
Ҳамчу аҳли қабр, Бедил, бенафас бошӣ, хуш аст,
То набандад риштаат бар сози Маҷнун эҳтиёҷ.

* * *

Мабод чашмаи шавқи маро фусурдани мавҷ,
Чу ашк арзи гуҳар дидаам ба домани мавҷ.
Ҷаҳон зи ваҳшати ман ранги амн мебозад,
Муҳит бисмили яъс аст аз тапидани мавҷ.
Адаб зи тинати саркаш маҷӯ ба осонӣ,
Хамидааст ба чандин шикаст гардани мавҷ.
Кушоди кори гуҳар сахт мушкил аст ин ҷо,
Бурида медамад аз чанги баҳр нохани мавҷ.
Зи хеш рафтаӣ, андешаи каноре ҳаст,
Бағал кушода зи дарё бурун давидани мавҷ.
Фасодҳо ба таҳаммул[156] салоҳ мегардад,
Сипар зи теғ кашидаст орамидани мавҷ.
Забон ба ком кашидан фусуни иззат дошт,
Дамид қатраи мо гавҳар аз шикастани мавҷ.
Чу аҷз даст ба сарриштаи нафас задаем,
Шунидаем, шиканпарвар аст домани мавҷ.
Нафас масӯз ба забти инони ваҳшати умр,
Ниёзи барқи зи худ рафтанест хирмани мавҷ.
Димоғи сайри муҳити ман об шуд, ё Раб,
Хати шикаста дамад аз баёзи гардани мавҷ.
Хамӯш, Бедил, агар роҳат орзу дорӣ,
Ки ҳаст камнафасӣ монеи тапидани мавҷ.

* * *

Аз кавокиб гул фишонад чарх дар домони субҳ,
Офтоб оина корад дар раҳи ҷавлони субҳ.
Ботини пирон фурӯғободи чандин огаҳист,
Файз дорад гавҳарӣ аз ганҷи бепоёни субҳ.
Нур соҳибравнақ аз гарди касоди зулмат аст,
Куфри шаб аз куҳнагиҳо тоза кард имони субҳ.
Гоҳи хомӯшӣ нафас оинаи дил мешавад,
Суди хуршед аст, ҳар ҷо гул кунад нуқсони субҳ.
Дастгоҳи нозам аз саъйи ҷунун омодааст,
Дорам аз чоки гиребон нусхаи тӯфони субҳ.
Фатҳи бобе охир аз чоки дилам гул карданист,
Сояи чашми сафеде ҳаст бар Канъони субҳ.
Бехудисармояи номусгоҳи ваҳшатам,
Метавон дод аз шикасти ранги ман товони субҳ.
Маҳви анҷомам, димоғи[157] сайри оғозам куҷост?
Бар фурӯғи шамъ кам дӯзад назар ҳайрони субҳ.
Он чи оғозаш фано бошад, зи анҷомаш мапурс,
Метавон тӯмори имкон хондан аз унвони субҳ.
Чанд бояд буд дар ибратсарои рӯзгор
Туҳматолуди нафас чун пайкари беҷони субҳ?
Нусхаи шамъам, ки аз барҷастагиҳои хаёл
Мақтаам бартар гузашт аз матлаи девони субҳ.
Марги аҳли сӯз бошад ҳарфи сарди носеҳон,
Шамъро теғ аст, Бедил, ҷунбиши домони субҳ.

* * *

Бозам аз файзи ҷунун омода шуд сомони субҳ,
Медиҳад чоки гиребон дар кафам домони субҳ.
Аз гудози пайкарам таъмири имкон кардаанд,
Осмон дудест аз хокистари тобони субҳ.

Фатҳи боби файз дар рафъи таваҳҳум[159] хуфтааст,
Аз шикасти ранги шаб во мешавад мижгони субҳ.
Дар ҷунун вазъи гиребонам тамошо карданист,
Ҳамчу захми дил намак дорад лаби хандони субҳ.
Ин қадар хуни шаҳидон дар дами шамшери туст,
Ё шафақ дорад ба каф сарриштаи домони субҳ?
Мо ба кулфат қонеъем, аммо зи бас камфурсатӣ
Шоми мо ҳам мезанад паймонаи даврони субҳ.
Неъмате бар рӯи хони умри камфурсат куҷост?
Ҳамчу шабнам даст мешӯяд зи худ меҳмони субҳ.
То нагардад косаат пурхун ба ранги офтоб,
Осмон мушкил, ки дар пешат гузорад нони субҳ.
Тухми шабнам решаи ибрат дар ин гулшан давонд,
Ханда тамъам медамад бо резиши дандони субҳ.
То ба кай хоҳад ҳавас гарди хаёл ангехтан?
Дар нафас руфтаст фурсат арсаи ҷавлони субҳ.
Тарки ғафлат шоҳиди иқболи файзи мо бас аст,
Чашм агар аз хоб во шуд, нест ҷуз бурҳони субҳ.
Ҳар куҷо арзи нафас доданд, ҷинси бод буд,
Ғайри вочидан чӣ дорад чидани дуккони субҳ?
Ҳусн аз ҳар нолаи ошиқ ниқобе медарад
Нагсилӣ рабти нафас, эй булбул, аз афғони субҳ.
Тухми ашке мефишонад оҳу аз худ меравад,
Ғайри шабнам нест, Бедил, зоди ҳамроҳони субҳ.

* * *

Боз аз пон[160] гашт лаъли навхати дилдор сурх,
Ғунчааш омад бурун аз пардаи зангор сурх.
Аз фиреби наргиси махмури ӯ ғофил мабош,
Бе балое нест ранги чеҳраи бемор сурх.

Он баҳори ноз дорад майли ҳасратхонаам,
Метавон кардан чу барги гул дару девор сурх.
З-ин гулистон дар камини лолазори дигарам,
Оламе маҳви гулу ман доғи он дасторсурх.
Бе гудози дард натвон дод арзи нашъае,
Бода ҳам мегардад аз хун хӯрдани бисёр сурх.
Қатли арбоби ҳавас бар аҳли дил макрӯҳ нест,
Гар ба хуни гов созад барҳаман зуннор сурх,
Саъйи золим дар газанди халқ дорад арзи ноз,
Неши пое то нагардад, нест рӯи хор сурх,
Рангҳо дорад фалак, мағрури ороиш мабош.
Ҷомаат з-ин хум намеояд бурун ҳар бор сурх.
Аз гудози ваҳми ҳастӣ ишқ соғар мезанад,
Оташ аз хошок хӯрдан мекунад рухсор сурх.
Шавқ хун шуд, к-аз ҷигар ранге ба домон оварем,
Лек ку ашке, ки бошад як чакиданвор сурх?
Хуни ҳасраткуштагон дар пардаи ранги ҳиност,
Домани қотил бувад, дасте ки созад ёр сурх.
Пайкарам аз нотавонӣ як раги гул хун надошт,
То дами теғи ту мекардам ба он миқдор сурх.
Хома гар сатре зи рамзи улфаташ иншо кунад,
Гардад аз ғайрат ба ранги шуълаам тӯмор[161] сурх.
Ошиқонро мавҷи хун мебояд аз сар бигзарад,
Ҳамчу гул аз ранги бадардӣ макун дастор сурх.
Инчунин гар нола хунолуд хоҳад кард гул,
Андалеби мо чу тӯтӣ мекунад минқор сурх.
Ранги ваҳме ҳам агар ҷӯшад зи ҳастӣ, муфти мост,
К-ин либоси тира натвон сохтан бисёр сурх.
Офият ранге надорад дар баҳори эътибор,
Бедил, аз дард аст чашми аҳли ин гулзор сурх.

* * *

Шуд лаби ширинадояш бо ман аз ибром талх,
Аз тақозои ҳавас кардам майи ин ҷом талх.
Пухтагӣ дар табъи ноқис бедимоғи тухмат аст,
Дуд меояд бурун аз чӯбҳои хом талх.
Имтидоди[162] умр бурд аз чашми мо завқи нигоҳ,
Куҳнагиҳо кард охир мағзи ин бодом талх.
Душмани амн аст мавқеъношиноси дам задан,
Зиндагӣ бар худ макун чун мурғи беҳангом талх.
Ҳирси зар, он гаҳ ҳаловат? Ихтирои ваҳми кист?
Комҳо дар ҷӯши сафро[163] мешавад ноком талх.
Бе судоъе[164] нест шуҳратҳои иқболи ҷаҳон,
Мавҷи чин зад, баски шуд оби ақиқ аз ном талх.
Ҷавҳари фитрат макун ботил ба тамҳиди ғараз,
Эй басо мадҳе, ки шуд з-ин шева чун дашном талх.
Баски дорад табъи халқ аз ҳақгузорӣ инфиол,
Додани ҷон нест ин ҷо чун адои вом талх.
Интизори сайди матлаб сахт роҳатдушман аст,
Хоб натвон ёфт ҷуз дар дидаҳои дом талх.
Гар зи идбор огаҳӣ, бигзар зи иқболи ҳавас,
Тарки оғози ҳаловат нест чун анҷом талх.
Мекунад, Бедил, табассум заҳри чашмашро илоҷ,
Пистааш хоҳад намак зад, гар шавад бодом талх.

* * *

Обу ранги ибрате сарфи баҳорам кардаанд,
Панҷаи афсӯсам, аз судан нигорам кардаанд.
Олами ғафлат нагардад пардаи тасхири ман,
Ибратам, дар дидаи бино шикорам кардаанд.
Гарди ҷавлонам бурун аз пардаи афсурдагист,
Нолаи шавқам, чӣ шуд, гар найсаворам кардаанд?

З-ин сиришке чанд, к-аз ёдат ба мижгон бастаам.
Дастгоҳи сад чароғон интизорам кардаанд.
Рӯзгори сӯхтанҳо хуш, ки дар дашти ҷунун
Ҳар куҷо барқест, назри мушти хорам кардаанд.
То насиме мевазад, урёниям гул кардааст,
Оташам, хокистареро пардадорам кардаанд.
Бар кӣ бандам туҳмати дониш, ки ҷамъе бехирад
Тардимоғиҳои Маҷнун эътиборам кардаанд.
Сахт душвор аст чун оина худро ёфтан,
Оламеро дар суроғи худ дучорам кардаанд.
Парфишониҳои чандин нолаам, аммо чӣ суд
Аз дили афсурда ҷузви кӯҳсорам кардаанд.
Маҳмилам дар қатрагӣ ороиши сад мавҷ дошт,
То шудам гавҳар, ба дӯши хеш борам кардаанд.
Нест, Бедил, вазъи ман афсонасози дарди сар,
Ҳамчу хомӯшӣ шароби бехуморам кардаанд.

* * *

Оташи шавқи талаб он ҷо, ки равшан мешавад,
Гар ҳама мижгон ба ҳам орем, доман мешавад.
Доғро оинаи таслим бояд сохтан,
Варна, моро нола ҳам рагҳои гардан мешавад.
Дар саводи фақр дорад ҷавҳари таҳқиқ нур,
Чун ҷаҳон торик гардад, шамъ равшан мешавад.
Шишаву санг оташу обанд дур аз кӯҳсор,
Оламе бо ҳам, ҷудо аз асл, душман мешавад.
Муддати мавҳуми умр охир нафас тай мекунад,
Ришта чун раҳ кӯтаҳ аз рафтори сӯзан мешавад.
Аз лаби хандон ба чашми ҷоми май мегардад об,
Ишрати саршор ҳам сомони шеван мешавад.

Пур маяфшон бар дили мо домани зулфи расо,
З-ин адоҳо субҳа зуннори бараҳман мешавад.
Хатми кори ҷустуҷӯ бар хоки аҷз афтодан аст,
Ашк чун монд аз давиданҳо чакидан мешавад.
Гар ту ҳам аз худ бурун ойӣ, ҷаҳоне дигарӣ,
Дона худро медиҳад бар боду хирман мешавад.
Беқаророни ҷунунро манъи ваҳшат мушкил аст,
Ноларо занҷир ҳам сомони рафтан мешавад.
Нақши ман гарди фано, гул кардани ман нестӣ,
Чарх ҳам хок аст, агар оинаи ман мешавад.
Бедил, имшаб бисмили теғи таманнои киям?
Боли ман барги гул аз файзи тапидан мешавад.

* * *

Офот аз ҳавас ба сарат ҳола[165] мешавад,
Ин шуълаҳо зи дасти ту ҷаввола мешавад.
З-ин корвон чӣ суд, ки ҳар кас чу нақши по
Аз саъйи пештохта дунбола мешвад.
Бе шуғли фитна нест, чу нафс аз фасод монд,
Чун қаҳбаи[166] аҷуз, ки даллола мешавад.
Аз муҳтасиб битарс, ки ин фитназодаро
Чун ворасанд, духтари раз хола мешавад.
Бе сеҳр нест ҳайъати шайх аз руҷӯъи халқ,
Ин хар таносухест, ки гӯсола мешавад.
Савдоиёни бахти сияҳро таронаҳост,
Тӯтӣ ҳазор ранг ба Бангола мешавад.
Моро фиреби давлати бедор додааст
Субҳе, ки дар шаб ӯ шафақи лола мешавад.
Дар вақти эҳтиёҷ зи изҳор шарм дор,
Чун шуд баланд дасти дуо, нола мешавад.

Вомондаам ба роҳи ту чандон, ки бар лабам
Чун шамъ ҳарфи обила табхола мешавад.
Бедил, ба шайб[167] номи ҳаловат мабар, ки нахл
Дур аст аз самар, чу куҳнасола мешавад.

* * *

Огоҳӣ аз хаёли худам бениёз кард,
Худро надид оина, то чашм боз кард.
Наъли ҷаҳон дар оташи фикри саломат аст,
Он шуъла орамид, ки машқи гудоз кард.
Чун оҳ гарди раҳгузари ноумедиям,
Ҳар кас зи по нишаст, маро сарфароз кард.
Ку заҳмати фироқу кадом инбисоти[168] васл?
З-ин ҷавр ончи кард ба мо, имтиёз кард.
Кулфатзудои кинаи дилҳо тавозуъ аст,
З-ин теша метавон гираҳи санг боз кард.
Ҳайрат муқими хонаи оина асту бас,
Натвон ба рӯи мо дари дилҳо фароз[169] кард.
Доғам зи сояе, ки ба тавфи[170] суҷуди ӯ
Пойи талаб зи нақши ҷабини ниёз кард.
Шобат қиёму шайб рукуъу фано суҷуд,
Дар ҳастию адам натавон ҷуз намоз кард.
З-ин гулситон ба ҳайрати шабнам расидаем,
Бояд даре ба хонаи хуршед боз кард.
Дар парда буд сурати мавҳуми ҳастиям,
Оинаи хаёли ту ифшои роз кард.
Бар зиндагист бори гаронҷониям ҳанӯз,
Қадди дуто маро хами абрӯи ноз кард.
Гоме набуд беш раҳи мақсади фано,
Ин риштаро нафас ба кашокаш дароз кард.
Маънинамои чеҳраи мақсуд нестист,
Бедил, маро гудохтан оинасоз кард.

* * *

Огоҳии дил анҷумани ихтилоф шуд,
Аксаш фурӯ гирифт, чу оина соф шуд.
Кому забон ба сурмааш аз хок пур кунед,
Гӯёие ки ташнаи лофу газоф шуд.
Бар чинияг маноз, ки хоқон ба он ғурур
Чанде ба сар наёмада мӯинабоф шуд.
Майли ғизост маркази бунёди зиндагӣ,
Печид меъда бар ҳаваси ҷӯъу ноф шуд.
Мустағниям зи дайру ҳарам кард бехудӣ,
Бар гирди хеш гардиши рангам тавоф шуд.
Охир ба нола даъвии тоқат нарафт пеш,
Лаб бастанам ба аҷзи давом эътироф шуд.
Пирӣ гиреҳ зи риштаи ҷонсахтиям кушуд,
Қадди хамида тешаи хорошикоф шуд.
Мардон ба шарм ҷавҳари ғайрат нуҳуфтаанд,
Теғ аз ҳиҷоби занг муқими ғилоф шуд.
Фаҳмида неҳ қадам, ки камолоти ростӣ
Нанги ҳазор ҷода зи як инҳироф[171] шуд.
Бо хомушӣ бисоз, ки хоҳад кушоди лаб
Майдон ба ҳам кашидани аҳли масоф шуд.
Бедил, ба чорсӯи бурудатривоҷи[172] даҳр
Гарди касод ҷинси вафоро лиҳоф шуд.

* * *

Он ки моро ба ҷафо сӯхта ё месӯзад,
Натавон гуфт чаро сӯхта ё месӯзад?
Пеши чашмаш накунӣ ҳосили ҳастӣ хирман,
Ки ба як барқи адо сӯхта ё месӯзад.
То кай, эй оина, заҳматкаши сайқал бошӣ?
Хонаат барқи сафо сӯхта ё месӯзад.

Тапише чанд, ки дар болу пари шуълаи мост,
Завқи парвози расо сӯхта ё месӯзад.
Кас нафаҳмид, ки чун шамъ дар ин маҳфили ваҳм
Оламе сар ба ҳаво сӯхта ё месӯзад.
Нури инсоф гар ин аст, ки шоҳон доранд,
Соя дар боли ҳумо сӯхта ё месӯзад.
Ваҳми асбоб мапаймо, ки димоғи Маҷнун
Дар сувайдо ҳамаро сӯхта ё месӯзад.
Ману оҳе, ки агар сар кашад аз ҷайби адаб,
Аз самак[173] то ба само сӯхта ё месӯзад.
Мушти обе ки дар ин дайр тавон ёфт, куҷост?
Ҳар чӣ дидем, чу мо сӯхта ё месӯзад.
То кай аз лоф кунад гарм димоғи амалат[174]?
Нафасе чанд ки восӯхта ё месӯзад.
Шаш ҷиҳат шӯри сипандест, надонам, Бедил,
Дили овора куҷо сӯхта ё месӯзад?

* * *

Онҳо ки лофи афсару авранг[175] мезананд,
Дар ном ҳам сарест, ки бар санг мезананд.
Ҷамъе, ки по ба манзилу фарсанг мезананд,
Дар ёди домани ту ба дил чанг мезананд.
Чун ман касе мабод намандуди инфиол,
К-аз акси номам оинаҳо занг мезананд.
Дар боғи эътибор, ки номуси рангу бӯст,
Риндон зи ханда гул ба сари нанг мезананд.
Гардун ҳарифи доғи муҳаббат намешавад,
Ин хайма дар фазои дили танг мезананд.
Ёрон чу гирдбод, ки ҷӯшад зи тарфи дашт,
Доман ба зери по ба ҳаво чанг мезананд.

З-ин раҳравон кирост сару барги ҷустуҷӯ,
Гоме ба заҳмати қадами ланг мезананд.
Товуси мо хиҷолати изҳор мекашад,
З-ин ҳалқаҳо, ки бар дари найранг мезананд.
Моро ба гарди кулфат аз ин базм рафтан аст,
Оинаҳо қадам ба дили занг мезананд.
Бепарда нест сурати таҳқиқи кас ҳанӯз,
Осори хомаест, ки дар ранг мезананд.
Гоҳе ба Каъба мераваму гаҳ ба сӯи дайр,
Девонаам, зи ҳар тарафам санг мезананд.
Бедил, ба тоқи абруи ваҳмест ҷоми халқ,
Чандон ки ҳуш кор кунад, банг мезананд.

* * *

Оҳ, ба дӯстон дигар арзи дуо кӣ мебарад?
Ашк чакиду нола рафт, номаи мо кӣ мебарад?
Тавъами гул дамидаем, домани субҳ чидаем,
Дар чамане ки ранги мост, бӯи вафо кӣ мебарад?
Нағмаи маҳфили карам вақфи ҷунуни соил аст,
В-арна, ба арзи муддао ирзи ҳаё кӣ мебарад?
Нанги ҳавас намекашад давлати безаволи мо,
Бар дари кибриёи факр номи ҳумо кӣ мебарад?
Кард кашокаши ҳавас муфлисат аз шукӯҳи ноз
Огаҳие ки аз кафат ранги ҳино кӣ мебарад?
Ҳар кӣ гузашт аз ин чаман, решаи ҳасраташ ба ҷост,
Ин ҳама корвони ранг рӯ ба қафо кӣ мебарад?
Оинаи ҳузури дил туҳфаи дайру Каъба нест,
Он чи нисори нози туст дар ҳама ҷо, кӣ мебарад.
Аз ғами ҳастию адам ёди ту кард фориғам,
Хоки маро ба бод ҳам аз ту ҷудо кӣ мебарад?

Шамъ чу вақт даррасад, хуфта ба болу пар расад,
Рафтан агар ба сар расад, заҳмати по кӣ мебарад?
То ба фалак далели[176] мо чашм кушудан асту бас,
Кӯрӣ агар на раҳ занад, каф ба асо кӣ мебарад?
Бедил, аз улфати ҳавас бигсилу роҳи унс гир,
Мунтазири талаб мабош, нанги «биё» кӣ мебарад?

* * *

Аз ҳуққаи даҳонаш ҳар гаҳ сухан барояд,
Об аз ақиқ резад, дурр аз Адан барояд.
Аз шавқи субҳи теғаш, монанди мавҷи шабнам
Гулҳои захми дилро об аз даҳан барояд.
Аз рӯи доғи ҳасрат гар пунба боз гирам,
Бо сад забона чун шамъ аз пираҳан барояд.
Бинад зи бори хиҷлат чун теша сарнигунӣ,
Бар Бесутуни дардам гар Кӯҳкан барояд.
Васфи баҳори ҳуснаш гар дар чаман бигӯям,
Чун булбул аз гулистон гул наъразан барояд.
Тори нигаҳ расонад наззораро ба рӯяш,
Ҳар кас ба боми хуршед бо ин расан барояд.
Бедил, каломи Ҳофиз шуд ҳодии хаёлам,
Дорам умед, к-охир мақсуди ман барояд.

* * *

Аз ғуборам ҳар чӣ боло мекашад[177],
Сурма дар чашми Сурайё мекашад.
Баски madди[178] ваҳшати шавқам расост,
Фикри имрӯзам ба фардо мекашад.
То хирад боқист, саҳрои ҷунун
Доман аз олоиши мо мекашад.

Хобнокон мераманд аз огаҳӣ,
Соя аз хуршед худро мекашад.
Сахт беранг аст нақши муддао,
Оламе тасвири анқо мекашад.
Хуни дил бепарда аст аз инфиол,
Сарнигунӣ май зи мино мекашад.
Ақл, гӯ, хун шав, ки тафтиши ҷунун
Як ҷаҳон шӯр аз нафас вомекашад.
Мо гаронҷонон зи худ вомекашем[179],
Кӯҳ аз доман агар по мекашад.
Тарзабонӣ [180] хиффати ақл асту бас,
Сад шикаст аз мавҷ дарё мекашад.
Маҳмили ранг аз шикастан бастаанд,
Баски бори дарди дилҳо мекашад.
Оламеро мебарад ҳасрат фурӯ,
Ин наҳанги ташна дарё мекашад.
Зарпарастӣ мекунад дилро сиёҳ,
Охир ин сафро ба савдо[181] мекашад.
Бори мо, Бедил, ба дӯши оҷизист,
Сояро афтодагиҳо мекашад.

* * *

Аз ҳуҷуми кулфати дил нола беоҳанг монд,
Бӯи ин гул аз заифӣ дар тилисми ранг монд.
Сӯхтему мушти хошоке зи мо равшан нашуд,
Шуълаи мо чун нафас дар доми ин найранг монд.
Аз ҳаё мавҷе назад, ҳарчанд дил аз ҳам гудохт,
Об шуд оина, аммо ҳайраташ дар чанг монд.
Санги роҳи ҳеҷ кас таҳсили ҷамъият мабод,
Қатраи бетоби мо гавҳар шуду дилтанг монд.

Дар хароботи ҳавас то даври ҷоми мо расид,
Бедимоғӣ аз шаробу накбате[182] аз банг монд.
Аҷзи тоқат дар талаб моро далели узр нест,
Манзиле ку, то набояд сар ба пои ланг монд?
Миннати сайқал макаш, дарди сари авҳом чанд?
Акс маъдум аст, агар оинаат дар занг монд.
Охир аз саъйи заифӣ пайкари фарсудаам
Ҳамчу ахгар зери девори шикасти ранг монд.
Нест таклифи тапиданҳои ҳастӣ дар адам,
Орамидан муфти он созе, ки беоҳанг монд.
Номро нақши нигинҳо боли парвози расост,
Мо зи худ рафтем, агар пои талаб дар санг монд.
Як қадам нокарда, Бедил, қатъи роҳи орзу,
Манзили осудагӣ аз мо ба сад фарсанг монд.

* * *

Азбаски ба таҳсили ғано ҳирси ту ҷон канд,
Қабр аст, нигине ки ба номи ту тавон канд.
Ҷуз тухми надомат чӣ кунад хирман аз ин дашт?
Беҳосили ҷаҳде, ки замини дигарон канд.
Чун шамъ дар ин варта фурӯ рафт ҷаҳоне,
Растан чӣ хаёл аст, зи чоҳе ки забон канд?
Имрӯз ба ҳукми асари лофи таҳаввур[183]
Рустам зани мардест, ки боли магасон канд.
Дар ҳар кафи хоке ду ҷаҳон решаи мастист,
Бо қуввати тақво натавон бехи разон канд.
Зуҳҳод зи бас ҷонбалаби сарфаи ришанд,
Дар мотами ин мурдадилон мӯ натавон канд.
Фарёд, ки роҳе ба ҳақиқат накушудем,
Нақбе ки ба дил канд нафас, сахт ниҳон канд.

Чун ғунча ба ҷамъияти дил сохта будем,
Ин уқда кӣ во кард, ки моро зи миён канд?
Дар дил ҳавасе по нафишурд аз рами фурсат,
Ҳар сабза ки бар реша зад, ин оби равон канд.
Печухами ин уқда кушудем ба пирӣ,
Яъне ки ба дандон натавон дил зи ҷаҳон канд.
Бедил, на ба дунёст қарорат, на ба уқбо,
Хӯрдаст хаданги ту аз ин ҳафт камон канд.

* * *

Ашк зи бедоди ишқ пардакушо мешавад,
Фаҳми муаммо кунед, обила во мешавад.
Завқи талаб оламест вақфи ҳузури давом,
Пур ба иҷобат макӯш, хатми дуо мешавад.
Гоҳи видоъи бақост зӯри нафас бар амал,
Чун ба гусастан расид, ришта расо мешавад.
Ҷавҳари аҳли сафо саҳл набояд шумурд,
Оина гар қатраест, баҳрнамо мешавад.
Ҳирс ба сад иззу ҷоҳ дар ҳама сурат гадост,
Гар ба қаноат расӣ, фақр ғано мешавад.
Он тарафи эҳтиёҷ анҷумани кибриёст,
Чун зи талаб даргузашт, банда Худо мешавад.
Чанд хӯрад орзу ишваи бархостан?
Ғайрати имдоди ғайр низ асо мешавад.
Узри заифӣ даме, к-оина гирад ба даст,
Обила дар пойи саъй нози ҳино мешавад.
Аз кафи бемоягон коркушоӣ маҳоҳ,
Даст чу кӯтоҳ шуд, нохуни по мешавад.
Ғайри видоъи тараб гармии ин базм чист?
То саҳар аз рӯи шамъ ранг ҷудо мешавд.

Хок ба сар мекунад зиндагӣ аз табъи дун,
Пастии ин хонаҳо нанги ҳаво мешавад.
Бигзар аз иброми табъ, к-аз ҳаваси ҳарзадав
Ҳирс хиҷил нест, лек кори ҳаё мешавад.
Бедил, аз ин дашту дар гарди ҳавас руфта гир,
Қофила ҳар сӯ равад, бонги даро мешавад.

* * *

Аз чарх на ҳар аблаҳу нодон гила дорад,
Ҷои гила ин аст, ки инсон гила дорад.
Асбоб бар озодадилон сахт ҳиҷобест,
Наззора зи ҷамъияти мижгон гила дорад.
Занҷир зи девона надид улфати ором,
Аз ваҳшати дил турраи ҷонон гила дорад.
Бар ваҳшати ашкам табутоби мижа бор аст,
Ин мавҷ зи печухами домон гила дорад.
Изҳори арақ ҳиҷлати дебочаи шарм аст,
Мактуби ман аз шӯхии унвон гила дорад.
Тарсам, шавад озурда зи тоби нигаҳи гарм,
Рухсори ту к-аз сояи мижгон гила дорад.
Аз тоқати доғам ҷигари шуъла кабоб аст,
Аз обилаам саъйи муғелон[184] гила дорад.
Ашки тапишоҳанги ҷунунам, чӣ тавон кард?
Осудагӣ аз хонабадӯшон гила дорад.
Зинҳор, ба худ низ тараҳҳум нанамоӣ,
Имрӯз дар ин анҷуман эҳсон гила дорад.
Бедил, манам он гавҳари дарёи таҳаммул,
К-аз лангари[185] ман шӯриши тӯфон гила дорад.

* * *

Аз дилам бигзашту хун дар чашми ҳайратсоз монд,
Гарди ранге ёдгорам з-он баҳори ноз монд.
Пеш аз эҷоди таваҳҳум ҷавҳари ҷон дошт ҷисм,
То парӣ дар шӯхӣ омад, шиша аз парвоз монд.
Корвони мовуман яксар шарардунбола аст,
Имтиёзе домани ваҳшат гирифту боз монд.
Шамъи якрангӣ зи фонуси хамӯшӣ равшан аст,
Нест ҷуз тори нафас, чун нола аз овоз монд.
Имтиёзи гӯшагирӣ доми роҳи кас мабод,
Сайди мо аз ошён дар чангули шаҳбоз монд.
Ҳалқаи саргаштагӣ дорад ба гӯши гирдбод,
Нақши пое ҳам гар аз Маҷнун ба саҳро боз монд.
Кист, дар роҳат далели корвони шавқ нест?
Нола бол афшонд, ҳар ҷо тоқати парвоз монд.
Доғи найранги вафоро чора натвон ёфтан,
Ҷилва хилватпарвару наззора берунтоз монд.
То ба берангист сайри парфишониҳои ранг,
Ёфт анҷом, он ки сар дар домани оғоз монд.
Сайқали тадбир бар оинаи мо занг рехт,
Шуълаи ин шамъ охир дар даҳони гоз монд.
Ёди умри рафта, Бедил, хиҷлати беҳосилист,
Боз пайвастан надорад, онҷи аз мо боз монд.

* * *

Иттифоқ аст, он ки ҳар душворро осон намуд,
Варна, аз тадбири як нохун гиреҳ натвон кушуд.
Гар ба шуҳрат моилӣ, бо бенишонӣ соз кун,
Даҳр натвонад намудан, онҷи анқо вонамуд.
Орзу аз нафйи мо исботи ёр эҷод кард,
Ҳар чӣ аз осори Маҷнун кост, бар Лайлӣ фузуд.

Софии дил туҳматолуди калаф[186] шуд аз ҳасад,
Ранги об аз силии[187] амвоҷ мегардад кабуд.
Ҳайфи табъе к-аз ваболи кибру кин огоҳ нест,
Хок резад аз мазоре чанд дар чашми ҳасуд.
Роҳати ин базм бар тарки тамаъ мавқуф буд,
Дастҳо бар ҳам ниҳодам, аз талаб мижгон ғунуд.
Ҳусни якто, Бедил, аз тимсол дорад инфиол,
Ҷои зангорат ҳамин оина мебояд зудуд.

* * *

Агар аз гудозам наме гул кунад,
Ду олам зи ман шиша пурмул кунад.
Муҳит аст, чун маҳв гардад ҳубоб,
Зи худ гум шудан ҷузвро кул кунад.
Ғуборе ки дил авҷи парвози ӯст,
Ба гардун расад, гар таназзул[188] кунад.
Ба ҳар шаш ҷиҳат ҷилва печидааст,
Касе то кай аз худ тағофул кунад?
Зи кайфияти ин баҳорам мапурс,
Мижа гар кушоӣ, қадаҳ гул кунад.
Ба савдои зулфи ту дуди димоғ
Ба сар печаду нози кокул кунад.
Зи фикри хатат ҷавҳари оина
Хасак[189] вақфи ҷайби тааммул кунад.
Тараддуд хиҷолаткаши дасту пост,
Касе то куҷоҳо таваккул кунад?
Хазони тараб бедимоғӣ мабод,
Баҳор аст, агар шиша қулқул кунад.
Ба тадбир аз ин баҳр натвон гузашт,
Шикастест, гар мавҷи мо пул кунад.

Сари мо бигардад зи даври ҳавас,
Агар чарх тарки тасалсул[190] кунад.
Шавад сифла аз суфу атлас бузург,
Харонро агар одамӣ ҷул кунад.
Хунуктар зи зоғ асту тақлиди кабк,
Ки ҳиндустонӣ тамағғул кунад[191].
Ба рангест, Бедил, парафшониям,
Ки аз соям тарҳи сунбул кунад.

* * *

Агар таайюни анқо ҳаваспаём набошад,
Нишони худ ба ҷаҳоне барам, ки ном набошад.
Чӣ лозим аст ба дӯшам ғами адо фиканад кас,
Ҳақи бақо ду нафас хиҷлат аст, вом набошад.
Ҳаё зи нанги хамӯшӣ кадом нағма кунад сар?
Ба сад фасона занам, гар сухан тамом набошад.
Ду дам ба вазъи таҷаддуд хаёл мегузаронам,
Хушам ба нашъаи ҷамъияти давом набошад.
Ҳиҷоби ҷавҳари дил нест ҷуз кудурати ҳастӣ,
Чароғи оина нураш ба вақти шом набошад.
Дил аст боиси ҳастӣ, куҷост нашъа, чӣ мастӣ?
Димоғи бода кӣ дорад, даме ки ҷом набошад?
Ҳавас тапад ба чӣ роҳат? Нафас рамад зи чӣ ваҳшат?
Дар он мақом, ки сайёду сайду дом набошад?
Касе надид зи ҳастӣ ба ғайри дарди сар ин ҷо.
Шароби ин хуми ваҳм аз куҷо ки хом набошад?
Чӣ мумкин аст, ки оғӯши ҳирсҳо ба ҳам ояд?
Дар ин ҷароҳати хамёза илтиём[192] набошад.
Дил аз шикояти ифлос беҳ, ки ҷамъ намоӣ,
Забон ба коми ту бас, гар ҷаҳон ба ком набошад.

Ҷудо зи анҷумани нестӣ ба ҳар чӣ расидам,
Наёфтам, ки майи соғараш ҳаром набошад.
Кадом умру чӣ фурсат, ки дил диҳӣ ба тамошо?
Ба пойи ашк нигаҳ медавад, хиром набошад.
На гӯшаест муайян, на манзилест мубарҳан[193],
Касе куҷо равад, ар олами тамом набошад.
Ба авҷи ишқ чӣ нисбат талоши боли ҳавасро?
Видоъи ваҳми манумо[194] ҳавои бом набошад.
Хурӯши дард шунав, муддаои ишқ ҳамин бас,
Дар Аллаҳ-Аллаҳи мо ҷои ҳарфи лом набошад.
Агар зи мулки адам то вуҷуд фаҳм гуморӣ,
Ба ҷуз каломи ту, Бедил, дигар калом набошад.

* * *

Агар маъшуқ бемеҳр асту гар ошиқ вафо дорад,
Тамошо муфти диданҳо, муҳаббат рангҳо дорад.
Шарори коғази мо хандаи дандоннамо дорад,
Тарабҳо вақфи бетобӣ, ки оҳанги фано дорад.
Ба вомондан накардам қатъи уммеди зи худ рафтан,
Шикасти бол агар парвоз кам гардад, садо дорад.
Зи бас матлуби ҳар кас бе талаб омода аст ин ҷо,
Иҷобат инфиол аз шӯхии дасти дуо дорад.
Дар ин маҳфил забунем он қадар аз сустии толеъ,
Ки ранги нотавонӣ ҳам шикасти кори мо дорад.
Ба сад ҷо карда саъйи норасо манзилтарошиҳо,
В-агарна, ҷодаи дашти талаб кай интиҳо дорад?
Кӣ мехоҳад тасаллӣ аз ғубори ваҳшатолудам?
Ки чун субҳ ин кафе хокистар оташ зери по дорад.
Сабаб кам нест, гар барҳам занӣ рабти тааллуқро[195],
Чу мижгон ҳар кӣ бархезад зи худ, чандин асо дорад.

Ҳақиқатвокаши найранги ҳар созест мизробе,
Ту нохун ҷамъ кун, то захми мо бинӣ чиҳо дорад!
Ба ҳиҷлат то набояд вомиі маъзурӣ адо кардан,
Намози маҳрамон пеш аз қазо гаштан қазо дорад.
Зи ҳирси мунъимон ҳирси гадо ҳам кам мадон, Бедил,
Ки хок аз баҳри хӯрдан беш аз оташ иштиҳо дорад.

* * *

Имрӯз навбаҳор аст, соғаркашон биёед,
Гул ҷӯши бода дорад, то гулситон биёед.
Дар боғ бебаҳорем, сайре ки дар чӣ корем,
Гулбози интизорем, бозикунон биёед.
Оғӯши орзуҳо аз худ тиҳист ин ҷо
Дар қолаби таманно хуштар зи ҷон биёед.
Ҷуз шавқ роҳбар нест, андешаи хатар нест,
Хоре дар ин гузар нест, доманкашон биёед.
Фурсат шарарниқоб аст, ҳангомаи шитоб аст,
Гул пойдаррикоб аст, мутлақъинон биёед.
Гар хоҳиши фузулист, ҷуз ваҳм монеъаш кист?
Боғ аст, хонае нест, то меҳмон биёед.
Имрӯз омаданҳо чандин баҳор дорад
Фардо киростуммед, то худ чӣ сон биёед.
Эй толибони ишрат, дигар куҷост фурсат?
Муфт аст файзи суҳбат, гар ин замон биёед.
Бедил ба ҳар табутоб мамнуни илтифотест,
Номеҳрубон биёд, ё меҳрубон биёед.

*   *   *

Имрӯз, баъди умре дилдор ёди мо кард,
Шарми тағофул охир ҳаққи вафо адо кард.
Хоки раҳем, моро осон наметавон дид,
Мижгон хамид, то чашм оҳанги пеши по кард.
Гарди бисоти таслим дар аҷз нозҳо дошт,
Парвози худсариҳо з-он доманам ҷудо кард.
Ё Раб, ки хушк гардад монанди шона дасташ,
Машшотае ки дилро аз турраи ту во кард.
Фитрат зи халқ мехост осори қобилият,
Ҷуз дарди сар набудем, моро ба мо раҳо кард.
Ғарқи нами ҷабинам аз хиҷлати таайюн[196]
Кори ҳазор тӯфон ин як арақ ҳаё кард.
Гуфтем шахси ҳастӣ, нозе ба шӯхӣ орад,
Тимсол ҷилвагар шуд, оина хандаҳо кард.
Дониш ҷунун шуд, аммо накшуд рамзи таҳқиқ,
Банди қабои нозе пироҳанам қабо кард[197].
Дар укдаи тааллуқ фарсуда буд фитрат,
Аз худ гусастан охир ин риштаро расо кард.
Эй ваҳми ғайр, моро маъзур дору бигзар,
Дил хонаест, к-он ҷо натвон ба зӯр ҷо кард.
Растан зи қулзуми ваҳм аз сар гузаштане дошт,
Яъс ин каду ба худ баст, то зиндагӣ шино кард.
Дасти тараҳҳуми кист мижгони Бедили мо?
Бар ҳар кӣ чашм во шуд, пеш аз нигаҳ дуо кард.

*   *   *

Имрӯз ноқисон ба камоле расидаанд,
К-аз худсарӣ ба ҳарфи салаф[198] хат кашидаанд.
Инкори комилон ҳамаро нуқли маҷлис аст,
То кас гумон барад, ки ба маънӣ расидаанд.

Ин уммати мусайлим[199] аз афсуни як-ду лафз
Дар арсаи шикасти нубувват давидаанд.
Аз санъати муҳовараи лӯлиёни форс
Ҳиндустониён ба тамағғул хазидаанд.
Сеҳр аст рустоию инкори шаҳриён,
Ҷулоҳи[200] чанд ришта ба гардун танидаанд.
Аз ҳарфашон тарӣ натаровад, чӣ мумкин аст?
Дунфитратон сафоли наве обдидаанд.
Беҳосилӣ зи суҳбаташон хок мехӯрад,
Чун бед агар ба ҳам зи тавозуъ хамидаанд,
Ҳар ҷо расидаанд ба таркиби иттифоқ,
Чун захмҳои куҳна надомат чакидаанд.
Ҳар гоҳ ворасӣ ба уруҷи димоғашон,
Дар зери по чу обила бар хеш чидаанд.
Пирони ин гурӯҳ ба ҳукми видоъи шарм
Бе шабнами арақ ҳама субҳи дамидаанд.
Поси адаб маҷӯ зи ҷавонон, ки яккалам
Аз таҳту фавқ чашму дубурҳо даридаанд.
Гӯё афафтарошу хамӯшон тапишталош,
Хурду бузург як саги ақрабгазидаанд.
Инсоф об мехӯрад аз чашмасори фаҳм,
Харкурраҳо каранд, сухан кам шунидаанд.
Дар хубси маъние, ки таназзуҳ далели ӯст,
Лаб боз кардаанд ба ҳадде, ки ридаанд.
Бедил, дар ин макон зи адаб дам задан хатост,
Шарме, ки лӯлиён ҳама тунбак[201] харидаанд.

* * *

Ин давр даври ҳез аст, вазъи матин кӣ дорад?
Боди бурути мардӣ ғайр аз сурин[202] кӣ дорад?

Осори ҳақпарастӣ хатм аст бар муханнас,
Ғайр аз дубурсириштон[203] сар бар замин кӣ дорад?
Ҳар сӯ ба ҳаркати нафс мутлақъинон битозед,
Эй зерихарсаворон, полону зин кӣ дорад?
Зоҳид, зи паҳлуи риш пашмина мефурӯшӣ,
Бозори нура[204] гарм аст, ин пӯстин кӣ дорад?
Ранги бинои тоат бар хидмати сурин неҳ,
Имрӯз тарҳи меҳроб ҷуз гунбадин кӣ дорад?
Бар кисаи каримон чашми тамаъ надӯзӣ,
Ҷуз дасти хар дар ин аср дар остин кӣ дорад?
Аз мунъимон гадоро дигар чӣ метавон хост?
Тан додаанд бар фаҳш, дод инчунин кӣ дорад?
Халқе васеъ хуфтаст дар тангии суринҳо,
Ҷуз коми ин ҳавосил доман ба чин кӣ дорад?
Як ғунча сад гулистон оғӯш мекушояд,
Мақъад ба ханда боз аст, табъи ҳазин кӣ дорад?
Азбаски даври гардун гардонд таври мардум,
То пушт барнатобад, бар зан яқин кӣ дорад?
Идбор марду занро нагзошт номи иқбол,
Як кофу вов(у) нун аст, то кофу син кӣ дорад?
Он хирқае ки ҷайбаш боби руфӯ набошад,
Бардор домане чанд, он гаҳ бибин, кӣ дорад?
Дар чорсӯи офоқ билфеъл ин мунодист,
Лаъли хушоб бо кист? Дурри самин[205] кӣ дорад?
Ҷуз гавҳари гаронсанг матлуби муштарӣ нест,
Соқи булӯр бинмо, ҷинси гузин кӣ дорад?
Сард аст, бетакаллуф, ҳангомаи таҳаввур,[206]
Кар кун туфангу хуш бош, ҷуз меҳр кин кӣ дорад?
Бедил, ба теғу ханҷар натвон шудан баҳодур,
Лашкар амуд[207] хоҳад, то оҳанин кӣ дорад?

*   *   *

Ин ситамкешон, ки вахми зиндагиро ҳолаанд[208],
Дар талоши худкушиҳо шуълаи ҷавволаанд.
Умрҳо шуд ҳарфи дарде ошнои гӯш нест,
Кӯҳкан то бенафас шуд, кӯҳҳо бенолаанд.
Халқе аз худ рафту акнун зикри эшон меравад,
Корвони хобро афсонаҳо дунболаанд.
Даъвии мардони ин аср инфиоле беш нест,
Шер меғурранду чун вомерасӣ, бузғолаанд.
Сард шуд дил аз дами ин паҳлавонони ғурур,
Рустаманд, аммо бағалпарвардаҳои холаанд.
Дилсиёҳӣ якқалам оинадори суҳбат аст,
Гар ҳама аҳли Хуросонанд, аз Банголаанд.
Ҷумла бо рӯи мулоим қатраанд, аммо чӣ суд
Чун ба минои дил афтоданд, яксар жолаанд.
Ҳамчу дандон баҳри изо васлу ҳаҷри шон якест,
Гар ҳама яксола меоянду гар садсолаанд.
Бо уруҷи ҷоҳ ин афсурдагони бемадор
Бар лаби ҳар бом чун хишти куҳан табхолаанд.
Чашм агар дорад тамизи ҳусну қубҳи эътибор,
Зангиёни ҷомагулгун навбаҳори лолаанд.
Бедил, аз хурду бузург он беҳ, ки бардорӣ назар,
Даври говон рафту акнун ҳозирон гӯсолаанд.

*   *   *

Ин қадар риш чӣ маънӣ дорад?
Ғайри ташвиш чӣ маънӣ дорад?
Одамӣ – хирс, чӣ зулм аст охир?
Марди ҳақ-меш, чӣ маънӣ дорад?
Ҳазар аз зоҳиди мисвокбасар,
Ақрабу неш чӣ маънӣ дорад?

Даъвии пуч ба ин сомон риш
Наравад пеш, чӣ маънӣ дорад?
Як нахуд каллаву даҳ ман дастор,
Ин каму беш чӣ маънӣ дорад?
Шайх бар арш напаррад, чӣ кунад?
Ғайри пар риш чӣ маънӣ дорад?
Бедил, ин ҷо ҳама риш асту фаш аст,
Маслаку кеш чӣ маънӣ дорад?

* * *

Ин ки тоқатҳо ҷавонӣ мекунад,
Нотавонӣ нотавонӣ мекунад.
Гар ҳама хок аз замин гардад баланд,
Бар сари ман осмонӣ мекунад.
Аз чӣ хиҷлат сафҳаам оташ занад,
Чун арақ, доғам равонӣ мекунад.
Баски фитратҳо заиф афтодааст,
Такя бар дунёи фонӣ мекунад.
Нест кас ин ҷо кафили ҳеҷ кас,
Зиндагӣ рӯзирасонӣ мекунад.
Исмат аз ташвиши дунё ҷастан аст,
Нафсро ин қаҳба зонӣ [209] мекунад.
Дар табутоби нафас парвоз нест,
Саъйи бисмил парфишонӣ мекунад.
Қайди ҳастӣ поси номуси дил аст,
Байзадорӣ ошёнӣ мекунад.
Ҳар киро дидам дар ин ибратсаро,
Баҳри мурдан зиндагонӣ мекунад.
Бедимоғам, ғайри дил з-ин анҷуман
Ҳар чӣ бардорам, гаронӣ мекунад.

Он қадар аз худ ба ёдаш рафтаам,
К-ин ҷаҳонам онҷаҳонӣ мекунад.
Ҳеҷ медонӣ кием, эй бехабар,
Шоҳ моро посбонӣ мекунад.
Фурсати умр аст, Бедил, назми ман,
Сакта мехонам, равонӣ мекунад.

* * *

Ин ки дар дайри ғамат дамсард пайдо кардаанд,
Дил надорӣ, варна, дил аз дард пайдо кардаанд.
Ҳеҷ кас аз ихтирои ин бисот огоҳ нест,
Ранг мебозему ёрон нард пайдо кардаанд.
Гум шудаст осори ҳимматҳо ба гарди ҷустуҷӯ,
То дар ин саҳро суроғи мард пайдо кардаанд.
Мункири бедаступоиҳои маъзурон мабош,
Оҷизон коре, ки натвон кард, пайдо кардаанд.
Моҷарои хомушон нашнида мебояд шунид,
Безабониро нафаспарвард пайдо кардаанд.
Бурдаанд аз мавҷи гавҳар печутоби иштирок[210],
Мисраи моро зи тазмин фард пайдо кардаанд.
Чун нигоҳи чашми оҳу, умр дар ваҳшат гузашт,
Хонаро ин ҷо биёбонгард пайдо кардаанд.
Ёди мо кун, гар ба сайри наргисистонат сарест,
Ранги беморони чашмат зард пайдо кардаанд.
Медиҳандам дил, ба ҳар оин ки меоянд пеш,
Нозанинон турфа роҳовард пайдо кардаанд.
З-он баҳорам муждаи бӯи хироме мерасад,
Рангҳои рафта, Бедил, гард пайдо кардаанд.

*   *   *

Ин ҳирсҳо, ки домани сад фан шикастаанд,
Арзи кулоҳ додаву гардан шикастаанд.
Дорад шароби ғафлати абнои рӯзгор
Бадмастие, ки соғари мурдан шикастаанд.
Бетобӣ аз ғубори нафас кам намешавад,
Минои дил ба рӯи тапидан шикастаанд.
Дар зулфи ёр ҳеҷ дил озурдагӣ надошт,
Ин донаҳо зи дурии хирман шикастаанд.
Ё Раб, шикасти ман ба чӣ афсун шавад дуруст?
Дорам диле ки бештар аз ман шикастаанд.
Дар оламе ки санги шарархези ваҳшат аст,
Гарди маро чу об дар оҳан шикастаанд.
Ҳар гул, ки дидам, обилаи хунчакида буд,
Ё Раб, чӣ хор дар дили гулшан шикастаанд?
Сад барқ дар камини нафас мавҷ мезанад,
Мардум назар ба шуълаи Айман[211] шикастаанд
Парвози ман чу мавҷи гуҳар дар дил асту бас,
Боле ки доштам, ба тапидан шикастаанд.
Ҳар зарраам ба ранги дигар медиҳад нишон,
Ҷӯши баҳорам, оинаи ман шикастаанд.
Имрӯз нафйи ҳам гули иқболи дӯстист,
Ёрон зи ранги мо сафи душман шикастаанд.
Мо оҷизон зи кӯи ту дигар куҷо равем?
Дар пойи риштаҳо сари сӯзан шикастаанд.
Санге зи нанги аҷз ба минои мо нахӯрд,
Моро ҳамон ба дарди шикастан шикастаанд.
Як гул дар ин баҳор иқоматсуроғ нест,
Бедил, зи ранги худ ҳама доман шикастаанд.

* * *

Эҳтиёҷе, ки сари мард ба хам меорад,
Обрӯ мебараду ҷабҳаи нам меорад.
Ҳама кас гурсунаи ҳирс ба завқи серист,
Ранҷи боре ки кашад пушт, шикам меорад.
Тарки симу дирам аз халқ чӣ имкон дорад?
Пушти даст аст, ки нохун зи адам меорад.
Комҷӯён, талаби ҳиммат аз афсӯс кунед,
Ки зи асбоби ҷаҳон даст ба ҳам меорад.
Гули ин боғ зи найранги шукуфтан афсурд,
Бохабар бош, ки шодӣ ҳама ғам меорад.
Дар вафо мункири анҷоми муҳаббат нашавӣ,
Барҳаман оташе аз санги санам меорад.
Булбулон, даъвати парвона ба гулшан макунед,
Ранги гул тоби пари сӯхта кам меорад.
Ҷараси қофилаи ишқ хурӯши ҳавас аст,
Нест ҷуз гарди ҳудус, ончи қидам меорад.
Он суи хок набурдем суроғи таҳқиқ,
Қосиди мо хабар аз нақши қадам меорад.
Эй биноят ҳавасэҷодкуни дӯши ҳубоб,
Нафасат гар ҳама бор аст, кӣ хам меорад?
Ту диле ҷамъ кун, ин тафриқаҳо он ҳама нест,
Сари сад ришта ҳамин укда ба ҳам меорад.
Ҳама ҷо муфтбари холи зиёдӣ, Бедил,
Тоси ин нард барои ту чӣ кам меорад?

* * *

Эҳтиёҷам хиҷлат аз аҳбоб бурд,
Сӯхт дил, то рахт дар маҳтоб бурд.
Умр рафту оҳе аз дил гул накард,
Сози ман оби рухи мизроб бурд.

Оҳ, айши гӯшаи фақрам намонд,
Сояи девор рафту хоб бурд.
Оина охир ба сайқал гашт гум,
Баски руфтам, хонаро селоб бурд.
Доштам таҳрири хиҷлатномае,
То кунам таклифи қосид, об бурд.
Беғараз халқе аз ин ҳирмонсаро
Рафту доғи матлаби ноёб бурд.
Ғунчаҳо шарм аз шукуфтан бохтанд,
Ханда охир з-ин чаман одоб бурд.
Қомати хам аҷз мехоҳад зи мо,
Саҷда бояд пеши ин меҳроб бурд.
Маҳрами сайри гиребон кас мабод,
Завраќи моро, ки дар гирдоб бурд.
Бар кӣ нолам, Бедил, аз бедоди чарх?
Хоби ман овози ин дӯлоб бурд.

* * *

Боз махмур аст дил, то бехудӣ иншо кунад,
Ҷом дар ҳайрат занад, оинаро мино кунад.
Зиндагонӣ, гӯ, мадеҳ аз нақши мавҳумам нишон,
Аксро ғам нест, гар оина истиғно кунад.
Рафтаем аз худ ба дӯши орамидан, чун ғубор,
Оҳ аз он рӯзе, ки бетобӣ тавофи[212] мо кунад!
Нола шав, то аз ҳавои қомати ӯ нагзарӣ,
Ҳар кӣ аз худ рафт, сайри олами боло кунад.
Аҷуманпардози ваҳмам чун ҳубоб аз хомушӣ,
Беҳ, ки бикшоям лабе, то аз худам танҳо кунад.
Магзар аз кӯшиш, мабодо, рӯзгори ҳилаҷӯ
Поймоли роҳатат чун сурати дебо кунад.

Дар адам мо низ ёди зиндагӣ хоҳем кард,
Шуълаи хомӯш агар ёди тапиданҳо кунад.
Бори таслиме агар чун соя ёбад пайкарам,
То дари ӯ хоки оламро ҷабинфарсо кунад.
Нолаи дарде ба сози хомушӣ гум гаштаам,
Шавқ ғаммоз аст, метарсам, маро пайдо кунад.
Бе тавофи хеш дар базми висолаш бор нест,
Дар дили дарё магар гирдоб роҳе во кунад.
Эй хуш он шӯри тарабҷӯши хумистони фано,
К-аз гудози мо дили ҳар зарраро мино кунад.
Санги роҳи худ шуморад Каъбаву бутхонаро,
Ҳар кӣ чун Бедил тавофи гӯшаи дилҳо кунад.

* * *

Бо хазони орзу ҳашри[213] баҳорам кардаанд,
Аз шикасти ранг чун субҳ ошкорам кардаанд.
То нигоҳе гул кунад, мебоядам аз ҳам гудохт,
Чун ҳаё дар мазраи ҳусн обёрам кардаанд.
Баҳри имкон хун шуд аз андешаи ҷавлони ман,
Мавҷи ашкам, бар шикасти дил саворам кардаанд.
Ман намедонам, хаёлам ё ғубори ҳайратам?
Чун сароб аз дур чизе эътиборам кардаанд.
Ҷилваҳо берангию оинаҳо беимтиёз,
Ҳайрате дорам, чаро оинадорам кардаанд?
Дастгоҳи захми маҳрумист сар то пойи ман,
Баски чун мижгон ба чашми хеш хорам кардаанд.
Буд мавқуфи фано аз асли кор огоҳиям,
Сурмаҳо дар чашм дорам, то ғуборам кардаанд.
Меравам аз худ, намедонам, куҷо хоҳам расид?
Маҳмили дардам, ба дӯши нола борам кардаанд.

Беш аз ин натвон ба барқи миннати ҳастӣ гудохт,
Як нигоҳи вопасин назри шарорам кардаанд.
Ман шарарпарвозу олам домгоҳи нестӣ,
То диҳам арзи парафшонӣ, шикорам кардаанд.
Бо кадомин зарра санҷам обрӯи эътибор?
Он қадар ҳеҷам, ки аз худ шармсорам кардаанд.
Бӯи васли кист, Бедил, гулшанорои умед?
Пой то сар яъс будам, интизорам кардаанд.

* * *

Бодаи таҳқиқро зарфи ҳавас тангӣ кунад,
Дар бари оташ либоси хору хас тангӣ кунад.
Дардро ҷавлонгаҳе чун синаи ушшоқ нест,
Бар фиғон мушкил, ки оғӯши ҷарас тангӣ кунад.
Бар ҷунун мепечаму аз хеш берун меравам,
Гирдбоди шавқро то кай нафас тангӣ кунад?
Айши расвоӣ ба коми кӯчагардони вафост,
Эй хуш он вазъе, к-аз ӯ хулқи асас[214] тангӣ кунад.
Мо ду олам шиква дар забти нафас хун хӯрдаем,
То мабодо, хотири фарёдрас тангӣ кунад.
Дар хаёли роҳат аз файзи тапидан ғофилем,
Ошён, эй кош, бар мо чун қафас тангӣ кунад.
Ҳамчу он сӯзан, ки дармонад зи тори норасо,
Умр ранги саъй бозад, чун нафас тангӣ кунад.
Нуҳ фалак дар вусъатободи дили девонаам
Ҳаст халхоле[215] ки дар пойи магас тангӣ кунад.
Ғунча бар як мушти зар сад ранг хиссат чидааст[216],
Ин қадар, ё Раб, мабодо, дасти кас тангӣ кунад!
Шикваи мардум зи гардун, Бедил, аз камвусъатист,
Нола дар парвоз ояд, чун қафас тангӣ кунад.

* * *

Бо кӣ гӯям, чӣ қиёмат ба сарам мегузарад?
Ки нафас нозада ҳар шаб саҳарам мегузарад.
Дарди андӯҳ хуш аст аз тараби бекорӣ,
Ҳайфи дасте, ки зи дил бар камарам мегузарад.
Хок гил мекунаму меравам аз хеш чу ашк,
Араќи шарм зи по пештарам мегузарад,
Саъйи тарки талаб аз шамъ намеояд рост,
Пойи рафторам агар нест, сарам мегузарад.
Гарди камфурсатии коғази оташзадаам,
Ҳар нафас қофилаворе шарарам мегузарад.
Номаҳо дар бағал аз шуҳрати анқо дорам,
Қосиди ман ҳама ҷо бехабарам мегузарад.
Завқи роҳат чӣ қадар роҳзани огоҳист,
Умр дар хоб зи болини парам мегузарад.
Дил чу санг об шавад, то нафасам пеш ояд,
Зиндагӣ мунтазири шишагарам мегузарад.
Чашм барбанд, талоше дигарат лозим нест,
Лағзиши як мижа аз дайру ҳарам мегузарад.
Хоки ҳар дар, ки ба афсуни тамаъ мебӯсам,
Об мегардаду оташ зи сарам мегузарад.
Маркази сози ҳаловат гираҳи хомӯшист,
Гар нафас мезанам, аз най шакарам мегузарад.
Омадурафти нафас муғтанами роҳат гир,
Зиндагӣ ку, агар ин гарди зарам мегузарад?
Ситаме нест чу исор ба бунёди хасис,
Медарад пӯст, чу моҳӣ зи дирам[217] мегузарад.
Нестам қобили як гом дар ин дашт чу умр,
Лек чандон ки зи худ мегузарам, мегузарад.
Роҳ дар пардаи таҳқиқ надорам, Бедил,
Умр чун ҳалқа ба беруни дарам мегузарад.

* * *

Ба андак шӯхие бунёди тамкин канда мегардад,
Ҳаё то лаб кушуд аз ҳам, табассум ханда мегардад.
Таназзуҳ гар ҳавас бошад, маҷӯшед он қадар бо ҳам,
Ки суҳбат аз сирешумихтилотӣ [218] ганда мегардад.
Тағофул ҳукми ҳамворист кӯҳу дашти имконро,
Ба чандин тахта як таҳрики мижгон ранда мегардад.
Ба узлат созу эмин зӣ, ки дар халқи вафодушман
Саги девонаи матлабмарасҳо канда мегардад.
Ба барқи теғи истиғно ҳазар аз гарданафрозӣ,
Дар ин майдон фалак ҳам сар ба пеш афканда мегардад.
Хаёли рафтагон рафтан надорад ҳамчу доғ аз дил,
Ба ибрат[219] чун расад нақши қадам, поянда мегардад.
Гаронӣ бар табоеъ[220] аз ғурури қадр напсандӣ,
Дар ин бозор ҷинси камбаҳо арзанда мегардад.
Қаноат мекунад дар хӯшачинӣ хирманоройӣ,
Қабо чун пинаҳо[221] бар хеш дӯзад, жанда мегардад.
На анҷум донаму не даври гардун, лек медонам,
Ҷаҳон ранг асту яксар гирди гардонанда мегардад.
Арақҳо мекунам чун шамъу сар дар ҷайб медуздам,
Илоҷе нест, ҳастӣ аз адам шарманда мегардад.
Агар тасхири дилҳо дар хаёлат бигзарад, Бедил,
Ба эҳсон ҷаҳд кун, к-ин ҷо худой банда мегардад.

* * *

Ба пастӣ вонамонад, ҳар кӣ аз дарде нишон дорад,
Саҳар аз чокҳои дил ба гардун нардбон дорад.
Ба дӯши арраҳиле бори ҳасрат мекашад олам,
Ҷарас умрест, чун гул маҳмили ин корвон дорад.
Ба ҷуз ваҳшат намеболад зи аҷзои ҷаҳон гарде,
Чаман аз барг-барги хеш доман бар миён дорад.

Ба завқи офият хун хӯрданат кор аст, маъзурӣ,
Дар ин ҷо гар ҳама мағз аст, дарди устухон дорад.
Макун бо чашми тар савдо, агар маҳви тамошоӣ,
Баҳори ҳайрати оина дар шабнам хазон дорад.
Сухан бошад далели зиндагӣ равшанхаёлонро,
Ғами мурдан надорад шуълаи мо, то забон дорад.
Дар оғӯши нишоти даҳр хобидаст кулфатҳо,
Шикастан дар тилисми шӯхии ранг ошён дорад.
Ба сад гулзор раъноӣ, ба чандин ранг пайдоӣ
Ҳамон номуси яктоӣ маро аз ман ниҳон дорад.
Ғуборам пар намезад, гар наме сар мезад аз ашкам,
Инони ваҳшати ман аҷзи ин вомондагон дорад.
Нишоти ҳусн меболад зи дарди ошиқон, Бедил,
Гулистон хандадарбор аст, то булбул фиғон дорад.

* * *

Бути ҳиндӣ кай аз дарди сари туркон хабар дорад?
Дар ин кишвар миён ку, то димоғи баҳла[222] бардорад?
Дар ин дарё, ки ҳар як қатра сад доман гуҳар дорад,
Ҳубоби мо бадилпечида оҳе беасар дорад.
Набошад гар талоши офият, накд аст оромат,
Нафасро саъйи роҳат ин қадар зеру забар дорад.
Ба як ранг аз баҳори муддаои дил машав қонеъ,
Ки ин оина ғайр аз хун шудан чандин ҳунар дорад.
Ҳубобам дар канори мавҷ дорад сайри ҷамъият,
Бароҳат мепарад мурғе, ки зери бол сар дорад.
Ба рӯи ишратам натвон дари чоки ҷигар бастан,
Чу мижгон шоми ман ороиши субҳе дигар дорад.
Ба зоҳир гар замингирам, зи мақсад нестам ғофил,
Ки чашми нақши по аз ҷода бар манзил назар дорад.

Ба қадри эътиборот аст забти хеш мардумро,
Чу санге к-обдор афтад, фусурдан бештар дорад.
Ба ин ҳастӣ гарат номе ба даст ояд, ғанимат дон,
Ки бисёр аст, агар дӯши нафас овоз бардорад.
Нахоҳад шуд сиёҳӣ аз ҷабини ахтарам зоил,
Шаби ошиқ ба мӯи косаи чинӣ саҳар дорад.
Сафо дар арзи сомони ҳунар гум кардаам, Бедил,
Зи ҷавҳар ҳайрати оинаи ман болу пар дорад.

* * *

Барои хотирам ғам офариданд,
Туфайли чашми ман нам офариданд.
Чу субҳ он ҷо ки ман парвоз дорам,
Қафас бо бол тавъам офариданд.
Арақ гул кардаам аз шарми ҳастӣ,
Маро аз чашми шабнам офариданд.
Гуҳар мавҷ оварад, оина гавҳар,
Диле беорзу кам офариданд.
Ҷаҳон хунрезбунёд аст, ҳуш дор,
Сари сол аз муҳаррам офариданд.
Видоъи ғунчаро гул ном карданд,
Тарабро мотами ғам ғам офариданд.
Кафи хоке, ки бар бодаш тавон дод,
Ба хун гил карда одам офариданд.
Илоҷе нест доғи бандагиро,
Агар бешам вагар кам офариданд.
Тилисми зиндагӣ улфатбино нест,
Нафасро яққалам[223] рам офариданд.
Агар олам барои хеш пайдост,
Барои ман маро ҳам офариданд.

Чӣ сон тобам сар аз фармони таслим?
Ки чун абрӯям аз хам офариданд.
Дилам, Бедил, надорам чора аз доғ,
Нигинро баҳри хотам офариданд.

* * *

Ба шӯхӣ зад тараб, ғам офариданд,
Мукаррар[224] шуд асал, сам офариданд.
Нисори нозе аз андеша гул кард,
Ду олам ҷон ба як дам офариданд.
Ба захми изтироби бисмили мо
Зи хуни рафта марҳам офариданд.
Шикасти офият оҳанг гардид,
Ба ҳар ҷо сози одам офариданд.
Ҳамон ҷӯши баҳори бедимоғист,
Ба як сурат ду гул кам офариданд.
Ба ҳар ҷо ваҳшати мо арза доданд,
Шарору барқ берам офариданд.
Гули ин бӯстон офатбаҳор аст,
Шикасту ранг тавъам офариданд.
Ба таскини дили маҷрӯҳи бисмил
Пари афшонда марҳам офариданд.
Ба пирӣ гиря кун, к-оинаи субҳ
Барои арзи шабнам офариданд.
Каримон, хун шавед аз хиҷлати ҷуд,
Ки шуҳрат хоси Ҳотам офариданд.
Чу моҳи нав хами вазъи суҷудам
Зи пешонӣ муқаддам офариданд.
На махмурӣ, на мастӣ, чист, Бедил?
Димоғат аз чӣ олам офариданд?

*   *   *

Бар тамаъ табъи хасисе, ки тафохур[225] дорад,
Обрӯро арақи саъй тасаввур дорад.
Бо бахилон на ҳамин[226] табъи гадо нософ аст,
Кисаи худ ҳам аз ин қавм диле пур дорад.
Гули ин боғ агар бехабар аз фурсат нест,
Хандаи ранг ба рӯи кӣ тамасхур[227] дорад?
Табъи шаҳватнасаб аз сайри гиребон орист,
Гардани хар сари таҳқиқ ба охур дорад.
Хок шав, маънии мавҳумаи[228] ҳастӣ дарёб,
Фаҳми розат ба адам ҷайби тафаккур дорад.
На зи мастӣ хиҷилам, не зи ҷунун мунфаилам,
Табъи бесохтаи шавқ чӣ унсур дорад?
Аз шикаст аст раги гардани амвоҷ баланд,
Оҷизӣ ҳам чӣ қадар нози такаббур дорад.
Қиллати[229] моя арақ мекашад аз табъи карим,
Абр ҳар ҷо тунук афтод, тақотур[230] дорад.
Худгудоз аст шароре ки ба ҷое нарасад,
Нола дар беасарӣ сахт таассур[231] дорад.
Маҳв гардидани мо он ҳама номавзун нест,
Сактаи мисраи наззора таҳайюр дорад.
Бедил аз ҷаҳл маяндеш, ки дар матлаби ишқ
Ҳама гар тифли сиришкест, табаҳҳур[232] дорад.

*   *   *

Бар ин ситамкада, ё Раб, чӣ санг меборад,
Ки дил шикастагию дида ранг меборад.
Насибаи дили равшан бувад кудурати даҳр,
Ҳамин[233] ба хонаи оина занг меборад.
Чу ғунча во нанамуданд бе гireҳ гаштан,
Ки ранги амн ба дилҳои танг меборад.

Биё, ки бе ту ба базм аз таронаҳои ҳазин
Дили шикаста зи гесӯи чанг меборад.
Зи хоки кӯи ту машқи назокате дорам,
Ки бӯи гул ба димоғам ханданг меборад.
Гузашт фурсати васлу зи норасоии ваҳм
Нигаҳ зи ашк ҳамон узри ланг меборад.
Ба чашми шавқ нигоҳе, ки дар баҳори ниёз
Шикасти ҳоли заифон чӣ ранг меборад?
Ба завқи парвариши ваҳм об мегардем,
Саҳоби мо ҳама бар кишта банг меборад.
Далели ибрати дил субҳи нодамида бас аст,
Ки забти оҳ бар оина занг меборад.
Ҳуҷуми сояи гул домгоҳи ҳайрат нест,
Бар ин чаман ҳама доғи паланг меборад.
Зи бас ба кишти ҳасад хирман аст офатҳо,
Даме ки тир набошад, туфанг меборад.
Зи доми ҳодиса, Бедил, раҳоӣ имкон нест,
Ки қатраи ту ба коми наҳанг меборад.

*   *   *

Ба гармии нигаҳ аз шуъла тоб мерезад,
Ба нармии сухан аз гавҳар об мерезад.
Таровати арақи шармро тамошо кун,
Чу барги гул зи ниқобаш гулоб мерезад.
Сабо ба домани он зулф то занад дасте,
Ғубори шаб зи дили офтоб мерезад.
Сафои хотири мо обёри ҷилваи ӯст,
Катони шуста ҳамон моҳтоб мерезад.
Ба оламе ки кунад ишқ санъаторой,
Чаман зи оташу гулхан зи об мерезад.

Зи мавҷхези ғино кӯҳу дашт як дарёст,
Хаёли ташналаби мо сароб мерезад.
Ба завқи роҳат аз афтодагӣ машав ғофил,
Ки лағзиши мижаҳо ранги хоб мерезад.
Биҷӯ зи хокнишинон суроғи гавҳари роз,
Ки нақди ганҷ зи ҷайби хароб мерезад.
Захираи дили равшан намешавад асбоб,
Ки ҳар чӣ оина гирад, дар об мерезад,
Зимоми кор ба таъҷил наспарӣ, Бедил,
Ки боли барқу шарар аз шитоб мерезад.

* * *

Ба гуфтугӯи касон мардуме ки мелофанд,
Чу хат ба маънии худ норасида ҳаррофанд.
Мабош ғарраи инсоф, к-ин нафасбофон
Ба пунбакории мағзи хаёл наддофанд.
Тавонгаре, ки дам аз фақр мезанад, ғалат аст,
Ба мӯи косаи чинӣ намад намебофанд.
Таҳияи сипар аз эҳтироз кун, к-имрӯз
Ба қатъи ҳам баду неки замона сайёфанд[234].
Сухан чӣ арзи наҷобат диҳад дар он маҳфил,
Ки симузарнасабон ҳамчу ҷадвал ашрофанд?
Ғараз зи суҳбат агар поси обрӯ бошад,
Ҳазар кунед, ки абнои ҷоҳ аҷлофанд[235].
Дари биҳишти маонӣ ба рӯяшон макшо,
Ки ин ҷаҳаннамие чанд нанги аърофанд.
Ба илми пуч чу ҷаҳли мураккабанд басит,
Ба фитрати кашафӣ [236] дарсгоҳи кашшофанд.
Зи вазъашон маталаб ним нуқта ҳамворӣ,
Ки якқалам ба хамупечи саркашӣ кофанд.

Тамом беҳуда гӯянду тозагӣ ин аст,
Ки чашм бар тамаи ришханди инсофанд.
Аз ин харон маталаб мардумӣ, ки чун гирдоб
Ба мавҷи оби манӣ ғарқ то лаби нофанд.
Ба хоки тира мазан нақди обрӯ, Бедил,
Дар ин диёр, ки кӯрони чанд саррофанд[237].

* * *

Балокашони муҳаббат гули чӣ найранганд,
Шикастаанд ба ранге, ки олами ранганд.
Чи шишаву чи парӣ, хоназоди ҳайрати мост,
Ба орамидагии дил, ки бехудон санганд.
Зи айбпӯшии абнои рӯзгор мапурс,
Яке гар оина пардохт, дигарон занганд.
Фиреби сулҳ махӯр аз кушодарӯии халқ,
Ки тангҳавсалагиҳои арсаи ҷанганд.
Ба водие ки талаб норасои мақсади ӯст,
Баҳуш бош, ки манзилрасидагон ланганд.
Навои пардаи бетобии нафас ин аст,
Ки офиятталабон сахт ғафлатоҳанганд.
Ту ҳар шикаст, ки хоҳӣ, ба дӯши мо барбанд,
Вафосиришта ҳарифон табиати ранганд.
Зи ваҳм бар сари минои худ чӣ меларзӣ?
Ҳанӯз шишагарон дар тараддуди санганд.
Ба бастани мижа анҷоми кор шуд маълум,
Ки оби оинаҳо ҷумла туъмаи занганд.
Ҳубоб ним нафас бо нафас намесозад,
Зихудтиҳишудагон бар худ ин қадар танганд.
Зи халқ он ҳама бегона нестӣ, Бедил,
Ту ҳарзафикрию ин қавм олами банганд.

* * *

Баҳори умр ба субҳи дамида мемонад,
Нафас ба ваҳшати сайди рамида мемонад.
Насими айш агар мевазад дар ин гулшан,
Ба сити[238] шаҳпари мурғи парида мемонад.
Ба ҳар чӣ дида кушудем, мавҷи хун гул кард,
Нигоҳи мо ба раги нешдида мемонад.
Биё, ки бе ту ба чашми тарам ҳуҷуми нигоҳ
Ба мавҷи сафҳаи мистаркашида мемонад.
Зи аҷз агар сари тӯмори шиква бикшоям,
Нафас ба сина чу хат бар ҷарида мемонад.
Куҷо равем, ки домони саъйи бисмили мо
Зи заъф дар таҳи хуни чакида мемонад.
Чӣ гул кунем ба доман зи пойи хоболуд?
Баҳори обила ҳам нодамида мемонад.
Ба норасоии парвоз рафтаем аз хеш,
Пари шикаста ба ранги парида мемонад.
Қадаҳбадасти хумистони шавқи кист баҳор,
Ки гул ба чеҳраи соғаркашида мемонад?
Ба ҳасрати дами теғат ҷароҳати дили мо
Ба ошиқони гиребондарида мемонад.
Ба табъи мавҷи гуҳар изтироб натвон ёфт,
Сиришки мо ба дили орамида мемонад.
Зи нусхаи ду ҷаҳон дарси мо фаромӯшист,
Ба гӯши мо сухани ношунида мемонад.
Маро ба базми адаб кулфате, ки ҳаст, ин аст,
Ки шавқ бисмилу дил нотапида мемонад.
Хуш аст, тоза кунӣ табъи дӯстон, Бедил,
Ки фитратат ба шароби расида мемонад.

* * *

Баҳор мераваду гул зи боғ мегузарад,
Пиёла гир, ки фасли димоғ мегузарад.
Навои булбулу овози хандаи гулҳо
Ба дӯши ибрати бонги калоғ мегузарад.
Кудурате, ки зи асбоб чидаӣ бар дил,
Сиёҳиест, ки охир зи доғ мегузарад.
Ба ҷустуҷӯи чӣ матлаб шикастаӣ доман?
Ғубори худ ба ҳам овар, суроғ мегузарад.
Касе ба ҷонкании беасар чӣ чора кунад?
Фароғҳо ба талоши фароғ мегузарад.
Фиреби ҷилваи товус аз ин чаман нахӯрӣ,
Ғубори қофиласолори доғ мегузарад.
Мухолафат ҳам аз ин дӯстон ғанимат гир,
Дурӯза суҳбати тӯтию зоғ мегузарад.
Шарар ба сафҳа зану фурсати тараб дарёб,
Шаби саҳарнафасат бечароғ мегузарад.
Зи қайди лафз баро, маънии муҷаррад бош,
Май асту нашъа, даме к-аз аёғ мегузарад.
Магӯ паёми қаноат ба мунъимон, Бедил,
Ғариқи ҳирс зи пул бедимоғ мегузарад.

* * *

Ба ҳар ҷо сози ғайрат инфиолоҳанг мегардад,
Ба мавҷи як арақ сад осиёи ранг мегардад.
Нагардад заъфи пирӣ монеи бетобии шавқат,
Наво аз по наяфтад, гар найи мо чанг мегардад.
Фусурдан кисвати номуси чандин ваҳшат аст ин ҷо,
Парӣ дар шиша дорад хоки мо, гар санг мегардад.
Зи улфатгоҳи дил магзар, ки бо он парфишониҳо
Нафас ин ҷо зи лаб нагзашта узри ланг мегардад.

Чу гирад худнамоӣ доманат, сози надомат кун,
Хамӯшӣ метапад бар хеш, то оҳанг мегардад.
Фиреби об натвон хӯрдан аз оинаи ҳастӣ,
Гар имрӯзаш сафое ҳаст, фардо занг мегардад.
Димоғи ваҳм саршор аст дар хумхонаи имкон,
Майи таҳқиқ то дар ҷом резӣ, банг мегардад.
Надонам, набзи мавҷам ё ғубори шишаи соат?
Ки роҳат аз мизоҷи ман ба сад фарсанг мегардад.
Ҷунунам ҷомаворе дорад аз ташрифи урёнӣ,
Ки гар як ришта бар рӯяш физоӣ, танг мегардад.
Дил он беҳтар, ки чун ашк аз тапидан нагзарад, Бедил,
Ки ин гавҳар ба як дам орамидан санг мегардад.

* * *

Булҳавас аз сабуксарӣ ҳифзи сухан намекунад,
Дар қафаси ҳубобҳо бод ватан намекунад.
Лаб макушой чун садаф, то гуҳар оварӣ ба каф,
Гӯш талаб, ки кори гӯш ҳеҷ даҳан намекунад.
Қатра муҳит мешавад, чун зи саҳоб шуд ҷудо,
Рӯҳ зи ваҳми худ абас тарки бадан намекунад.
Ҳастии худгудози ман шамъи шарарбаҳонаест,
Лек касе нигоҳи гарм ҷониби ман намекунад.
Хуни умед мехӯрад бе ту дили шикастаам,
Турраи саркашат чаро ёди шикан намекунад?
Баски ҳавои ғурбатам чун нафас аст дилнишин,
Ҷавҳари ман дар оина фикри ватан намекунад.
Нест ба олами ҷунун гардиши ранги офият,
Ҳеҷ кас аз бараҳнагӣ ҷома куҳан намекунад.
Пунбаи доғи ошиқон нест ба ғайри сӯхтан,
Мурдасифат чароғи мо сар ба кафан намекунад.

Дида ба сад ҳазор ашк маҳви нисори мақдамест,
Оҳ, ки он Суҳайли ноз ёди Яман намекунад.
Манъи ғанои далбарон нест ба ҷаҳди ошиқон,
Булбул агар ба хун тапад, ғунча сухан намекунад.
Аз азабӣ [239] ба табъи худ ҷамъ макун маводи нанг,
Шавҳари хеш мешавад, мард ки зан намекунад.
Нола ба шуъла метапад, ҳалқаи доғ, гӯ, мабош,
Шамъи бисоти бекасон сози лаган[240] намекунад.
Захми ту ончи мекунад бо дили хастагони ишқ,
Субҳ накарда бо ҳаво, гул ба чаман намекунад.
Сояи дур аз офтоб муғтанами худ асту бас,
Толиби васли ӯ шудан сарфаи ман намекунад.
Нест даме ки шонавор дар хами фикри зулфи ёр
Бедили синачоки мо сайри Хутан намекунад.

* * *

Бинои ранги фитрат бар мизоҷи дун намебошад,
Замини хонаи хуршед ҷуз гардун намебошад.
Шикасти кори дунё нест ташвиши димоғи ман,
Хаёли мӯйи чинӣ дар сари Маҷнун намебошад.
Каманди ҳимматам гироие дорад, ки чун гардун
Сари ман низ аз фитроки ман берун намебошад.
Ба домони қиёмат пок натвон кард мижгонам,
Нами чашме ки ман дорам, ба сад Ҷайҳун намебошад.
Кӣ дорад тоқати санги тарозуи адам будан?
Камам чандон, ки аз ман ҳеҷ кас афзун намебошад.
Дами тақрир[241] агар гоҳе нафас дуздам, макун айбам,
Ба таври аҳли маънӣ сакта номавзун намебошад.
Саводи ростбинӣ кардан аст, эй бехабар, равшан,
Хати тарсо ҳам ин ҷо он қадар вожун намебошад.

Ба сомони либос аз саъйи расвоӣ табарро[242] кун,
Иборат ҷуз гиребончокии мазмун намебошад.
Ҳазар кун аз шукуфтан, то набозӣ ранги ҷамъият,
Ҷароҳатҳо ҷуз оғӯши видоъи хун намебошад.
Дар ин ибратфазо то кай бисоти карруфар чидан?
Замоне беш гарди сел дар ҳомун намебошад.
Зару мол он қадар хуштар, ки хокаш кам хӯрад, Бедил,
Талоши ганҷ ҷуз сарманзили Қорун намебошад.

* * *

Ба ёдат гардиши рангам ба ҳар ҷо бор мебандад,
Зи мавҷи гул замин то осмон зуннор мебандад.
Чӣ сон хомӯш бошам бе ту, к-аз дарди таманноят
Тапиш бар гавҳари оина мусиқор мебандад?
Суҷуде мебарам чун соя килки офаринишро,
Ки сар то пои ман як ҷабҳаи ҳамвор мебандад.
Гирифтам, тоби оғӯшат надорам гардиши чашме,
Таманно нақши уммеде ба ин паргор мебандад.
Ба қадри гардиши ранг осиёи навбат аст ин ҷо,
Ду рӯзе хуни мо ҳам гул ба дасти ёр мебандад.
Ба ин тамкини ширин ҳар куҷо аз ноз бархезӣ,
Гиреҳ дар найшакар пеши қадат зуннор мебандад.
Паёми офият хоҳӣ, зи уммеди нафас бигсил,
Надоматнағма сози ибрате, к-ин тор мебандад.
Ба номуси ҳаё бояд арақ дар ҷабҳа дуздидан,
Зи шабнам гулшани мо рахна бар девор мебандад.
Намебошад ҳарифи ҳусни таҳқиқ аз ҳаё ғофил,
Шукӯҳи барқи ин водӣ мижа ночор мебандад.
Гар аз рангинии бедоди нозат шиква пардозам,
Шикасти дил пари товус бар минқор мебандад.

Ба ин шавқе, ки ман чун гул ба пероҳан намегунҷам,
Сари гирди сарат гардиданам дастор мебандад.
Зи нанги ибтизолам[243] об хоҳад сохтан, Бедил,
Таъаллуқнақш мазмуне, ки дил бисёр мебандад.

* * *

Бе занг дар ин маҳфил оина намебошад,
Он дил ки тиҳӣ бошад аз кина, намебошад.
Ҳар ҷилва ки дар пеш аст, гардаш ба қафо дарёб,
Фардоии ин олам бе дина намебошад.
Маҷнун ба кӣ дил бандад? Ҳасрат ба чӣ пайвандад?
Дар кисвати урёнӣ ин пина намебошад.
Ҳайф аст, кашад фурсат дарди сари махмурӣ,
Дар ҳафтаи майхорон одина намебошад.
Як риш ба сад Кавсар арзон накунӣ, зоҳид,
Дар чорсуи ҷаннат пашмина намебошад.
Ёрон, мижа бардоред, муфт аст фалактозӣ,
Ин манзари ҳайратро як зина намебошад.
Дар коргаҳи таҷдид якдаст чамансозист,
Тақвими баҳор ин ҷо порина намебошад.
Ҳар гавҳар аз ин дарё дорад садафи дигар,
Дил дар кафи дилдор аст, дар сина намебошад.
Гар аҳли сухан, Бедил, сомони ғано хоҳанд,
Чун нусхаи ашъорат ганҷина намебошад.

* * *

Бехудӣ имшаб пару боли фиғоне мешавад,
Гар надорам муддао, боре баёне ешавад.
Ҳеҷ вазъе дар тариқи ҷустуҷӯ бекор нест,
Пойи хоболуда ҳам санги нишоне мешавад.

Нашъаи таслим ҳосил кун, ки муште хокро
Бод ҳам гар мебарад, тахти равоне мешавад.
Мавҷи ин дарё ба саъйи нохудо муҳтоҷ нест,
Киштии моро шикастан бодбоне мешавад.
Чун латофат туҳматолуди кудурат шуд, балост,
Сояи боли парӣ кӯҳи гароне мешавад.
Рух мапӯш аз ман, ки чашми ҳасратоҳанги маро
Ҳар сари мижгон пару боли фиғоне мешавад.
Оҷизам чандон, ки дар арзи заифиҳои ман
Нола гар болад, нигоҳи нотавоне мешавад.
Гар чунин бошад фишори ҳасрати боли ҳумо,
Мағзҳо охир зи хушкӣ устухоне мешавад.
Баски гармиҳои суҳбат парфишони ваҳшат аст,
Оташи ин корвон ҳам корвоне мешавад.
Роҳати ҷовид дар забти инони орзуст,
Болу пар гар ҷамъ гардад, ошёне мешавад.
Сайри Ҳақ, Бедил, ба қадри тарки асбоб асту бас,
Сӯи ӯ аз ҳар чӣ баргардӣ, иноне мешавад.

*   *   *

Бе фақр ошкор нагардад иёри мард,
Бахти сияҳ бувад маҳаки эътибори мард,
Поси виқору садди Сикандар баробар аст,
Ҷуз обрӯ чу теғ нашояд ҳисори мард.
Дунё зи аҳли ҷуд ба худ ноз мекунад,
Зан бева нест, то бувад андар канори мард.
Ҳиммат баланд дор, к-аз асбоби эътибор
Беғайратист, онҷи наёяд ба кори мард.
Дар арсае, ки по фишурад ғайрати сабот,
Кухсорро ба нола насанҷад виқори мард.

По бар ҷаҳони пуч задан нанги ҳиммат аст,
Дар пунбазори ҳез наяфтад шарори мард.
Беш аст азми шер ба гови баландшох,
Бар хасми бесилоҳ далерист ори мард.
Ҷуз синасофӣ оинаи муддао набуд,
Ҳар ҷо намуд ҷавҳари ҷуръат ғубори мард.
Ин ҷо дар оби теғ ба хун ғӯта хӯрдан аст,
Оина то куҷо шавад оинадори мард?
Гандум ба ғайри офати Одам чӣ дошт аст?
Ё Раб, ту шакли зан написандӣ дучори мард.
Он ҷо, ки чархи дун кунад имдоди нокасон,
Ҳез аз фишори хуся[244] барорад димори мард.
Баргаштааст баски дар ин аср таври халқ,
Номардии зане, ки нагардад савори мард.
Бедил, замона душмани арбоби ғайрат аст,
Тарсам, ба дасти ҳез диҳад ихтиёри мард.

* * *

Бенамак аз намаки ғайр таваҳҳум[245] дорад,
Лаби бом аст, ки изҳори такаллум дорад.
Ҷои ашк аз мижаи теғи ҳаё ҷавҳар рехт,
Чӣ қадар ҳасрати захми ту табассум дорад.
Бе ту изҳори асар хиҷлати маъдумии мост,
Қатраи дур зи дарё чӣ талотум дорад?
Зоҳид аз гунбади дастор ба худ менозад,
Накунӣ айб, ки хар фахр ба тӯқум дорад.
Гар ба додат нарасад шӯри қиёмат, ситам аст,
Дарди ҳастист, ки фарёди тазаллум дорад.
Файзи хуршед ба олам зи кавокиб нарасад,
Шишаи танг куҷо ҳавсалаи хум дорад?

Муфти ғаввоси тааммул гуҳари маънии бикр
Дафтари Бедили мо хислати қулзум дорад.
Бедил аз файзи қаноат чамани офият аст,
Такя умрест, ки бар бистари қоқум[246] дорад.

*   *   *

Бе яъс дил аз ҳар чӣ надорад, гила дорад,
Носудани дасти ту ҳазор обила дорад.
Маҳмилкаши маҷнунравишон бесарупоист,
Ин қофилаи ашк аҷаб роҳила[247] дорад.
Аз олами найранги амал[248] ҳеҷ мапурсед,
Офоқ шарарфурсату зоҳид чила дорад.
Аз хор кунад шиква гули обилаи ман,
Оина гар аз шӯхии ҷавҳар гила дорад.
Як ғунча ба сад ранг гулафшони хаёл аст,
Яктоии ӯ ин қадарам даҳдила дорад.
Нагзашта зи сар, роҳ ба ҷое натавон бурд,
Ҳуш дор, ки пойи ту ҳамин обила дорад.
Дил маҳви гудоз аст, чи дар ҳаҷр, чи дар васл,
Ин оина дар об шудан ҳавсала дорад.
Даври шиками аҳли дувал бину дуҳул зан,
К-ин тоифаро тухми амал ҳомила дорад.
Ҳар ҷо равӣ, аз барқи фано ҷон натавон бурд,
Умрест, ки оташ пайи ин қофила дорад.
Дунё алами ғафлату укбо ғами аъмол,
Осудагӣ аз мо ду ҷаҳон фосила дорад.
Бедил, ману он назм, ки ҳар мисраи шӯхаш
Чун сарв, зи озодии ғамҳо сила[249] дорад.

* * *

Пари ҳумо чӣ кунад? Бахт агар дигаргун шуд,
Утоқа[250] аст думи мокиён, чу вожун шуд.
Дар аҳли мазбала[251] касби камол канносист[252],
Набояд он ҳама мақбули олами дун шуд.
Ҷунуни ҳирс пас аз марг низ дар кор аст,
Ҳазор ганҷ таҳи хоки милки Қорун шуд.
Фасонаи ту агар мӯҷиди алам нашавад,
Мубарҳан аст, ки Лайлӣ намонду Маҷнун шуд[253].
Ба гуфтугӯ мадеҳ аз каф ҳузури ҷамъият,
Инон гусаст, чу аз дона реша берун шуд.
Далели иззати мавҷи гуҳар хомӯшӣ буд,
Ба сакта сохт нафас, то калом мавзун шуд.
Ҳусули обилапо музди бесарупоист,
Кафили ин гуҳарам саъйи кӯҳу ҳомун шуд.
Уруҷи олами иқболи бехудӣ дигар аст,
Ба гардиш ончи зи рангам парид, гардун шуд.
Навои сози руунат[254] қиёматангез аст,
Ба хидмати раги гардан наметавон хун шуд.
Баҳори ғайрати мард обёрии хун дошт,
Арақ чакид ба кайфияте, ки гулгун шуд.
Замони фурсати ҳар чиз муғтанам шумаред,
Ки то ба ҳашр нахоҳад шуд, ончи акнун шуд.
Бар он ситамзада Бедил зи олами авҳом
Чӣ зулм рафт, ки Маҷнун нашуд, Фалотун шуд?

* * *

Пириям охир маю паймона бурд,
Боди саҳар шамъ зи кошона бурд.
Дида сиёҳӣ зи гулу лола чид,
Гӯш гаронӣ зи ҳар афсона бурд.

Шамъи ҷунун обилапо карда гум,
Сар ба ҳаво лағзиши мастона бурд.
Кашмакаш аз саъйи нафас қатъ шуд,
Арра худороии дандона бурд.
Ёди хаташ кардаму дил бохтам,
Сояи мӯр аз кафи ман дона бурд.
Ҳар кӣ дар ин анҷумани ҳирсу кад[256]
Сохт ба худ, ганҷ ба вайрона бурд.
Ҳасрати дидор гиребон дарид,
Оинаи мо ҳама ҷо шона бурд.
Хондани асрори вафо мушкил аст,
Муҳр шуд он нома, ки парвона[256] бурд.
Дар дили мо завқи тамошо намонд,
Оҳ, касе оина з-ин хона бурд!
Қосиди дилбар ҷигарам доғ кард,
Номаи ман нола шуд, аммо набурд.
Вақти ҷунун хуш, ки ғами хонумон
Як-ду дам аз Бедили девона бурд.

* * *

Пирӣ видоъи умри сабукбол вонамуд,
Мӯи сапед об ба ғирбол вонамуд.
Ин ҷинси эътибор, ки дар корвони мост,
Хоҳад ғубори монда ба дунбол вонамуд.
Ҷое ки шарм нам кашад[257] аз гирудори ҷоҳ,
Натвон ба кӯси шуҳрати иқбол вонамуд.
Мовуман аз фусуни тааллуқ баҳор кард,
Парвоз рангҳо зи пару бол вонамуд.
Ишқончи хонд дар бари мо зулфу кокулаш,
Бар зоҳидон салосилу ағлол[258] вонамуд.

З-он нуқтае, ки зад дили Маҷнунаш интихоб,
Лайлӣ ба ҷамъи лоларухон хол вонамуд.
Моро ба ҳар чӣ ишқ фурӯшад, камоли мост,
Биспурд ҳар матоъи ба даллол вонамуд.
Рамзи адам зи ҳеҷ лабе пардадар нашуд,
Васфи даҳони ӯ ҳамаро лол вонамуд.
Килке, ки гашт маҳрами мактуби аҷзи мо,
Сатре агар намуд, ҳамон нол[259] вонамуд.
Ҳар ҷо чу соя номаи ибрат кушудаем,
Бояд ҳамин сиёҳии аъмол вонамуд.
Ҳайрат ба кори дил гираҳе зад, ки чун гуҳар
Натвон-ш ним уқда ба сад сол вонамуд.
Бедил зи ибрате, ки дар оинаи ҳаёст,
Моро бас аст, агар ҳама тимсол вонамуд.

* * *

Пир хамёзакаши вазъи ҷавон мебошад,
Ҳасрати тир дар оғӯши камон мебошад.
Навбаҳори чамани умр ҳамин хомӯшист,
Гуфтугӯ сарсари[260] тамҳиди хазон мебошад.
Ғафлат аз мунтазири васл хаёлест муҳол,
Чашм агар баста шавад, дил нигарон мебошад.
Раҳбари олами болост хаёли қади ёр,
Хизри ин бодия чун сарв ҷавон мебошад.
Қатъи занҷир зи Маҷнуни ту натвон кардан,
Мавҷ ҷузви бадани оби равон мебошад.
Чӣ хаёл аст, навое зи таманно накашем?
Ки нафас риштаи қонуни фиғон мебошад.
Сахт дур аст аз ин домгаҳ озодии мо,
Мижа аз бехабарӣ болфишон мебошад.

Хотири нозуки мо эмин аз офот нашуд,
Санг дар коргаҳи шишагарон мебошад.
Сари таслим сабукмояи беқадриҳост,
Ҷинси моро ба кафи даст дукон мебошад.
Булбули тифлмизоҷам, ба куҷо дил бандам?
Гули ин боғ зи рангинқафасон мебошад.
Каҷадоёна ба арбоби матолиб сар кун[261],
Ростӣ бар дили ин қавм синон мебошад.
Чашм то во кунӣ, аз хеш бурун тохтаем,
Сурати оина доманбамиён мебошад.
Софмашраб дузабонӣ написандад, Бедил,
Ҳар чӣ дар дил, ба лаби об ҳамон мебошад.

* * *

Пеши арбоби ҳасаб[262] тарки насаб бояд кард,
Пардаи дидаву дил фарши адаб бояд кард.
Корвонҳо ҳама маҳмилкаши яъс аст ин ҷо,
Ноларо бадрақаи[263] саъйи талаб бояд кард.
Боиси гиря дар ин дашт агар чизе нест,
Алами бекасие ҳаст, сабаб бояд кард.
Гар шавад пеши ту манзури нисори нигаҳе,
Гавҳари ҷон ба ҳавас туҳфаи лаб бояд кард.
Ҷамъ будан ба парешонсифатӣ осон нест,
Рӯзҳо дар қадами зулфи ту шаб бояд кард.
З-ин таваҳҳумкада сомони дигар натвон ёфт,
Ҷуз даме чанд, ки исори тааб[264] бояд кард.
Тарки лаззоти ҷаҳон муфти саломат шумаред,
Ин шакар қобили он нест, ки таб бояд кард.
Ҷайби ҳар мавҷ тарабгоҳи ҳузури дарёст,
Фикри худ кун, гарат андешаи Раб бояд кард.

Нами обу кафи хоке ба ҳам омехта аст,
Ҳар чӣ ояд зи ту, корест аҷаб, бояд кард.
Бедил, ин анҷумани ваҳм[264] дигар натвон ёфт,
Дард ҳам муфти тамошост, тараб бояд кард.

* * *

То ба олам ранги бунёди таманно рехтанд,
Гарди моро, чун нафас, дар роҳи дилҳо рехтанд.
Вопасӣ з-ин корвон чандин надомат бор дошт,
Ҳар кӣ рафт аз пеш, хокаш бар сари мо рехтанд.
Ганҷи гавҳар шуд дили қавме, ки аз шарми талаб
Обрӯ дар домани худ ҳамчу дарё рехтанд.
Мотами матлаб ғуборангези чандин ҷустуҷӯст,
Орзу то хонавайрон гашт, дунё рехтанд.
Сурати вомондагон оинаи дигар надошт,
Аҷзи мо бепарда шуд, нақши кафи по рехтанд.
Қотили мо, чун саҳар, домони ноз афшонду рафт,
Хуни мо чун гул ҳамон дар домани мо рехтанд.
Айши ин маҳфил намеарзад ба андӯҳи шикаст,
Бедимоғон ҳам ба табъи санг мино рехтанд.
Инфиоли орамидан баски обам мекунад,
Сел ҷӯшид аз кафи хокам, ба ҳар ҷо рехтанд.
Ҳайрати оинаам, бо имтиёзам кор нест,
Сурати бунёдам аз чашми тамошо рехтанд.
Ин гулистон қобили наззораи улфат набуд,
Обрӯи шабнами мо сахт беҷо рехтанд.
Бедил, аз доми шикасти дил гузаштан мушкил аст,
Резаи ин шиша дар ҷавлонгаҳи мо рехтанд.

*   *   *

То ҳино аз кафат ба ком расид,
Шафақи ранги гул ба шом расид.
Мужда, эй дил, баҳор меояд,
Қосиди бӯигулпаём расид.
То адам шуд нафасшумори хаёл,
Зарраи мо ба инқисом[266] расид.
Ҳар чӣ дорад замона, орият аст,
Ҳаққи худ хостем, вом расид.
Гули ин боғ сархуши ваҳм аст,
Бодаҳо аз ҳаво ба ҷом расид.
Авҷи иқбол нардбонҳо дошт,
Саъй лангид, то ба бом расид.
Ба мақоме ки роҳи ҷаҳд гум аст,
Лағзиши по ба ним гом расид.
Азми товуси мо биҳиште буд,
Пар кушудан ба фаҳми дом расид.
Яъс табли нишоти дил будаш,
Аз шикаст ин нигин ба ном расид.
Навбари боғи эътибор мабош,
Ҳар чӣ ин ҷо расид, хом расид.
Хоҷа гар баҳраи нишот гирифт,
Хоби махмал ба эҳтилом расид.
Иззату обрӯи ин маҳфил
Ҳама аз хидмати киром расид.
Оҳ, мақсуди дил нафаҳмидам,
Бар ман ин нусха нотамом расид.
Бедил, аз хеш боядат рафтан,
Варна, натвон ба он хиром расид.

*  *  *

То машраби муҳаббат нанги вафо набошад,
Бояд миёни ёрон мову шумо набошад.
Дар маҳфиле ки аҳбоб чуну чаро фурӯшанд,
Макшо забон, ки он ҷо шояд ҳаё набошад.
Бар мо хато гирифтан аз кеши шарм дур аст,
Кас айби кас набинад, то беҳаё набошад.
Бо ҳар кӣ ҳар чӣ гӯӣ, санҷида боядат гуфт,
То каффаи виқорат подарҳаво набошад.
Аз сифла ончи зояд, таъзимро нашояд,
Нақше ки ҷӯшад аз по, ҷуз зери по набошад.
Иброми бениёзон зиллаткаши ғараз нест,
Гар дар талаб бимирад, ҳиммат гадо набошад.
Дар поят ончи резад, то ҳашр барнахезад,
Хуни вафосириштон ранги ҳино набошад.
Чун мӯи чинӣ, ин ҷо изҳор сурмаранг аст,
Ангушти зинҳорем, моро садо набошад.
Шамъи бисоти моро муфти нафасшуморист,
Ин як-ду дам таъаллуқ оташ чаро набошад?
Ҳарфи забони таҳқиқ бе нашъаи асар нест,
Дар кеши[267] ростиҳо тири хато набошад.
Хуш дорад он ситамгар бо шеваи тағофул,
Бегонааш мафаҳмед, к-ӯ ошно набошад.
Беруни ин биёбон пар мезанад ғуборе,
Эй маҳрамон, бибинед, уммеди мо набошад?
Ширинӣ он қадар нест дар хоби нози махмал,
Мижгон ба ҳам начаспад, то бӯриё набошад.
Фитрат намеписандад манзури ҷоҳ будан,
То устухон ба мағз аст, боби ҳумо набошад.
Дар маҷлисе ки иззат мавқуфи худфурӯшист,
Дигар касе чӣ бошад, гар мирзо набошад?

Дар суҳбате ки пирон бошанд бетакаллуф,
Ҳарчанд ханда бошад, дандоннамо набошад.
Ҷуз аҷз рост н-ояд аз ориятсириштон,
Дӯше, ки зери бор аст, хам то куҷо набошад?
Гарди димоғи ҳиммат саркӯби ҳар биноест,
Қасри фалак баланд аст, гар пушти по набошад.
Бедил, ҳамон нафасвор моро ба ҳукми таслим
Бояд задан дари дил, ҳарчанд ҷо набошад.

* * *

То маҳи нав бар фалак болкушо меравад,
Дар назарам рахши умр наълнамо меравад.
Хоҳ нафас фарз кун, хоҳ ғубори ҳавас,
Не саҳар асту на шом, сели фано меравад.
Қатъи нафас то ба ҷост, хоки ҳамин манзилем,
Шамъ раҳаш зери пост, саъй куҷо меравад?
Нашвунумо гуфтугӯст дар чамани эҳтиёҷ,
Рӯ ба фалак яккалам дасти дуо меравад.
Қофилаи аҷзу боз ҳукми «ба ҳар сӯ битоз»,
Олами вомондагист, обилаҳо меравад.
Саҷда намехоҳадат заҳмати ҷаҳди қадам,
Чун сарат афтод пеш, навбати по меравад.
З-ин ҳама боғу баҳор даст ба ҳам суда гир,
Фурсати ранги ҳино аз кафи мо меравад.
Дар чамани эътибор гар ҳама сайри дил аст,
Чашм нахоҳӣ кушуд, арзи ҳаё меравад.
Ҳарзахиром аст ваҳм, беҳудатоз аст фикр,
Ҳеҷ кас огоҳ нест, омада ё меравад?
Мавсими пирӣ расид, он ҳама бар худ мабол,
Рӯз ба фасли шито[268] ғунчақабо меравад.

Ҳайати шамъанд халқ, сози иқомат кирост?
По агар афшурдаанд, сар ба ҳаво меравад.
То ба куҷо боядам мотами худ доштан?
Бо нафасам умрҳост, оби бақо меравад.
Мақсаду мухтори шавқ Каъбаву бутхона нест,
Бесабабу беталаб дил ҳама ҷо меравад.
Ин ки ба худ чидаем фурсати нозу ниёз,
Дилбари мо як-ду гом побаҳино меравад.
Ҳар чӣ гузашт аз назар, нест бурун аз хаёл,
Бедил аз ин домгоҳ рафта, куҷо меравад?

* * *

Тадбир инони мани пуршӯр нагирад,
Ҳар пунба сари шишаи Мансур нагирад.
Дорад зи сару барги ғано домани фақрам
Чине, ки ба мӯе сари фағфур нагирад.
Дар халқ хиҷолаткаши таҳсили камолам,
Бар хирмани ман хурда магар мӯр нагирад?
Бо ман чу калаф бахти сиёҳест, ки сад сол
Дар моҳаш агар ғӯта диҳам, нур нагирад.
Наздиктар оед, саробам, на муҳитам,
Меъёри камолам касе аз дур нагирад.
Маҳрумии шавқи «аринӣ»[269] сахт азобест,
Ҷаҳде, ки хурӯши ту раҳи Тур нагирад.
Урёнӣ аз асбоби ҷаҳон муғтанам ангор[270],
То банди гиребони ту ҳар кӯр нагирад.
Қатъи амалу улфати дил укда[271] ба ҳол аст,
Чандон бибур ин ток, ки ангур нагирад.
Эй мурдадил, ороиши марқад чӣ таманност?
Номи ту ҳамон беҳ, ки лаби гӯр нагирад.

Бар мунтазири васл мафармо мижа бастан,
Инсоф қадаҳ аз кафи махмур нагирад.
Бедил, ҳадафи новаки офот бузургист,
Маҳ, то ба камолаш нарасад, нур нагирад.

* * *

Тасаллӣ ку, агар манзурат асбоби ҳавас бошад?
Надорад барги роҳат, ҳар киро дар дида хас бошад.
Зӣ ҳастӣ ҳар чӣ андешӣ, ғубори дил муҳайё кун,
Кусуфи офтоб оинаи арзи нафас бошад.
Дар ин маҳфил ҳаё кун, то гулӯи нола нахрошӣ,
Нафас ҳам камхурӯше нест, гар фарёдрас бошад.
Намегирад ба ғайр аз дасту теғу домани қотил,
Маро дар кӯчаҳои захм ранги хун асас бошад.
Чӣ имкон аст мову ҷуръати парвози гулзорат?
Нигоҳи оҷизонро сояи мижгон қафас бошад.
Наболидем бар худ заррае дар арзи пайдоӣ,
Ғубори мо мабод, афшондаи боли магас бошад.
Ба дил вомондаӣ, аз лофи мовуман табарро кун,
Муқими хонаи оина бояд бенафас бошад.
Чӣ лозим танг гирад осмон арбоби маъниро?
Шиканҷи мо ҳамон мазмун, ки натвон баст, бас бошад.
Макун сози иқомат, то ғубори хеш нашкофӣ,
Нафас пар мефишонад, шояд, овози ҷарас бошад.
Шикасти ранги уммедест сар то пои мо, Бедил,
Зи сайри мо машав ғофил, агар ибрат ҳавас бошад.

* * *

Танпарастон, ки ба ин нону намак айёшанд[272],
Бе такаллуф, ҳама болидани нону ошанд.
Сару гардан ҳама дар даври шикам рафта фурӯ,
Пуру холию сабукмағзтар аз хашхошанд[273].

Рабти ҷамъияташон вақфи тағофул зи ҳам аст,
Чашм агар боз шавад, чун мижаҳо мепошанд.
Оҳ аз ин номасиёҳон, ки зи машқи манумо
То дил оинаи роз аст, нафаснаққошанд.
Гуфтугӯ гар надарад парда, касе ин ҷо нест,
Ҳама мазмуни хаёле, зи иборат фошанд.
Шаш ҷиҳат матлаи хуршеду сияҳрӯзе чанд
Сояпарварди қафои мижаи хаффошанд[274].
Ғорати ҳам чӣ хаёл аст, равад аз дилашон?
Дар назар то кафане ҳаст, ҳамон наббошанд.
Инфиоле агар ояд ба миён, истеҳзост,
Ин намандуда ҷабинҳо араҷе мешошанд.
Умр дар суҳбати ҳам сарф шуд, аммо зи нифоқ
Кас надонист, ки ёрон ба куҷо мебошанд?
Бетамиз аҳли дувал мегузаранд аз сари ҷоҳ,
Ҳама бар махмалу дебо қадами фаррошанд.
Пеши арбоби маонӣ зи фусунҳои ҳиял
Рӯ масозед, ки ин оинаҳо наққошанд.
Бедил, аз аҳли адаб бош, ки чун гарди саҳар
Ин тааммулнафасон арсаи бепархошанд.

* * *

Ҷамъият аз он дил, ки парешони ту бошад,
Маъмурии он шавқ, ки вайрони ту бошад.
Умрест, дили хуншуда бетоби гудозест,
Ё Раб, шавад оинаву ҳайрони ту бошад.
Сад чарх тавон рехт зи парвози ғуборам,
Он рӯз, ки дар сояи домони ту бошад.
Доғам, ки чаро пайкари ман соя нагардид?
То дар қадами сарви хиромони ту бошад.

Ушшоқ баҳори чаманистони хаёланд,
Пӯшидагӣ оинаи урёни ту бошад.
Ҳар нақши қадам хумкадаи олами нозест,
Ҳар ҷо асари лағзиши мастони ту бошад.
Наззора зи кавнайн ба кавнайн напардохт,
Пайдост, ки ҳайрони ту ҳайрони ту бошад.
Мапсанд, ки дил дар тапиши яъс бимирад,
Қурбони ту, қурбони ту, қурбони ту бошад.
Сарҷӯши табассумкадаи нози баҳор аст,
Чине ки шиканпарвари домони ту бошад.
Дар дил тапише мехалад аз шубҳаи ҳастӣ,
Ё Раб, ки нафас ҷунбиши мижгони ту бошад.
Бедил, суханат нест ҷуз иншои таҳайюр,
Ку оина, то сафҳаи девони ту бошад?!

* * *

Ҷавҳари тамкини мард аз лоф барҳам мешавад,
Мовуман то беш мегардад, ҳаё кам мешавад.
Нест осон рабти қилуқоли номавзуни халқ,
Сакта мехонад нафас, то лаб фароҳам мешавад.
Рафт айёме, ки тақлид инфиоли халқ буд,
Сурати санг ин замон Исову Марям мешавад.
Решаҳо дорад ҷунуни тухми найранги хаёл,
Мекашад гандум сар аз фирдавсу Одам мешавад.
Дастгоҳи ишрату андӯҳи ин маҳфил дил аст,
Шамъ ҳангоми хамӯшӣ нахли мотам мешавад.
Ҳарф бисёр аст, аммо ҳеҷ кас огоҳ нест,
Чун ду дил бо якдигар ҷӯшад, ду олам мешавад.
Ҷаҳд мебояд, фусурдан яккалам беҷавҳарист,
Теғ чун абрӯ зи бекорӣ табардам мешавад.

Эй фақир, аз каффаи тамкини мунъим шарм дор,
Гар ба таъзими ту бархезад зи ҷо, кам мешавад.
Корвони субҳаем[275], андӯҳи вомондан кирост?
Ҳар кӣ пас монад, дами дигар муқаддам мешавад.
Барнагардонад фано ахлоқи софитинатон,
Пунба, баъд аз сӯхтанҳо низ марҳам мешавад.
Бори шарми ҷуръати дидор сангин будааст,
Чашм бармедораму дӯши мижа хам мешавад.
Васли хубон муғтанам гиред, к-аз аҷзои субҳ
Дар бари гул гиря дорад ҳар чӣ, шабнам мешавад.
Магзаред аз ҳақ, ки бар хони мукофоти амал
Даъвии ботил қасам гар мехӯрад, сам мешавад.
Бо хамӯшӣ соз кун, Бедил, ки дар аҳли замон
Гар ҳама мадҳ аст, то бар лаб расад, зам[276] мешавад.

* * *

Чоки кисвати фақрам ранги ханда мерезад,
Бахя бе баҳоре нест, гул зи жанда мерезад.
Дар димоғи парвона бол мезанад ашкам,
Қатраҳои ин борон пур тапанда мерезад.
Дар адам ҳам аҷзоям дастгоҳи зинҳорест,
Ин ғубор бар ҳар хок хаткашанда мерезад.
Реша дар ҳаво дорем, то куҷо ҳавас корем?
Донаи шарар дар хок норасанда мерезад.
Боғи мо чаман дорад дар замини хомӯшӣ,
Ғунча бошу гул мечин, гул ба ханда мерезад.
Бехабар, нагардидӣ маҳрами кафи афсӯс,
К-ин дуруштии табъат аз чӣ ранда мерезад?
Гарди нотавони мо чанд бар ҳаво бошад?
Гар ҳама фалактоз аст, боли канда мерезад.

Нома гар ба роҳ афканд, узрҳоҳи қосид бош,
Болҳо чу шамъ ин ҷо аз паранда мерезад.
Ҷавҳари талош аз ҳирс поймоли нокомист,
Ҳар арақ ки мо дорем, ин даванда мерезад.
Поси обрӯ то хун фарқи нозуке дорад,
Он ба теғ мерезад, ин ба ханда мерезад.
Ҷуз ҳаё, намебошад ҷавҳари карам, Бедил,
Ҳар чӣ резише дорад, сарфиканда мерезад.

* * *

Чашми ту ба ҳоли ман гар ним назар хандад,
Хорам ба чаман нозад, айбам ба ҳунар хандад.
То чанд бар он ораз бар рағми нигоҳи ман
Аз ҳалқаи гесӯят гулҳои назар хандад?
Дар кишвари муштоқон бе партави дидорат
Хуршед чаро тобад, баҳри чӣ саҳар хандад?
Дил мечакад аз чашмам, чун абр агар гирям,
Ҷон медамад аз лаълат, чун барқ агар хандад.
Бо аҳли фано ҳар кас дорад сари якрангӣ,
Бояд, ки ба ранги шамъ аз рафтани сар хандад.
Дар коргаҳи хубӣ, ё Раб, чӣ назокатҳост?
Сад кӯҳ ба худ болад, то мӯи камар хандад.
Дар ҷӯи дами теғат ширинии обе ҳаст,
К-аз ҷӯши ҳаловатҳо захмаш ба шакар хандад.
Сомони тараб саҳл аст з-ин накд, ки мо дорем,
Субҳ аз ду нафас фурсат бар худ чӣ қадар хандад?
Ҳар шабнам аз ин гулшан тамҳиди гуле дорад,
Бо гиря мудоро кун чандон, ки асар хандад.
Аз саъйи ҳавас бигзар, Бедил, ки дар ин гулшан
Гул низ агар хандад, аз паҳлуи зар хандад.

*   *   *

Чун оби равон пур магузар бехабар аз худ,
К-аз ҳар чӣ гузаштӣ, нагузаштӣ магар аз худ.
Дар боргаҳи ишқ на радде, на қабулест,
Эй тухфакаши ҳеч, ту худро бибар аз худ.
Гарди нафасе беш надорад саҳар ин ҷо,
Кам нест, диҳӣ арзи асар ин қадар аз худ.
Дар паллаи мавҳумии мо кӯҳи гарон аст,
Санге ки надорад ба тарозу шарар аз худ.
Чашме бикушо, маншаи парвоз ҳамин аст,
Чун байза шикастӣ, дамадат болу пар аз худ.
Ҳайҳот, ба сад дашту дар аз ваҳм давидем,
Аммо нарасидем ба гарди асар аз худ.
Гар то ба абад дар ғами асбоб бимирад,
Олам ҳама розест ба ин дарди сар аз худ.
Афтод ба гардан ғами пирӣ, чӣ тавон кард?
З-ин ҳалқа ҳам, афсӯс, нарафтам бадар аз худ.
Сайри сари зону ҳам аз афсуни ҷунун буд,
Афканд хаёлам ба ҷаҳоне дигар аз худ.
Саҳл аст гузаштан зи ҳавасҳои ду олам,
Гар марди раҳӣ, як-ду қадам даргузар аз худ.
Ёрони адамтоз ғубори тапише чанд
Пеш аз ту фишонданд дар ин дашту дар аз худ.
Вокаш ба тасалликадаи кунҷи тағофул,
Бишнав манумои ҳама чун гӯши кар аз худ.
Эй мавҷ, гар эҳсони талаб дар назари туст,
Дар васли гуҳар ҳам накушоӣ камар аз худ.
Оина шудан чист дар ин маҳфили ибрат
Ҳангоми тарошидани айбу ҳунар аз худ?
Дар халқ гар инсоф шавад оинадорат,
Бедил, чу худат кас нанамояд батар аз худ.

*   *   *

Чун риштае, ки аз гираҳ огоҳ мешавад,
Сад ҷода аз як обила кӯтоҳ мешавад.
Эй қосиди яқин, амалат[277] раҳзан асту бас,
Манзил макун баланд, ки бегоҳ мешавад.
Наққоши туст килки азал, гар назар кунӣ,
Одам мусаввар аз калафи моҳ мешавад.
Бешу ками ғано ҳама асмои ҳоҷат аст,
Фақр он замон ки гул кунад, Аллоҳ мешавад.
Бар хотами қаноати дарвешмашрабӣ
Кам нест ин, ки номи гадо шоҳ мешавад.
Аз офати ғурур ҳазар кун, ки ҳамчу шамъ
Чашм аз баландии мижаат чоҳ мешавад.
Барҳамзани виқори бузургист гуфтугӯ,
Кӯҳ аз садо хафифтар аз коҳ мешавад.
Чун осмон камоли бузургон фурӯтанист,
Вазъи тавозуъ оби рухи ҷоҳ мешавад.
Ҳар неъмате ки моидаи ҳирс чидааст,
Анҷоми рағбаташ ҳама икроҳ[278] мешавад.
Аз ҷодаи адаб манамоед инҳироф,[279]
По хасми доманаст, ки гумроҳ мешавад.
Ҷуз яъс нест карруфари лофи зиндагӣ,
Ҳар гаҳ нафас баланд шавад, оҳ мешавад.
Рӯзе ду аз ту шикваи толеъ ғанимат аст,
Ин олам аст, кори кӣ дилхоҳ мешавад?
Бедил, ба нола хӯ куну хоҳӣ хамӯш бош,
Инҳо фасонаест, ки кӯтоҳ мешавад.

*   *   *

Чу субҳа бар сари ҳам то ба кай қадам шумаред?
Ба якдилӣ нафасе чанд муғтанам шумаред.
Ба ҳеҷ ҷузв зи аҷзои даҳр фосила нест,
Саросари хати паргор сарбаҳам шумаред.

Намуди кори ҷаҳон нақши косаи банг аст,
Лабе ба ханда кушоеду ҷоми Ҷам шумаред.
Ба сафҳа роҳ набурдаст нақши зулмату нур,
Саводи даҳр хате дар шақи қалам шумаред.
Ҷунуни олами ибрат ба гардан афтодаст,
Нафас занеду ҳамон ҳастию адам шумаред.
Суроғи маркази таҳқиқ то ба дил нарасад,
Зи дайр то ба ҳарам лағзиши қадам шумаред.
Ҳисоби бешу ками ҳирс то абад боқист,
Магар ба сафҳа занед оташу дирам шумаред.
Кадом қатра дар ин баҳр боби гавҳар нест,
Хатои мо ҳама шоистаи карам шумаред.
Ба нола макунам ангушти зинҳор баланд,
Зи ман ба арсаи ҷуръат ҳамин алам[280] шумаред.
Кас аз ҳубоб нагирад иёри илму амал,
Ҳисоби мо нафасе беш нест, кам шумаред.
Навои сози ҳаё бе фузулии манумост,
Зи парда чанд бароеду зеру бам шумаред.
Агар ҳазор азал то абад зананд ба ҳам,
Таъаллуқи ману Бедил ҳамин ду дам шумаред.

* * *

Чу давлат дараш бар хасон во шавад,
Пар орад бурун мӯру анқо шавад.
Бипарҳез аз иқболи дунфитратон,
Тунукрӯст санге, ки мино шавад.
Сабукмағз шоёни асрор нест,
Хас аз дуздии шуъла расво шавад.
Чу баргардад иқболи илму амал,
Варақ чист, хат ҳам чалипо[281] шавад.

Бар арбоби ҳиммат даноат[282] мабанд,
Фалак хок гардад, ки сар по шавад.
Муаммои офоқ натвон шикофт,
Магар исми анқо мусаммо[283] шавад.
Зи асбоб натвон ба дил зад гиреҳ,
Бирӯбед, то хона саҳро шавад.
Нигин метарошад муаммои санг,
Ки шояд, ба номи касе во шавад.
Ба сад хомушӣ ноз дорад сухан,
Агар як дамаш дар диле ҷо шавад.
Буногӯши дилдорам омад ба ёд,
Кунам нола, то субҳ гӯё шавад.
Зи кайфияти нисбати он даҳан
Адам то бигӯям, манумо[284] шавад.
Дар ин дашту дар гарде аз ғайр нест,
Туро гар наҷӯям, кӣ пайдо шавад?
Ба ҳар ҷо ту бошӣ, замонҳо якест,
На имрӯз дӣ шуд, на фардо шавад.
Ҷаҳон чашм накшояд аз хоби ноз,
Агар Бедил афсонаиншо шавад.

* * *

Чунин гар табъи бедардат ба хӯрду хоб месозад,
Ба чашмат ашкро ҳам гавҳари ноёб месозад.
Заифӣ доманат дорад, харошидард пайдо кун,
Ки ҳар ҷо риштаи созест, бо мизроб месозад.
Дар ин майхона фарши саҷда бояд буд мастонро,
Ки мавҷи бода аз хум то қадаҳ меҳроб месозад.
Ҷунун кун, дар бинои хонумони ҳуш оташ зан,
Ҳамин вазъат халос аз кулфати асбоб месозад.

Нафасро улфати дил нест ҷуз таклифи бетобӣ,
Ки дуд аз суҳбати оташ ба печутоб месозад.
Чу субҳе, к-аз ҳузури офтоб иншо кунад шабнам,
Хаёли ӯ нафас дар синаи ман об месозад.
Чунин к-аз сӯзи дил хокистарэҷод аст аъзоям,
Таби паҳлуи ман аз буриё санҷоб месозад.
Ба барқи ҳиммат аз абри ҳарам қатъи назар кардам,
Тариҳои ҳавас кишти маро сероб месозад.
Ба ҳиҷрон завқи васле дораму бар хеш меболам,
Дар оташ низ ин моҳӣ ҳамон бо об месозад.
Дар ин маҳфил надорад бӯи роҳат чашм во кардан,
Нигоҳи бедимоғон бештар бо хоб месозад.
Надорад базми имкон чун заифӣ кимиёсозе,
Ки аҷзои ғурури халқро одоб месозад.
Тавозуъҳои золим макри сайёдӣ шумар, Бедил,
Ки мили оҳаниро хам шудан қуллоб месозад.

* * *

Ҳадиси ишқ шавад нола тарҷумонашу ларзад,
Чу шишадил, ки кашад теғ аз миёнашу ларзад.
Қиёмат аст бар он булбуле, ки аз адаби гул
Пари шикаста кашад сар зи ошёнашу ларзад.
Ба ҳар нафас задан аз дил тапиданест парафшон,
Чу нохудо гусилад рабти бодбонашу ларзад.
Ба ваҳшатест дар ин арса барқтозии фурсат,
Ки пайки ваҳм занад даст дар инонашу ларзад.
Бахунтапидаи забти шикастарангии хешам,
Чу муфлисе, ки шавад ганҷи зар аёнашу ларзад.
Агар ба хома диҳам арзи дастгоҳи заифӣ,
Зи нол ришта кашад мағзи устухонашу ларзад.

Зи сӯзи синаи ман ҳар кӣ вокашад сари ҳарфе,
Чу набзи табзада бар худ тапад забонашу ларзад.
Ба арсае ки шавад парфишон наҳеби[285] хадангат,
Фалак чу шаст[286] бибӯсад зеҳи камонашу ларзад.
Хаёли чини ҷабинат ба баҳр агар биситезад,
Ба тан зи мавҷ давад раъша[287] ногаҳонашу ларзад.
Гудохт заҳраи наззора дурбоши ҳаёят,
Чу шабраве, ки кунад бими посбонашу ларзад.
Шикастарангии ошиқ агар расад ба хаёлаш,
Чу шохи гул барад андешаи хазонашу ларзад.
Ғубори ҳастии Бедил зи шарми бекасии худ
Ба хок низ кунад ёди остонашу ларзад.
Ҳадиси кокулу зулфи ту Бедил ар бингорад,
Чу ришта тоб хӯрад хома дар банонашу[288] ларзад.

* * *

Ҳирс агар бар аташ[289] ғулӯ дорад,
Шарм обе дигар ба ҷӯ дорад.
Гӯшаи домани қаноат гир,
Хоки ин водӣ обрӯ дорад.
Хор-хори хаёли пуч балост,
Оҳ аз он дил, ки орзу дорад.
Нест ин баҳр бе шинои ҳубоб,
Сари бемағз ҳам каду дорад.
Ранги гул бе ту бедимоғам кард,
Хуни ин захми тоза бӯ дорад.
Даст мебояд аз ҷаҳон шустан,
Рафъи олоиш ин вузӯ дорад.
Сози иқбол бе шикасте нест,
Чинии эътибор мӯ дорад.

Беривоҷи ҷаҳони унсурием,
Ҷинси мо гарди чорсӯ дорад.
Авҷи бунёди мо нигунсорист,
Мӯйи сар сӯи хок рӯ дорад.
Аз нафас ҳар чӣ руст, рафт ба бод,
Решаи мо ҳамин нумӯ дорад.
Бар кӣ нолад ниёзи мо, ё Раб,
Додрас пур ба ноз хӯ дорад.
Хок ногашта пок гаштан нест,
Зоҳидон, об ҳам вузӯ дорад.
Ҳар куҷоем, аз ин чаман дурем,
Мовуман рангу бӯи ӯ дорад.
Бедил, ин ҳарфу савт чизе нест,
Хомушӣ маънии магӯ дорад.

* * *

Ҳирсат он нест, ки маргаш зи ҳавас водорад,
Дар кафан низ ҳамон домани дунё дорад.
З-ин чаман барги гуле нест, нагардонад ранг,
Бохабар бош, ки имрӯзи ту фардо дорад.
Ҳама аз ҷилва ба андози тағофул задаем,
Он чи нодида тавон дид, тамошо дорад.
Ҷода дар домани саҳрои маломат чокест,
Ки сари бахя зи нақши қадами мо дорад.
Дами теғи ту нашуд мунфаил аз куштани мо,
Хуни ошиқ чӣ қадар оби гуворо дорад.
Сояи гумшуда маҳви назари хуршед аст,
Ҳар кӣ аз хеш равад, дар чаманат ҷо дорад.
Лола дар домани ин дашт ба тӯфон задааст,
Яъси Маҷнун чӣ қадар гарди сувайдо[290] дорад.

Мақсади нолаи дил аз мани мадҳуш мапурс,
Шавқ маст аст, надонам, чӣ тақозо дорад?
Мункири ваҳшати мо сӯхтаҷонон нашавӣ,
Шуъла дар болу пари рехта анқо дорад.
Мовуман нағмаи қонуни хаёл аст ин ҷо,
Асари ҳастии мо қатра ба дарё дорад.
Лафз гул кардаӣ, оинаи маънӣ баргир,
Парӣ исмест, ки аз шиша мусаммо дорад.
Раҳрав аз ранҷи сафар чора надорад, Бедил,
Мавҷ доим зи ҳубоб обилаи по дорад.

* * *

Ҳусни бешарм аз ҳуҷуми булҳавас маҳшар шавад,
Эмин аз гулчин набошад, боғ чун бедар шавад.
Содалавҳиҳои дил умрест, сармашқи ғаност,
Орзу, ё Раб, мабод, ин сафҳаро мистар шавад.
Хоки арбоби назар сомони нури огаҳист,
Сурма бояд кард, агар оина хокистар шавад.
Шӯхии ҳарф аз забони шармсори мо махоҳ,
Тоир аз парвоз мемонад, чу болаш тар шавад.
Сафҳаи дилро ба доғе метавон оина кард,
Лафз аз як нуқта соҳибмаънии дигар шавад.
Осмон, мушкил, ба осонӣ диҳад парвози дил,
Баҳр тӯфонҳо кунад, то қатрае гавҳар шавад.
То тавонӣ, сар матоб аз ҷодаи таслими ишқ,
Хок чун дар сояи хуршед хобад, зар шавад.
Соявор аз бекасиҳо ҳилаҷӯи иззатам,
Бар сарам гар хок ҳам дасте кашад, афсар шавад.
Ҳасрати махмурии он чашми майгун бурдаам,
Сарнавишти хоки ман, ё Раб, хати соғар шавад.

Эй ҷунунтаъмир, аз ташвиши осудан баро,
Ҷони сахтат чанд хишти ин куҳанманзар шавад?
Орамидан ку? Гирифтам, соате чун гирдбод
Дар сари хокат ҳавое печаду афсар шавад.
Бедил, аз саргаштагонӣ, манзилат оворагист,
Изтиробат чанд чун реги равон раҳбар шавад?

* * *

Ҳарифиҳои ишқ аз ҳар касу нокас намеояд,
Шинои қулзуми оташ зи хору хас намеояд.
Талоши ҳирси дунтинат надорад чора аз дунё,
Ба ғайр аз рағбати мурдор аз ин каргас намеояд.
Зи бас саъйи тақаддум[291] бурдааст аз худ табоеъро,
Ҷаҳон рафтаст пеш аз ҳам, касе аз пас намеояд.
Ба бӯе қонеъам аз сайри рангомезии имкон,
Иборатҳо ба кори табъи маънирас намеояд.
Сулаймонӣ раҳо кун, мӯр ҳам карруфаре дорад,
Ҳама гар кӯҳ бошад, бо садое бас намеояд.[292]
Ғурури саркашӣ афкандааст ин худпарастонро,
Ба он пастӣ, ки пеши по ба чашми кас намеояд.
Уруҷи нашъаи ҳиммат дар ин хумхонаҳо, Бедил,
Бурунҷӯшест, аммо аз майи норас намеояд.

* * *

Хориҷи абнои ҷинс аст, он ки мавзун мешавад,
Қатра чун гардад гуҳар, аз баҳр берун мешавад.
Бо ҳама афсурдагӣ, гар роҳи фикре во кунем,
Ҷайби мо хумхонаи ҷӯши Фалотун мешавад.
Шабнаму гул ғайри расвоӣ чӣ дорад, з-ин чаман?
Гиряи бедардие бо ханда мақрун[293] мешавад.

Хонадорӣ дигару саҳронавардӣ дигар аст,
Тоби дилтангӣ надорад, он ки Маҷнун мешавад.
Аз ҷунуни карруфар бар чарх мафрозед сар,
Ин садои кӯҳ охир гарди ҳомун мешавад.
Бо кафан созед пок олоиши нанги ҷасад,
Ҷома чун шуд шухгин,[294] муҳтоҷи собун мешавад.
Саъд агар хонӣ, чӣ ҳосил тинати манҳусро?[295]
Ҳамчунон масх[296] аст, агар бӯзина маймун мешавад.
З-ин ғаноҳо ончи хоҳӣ, аз сафои дил талаб,
Чун ба сайқал мерасад оина, Қорун мешавад.
Бе такаллуф нест мавқуфи ду мисраъ вазъи байт,
Чун ду дар марбути ҳам шуд, хона мавзун мешавад.
Бар сарам гар соя афтад з-он ҳинои нақши по,
Чун баҳор, аз сояи ман хок гулгун мешавад.
Ҷаҳдҳо бояд, ки ҷоме з-ин чаман орӣ ба даст,
Об то гул ҳар қадам ранге дигар хун мешавад.
То каят қулқулнавоиҳои оҳанги шабоб?
Эй ҷунунпаймои ғафлат, шиша ворун[297] мешавад.
Бедил, ашъори ман аз фаҳми касон пӯшида монд,
Чун иборат нозук афтад, ранги мазмун мешавад.

* * *

Хирад ба ишқ кунад ҳиласози ҷангу гурезад,
Чу ҳез теғи ҳариф оварад ба чангу гурезад.
Ба нанги мард аз ин бештар гумон натавон бурд,
Қиёмате, ки ба зеҳ бошадаш хадангу гурезад.
Нигорхонаи имкон ба ваҳшатест, ки гардун
Кашад зи рӯзу шабаш сурати палангу гурезад.
Канори амн маҷӯед аз он муҳит, ки мавҷаш
Зи ҷайби худ бадар орад сари наҳангу гурезад.

Аз ин қаламрави ҳайрат чӣ мумкин аст раҳоӣ?
Магар касе қадам иншо кунад зи рангу гурезад.
Зи унс тарф набастам[298] ба қайди олами сурат,
Чу муъмине, ки дилаш гирад аз Фарангу гурезад.
Дили рамидаи ошиқ баҳоначӯст ба ранге,
Ки шиша гар шиканӣ, бишнавад тарангу гурезад.
Сипандвор фитодаст умр наъл дар оташ,
Баҳуш бош, мабодо, занад шалангу[299] гурезад.
Кадом сел ниҳодаст рӯ ба хонаи чашмам,
Ки ашк обила бандад ба пойи лангу гурезад?
Рамиданест зи шӯри замона рӯ ба қафоям,
Чу кӯдаке, ки сагеро занад ба сангу гурезад.
Махон ба мавҷи гуҳар қиссаи таалluқи Бедил,
Мабод, чун нафас аз дил шавад ба тангу гурезад.

* * *

Хушхиромон, доди табъи сустбунёдам диҳед,
Хоки ман беш аз ғуборе нест, бар бодам диҳед.
Дар фаромушхонаи ҳастӣ адам гум кардаам,
Ёде аз кайфияти он улфатободам диҳед.
Аз хаёлаш дар дилам аржангҳо хун мехӯрад,
Як сари мӯ, кош сар дар килки Беҳзодам диҳед.
Нағмаи дарде ба сад хуни ҷигар парвардаам,
Гар димоғе ҳаст, гоҳе дил ба фарёдам диҳед.
З-ин тиҳидастӣ, ки бар сомони фақр афзудаам,
Сифри аъдоди камолам, мансаби содам диҳед.
Хуни муштоқон набояд бетааммул рехтан,
З-он мижа неши ҷигаркове ба фассодам[300] диҳед.
Фурсати саъйи фано завқи висоле дигар аст,
Ҷонканӣ гар рухсате дорад, ба Фарҳодам диҳед.
То нахандад аз ғуборам туҳмати озодагӣ,
Баъди мурдан ҳам кафе хокам ба сайёдам диҳед.

Нест чун оинаи дил пардаи номуси ҳусн,
Шишамиқдоре ба ёди он паризодам диҳед.
Пур фаромуш рафтаам дур аз тарабгоҳи вифоқ,
Гар ба ёди кас расам, аз ҳоли ман ёдам диҳед.
Сурмаам, пеши кӣ нолам? Шарми он чашмам гудохт,
Хомушӣ ҳам бетазаллум нест, гар додам диҳед.
Вогузоредам, чу Бедил, бо ҳамин яъсу алам,
Ку димоғи зинда будан, то дили шодам диҳед?

* * *

Хаёли хушнигоҳон боз бо шӯхӣ саре дорад,
Ба хуни ман қиёматнаргисистон маҳзаре дорад.
Ману савдои хубон, зоҳиду андешаи ризвон,
Дар ин ҳасратсаро ҳар кас саре дорад, саре[301] дорад.
Раво дорад чаро бар духтари раз нанги расвоӣ?
Гар аз инсоф пурсӣ, муҳтасиб ҳам духтаре дорад.
Ба ибрат ошно шав, аз ҷаҳони ранг берун о,
Мижа накшудаӣ, ин хонаи ваҳшат даре дорад.
Надорад гирдбоди ин биёбон нанги афсурдан,
Ба ҳар бедаступоӣ чидани доман паре дорад.
Дар ин баҳр аз ғаносомонии вазъи садаф магзар,
Кафи дасти тамаъ бар ҳам ниҳодан гавҳаре дорад.
Ба тӯфони хаёли пуч, тарсам, гум кунӣ худро,
Ту танҳо меравӣ з-ин дашту гардат лашкаре дорад.
Тараб муфти ту, гар бо тозарӯӣ кардаӣ савдо,
Дар ин кишвар дукони гулфурӯшон шаккаре дорад.
Камолат даъвии ахлоқу он гаҳ мункири риндон,
Зи ҳақ магзар, сипеҳри одамият меҳваре дорад.
Ба ваҳми ҷоҳ мағрури таайюн[302] зистан то кай?
Нигин гар шуҳрате дорад, ба номи дигаре дорад.
Фузулӣ дар тилисми зиндагӣ натвон зи ҳад бурдан,
Қафас охир ба машқи парфишонӣ мистаре дорад.

Зи вазъи соям умрест, ин овоз меояд,
Ки роҳат гар ҳавас бошад, заифӣ бистаре дорад.
Ту худро аз гирифторони дил фаҳмидаӣ, варна,
Саросар хонаи оина беруни даре дорад.
Набудам он қадар вомондаи ин анҷуман, Бедил,
Парафшон аст шавқ, аммо тааммул лангаре дорад.

* * *

Дар эҳтиёҷ натвон бар сифла илтиҷо бурд,
Дасти шикаста ҳайф аст, бояд ба пеши по бурд.
Қосид ба пеши дилдор то номи муддао бурд,
Мактуби мо арақ кард чандон, ки нақши мо бурд.
Ранги баҳори раҳмат аз шарм об гардид,
То ҳасрати иҷобат[303] гул бар кафи дуо бурд.
Дасти дар остинаш дил бурдане ниҳон дошт,
Имрӯзаш аз кафи ноз он баҳларо ҳино бурд.
Аз дайр агар рамидем, дар Каъба сар кашидем,
Аз худ бурун нарафтан моро ҳазор ҷо бурд.
Тадбири чарх хун шуд дар кори уқдаи дил,
Ин дона аз дурриштӣ дандони осиё бурд.
Фикри вуфури[304] ҳар чиз афсуни бетаммизист,
Алвони неъмат аст он, к-аз мунъим иштиҳо бурд.
Иқболи аҳли ҳиммат бозихури ҳавас нест,
Натвонад аз сари чарх ҳар макру фан ридо[305] бурд.
Ҳар ҷо зи по фитодем, доди фароғ додем,
Паҳлӯи лоғар аз мо ташвиши бӯриё бурд.
Шуд қомати ҷавонӣ дар пириям фаромӯш,
Охир асои чӯбин аз дастам он асо бурд.
Бояд зи хокам акнун хатти ғубор хондан,
Умрест сарнавиштам пирӣ ба нақши по бурд.
Ҷӯши арақ чу субҳам дар парда шабнамӣ дошт,
То дам задам зи ҳастӣ, шарм аз нафас ҳаво бурд.

Як вопасин нигоҳе мехост рафтани умр,
Машшота қадрдон буд, оина бар қафо бурд.
Бедил, гузашт халқе маҳмилбадӯши ҳасрат,
Моро ҳам орзуе мебурд, то куҷо бурд.

* * *

Дар биёбоне, ки саъйи бехудӣ раҳбар шавад,
Роҳи сад матлаб ба як лағзидани по сар шавад.
Ҷузвҳо дар уқдаи худдорӣ аз кул ғофиланд,
Нуқта аз забти инон гар бигзарад, дафтар шавад.
Хушкӣ аз табъи ҷаҳон олудагӣ ҳам маҳв кард,
Лофи чашми тар тавон зад, домане гар тар шавад.
Гар ҳама гавҳар бувад, навмедӣ аст афсурдагӣ,
Аз гаронборӣ мабодо киштиям лангар шавад!
Фоли осудан надорад худгудозиҳои ман,
Ҷумла парвоз аст он оташ, ки хокистар шавад.
Уқдаи корат далели эътибори дигар аст,
Шохи гул чун ғунча орад, риштаи гавҳар шавад.
Бар шикасти ҳар зиён таъмири суде бастаанд,
Фарбиҳӣ вақфи ғано, гар орзу лоғар шавад.
Чора натвонад нуҳуфтан рози мо-хуниндилон,
Захми гул аз бахяи шабнам намоёнтар шавад.
Хоки ҳасратмурдае дорам, ки монанди ҷарас
Нола паймояд ба ҷои бода, гар соғар шавад.
Соҳиби оина натвон гашт бе қатъи нафас,
Бигзарад аз зиндагӣ, то Хизр Искандар шавад.
Вазъи ҳамворӣ зи абнои замон матлуби мост,
Одамият гар набошад ҳар кӣ, хоҳад, хар шавад.
Бедил, осон нест касби эътибороти ҷаҳон,
Сахт афсурдан ба худ бандад, ки хоке зар шавад.

*   *   *

Дар ишқ он ки қобили дардаш надидаанд,
Ҳезест к-аз қаламрави мардаш надидаанд.
Гулҳо, ки бар насими баҳор аст нозашон,
Аз боди меҳргон дами сардаш надидаанд.
Халқе хаёлбози фиреб аст зери чарх,
Холи зиёди тахтаи нардаш надидаанд.
Вомондааст халқ ба печухами ҷасад,
Кайфияти ҳақиқати фардаш надидаанд.
Бар соя бастаанд ҳарифон ғубори аҷз,
Ҷавлони кӯҳудаштнавардаш надидаанд.
Сомони навбаҳори гулистони мовуман
Ранги паридаест, ки гардаш надидаанд.
Аз гови осмон чӣ таматтуъ барад касе?
Шири сафеду равғани зардаш надидаанд.
Эй бехабар зи шикваи гардун, ба шарм кӯш,
Охир туро ҳарифи набардаш надидаанд.
Бедил, дар ин бисот тамошоиёни ваҳм,
Аз дил чӣ дидаанд, ки дардаш надидаанд?

*   *   *

Дар ғамат охир ба ҷое кори бедодам расид,
К-аз тапидан сурма шуд, ҳар кас ба фарёдам расид,
Синаро аз тиру дилро нест аз захми синон,
Бе қадат он офате, к-аз сарву шамшодам расид.
Домгоҳи шавқ чун ман сайди маҳруме надошт,
Нолаворе ҳам намонд аз ман, ки сайёдам расид.
Ишқ заъфе дошт, то шуд бо мизоҷам ошно,
Сел шабнам буд, то дар меҳнатободам расид.
Чун шарар доғи фано натвон зудуд аз тинатам,
Чашмзахме буд маъдумӣ, к-аз эҷодам расид,

Гиря, гӯ, хун шав, ки ман аз яъси матлаб сӯхтам,
То кунам сомони об, оташ ба бунёдам расид.
Мактаби офоқ аз бас дарсгоҳи ибрат аст,
Гӯшмоле буд, ҳар ҳарфе к-аз устодам расид.
Ҳасрате дар пардаи навмедии дил доштам,
Сӯхтанҳо чун сипанд охир ба фарёдам расид?
Ёр дорад пурсиши аҳволи дурафтодагон,
Ку фаромӯшӣ, ки гӯям навбати ёдам расид?
Санг ҳам гар мешикофӣ, ёр меояд бурун,
Ин садо аз Бесутуни саъйи Фарҳодам расид.
Қосиди шавқ аз камини норасоӣ эмин аст,
Нолае дорам, ки дар ҳар ҷо фиристодам, расид.
Шуълаи афсурда, Бедил, шаҳпари хокистар аст,
Дар ҳавояш ҳар кӣ рафт аз худ, ба имдодам расид.

* * *

Дуруштхӯ суханаш офиятсамар набувад,
Садои тори раги санг ҷуз шарар набувад.
Ҳуҷуми ҳодиса бо софдил чӣ хоҳад кард?
Зи сел хонаи оинаро хатар набувад.
Ғубори ваҳшати мо аз суроғ мустағнист,
Ба рафтани нигаҳ аз нақши по асар набувад.
Ба оламе, ки адаб маҳви бенишониҳост,
Ҳавас агар ҳама анқост, номабар набувад.
Ба коргоҳи тааммул ҳамон дил аст нафас,
Гиреҳ ба риштаи корам кам аз гуҳар набувад.
Зи бахт шиква надорам, ки нахли шамъи маро
Баҳори сӯхтане ҳаст, агар самар набувад.
Уқубати ду ҷаҳон дил ба як тағофул баст,
Шикасти хотири оина он қадар набувад.
Ба ранги реги равон, раҳнаварди савдоро
Зи ғайри обилаи по гули сафар набувад.

Дар ин муҳит, ки ҳар қатра нақди бохтанист,
Хуш он ҳубоб, ки оҳеш дар ҷигар набувад.
Махоҳ ранги ҳаловат зи гуфтугӯ, Бедил,
Найе ки нола кунад, қабили шакар набувад.

* * *

Дил хоки сари кӯйи вафо шуд, чи баҷо шуд,
Сар дар раҳи теғи ту фидо шуд, чи баҷо шуд.
Ашкам, ки диле дошт гиреҳ бар сари мижгон,
Дар кӯйи ту аз дида ҷудо шуд, чи баҷо шуд.
Моро ба бисоте, ки ту чун фитна нишастӣ,
Бархостан аз хеш асо шуд, чи баҷо шуд.
Чун соя ба хоки қадамат ҷабҳаи моро
Як саҷда ба сад шукр адо шуд, чи баҷо шуд.
Ин дида, ки ҳасраткадаи шавқи тамошост,
Эй хушнигаҳон, ҷойи шумо шуд, чи баҷо шуд.
Аз ҳайрати дидори ту ашки ҳавасолуд
Имшаб нигаҳи чашми ҳаё шуд, чи баҷо шуд.
Чашмат ба ғалат сӯйи дил андохт нигоҳе,
Тире, ки аз ин шаст хато шуд, чи баҷо шуд.
Бар сафҳаи рӯйи ту зи килки яди тақдир
Хатти сияҳ ангуштнамо шуд, чи баҷо шуд.
Дар базми ту охир нигаҳи шуълаъинонам
Чун шамъ зи ашк обилапо шуд, чи баҷо шуд.
Лахти ҷигаре бар сари ҳар ашк фишондем,
Ҳаққи намаки гиря адо шуд, чи баҷо шуд.
Гарде ки ба уммеди ту додем ба бодаш,
Ороиши сад дасти дуо шуд, чи баҷо шуд.
Чун соя сари роҳи дурангӣ нагирифтем,
Рӯзи сияҳи мо шаби мо шуд, чи баҷо шуд.

З-ин як-ду нафас умр миёни ману дилдор,
Гирам, ки адоҳои баҷо шуд, чи баҷо шуд.
Бедил ҳаваси нашъаи оворагие дошт,
Чун ашк, кунун бесарупо шуд, чи баҷо шуд.

* * *

Дил аз вусъат агар шоне надорад,
Биёбон ҳам биёбоне надорад.
Дар ин дарё надомат эътибор аст,
Гуҳар ҷуз ашки урёне надорад.
Ҷунун менолад аз бедастгоҳӣ,
Ки урёнӣ гиребоне надорад.
Ту хоҳӣ шиша бишкан, хоҳ соғар,
Тараб ҷуз ранг сомоне надорад.
Ба худ мебол, лек аз ғусса хӯрдан
Танӯри орзу ноне надорад.
Муҳаббатпешаӣ, бигдозу хун шав,
Ки дарди ишқ дармоне надорад.
Кашад чун гирдбод охир зи ҳалқат,
Гиребоне, ки домоне надорад.
Дари дил мезанӣ, озодият ку?
Магар оина зиндоне надорад?
Муҳаббат дастгоҳи офият нест,
Таҳайюр рабти мижгоне надорад.
Тазаллум дурӣ аз асл аст, варна,
Нафас дар сина афғоне надорад.
Таҳайюрбисмили ашки ниёзам,
Ба хун ғалтиданам ҷоне надорад.
Агар ишқи бутон куфр аст, Бедил,
Касе ҷуз кофир имоне надорад.

* * *

Дил аз дами муҳаббат чандин футур[306] дорад,
Ин бода сахт тунд аст, бар шиша зӯр дорад.
Номаҳрами қазоӣ, шӯхӣ макун дар ин дашт,
К-он барқ бар сиёҳӣ чашме зи дур дорад.
Бо инҳирофи ҳар вазъ нанги таҷоҳуле ҳаст,
Чашми тағофулиншо тақлиди кӯр дорад.
Ҳамсанги хомкорон мапсанд пухтагонро,
Алмоси маъдани мо шарм аз булӯр дорад.
Ошиқ ба азми мақсад муҳтоҷи роҳбар нест,
Парвона дар таҳи бол мактуби нур дорад.
Гар аз хами кулоҳ аст арзи ҷалоли шоҳон,
Гарди шикасти мо ҳам аҷзи ғаюр дорад.
Гар марди эҳтиётӣ, аз худ мабош ғофил,
Тӯфон ба ҳар масомат[307] чандин танӯр дорад.
Талх аст айши имрӯз аз гуфтугӯи фардо,
Дар хонае ки моем, ҳамсоя шӯр[308] дорад.
Ноқобили тавозуъ магзар зи базми аҳбоб,
Оҳ аз касе, ки з-ин об бе пул убур дорад.
Нанг аст ваҳми тимсол дар ҷилвагоҳи таҳқиқ,
Машшота беҳ, к-аз ин базм оина дур дорад.
Аз худ баромадан низ дар кеши аҳли таслим,
Харчанд саркашӣ нест, вазъи ғурур дорад.
Бедил, камоли ҳар чиз бар ҷавҳарест мавқуф,
Ҷое ки ман набошам, ибрат қусур дорад.

* * *

Дил ҷаҳоне дигар аз миръоти якдигар шавад,
Нусха бардоред чандон, к-ин варақ дафтар шавад.
Ноз дорад риштаи ошуфтагиҳои ниёз,
Зулфи маъшуқ аст кори ман, агар абтар шавад.

Маҳв гардидан саропои маро оина кард,
Чун нигаҳ дар ҳайрат афтад, олами дигар шавад.
То диҳад ҳар зарраи ман арзи ҳасратномае,
Ин кафи хоке ки дорам, кош, муште пар шавад.
Эй фалак, аз мушти хоки ман барангезон ғубор,
Шояд, ин нанги ҳаюло қобили пайкар шавад.
Бо насаб муҳтоҷ набвад соҳиби касби камол,
«Бениёз аз баҳр гардад, қатра чун гавҳар шавад»[309].
Субҳадорон пур ҷунунпаймои бекайфиятанд,
Ҷодаи ин корвон, ё Раб, хати соғар шавад.
Ҳамчу акси зангӣ, аз оина мегардад аён,
Бар рухи вайронаам маҳтоб агар чодар шавад.
Нест ғайр аз вазъи хомӯшӣ зи фарёдам баланд,
Ҳамчу най гар банд-бандам пояи минбар шавад.
Бе хамӯшӣ нест мумкин поси тамкин доштан,
Мавҷ дар гавҳар хазад, ҳар ҷо нафас лангар шавад.
Бедил, одам бош, фикри рокибу маркуб[310] чист?
Аз ҳавас то кай касе полони гову хар шавад?

*  *  *

Дилдор гузашту нигаҳи бозпасин монд,
Дар рафтани ӯ ончи ба мо монд, ҳамин монд.
Чун шамъ, ки хокистараш оинаи доғ аст,
Ман сӯхтаму чашми сиёҳе ба камин монд.
Дигар чӣ нисори ту кунад мушти ғуборам?
Як саҷда ҷабин доштам, он ҳам ба замин монд.
Гар ҳуш бувад, ибрати шуҳратталабиҳост,
Хамёзаи хушке, ки зи шоҳон ба нигин монд.
Гарди нафаси туст парафшони таваҳҳум,
З-ин анҷумани шавқ на он рафту на ин монд.

Аз нақши ту дорад халал оинаи таҳқиқ,
Ҳар ҷо асари ваҳму гумон рафт, яқин монд.
Ҳарчанд ғуборам ҳама бар боди фано рафт,
Уммед ба кӯйи ту ҳамон хокнишин монд.
Бебаргиям[311] аз кулфати асбоб баровард,
Кӯтоҳии домони ман аз ғорати чин монд.
Хокистари ман назри насими сари кӯест,
Ин гард муҳол аст, тавонад ба замин монд.
То мунтахабе вокашам аз нусхаи таслим,
Чун моҳи навам як хами абрӯ зи ҷабин монд.
Дунболаи минои зикафрафта тарангест,[312]
Дил рафту ба гӯшам асари оҳи ҳазин монд.
Бедил, ба раҳаш доғи замингирии ашкам,
Сар дар раҳи ҷонон натавон хуштар аз ин монд.

* * *

Дил мабод афсурда, то бар кас нагардад кор сард,
Шамъи хомӯш анҷуманҳо мекунад якбор сард.
Оламеро зери ин сақфи мушаббак[313] ёфтам
Чун сари бемағзи зоҳид дар таҳи дастор сард.
Доғ шуд дил, то чӣ даргирад ба ин дилмурдагон?
Чорагар яксар зуголу нолаи бемор сард.
Инфиоли ҷавҳари мард ихтилоти[314] ҳез нест,
Шуълаҳоро шамъи кофурӣ кунад душвор сард.
Бо ҳама тадбир аз оташ барнаёяд молдор,
Пӯст андозад, бувад ҳарчанд ҷойи мор сард.
Бетакаллуф бо нафас рӯзе ду бояд сохтан,
Дил ҳавохоҳу насиме дорад ин гулзор сард.
То шавад ҳастӣ гуворо, бо ғубори фақр ҷӯш,
Об дар зарфи сафолин мешавад бисёр сард.

Яъспаймо ашки Фарҳодам шабе омад ба ёд,
Нолае кардам, ки гардид оташи куҳсор сард.
Дар ҷавонӣ беҳ, ки бошӣ ҳамсулуки офтоб,
То ҳаво гарм аст, бояд гармии рафтор сард.
Беривоҷӣ дидӣ, асрори ҳунар пӯшида дор,
Ҷинс мехоҳад лиҳоф,[315] он дам ки шуд бозор сард.
Гарм ногардида мижгон, офтобе мерасад,
Хобнокон, чанд бошад сояи девор сард?
Бедил, афсуни майу най он қадар гармӣ надошт,
Орзуҳо гашт бар дил аз як истиғфор сард.

* * *

Дилдор муқими дили мо шуд, чи баҷо шуд,
Ҷояш ба ҳамин оина во шуд, чи баҷо шуд.
Асрори даҳонаш ба ҷунун зад зи табассум,
Он пираҳани ваҳм қабо шуд, чи баҷо шуд.
Гарди нафасе чанд, ки дар сина шикастем,
Таъмири дили яъсбино шуд, чи баҷо шуд.
Он нола, ки сад сури қиёмат ба нафас дошт,
Пеши нигаҳат сурманаво шуд, чи баҷо шуд.
Чун сарв алам[316] кард маро бебарии ман,
Дасти тиҳӣ ангуштнамо шуд, чи баҷо шуд.
Эҳсони карам гарчи надорад ғами тамйиз,
Он лутф, ки дар кори гадо шуд, чи баҷо шуд.
Дил қатраи ашке шуду ғалтид ба поят,
Ин хуншуда ҳамчашми ҳино шуд, чи баҷо шуд.
Аз касби сафо шуд ба дилам кашф маонӣ,
Оинаам андешанамо шуд, чи баҷо шуд.
Зулфаш, ки ба хуршед фишондӣ сари домон,
Аз саркашии хеш дуто шуд, чи баҷо шуд.

Бо рӯи ту гул лофи тароват зад, аз он рӯ
Помоли раҳи боди сабо шуд, чи баҷо шуд.
Дар содадилӣ арзи таманнои ту додем,
Бематлабӣ андешанамо шуд, чи баҷо шуд.
Умре ба ҳаво шабнами мо ҳарзадавӣ кард,
Охир зи ҳаё обилапо шуд, чи баҷо шуд.
Он чашм, ки бастем зи наззораи имкон,
Имрӯз ба дидори ту во шуд, чи баҷо шуд.
Дил метапад имрӯз ба уммеди висолат,
Дар хонаи оина ҳаво шуд, чи баҷо шуд.
Дар гарди саҳар ҷавҳари парвоз ҳаво буд,
Бедил, нафас оинаи мо шуд, чи баҷо шуд.

* * *

Дили саброзмо камтар зи доругир фарсояд,
Чу он санге, ки зери кӯҳ бошад, дер фарсояд.
Гудози саъй комил нест бе эҳоди таъмире,
Тило дар ҷилва орад, ҳар қадар иксир[317] фарсояд.
Ба қадри сайқал аз оинаи мо медамад коҳиш,
Таҳайюр нақши деворе, ки аз таъмир фарсояд.
Шикасти кори мазруф аз шикасти зарф меҷӯшад,
Забону лаб ба ҳам соем, то таҳрир фарсояд.
Зи паймони хаёлат нақши имкон гардае[318] дорад,
Шикастан нест мумкин, ранги ин тасвир фарсояд.
Ба шуғли саҷдаат гарде намонд аз сози аҷзоям,
Чу он килке, ки сар то пош дар таҳрир фарсояд.
Мусалсал[319] шуд нафас, сар мекунам афсонаи зулфат,
Магар роҳе ки ман дорам, ба ин шабгир фарсояд.
Зи ҳад бурдем ранҷи ҷаҳду озодӣ нашуд ҳосил,
Ба саъйи нола охир то куҷо занҷир фарсояд?
Зи лафзи норасо хок аст оби ҷавҳари маънӣ,
Ниём он ҷо ки танг афтад, дами шамшер фарсояд.

Таманно дархури ноёбии матлаб нумӯ дорад,
Фиғон бар хеш болад, ҳар қадар таъсир фарсояд.
Ба афсуни дами пирӣ амалҳо[320] маҳв шуд, Бедил,
Чу майдони камон, к-аз бӯсаи зеҳгир фарсояд.

* * *

Дил анҷумани маҳраму бегона набошад,
Ҷуз ҳайрати идрок дар ин хона набошад.
Дар сози фано роҳати ушшоқ муҳайёст,
Болини вафо бе пари парвона набошад.
Бе касби сафо сайди маонӣ чӣ хаёл аст?
То санг бувад шиша, парихона набошад.
Чун шона калиди сари мӯе натавон шуд,
То синаи чокат ҳама дандона набошад.
Дил зонуи фикраш ҳама чашм аст, ки мино
Чандон ки хамад, бе хати паймона набошад.
Бесохта ҳуснест, ки дорам ба канораш,
Машшотаи шавқ оинаву шона набошад.
Афсун чӣ зарур аст ба азми мижа бастан?
Дар хоби адам ҳоҷати афсона набошад.
Бар авҷ мабар пояи иқболи таайюн,[321]
То сурати рафтори ту лангона набошад.
Иброми ҳавас мекашадат бар дари дунон,
Шоҳӣ, агар ин вазъи гадоёна набошад.
Ваҳдат чӣ хаёл аст, тавон ёфт ба касрат?
Чун реша давонид нумӯ, дона набошад.
Олам ҳама маҳмилкаши кайфияти ашк аст,
Ин қофила бе лағзиши мастона набошад.
Дил гарди ҷунун мекунад имрӯз, бибинед,
Дар хонаи мо Бедили девона набошад?

*   *   *

Дӯстон, афсурд дил, чанде ба оҳаш хун кунед,
Камталошӣ нест, гар ин сактаро мавзун кунед.
Зиндагиро сафҳаи иншои қудрат кардаанд,
То нафас пар мезанад, тафсири кофу нун кунед.
Ҳар чӣ дорад олами ахлоқ, бе исор нест,
Даст бисёр аст, агар аз остин берун кунед.
Мунъимон, то чанд бояд зар ба зери хок бурд?
Ҳайфи ҳимматҳо, ки сарфи хидмати Қорун кунед.
Қайди гардун нанги доноист, гар фаҳмад касе,
Хешро з-ин хум бурун ореду Афлотун кунед.
Олам аз рашки қаноатмашрабон хун мехурад,
Аз маоши қатрагӣ ҷо танг бар Ҷайҳун кунед.
Табъи саркашро ба ҳамворӣ расондан кор нест,
Сар намегардад ҷабин, гар кӯҳро ҳомун кунед.
Майкашон, гар бодапаймоист манзури давом,
Давр бармегардад, охир, косаҳо ворун кунед.
Зиндагӣ саҳл аст, поси шарм бояд доштан,
Ҷуз арақ з-ин чашма ҳар обе ки ҷӯшад, хун кунед.
Кош савдое ба доди ҳарзафикриҳо расад,
Бедимоғи фитратам, банге дар ин маъҷун[322] кунед.
Сӯхт доғи бекасӣ дар офтоби маҳшарам,
Сояе бар фарқам аз мӯи сари Маҷнун кунед.
Ҳастии ман нест қонеъ бо ҳисоби нестӣ,
Ҷуз адам як сифри дигар бар сарам афзун кунед.
Меҳмони чархи муфлис будан аз инсоф нест,
Бе фузулӣ нестам, з-ин хонаам берун кунед.
Дар шаҳидони вафо то обрӯ пайдо кунам,
Хун надорам, андаке рахти маро гулгун кунед.
Дӯш дар маҳфил ба ранги рафта шамъе мегирист,
Қадрдонон, ёди Бедил ҳам ба ин қонун кунед.

*   *   *

Дунтабъ қадраш аз ҳавас афзун намешавад,
Хоки бабодтохта гардун намешавад.
Дил хун кунеду соғари ранги вафо занед,
Барги тараб ба ҷомаи гулгун намешавад.
Ҷое ки ишқ мумтаҳани[323] дарди улфат аст,
Оҳ аз ситамкаше, ки дилаш хун намешавад!
Бигзор, то зи хоки сияҳ сурмааш кашанд,
Чашме ки маҳви санъати бечун намешавад.
Дар табъи халқ васвасаи эътиборҳо
Хорест нохалида, ки берун намешавад.
Бебаҳраро зи мояи имдоди кас чӣ суд?
Дарё ҳарифи косаи ворун намешавад.
Бе посбон ба хок фурӯ рафта ганҷи зар,
Пур ғофил аст хоҷа, ки Қорун намешавад.
Гул ёди ғунча мекунаду сина медарад,
Рафт, он ки ҷамъ мешудам, акнун намешавад.
Бетоби ишқро зи дару дашт чора нест,
Лайлихаёли мо зи чӣ Маҷнун намешавад?
Дил бар баҳори нози ҳино дӯхтаст чашм,
То бӯса бар кафат надиҳад, хун намешавад.
Бедил, тааммул ин ҳама натвон ба кор бурд,
К-аз ҷӯши сакта шеъри ту мавзун намешавад.

*   *   *

Рамзошнои маънӣ ҳар хирасар набошад,
Табъи салим фазл аст, ирси падар набошад.
Ғафлат баҳонамуштоқ, хобат фасонамоил,
Бар дида сахт зулмест, гар гӯш кар набошад.
Ифшои рози улфат бар шарм вогузоред,
Накшояд ин гиреҳро, дасте ки тар набошад.

Бар осмон расидем, рози дарун надидем,
Ин ҳалқа шубҳа дорад, беруни дар набошад?
Халқу ҳазор савдо, мову ҷунуну дાште,
К-он ҷо зи бекасиҳо хоке ба сар набошад.
Чини кудурате ҳаст бар ҷабҳаи нигинҳо,
Таҳсили номдорӣ бе дарди сар набошад.
Имрӯз қадри ҳар кас миқдори молу ҷоҳ аст,
Одам наметавон гуфт онро, ки хар набошад.
Дар ёди домани ӯ моему дил тапидан,
Мушти ғубори моро шуғли дигар набошад.
Нақди ҳубоб то кай дар кисаи таваҳҳум?
Оҳе ки мо надорем, гӯ, дар ҷигар набошад.
Он беҳ, ки барқи ғайрат бунёди мо бисӯзад,
Оинаему моро тоби назар набошад.
Пайдост аз надомат узри заифии мо,
Шабнам чӣ вонамояд, гар чашми тар набошад?
Гардонда гир, Бедил, авроқи нусхаи ваҳм,[324]
Фурсат баҳори ранг аст, ранг он қадар набошад.

* * *

Рӯзи сияҳам соясифат ҷузви бадан шуд,
Осуда шав, эй оина, зангор куҳан шуд.
Шабнам ба чӣ уммед барад сарфаи эҷод?
Чашме ки кушудам, арақи хиҷлати ман шуд.
Нашкофтам охир раҳи таҳқиқи гиребон,
Фурсат нафасе дошт, ки помоли сухан шуд.
Тадбир илоҷи маразi зотии кас нест,
Аз шиша шудан санг ҳамон тавбашикан шуд.
Ҳайрат написандид зи мо гарм нигоҳе,
Бурдем дар он базм чароғе, ки лаган шуд.
Танзеҳ зи огоҳии мо гашт кудурат,
Ҷон буд, ки дар фикри худ афтоду бадан шуд.

Ҷуз яъс зи лофи манумо пеш набурдем,
Тори нафас азбаски ҷунун бофт, кафан шуд.
Шаб дар хами андешаи гесӯи ту будам,
Фикрам гираҳе хӯрд, ки як нофа Хутан шуд.
Чун ашк ба ҳамворӣ аз ин дашт гузаштам,
Лағзидани по роҳи маро муҳра задан[325] шуд.
Гарди раҳи ғурбат чӣ қадар саъйи вафо дошт,
Хокам ба сар афшонд ба ҳадде, ки ватан шуд.
Бедил, асаре бурдаӣ аз ёди хиромаш,
Товус бурун о, ки хаёли ту чаман шуд.

* * *

З-он нашъа, ки қулқул ба лаби шиша давонад,
Сад ранг сарири қаламам реша давонад.
Чун шамъ агар сӯхт сару барги нигоҳам,
Хокистари ман шуъла дар андеша давонад.
Аз ишқу ҳавас чора надорам, чӣ тавон кард?
Саъйи нафас аст, ин ки ба ҳар пеша давонад.
Хору хаси авҳом гирифтаст ҷаҳонро,
Ку барқ, ки як реша дар ин беша давонад.
Дар сози вафо нохуни тадбири дигар нест,
Фарҳод ҳамон бар сари худ теша давонад?
Он ҷо ки хаёлат чаманорои ҳузур аст,
Мижгон ба сад андози нигаҳ реша давонад.
Дар базми ту шамъе ба гудоз омада, вақт аст,
Ранге ба рухам ғайрати ҳампеша давонад.
Маҳв аст ба хомӯшии мастони нигоҳат,
Шӯре ки нафас дар нафаси шиша давонад.
Бедил, гуҳари назм касерост, ки имрӯз
Дар баҳри ғазал завраќи андеша давонад.

*  *  *

Зи баъди мо на ғазал, не қасида мемонад,
Зи хомаҳо ду-се ашки чакида мемонад.
Чаман ба хотири ваҳшатрамида мемонад,
Бисоти ғунча ба домони чида мемонад.
Саботи айш кӣ дорад, ки чун пари товус
Ҷаҳон ба шӯхии ранги парида мемонад.
Шарори собиту сайёра доми фурсати кист?
Фалак ба коғази оташрасида мемонад.
Куҷо барем ғубори ҷунун, ки саҳро ҳам
Зи гирдбод ба домони чида мемонад.
Зи ғучаи дили булбул суроғи пайкон гир,
Ки шохи гул ба камони кашида мемонад.
Ба ғайри айби худам з-ин чаман намонд ба ёд,
Гуле ки медамад аз худ, ба дида мемонад.
Қадаҳ ба базми ту, ё Раб, сари буридаи кист?
Ки шиша ҳам ба гулӯи бурида мемонад.
Ғурур оинаи хиҷлат аст пиронро,
Камон зи саркашии худ хамида мемонад.
Ҳуҷуми файз дар оғӯши нотавониҳост,
Шикасти ранг ба субҳи дамида мемонад.
Дар ин чаман ба чӣ ваҳшат шикастаӣ доман,
Ки меравӣ туву ранги парида мемонад?
Ба номи маҳз қаноат кун аз нишони адам,
Даҳони ёр ба ҳарфи шунида мемонад.
Зи сина гар нафасе бе ту мекашад Бедил,
Ба дуди аз дили оташ кашида мемонад.

*  *  *

З-ин шишаи соат, ки маҳу сол баровард,
Гарди адами фурсати мо бол баровард.

Умре зи ҳаё заҳмати авҳом кашидем,
Моро хами дӯши мижа ҳаммол баровард.
З-ин вазъи парешон, ки арақрез намудем,
Оинаи мо об зи ғирбол баровард.
Чун обила дар хоки адабгоҳи муҳаббат
Бояд сари бегардани помол баровард.
Ҷуз хориқи[326] маъкус мадон ришу фаши шайх,
Одам харие кард, думу ёл баровард.
Бар аҳли ҳаё хурда магиред, ки Мансур
Бо гардани дигар сари иқбол баровард.
Дар софии дил шубҳаи таҳқиқ ниҳон буд,
Чун занг намонд, оина тимсол баровард.
Суде ки ман андӯхтам аз ҳеҷматоъӣ,
Кам нест, ки аз миннати даллол баровард.
Оҳам зи рафиқони сафаркарда суроғест,
Аз ҷайби ман ин қофила дунбол баровард.
Товуси ман аз боғи ҳузури кӣ хабар ёфт,
К-аз ранги ман оина пару бол баровард?
Фарёд, ки рози таби ишқат нануҳуфтам,
Чун шамъам аз ин доира табхол баровард.
То кай ба рақам тоза кунам шикваи аҳбоб?
Хушкӣ зи димоғи қаламам нол баровард.
Бедил, алам аз маънии нозук натавон шуд,
Мӯ чинии моро ҳама ҷо лол баровард.

* * *

Зи сахтҷонии ман умр танг мегузарад,
Шарори ман ба пару боли санг мегузарад.
Ҷаҳон зи обилапоёни дил ҷунун дорад,
Зи гарди аҷз магӯ, фавҷи ланг мегузарад.

Чӣ лағзиш аст рақамзои хомаи фурсат,
Ки то шитоб нависӣ, диранг мегузарад.
Дар он чаман, ки ба дастат нигор[327] мебанданд,
Ғубор агар гузарад, гулбачанг мегузарад.
Матоз дар пайи зоҳид ба ваҳми ҳуру қусур,[328]
Ҳазар, ки қофиласолори банг мегузарад!
Уқубат аст садаф то муҳит пеши гуҳар,
Дили гирифта зи ҳар кӯча танг мегузарад.
Куҷост амн, ки дар марғзори лайлу наҳор
Ба ҳар тараф нигарӣ, як паланг мегузарад.
Ғубори даҳр ғанимат шумар, ки оина ҳам
Зи хеш мегузарад, гар зи занг мегузарад.
Ситам ба хеш макун, ранги оҷизон машикан,
Пари шикаста зи чандин ҳаданг мегузарад.
Тааммули ту пули корвони ишрати туст,
Мижа ба ҳам надиҳӣ, сели ранг мегузарад.
Димоғи факр сазовори лофи ҳавсала нест,
Чу баҳр шуд тунук, об аз наҳанг мегузарад.
Ҳазор марҳала он сӯи ранг дорад ишқ,
Ҳанӯз қофилаҳо аз Фаранг мегузарад.
Касе ба дарди дили кас намерасад, Бедил,
Ҷаҳони хуфта чӣ миқдор данг мегузарад.

* * *

Зи ҳар мӯ домбардӯшам, гирифтор инчунин бояд,
Зи хотирҳо фаромӯшам, сабукбор инчунин бояд.
Ба сар хоки таманно, дар назарҳо гарди ҳайронӣ,
Бинои аҷзи моро сақфу девор инчунин бояд.
Зи оғӯши мижа сар барназад саъйи нигоҳи ман,
Найистони адабро нолаи зор инчунон бояд.

Ману дар хок ғалтидан, туву ҳолам напурсидан,
На ошиқ инчунон зебад, на дилдор инчунин бояд.
Нигаҳ хондам, мижа нам рехт, дил гуфтам, нафас хун шуд,
Ба дарси яъси матлаб аҷзи такрор инчунин бояд.
Зи по наншаст оташ, то нашуд хокистар аҷзояш,
Ба саъйи нестӣ ҳам ғайрати кор инчунин бояд.
Ба сози ғунча натвон баст оҳанги парешонӣ,
Чӣ шуд булбул, ки гӯям, вазъи минқор инчунин бояд?
Ҷунунҳо ханда резад бар сару барги шуури мо,
Агар дил парда бардорад, ки ҳушёр инчунин бояд.
Зи ҳамворӣ нагардад соя бори хотири гарде,
Ба роҳи хоксорӣ тарзи рафтор инчунин бояд.
Муҳаббат чеҳра накшуд аз ҳиҷоби ғафлати имкон,
Ки соҳибдил кам аст ин ҷову бисёр инчунин бояд.
Ҳаво ҳар ҷо барангезад ғубор аз хоки маҳҷурон,
Ҳамин овоз меояд, ки ночор инчунин бояд.
Нафас ҳар дам зи қасри умр хиште меканад, Бедил,
Пайи таъмири ин вайрона меъмор инчунин бояд.

* * *

Зи дунё чӣ гирад, агар мард гирад?
Магар домани ҳиммати фард гирад.
Хиҷил меравам аз зиёнгоҳи ҳастӣ,
Адам то чӣ аз ман раҳовард гирад?
Арақ дорад оина аз шарми рангам,
Бигӯ, то гулоб аз гули зард гирад.
Абас латмафарсои мавту ҳаётам,
Фалак то каям муҳраи нард гирад?
Шаби қонеъон аз саҳар меҳаросад,
Мабодо, саводи вафо гард гирад!

Таносонӣ иқболи бахти сиёҳам,
Ҳаё боядам сояпарвард гирад.
Ба хокам фурӯ бурд имдоди гардун,
Кам аз пост, дасте ки номард гирад.
Зи бас яъс дар ҳам шикастаст рангам,
Гар оина гирам, дилам дард гирад.
Аз ин боғи ибрат наҷӯшид, Бедил,
Димоғе, ки бӯйи дили сард гирад.

* * *

Зи нанги миннати роҳат ба маргам кор меафтад,
Ҳама гар соя афтад бар сарам, девор меафтад.
Димоғи нозуке дорам, ҷароҳатпарвари ишқам,
Агар бар бӯйи гул по мениҳам, бар хор меафтад.
Ҷунуни худфурӯшӣ баски дорад гармии дуккон,
Зи ҳар ҷинс оташе дигар дар ин бозор меафтад.
Матоъе ҷуз сабукрӯҳӣ надорад корвони ман,
Ҳамин ранг аст, агар бар дӯши шамъам бор меафтад.
Мизоҷи нотавонон эмин аст аз офати имкон,
Агар бар санг афтад соя, беозор меафтад.
Қазо рабте дигар додаст бо ҳам куфру имонро,
Зи худ ҳам мерамад, гар субҳа безуннор меафтад.
Нахустин саъйи рӯзӣ фикри рӯзихор мебошад,
Нигоҳи дона пеш аз реша бар минқор меафтад.
Нашояд нуктасанҷонро забон дар ком дуздидан,
Наво дар сакта мирад, чун гиреҳ дар тор меафтад.
Макун сӯйи фалак мижгон баланд, эй шамъи ноқиспай,
Ки зери по саропои ту бо дастор меафтад.
Зи як дам туҳмати эҷод расвои қиёмат шав,
Ба дӯш ин бор чун бардоштӣ, душвор меафтад.

Қафои рафтагон номурда бояд рафт дар гӯрам,
Чӣ созам? Хоки ин раҳ бар сарам бисёр меафтад.
Ду рӯзе бо ғаму ранҷи ҳаводис сабр кун, Бедил,
Ҷаҳон охир чу ашк аз дидаат якбор меафтад.

* * *

Сози имкон аз шикаст овоз пайдо мекунад,
Бол бар ҳам мехӯрад, парвоз пайдо мекунад
Мениҳад пеш аз сухан кардан ба теғи инфиол,
Чун қалам ҳар кас забони роз пайдо мекунад.
Поси номуси ҳаё ҳам нест осон доштан,
Чун ҷабин бар нам занад, ғаммоз пайдо мекунад.
Нури ибрат нест дилро бе ғубори ҳодисот,
Аз шикаст ин оина пардоз пайдо мекунад.
Чун хати паргор бар анҷом месӯзад нафас,
То касе сарриштаи оғоз пайдо мекунад.
Ҳамчу шамъ афсонаи даъвӣ мусалсал кардаӣ,[329]
Ин забон охир даҳони гоз пайдо мекунад.
То бувад мумкин, ҳадиси пунба бояд гӯш кард,
Нағмаҳо ин маҳфили бесоз пайдо мекунад.
Нафси кофарро мусулмон кун, камол ин асту бас,
Сеҳр чун ботил шавад, эъҷоз пайдо мекунад.
Ҳусн бе эҷоди ишқе нест дар иқлими ноз,
Гул чу мавҷи ранг зад, гулбоз пайдо мекунад.
Аҷз чун мавсули базми кибриё шуд, аҷз нест,
Гар ниёз он ҷо расондӣ, ноз пайдо мекунад.
Чун нигаҳ ҳарчанд ҳар мижгон задан гум мешавем,
Ҳасрати дидор моро боз пайдо мекунад.
По зи ҷӯши обила, Бедил, муқими доман аст,
Ҳар кӣ сомон кард аҷз, эъзоз[330] пайдо мекунад.

*  *  *

Сухан, зи машқи адаб, мавҷи гавҳараш гиред,
Кам аст лағзиши хат, гар ба мистараш гиред.
Ба бастани мижа хатм аст дарси илму амал,
Ҳамин варақ ба ҳам ореду дафтараш гиред.
Муҳити ишқ талоше дигар намехоҳад,
Гиреҳ хуред ба таслиму гавҳараш гиред.
Ҳамон ба ҷост худороии димоғи фузул,
Чу шамъ гар ҳама бо ҳар гуле сараш гиред.
Мизоҷи дун ба такаллуф ғанӣ намегардад,
Сум аст, агар суми хар ҷумла дар зараш гиред.
Ба вазъи ибрат агар мумтаҳан шавад тавфиқ,
Зи худ баромадане ҳаст, минбараш гиред.
Гувоҳи даъвии ишқ инфиоли ҷуръатҳост,
Ҷабин агар арақиншост, маҳзараш[331] гиред.
Хаёли нестӣ осудагист пеш аз марг,
Саре ки нест, даме зери ин параш гиред.
Баҳор номаи ёрони рафта меорад,
Гуле ки во кунад оғӯш, дар бараш гиред.
Димоғи фурсат агар қадрдони сайри дил аст,
Нигаҳ зи хона бурун меравад, дараш гиред.
Даме ки фурсати мавҳуми мо расад ба ҳисоб,
Шумори ҳар чӣ ақалл аст, аксараш гиред.
Камоли Бедил агар хаймаи уруҷ занад,
Зи хок як-ду варақ соя бартараш гиред.

*  *  *

Сели ғаме ки дод, ҷаҳони хароб дод,
Хокам ба бод дод, ба ранге ки об дод.
Роҳат дар ин бисоти ҷунунхез мушкил аст,
Махмал агар шавӣ, натавон тан ба хоб дод.

Ё Раб, чӣ машрабам, ки дар ин шуълаанҷуман
Гардун маям ба соғари ашки кабоб дод?
Ин аст агар шумори табу тоби зиндагӣ,
Имрӯз метавон ба қиёмат ҳисоб дод.
Бар мавҷи офате, чу умеди канор нест,
Тадбири роҳат ин қадарам изтироб дод?!
Сустӣ чӣ мумкин аст равад аз бинои умр?
Натвон ба ҳеҷ печухам ин ришта тоб дод.
Вақти тараҳҳум аст кунун, эй насими субҳ,
К-он шӯх ихтиёр ба дасти ниқоб дод.
Сад навбаҳор хун шуду як ғунча ранг баст,
То бӯса рахши нози туро бар рикоб дод.
Ё Раб, чӣ сеҳр кард хати анбарини ёр,
К-аз ҷӯйи шаб ба мазраи хуршед об дод?
То май ба лаъли ӯ расад, аз хеш рафтааст,
Шабнам наметавон ба кафи офтоб дод.
Анҷоми кори бодакашон ҷуз хумор нест,
Хамёзаҳои ҷоми маям ин шароб дод.
Бедил, суоли чашми бутонро тараф машав,
Яъне, ки сурма ношуда бояд ҷавоб дод.

* * *

Шудам хоку нагуфтам, ошиқам, кор инчунин бояд,
Зи ҷайбам сурма рӯёнед, асрор инчунин бояд.
Лаб аз хамёзаи теғи ту захми мо набаст охир,
Ба роҳи субҳи раҳмат чашми бедор инчунин бояд.
Ба торе гар занӣ нохун, садо бетоб мегардад,
Ҳамоғӯши бисоти якдилӣ ёр инчунин бояд.
Ба нахли ростӣ чун шамъ мебояд самар гаштан,
Ки Мансур ончунон мезебаду дор инчунин бояд.

Раги санги санам кун риштаи сози муҳаббатро,
Бараҳман гар тавон гардид, зуннор инчунин бояд.
Ҳама гар аҷзнолиҳост, бӯе дорад аз ҷуръат,
Нафас дар сина хун кун, ошиқи зор инчунин бояд.
Мижа гоҳе канору гоҳ оғӯш аст чашмашро,
Агар улфатпарастӣ, поси бемор инчунин бояд.
Ба мурдан ҳам нагардад хоҷа аз ҳасраткашӣ фориғ,
Гар аз инсоф мепурсӣ, хару бор инчунин бояд.
Зи ҳоли зоҳид огаҳ нестам, лек ин қадар донам,
Ки дар арзи бузургӣ ришу дастор инчунин бояд.
Тамошо муфти шавқ аст, аз фузуландешагӣ бигзар,
Ки ранги гул чунон ё шӯхии хор инчунин бояд.
Ғубори худ ба тӯфон додаму арзи вафо кардам,
Паёми ишқро тамҳиди[332] изҳор инчунин бояд.
Ба нури офтоб аз соя натвон ёфт осоре,
Ҳавас мафрӯш, Бедил, маҳви дидор инчунин бояд.

* * *

Шамъи базмат чӣ қадам бардорад?
Пойи мо обилаи сар дорад.
Гули ин боғ гиребончок аст,
Ханда аз захм кӣ бовар дорад?
Дари таклифи табассум макушо,
Даҳани танги ту шаккар дорад.
Хок сомони ғубораш кам нест,
Нестӣ низ каруфар дорад.
Оламе чашм зи мо равшан кард,
Ранги мо хосияти зар дорад.
Кас чӣ хонад рақами пешонӣ?
Сафҳаи мо хати мистар дорад.
Сари ҳар фикр гиребонхоҳ аст,
Мавҷ ҳам тукмаи гавҳар дорад.

Бе харидор чӣ арзад гавҳар?
Дил ҳамон аст, ки дилбар дорад.
То фусурдӣ, зи назарҳо рафтӣ,
Ранг парвози таҳи пар дорад.
Лаб ба ҳам ору ҳаловатҳо кун,
Хомушӣ қанди мукаррар дорад.
Ба нафас қатъи ду олам кардем,
Дами ин теғ чӣ ҷавҳар дорад.
Саргарон мегузарад наргиси ёр,
Музди чашме, ки мижа бардорад.
То димоғ аст, ҳавас болкушост,
Сари ҳар бом кабутар дорад.
Бедил, ин сурату шакл он ҳама нест,
Одамӣ маънии дигар дорад.

* * *

Шӯхӣ баҳори табъи чаманзод мешавад,
Чандон ки сарв қад кашад, озод мешавад.
Вазъи ҷаҳон сафири[333] гирифтории ҳам аст,
Мурғи ба дом сохта сайёд мешавад.
Гардест ҷаста мовуман аз пардаи адам,
Охир хамӯшӣ ин ҳама фарёд мешавад.
То чанд дил ба ҳам нагудозад фусуни ишқ?
Сандон ҳам об аз дами ҳаддод мешавад.
Файзи сафо зи суҳбати покон талаб кунед,
Оҳан зи сим байзаи фӯлод мешавад.
Шаб шуд, бинои шамъ муҳайёи оташ аст,
Парвона ку, ки хонааш обод мешавад?
То ибрате ба фаҳм расонӣ, ба аҷз кӯш,
Ранги шикаста силии[334] устод мешавад.

Наққоши як ҷаҳон ҳавасам кард лоғарӣ,
Мӯи заиф хомаи Беҳзод мешавад.
Ҷоми тағофулаш чӣ қадар даври ноз дошт,
Дод аз фаромушӣ, ки маро ёд мешавад!
З-ин оташе, ки ишқ ба ҷонам фикандааст,
Гар об бигзарад зи сарам, бод мешавад.
Ваҳдат зи худфурӯшии таъдод касрат аст,
Як бар яке дигар зада, ҳафтод мешавад.
Бедил, маонии ту чӣ иқбол доштаст?
Чашми ҳасуд байти туро сод[335] мешавад.

* * *

Сабре, ки субҳи ин боғ аз мо ҷудо нахандад,
Гул мерасад, ду дам бош, то бар қафо нахандад.
Ҷамъияти дил ин ҷост мавқуфи бастани лаб,
Ин ғунчаро даме чанд бигзор, то нахандад.
То фикри куфру дин аст, чандин шаку яқин аст,
Гар таври дониш ин аст, Маҷнун чаро нахандад?
Мотамсарост дунё, то чанд шодӣ ин ҷо?
Эй маҳрамон, бигирйед, кас дар азо нахандад.
Ҷуз саъйи бенишонӣ нанги фусурдаҷонист,
Бояд гузашт аз ин дашт, гар нақши по нахандад.
Гар пириям дар ин боғ аз шарм лаб кушояд,
Гул бо вуҷуди шабнам дандоннамо нахандад.
Зонупарастиямро бар сад баҳор ноз аст,
Шамъи бисоти таслим сарбарҳаво нахандад.
Урёнӣ эътиборест, ифлос ҳам шиорест,
Далқи куҳан баҳорест, гар мирзо нахандад.
Даври ғанову ифлос як бодаву ду ҷоманд,
Гар бо карим шармест, пеши гадо нахандад.

Эй коргоҳи ибрат, анҷоми умр пирист,
Қадди дуто дулаб шуд, марг аз куҷо нахандад?
Чун ном бар забонҳо наншаста роҳи худ гир,
Нақши нигин нагардӣ, то бар ту ҷо нахандад.
З-он чеҳраи арақнок бепардагӣ чӣ ҳарф аст?
Он гул ки обёраш бошад ҳаё, нахандад.
Поси ҳузури улфат аз оламест, к-он ҷо
Гар захм ҳам бихандад, аз ҳам ҷудо нахандад.
Ҳарчанд гарди имкон домони субҳ гирад,
Бедил, шикастани ранг бар рӯи мо нахандад.

* * *

Сафофиреб фақеҳон нафас гудохтаанд,
Ки ҳар тараф чу таяммум вузӯи сохтаанд.
Дар ин бисот ба ҷуз ранги рафта чизе нест,
Касе чӣ сон барад он бозие, ки бохтаанд?
Зи вазъи бебарии сарву бед ибрат гир,
Ки гардананду аҷаб мухталиф фарохтаанд.
Маоли равнақи гул то ба доғ пинҳон нест,
Дар ин чаман ҳама товусҳои фохтаанд.
Зи арзи шавкати дунон магӯ, ки мӯре чанд
Зи бол бар сари худ теғи фитна охтаанд.
Мадеҳ зи саъйи фузулӣ ғубори амн ба бод,
Баҳеҷсохтагон қадри худ шинохтаанд.
Зи истиқомати ёрони арса ҳеҷ мапурс,
Чу шамъ ҷумла аламҳои рангбохтаанд.
Ба гарди қофилаи рафтагон расидан нест,
Нафас масӯз, ки бисёр пеш тохтаанд.
Мабош ғофил аз андози шеъри Бедили мо,
Шуниданист навое, ки кам навохтаанд.

*  *  *

Толеъам зулфи ёрро монад,
Вазъи ман рӯзгорро монад.
Дил ҳавасташна аст, варна, сипеҳр
Косаи заҳри морро монад.
Нафаси ман ба ин фусурдадилӣ
Дуди шамъи мазорро монад.
Баски бе дӯст доғи сӯхтанам,
Гулханам лолазорро монад.
Хори дашти талаб зи обилаам
Мижаи ашкборро монад.
Нақши поям ба водии талабат
Дидаи интизорро монад.
Аҷзам аз вазъи худсарӣ водошт,
Нотавонӣ виқорро монад.
Ёр дар ранги ғайр ҷилвагар аст,
Ҳамчу нуре ки норро монад.
Ҷигари чоки субҳу домани шаб
Шонаву зулфи ёрро монад.
Узлат оинадори расвоист,
Ин ниҳон ошкорро монад.
Нек дар ҳеҷ ҳол бад нашавад,
Гул муҳол аст, хорро монад.
Бо ду олам муқобилам карданд,
Ҳайрат оинадорро монад.
Мояи беғамӣ диле дорам,
Ки чу хун шуд, баҳорро монад.
Ҳар чӣ аз ҷинси нақши по пайдост,
Бедили хоксорро монад.

*   *   *

Золим чӣ хаёл аст муаддаб бадар ояд?
Он нест кач̣ӣ, к-аз думи ақраб бадар ояд.
Май чорагари кулфати зуҳҳод нагардид,
Тӯфон магар аз уҳдаи мазҳаб бадар ояд?
Ором замонест, ки дар илми яқинат
Таъсир зи ҷамъияти кавкаб бадар ояд.
Ҷуз сӯхтан афсурдадилон ҳеҷ надоранд,
Раҳм аст ба хиште, ки зи қолаб бадар ояд.
Бо бахти сияҳ чораи хобам чӣ хаёл аст?
Бедор шавад соя, гар аз шаб бадар ояд.
З-ин марҳала хобида бадар зан, ки мабодо,
Овози савор аз суми маркаб бадар ояд.
Чун моҳи нав аз шарми заминбӯси ту доғам,
Ҳарчанд ки пешониям аз лаб бадар ояд.
Хатте зи сияҳкории ман сабти ҷабин аст,
Тарсам, ки занад ҷӯшу мураккаб бадар ояд.
Он ҷо ки иёри асар аз хӯи ту гиранд,
Оташ тарияш чун арақ аз таб бадар ояд.
Гар партави ҳусни ту ба ин барқи шукӯҳ аст,
Хуршед ҳам аз хона магар шаб бадар ояд.
Дар хилвати дил суҳбати авҳом вабол аст,
Безорам аз он ҳалқа, ки ё Раб, бадар ояд.
Бедил, чӣ қадар ташнаи ихфост маонӣ,
Дар гӯш хазад, ҳар қадар аз лаб бадар ояд.

*   *   *

Ишқи мутрибзодае бар сози тақво зӯр кард,
Донаи тасбеҳро зоҳид хари танбӯр кард.
Бо ҳама вомондагӣ рӯзе ду озодӣ хуш аст,
Хонаро натвон ба андӯҳи таъаллуқ гӯр кард.

З-ин гулистон сад саҳар ҷӯшиду сад шабнам дамид,
Ибратам сайри чакиданҳои як носур кард.
Бигзар аз бесарфагӯиҳо, ки сози ин бисот
Гӯшмоле хӯрд, ҳар гаҳ нола бедастур кард.
Мӯсии мо шуълаҳо дар пардаи найранг дошт,
Ҳасрате аз дил бурун оварду барқи Тур кард.
Бо чунин фурсат набуд имкон мижа бардоштан,
Ваъдаи дидор халқеро амалмуздур[336] кард.
Шуҳрати иқболи аҷз аз чатри шоҳӣ бартар аст,
Мӯи чинӣ соя охир бар сари фағфур кард.
Шӯри асрорам ҷунун ангехт аз мӯи сафед,
Шӯхии ин пунбаам ҳангомаи Мансур кард.
Не зи тоат баҳрае бурдам, на завқе аз гуноҳ,
Дар ҳама корам ҳузури нестӣ маъзур кард.
Дахли огоҳӣ ба як сӯ неҳ, ки таҳқиқи ғаюр
Чашми халқеро ба ангушти шаҳодат кӯр кард.
Бедил, аз узлат каломам рутбаи маънӣ гирифт,
Хумнишинӣ бодаамро ин қадар пурзӯр кард.

* * *

Умри арзал,[337] эй Худо, магмор бар нерӯи мард,
Раъшаи пирӣ мабодо резад оби рӯи мард!
То нагардад аҷзи тоқат шабнамэҷоди арақ,
Субҳи навмедӣ махандон аз камини мӯи мард.
Гар табиат ғайрат андешад зи вазъи инфиол,
Сарнигунӣ кам ваболе нест дар абрӯи мард.
Банд-банд охир ба ранги мӯ дуто хоҳад шудан,
Дар ҷавонӣ нанг агар дорад зи хам зонуи мард.
Ҳар чӣ аз осори ғайрат метаровад, ғайрат аст,
Ҷавҳари шамшер дорад мавҷ аз оби ҷӯи мард.
Баҳри ин нақши нигин то хотаме пайдо кунӣ,
«Ло фато, илло Алӣ»[338] бинвис бар бозуи мард.

Шуълаи ҳиммат нигун шуд, к-аз тасоуд[339] боз монд,
Хай[340] шавад, ҳар гаҳ таназзул бурд раҳ дар хӯи мард.
Аз азал мавқеъшиносон рабти улфат додаанд
Оина бо зонуи зан, теғ бо паҳлӯи мард.
Олати ӯ хусяе[341] хоҳад тасаввур карду бас,
Дар димоғи ҳез агар афтода бошад бӯи мард.
Ҳеҷ кас нагсехт, Бедил, банди авҳоме ки нест,
Осмон умрест, мегардад ба ҷустуҷӯи мард.

* * *

Ид аст, ғубори сари роҳи ту тавон шуд,
Қурбонии қурбони нигоҳи ту тавон шуд.
Уммед шаҳиди дами шамшери ғурурест,
Бисмил зи хами тарфи кулоҳи ту тавон шуд.
Бояд ҳама тан дил шуду ошуфту ҷунун кард,
То маҳрами гесӯи сиёҳи ту тавон шуд.
Таслим зи офоти ҷаҳон бок надорад,
Дар ҷайби худам маҳви паноҳи ту тавон шуд.
Эй хоки хиромат гули фирдавс ба доман,
Ку бахт, ки помоли гиёҳи ту тавон шуд?
Саҳл аст шафоатгарии ҷурми ду олам,
Гар қобили як зарра гуноҳи ту тавон шуд.
Бедил, дили мо тоқати офот надорад,
То кай ҳадафи новаки оҳи ту тавон шуд?

* * *

Ақл агар сад анҷуман тадбир равшан мекунад,
Фикри Маҷнун сатре аз занҷир равшан мекунад.
Доғи навмедӣ диле дорам, ки дар ҳар дам задан
Шамъҳо аз оҳи бетаъсир равшан мекунад.

Оламе чашм аз мазори мо ба ибрат об дод,
Хоки мо файзи ҳазор иксир равшан мекунад.
Нанги расвоӣ надорад соз, то хомушнавост,
Рамзи сад айбу ҳунар тақрир равшан мекунад.
Мешавад зоҳир ба пирӣ маънии тӯли амал,
Ҷавҳари ин мӯ сафои шир равшан мекунад.
Ғофилонро нури таҳқиқ аз саводи фақр нест,
Тӯтиё кай дидаи тасвир равшан мекунад?
Аз раги гул метавон фаҳмид мазмуни баҳор,
Файзи маъниҳои мо таҳрир равшан мекунад.
Нола дар дил мехалад имшаб зи заъфи пириям,
Шамъи бедоди камонро тир равшан мекунад.
Олами дилро иёр аз дастгоҳи нола гир,
Вусъати саҳро рами нахчир равшан мекунад.
Аз арақ бар ҷабҳа афсуни чароғон хондаем,
Базми моро хиҷлати тақсир равшан мекунад.
Интизори файзи ишқ аз хомии худ мекашем,
Чӯби тарро саъйи оташ дер равшан мекунад.
Ҳеҷ кас бар дар назад, Бедил, зи зиндонгоҳи чарх,
Аҷзи мо ин хонаи дилгир равшан мекунад.

* * *

Олами гирифторӣ хуш тасалсуле дорад,
Ҷӯши нолаи занҷир боғи сунбуле дорад.
Ҳамчу кӯзаи дӯлоб ҳар чӣ зери гардун аст,
Ё тараққиоҳанг аст, ё таназзуле дорад.
Парфишонии ишқ аст рангу бӯйи ин гулшан,
Ҳар гуле ки мебинӣ, боли булбуле дорад.
Гар тааллуқи асбоб арзи сад ҷунун ноз аст,
Бениёзии мо ҳам як тағофуле дорад.

Бори шиквапаймоӣ бар дили пур афтодаст,
То тиҳӣ намегардад шиша, қулқуле дорад.
Хоҳ бар тааммул зан, хоҳ лаб ба ҳарф афкан,
Сайри ин баҳористон ғунчаву гуле дорад.
З-инфиоли махмурӣ сархуши тасаллӣ бош,
Ҷабҳа то арақпаймост, соғари муле дорад.
Ранҷи зиндагӣ бар мо нестӣ гуворо кард,
З-ин муҳит нагзаштан дар назар пуле дорад.
Мекашад асиронро аз қиёмат онсӯтар,
Шоҳиди амал,[342] Бедил, турфа кокуле дорад.

* * *

Фусурдан аз мизоҷи шуъла хокистар бурун орад,
Тараддуд чун нафас сӯзад, зи худ бистар бурун орад.
Ба ашке кулфати дил кай тавон бурдан, ки дарё ҳам
Ятимӣ [343] мушкил аст аз тинати гавҳар бурун орад.
Фано ҳам мояи ҳастист, аз офат мабош эмин,
Ки чун бигзаштӣ аз мурдан, қиёмат сар бурун орад.
Ба навмедӣ дар ин гулшан чу ранг уммеди он дорам,
Ки афсурдан зи парвозам парафшонтар бурун орад.
Зи ҷӯши бехудӣ соф аст дурди орзуи дил,
Ҳушо оинае, к-аз хеш равшангар бурун орад.
Ғуборе аз хаташ роҳи назар мезад, надонистам,
Ки ин шамъ аз пари парвонаҳо дафтар бурун орад.
Кӣ медонист пеш аз даври хат эъҷози ҳусни ӯ,
Ки аз лаъли тараш мавҷи зумуррад сар бурун орад?
Ба гулшан гар бигӯям васфи лаъли майфурӯши ӯ,
Ба ҳасрат шохи гул аз остин соғар бурун орад.
Надорад шабнами ман барги изҳоре дар ин гулшан,
Магар навмедиям дар ранг чашми тар бурун орад.

Ба пастӣ то намонад шавқ, ҷаҳде кун, ки хун гардӣ,
Чу об оинадори ранг гардад, пар бурун орад.
Фиреби ҷоҳ аз норанҷии[344] гардун махӯр, Бедил,
Ки метарсам сари бемағзе аз афсар бурун орад.

* * *

Фусурдагиҳои сози имкон таронаамро инон нагирад,
Ҳадиси тӯфоннавои ишқам, хамӯшӣ аз ман забон нагирад.
Зи дастгоҳи ҷаҳони сурат наям хиҷолаткаши кудурат,
Чу оина дасти бениёзон зи ҳар чӣ гирад, зиён нагирад.
Самоҷат[345] аст, ин ки оламеро ба сар фикандаст хоки зиллат,
Сабук нагардад ба чашми мардум, касе ки худро гарон нагирад.
Зи даст рафтаст ихтиёрам, ба норасоӣ кашида корам,
Ба сози ваҳшат паре надорам, ки доманам ошён нагирад.
Ба ғайри ваҳшат ба ҳеҷ унвон ҳузури роҳат надорад имкон,
Зи сайди матлаб суроғ кам гир, агар дилат з-ин ҷаҳон нагирад.
Маноз бар мояи таайюн, ки корвони матоъи ҳиммат
Ба чорсӯе ки худфурӯшӣ ривоҷ дорад, дукон нагирад.
Зи худ баро, то расад камандат ба кунгури қасри бениёзӣ,
Ба нардбонҳои чини доман касе раҳи осмон нагирад.
Агар ба азми кушоди корӣ, зи гӯшагирон мабош ғофил,
Ки тир парвозро нашояд, даме ки бол аз камон нагирад.
Каҷ аст таври бинои олам, ту низ сар кун ба каҷадоӣ,
Ки шуҳрати вазъи ростиҳо чу ҳалқаат бар синон нагирад.
Дар оташи ишқ то насӯзӣ, назар ба доғи вафо надӯзӣ,
Ки аз чароғиҳавасфурӯзӣ танӯри афсурда нон нагирад.
Фитодаеро зи хок бардор ё мабар номи иститоат,
Касе чӣ гирад зи сози қудрат, ки дасти вомондагон нагирад?
Агар зи ворастагони шавқӣ, ба фикри ҳастӣ мапеч, Бедил,
Ки ҳиммат оинаи тааллуқ ба дасти доманфишон нагирад.

* * *

Қумоши ранг зи бас беҳиҷоб мебофанд,
Ба рӯи гул зи даридан ниқоб мебофанд.
Мабош мункири асрори синачокии мо,
Ба коргоҳи саҳар офтоб мебофанд.
Зи захми теғи ҳаводис тавон шудан эмин,
Ба ҷавшане ки зи мавҷи шароб мебофанд.
Ба як нафас сари бемағз мехӯрад бар санг
Ҷудо зи пашм кулоҳи ҳубоб мебофанд.
Дар ин чаман, ки ҳаво доғи шабнамороист,
Тасаллие ба ҳазор изтироб мебофанд.
Ту хоҳ марг шумар, хоҳ зиндагӣ андеш,
Ҳамин ба табъи катон моҳтоб мебофанд.
Кирост тоби расоии баҳси фурсати умр,
Гусаста аст нафас, то ҷавоб мебофанд.
Тавон шинохт зи борикресии анфос,
Ки дар қаламрави ҳастӣ чӣ боб мебофанд.
Кабоб шуд адами мо зи туҳмати ҳастӣ
Бар оташе ки надорем, об мебофанд.
Ба гуфтугӯ ба ғубори назар матан, Бедил,
Ки баҳри чашм зи афсона хоб мебофанд.

* * *

Кори ҷаҳон хоҳ аҷз, хоҳ сарӣ мекунад,
Огаҳӣ ин ҷо куҷост, бехабарӣ мекунад.
Мақсади азми нафас ҳеҷ намудор нест,
Як тапиши побагил номабарӣ мекунад.
Кист, к-аз ин хокдон гарди баландӣ накард?
Обила ҳам зери по азми сарӣ мекунад.
Баски тунукфурсат аст ишрати ин анҷуман,
То ба чароғе расем, шаб саҳарӣ мекунад.

Забти инони сиришк аз кафи мо бурдаанд,
Шавқи париҷилвае шишагарӣ мекунад.
Анҷумани майкашон хомушиоҳанг нест,
Шишаи мо сангро кабки дарӣ мекунад.
Сифла зи касби камол қадри мураббӣ шикаст,
Қатра чу гавҳар шавад, бадгуҳарӣ мекунад.
Дар ҳама ҳол одамӣ шахси малаксират аст,
Лек ба ҷоҳ андаке нози харӣ мекунад.
Ҳирс гуворо гирифт талхии идбори манъ,
Пеши тамаъ дурбош найшакарӣ мекунад.
Ҷавҳари Фарҳод нест, варна, дар ин кӯҳсор
Сурати ҳар сангу гил мӯкамарӣ мекунад.
Зангу сафои дил аст ғафлату огоҳиям,
Оина дар ҳар сифат пардадарӣ мекунад.
Бедил, аз ифшои роз мунфаилам кард ишқ,
Пеши кӣ нолад адаб, гиря тарӣ мекунад.

* * *

Гарди аҷзам, хушхиромон сарфарозам кардаанд,
Саҷдаворе доштам, гардунтирозам кардаанд.
Занге аз шӯхӣ надорам, ҳайрати оинаам,
Инқадарҳо гулрухон таълими нозам кардаанд.
Софии дил бехудипаймонае дар кор дошт,
К-аз шуури ҳар ду олам бениёзам кардаанд.
Нестӣ сарчашмаи тӯфони ҳастӣ будааст,
Чун тилисми хок хилватгоҳи розам кардаанд.
Пеш аз ин сад ашк рангомезии дил доштам,
Ин замон як нолаи бедарди созам кардаанд.
Саҷдафарсуди хами таслими авзои худам,
Ҳам зи ҷайби хеш меҳроби намозам кардаанд.

Чашми шавқи улфатоғӯшист сар то пойи ман,
Сахт ҳайронам, ба дидори кӣ бозам кардаанд?
Аз ҳуҷуми барқтозиҳои ноз огаҳ наям,
Ин қадар донам, ки раҳме бар ниёзам кардаанд.
Бедилиҳоям далели имтиҳони беғашист,
Нестам қалбошно, азбас гудозам кардаанд.

* * *

Гар шавқ ба роҳат қадаме пеш барорад,
Чун обила болиданам аз хеш барорад.
Он ҷо ки хаёли ту диҳад арзи таҷаммул,
Танҳоиям аз ҳар ду ҷаҳон беш барорад.
Мақбулию авзои мухолиф чӣ хаёл аст?
Дар дида халад, гар мижа ҳам неш барорад.
Имрӯз дари баста ба рӯи ҳама боз аст,
Оина магар ҳоҷати дарвеш барорад.
Дар нусхаи кайфияти имкон нанавиштанд,
Лафзе ки касе ҳосили маъниш барорад.
Гар шӯхии Лайлӣ нашавад доми таҳайюр,
Маҷнуни маро кист, адабкеш барорад?
Фарёд, к-аз ин қулзуми ваҳшат натавон ёфт,
Мавҷе ки нафас бе ғами ташвиш барорад.
Бо барқсаворон чӣ кунад саъйи ғуборам,
Вомондагие ҳаст, агар пеш барорад.
Навмедии савдозадагон низ дуоест,
Уммед, ки он навхати мо риш барорад.
Бедил чаманорои гиребони хаёлест,
Ё Раб, нашавад он ки сар аз хеш барорад.

*   *   *

Ғар бӯи вафоро нафас оина набошад,
Ин доғи дил авлост, ки дар сина набошад.
Сад умри абад ҳеҷ наярзад ба гузаштан,
Имрӯз хушӣ ҳаст, агар дина набошад.
Лаъли ту мубаррост[347] зи афсуни макидан,
Ин пистаи тар масрафи лавзина набошад.
Такрор мабандед бар авроқи таҷаддуд,
Тақвими нафасро хати порина набошад.
Бар шайх дукондории риш аст мусаллам,
Хирс ин ҳама савдогари пашмина набошад.
Зоҳид ба назар мекунад аз дур сиёҳӣ,
Ин субҳи қиёмат шаби одина набошад?
Лаб кам шиканад муҳри вадиаткадаи роз,
Гар ташнаи расвоии ганҷина набошад.
Аз дил чу нафас мегузарӣ, сахт ҷунунест,
Эй бехабар, ин хонаи оина набошад.
Гар ҳарфи вафо сакта фурӯшад ба тааммул,
Дар риштаи улфат гираҳи кина набошад.
Чун субҳ агар як нафас аз хеш баройӣ,
То боми фалак печухами зина набошад.
Бедил, ҳазар аз офати пайванди алоиқ,
Уммед, ки дар далқи ту ин пина набошад.

*   *   *

Гар тамаъ дасти талаб во мекунад,
Бар қаноат ханда лаб во мекунад.
Гарм меҷӯшӣ ба лаззоти ҷаҳон,
Ин шакар дуккони таб во мекунад.
Мавҷи гавҳар бош, корат баста нест,
Нохуне дорад адаб, во мекунад.

Фатҳи боби офият вақфи касест,
К-аз ҷабин чини ғазаб во мекунад.
Шиша машкан, в-арна, дил ҳам з-ин бисот
Роҳи куҳсори Ҳалаб во мекунад.
Сояи тӯбӣ набошад, гӯ, мабош,
Ҷойи мо барги инаб во мекунад.
Эй чароғи маҳфили шайбу шабоб,
Субҳ таҳ гир, ончи шаб во мекунад.
Шарм кам дорад зи номуси адам,
Ҳар кӣ тӯмори насаб во мекунад.
Пунба аз мино ба ғафлат бармадор,
Ин парӣ банди қасаб во мекунад.
Бе адаб бар ғунча макшоед даст,
Ин гиреҳро гул ба лаб во мекунад.
Уқда нопайдост дар тори нафас,
Лек, Бедил, рӯзу шаб во мекунад.

* * *

Муҳаббат ситамгар набошад, набошад,
Вафо заҳматовар набошад, набошад.
Дили ҷамъ муҳрест бар ганҷи иқбол,
Агар киса пурзӯр набошад, набошад.
Шукӯҳе, ки дорад ҷаҳони қаноат,
Ба хоқону қайсар набошад, набошад.
Диле мегудозам ба сад ҷӯши мастӣ,
Маям гар ба соғар набошад, набошад.
Дар афсурданам хуфта парвози анқо,
Чу рангам агар пар набошад, набошад.
Ҳавасҷавҳари тарбият нест ҳиммат,
Фалак сифлапарвар набошад, набошад.

Чӣ ҳарф аст лағзиш ба рафтори маънӣ?
Хате гар ба мистар набошад, набошад.
Ба ҷое ки бошад уруҷи ҳақиқат,
Агар чарху ахтар набошад, набошад.
Чунон бош фориғ зи бори таъаллуқ,
Ки бар дӯш агар сар набошад, набошад.
Яқине, ки аз шубҳае дур бинӣ,
Лаби ёр гавҳар набошад, набошад.
Ба хеш ошно шав, чи воҷиб, чи мумкин,
Аразро ки ҷавҳар набошад, набошад.
Паёмест ин эътибороти ҳастӣ,
Ки ҳар ҷо паямбар набошад, набошад.
Аз он остон хоҳ матлуби ҳиммат,
Ки чизе бар он дар набошад, набошад.
Зи аъдоди халқ онҷи вомешуморӣ,
Агар воҳид аксар набошад, набошад.
Асар номдор аст, аз оина магзар,
Гирифтам, Сикандар набошад, набошад.
Чи дунё, чи уқбо, хаёл аст, Бедил,
Ту бош, ину он гар набошад, набошад.

* * *

Мактуби шавқ ҳаргиз бе номабар набошад,
Мову зи хеш рафтан, қосид агар набошад.
Ҳар ҷо танид[348] фитрат, як ҳалқа дошт гардун,
Дар фаҳми хатти паргор ҳукми дусар набошад.
Хошокро дар оташ то кай хаёли пухтан?
Он ҷо ки ҷилваи ӯст, аз мо асар набошад.
Мағрури фурсати даҳр з-ин бештар мабошед,
Басту кушоди мижгон шому саҳар набошад.

Барқе зи дур дорад ҳангомаи таҷаллӣ,
Эй бехудон, бибинед, дил ҷилвагар набошад?
Моро ба ранги шабнам то ошёни хуршед
Бояд ба дида рафтан, гӯ болу пар набошад.
Ҳарчанд кори фардост, имрӯз муфти худ гир,
Шояд димоғи тоқат вақти дигар набошад.
Зоҳид, зи вазъи хилват нози камол мафрӯш,
Афсурдан аз кафе хок чандон ҳунар набошад.
Оинахонаи дил охир ба занг додем,
З-ин беш оҳи моро ранги асар набошад.
Хоҳӣ, ба халқ рӯ кун, хоҳӣ, хаёли ӯ кун,
Эй олами тамошо, бар худ назар набошад.
Осудагӣ маҷӯед аз вазъи ашки Бедил,
Ин ҷавҳари чакидан оби гуҳар набошад.

* * *

Мавҷи гул бе ту хорро монад,
Субҳ шабҳои торро монад.
Ба фусуни нишот хун шудаам,
Нашъаи ман хуморро монад.
Чашми оина аз тамошояш
Нусхаи навбаҳорро монад.
Зиндагонию гирудори нафас
Арсаи корзорро монад.
Гули шабнамфурӯши ин гулшан
Синаи доғдорро монад.
Чанд бошӣ зи ҳосили дунё
Маҳви фахре ки орро монад?
Шуҳрати эътибор ташҳир аст,
Муътабар харсаворро монад.

Дуди оҳам зи ҷӯши доғи ҷигар
Накҳати лолазорро монад.
Мекашандат зи ҳалқ, хуш бошад,
Ҷоҳ ҳам пойи дорро монад.
То назар боз кардаӣ, ҳеҷ аст,
Умр барқи шарорро монад.
Мижа во кардане намеарзад,
Ҳама олам ғуборро монад.
Маҳви ёрему орзу боқист,
Васли мо интизорро монад.
Бе ту оғӯши гиряолудам
Захми хундарканорро монад.
Сояро нест офати селоб,
Хоксорӣ ҳисорро монад.
Нусхаи сад чаман задем ба ҳам,
Нест ранге, ки ёрро монад.
Мижаи хунфишони Бедили мо
Раги абри баҳорро монад.

* * *

Нашъа дудест, ки аз оташи май мехезад,
Нағма гардест, ки аз кӯчаи най мехезад.
Аз лаби навхати ӯ гар сухан эҷод кунам,
Ҷомро мӯ ба тан аз мавҷаи май мехезад.
Пир гаштӣ, зи асарҳои амал ибрат гир,
Аз камон баҳри шикастан рагу пай мехезад.
Пештоз аст хурӯши нафас аз ваҳшати умр,
Гарди ҷавлон ҳамаро гарчи зи пай мехезад.
Чӣ хаёл аст, ба хун то ба гулӯ наншинад?
Ҳар кӣ чун шиша раги гардани вай мехезад.

Дил агар оинаи анҷумани имкон нест,
Ин қадар нақши таҳайюр зи чӣ шай[349] мехезад?
Оламе силсилаперои ҷунун аст, аммо
Гирдбоде дигар аз водии ҳай[350] мехезад.
Саъйи оҳ аз дили мо печухами ваҳм набурд,
Ҷавҳар аз оина бо мисқала[351] кай мехезад?
Машав аз офати дамсардии пирӣ ғофил,
Дуде аз табъи нафас мавсими дай мехезад.
Бедил, аз бас ба ғами ишқ саропо гираҳам,
Аз дилам нола ба занҷир чу най мехезад.

* * *

Номам ҳаваси нигин надорад,
Назмам чу нафас замин надорад.
Ҳиммат чӣ фарозад аз такаллуф?
Домони сипеҳр чин надорад.
Ҳастӣ ҷуз шубҳа нест, лекин
Бар шубҳа касе яқин надорад.
Дар табъи лаим шарми кас нест,
Хиссат араќи ҷабин надорад.
Ҳарчанд ба доманаш бикӯшӣ,
Дасти карам остин надорад.
Дарди ватан аз шикасти дил пурс,
Чинӣ ҷуз мӯ зи Чин надорад.
Ҳар сӯ назар афканӣ, асирем,
Сайёдии мо камин надорад.
Худ хасми худем, варна, гардун
Бо халқи заиф кин надорад.
Айшу алам аз ту пеш рафтаст,
Фурсат дами вопасин надорад.
Мову ту хароби эътиқодем,
Бут кор ба куфру дин надорад.

Таъдод ба олами аҳад нест,
«Ӯ» дар ҳар ҷост, «ин» надорад.
Ҳар ҷилва ки ногузири ӯй,
Хоҳӣ дидан, «бибин» надорад,
Шавқест таронасанҷи фитрат,
Бедил сари офарин надорад.

* * *

На бо сози ҳавас ҷӯшад, на бар касби ҳунар печад,
Табиат чун расо афтад, ба маънӣ бештар печад.
Ба ин ошуфтагӣ моро куҷо роҳат, чӣ ҷамъият?
Ҳавои турраат ҷои нафас бар дил магар печад.
Гумони ҳалқаи дом аст он сайди назокатро,
Гар аз чашми манаш тори нигоҳе бар камар печад,
Зи асбоби ҳавас бар ҳар чӣ печӣ, фоли кулфат зан,[352]
Гиреҳ пайдо кунад, дар ҳар куҷо най бар шакар печад.
Шаби уммед тай шуд, вақти он омад, ки навмедӣ
Ғубори мо-заифон ҳам ба домони саҳар печад.
Ҷунунам доғ шуд дар кисвати номуси худдорӣ,
Гиребоне чу гул доман кунам, то дар камар печад.
Умеди офият гар ҳаст, аз теғ аст бисмилро,
Ғариқи баҳри улфат беҳ, ки бар мавҷи хатар печад.
Зи сомони тааллуқҳо парешонӣ ғанимат дон,
Ҳамон дом аст, агар ин риштаҳо бар якдигар печад.
Назокатгоҳи нози кист, ё Раб, килки тасвирам?
Ду олам ранг гардонад, сари мӯе агар печад.
Ба ранги шамъ маҷнуни гирифторӣ диле дорам,
Ки занҷираш гар аз по во кунӣ, чун мӯ, ба сар печад.
Ба андози хироми ӯ мабод аз худ равӣ, Бедил,
Ки тарсам, гардиши рангат инони ноз дарпечад.

* * *

Нишоти ин баҳорам бе гули рӯят чӣ кор ояд?
Ту гар оӣ, тараб ояд, биҳишт ояд, баҳор ояд.
Зи истиқболи нозат гар чаманро рухсате бошад,
Ба сад товус бандад нахлу як оинавор ояд.
Пур аст ин дашт аз сомони нахчири таманноят,
Ҷунунтозе, ки сайди лоғари мо ҳам ба кор ояд.
Ба сози мо набояд беш аз ин афсурдагӣ бастан,
Хироме, то зи ҳар гоми ту мизробе ба тор ояд.
Шукуфтан баски дорад ошён дар ҳар буни мӯят,
Табассум гар ба лаб дуздӣ, чаманҳо дар фишор ояд.
Надорад мавҷ бе васли гуҳар уммеди ҷамъият,
Ҳамоғӯшат бароям, то канорам дар канор ояд.
Ба барқи интизорам мегудозад шавқи дидоре,
Таҳайюр медиҳам об, эй Худо, дидан ба бор ояд.
Фалак ҳарчанд дар хоки адам резад ғуборамро,
Саҳар гул чинад аз ҷайбам, даме, к-он шаҳсавор ояд.
Чамантамҳиди ҳайрат рафта буд аз чашми муштоқон,
Кунун гулчини чандин наргисистон интизор ояд.
Шаб омад бар сари дурон, сияҳ шуд рӯзи маҳҷурон,
Худовандо, кай он хуршеди ғурбатихтиёр ояд?
Ҳазор оина аз дасти дуоям мезанад сайқал,
Ки, ё Раб, он парирӯ бо мани Бедил дучор ояд.

* * *

На фахр медамад ин ҷо, на нанг меборад,
Бар ин нишон ки ту дорӣ, хаданг меборад.
Фиреби абри карам хӯрдаӣ аз ин ғофил,
Ки қатра-қатра ҳамон чашми танг меборад.
Дигар чӣ чора ба ҷуз хомушӣ, ки ҳамчу ҳубоб
Бар обгинаи мо оҳ санг меборад?

Видоъи фурсати барқу шарор хирман кун,
Ба мазраъе ки шитоб аз диранг меборад.
Баҳори ин чаман азбаски ваҳшатандуд аст,
Зи доғи лола ҷунуни паланг меборад.
Ба пурсиши дили чоки кӣ судаӣ нохун,
Ки ранги хуни баҳорат зи чанг меборад?
Ба ҳайратам, ки нигоҳ аз чӣ ибрат об диҳам?
Зи хору гул ҳама ҳусни Фаранг меборад.
Дили шикаста хумистони ёди наргиси кист,
Ки ашкам аз мижа соғарбачанг меборад?
Махӯр фиреби мурувват зи чархи миноранг,
Ки ҷои бода аз ин шиша санг меборад.
Зи обёрии кишти ҳасад табарро кун,
Ки хуни офият аз сози ҷанг меборад.
Хатост туҳмати ҷуръат ба аҷзи мо бастан,
Ҳазор обила бар пойи ланг меборад.
Махоҳ ғайри такаллуф зи ағниё, Бедил,
Ки абри мазраи ин қавм нанг меборад.

* * *

Вазъи фалак он ҷо, ки ба як ҳол набошад,
Ранги ману ту чанд сабукбол набошад?
То вонигарӣ, рафтаӣ аз дидаи аҳбоб,
Об он ҳама зиндонии ғирбол набошад.
Гардан нафарозӣ, ка дар ин мазраи ибрат
Чун дона саре нест, ки помол набошад.
Дилро нафиребӣ ба фусунҳои таайюн,
Ороиши ин оина тимсол набошад.
Айбе батар аз лофи камолот надидем,
Шарме, ки лабат ташнаи табхол набошад.

Аз шукри муҳаббат дили мо бехабар афтод,
Дар қаҳти вафо ҷурми маҳу сол набошад.
Имрӯз гар инсоф диҳад доди табоеъ,[354]
Кас мунтазири Маҳдию Даҷҷол набошад.
Эй оина, ҳар сӯ гузарӣ, муфти тамошост,
Уммед, ки оҳет ба дунбол набошад.
Домони карӣ гиру навои ҳама бишнав,
То пеши ту соҳибғаразе лол набошад.
Хиффат макаш аз халқу ба изҳори ғано кӯш,
Ҳарчанд ба дасти ту зару мол набошад.
Дар ҳар кафи хоке ки фитодем, фитодем,
Паҳлӯи адаб қуръаи раммол набошад.
Тар мекунад андешаи хушкӣ мижаамро,
Мағзи қалами наргиси ман нол набошад.
Озодагию сайри гиребон чӣ хаёл аст?
Бедил, сари парвоз таҳи бол набошад.

* * *

Ҳарчанд ба Ҳақ қурби ту мақдур[355] набошад,
Бар дарди диле гар бирасӣ, дур набошад.
Осори ғурур анҷуманорои шикаст аст,
Чинӣ тараби маҷлиси фағфур набошад.
Бар шишаи қулқулҳаваси мо магузоред
Он пунба, ки мағзи сари Мансур набошад.
Пайғоми вафо дар гарави саъйи ҳалок аст,
Ғамномаи мо ҷуз ба пари мӯр набошад.
Эй масти қаноат, макушо каф ба дуо ҳам,
То дасти ту хамёзаи махмур набошад.
Аз басту кушоди дари таҳқиқ маяндеш,
Чашму мижа саҳл аст, дилат кӯр набошад.

Ёрон ғами дамсардии айём надоранд,
Бояд хунукиҳои ту кофур набошад.
Бигзар зи мақомоти хаёлоти фузулӣ,
Доғи «аринӣ» ҷуз ба сари Тур набошад.
Дар водии таҳқиқ чӣ ҳарф аст сиёҳӣ,
Гар ҳоили биноии мо нур набошад?
Накди дилу помузди тараддуд чӣ хаёл аст,
Ин обила сар бар кафи муздур набошад.
Мо-сӯхтагон барҳамани қашқаи шамъем,
Дар дайри вафо сандалу сундур[356] набошад.
Барҳам задани улфати дилҳо написандед,
Дукксони Ҳалаб хӯшаи ангур набошад.
Бедил, зи шару шӯри тааллуқ ба ҷунун зан,
Гӯ, хонаи занҷири ту маъмур набошад.

* * *

Ҳарчанд дил аз васл қадаҳнӯш набошад,
Раҳме, ки зи ёди ту фаромӯш набошад.
Ҳарфе, ки бувад бе асари сози дуоят,
Ё Раб, ба забон н-ояду дар гӯш набошад.
Ҷое ки ба гардиш занад андози нигоҳат,
Чандон ки назар кор кунад, ҳуш набошад.
Он ҷо ки адаб қобили дидорпарастист,
Во кардани мижгон кам аз оғӯш набошад.
Дар дайри муҳаббат, ки адаб оинадор аст,
Хомӯш беҳ он шуъла, ки хомӯш набошад.
Гӯянд, ба саҳрои қиёмат саҳаре ҳаст,
Ё Раб, ки ҷуз он субҳи буногӯш набошад.
Халқест хиҷолаткаши махмурию мастӣ,
Ин хумкадаро ғайри арақ[357] ҷӯш набошад.

Сар то қадами вазъи ҳубоб аст хамидан,
Ҳаммоли нафас ҷуз ба чунин дӯш набошад.
Бедил, чӣ хаёл аст камоли ту нуҳуфтан?
Оинаи хуршед намадпӯш набошад.

* * *

Ҳар сухансанҷе, ки хоҳад сайди маъниҳо кунад,
Чун забон мебояд аввал хилвате пайдо кунад.
Зинҳор, аз суҳбати бадтинатон парҳез кун,
Зиштии як рӯ ҳазор оинаро расво кунад.
Умрҳо мебоядат бо безабонӣ сохтан,
То ҳамон хомӯшият чун оина гӯё кунад.
Мекашад бар дӯш сад тӯфон шикасти ҳодисот,
То касе чун мавҷ аз ин дарё саре боло кунад.
Ҳарзагард аз суҳбати соҳибназар гирад ҳаё,
Об гардад дуд, чун дар чашми мардум ҷо кунад.
Оҳи гарме сайқали сад оина дил мешавад,
Шуълае чун шамъ чандин доғро бино кунад.
Бе гудози худ илоҷи кулфати дил мушкил аст,
Кист, ғайр аз об гаштан иқди гавҳар во кунад?
Медамад субҳ аз гиребон сафҳаи оинаро,
Аз тамошои хатат гар ҷавҳаре иншо кунад.
Шонаро иқболи гесӯят Хутансармоя кард,
Вақти ринде хуш, ки бо чоки ҷигар савдо кунад.
Хоки Маҷнунро асое нест ғайр аз гирдбод,
Нолае ку, то бинои шавқи мо барпо кунад?
Сахт дур афтодаем аз обу ранги эътибор,
З-ин гулистон ҳар кӣ берун ҷаст, сайри мо кунад.
Бе хатое нест, Бедил, изтироби аҳли дард,
Ашк чун бетоб гардад, лағзише пайдо кунад.

*  *  *

Ҳар куҷо ушшоқро дарди талаб манзур шуд,
Рафтани ранги ду олам хуни як носур шуд.
Ранги миннат барнамедорад дили аҳли сафо,
Субҳ захми хешро худ марҳами кофур шуд.
Баски дидам улфати офоқ лабрези газанд,
Дидаи аҳбоб бар ман хонаи занбур шуд.
Беқароронат димоғи ҳасрате месӯхтанд,
Як шарар аз парда берун зад, чароғи Тур шуд.
Дил чӣ сомон к-аз шикасти орзу бар ҳам начид?
Баски мӯ овард ин чинӣ, сари фағфур шуд.
Буд бетаъмирие сарфи бинои коинот,
Дил харобӣ кард, к-ин вайронаҳо маъмур шуд.
Тарки инсоф аз русуми интизом эмин наяст,
Баски чашм аз маъниям пӯшид ҳосид, кӯр шуд.
Гоҳи тӯфони ғазаб аз чини абрӯ бок нест,
Аз шикасти пул натарсад сел, чун пурзӯр шуд.
З-ин ҳама ҳасрат, ки мардум дар хумораш мурдаанд,
Ҷамъ шуд хамёзае чанду даҳони гӯр шуд.
Обила бе саъйи помардӣ намеояд ба даст,
Решаи ток аз давидан соҳиби ангур шуд.
Меҳнати пирист, Бедил, ҳосили айши шабоб,
Ҳар кӣ шаб май хӯрд, хоҳад субҳдам махмур шуд.

*  *  *

Ҳар кӣ анҷоми ғурури манумо мебинад,
Бар фалак низ ҳамон дар таҳи по мебинад.
Шаш ҷиҳат оинаи арзи савоб аст, аммо
Чашмат аз кӯрдилӣ саҳву хато мебинад.
Чашм бар ҳалқаи дарвозаи раҳмат дорад,
Хешро ҳар кӣ ба таслим дуто мебинад.

Накунӣ ҷуръати коре, ки набояд кардан,
Гар шавӣ ин қадар огаҳ, ки Худо мебинад.
Зиндагонӣ чию осудагии умр кадом?
Субҳи мо арзи ғуборе ба ҳаво мебинад.
Шамъвор оинаи ростӣ аз даст мадеҳ,
Кӯр ҳам пешу паси худ ба асо мебинад.
Ҷои раҳм аст, гар озода муқайяд гардад,
Об дар кисвати оина чиҳо мебинад?
Булбули мо чӣ кунад, гар нашавад маҳви хурӯш?
Аз раги гул ҳама меҳроби дуо мебинад.
Беҳ, ки мо низ чу шабнам арақе об шавем,
К-он гулистони ҳаё ҷониби мо мебинад.
Ҳама мозист, куҷо ҳолу кадом истиқбол?
Дида ҳар сӯ нигарад, рӯ ба қафо мебинад.
Баски коҳидаам аз дарди таманно, Бедил,
Мӯй дорад ба назар, ҳар кӣ маро мебинад.

* * *

Ҳаргиз ба дастгоҳи назар по намерасад,
Кӯри асопараст ба бино намерасад.
Ҳар тифли ғунча ҳамсабақи дарси субҳ нест,
Ҳар соҳиби нафас ба Масеҳо намерасад.
Гул хок гашту шӯхии ранги ҳино наёфт,
Афсӯси ҷабҳае, ки ба он по намерасад.
Ин аст агар ҳақиқати найранги ваъдаат,
Моему фурсате, ки ба фардо намерасад.
Аз нақши эътибори ҷаҳон сахт содаем,
Тимсоли кас ба оинаи мо намерасад.
Дар ҷустуҷӯи мо накашӣ заҳмати суроғ,
Ҷое расидаем, ки анқо намерасад.

Моро чу сел хок ба сар кардан асту бас,
То он замон, ки даст ба дарё намерасад.
Осудаанд софдилон аз забони халқ,
Аз мавҷи май шикаст ба мино намерасад.
Якдаст медамад саҳару шоми рӯзгор,
Ҳеҷ офате ба ин гули раъно намерасад.
Дар гулшане ки ӯст, чӣ шамнам, кадом ранг?
Яъне, дуои бӯи гул он ҷо намерасад.
Рамзи даҳони ёр зи мо-бехудон мапурс,
Табъи сақими[358] мо ба муаммо намерасад.
Зоҳид, димоғи тавба ба Кавсар расондаӣ,
Маъзур, к-ин хаёл ба саҳбо намерасад.
Охир ба ранги нақши қадам хок гаштан аст,
Оина пеши пову касе вонамерасад.
Бедил, ба арзи ҷавҳари асрори хубу зишт
Оинае ба сафҳаи симо намерасад.

* * *

Ҳамчу оташ ҳар киро дуди талаб дар сар бувад,
Ҳар хасу хораш ба авҷи муддао раҳбар бувад.
Мезанад соғар ба тоқи абруи осудагӣ,
Ҳар киро аз обила по бар сари Кавсар бувад.
Бе ҳавое нест мумкин гарми ҷустуҷӯ шудан,
Саъй дар бематлабиҳо тоири бепар бувад.
Хок ногарида натвон бӯйи роҳат ёфтан,
Сандали дарди сари ҳар шуъла хокистар бувад.
Аз шикасти хеш дарё мекашад саъйи ҳубоб,
Нашъаи камзарфи мо ҳам кош аз ин соғар бувад.
Чоки ҳирмон дар дилу санги надомат бар сар аст,
Ҳар киро чун сикка рӯйи илтифоти зар бувад.

Шамъро носӯхтан маҳрумии нашвунумост,
Офият дар мазраи мо офате дигар бувад.
Нест асбоби таъаллуқ монеъи парвози шавқ,
Чун нигаҳ моро ҳамон чоки қафас шаҳпар бувад.
Забти оҳи мо чароғи шавқ равшан кардан аст,
Оташи дил обрӯйи дидаи миҷмар[359] бувад.
Дар муҳити инқилобамвоҷи ҷӯши эҳтиёҷ
Ҳифзи оби рӯст чун гавҳар, агар лангар бувад.
Ҳар кӣ аз васфи хати навхези хубон ғофил аст,
Дар ниёми лаб забонаш теғи беҷавҳар бувад.
Ҳосили умр аз ҷаҳон як дил ба даст овардан аст,
Мақсади ғаввос аз ин нуҳ баҳр як гавҳар бувад.
Чун маҳи нав бар заифиҳо бисоте чидаем,
Мояи болидани мо паҳлуи лоғар бувад.
Равнақи пирист, Бедил, аз ҷавонӣ дам задан,
Ҷинси гармӣ зинати дуккони хокистар бувад.

* * *

Ҳамчу мино ғунчаи розам баҳороҳанг шуд,
Партаве аз хуни дил берун давиду ранг шуд.
Баски дар ёдат ба чандин ранги ҳасрат сӯхтам,
Чун пари товус доғам олами найранг шуд.
Кӯҳтамкинӣ ба ин афсурдагиҳо ҳайрат аст,
Баски зери бори дил мондам, садо ҳам санг шуд.
Дар тилисми бастани мижгон фазое доштам,
То нигаҳ оғӯш пайдо кард, олам танг шуд.
Пайкарам дар ҷустуҷӯят рафт ҳамдӯши нафас,
Риштаи ин соз аз афсурдагӣ оҳанг шуд.
Дар шиканҷи пириям ҳар мӯ забони нолаест,
Аз хамиданҳо саропоям тараф[360] бо чанг шуд.

Он қадар вомондаам, к-аз улфатам натвон гузашт,
Ашк ҳам дар пои ман афтоду узри ланг шуд.
Ҷавҳари хат охир аз оинаат майгун дамид,
Дуд ҳам аз шуълаи ҳусни ту оташранг шуд.
Касби огоҳӣ кудуратхонатаъмир асту бас,
Ҳар қадар оина шуд дил, зермашқи занг шуд.
Ҳеҷ кас ҳасраткаши бемеҳрии хубон мабод,
Орзу бишкаст моро, то дили ӯ санг шуд.
Бедил, аз дарди ватан хун гашт завқи ғурбатам,
Баски ёди ошён кардам, қафас ҳам танг шуд.

* * *

Ҳинди малоҳатэҷод Зангу Ҳабаш набошад,
Дар мардумак сиёҳӣ нур аст, ғаш набошад.
Хоҳӣ, ба дайр кун соз, хоҳӣ, ба Каъба пардоз,
Ҳангомаи нафасҳо бекашмакаш набошад.
Ёрон, ба шарм кӯшед, к-он рамзи ошноӣ
Бепарда нест мумкин, бегонаваш набошад.
То аз нафас ғуборест, бояд забон кашидан,[361]
Дар водии муҳаббат ҷуз алъаташ[362] набошад.
Бар хони ишқ натвон шуд маҳрами ҳаловат,
То ангубини шамъат ангуштчаш[362] набошад.
Дар тахтаи манумо холи зиёди ваҳмем,
Бозичаи адамро ин панҷу шаш набошад.
Аз шубҳаи таайюн эмин наметавон зист,
Дар табъи мо гудозест, ҳарчанд ғаш набошад.
Аз заъфи бебариҳо бар хок саҷда бурдем,
Бед обрӯ нарезад, гар муртааш[364] набошад.
Ҳайф аст, дасти мунъим дар остин шавад хушк,
Ин нон намак надорад, то панҷакаш набошад.
Зоҳид зи айши риндон пур ғофил аст, Бедил,
Фирдавс дар ҳамин ҷост, гар ришу фаш набошад.

*   *   *

Ёрон, дар ин биёбон аз мо асар маҷӯед,
Гумгаштагисуроғем, моро дигар маҷӯед.
Ранге к-аз ин чаман ҷаст, бо ҳеҷ гул напайваст,
Гарди хироми фурсат аз ҳар гузар маҷӯед.
Чун шамъ шарми мақсад бар хок дӯхт мижгон,
Сар рафта-рафта по шуд, з-ин бештар маҷӯед.
Хиффат зи каффаи[365] мо меъроҷи бевиқорист,
Худсанҷи инфиолем, санг аз шарар маҷӯед.
Дар пирӣ аз сари ҳирс мушкил бувад гузаштан,
З-ин теғи зангфарсуд об он қадар маҷӯед.
Поро ҷудо зи доман тамкин чӣ эҳтимол аст?
Дар хона онҷи гум шуд, беруни дар маҷӯед.
Ҳар ҷо нафас фурӯ монд, бар дил фитод бораш,
Гум гаштани пайи мавҷ ҷуз дар гуҳар маҷӯед.
Ранги паридае ҳаст фурсаткамини ваҳшат,
Парвози мақсади мо з-ин болу пар маҷӯед.
Бе дастгоҳи таҳқиқ пуч аст нози фитрат,
Гар мағзи маъние нест, ҷуз мӯ зи сар маҷӯед.
Ақлу далоили илм помоли барқи ишқанд,
Шабро ба шамъу машъал пеши саҳар маҷӯед.
Ҷое ки яъси Бедил нолад зи бенавоӣ,
Нам аз мижа махоҳед, оҳ аз ҷигар маҷӯед.

*   *   *

Аз ғубори ҷилваи ғайри ту то бастам назар,
Чун сафи мижгон ду олам маҳв шуд дар якдигар.
Бастаам маҳмил ба дӯши яъсу аз худ меравам,
Боли парвозе надорад субҳ ҷуз чоки ҷигар.
Хидмати мӯи миёнат то киро бошад насиб,
Гулрухонро з-ин ҳавас зуннор мебандад камар.

Чун гуҳар, з-ин пеш сомони сиришке доштам,
Ин замонам нест ҷуз ҳайрат суроғи чашми тар.
Ваҳшати ҳастӣ ба ин камфурсатӣ махмури кист?
Сурати хамёза дорад чини домони саҳар.
Оламеро аз тағофул рабти улфат додаем,
Нест мижгон қобили шероза бе забти назар.
Ин таносонӣ далели ваҳшати саршори мост,
Ҳар қадар афсурда гардад санг, мебандад шарар.
Гар фалак беэътиборат кард, ҷойи шиква нест,
Бар ҳаловат бастаӣ дил чун гиреҳ дар найшакар.
Фикри фардо чанд з-ин хоки ғуборомодаат?
Ҳам ту хоҳӣ буд субҳи хеш то субҳи дигар.
Сайри рангу бӯ ҳавас дорӣ, зи гул ғофил мабош,
Шӯхии парвоз натвон дид ҷуз дар болу пар.
Чанд бояд шуд ҳавасфарсуди касби эътибор?
Сар ҳам, эй ғофил, намеарзад ба чандин дарди сар.
Манзили саргаштагони роҳи аҷз афтодагист,
То дили хок аст, Бедил, ашкро ҳадди сафар.

* * *

Ин баҳрро як оина дашти сароб гир,
Гар ташнаӣ, чу обила аз хеш об гир.
Бунёди ҷисм дар гузари сели нестист,
Хоҳӣ, имораташ куну хоҳӣ, хароб гир.
Гар зиндагӣ ҳамин назаре боз кардан аст,
Рав, бар дари адам зану чашме ба хоб гир.
З-ин истиқомате, ки ту бар хеш чидаӣ,
Чун ашки бар сари мижа по дар рикоб гир.
Гулчинии хаёл ба уммед вогузор,
Чун яъс аз гудози ду олам гулоб гир.

Мамнуни чархи сифла шудан сахт хиҷлат аст,
То аз асар тиҳист дуо, мустаҷоб гир.
Кайфияте ба нашъаи ирфон намерасад,
Чашме ба хеш во куну ҷоми шароб гир.
Дар хок ҳам зи маънии худ бехабар мабош,
Аз ҳар нишони по нуқати интихоб гир.
Селоб хуш иморати вайрона мекунад,
Эй чашми тар, ту ҳам гили моро дар об гир.
Ҷуз чоки дил нишемани анқои ишқ нест,
Чун субҳ соз кун қафасу офтоб гир.
Олам тамом хонаи зин эътибор кун,
Яъне, қадам ба ҳар чӣ гузорӣ, рикоб гир.
Хомӯшият назар ба яқин боз кардан аст,
Оинае ба забти нафас чун ҳубоб гир.
Қосид, саводи номаи ушшоқ нестист,
Бардор мушти хок зи роҳу ҷавоб гир.
Бедардӣ аз хиёнати аъмоли зиндагист,
Аз ҳар нафас ки нола надорад, ҳисоб гир.
Аз насяи файзи накд набурдаст ҳеҷ кас,
Бедил, ту май хуру дили зоҳид кабоб гир.

* * *

Ба иршоди адаб дар дарсгоҳи худсарон магзар,
Дуҳул нобаста бар лаб, дар сафи воиз гарон магзар.
Ба таҳсини хасисон ҳеҷ нафрине намебошад,
Ба рӯйи теғ бигзар, бар лаби беҷавҳарон магзар.
Ду олам нанг дорад як қадам лағзиш ба худ бастан,
Чу хатти имтиҳон бар ҷодаи каҷмистарон магзар,
Тиҳӣ шав аз худу роҳат шумар офоти дунёро,
Гар ин киштӣ надорӣ, аз муҳити бекарон магзар.

Мурувват нест, эй мунъим, зи дарвешон табарроят,
Ба шукри фарбиҳӣ аз паҳлуи ин лоғарон магзар.
Ба хони неъмати аҳли дувал нанг аст хӯ кардан,
Агар одамсириштӣ, дар чарогоҳи харон магзар.
Суроғи офият аз халқ берунтозие дорад,
Ба ҳар сӯ бигзарӣ з-ин дашту дар, ҷуз бар карон магзар.
Тааммул дар тариқи ишқ дорад маҳмили хиҷлат,
Ба ҳар роҳе, ки мебояд гузашт аз худ, гарон магзар.
Тааллуқпешаро номи таҷаррут мегазад, Бедил,
Масеҳо гар наӣ, дар кӯчаи сӯзангарон магзар.

* * *

То қиссаи чакидани ашкам шунид абр,
Ҳар ҷо расид, бо мижаи тар расид абр.
Тардоманӣ ба мазраи хиҷлат чӣ реша дошт?
Гар ман ба хок соя фикандам, дамид абр.
Мебоядам зи сояи мижгони тар кашид,
Он хиҷлате ки аз нами доман кашид абр.
Дурӣ зи марказ оинаи эътибори кист?
Ҷуз гиря аз ҷудоии дарё чӣ дид абр?
Ҳарчанд обёрии сад боғу роғ дошт,
Ҷуз доман аз баҳори ҳавас гул начид абр.
Иқбол дигар асту насиби тараб дигар,
Мағрури он машав, ки баҳор офарид абр.
Иброми кас василаи бахти сияҳ мабод,
Даст аз тарӣ нашуста, нагардад сапед абр.
Ирзи ҳаё мабар, ки дар ин кухнахокдон
Сероби ҳиммат омаду хушкӣ макид абр.
Бепарда аст сунъи мусаввир зи вазъи нақш,
Ҳар ҷо гуле шукуфт, гиребон дарид абр.

Бо сад ҳазор обила бетоби ҷустуҷӯст,
Кас пай намебарад, ба куҷоҳо давид абр,
Бар ҷабҳаи карам арақи шарми ёр буд,
Охир ба сӯи мазраи хушкам хамид абр.
Мадди сахо зи қатра ба дарё кашидааст,
Селоб шуд, зи бориш агар орамид абр.
Ҷуд[366] эҳтиёҷ мебарад аз тинати гадо,
Ё Раб, зи кишти мо наравад ноумед абр.
Бедил, буруни гӯшаи майхона по манеҳ,
Мино шикаста дар раҳи мастон чакид абр.

* * *

Ҷисми ғофилро ба андӯҳи рами фурсат чӣ кор?
Корвон ҳар сӯ равад, бар хеш меболад ғубор.
Айши ин гулшан далели табъи хурсанд асту бас,
В-арна, аз кас бедимоғӣ барнамедорад баҳор.
Тоқати худдорӣ аз амвоҷи дарё бурдаанд,
Дод моро ишқ дар беихтиёрӣ ихтиёр.
Ҳамнавое ку, ки аз мо вокашад дарди диле?
Об ҳам дар нола меояд ба завқи кӯҳсор.
Дида натвон ёфтан равшансаводи ҷилвааш,
То ғуборат барнамехезад зи роҳи интизор.
Дил ба завқи васл нақше мезанад бар рӯйи об,
Эй ҳавас, оина бишкан, сахт беранг аст ёр.
Бе нигоҳи вопасине нест аз худ рафтанам,
Чун рами оҳуст гарди ваҳшатам дунболадор.
Ишрати гулзори берангӣ муҳайё кардаам,
Дар хазонам рангҳои рафта меояд ба кор.
Нахли оҳам, обёри ман гудози дил бас аст,
Баҳри раҳмат, гӯ, маҷӯшу абри эҳсон, гӯ, мабор?

То набошам хиҷлатолуди заминагирӣ чу санг,
Маҳмили парвози ман бастанд бар дӯши шарор.
Сар матоб аз чоки ҷайбу домани девонагӣ,
Шонае даркор дорад ришханди рӯзгор.
Барқи роҳатхост, Бедил, эътибороти ҷаҳон,
Наълдароташ зи ҷӯши ранг мегардад баҳор.

* * *

Чист ҳастӣ ба он ҳама озор?
Гули чашмею нози сад мижа хор.
Айш музди хаёли навмедист,
Ҳасрате хун куну баҳор ангор.
Нест имрӯз қобили тарҷеҳ[367]
Ҳалқаи суҳбате ба ҳалқаи мор.
Дар турушрӯӣ инфиоле ҳаст,
Сирка ночор атр орад бор.
Дами пирӣ зи худ машав ғофил,
Субҳро нест дар нафас такрор.
Шояд оинае ба бор ояд,
Тухми ашке ба ёди ҷилва бикор.
Ҳайратат қадрдони ин чаман аст,
Ранг то нашканӣ, мижа мафшор.
Чун қалам андалеби маъниро
Боли парвоз нест ҷуз минқор.
Саркашӣ санги роҳи озодист,
Кӯҳ саҳрост, гар шавад ҳамвор.
Навсаводи китоби уммедам,
Ғофилам, з-он чи мекнам такрор.
Хилвати бетакаллуфе дорам,
Ки агар ворасам, надорам бор.
Бедил, ин боғ ҳайратобод аст,
Ҳар гул ин ҷост пуштбардевор.

* * *

Чашм во кун, ранги асроре дигар дорад баҳор,
Он чи дар ваҳмат нагунҷад, ҷилвагар дорад баҳор.
Соате чун бӯи гул аз қайди пироҳан баро,
Аз ту чашми ошноӣ инқадар дорад баҳор.
Каҳкашон ҳам поймоли мавҷи тӯфони гул аст,
Сабзаро аз хоби ғафлат чанд бардорад баҳор?
Аз салои ранги айши ин чаман ғофил мабош,
Пораҳое чанд бар хони ҷигар дорад баҳор.
Чашм то во кардаӣ, ранг аз назарҳо рафтааст,
Аз насими субҳ доман бар камар дорад баҳор.
Бе фано натвон гуле з-ин ҳастии мавҳум чид,
Сафҳаи мо гар заниӣ оташ, шарар дорад баҳор.[368]
Аз хазон оина дорад субҳ, то гул мекунад,
Ҷуз шикастан нест ранги мо[369] агар дорад баҳор.
Абр менолад, к-аз асбоби нишоти ин чаман
Ҳар чӣ дорад, дар фишори чашми тар дорад баҳор.
Аз гулу сунбул ба назму насри Саъдӣ қонеъам,
Ин маонӣ дар «Гулистон» бештар дорад баҳор.
Мӯ ба мӯям ҳасрати заҳмат табассум мекунад,
Ҳар кӣ гардад бисмилат, бар ман назар дорад баҳор.
З-ин чаман, Бедил, на сарве ҷасту не шамшод руст,
Аз хаёли қоматаш дуде ба сар дорад баҳор.

* * *

Ҳукми дил дорад зи ҳамворӣ сару рӯйи гуҳар,
Ҷуз ба рӯйи худ нағалтидаст паҳлӯйи гуҳар.
Хоҳ дунё, хоҳ уқбо – гарди бетоби дилест,
Баҳру соҳил реша гир[370] аз тухми худрӯйи гуҳар.
Завқи ҷамъият ҷаҳонеро ба шӯр овардааст,
Дар димоғи баҳр афтод аз куҷо бӯйи гуҳар?

Хоки афсурдан ба фарқи эътибори худсарӣ,
Қатра бори дил кашад то кай ба нерӯйи гуҳар?
Обрӯ даст аз талоши кори дунё шустан аст,
Хоки соҳил бош, эй номаҳрами хӯйи гуҳар.
Муддао з-ин ҷустуҷӯ афсурдан аст, огоҳ бош,
Ҳар куҷо мавҷест, аз худ меравад сӯйи гуҳар.
Хиффати аҳли виқор аз бетамизиҳо маход,
Қатраро натвон нишондан дар тарозуйи гуҳар.
Мавҷи истиғност хушкӣ дар қаноатгоҳи факр,
Бенамӣ дар табъи мо обест аз ҷӯйи гуҳар.
Кас ба осонӣ надод ороиши иқболи ноз,
Мавҷ чавгонҳо шикаст аз бурдани гӯйи гуҳар.
Фикри хеш он нест, к-аз дил рафъ нанмоӣ дуӣ,
Фарқ натвон ёфт аз сар то ба зонуйи гуҳар.
Ғозаи иқболи ман хоки раҳи фақр асту бас,
Бедил, аз гарди ятимӣ шустаам рӯйи гуҳар.

* * *

Даст дорӣ, барфишон чун гул дар ин гулзор зар,
Доғ мехоҳӣ, бинеҳ чун лола дар куҳсор сар.
То магар дар базмгоҳи ишқ парвозат диҳанд,
Ҳамчу парвона ба мавҷи шуълае биспор пар.
Ту даруни хона масти хобу дар беруни дар
Дар ғамат аз ҳалқа дорад дидаи бедор дар.
Душмани машқи расоӣ нест ҷуз нафси лаин,
Гӯш он дорад, ки гашт аз макри ин маккор кар.
Ҳар саҳаргаҳ ғӯтаҳо дар ашки булбул мезанад,
Нест аз шабнам чаманро ҷомаву дастор тар.
Аз ғубори хотири ман ҷавҳаре орад ба каф
Бигзарад теғи хаёлаш аз дили афгор гар.
Ғайри бори ишқ ҳар боре ки ҳаст, афкандanist,
Бедил, ар боре барӣ, боре ба дӯш ин бор бар.

* * *

Дар ҳавасгоҳи олами бекор
Агарат нохунест, сар мехор.
Магзар аз ишрати бараҳнасарӣ,
Пойпеч аст печиши дастор.
Фурсате нест нақди кисаи субҳ,
Эй ҳаво мояат, нафас бишмор.
Фикри ҷавлон макун, ки рӯи замин
Аз ҳуҷуми дил аст обилазор.
Чун нигин баҳри саҷдаи номе
Бастаем аз хати ҷабин зуннор.
Сайри муҷмал муфассалӣ дорад,
Дона муҳрест бар сари тӯмор.
Чист маъмураи бисоти ҷаҳон?
Дил бинои шикастагимеъмор.
Шаш ҷиҳат аз дили дуним пур аст,
Хотират хуш, ки гандум аст анбор.
Ғарра маншин ба ҳосили дунё,
Нест ҷуз марг нақди кисаи мор.
Кинахез аст табъҳои дурушт,
Санг бошад замини тухми шарор
Чун гуҳар касби иззат осон нест,
Сар ба каф гиру обрӯ бардор.
Бедил, афсона бишнаву тан зан,[371]
Шаб дароз асту гуфтугӯ бекор.

* * *

Дар гулистоне, ки сарви ӯ набошад ҷилвагар,
Шохи гул шамшери хунолудам ояд дар назар.
Дасти ҷуръатҳо ба чини остин гардад бадал,
То тавонад ҳалқа гардидан ба он мӯйи камар.

То кунад равшан саводи мисраи абрӯйи ӯ,
Менависад моҳи нав бисмиллаҳе бо оби зар.
Барнадорад даст зангор аз камини оина,
Ҳар киро завқи тамошо беш, кулфат бештар.
Гар барад бӯи ҳаловатҳои саргардониям,
Найшакар ҷӯшад ба ҷои гирдбод аз дашту дар.
Дар тамизи обу ранги сарву гул орӣ мабош,
Лафзи мавзун дигар асту маънии рангин дигар.
Олами имкон намеарзад ба чандин ҷустуҷӯ,
З-ин раҳ охир мебарӣ худро, дигар заҳмат мабар.
Маҳви шавқам, туҳматолуди фусурдан нестам,
Дар гиребони тааммул қатраҳо дорад гуҳар.
Файзҳо маҳв аст дар оғӯши бахти тираам,
Шоми ман ҷойи нафас умрест медуздад саҳар.
Андаке пеш о, ки ҳайрат норасои ҷуръат аст,
Чашм аз оина натвон дошт парвози назар.
Дил на танҳо, Бедил, аз барқи таманно сӯхтем,
Дида ҳам аз мардумак дорад гули доғе ба сар.

* * *

Дарси ҳастӣ фикри такроре надорад, хонда гир,
Эй фузули мактаби ранг, ин варақ гардонда гир.
Он қадарҳо нест бори улфати ин корвон,
Доманат гарди нафас дорад, чу субҳ афшонда гир.
Ҷуз кафи бемағз аз ин дарё намеояд бурун,
Эй гуҳармуштоқ, деге аз ҳавас ҷӯшонда гир.
Ранги парвозат чу шамъ оғӯш пайдо кардааст,
Бо видоъи хеш ин карруфар аз худ ронда гир.
Эй ҷунун, чандин ғубори ваҳму зан додӣ ба бод,
Хоки бунёди маро ҳам як-ду дам шӯронда гир.

Халқе аз расвоии ҳастӣ назар пӯшиду рафт,
Бар сари ин айб мижгоне ту ҳам пӯшонда гир.
Домани хок аст охир мақсади саъйи ғубор,
Гар ҳама фикрат фалактоз аст, барҷомонда гир.
Дар нигинҳо эътибори ном ҷуз парвоз нест,
Нақши худ ҳар ҷо нишондӣ, ҳамчунон наншонда гир.
Бетааммул ҳар чӣ гӯйӣ, нест шоёни асар,
Теғи ҳукме гар биёзӣ, андаке хобонда гир.
Эй ғурурандеша, бар ваҳми ҷаҳонгирӣ маноз,
Қудрате гар ҳаст, дасти Бедили вомонда гир!

* * *

Сайри гулзори кӣ, ё Раб, дар назар дорад баҳор?
Аз пари товус доман бар камар дорад баҳор.
Шабнами моро ба ҳасрат об мебояд шудан,
К-аз дили ҳар зарра тӯфоне дигар дорад баҳор.
Ранг доман чидану бӯйи гул аз худ рафтан аст,
Ҳар куҷо гул мекунад, барги сафар дорад баҳор.
Ҷилва, то дидӣ, ниҳон шуд, ранг, то гуфтӣ, шикаст,
Фурсати арзи тамошо ин қадар дорад баҳор.
Маҳрами набзи раму ороми мо ишқ асту бас,
Аз раги гул то хати сунбул хабар дорад баҳор.
Эй хирад, чун бӯйи гул дигар суроғи мо магир,
Дар ҷунун сар дод моро, то чӣ сар дорад баҳор.
Сайри ин гулшан ғанимат дон, ки фурсат беш нест,
Дар тилисми хандаи гул болу пар дорад баҳор.
Бӯйи гул умрест хунолудаи ранг асту бас,
Новаке аз оҳи булбул дар ҷигар дорад баҳор.
Лола доғу гул гиребончоку булбул навҳагар,
Ғайри ибрат з-ин чаман дигар чӣ бардорад баҳор?

Зиндагӣ мебояд, асбоби тараб маъдум нест,
Ранг ҳар ҷо рафта бошад, дар назар дорад баҳор.
Захми дил умрест дар гарди нафас хобондаам,
Дар гиребоне ки ман дорам, саҳар дорад баҳор.
Куҳнадарси фитратем, эй огаҳисармоягон,
Чанд рӯзе шуд, ки моро бехабар дорад баҳор.
Чанд бояд буд маъзури тароватҳои ваҳм?
Шабнамистон нест, Бедил, чашми тар дорад баҳор.

* * *

Қади хамида надорад ба ғайри нола ҳузур,
Ки нест хонаи занҷир бе садо маъмур.
Вуҷуди орият оинадори таслим аст,
Махоҳ ғайри хамидан зи пайкари муздур.
Муҳит фоли ҳубобе назад зи ҳастии ман,
Намояд оинаамро магар сароб аз дур.
Ба ёди ҷилва қаноат куну фузул мабош,
Ки сахт оинасӯз аст ҳусни хилвати Тур.
Ниқоби маънии матлуб аз талаб во кард
Қадаҳ дамондани хамёза бар лаби махмур.
Шаҳи сарири яқин шуд, касе ки чун Ҳаллоҷ
Фарошт аз алами дор рояти Мансур.
Дар ин ҷунункада ҳайраттирози ибратҳост
Камоли боқии ёрон ба дастгоҳи қусур.
Гузир нест ба зери фалак зи шодию ғам,
Ба нӯшу неш муҳайёст хонаи занбур.
Сафоли хеш ғанимат шумар, ки муддатҳост,
Шикаст чинию мӯ рехт аз сари фағфур.
Даро ба мулки қаноат, ки мехаранд он ҷо
Ғубори шавкати Ҷам сурмавори дидаи мӯр.

Ба чашми ибрат агар бингарӣ, чӣ хоҳӣ дид
Зи ҷома ҷуз кафан, аз хонаҳо ба ғайри қубур?
Агар на кӯрии ғафлат фушурда мижгонат,
Кушоди чашм мадон ҷуз табассуми лаби гӯр.
Гувоҳи ғафлати офоқ касби огоҳист,
Ҳамон хуш аст, ки бошад ба хоб дидаи кӯр.
Забон зи ҳарфи хато маҳви ком беҳ, Бедил,
Ба ҳарза чанд кашӣ даст аз остини шуур?

* * *

Мардӣ, чу шамъ дар ҳама ҷо ҷо нигоҳ дор,
Ҳарчанд сар ба бод равад, по нигоҳ дор.
Гавҳар дамад, даме ки кунад қатра забти мавҷ,
Дил ҷамъ кун, инони ҳавасҳо нигоҳ дор.
То гум нагардад оинаи бенишоният,
Ҳар ҷо равӣ, ба сар пари анқо нигоҳ дор.
Иброми мо захираи сад ранг обрӯст,
Ҳар хиҷлате ки мебарӣ аз мо, нигоҳ дор.
Оғӯши бениёзи дил аз муддао тиҳист,
Ин шишаро ба санг фикан ё нигоҳ дор.
Ҳар ҷо хати риояти аҳбоб хонданист,
Номи вафо ҳамон ба муаммо нигоҳ дор,
Якбора сарфи яъс макун номи рафтагон,
Чизе зи дӣ ба ибрати фардо нигоҳ дор.
Дар базми васлам орзуи ҷилва доғ кард,
Ё Раб, маро зи хоҳиши беҷо нигоҳ дор.
То дар чӣ вақт шуъла занад дуди эҳтиёҷ,
Муште арақ ба манъи тақозо нигоҳ дор.
Эй мункири муҳол, агар марди тоқатӣ,
Ёди хироми ӯ куну худро нигоҳ дор.

Бе бода низ шиша ба тоқи ҳавас хуш аст,
Моро ба ёдгори дили мо нигоҳ дор.
Домони аҷз бо ҳама қудрат зи каф мадеҳ,
Азсарфитодане ба таҳи по нигоҳ дор.
То ҳирс кам хӯрад ғами чизе надоштан,
Эй булфузул, даст зи дунё нигоҳ дор.
Бедил, ғарибй кишвари лафз аст маъният,
Ирзи парӣ ба олами мино нигоҳ дор.

* * *

Мерасад аз гиря имшаб дар димоғам бӯи шир,
Равғане оварда бошад пириям бар рӯи шир.
Дар талоши ризқ ҳар кас дасту пое мезанад,
Пиру ақсоми такупӯ, тифлу ҷустуҷӯи шир.
Бо шафақ дорад тавассул, ҳар куҷо моҳи навест,
Мехӯрад хунҳо ризоат дар паси зонуи шир.
Субҳе аз афсуни он лаъли шакархо дам заданд,
Бар забони халқ ҷорӣ гашт гуфтугӯи шир.
Хуни мо пирон ҳанӯз ин навҷавонон мехӯранд,
Шӯхии тифлӣ надорад серӣ аз паҳлӯи шир.
Бар ҳарифон як салое завқи ҳиммат дошт ишқ,
Ринд сӯи май равон гардиду зоҳид сӯи шир.
Пириям шуғли макиданҳо чу тифлон тоза кард,
Дод бедандониям ночор ёд аз хӯи шир.
Саъйи Маҷнунам кам аз ҷон кандани Фарҳод нест,
Бурдаам то доман аз чоки гиребон ҷӯи шир.
Бедил, аз дил гар дами пирӣ ҷунуне гул кунад,
Инфиоли зиндагӣ расвотар аст аз мӯи шир.

*   *   *

Ҳамнишин, бо ман зи ташвиши ҳавасҳо кин магир,
Хобам аз сар мепарад, номи пари болин магир.
Корвони субҳу сомони таваққуф[372] хиффат аст,
Бор бар дӯши дил аз забти нафас сангин магир.
Мушти хокат аз фусурдан бар замин ҷо танг кард,
Эй гаронҷон, инқадарҳо домани тамкин магир.
Ҳайф меояд ба фикри мову ман дил бастанат,
Ин хаёли мубтазалро[373] қобили тазмин магир.
Бар кушоди чашм мавқуф аст тасхири ҷиҳот,
Тӯлу арзи даҳр беш аз як мижа тахмин магир.
Дастгоҳи олами асбоб ваҳшатпарвар аст,
З-ин баландиҳои доман ҷуз иёри чин магир.
Парфишон ранге ба дасти ихтиёрат додаанд,
Сайд агар хоҳӣ, ба ҷуз парвоз аз ин шоҳин магир.
Оламе подаррикоби ваҳм – ибратхонаест,
Эй баҳори огаҳӣ, ранг аз ҳинои зин магир.
Эй басо хоке ки аз бардоштан бар бод рафт,
Дасти маъзуре агар гирӣ, ба ин оин магир.
Бетакаллуф тобеъи атвори худбинон мабош,
Оина ҳарчанд дил бошад, мабин, магзин, магир.
Аз нифоқи[374] дӯстон, Бедил, агар ранҷат расад,
То тавонӣ тарки суҳбатҳо гирифтан, кин магир.

*   *   *

Ҳавои теғи ту афтод то маро дар сар,
Ба мавҷи чашмаи хуршед мезанам соғар.
Ҳузури манзили дил хатми ҷодаи нафас аст,
Пайи давидани ҳар реша мерасад ба самар.
Чу лола ғайри сувайдо[375] чӣ ҷӯшад аз дили мо?
Ҳубоби доғ шуморад муҳит хуни ҷигар.

Ба касб тинати бемағз боби ирфон нест,
Зи бода нашъа муҳол аст қисмати соғар.
Сухан чӣ об диҳад табъҳои беҳисро?
Ба насру назм нагардад димоғи коғаз тар.
Ситам ба хома кунад хушкии давот ин ҷо,
Забон ба ҳарф нагардад, чу гӯш бошад кар.
Наҷот ёфт зи марг, он ки бо қазо пайваст,
Ба чӯбдаста алам нест аз ҷафои табар.
Зи неку бад мижа бастан ҳуҷуми офият аст,
Хумори хоб макаш, гар фикандӣ ин бистар.
Дар ин замона ки ғайр аз сулуки офат нест,
Ба теғи ҳодиса ҳамвориям намуд сипар.
Надошт моидаи умр бе фано мазае,
Намак заданд кабоби маро зи хокистар.
Дарои қофилаи ранг сахт хомӯш аст,
Хабар магир, ки аз мо гирифтаанд хабар.
Тазаллуми ту ба ҷое намерасад, Бедил,
Дар ин бисот ба уммеди бахя ҷайб мадар!

* * *

Пӯч аст сарбасар фалаки бемадормағз,
Чун шиша з-ин каду маталаб, зинҳор, мағз.
Роҳат кунад ба сахтии айём нармхӯ,
Аз устухон ба хеш барорад ҳисор мағз.
Завқи хафо зи тинати хосон намеравад,
Чун пӯст мушкил аст, дамад ошкор мағз.
Сарҳо зи бас фишурдаи афсуни ваҳшат аст,
Чун норчил[376] мекунад аз худ канор мағз.
Накд аст интиқоми шукуфтан дар ин чаман,
Ҷӯши шукуфа мекашад аз шохсор мағз.

Азбаски дида дар раҳи тири ту дӯхтем,
Чун устухон сафед шуд аз интизор мағз.
Носеҳ, макаш таронаи ибрат ба гӯши ман,
Дорам саре, ки кошта дар пунбазор мағз.
Нози сабӯ ба сархушии бода мекашанд,
Оташ ба пӯст зан, чу наёяд ба кор мағз.
Умрест осмон ба ҳаво чарх мезанад,
Гардиш нарафт аз ин сари беэътибормағз.
Бемаърифат ба фатвии таҳқиқ куштанист,
Аз ҳар саре ки мағз надорад, барор мағз.
Ку сар, ки фоли ишрати сомон занад касе?
Набвад ҳубоб қобили як қатравор мағз.
Бедил, димоғи сӯхтаи тарзи фикрро
Монанди ноли хома дамад тор-тор мағз.

* * *

Ҷоме магар аз базми ҳаё дарзадаӣ боз,
К-оташ ба дили шишаву соғар задаӣ боз?
Он зулфи парешон задаӣ шона, надонам,
Бар дафтари дилҳо зи чӣ мистар задаӣ боз?
Бар гӯшаи дастори ту он лолаи сероб
Лахти ҷигари кист, ки бар сар задаӣ боз?
Эй соғари табхола, аз ин ташна саломе,
Хуш хайма бар он чашмаи Кавсар задаӣ боз!
Махмурию мастӣ ҳама фарш аст ба роҳат,
Чун чашми худ имрӯз чӣ соғар задаӣ боз?
Абри чӣ баҳор аст, раги бисмили нозат?
Теғи мижа бо барқ баробар задаӣ боз.
Ҳуш дор, ки парвози ғурурат нарабояд,
Дил байзаи ваҳм асту тахи пар задаӣ боз.
Бар ҳастии мавҳум мачин хиҷлати таҳқиқ,
Бар киштии дарвеш[377] чӣ лангар задаӣ боз?

Аз хок дамидан ба бақо сарфа надорад,[378]
Эй гул, зи гиребони кӣ сар барзадаӣ боз?
Бедил, зи фурӯғи гуҳари назми ҷаҳонтоб
Доман ба чароғи маҳу ахтар задаӣ боз.

* * *

Кай равад аз хотири ошуфтаам савдои ноз?
Мӯбамӯям реша дорад аз хаташ ғавғои ноз.
Аршпарвоз аст маънӣ, то замингир аст лафз,
Ин қадар аз аҷзи ман қад мекашад болои ноз.
Дил натанҳо аз тағофулҳои саршораш гудохт,
Ҳайрати оина ҳам хун аст аз истиғнои ноз.
Нест мумкин гул кунад з-ин пардаи аҷзу ғурур,
Ишқи бе арзи ниёзу ҳусни беимои ноз.
То ба шӯхӣ мезанад ҳуснат, арақ гул мекунад,
Нест бе эҷоди гавҳар мавҷи ин дарёи ноз.
Баски иброми ниёз аз бехудӣ бурдем пеш,
Чини абрӯ шуд табассум бар лаби гӯёи ноз.
Гарчи ранги шӯхчашмӣ барнамедорад ҳаё,
Дар арақ яксар нигаҳ мепарварад симои ноз.
Дар чаман раъноии сарви лаби ҷӯям гудохт,
Аз куҷо афтодааст ин сояи болои ноз?!
То ба кай бошӣ фузули орзуҳои ғурур?
Дар ниёзободи ҳастӣ нест холӣ ҷои ноз.
Шуълаи афсурда раъноӣ ба хокистар нуҳуфт,
Мӯи пирӣ гашт охир пунбаи минои ноз.
Гар тазаллум доманат гирад, ба дил хун кун нафас,
Бо тағофул тавъам афтодаст сар то пои ноз.
Чашм ку, то аз қумоши ҳайрат огоҳаш кунанд?
Сахт беранг аст, Бедил, сурати дебои ноз.

* * *

Наргисаш во мекунад тӯмори истиғнои ноз,
Яъне, аз мижгони ӯ қад мекашад болои ноз.
Сарви ӯ мушкил, ки гардад моили оғӯши ман,
Хам шуданҳо бурдаанд аз гардани минои ноз.
Аз ғуборам мекашад доман, тамошо карданист
Оҷизиҳои ниёзу бениёзиҳои ноз.
Чашми масташ айни ноз, абрӯи мушкин нози маҳз,
Ин чӣ тӯфон аст, ё Раб, ноз бар болои ноз!
Баски офоқ аз асарҳои ниёзи мо пур аст,
Дар бисоти ноз натвон ёфт холӣ ҷои ноз.
Ҷайбу домони хаёли мо чаман мепарварад,
Баски чидем аз баҳори ҷилваат гулҳои ноз.
Бо ҳама улфатнигоҳӣ бетағофул нест ҳусн,
Чини абрӯ интихоби мост аз аҷзои ноз.
Оламе оина дорад дар камини интизор,
То куҷо бепарда гардад ҳусни бепарвои ноз?
Саҷдаворе бор дар базми висолам додаанд,
Ҳон[379] биноз, эй сар, ки хоҳӣ хок шуд дар пои ноз.
То нафас бар хеш меболад, таманно метапад,
Ҳар кӣ дидам, бисмил аст аз теғи нопайдои ноз.
Бедил, имшаб ёди шамъе хилватафрӯзи дил аст,
Дуди оҳам шуълае дорад ба гармиҳои ноз.

* * *

Аз лаби хомуш забон вомондаи ком асту бас,
Бол аз парвоз чун монд, ошён дом асту бас.
Маркази тасхири дил ҷуз дида натвон ёфтан,
Гӯши мино ҳалқае гар дорад, он ҷом асту бас.
То нафас боқист, натвон баст боли эҳтиёҷ,
Ин ғаноҳое,ки мо дорем, ибром асту бас.

Аз нишони Каъбаи мақсуд огаҳ нестам,
Ин қадар донам, ки ҳастӣ сози эҳром асту бас.
Водии имкон надорад дастгоҳи ваҳшатам,
Ҳар тараф ҷавлон кунад наззора, як гом асту бас.
Бастааст аз мӯйи чинӣ суратам наққоши сунъ,
Субҳи эҷодам ҳамон гул кардани шом асту бас.
Дастгоҳи мовуман чун субҳ бар боди фаност,
Саҳни ин кошонаҳо яксар лаби бом асту бас.
Кош, аз хиҷлат шарорам барнамеомад зи санг,
Сӯхтам аз шарми оғозе ки анҷом асту бас.
Бар пари анқо ту ҳар ранге ки мехоҳӣ, бибанд,
Сурати оинаи ҳастӣ ҳамин ном асту бас.
Беш аз ин натвон ба афсуни муҳаббат зистан,
Доғам аз андешаи васле, ки пайғом асту бас.
Пухтагӣ деги суханро боз медорад зи ҷӯш,
То хамӯшӣ нест, Бедил, муддао хом асту бас.

* * *

Чашм во кун, шаш ҷиҳат ёр асту бас,
Ҳар чӣ хоҳӣ дид, дидор асту бас.
Субҳа бар зуннори ваҳме бастаанд,
Ин гиреҳ гар во кунӣ, тор асту бас.
Гар баланду паст нафрӯшад тамиз,
Аз замин то чарх ҳамвор асту бас.
Ҳар нафас сад ранг бар дил мехалад,
Зиндагонӣ неши озор асту бас.
Чанд пояд рӯзи бозори ҳавас?
Чиниятро мӯ шаби тор асту бас.
Боғи имкон нест огоҳисамар,
Ҷаҳл то дониш ҷунункор асту бас.

Мабҳаси суду зиён дар хона нест,
Шӯри ин савдо ба бозор асту бас.
Коре аз тадбир натвон бурд пеш,
Ҳар кӣ дар кор аст, бекор асту бас.
Дуд натвон баст бар дӯши шарор,
Чун зи худ растӣ, нафас бор асту бас.
Ҷаҳли мо, Бедил, ба огоҳӣ насохт,
Нур бар зулмат шаби тор асту бас.

* * *

Завқи шуҳратҳо далели фитрати хом асту бас,
Сурати нақши нигин хамёзаи ном асту бас.
Навҳа кун бар хеш, агар мағлуби чашм афтод дил,
Офтоб он ҷо ки зери хок шуд, шом асту бас.
Аз қабули ом натвон зист мағрури камол,
Он чи таҳсин дидаӣ з-ин қавм, дашном асту бас.
Ҳақшиносӣ ку? Мурувват ку? Адаб ку? Шарм ку?
Ҷаҳди аҳли фазл бар якдигар илзом[380] асту бас.
Гулрухон доми вафо аз сайди улфат чидаанд,
Гардиши чашме ки ҳуше мебарад, ҷом асту бас.
Ҳар чӣ мебинӣ, бисоторои арзи ҳайрат аст,
Ин гулистон сар ба сар як нахли бодом асту бас.
Ҳеҷ касро қобили он ҷилва напсандид ишқ,
Ҷавҳари ҳайронии оина авҳом асту бас.
Дар раҳи ишқат, ки тадбир офати бетоқатист,
Ҳар куҷо вомондане гул кард, ором асту бас.
Боли оҳе мекашад, ашке ки мерезем мо,
Шабнами моро ҳаво гаштан саранҷом асту бас.
Аз тааллуқ ин қадар хишти бинои кулфатӣ?
Андаке аз худ баро, олам сари бом асту бас.

Чун сиёҳӣ рафт аз мӯ, фикри худдорӣ хатост,
Ҷома ҳар гаҳ шуста гардад, боби эҳром асту бас.
Фитратат Бедил, ҳамон оинаи муъҷизнамост,
Ҳар сухан к-аз хомаат меҷӯшид, илҳом асту бас.

* * *

Зиндагӣ маҳруми такрор асту бас,
Чун шарар ин ҷилва як бор асту бас.
Аз адам ҷӯед субҳ, эй ғофилон,
Олам аст ин ҷо, шаби тор асту бас.
Аз заифӣ бар рухи тасвири мо
Ранг агар гул мекунад, бор асту бас.
Ғафлати мо пардаи бегонагист,
Маҳрамонро ғайр ҳам ёр асту бас.
Кист, то фаҳмад забони аҷзи мо?
Нола ин ҷо набзи бемор асту бас.
Нест офоқ аз дили сангин тиҳӣ,
Ҳар куҷо рафтем, куҳсор асту бас.
Аз шикасти шишаи дилҳо мапурс,
Шаш ҷиҳат як нештарзор асту бас.
Дар таҳайюр лаззати дидор ку?
Дидаи оина бедор асту бас.
Ихтилоти[381] халқ набвад бе газанд,
Базми суҳбат халқаи мор асту бас.
Чун ҳубоб аз шайхии зоҳид мапурс,
Ин сари бемағз дастор асту бас.
Эй сарат чун шуъла пурбоди ғурур,
Ин ки гардан мекашӣ, дор асту бас.
Бедил, аз зиндониёни улфатем,
Бӯйи гулро ранг девор асту бас.

* * *

Субҳ асту дорад он гул дар сар ҳавои наргис,
Аз чашми мо бирезед обе ба пои наргис.
Абри баҳори иқбол имрӯз сояи кист?
Гул карда тоҷ бар сар боли ҳумои наргис.
Обу гили таайюн[382] ин дилкашӣ надорад,
Ранги шикастаи кист сарфи бинои наргис?
Ҳамчашми навбаҳорам, хобам чӣ эҳтимол аст?
Дорам ғунудан, аммо то ғунчаҳои наргис.
Бе интизор натвон аз васл коми дил бурд,
Гул мерасад дар ин боғ яксар қафои наргис.
Ҳайрат буруни ин боғ роҳе намекушояд,
Ҳарчанд руста бошад чашм аз асои наргис.
Моро ба ин ду дам айш бо чатри гул чӣ кор аст?
Ҳамсояи хазонем зери ливои наргис.
Иқболи авҷи гардун гар мекушуд коре,
Майли замин намекард дасти дуои наргис.
Тақлид чанд пояд дар ҷилвагоҳи таҳқиқ?
Помоли нури шамъ аст ранги бақои наргис.
Мазмуни пеши по низ осон наметавон хонд,
Сад сифру як алиф буд ибратфизои наргис.
Чандон ки во расидам, ранги хазон ҷунун дошт,
Эй кош, доғ меруст з-ин боғ ҷои наргис.
Бедил, зи чашми мардум дур аст ҳақшиносӣ,
Кӯрист хирман ин ҷо чун дастаҳои наргис.

* * *

Нест бе шӯри ҳаводис омадурафти нафас,
Корвони мавҷ дорад дар шикасти худ ҷарас.
Боғи имконро шикасти ранг мебошад камол,
Эй самар, гар фурсате дорӣ, ба коми хеш рас.

То тавонӣ поси оби рӯйи соил доштан,
Худфурӯшиҳои эҳсон беҳ, ки нанмоӣ ба кас.
Эй адамовора, қайди зиндагӣ ҳам оламест,
Байза гар бишкаст, чун товус рангин кун қафас.
Мушти хуне ҳарзагарди кӯчаи зихми дилем,
Ҳайрат аст ин ҷо, ба ҷуз ибрат чӣ мегирад асас?
Дастгоҳи сифлахӯён мояи шӯру шар аст,
Холӣ аз арзи танине нест парвози магас.
Чун ба огоҳӣ расидӣ, гуфтугӯҳо маҳв гир,
Нест манзил ҷуз биёбонмаргии шӯри ҷарас.
Бе ғуборе нест, ҳар ҷо мушти хоке дидаем,
Шуд яқин, к-аз баъди мурдан ҳам намемирад ҳавас.
Чун ҳубобам, Бедил, аз вазъи хамӯшӣ чора нест,
Соҳиби оинаро лозим бувад поси нафас.

* * *

Об аз ёқут мерезад такаллум карданаш,
Ҷайби гавҳар медарад завқи табассум карданаш.
З-он ситампиро насиби мо ба ғайр аз ҷавр нест,
Кист, ё Раб, то бувад боби тараҳҳум карданаш?
Дар арақ з-он чеҳраи хуршедсимо равшан аст
Барқи чандин шуъла вақфи кишти анҷум карданаш.
Турки ман метозад ошӯби қиёмат дар рикоб,
Нест бок аз хоки раҳ дар чашми мардум карданаш.
Бандаи пири хароботам, ки аз таълифи шавқ
Як ҷаҳон дил ҷамъ кард ангур дар хум карданаш.
Дар вузӯ зоҳид чӣ тӯфон бар сари об оварад,
Менишонад хокро дар хун таяммум карданаш.
Дил агар ҷамъ аст, гӯ, олам парешонҷилва бош,
Гавҳар осудаст дар баҳр аз талотум карданаш.

Дар пайи рӯзӣ талоши одамӣ имрӯз нест,
Аз азал овора дорад фикри гандум карданаш.
Кулфати ҳастӣ тапишҳо сӯхт дар набзи нафас,
Риштаи ин соз хун шуд аз тараннум карданаш.
Чун саҳар шӯри нафас гарди хаёле беш нест,
То ба кай оинаи ҳастӣ таваҳҳум карданаш?
Бар дили озурда тамҳиди шукуфтан офат аст,
Ҷом дар хун мезанад захм аз табассум карданаш.
Бе лаби дилдор Бедил ғӯта зад дар мавҷи ашк,
Оқибат афканд дар дарё гуҳар гум карданаш.

* * *

Эй хаёловораи найранги ҳуш,
То тавонӣ, дар шикасти ранг кӯш.
То нафас боқист, мовуман ба ҷост,
Шамъ бе куштан намегардад хамӯш.
Зиндагӣ дар нанги ҳастӣ мурдан аст,
Хок гарду айби мовуман бипӯш.
З-ин хумистон гармии дил бурдаанд,
Ҳамчу май бо хуни худ чанде биҷӯш.
Аз ҷароҳатзори дил ғофил мабош,
Рангҳо дорад дукони гулфурӯш.
Ишқ агар набвад, ҳавас ҳам оламест,
Нест хуни дил гуворо, май бинӯш.
Хоки ман бар бод рафту хомушам,
Ҳамчу субҳам дар нафас хун шуд хурӯш.
Тардимоғон[383] аз мухолиф эминанд,
Гоҳи хушкӣ бод мепечад ба гӯш.
Ё Раб, аз мастӣ налағзад пойи ман,
Ашк минохонае дорад ба дӯш.
Зиндагонӣ нашъаи вахмаш расост,
То намемирӣ, намеоӣ ба ҳуш.

Гар либоси соя аз дӯш афканӣ,
Мекунад урёният хуршедпӯш.
Яъс бар ҷо монду фурсатҳо гузашт,
Имшаби мо нест ҷуз андӯҳи дӯш.
То магар, Бедил, диле орӣ ба даст,
Дар тавозуъ ҳамчу зулфи ёр кӯш.

* * *

Ба лавҳи ибрати Қоруну умри рафта ба ранҷаш
Касе ҷуз ин чӣ нависад, ки хок бар сари ганҷаш.
Чунин ки неку бади халқ чораҷӯст зи каслат,[384]
Шикасти ранг чӣ сафрост дар фишори туранҷаш.[385]
Зи золи чарх кӣ дорад сафои оина бовар?
Саҳарфиреб ба як чеҳраву ҳазор шиканҷаш.
Сухан муқобили уқбо кашид каффаи дунё,
Тарозуест ҷаҳон аз хаёли қофиясанҷаш.
Ба бахти сабз ду рӯзе ту низ масхарагӣ кун,
Ки хандаҳост ҷунунреша дар табиати банҷаш.
Ҷиҳоти даҳру ҳавоси халоиқ оина дорад,
Ки ин ҳаваскадаи нард як-шаш асту ду-панҷаш.
Зи сайр олами имкон нашуд муояна,[386] Бедил,
Ҷуз ин ки оташе афтода дар сарои сипанҷаш.[387]

* * *

То кай афсурдан? Даме аз фикри худ вораста бош,
Сар бурун ор аз гиребон, маънии барҷаста бош.
Гар надорӣ ҷуръати аз хонумон барҳам задан,
Ҳамчу май хундарҷигар з-ин шишаи нашкаста бош.
То бифаҳмӣ рабти истеъдоди ҳастию адам,
З-ин ду мисраъ дур магзар, андаке пайваста бош.

Рӯзӣ ин ҷо дархури кому даҳан омода аст,
Маҳрами минқори сози он ниҳоли писта бош.
Азми содиқ мераҳонад чун табат аз банди табъ,
Шояд аз пастӣ бурун ой, камар мебаста бош.
Дахли беҷоят зи дарди аҳли маънӣ ғофил аст,
Нохуне то ҳаст, дур аз синаҳои хаста бош.
Чанд бошӣ аз фаромӯшони айёми висол?
Рангҳои рафта ёдат медиҳам, гулдаста бош.
Хостам аз дил бурун орам ғубори ҳасрате,
То ба лаб омад нафас, хун гашту гуфт: Оҳиста бош.
Аз иқомат шарм дорад, Бедил, истеъдоди шамъ,
Ҳар қадар бошӣ дар ин маҳфил, зи по наншаста бош.

* * *

Тапид оина баски дар орзуяш,
Зи ҷавҳар нафас мезанад мӯбамӯяш.
Табассум, такаллум, тағофул, тараҳҳум
Намезебад, илло ба рӯйи накӯяш.
Ба ҷаннат кӣ мебандад эҳроми таскин?
Фишонданд бар захми мо хоки кӯяш.
Ниҳоли хаёлам, ки дар чашми биниш
Ба сад реша як мӯ наболад нумӯяш.
Нигаҳ сӯхт дар дидаи интизорам,
Хиромат магар обе орад ба ҷӯяш.
Зи бас маҳви он лаъл гардид гавҳар,
Арақ ҳам чакидан надорад зи рӯяш.
Тароват дар ин хокдон нест мумкин,
Гар обест, дорад таяммум вузӯяш.
Лаб аз ҳарзасанҷист миқрози ҳастӣ,
Сари шамъ ҳам дар сари гуфтугӯяш.

Чу най ҳар киро ҳарф бар лаб гиреҳ шуд,
Тааммул шакар кард вақфи гулӯяш.
Агар интиқом аз фалак меситонӣ,
Макун ҷуз ба чашми тарам рӯбарӯяш.
Хушо интиқоме, ки аз аҷзи тоқат
Шавӣ хоку резӣ ба чашми адӯяш.
Чу оташ сиёҳ аст ранги либосат,
Ба собуни хокистари худ бишӯяш.
Ҷаҳон аз вафо ранги гарде надорад,
Ҷигархункуни кас мабод орзӯяш.
Бурун аз худат гар ҳама ӯст, Бедил,
Мабинаш, мадонаш, махонаш, маҷӯяш!

* * *

Чу абру баҳр зи лофи сахо пушаймон бош,
Карам куну арақи инфиоли эҳсон бош.
Нишоти ин чаман оинадории адаб аст,
Чу шабнам об шав, аммо ба чашми ҳайрон бош.
Ҳузури обилаи по агар ба даст афтад,
Қадам ба афсари шоҳӣ гузору султон бош.
Зи хуни худ чу ҳино ранги туҳфае бардор,
Гули василаи побӯси хушхиромон бош.
Чӣ лозим аст кашӣ ранҷи интизориҳо?
Ҷигар чу субҳ ба чоке диҳу гулистон бош.
Зи машраби хату холи бутон машав ғофил,
Ба ҳусни маънии куфр обрӯйи имон бош.
Ҳавопарастии ҷамъият аз фусурдадилист,
Чу гард бар сари ин хокдон парешон бош.
Куҷост вусъати дигар саводи имконро?
Чу шуъла, дар ҷигари санг доғи ҷавлон бош.

Зи фикри уқдаи дил чун гуҳар машав ғофил,
Даме ки нохуни мавҷат намонд, дандон бош.
Далели матлаби ушшоқ будан осон нест,
Ба номае ки надорад савод, унвон бош.
Ба сози ҳодиса ҳамнағма будан ором аст,
Агар замона қиёмат кунад, ту тӯфон бош.
Ба ҷуз фано намаки сози зиндагонӣ нест,
Тамом шефтаи инӣ, андаке он бош.
Дар ин чаман ҳама оҷизнигоҳи дидорем,
Ту низ як-ду нигаҳ дар қатори мижгон бош.
Чи нанги далқу чи фахри кулоҳ, ғафлати туст,
Ба ҳар либос ки бошӣ, зи хеш урён бош.
Далели ваҳдат аз афсуни касратӣ, Бедил,
Ҳамин қадар ки ба ҷисм ошно шудӣ, ҷон бош.

* * *

Хоҳ дар маъмура ҷо кун, хоҳ дар вайрона бош,
Бо ҳазорон дар паси девори худ чун шона бош.
Чашми ҳиммат ҷуз ба нури ишқ натвон об дод,
Сайқали оинаӣ, хокистари парвона бош.
Даъвии қудрат раҳо кун, ҳеҷ корат баста нест,
Эй саропоят калиди фатҳ, бедандона бош.
Дашти савдо гарди осораш саломатхонаест,
Дар паноҳи сояи мӯ чун сари девона бош.
Корвон умрест аз поси қадам по мехӯрад,[388]
Пайрави маҳмилкашони лағзиши мастона бош.
Мастии саргаштагони шавқ ноҳинҷор[389] нест,
Шуълаи ҷаввола шав, сар бар хати паймона бош.
То тааммул мегуморӣ, рафтаанд ин ҳозирон,
Чашм бар маҳфил кушову гӯш бар афсона бош.

Оламе масти хаёли наргиси махмури ӯст,
Гар ту ҳам з-ин нашъа бӯе бурдаӣ, майхона бош.
Бедил, аҷзои нафас то кай фароҳам доштан?
Пой то сар решаӣ, бе эҳтиёти дона бош.

* * *

Дилеро ки бахшад гудоз орзуяш,
Чу шабнам диҳад ғӯта дар оби рӯяш.
Ба ҷамъияти зулфи мушкин бинозам,
Ки аз ҳар буни мӯст ҳайрони рӯяш.
Чаро дил наболад зи ошуфтагиҳо,
Ки чун тоб зад даст дар тори мӯяш.
Чунон нотавонам, ки бар дӯши ҳасрат
Зи худ меравам, гар кашад дил ба сӯяш.
Тавонӣ ба гарди хиромаш расидан,
Зи сабти нафас гар кунӣ ҷустуҷӯяш.
Ба ошиқ зи олудагиҳо чӣ нуқсон?
Ки мижгон бувад домани тарвузӯяш.
Зи тақво надидем ғайр аз фусурдан,
Хушо олами мастию ҳою ҳуяш.
Ба майхонаи ваҳм то чанд бошӣ
Ҳубобе ки хандад пурӣ бар сабӯяш?
Машав моили эътибороти дунё,
Гули шамъ агар дида бошӣ, мабӯяш.
Фалак хоҳад аз ахтарат доғ кардан,
Маҷӯ мағзи роҳат зи тухми кадуяш.
Сабо гарди зулфи кӣ афшонд, ё Раб,
Ки олам димоғи Хутан шуд зи бӯяш.
Нигаҳ мавҷи хун гашт дар чашми Бедил,
Чӣ ранг аст, ё Раб, гули орзуяш?

* * *

Дил ба коми туст, чанде хуррамиизҳор бош,
Соғаре дорӣ, шикасти рангро меъмор бош.
Файзҳо дорад сухан, бар маънии борик печ,
Гар дили осуда хоҳӣ, укдаи ин тор бош.
Ҳар чӣ аз васлаш ба якрангӣ наёмезад дилат,
Гар ҳама ҷон бошад, аз андешааш безор бош.
То ҳузури чашму мижгон ёбӣ аз ҳар хору гул,
Чун нигаҳ дар ҳар куҷо по менихӣ, ҳамвор бош.
Ҳеҷ кас тухматнишони доғи бенафъӣ мабод,
Чатри шоҳӣ гар набошӣ, сояи девор бош.
Нанги таътил аз ғами беҳосилӣ натвон кашид,
Судани дасте ниёзи ҷаҳд кун, дар кор бош.
Нақши пойи рафтагон махмур меояд ба чашм,
Яъне, эй вомонда, дар хамёзаи рафтор бош.
Монеъи озодагон пасту баланди даҳр нест,
Нола аз худ меравад, гӯ, шаш ҷиҳат кухсор бош.
Бар тасалсул хатм шуд даври ғурури субҳаат,
Як-ду соғар маҳви ишратхонаи хаммор бош.
Ҳарзатозӣ то ба кай? Гоме ба гирди хеш гард,
Ҷаҳд бар машқи ту хатте мекашад, паргор бош.
Ҳар қадар мижгон кушоӣ, ҷилва дар оғӯши туст,
Эй нигоҳат муфти фурсат, толиби дидор бош.
Оқибат, Бедил, зи чашми хеш бояд рафтанат,
Зарра ҳам кам нест, то бошӣ, ҳамин миқдор бош!

* * *

Сухансанҷе, ки мадҳи халқ нафребад ба васвосаш,
Масеҳои ҷаҳони мурда гардад субҳи анфосаш.
Нафас маҳмилкаши чандин ғанову фақр мебошад,
Ки дар ҳар омадурафтест гарди ҷоҳу ифлосаш.

Зи тору пуди аздод аст ибратбофии гардун,
Каҷию ростӣ шуд ҷамъ, то гул кард карбосаш.
Фусурдан ҳам камолаш поси оби рӯст дар маънӣ,
Нигин аз кандан озод аст, агар созӣ зи алмосаш.
Фалак созест мустағнӣ зи вазъи ҳарзаоҳангӣ,
Манумои ту мебошад, гар овозест дар тосаш.
Маро бар бениёзиҳои Маҷнун рашк меояд,
Ки гум кардаст роҳу нест ёди Хизру Илёсаш.
Шукӯҳи иззат аз иқболи дунон нанг медорад,
Баландӣ то куҷо бар обила хандад зи омосаш?[390]
Ту з-ин мазраъ нумӯҳои даравомодае дорӣ,
Ки дар ҳар ҳафта чун нохун зи гардун медамад досаш.
Ба иқлими адам гум кард инсон завқи султонӣ,
Ки ваҳми ҳастӣ афканд ин замон дар дасти канносаш.
Ҳубоби Бедили моро ғаме дигар намебошад,
Нафас зиндонии шарм аст, бояд доштан посаш.

* * *

Сурати фақрам агар кашанд манолаш,
Сояи боли ҳумост нанги зуголаш.
Фақр начинад бисоти даъвати чинӣ,
Мӯй шикастаст дар димоғи сафолаш.
Баски адаб баста лаб гадои даратро,
Ҳақ нагузаштаст бар забони суолаш.
Шубҳа намечинам аз даҳону миёнат,
Илммисолам муҳол нест муҳолаш.
Ваҳшат аз ин гулшанам назад ба диранге,
Ранг ба парвоз нест ҳоҷати болаш.
Нашвунумо нест дар баҳори муҳаббат,
Яккалам аз худ баромадаст ниҳолаш.
Бар сари обе, ки раҳ наёфт Сикандар,
Даст зи худ низ шуста буд зулолаш.

Ҷинси умеде, ки ҳеҷ ранг надорад,
Ман ба нафас чидаам дукони хаёлаш.
Дам мазанед аз суроғи манзили роҳат,
Рам зи нафас хӯрдааст дашти ғизолаш.
Аз сари бемағз мекашем нигунӣ,
Чун қалами наргис аз хиҷолати нолаш.
Бар фалаки эътибор чанд бароӣ?
Ҷабҳаву абрӯи туст бадру ҳилолаш.
Маҳви адам вогузор Бедили моро,
Заҳмати дигар мадеҳ зи ҳол ба ҳолаш.

* * *

Урён баро, ба мулки ҷунун подшоҳ бош,
Аз мӯи сар алам[391] кашу соҳибкулоҳ бош.
Кам нестӣ зи шамъ дар ин ваҳшатанҷуман,
По гар далели саъй нашуд, сарбароҳ бош.
Дасти тасаллӣ аз дили бетоб бармадор,
Чашме ба ҳар куҷо бипарад, барги коҳ бош.
Ғофил мабош бо ҳама ғафлат зи оҷизон,
Чун пойи хуфта обилаеро паноҳ бош.
Гирам, наӣ зи аҷз рафиқи гузаштагон,
Чун нақши по ба саҷда раву узрхоҳ бош.
Сад тоат аст дар хами меҳроби инфиол,[392]
Чанде ба сарнигунии фаҳми гуноҳ бош.
Сабре агар ба шуғли қаноат мадад кунад,
Сайқалгари кудурати бахти сиёҳ бош.
Огоҳӣ аз ҳазор ҷунун парда медарад,
Номаҳрами ҳақиқати ин коргоҳ бош.
Ин ҷо чу шамъ кор ба акси табиат аст,
Пур сарбаланд меравӣ, огаҳ зи чоҳ бош.
Бе нашъа нест кулфати мастони ин бисот,
Эй дарди ишқ, бодаи минои оҳ бош.

Радду қабул ҷазреву маддест з-ин муҳит,
Бе қурбу буъд гоҳ «бирав» бошу гоҳ «бош».
Ин аст агар ҳақиқати пайдоие ки нест,
Мо ҷумла рафтаем зи олам, гувоҳ бош.
Бедил ба ҳеҷ кас нанамоӣ ғубори хеш,
Дар чашми ҳар кӣ роҳ диҳандат, нигоҳ бош.

* * *

Камоли фақр набвад ҷузви истеъдод аз ин бешаш,
Ки ҳар кас аз бизоат пурсадат, сар афканӣ пешаш.
Сари сайри ғано дорӣ, ба иқлими қаноат рав,
Ки дар ҳар бахяи далқ остинҳо чида дарвешаш.
Адамро ҳастӣ андешидан офатҳо ба бар дорад,
Қиёмат мекунӣ бар зиндагӣ, бигзар зи ташвишаш.
Зи дунё даст агар бардоштӣ, ҷамъияти дил ку?
Ба ин бегонагиҳо ром натвон ёфт бо хешаш.
Фусурдан дар бағал, аз ваҳшати авқот маъюсӣ,
Ғами фурсат гар аз дил нагзарад, фурсат маяндешаш.
Қади хамгашта то оҳе ба дил дорад, асар дорад,
Ба ғафлат з-ин камон магзар, ҳаданге ҳаст дар кешаш.[393]
Талоши маркази аслӣ вафои мум мехоҳад,
Ки ёди хонаи занбӯр мебандад ба ҳар решаш.
Ба иқболи ҷаҳонтасхири симу зар тааммул кун,
Ки ин фақру ғано номест аз вазъи каму бешаш.
Муҳосин[394] он қадар бар риши зоҳид пашм мечинад,
Ки хиҷлат мекашад тақсим бар хирсу бузу мешаш.
Ҷунун дар табъи ҳар кас шуғле аз машшотагӣ дорад,
Ману ороиши гесӯи маънӣ, зоҳиду ришаш.
Зи бадгавҳар набояд дошт чашми эминӣ, Бедил,
Газанди тинати ақраб аламдор аст аз нешаш.

* * *

Гар наӣ айни тамошо, ҳайрати саршор бош,
Сар ба сар дилдор ё оинаи дилдор бош.
Ё ҳуҷуми айш шав чун нағмаи завқи висол,
Ё саропо дарди дил чун нолаи бемор бош.
Болупарфарсудаи доми фалак натвон шудан,
Гар ҳама марказ шавӣ, беруни ин паргор бош.
Чанд бояд буд пешоҳанги таҳрики нафас?
Сози мавҳуме ки мо дорем, гӯ, бетор бош.
Сад чаман ранги тараб дар ғунча дорад хомушӣ,
Нола ҳар ҷо гул кунӣ, кӯтаҳтар аз минқор бош.
Гар ҳама бӯе зи афсуни ҳасад дорад дилат,
Бар думи ақраб нишин ё бар даҳони мор бош.
Огаҳӣ оинадори эҳтиёт афтодааст,
Чашм агар гардида бошӣ, андаке бедор бош.
Бисмили моро пари вомонда сайри оламест,
Арсаи кавну макон, гӯ, як тапиданвор бош.
Доғ ҳам рангиние дорад, ки дар гулзор нест,
Гар наӣ товус, боре рахти оташкор[394] бош.
Серчашмӣ зарраи меҳри қаноат будан аст,
Пеши мардум андаке, дар чашми худ бисёр бош.
Ғунчаат аз бехудӣ фоли шукуфтан мезанад,
Эй зи сар ғофил, бирав, бемағзии дастор бош.
То ба кай бошад дил аз хиҷлатшумарони нафас?
Субҳа бекор аст, чанде гарми истиғфор бош.
Бениёзиҳои ишқ охир ба ҳеҷат мехарад,
Ҷинси мавҳумӣ, ду рӯзе бар сари бозор бош.
Як қадам роҳ аст, Бедил, аз ту то домони хок,
Бар сари мижгон чу ашк истодаӣ, ҳушёр бош.

*   *   *

Ман намегӯям, зиён кун ё ба фикри суд бош,
Эй зи фурсат бехабар, дар ҳар чӣ бошӣ, зуд бош.
Дар талаб ташнеъи[395] кӯтоҳӣ макаш аз ҳеҷ кас,
Шуъла ҳам гар боли беобӣ кушояд, дуд бош.
Зеби ҳастӣ чист, ғайр аз шӯри ишқу сози ҳусн?
Накҳати гул гар наӣ, дуди димоғи уд бош.
Аз хамӯшӣ гар бичинӣ дастгоҳи офият,
Гуфтугӯ ҳам оламе дорад, нафасфарсуд бош.
Роҳате гар ҳаст, дар оғӯши саъйи бехудист,
Яккалам лағзиш чу мижгонҳои хоболуд бош.
Мӯмиёӣ ҳам шикасташ холӣ аз таъмир нест,
Эй зиёнат ҳеҷ, баҳри дардманде суд бош.
Хоки Одам оташи иблис дорад дар камин,
З-ин таайюн ҳам баро, беҳосиду маҳсуд бош.
Чист дил, то рӯкаши дидор бояд сохтан?
Ҳусн бепарво хуш аст, оина, гӯ, мардуд бош.
З-ин ҳама саъйи талаб ҷуз офият матлуб нест,
Гар ҳама доғ аст, ҳар ҷо шуълаат осуд бош.
Нақди ҳасратхонаи ҳастӣ садое беш нест,
Эй адам, номе ба даст овардаӣ, мавҷуд бош.
Бар муқимони сарои орият, Бедил, мапеч,
Чун ту ин ҷо нестӣ, гӯ, ҳар кӣ хоҳад буд, бош!

*   *   *

Аз қаноат хок бояд кард дар анбони ҳирс,
Обрӯ то кай шавад сарфи хамири нони ҳирс?
Ҳеҷ дашге нест, к-аз реги равон бошад тиҳӣ,
Барнамеояд ҳисоб аз резиши дандони ҳирс.
Ҳар тараф мижгон кушоӣ, олами хамёза аст,
Аз замин то осмон чокест аз домони ҳирс.

Даъвати фағфур мотамхона кард офоқро,
Мӯканӣ зоил нашуд аз косаҳои хони ҳирс.
Эй ҳарисон, раҳм бар аҳволи якдигар кунед,
Об шуд саъйи нафас, ҷони шумову ҷони ҳирс.
То ба кай бошад касе савдоии суду зиён?
Тахта мегардад ба як хишти лаҳад дуккони ҳирс.
Оламе асбоб бар ҳам чиду з-ин дарё гузашт,
То нафас дорӣ, ту ҳам пул банд аз сомони ҳирс.
Хок ҳам аз шӯхии иброми дом осуда нест,
Аз тасаннуъ[396] кист пӯшад чашми бемижгони ҳирс?
То набандӣ санг бар дил аз тақозои талаб,
Маънии дилчасп натвон ёфт дар девони ҳирс.
Гаҳ ғами Яъқубу гаҳ нози Зулайхо мекашем,
Юсуфи моро кӣ афканд, оҳ, дар зиндони ҳирс?
Мурдагонро низ савдои қиёмат дар сар аст,
Зинда медорад ҷаҳонеро ҳамин эҳсони ҳирс.
Хоҳ дар кунҷи қаноат, хоҳ дар қасри ғано,
Рӯзаке чандест, Бедил, ҳар касе меҳмони ҳирс.

* * *

Пур кӯтаҳ аст дасти ба ҳар сӯ дарози ҳирс,
Ғайр аз гиреҳ ба ришта набастаст сози ҳирс.
Узлат гузидаему ба сад кӯча метапем,
Оҳ аз қаноате ки нашуд бениёзи ҳирс!
Дар ранги обрӯ зарат аз киса меравад,
Анҷоми шамъ бину мапурс аз гудози ҳирс.
Хокему ҳар чӣ гул кунад аз мо, ғанимат аст,
Эй ғофилон, чӣ вазъи қаноат, чӣ сози ҳирс?
Осори шарм аз назари халқ бурдаанд,
Хоке магар шавад мижаи чашми бози ҳирс.

Аз табъи дун ҳанӯз ба пастӣ намерасад,
Гар по хӯрад зи нақши қадам сарфарози ҳирс.
Доман начида эмин аз олудагӣ мабош,
К-ин мазбала пур аст зи бавлу бирози ҳирс.
Он ҷо ки офиятталабӣ азми ҷустуҷӯст,
Гоме ба мақсад аст қариб эҳтирози ҳирс.
То марг чун нафас зи такутоз чора нест,
Хуш оламест олами беимтиёзи ҳирс.
Бедил, чу субҳ сурати хамёза бастааст
Аз хок то сипеҳр нишебу фарози ҳирс.

* * *

Эй бехабар, масӯз нафас дар ҳавои файз,
Бе чоки сина нест чу субҳ ошнои файз.
Эй дона, кулфати надамидан ғанимат аст,
Расво машав ба иллати нашвунамои файз.
Танҳо на расми ҷуду карам дар ҷаҳон намонд,
Тавфиқ низ рафт зи мардум қафои файз.
Ҳиммат чӣ мумкин аст кашад нанги интизор?
Мурдан аз он беҳ аст, ки бошӣ гадои файз.
Соҳибдилӣ, зи гарди раҳи фақр сар матоб,
Хокистар аст оинаро тӯтиёи файз.
Ғофил машав зи нола, ки дар гулшани ниёз
Меболад ин ниҳол ба обу ҳавои файз.
Дилро абас ба кулфати авҳом хун макун,
То зиндагист, нест ҷаҳон бе салои файз,
Пастӣ далели офияти аҷзи мо бас аст,
Афтодагист нақши қадамро асои файз.
Бар бӯи субҳ даст зи домони шаб мадор,
Файз аст кулфате, ки кунад иқтизои файз.

Эй шамъ, субҳ медамад, аз хеш рафтане,
Бар ашку оҳ чанд гузорӣ бинои файз?
Ҳусн аз саводи улфати ҳайрат намеравад,
Лағзидааст дар дили оина пои файз.
Субҳ аз нафас паре ба такаллуф фишонду рафт,
Яъне, дар ин ситамкада танг аст ҷои файз.
Бедил, зи ташнакомии ҳирси ту дур нест,
Гар борад аз сипеҳр фалокат ба ҷои файз.

* * *

Мабод, домани кас гирам аз фусуни ғараз,
Кафи умед ҳино бастаам ба хуни ғараз.
Таваҳҳум оинаи эҳтиёҷи якдигар аст,
Муназзаҳем вагарна зи чанду чуни ғараз.
Фазои шаш ҷиҳатам поймоли истиғност,
Ҳанӯз дар хами занҷирам аз ҷунуни ғараз.
Зи баҳр баҳраи серӣ набурд чашми ҳубоб,
Пурист мунфаил аз косаи нигуни ғараз.
Ҳарифи тешаи ибром будан осон нест,
Ҳазар кунед зи Фарҳоди Бесутуни ғараз.
Дил аз умед бипардоз, ҷаҳл муфти ғаност,
Ҷаҳон тамом Фалотун шуд аз фунуни ғараз.
Надошт забти нафас ғайри офият манзур,
Шунидам аз лаби хомӯш ҳам фусуни ғараз.
Суроғи анҷумани кибриё зи дил ҷустам,
Тапиду гуфт: Ҳамин як қадам буруни ғараз.
Ба рӯйи кас мижа аз шарм барнадоштаем,
Мабод Бедили мо ин қадар забуни ғараз!

*  *  *

Бар ҷунун натвон шуд аз ақли адабпарвар муҳит,
Саъйи гавҳар то куҷоҳо танг гирад бар муҳит?
Ғайри бекорӣ чӣ меояд зи дасти муфлисон?
Нест ҷуз бар нотавонӣ пайкари лоғар муҳит.
Баҳраи осоиши доно зи гардун равшан аст,
Аз ҳубобу мавҷ дорад болишу бистар муҳит.
Софтабъонро ба пастӣ менишонад чархи дун,
Бо ҳама равшандилӣ дурд аст гавҳар дар муҳит.
Кард дилро поймоли орзу саъйи нафас,
Мавҷ охир аз ҳаво афтод ғолиб бар муҳит.
Ҳар касеро дархури асбоб ташвиш асту бас,
Аз ҳуҷуми мавҷ бар худ мекашад лашкар муҳит.
Оламеро мекашӣ зери нигини эътибор,
Гар шавӣ бар обрӯйи хеш чун гавҳар муҳит.
Қобили таҳрири ашкам нест тӯмори дигар,
Сафҳаворе шояд аз тӯфон занад мистар муҳит.
Иззату хорӣ ғубори соҳили тамйизи мост,
Варна, аз каф фарқ нагрифтаст то анбар муҳит.
Бе надомат нест ҳастӣ, ҳар қадар болад нафас,
Мавҷ то боқист, дасте мезанад бар сар муҳит.
Бедил, аз вазъи қаноат бори дӯши кас наем,
Киштии мо чун садаф гирад ба сар камтар муҳит.

*  *  *

Гаштам аз бедаступоиҳо ба хушку тар муҳит,
Киштӣ аз таслим пайдо кард соҳил дар муҳит.
Қосидони шавқ яксар нохудоӣ мекунанд,
Мавҷҳо дорад зи чашмам то дари дилбар муҳит.
Дил ба ҳар андеша фоли инқилобе мезанад,
Мекунад аз ҳар насиме нусхае абтар муҳит.

Гар чунин афсурдагӣ ҷӯшад зи табъи рӯзгор,
Рафта-рафта мехазад дар дидаи гавҳар муҳит.
Шӯхии барқи нигаҳ дар дидаи оина нест,
Ҳамчу гавҳар, мавҷи моро гашт чашми тар муҳит.
Табъ чун мумтози аъён шуд, ватан ҳам ғурбат аст,
Мекунад ҳосил гуҳар гарди ятимӣ дар муҳит.
Ҳар қадар litiзи таллуқ беш, ваҳшат бештар,
Мекушояд дархури амвоҷ болу пар муҳит.
Шафқати ҳоли заифон бар бузургон нанг нест,
Хору хасро ҳамчу гул ҷо медиҳад бар сар муҳит.
Чун ба узлат хӯ гирифтӣ, фикри озодӣ хатост,
Оби гавҳаргашта натвонад шудан дигар муҳит.
Чашми ҳайрони маро оина фаҳмидаст ҳусн,
Дар тилисми гавҳари ман нест белангар муҳит.
Маҳрами ӯ кист? Гирди хеш мегардида бош,
Ҳалқае дорад зи гирдобат буруни дар муҳит.
Дастгоҳи мастии арбоби маънӣ бода нест,
Бедил, аз чашми тари худ мекашад соғар муҳит.

* * *

Набуд нуқтае аз илми ин китоб ғалат,
Шуури ноқиси мо кард интихоб ғалат.
Фиреби зиндагӣ аз шӯхии нафас нахурӣ,
Ки теғро накунад кас ба мавҷи об ғалат.
Шикасти шиша ба чашмат бисоти ишрат чид,
Зи ранги бохта кардӣ ба моҳтоб ғалат.
Румузи вазъи ҷаҳонро касе чӣ дарёбад?
Ки халқ кӯрсавод асту ин китоб ғалат.
Руҷӯъи асл хато мебарад зи тинати фаръ,
Гирифтан аст зи сар, чун шавад ҳисоб ғалат.

Ҷаҳон зи ҷӯши ғубори ман он қадар ошуфт,
Ки роҳи хонаи худ кард офтоб ғалат.
Надошт оинае мавҷу об ғайри муҳит,
Ба ҷилва хӯрдам аз андешаи никоб ғалат.
Буруни доира марказ чӣ обрӯ дорад?
Набаст ишқ сарамро ба он рикоб ғалат.
Ба фарқи ҳосили ин дашт хок мебоист,
Арақ зи оинаи саъй рехт об ғалат.
Ба хоб дидамат имшаб, ки дар канори манӣ,
Агар ғалат накунам, нест ҳукми хоб ғалат.
Зи қатра қатра аён диду аз муҳит муҳит,
Накард фитрати Бедил ба ҳеҷ боб ғалат.

* * *

Бе нами ҳиҷлат намебошад сару кори тамаъ,
Ҷинси истиғно арақ дорад ба бозори тамаъ.
Ғайри навмедӣ илоҷи ин қадар амроз чист?
Оламе пар мезанад дар набзи бемори тамаъ.
Умр дар ҳасрат шуду як тавқи қумрӣ хам набаст
Ҳиҷлати беҳосилӣ бар сарви гулзори тамаъ.
Осмон хамёзаи яъси ту хирман мекунад,
Эй ҳавас, бардор даст аз шакли анбори тамаъ.
Бениёзӣ тобеъи андешаи ағроз нест,
Хидмати ҳиммат муҳол аст аз парастори тамаъ.
Баҳри таъмири хаёле, к-аз нафас вайронтар аст,
Хоки даҳр аз обрӯ гил кард меъмори тамаъ.
Заҷри ибрат нест танбеҳи самоҷатпешагон,
Лаб газидан нашканад дандони изҳори тамаъ.
Дархури ҷон кандан аз ағроз мебояд гузашт,
Умрҳо шуд, маргат аз по мекашад хори тамаъ.

Аз камоли хеш ғофил нест истеъдоди халқ,
Шӯри иқболи гадо мебошад идбори тамаъ.
Базми чандин ҳасрат он сӯи қиёмат чидаем,
Бояд аз шахси амал[398] пурсид миқдори тамаъ.
Гар ҳама бар осмон хоҳӣ назар бардоштан,
Чун мижа бе сарнигунӣ нест девори тамаъ.
Аз хирад ҷустам тариқи интиоши[399] коми халқ,
Даст бар ҳам суду гуфт: Ин аст рафтори тамаъ.
Нест мавқуфи суол иброми табъи дунҳасаб,
Бастани лаб ҳам камар бастаст дар кори тамаъ.
Бениёзӣ, Бедил, охир эҳтиёҷ омад ба арз,
Маҳрами рози ғаноям кард осори тамаъ.

* * *

Сӯхтан як нағма аст аз сози шамъ,
Парда натвонад нуҳуфтан рози шамъ.
Худгудозӣ обрӯйи дигар аст,
Мерасад бар анҷуманҳо нози шамъ.
Нолаҳо дар дуди дил гум кардаем,
Сурма печидаст бар овози шамъ.
Ошиқонро мӯнисе ҷуз дард нест,
Сӯхтан бошад ҳамон дамсози шамъ.
То кай, эй парвона, болафшоният?
Сарфишониҳост бо гулбози шамъ.
Хатми тадбири забон лаб бастан аст,
То хамӯшӣ мерасад парвози шамъ.
Равнақи ушшоқ арзи нестист,
Сар буридан мешавад пардози шамъ.
Кист дарёбад забони бехудон?
Нест ҷуз парвози ранг овози шамъ.

Саъйи худро худ талофӣ кардаем,
Ҳам сари хеш аст пойандози шамъ.
Муддаои ҷустуҷӯ равшан нашуд,
Пур баланд афтодааст андози шамъ.
Фикри анҷоме дигар дорем мо,
Дида бошӣ сурати оғози шамъ.
Хомушӣ ҳам тарҷумони ҳоли мост,
Бе сухан пайдост, Бедил, рози шамъ.

* * *

Ҳар чӣ дар дил гузарад, вақфи забон дорад шамъ,
Сӯхтан нест хаёле, ки ниҳон дорад шамъ.
Нури таҳқиқ зи лофи дами ҳастӣ кадар[400] аст,
Аз нафас, гар ҳама ҷон аст, зиён дорад шамъ.
Хомушӣ мешавад охир сипари теғи забон,
Доғ чун ҳалқа занад, хатти амон дорад шамъ.
Хоб дар дидаи ошиқ накашад рахти ҳавас,
Сурмаи шуъла ба чашми нигарон дорад шамъ.
Ранги ошуфта матоъи ҳавасороии мост,
Дар тамошогаҳи парвоз дукон дорад шамъ.
Раҳбари олами осудадилӣ хомӯшист,
Хор дар пойи худ аз дасти забон дорад шамъ.
Изтиробу тапишу сӯхтану доғ шудан,
Он чи дорад пари парвона, ҳамон дорад шамъ.
Нашавад шиква гиреҳ дар дили равшангуҳарон,
Дуд дар сина муҳол аст ниҳон дорад шамъ.
Зомини равнақи ин базм гудози дили мост,
Сӯхтан баҳри нишоти дигарон дорад шамъ.
Нашавад сайқали оинаи ин базм чаро?
Асаре аз нафаси сӯхтагон дорад шамъ.

Заъфаронзори тараб сайри рухи коҳии мост,
Навбаҳоре дигар аз ранги хазон дорад шамъ.
Сӯхтан муфти тамошо, мижае боз кунед,
К-аз фусурдан ба камин хоби гарон дорад шамъ.
Бетамиз[401] аст ҳаё, ҳусн чу саршор афтад,
Ранги худро пари парвона гумон дорад шамъ.
Рафтан аз дидаи худ тарзи хироме дигар аст,
Бедил, ин ҷо сифати сарви равон дорад шамъ.

* * *

Фақри моро машуморед кам аз олами теғ,
Ки буришҳост ба қадри тунукӣ дар дами теғ.
Аҷзи мардон асари ғайрати дигар дорад,
Пушт дар сина ниҳон мекунад ин ҷо хами теғ.
То қазо оинаи маҷмаи имкон пардохт,
Гардане нест, ки чун шамъ нашуд маҳрами теғ.
Ғофил аз дард мабошед, ки дар арсаи ишқ
Захмҳо ҳамчу ниёманд ҳама тавъами теғ.
Аз қазо бехабарӣ, варна, дар ин арсаи ваҳм
Сари фармонбари таслим надорад ғами теғ.
Ҷуз ба таслим дар ин арса амон натвон ёфт,
Чун маҳи нав сипар эҷод кунед аз хами теғ.
Шарм дорад сари бемоя зи сомони ғурур,
Чун ниёми тиҳӣ аз хеш гирифтам ками теғ.
Ҷубн[402] бар ҷавҳари ғайрат нагуморӣ, ё Раб,
Зани ҳез аст, агар мард шавад мулзами теғ.
Бедил, аз аҳли замон чашми тараҳҳум бардор,
Гиря хун рехтан аст аз мижаи бенами теғ.

*   *   *

Кунун, ки мегузарад айш чун насим зи боғ,
Чу гул хуш он ки занӣ даст дар рикоби аёғ.
Зи шабнами гулам ин нукта нақди огоҳист,
Ки гарди обилапоӣ шикастаанд ба боғ.
Зи чашмаки гули боғи ҷунун машав ғофил,
Танидааст нигоҳе ба хатти соғари доғ.
Гузаштааст зи ҳастӣ ғубори ваҳшати мо,
Зи ранги рафта ҳамон дар адам кунанд суроғ.
Дар ин бисот ки ҳайрат далели биноист,
Ба ғайри сӯхтани худ чӣ дид чашми чароғ?
Чи анҷуман, чи гулистон, фазои дилтангист.
Магар зи мазбала ҷӯяд касе мақоми фароғ.
Зи дарси ишқ ба ҳарфи ҳавас қаноат кун,
Хумори нағмаи булбул шикан ба бонги калоғ.
Талоши мансаби парвонамашрабӣ муфт аст,
Бигард гирди сари ҳар диле, ки дорад доғ.
Хумори маҷлисиён арзи соғар аст ин ҷо.
Зи бедимоғии мастон расонда гир димоғ.
Ду рӯз дар дили хунгашта ҷӯш зан, Бедил,
На боғ дархури ҷавлони орзуст, на роғ.

*   *   *

Нозад ба ишқ ғозаи ҳусни ҷунундимоғ,
Парвона аст ҷавҳари оинаи чароғ.
Моро зи лаъли ёр паёме нашуд насиб,
То кай расад ба бӯсу кулаҳ кач кунад аёғ?
Маҷбури ҳастием, зи ҷуръат гузир нест,
Аз пар задан ба пашша нагирад касе калоғ.[403]
Чун нолаи сипанд ба ҳар ҷо гузаштаем,
Нақши қадам зи гармии рафтор гашта доғ.

Дар ишқ кӯш, к-аз ғами асбоб вораҳӣ,
Дарди диле магар диҳад аз дарди сар фароғ.
Аз саркашони ҷоҳ таваққуъ мадор чашм,
Афшонда гир дасти самар з-ин чанори боғ.
Бо дӯстон агар гарави инфиол нест,
Улфат бас аст, шарм кун аз бастани чаноғ.
Анқо ба ваҳм масдари осори зиндагист,
Эй кош, нестӣ диҳад аз ҳастиям суроғ.
Дил тира шуд зи машқи хаёлоти хубу зишт,
Оинаро ҳуҷуми сувар кард бедимоғ.
Бедил, навиди қосиди бадлаҳҷа мотам аст,
Мактуби навбаҳор набандӣ ба боли зоғ.

* * *

Баҳсу ҷадал ба офати ҷон мекунад тараф,
Сарҳо ба теғи фитна забон мекунад тараф.
Таъни хасон муқобили сидқи мақоли туст,
Изҳори ростӣ ба синон мекунад тараф.
Аз гуфтугӯ ба хок мазан гавҳари виқор,
Ин мавҷ баҳрро ба карон мекунад тараф.
То кай зи чорсӯи таайюн харад касе
Ҷинсе, ки оташаш ба дукон мекунад тараф?
Ташвиши хубу зишт зи осори огаҳист,
Оинаро сафо ба ҷаҳон мекунад тараф.
Бад нест бо муомалаи ҷоҳ сохтан,
Аммо димоғро ба харон мекунад тараф.
Пайдо агар набошӣ, аз офот растаӣ,
Бо новакат ғурури нишон мекунад тараф.
То оташе ба дил назанад ишқ чун сипанд,
Одобро ба нола чӣ сон мекунад тараф?

Ҳамдарси халқ бош, тағофул камол нест,
Эй бехабар, карӣ ба фиғон мекунад тараф.
Осон мадон тараддуди рӯзӣ, ки чун ҳилол
Бо нуҳ сипеҳр як лаби нон мекунад тараф.
Бедил, ғурури лоф далели сабуксарист,
Худсанҷият ба санги гарон мекунад тараф.

* * *

То намегардад табу тоби нафасҳо бартараф,
Медавад аҷзои мо чун мавҷи дарё ҳар тараф.
Бастаанд аз шӯхии аздод нақши коинот,
Кардаанд аҷзои ин пайкар ба якдигар тараф.
Дил мусаффо кардаӣ, бояд ба ҳайрат сохтан,
Бештар оина мегардад ба равшангар тараф.
Машраби девонагон бо май надорад эҳтиёҷ,
Ҷом лабрез аст, ҳар ҷо санг шуд бо сар тараф.
Олами таҳқиқи мо оинадори ғайр нест,
Чанд бояд буд бо аъроз[405] чун ҷавҳар тараф?
Ҳар куҷо шӯри таманноят далели ҷустуҷӯст,
Пойи хоболуд мегардад ба болу пар тараф.
Шаш ҷиҳат оинаи тимсоли хубу зишти мост,
Кас нагардидаст ин ҷо бо каси дигар тараф.
То намирад дил, ба ҳарфи халқ натвон гӯш дошт,
Ҷуз ба хомӯшӣ нагардад шамъ бо сарсар тараф.
Офиятҳо дар ҷаҳони бетамизӣ ҷамъ буд,
Кард одам гаштанат охир ба гову хар тараф.
Гар замин, гар осмон, ҳайрони найранги дил аст,
Шӯхии ин нуқта афтодаст бо дафтар тараф.
Қатра ку? Гавҳар кадом? Афсуни худбинӣ балост,
Ҷумла дарёем, агар ин укда гардад бартараф.
Бедил, азбас шаш ҷиҳат ҷӯши баҳори ғафлат аст,
Сабзаи хобида меболад чу мижгон ҳар тараф.

* * *

Бар худ аз сози шукуфтан кай гумон дорад ақиқ?
Дархури номат табассум дар даҳон дорад ақиқ.
Ҷойи он дорад, ки бошад боби дандони тамаъ,
Нисбати дурӣ ба лаъли дилбарон дорад ақиқ.
Баски беоб аст ин саҳрои шуҳратэътибор,
Рӯзу шаб нақши нигин зери забон дорад ақиқ.
Содагӣ доруламони бетамизон будааст,
Ҳалқаҳои домро хотам гумон дорад ақиқ.
Айби мо рангинхаёлон маънии борики мост,
Арзи нуқсон то диҳад, аз раг забон дорад ақиқ.
Ҳар касе то хок гардидан ба ранге бисмил аст,
Хуни ранге дар фусурданҳо равон дорад ақиқ.
Ҳирс ҳар ҷо ғолиб афтад, бар ҷигар дандон фишор,
Дар ҳуҷуми ташнагиҳо имтиҳон дорад ақиқ.
Ҳар кӣ мебинӣ, ба қадри шуҳрат аз худ рафтааст,
Суди номе ҳам ба таҳсили зиён дорад ақиқ.
Бе ҷигар хӯрдан муяссар нест поси эътибор,
Обрӯ дар мавҷи хуни дил ниҳон дорад ақиқ.
Эътибороти ҷаҳон пур бенасақ[406] афтодааст,
Ҷонканиҳо баҳри номи дигарон дорад ақиқ.
Хуни дилро дар бисоти дида ранге дигар аст,
Обрӯ дар хотам афзунтар зи кон дорад ақиқ.
Лаъли ёр аз баҳри муштоқон табассумпарвар аст,
Оби борике ба завқи ташнагон дорад ақиқ.
Маҳви лаълатро фусурдан низ оби зиндагист,
Ҳамчу дил, то ранги хуне ҳаст, ҷон дорад ақиқ.
Нест, Бедил, ковиши айём бар дилхастагон,
Дар шикасти худ ҳамон хатти амон дорад ақиқ.

*   *   *

Эй муждаи дидори ту чун ид муборак,
Фирдавс ба чашме ки туро дид, муборак.
Ҷон додаму хоки сари кӯйи ту нагаштам,
Бахт ин қадар аз ман написандид муборак.
Дар нарди вафо бурд ҳамин бохтанӣ буд,
Манҳус[407] ҳарифе, ки нафаҳмид муборак.
Ҳар соя ки гум гашт, расонанд ба нураш,
Гардидани ранги кӣ нагардид муборак?
Эй бехирадон, ғарраи иқбол мабошед,
Давлат набувад бар ҳама ҷовид муборак.
Субҳи тараби боғи муҳаббат дами теғ аст,
Бисмиллаҳ, агар захм тавон чид, муборак.
Жӯлидагии мӯйи сарам чатри фароғест,
Маҷнуни маро сояи ин бед муборак.
Бар бом ҳилолабруи ман қибланамо шуд,
К-аз ҳар тараф омад хабари «Ид муборак!»
Дил қонеъи шавқест, ба ҳар ранг ки бошад,
Доғи ту ба мо, ҷом ба Ҷамшед муборак.
Дар ишқ яке буд ғаму шодии Бедил,
Бигрист, саодат шуду хандид, муборак.

*   *   *

Дар назарҳо маънием гул мекунад ғайрат ба чанг,
Хомаам дорад мидод[408] аз маҳзари доғи паланг.
Сози офоқ аз навоҳои шикасти дил пур аст,
Дар садои кӯҳ як миност лабрези таранг.
Бениқобӣ инқадарҳо барнамедорад ҷамол,
Ҳар сафоеро ки дидам, мекунад эҷоди занг.
Ҳар қадар мино ба санг ояд дар ин номусгоҳ,
Хиҷлати изҳор аз рӯйи парӣ шустаст ранг.

Дил фазое дошт пеш аз дастгоҳи мовуман,
Хонаи оина тимсоли нафасҳо карда танг.
Аз ҳадиси киначӯ эмин набояд зистан,
Ҳар куҷо дам мезанад, дуди дигар дорад туфанг.
Аз мудорои фалак мумкин мадон ороми халқ,
Хоб ку, гар баҳри оҳу пӯст андозад паланг?
Маҳрами дарди дили мо кас дар ин куҳсор нест,
Бар садои нотавонон сина молидаст санг.
Рангҳо дорад саводи сурмаи чашми бутон,
Килки наққошон садаф гул карда дар хоки Фаранг.
Фаҳми ҳукмандозии шасти қазо осон магир,
Дар таҳи боли парӣ ин ҷо паре дорад хаданг.
Бо тааммул машварат дар кори ҳақ ҷустан хатост,
Домани фурсат кам афтодаст дар дасти диранг.
Бедил, ин ҷо офатимдод аст саъйи офият,
Фикри соҳил метарошад киштӣ аз коми наҳанг.

* * *

Магӯ, паёми вафо ҷаста-ҷаста дорад ранг,
Ҳазор нома ба хатти шикаста дорад ранг.
Ба оламе ки хаёли ту мекунад ҷавлон,
Ғубор ҳам чу шафақ даста-даста дорад ранг.
Ҳавои водии шавқи ту баски гулхез аст,
Чу шамъ хор ба по гар шикаста, дорад ранг,
На гул шиносаму не ғунча, ин қадар донам,
Ки ҷилваи ту ба дилҳои хаста дорад ранг.
Ҳавас ҳазор гулу лола, гӯ, ба ҳам сояд,
Кафат ҳамон зи ҳинои набаста дорад ранг.
Бурун нарафта зи худ сайри худ чӣ имкон аст?
Шарор дар гираҳи ранги ҷаста дорад ранг.
Тарабпарастӣ, аз афсурдагӣ баро, Бедил,
Ки шуъла низ зи по нонишаста дорад ранг.

* * *

Боз о, ки бе ҷамолат тӯфон шикаста бар дил,
Ту бор баста бар ноз, мо даст баста бар дил.
Сарви ту дар чӣ гулшан дорад хироми ишрат?
Чун доғ нақши поят сад ҷо нишаста бар дил.
Аз оҳи беасар ҳам мамнуни илтифотем,
К-аз яъс омад охир ин тири ҷаста бар дил.
Натвон ба ҷаҳд бурдан ғалтонӣ аз гуҳарҳо,
Оворагӣ иноне дигар гусаста бар дил.
Шабнам ба боғи ҳасрат дидор мепарастад,
Афтодаам ба роҳат оина баста бар дил.
Афсӯси ин ду дам умр, к-аз яъс боядам зад
Дар ҳар нафас кашидан теғе дудаста бар дил.
Чун ашки шамъ, Бедил, дур аз бисоти васлаш
Оташ фишонда бар сар, мино шикаста бар дил.

* * *

Ба ранге яъс ҷӯшидаст бо дил,
Ки дард ояд, агар гӯям: Биё, дил.
Ҷамолат мақсади чашм аст, ку чашм?
Ғамат боби дил аст, аммо куҷо дил?
Саропо нола меҷӯшем чун мавҷ,
Тапиш хун кард дар ҳар узви мо дил.
Даройи корвони дашти яъсем,
Чӣ созад, гар наналад бенаво дил?
Суроғи мо ғубори боли анқост,
Ба ранги рафта дорад нақши по дил.
Зи ашку оҳи муштоқон мапурсед,
Ҳуҷуми бисмил аст аз дида то дил.
Зи парвози нафас ғофил мабошед,
Чу шабнам реша дорад дар ҳаво дил.

Зи хоки мо қадам фаҳмида бардор,
Мабодо, бишканӣ дар зери по дил.
Дар ин маҳфил касе муҳтоҷи кас нест,
Ҳамин кори дил афтодаст бо дил.
Гирифторам, гирифторам, гирифтор,
Намедонам, нафас дом аст ё дил?
Ба сурат бедилем, аммо ба маънӣ
Бувад чун ашк сар то пойи мо дил.

* * *

Захми теғе зи ту бардоштаам ҳамчу ҳилол,
Решаворе ба назар кощтаам ҳамчу ҳилол.
Қонеъам з-ин чаманистон ба раги барги гуле,
Аз табассум лабе анбоштаам ҳамчу ҳилол.
Оқибат саркашиям саҷдафурӯшиҳо кард,
Дар дами теғ сипар доштаам ҳамчу ҳилол.
Нашавад арзи камолам калафи чеҳраи аҷз,
Дар бағал оина нагзоштаам ҳамчу ҳилол.
Сақфи кӯтоҳи фалак маърази раъноӣ нест,
Аз хамидан алам афроштаам ҳамчу ҳилол,
Нотавонӣ чӣ қадар ҷавҳари қудрат дорад.
Осмон бар мижа бардоштаам ҳамчу ҳилол,
Бедил, аз ҳастии ман побарикоб аст намуд,
Шомро ҳам саҳар ангоштаам ҳамчу ҳилол.

* * *

Зи ман умрест, мегардад ҷудо дил,
Надонам, бо кӣ гардид ошно дил?
Зи ҳарфи ишқ хоро мегудозад,
Ману розе, ки натвон гуфт бо дил.

Ба фикри новаки абрӯкамоне
Чу пайконам гиреҳ аз сина то дил.
Ба уммеди парӣ минопарастем,
Зи шавқат кард бар мо нозҳо дил.
Нафас оинаро зангори яъс аст,
Зи ҳастӣ бохт уммеди сафо дил.
Ба ранги лола нақди дигарам нест,
Магар аз доғ хоҳад хунбаҳо дил.
Тапишгумкарда ашке нотавон чашм,
Гираҳболида оҳе норасо дил.
Саботе нест бунёди нафасро,
Ҳубоби мо чӣ бандад бар ҳаво дил?
Мазан, эй бехабар, лофи муҳаббат,
Мабодо, об гардад аз ҳаё дил.
Дар он маъраз, ки ҷӯшад шӯри маҳшар,
Қиёмат ҳам ту хоҳӣ буд ё дил.
Ҳарифон, аз нишони ман мапурсед,
Хаёле доштам, гум гашт бо дил.
Фусурдан, Бедил, аз бедардиям нест,
Чу мавҷи гавҳарам дар зери по дил.

* * *

Гар кунад товуси ҳайратхонаи асбоб гул,
Дастгоҳи ранги ӯ бинад ҳамон дар хоб гул.
Эй баҳор, аз худфурӯшони дукони ранг бош,
Бедимоғонем мо, ин ҷо надорад боб гул.
Аз худам ёди ҷамоли майфурӯше бурдааст,
К-аз табассум ҷамъ дорад бо шароби ноб гул.
Ҷуз хамӯшӣ барнатобад маҳфили таслими ишқ,
Аз чароғи кушта ин ҷо мекунад одоб гул.

Офатэҷод аст сози зиндагӣ, ҳушёр бош,
Аз таровват хона дорад дар раҳи селоб гул.
Файзи хомӯшӣ ба боди лабкушуданҳо мадеҳ,
Эй зи худ ғофил, ҳамин дар ғунча дорад об гул.
Гулшани доғем, аз нашвунумои мо мапурс,
Дар баҳори мо зи оташ мешавад сероб гул.
Мӯйи чинӣ гар ба сомони сафедӣ мерасад,
Шоми мо ҳам метавонад чидан аз маҳтоб гул.
Беқарори ишқ ҳаргиз рӯйи ҷамъият надид,
Ҷуз парешонӣ накард аз нолаи бетоб гул.
Ғарраи ишрат машав, к-ин навбаҳори умрном
Ноумединакҳат асту матлабиноёбгул.
Эй ғаниматҷилва, фурсат парфишони ваҳшат аст,
Ранге аз табъи ҳавас хандидаӣ, дарёб гул.
Маънии равшан ба чандин печутоб омад ба каф,
Кард, Бедил, гавҳари мо аз дили гирдоб гул.

* * *

Гашт бар дили маъюс васлҷӯ шудан мушкил,
Пунба дид: бо оташ рӯбарӯ шудан мушкил.
Сад шикаст агар ҷӯшад, дил фано намехоҳад,
Ранг будан осон аст, лек бӯ шудан мушкил.
Саҷдаи қабули ишқ рабти ҷабҳа бо хок аст,
Бе чунин таяммумҳо бовузӯ шудан мушкил.
Решаи нафас ҳарчанд бар фалак сар афрозад,
Қобили самар чун субҳ з-ин нумӯ шудан мушкил.
Шубҳаи висоле ҳаст, варна, то абад ин ҷост
Халқи ҳеҷро бе ӯ мовуту шудан мушкил.
Ишқ сад ҷунун пардохт, лек бо ҳавас кам сохт,
Бар табиати мард аст сифлахӯ шудан мушкил.

Зоҳид, аҳли ҷаннатро ҷурду мурд[409] мегӯянд,
Бе тароши риш аз ту содарӯ шудан мушкил.
Бигзарем аз ин дарё, сар агар қадам гардад,
Маҳрами шино ин ҷо бекаду шудан мушкил.
Улфати нафас оташ, ғайрати фано саркаш,
Сохтан ба худ душвор, пеши ӯ шудан мушкил.
Оҳ, як тааммулвор сар ба ҷайб кам бурдем,
Мавҷро дар ин дарё шуд фурӯ шудан мушкил.
Сайди ҳукми тақдирӣ, сар ба пеши по афкан,
Гардани заифонро нест мӯ шудан мушкил.
Дил ба дарз хурсанд аст, чорааш мафармоед,
Захмро, намебинӣ, чун руфӯ шудан мушкил.
Охир аз дили маъюс гашт бар мани Бедил
Узрхоҳи як олам орзу шудан мушкил.

* * *

Метавон дар боғ дид аз синаи афгори гул,
К-ин гуландомон чӣ миқдоранд дар озори гул.
Гар табассум з-ин адо чинад бисоти ғунчааш,
Медарад минқори булбул хандаи саршори гул.
Эй ситамгар, бар дуруштӣ нози раъноӣ мачин,
Дар назарҳо мехалад, ҳарчанд бошад хори гул.
Фурсати нашвунумо айёри[410] ин бозича[411] аст,
Ранг то пар мекушояд, мебарад дастори гул.
Хонавайрон аст ин ҷо, то ба худ ҷунбад насим,
Хишт чинад то кучо бар рангу бӯ меъмори гул?
Паҳлуи ҳиммат макун фарши бисоти эътибор,
Махмали кимхоб дорад давлати бедори гул.
Бояд аз дил то ба лаб чандин гиребон чок зад,
Кори осоне мадон хандидани душвори гул.

Боғи имкон дарсгоҳи узри бесармоягист,
Ранг ку, то гардише иншо кунад паргори гул?
Ғафлати бедард пур беибратам бурд аз чаман,
Нолаи дил дошт бӯ дар бистари бемори гул.
Мо ба фикри моя афтодему кор аз даст рафт,
Рангу бӯ савдои муфте буд дар бозори гул.
Мебарад хоби баҳори нозам аз ёди хаташ,
Бе фусуне нест, Бедил, сояи девори гул.

* * *

Мекунад дарси раме аз рангу бӯ такрор гул,
Бо ҳама бедаступоӣ нест пур бекор гул.
Ғунчаҳо аз ҷӯши дилтангӣ гиребон медаранд,
Варна, ин гулшан надорад як табассумвор гул.
Ҳамчу шабнам боядат ҳайрат ба доман карду бас,
Ин чаман дорад ба қадри дидаи бедор гул.
Офият муфт аст, агар дар забти худ кӯшад касе,
Чун парешон шуд, нагардад ҷамъ дигар бор гул.
Бӯи дарде метаровад аз мизоҷи навбаҳор,
Дар ғубори ранг дорад нолаи бемор гул.
Ваҳшате мебояд, асбобе дигар даркор нест,
Ҳар қадар з-ин боғ доман чидаӣ, бардор гул.
Тарзи равшанмашрабон бегона аз ороиш аст,
Шамъро мушкил, ки гардад зинати дастор гул.
Ин қадар захм ошёни новаки бедоди кист?
Орзу чидаст аз дил то лаби сӯфор гул.
Улфати асбоб манъи шавқи ваҳшатпеша нест,
Садди роҳи бӯ намегардад ба сад девор гул.
Булбули мо бехабар бар шуълаи овоз сӯхт,
Бедил, ин ҷо дошт аз ранг оташе ҳамвор гул.

* * *

Навбаҳор орад ба имдоди мани бемор гул,
То ба ҷойи ранг гардонам ба гирди ёр гул.
Дар гулистоне, ки шарм оинадори нози ӯст,
Маҳви шабнам мешавад аз шӯхии изҳор гул.
Боғбон, аз даври гардони чаман ғофил мабош,
То каям дар дида бошад рахнаи девор гул?
Аз хамӯшӣ пардадори шӯхии ҳусн аст ишқ,
Мекунад булбул ниҳон дар ғунчаи минқор гул.
То нафас боқист, бояд хасми роҳат буду бас,
Ҳам зи бӯйи хеш дорад дар гиребон хор гул.
Рангу бӯ номаҳрами файзи баҳори нестист,
Хоки роҳе бошу аз ҳар нақши по бардор гул.
Гар зи асрори баҳори ишқ бӯе бурдаӣ,
Ғайри доғу захму ашку обила машмор гул.
Бар бисоти ғунчахуспон гар расӣ, оҳиста бош,
Мешавад аз ҷунбиши набзи нафас бедор гул.
Ин ҳадис аз шамъ равшан шуд, ки дар базми вафо
Доғ дорад зеби дил чун зинати дастор гул.
Ҳосили ин боғ бар доман гаронӣ мекунад,
Чун сипар бар пушт бояд бастанат ночор гул.
Ҷилва дар пеш аст, ташвише дигар иншо макун,
Ҳар куҷо бошад, ҳамон бо ранг дорад кор гул.
Шӯхии нашвунумоҳо баски шабнампарвар аст,
Сабза чун мижгони Бедил карда гавҳарбор гул.

* * *

Вуфури мол ба таъкиди хиссат аст далел,
Кушоди даст намехоҳад остини тавил.
Шарар чӣ бол тавонад кушуд дар дили санг?
Чароғ дидаи мӯр аст дар саройи бахил.

Ба қуввати ҳашам аз ҷодаи адаб магузар,
Салои коми наҳанг аст кӯча додани сел.
Зи саркашон ба бузургӣ фурӯтанӣ ғалат аст,
Чӣ мумкин аст, хамидан расад ба гардани фил?
Ғазаб ба ҷуръати таслим барнамеояд,
Ҳаёст оташи Намрудро зи вазъи Халил.
Румузи ишқ сазовори хушкмағзон нест,
Нафас ба ҳавсалаи най намешавад таҳлил,
Қади хамида ба сад эҳтиёҷ доғам кард,
Чӣ гадяҳо ки нафармуд сози ин занбил!
Ба сурху зард манозед зери чархи кабуд,
Ки ҷома ҳар чӣ бувад, мотамист дар хуми нил.[413]
Ба ҳар хаёл қаноатгар аст марҳумӣ,
Кашед сурма ба чашми парӣ зи сояи мил.
Ҳавас бизоати мавҳуми мо чӣ арз диҳад?
Мубарҳан[414] аст аз иҷмоли зарраҳо тафсил.
Хабар зи дил нагирифтӣ, касе чӣ чора кунад?
Ки шишаест ба тоқи тағофулат таҳвил.
Адабғубори хамӯшист корвони ҳубоб,
Нуҳуфтаем ба забти нафас даройи раҳил.
Чу шамъ хирасари фурсатему з-ин ғофил,
Ки чин баланд гирифтаст домани таъҷил.
Талоши илму адаб муғтанам шумар, Бедил,
Макаш хумори шаробе, ки ақлрост музил.

* * *

Аз иззату хорӣ на умедест, на бимам,
Ман гавҳари ғалтони худам, ашки ятимам.
Дил нест бисоте, ки фузулӣ расад он ҷо,
Тури адабам, сурмаи овози Калимам.

Ҳарчанд сару барги матоъе дигарам нест,
З-ин гарди нафас қофилаи мулки азимам.
Аз неъмати бехост ба куфрон натавон зад,
Муҳтоҷ наям, лек карим аст каримам.
Аз сояи гумгашта маҷӯед сиёҳӣ,
Шустанд ба сарчашмаи хуршед гилемам.
Болидани ман то надарад ҷомаи офоқ,
Бориктар аз риштаи таҳқиқи ҷасимам.[415]
Чашме накушудам, ки ба захме натапидам,
Умрест, чу ибрат ба ҳамин кӯча муқимам.
Бо теғ тараф гаштаам аз дасти саломат,
Чун шамъ ба ҳар ҷо сари хеш аст ғанимам.[416]
Бе дарди саре нест саҳар низ дар ин боғ,
Сандалбаҷабин мевазад аз дур насимам.
Чун хӯшаи гандум чӣ диҳам арзи табассум?
Аз хок паёмовари дилҳои дунимам.
Бедил, наям имрӯз хиҷолаткаши ҳастӣ,
Чун чарх сарафкандаи адвори қадимам.

* * *

Эй наргисат ҳаёкадаи сулҳу ҷанг ҳам,
Сози ғизол роми ту, хашми паланг ҳам.
Дунболаҳои абруят аз дил гузаштааст,
Меояд аз камони ту кори хаданг ҳам.
Танҳо на даф зи ҳалқабагӯшони базми туст,
Дорад саре ба фикри суҷуди ту чанг ҳам.
Рангинии либос чӣ миқдор дилкаш аст,
Гул кардааст ин ҳавас аз табъи санг ҳам.
Аз огаҳӣ ба мағзи хирад ҷамъ кардаем
Кайфияте, ки нест дар авҳоми банг ҳам.

Зону задан зи хасм, мапиндор, оҷизист,
Пайдост ин адо дами кин аз туфанг ҳам.
Эй хиссатат уқубати ҷовид, ҳуш дор,
Бадтар зи қабр мефишурад чашми танг ҳам.
Роҳест роҳи умр, ки худ қатъ мешавад,
Васли фано шитоб надорад, диранг ҳам.
Аҷзест дар мизоҷи таҳайюрсиришти ман,
К-аз хеш рафтанам нашикастаст ранг ҳам.
Дар коргоҳи ишқ саломат чӣ мекунад?
Ин ҷо ба табъи шиша хазидаст санг ҳам.
Бе улфати либос зи урёнтанӣ чӣ бок?
Ҷинси дукони фахрпарастист нанг ҳам.
Бедил, мабод мункири ҷоми тиҳӣ шавӣ,
Дорад ҳузури қулқули мино таранг[417] ҳам.

* * *

Бар хамӯшӣ задаам, фикри хурӯше дорам,
То тавон нола дурудан,[418] нафасе мекорам.
Имтиҳон гар сари тӯмори яқин бикшояд,
Решаи донаи тасбеҳ дамад зуннорам.
Маркази ҳиммати ман хонаи хуршеди ғаност,
Пастии соя нагирад камари деворам.
Шамъ дар хилвати хомӯшии ман сарфа набурд,
Бенафас кард забонро адаби асрорам.
Хизри ҷаҳдам нашавад қофилаи сайри баҳор,
Боли товусаму сад маҳмили рангин дорам.
Ҳар куҷо теғи ту бунёд кунад гул чидан,
Рақс гирад чу сари шамъ зи сар дасторам.
Ишқ таъмири биноям ба чӣ офат ки накард,
Селпарвардаи тардастии ин меъморам.

Чун шарар фурсати ҳастӣ нигаҳе беш набуд,
Сӯхт ин нусхаи ибрат нафаси такрорам.
Нақши по чашме агар боз кунад, дидан ку?
Натавон кард ба афсуни нигаҳ бедорам.
З-ин надоматкада чун мавҷи гуҳар мехоҳам
Он қадар судани дасте, ки кунад ҳамворам.
Раги гул ҷавҳари оинаи шабнам нашавад,
Беҳ, ки ман доман аз ин боғ ба чин афшорам.[420]
Олам аз ҷавҳари беқадрии ман ғофил нест,
Бедил, аз гарди касод оинаи бозорам.

*  *  *

Баъд аз ин аз суҳбати ин девмардум рам кунам,
Ғӯл чанде дар биёбон парварам, одам кунам?
Дар мизоҷи бадрагон ҷуз фуҳш кам дорад асар,
Захми сагро бе луоби саг чӣ сон марҳам кунам?
Оламе ранҷи таваққуъҳои беҷо мекашад,
Кӯси шуҳратинтизорон бишканам ё нам кунам?
Чун хабис афтод табъ, аз таъни хубсаш нанг нест,
Хукро ҳалво кашам дар пеш, то мулзам кунам.
Бо фасоди ҷавҳари зотӣ чӣ пардозад салоҳ?
Одамият ку, агар аз хирс мӯе кам кунам?
Ҳарзакориҳо дар ин дилмурдагон аз ҳад гузашт,
Баъд аз ин он беҳ, ки гар коре кунам, мотам кунам.
Хеҷам, аммо дар тилисми қудрати найранги даҳр
Чун адам коре ки натвон кард, агар хоҳам, кунам.
Санъате дорад хаёли ман, ки дар як дам задан
Оламеро зарра созам, зарраро олам кунам.
Ҳукми тақдире дигар дар пардаи килки ман аст,
Ҳар лаимеро ки хоҳам, бе карам Ҳотам кунам.

Нанги ҳиммат гар набошад пучбофиҳои ваҳм,
Бар саморуқе[421] нависам ҷоҳу чатри Ҷам кунам.
То хиҷолат бишканад боди бурути саркашӣ,
Мӯи чинӣ бар аламҳои шаҳон парчам кунам.
Аз сафо оинадори як ҷаҳон дил мешавад,
Сангу хиштеро ки ман бо нақши худ маҳрам кунам.
Баски дар builtin сози каломам файзи огоҳист ом,
Маҳрами инсоф гардад, гар касеро зам[422] кунам.
Ибратэҷод аст, Бедил, тангии оғӯши шарм,
Бе гиребон нестам, ҳарчанд мижгон хам кунам.

*   *   *

Барги худдорӣ маҷӯед аз дили девонаам,
Решаҳо дорад чу ашк аз беқарорӣ донаам.
Қомати хамгашта беш аз ҳалқаи занҷир нест,
Ғайри ҷинси нола натвон ёфтан дар хонаам.
Хоки домангир дорад сарзамини бехудӣ,
Сел бе ташвиши доме нест дар вайронаам.
Дил зи дасти шӯхии вазъи нафас хун мехӯрад,
Шамъ дорад ларза аз боди пари парвонаам.
Илтифоти зиндагӣ ташвиши асбоб асту бас,
Он қадар к-аз хеш дурам, аз ҳавас бегонаам.
Дастгоҳи орият хиҷлаткамини кас мабод,
Сад шабехун рехт нури шамъ бар кошонаам.
Дӯстонро баски афсуни тағофул танг дошт,
Гӯшҳо дар чашм хобонданд аз афсонаам.
Мазраи офоқ офатхирмани нашвунумост,
Ҳамчу мӯр, аз реша, тарсам, пар барорад донаам.
Баски дар ҳам мезанад беҷавҳарӣ аҷзои ман,
Чун дами шамшери мижгон сар ба сар дандонаам.

То шавад равшантар асбобе, ки бояд сухтан,
Эҳтиёҷи шамъ дорад хонаи парвонаам.
Захмии эҷодам, аз тадбири ман осуда бош,
Дар шикастан гашт гум чун мӯи чинӣ шонаам.
Бедил, аз кайфияти шавқи гирифторӣ мапурс,
Нолаи занҷир ҳар ҷо гул кунад, девонаам.

* * *

Ба гулшан нолае чанд армуғони булбулон бурдам,
Вафо ҳамдардие мехост, назри дӯстон бурдам.
Бинозад олами иқболи иззат бар суҷуди ман,
Фалак кардам ғубореро, ки то он остон бурдам.
Чӣ имкон зарраро бе ҷилваи хуршед пайдоӣ?
Туро дидам, ки ман ҳам андаке бар худ гумон бурдам.
Кафи дасти дуо шуд чун ҳилолам чини пешонӣ,
Иҷобатҳо зи файзи саҷдаат бар осмон бурдам.
Дар аъзоям табассум то қиёмат лаб намебандад,
Ба иқболи нигин номи ту, гӯӣ, бар забон бурдам.
Надонистам, ба кӯяш ҷуз адаб чизе намеарзад,
Дил он ҷо тухфа бурдам, лек пур беимтиҳон бурдам.
Ба хок афкандам аз саъйи нафас бунёди ҳастиро,
Ба дӯши ваҳшати ҳар тир зӯре з-ин камон бурдам.
Зи бас қатъи ҳавасҳо дар камини ғайратам дорад,
Ҳама гар ранги гул гардид, теғе бар фасон бурдам.
Надорад субҳ осон чашм бар хуршед во кардан,
Нафасҳо сӯхтам, то з-ин танӯри сард нон бурдам.
Зи хони офариниш бурд ҳар кас қисмате, аммо
Ҳамин ман пеши ёрон бенасибӣ аз миён бурдам.
Ба ин ғафлат намебошад фиреби зиндагӣ хӯрдан,
Мани беҳис нафас пиндоштам, бори гарон бурдам.
Надидам дар қимори зиндагӣ ҷуз бохтан, Бедил,
Аз ин бозича боре дови муфте буд, ҷон бурдам.

*  *  *

Пеш о, ки бихонӣ рақами синаи решам,
Ман номаи афтода ба хок аз кафи хешам.
Дар паллаи ҳамсангии ман зарра гарон аст,
Худро кам агар нашмарам, охир зи кӣ бешам?
Ворастагиям нашъаи кайфияти унсест,
Чун маънии бегона ба табъи ҳама хешам.
Таслимсириштон ғами офот надоранд,
Дар хонаи занбӯр асалпарвари нешам.
Сад тӯли амал пашми хаёл аст дар ин ҷо,
Зоҳид, нашавӣ ғарра, ки ман соҳиби ришам.
Барҳам задани силсилаи риш муҳол аст,
Умрест, ки ҳамсуҳбати хирсу бузу мешам.
Ҷои ҳама холист ба чашми мани ҳайрон,
Аз неку бадам нест хабар, оинакешам.
Ин қофила гарди асари ғайр надорад,
Гар як қадам аз худ гузарам, аз ҳама пешам.
Бедил, агарам айби касе дар назар омад,
Инсоф арақ гашту кашид оина пешам.

*  *  *

Ҷуғди вайронаи хаёли худем,
Парфишон, лек зери боли худем.
Шамъи бахти сияҳ чӣ афрӯзад?
Оташи мурдаи зуголи худем.
Ранг ку, то адам бигардонад,
Оламе рафту мо ба ҳоли худем.
Ғами авҷу ҳазизи ҷоҳ кирост?
Ишрати фақри безаволи худем.
Ку қиёмат, чӣ маҳшар, эй ғофил,
Фурсатандеши моҳу соли худем.

Даври моро на субҳаест, на ҷом,
Гардиши ранги инфиоли худем.
Бода дар ҷому нашъа махмурӣ,
Ҳаҷрпарвардаи висоли худем.
Баҳр дар ҷайбу хок лесидан,
Чӣ қадар ташнаи зулоли худем.
Ғайри мо кист, ҳарфи мо шунавад?
Гуфтугӯи забони лоли худем.
Дурӣ аз худ қиёмат аст ин ҷо,
Бе ту заҳматкаши хаёли худем.
Шамъу осудагӣ, чӣ имкон аст?
То саре ҳаст, поймоли худем.
Аз кӣ хоҳем доди нокомӣ?
Бедили бекасимаоли худем.

* * *

Ҷавлони ҷунун охир бар аҷзи расо бастам,
Чун реги равон имрӯз бар обила по бастам.
Ҳар кас зи гули ин боғ оини дигар мебаст,
Ман даст ба ҳам судам, ранге зи ҳино бастам.
Бо кулфати дил бояд то марг ба сар бурдан,
Дар роҳи нафас, ё Раб, оина чаро бастам?
Дар кеши ҳаё нанг аст аз ғайр мадад ҷустан,
Бархостам аз ғайрат, гар каф ба асо бастам.
Ин анҷуман аз шӯхӣ сад ранг иборат дошт,
Чашм аз ҳама пӯшидам, мазмуни ҳаё бастам.
Шабнам ба саҳар пайваст, аз хиҷлати пастӣ раст,
Он дил ки ҳавоӣ буд, бозаш ба ҳаво бастам.
Бахти сияҳе дорам, к-аз сояи иқболаш
Ҳар чиз сиёҳӣ кард, бар боли ҳумо бастам.

Чун субҳа зи зуннорам имкони раҳоӣ нест,
Ё Раб, мани саргардон худро ба куҷо бастам?
Ҳангомаи ваҳме чанд аз содагиям гул кард,
Тимсол ба ёд омад, туҳмат ба сафо бастам.
Мақсуд зи асбобам бардоштани дил буд,
Азбаски гаронӣ дошт, бар дасти дуо бастам.
Бар дил чу гуҳар хондам афсонаи озодӣ,
Ин укда ба сад афсун аз ришта ҷудо бастам.
Бедил, чӣ қадар сеҳр аст, к-аз ҳастии беҳосил
Бар хок нафас чидам, бар сурма садо бастам.

* * *

Чашмаш афканд тарҳи бедодам,
Сурма ку, то расад ба фарёдам?
Сарви туҳматқафас чӣ чора кунад,
По ба гил кардаанд озодам.
Шабнами инфиолхосиятам,
Ҳама об аст хоки бунёдам.
Аз фусуни нафас магӯю мапурс,
Хок ногашта мебарад бодам.
Дарди ишқ имтиҳони роҳат дошт,
Ҳамчу оташ ба бистар афтодам.
Дилаш озодиям намехоҳад,
Қафас аст орзуи сайёдам.
Ӯ дилам дод, то ба худ нигарам,
Ман ҳам оина дар кафаш додам.
Холиям аз худу пур аз ёдаш,
Шишаи маҷлиси паризодам.
Бедимоғона нашканад, чӣ кунад?
Шиша мехост, дил фиристодам.

Нафасе ҳаст, ҷонканӣ муфт аст,
Теша дорам ҳанӯз, Фарҳодам.
Назму насре ки мекунам таҳрир,
Беҳ ки дар зиндагӣ кунад шодам,
В-арна, ҳайф аст нақшам аз паси марг
Гул занад бар мазори Беҳзодам.
Ин замон ҳар чӣ дорам, аз ман нест,
Доштам, ончи рафт аз ёдам.
Нестӣ ҳам ба доди ман нарасид,
Марг мурд, он замон ки ман зодам.
Яъси ман имтиҳон намехоҳад,
Бедилам, ибрати худододам.

* * *

Чун хома аз заифӣ афлокдастгоҳам,
Сад ранг лафзу маънӣ болида дар паноҳам.
Ҳарчанд чун ҳубобам бе дастгоҳи қудрат,
Тасхири олами об таркест аз кулоҳам.
Иқболи бенавоӣ чандин футӯҳ дорад,
Дасти тиҳӣ калидест дар панҷаи сиёҳам.
Ғофил мабош чун шамъ аз нотавонии ман,
Сад анҷуман зи худ рафт бар дӯши ашку оҳам.
Дар боргоҳи ҳиммат саргармие надорад
Ҳангомаи гадоӣ, яъне димоғи шоҳам.
Эй ҷуръати фузулӣ, то кай сари тамошо?
Чун дил зи чашми ҳайрон чоҳест пеши роҳам.
Оинаро зи ҷавҳар тамҳиди дурбошест,
Охир ғубори он хат шуд раҳзани нигоҳам.
Дар саркашӣ дутоям, дар нола бенавоям,
Бо ҳар чӣ барнаёям, аҷз аст узрхоҳам.

Тасвири интизорам, аз роҳатам мапурсед,
Дар хоби бехудӣ ҳам чашмам нашуд фароҳам.
Чун соям саропо тимсоли тирарӯзӣ,
Дигар чӣ вонамояд оинаи сиёҳам?
Бояд чу мавҷи гавҳар осуда хок гаштан,
Аз офият мапурсед, дар манзил аст роҳам.
Эй орзу, машӯрон беҳуда ашки моро,
Миношикастае чанд осудаанд бо ҳам.
Бедил, суроғи рангам аз гарди оҳ дарёб,
Дар гирдбод маҳв аст парвози барги коҳам.

* * *

Чу шабнам, то ниқоби эътибори хеш шақ кардам,[423]
Зи шарми зиндагӣ гуфтам, кафан пӯшам, арақ кардам.
Кафи по мешудам, эй кош, аз беэътибориҳо,
Ҷабин гардидаму сад ранг хиҷлат дар табақ кардам.
Чу субҳам як тааммул дарси ҷамъият нашуд ҳосил,
Ба сатре, к-аз нафас хондам, зи худ рафтан сабақ кардам.
Ба ҳайрат санъати оинаро бурдам ба кор охир,
Парешон буд аҷзои тамошо, як варақ кардам.
Мапурсед аз қаноатмашрабиҳои ҳубоби ман,
Ба соғар обрӯе доштам, садди рамақ[424] кардам.
Ба ҳар ҷо фикри мастӣ нест, махмурӣ намебошад,
Ҳавасҳои ғано буд ин, ки худро мустаҳақ[425] кардам.
Шабе омад ба ёдам гармии андози оғӯше,
Чунон аз худ бурун рафтам, ки пиндорам, арақ кардам.
Забони истилоҳи рамзи тавҳидам кӣ мефаҳмад?
Ки ман ҳар гоҳ гаштам ғофил аз худ, ёди Ҳақ кардам.
Нафас аз диққати фикрам ҳуҷуми шуъла шуд, Бедил,
Нишастам он қадар дар хун, ки субҳеро шафақ кардам.

* * *

Чун оина чандон ба бараш танг гирифтам,
К-аз хеш бурун омадаму ранг гирифтам.
Номе ки надорам, ҳаваси нақши нигин дошт,
Домони хаёле ба таҳи санг гирифтам.
Аҷзи талабам гашт инонтоби нигоҳаш,
Зеҳ[426] бар рами оҳу зи таки ланг гирифтам.
Чун ғунча, шабам лахти диле дар назар омад,
Домони ту пиндоштаму танг гирифтам.
Халқе дари номус заду доғи ҷунун бурд,
Ман низ, гирифтам, ки раҳи нанг гирифтам.
Хиҷлаткаши худсозиям аз худшиканиҳо,
Нақшуда дари сулҳ раҳи ҷанг гирифтам.
Гар чарх насанҷид ба мизони виқорам,
Ман низ ба ҳиммат ками ин санг гирифтам.
Дар тарки таъаллуқ чӣ қадар нозу ғано буд,
Бар ҳар чӣ ҳавас пой зад, авранг[427] гирифтам.
То гарм кунам бистари амне, ки надорам,
Чун субҳ, нафас зери пари ранг гирифтам.
Бедил, нафас охир вараҳи оина гардонд,
Силӣ ба таҳайюр задаму ранг гирифтам.

* * *

Чун тапиш дар дил нафас дуздидаам,
Мавҷам, аммо дар гуҳар лағзидаам.
Мастиям аз машраби миногарист,
Ҳар қадар болидаам, коҳидаам.
Рафтани рангам ба он кӯ мебарад,
Аз кӣ роҳи хонаат пурсидаам?
Ҳайратам оинаи таҳқиқ нест,
Ин қадар донам, ки чизе дидаам.

Фитрати шамъ аз гудозам равшан аст,
Сӯхтанро обрӯ фаҳмидаам.
Олами ранг аст сар то пойи ман,
Дар хиёлат гирди худ гардидаам.
Чун саҳар аз ваҳшатам ғофил мабош,
То гиребон доман аз худ чидаам.
Кисвати ҳастӣ чӣ дорад ҷуз нафас?
Аз ҳамин тор ин қадар болидаам.
Ранг то боқист, озодӣ куҷост?
Баҳри худ чун гулқафас хандидаам.
Умрҳо шуд, аз хами девори аҷз
Соя пайдо кардаам, хобидаам.
Шарми ҳастӣ аз худ огоҳам нахост,
То шудам урён, мижа пӯшидаам.
Бедил, афсуни карӣ ҳам оламест,
Гӯшам, аммо ҳарфи кас нашнидаам.

* * *

Чизе аз худ ҳар қадам зери қадам гум мекунам,
Рафта-рафта, ҳар чӣ дорам, чун қалам гум мекунам.
Бенасиби маъниям, к-аз лафз меҷӯям мурод,
Дил агар пайдо шавад, дайру ҳарам гум мекунам.
Эй ҳавас, дуди таайюн[428] бар димоғи ман мапеч,
Зери ин парчам чу шамъ охир алам гум мекунам.
Ташнакоми ҳирс мемирад қаноат то абад,
Як арақ гар аз ҷабини шарм нам гум мекунам.
Даъвии Хизри тариқат буданам овора кард,
Андаке гар гум шавам, ин роҳ кам гум мекунам.
То ғубори водии Маҷнун ба ёдам намерасад,
Осмон бар сар, замин зери қадам гум мекунам.
Рангу бӯ чизе надорад ғайри аҷзои баҳор,
Ҳар чӣ аз худ гум кунам, бо ӯ ба ҳам гум мекунам.

Дил намемонад ба дастам, тоқати дидор ку?
То ту меоӣ ба пеш, оина ҳам гум мекунам.
Олами сурат бурун аз пардаи танзеҳ[429] нест,
Дар самад дорам тамошо, гар санам гум мекунам.
Қосиди мулки фаромӯшӣ касе чун ман мабод,
Номае дорам, ки ҳар ҷо мебарам, гум мекунам.
Дам мазан аз ҷустуҷӯйи шавқи бепарвои ман,
Ҳар чӣ меёбам зи ҳастӣ то адам, гум мекунам.
Бар рафиқон, Бедил, аз мақсад чӣ сон орам хабар?
Ман ки худро низ, то он ҷо расам, гум мекунам.

* * *

Чӣ миқдор хун дар адам хӯрда бошам,
Ки бар хокам оию ман мурда бошам.
Шарорам чу шамъи ҳавас барфурӯзад,
Ба сангам раҳо кун, ки афсурда бошам.
Зи майдони офот гӯи саломат
Агар бурдаам, сар фурӯ бурда бошам.
Дар ин куҳнамаъбад зи бетобии дил
Кӣ дам зад, ки ман субҳ нашмурда бошам?
Зи дандони бо хуни дил хӯгирифта
Агар лаб газам, норе афшурда бошам.
Наям қосид, аммо ба ин тарзабонӣ
Паёми лабе бо худ оварда бошам.
Чу шамъ аз сари хони эҳсони гардун
Ба ғайр аз сари худ қасам хӯрда бошам.
Бифармо ба меҳмон, сарои суҷудат
Ҷабинам адимест,[430] густурда бошам.
Нишоти ду олам рамидаст аз ман.
Диле доштам, шояд, озурда бошам,
Чӣ гӯям мани Бедил аз шарми фурсат?
Ки то номи ҳастӣ барам, мурда бошам.

* * *

Ҳарфам ҳама аз мағз аст, в-аз пӯст намегӯям,
Онро ки ба ҷуз ман нест, ман «ӯст» намегӯям.
Асрори камоҳиро[431] таъвил намебошад,
Сарро сару поро по, зонуст намегӯям.
Зарф аст ба ҳар сурат оинаи истеъдод,
Дар кӯза агар об аст, дар ҷӯст намегӯям.
Маъниназарон дуранд аз ваҳми ғалатфаҳмӣ,
Норинҷи зақан себ аст, лимӯст намегӯям.
Айбу ҳунари ин базм ифшогари асрор аст,
Ҳарчанд гули чашм аст, бебӯст намегӯям.
Ман ҳам ба дари инсоф аз феъли худ огоҳам,
Гӯ, ғайр бадам гӯяд, бадгӯст намегӯям.
Гар сафҳаи офоқ аст ё оинаи афлок,
То пушту рухе дорад, якрӯст намегӯям.
Ҷоҳу ҳашами дунё нанг аст зи сар то по,
Чинӣ чу сари фағфур бемӯст намегӯям.
Лабрези фано бояд, то дил ҳамаро шояд,
Ногашта тиҳӣ аз худ, мамлӯст намегӯям.
Гар шубҳаи таҳқиқам з-ин дашт сиёҳӣ кард,
Лайлӣ ба назар дорам, оҳуст намегӯям.
Оини муҳаббат нест савдои дуӣ пухтан,
Ман Бедили худро ҳам ҷуз дӯст намегӯям.

* * *

Халқро нисбати бегонагие ҳаст ба ҳам,
Ки ба сад иқди вафо, дил натавон баст ба ҳам.
Завқи роҳат чӣ қадар душмани огоҳии мост!
Хоб гардид нигаҳ, то мижа пайваст ба ҳам.
Даъвии фақр зи паҳлӯйи ғано пеш мабар,
Афсару обилаи по надиҳад даст ба ҳам.

Офатомода бувад қисмати арбоби вусул,[432]
Моҳиёнро нарасад туъма пайи шаст ба ҳам.
Даҳр то чанд ба ислоҳи табоеъ кӯшад?
Базм як шиша маю ин ҳама бадмаст ба ҳам.
Он сипандам, ки ба як шуъла парафшонии шавқ
Нағмаву созам аз ин базм бурун ҷаст ба ҳам.
Ваҳшатифурсатам, аз фикри суроғам бигузар,
Ба ғуборам нарасӣ, то назанӣ даст ба ҳам.
Ҷигар аз кулфати навмедии ашкам хун шуд,
Ки бурид аз мижаву боз напайваст ба ҳам.
Синасофон, нафасе чанд ғанимат шумаред,
Чарх кам дид ду оина, ки нашкаст ба ҳам.
Обрӯ металабӣ, тарки тамаъ кун, Бедил,
Ин ду тимсол ба ҳеҷ оина наншаст ба ҳам.

* * *

Дар ҷигар сад ранг тӯфон кардаем,
То сиришке назри[433] мижгон кардаем.
Ҳайрат аз товуси мо пар мезанад,
Ваҳшатеро наргисистон кардаем.
Ахгари мо пардаи хокистарест,
Байзаи қумрӣ намоён кардаем.
То нафас бар худ тапид, оина нест,
Чун ҳубоб ин ҷилва сомон кардаем.
Шабнами мо ҷайби хиҷлат медарад,
Як арақ оина урён кардаем.
Нола ҳасратхонаи дидори ӯст,
Дар нафас оина пинҳон кардаем.
Ишқ аз маҳрумии мо доғ шуд,
Бе ҷунун сайри биёбон кардаем.
Даст бар ҳам судане дорему бас,
Хидмати табъи пушаймон кардаем.

Мову шамъи кушта натвон фарқ кард,
Ин қадар сар дар гиребон кардаем.
Мотами фурсат зи ҳайрат равшан аст,
Ҷои мӯ мижгон парешон кардаем.
Эй тавоноӣ, ба зӯри худ маноз,
Мо заифонончи натвон, кардаем.
Аз ҳуҷуми ашки мо, Бедил, мапурс,
Ёр меояд, чароғон кардаем.

* * *

Дар ҷайби ғунча бӯйи баҳорест, ранг ҳам,
Бе файз нест гӯшаи дилҳои танг ҳам,
Сози тавофи дил на ҳамин[434] ҷавҳари сафост,
Дорад ҳавои хонаи оина занг ҳам.
Бегонагӣ зи таври ғизолон чӣ мумкин аст,
Моро ки чашмакест зи доғи паланг ҳам?
Аздод сози анҷумани як ҳақиқатанд,
Мино зи маъданест, ки он ҷост санг ҳам.
Дар гулшане, ки арзи хироми ту додаанд,
Маҳмил ба дӯши бӯйи гул аст обу ранг ҳам.
Халқе ба ёди чашми ту зуннор бастааст,
Куфре ба ин камол надорад Фаранг ҳам.
Ташвиши болу пар макаш, эй толиби фано,
Ин роҳ қатъ мешавад аз пойи ланг ҳам.
То обёри мазраи ҷамъиятат кунанд,
Оташ фикан ба хирмани номусу нанг ҳам.
Фардост, рабти улфати мо бод бурдааст,
Муфти вифоқ[435] гир дар ин арса ҷанг ҳам.
Сад ранг ҷонканист дар ин кӯча номро,
Осон намерасад сари ёрон ба санг ҳам.

Гӯянд: Дар бисоти вафо аҷз механд,
Эй аҳли ноз, ёди мани дилбачанг ҳам.
Бедил, агар ба даст расад гавҳари висол,
Бояд ватан гирифт ба коми наҳанг ҳам.

* * *

Далели корвони ашкам, оҳи сардро монам,
Асарпардози доғам, ҳарфи соҳибдардро монам.
Рафиқи ваҳшати ман ғайри доғи дил намебошад,
Дар ин ғурбатсаро хуршеди танҳогардро монам.
Баҳори обрӯям сад хазон хиҷлат ба бар дорад,
Шукуфтан дар мизоҷам нест, ранги зардро монам.
Ба ҳукми аҷз шак натвон зудуд аз интихоби ман,
Дар ин дафтар шикасти гӯшаҳои фардро монам.
Ба ҳар мижгон задан ҷӯшидаам бо оламе дигар,
Парешонрӯзгорам, ашки ғампарвардро монам.
Шикасти рангаму бар дӯши оҳе мекашам маҳмил,
Дар ин дашт аз заифӣ коҳи бодовардро монам.
Тамизи халқ аз ташвиши кӯрӣ барнамеояд,
Ҳама гар сурма ҷӯшам, дар назарҳо гардро монам.
На доғам моили гармӣ, на нақшам қобили маънӣ,
Бисоторои ваҳмам, каъбатайни[436] нардро монам.
Ба худ оташ занам, то гарм созам паҳлуи доғе,
Зи бас афсурдатабъиҳо танӯри сардро монам.
Хиҷолатсарф гуфторам, надоматвақф кирдорам,
Саропо инфиолам, даъвии номардро монам.
На ашке зеби мижгонам, на оҳе боли афғонам,
Тапидан ҳам намедонам, дили бедардро монам.
Ба маҷбурӣ гирифторам, мапурс аз вазъи мухторам,
Ҳама гар омаде дорам, ҳамон овардро монам.
Фалак умрест дур аз дӯстон медорадам, Бедил,
Ба рӯйи сафҳаи офоқ байти фардро монам.

*   *   *

Даъвати танзеҳи ҳусни бемисолӣ мекунам,
Гар занам оина сайқал, хона холӣ мекунам.
Саҷда ҳам чун соя охир раҳ ба ҷое мебарад,
По гар аз рафтор монад, ҷабҳамолӣ мекунам,
Партави маҳ ҳам буруни ҳола дорад гарду ман
Гирди худ мегардаму забти ҳаволӣ [437] мекунам.
Умрҳо шуд, дар шабистони тамошогоҳи даҳр
Сайри ин нуҳ парда фонуси хаёлӣ мекунам.
Лолаву гул мунтазир бошанд, ман ҳамчун чанор
Як чароғон дар баҳори куҳнасолӣ мекунам.
Нанги анҷоми ғано аз фақри ман пӯшида нест,
Чиниям ҳарчанд дил бошад, сафолӣ мекунам.
Шарм дорад ҷуръати ман аз мулоимтинатон,
Оташам гар пунба мебинад, зуголӣ мекунам.
Пучбофиҳои ҷоҳам гар шавад мӯйи димоғ,
Пашмҳои ганда бисёр аст, қолӣ мекунам.
Мезанам мижгон ба ҳам, то ранги имкон бишканад,
Гоҳ-гоҳе ин қадар беэътидолӣ мекунам.
Зиндагӣ Лайлист, маъшуқона бояд зистан,
То раме дорад нафас, нози ғизолӣ мекунам.
Шамъ дар маҳфил намедонад, куҷо бояд нишаст,
Дар гудози хеш ҷойи хеш холӣ мекунам.
Пириям, Бедил, ба ҳар мӯ баст мазмуни хамӣ,
Баъд аз ин тартиби девони ҳилолӣ [438] мекунам.

*   *   *

Дӯш чун най сатри дарде мечакид аз хомаам,
Нолаҳо хоҳад пар афшонд аз кушоди номаам.
Шамъро ҷуз сӯхтан оинадори ҳуш нест,
Пунбаи гӯш аст яксар шӯри ин ҳангомаам,

То ба кай бошад ҳавас маҳви кашокашҳои ваҳм?
Доғ кард андешаи радду қабули омаам.
Қадрдонӣ дар бисоти имтиёзи даҳр нест,
В-арна, ман дар мактаби бедонишӣ алломаам.
Пеши ман нуҳ осмон пашме надорад дар кулоҳ,[439]
Медиҳад зоҳид фиреби азмати[440] аммомаам.
Лавҳи имкон дархури болидани лафзам набуд,
Фикри маъниҳои нозук кард ноли хомаам.
То ба кай пӯшад нафас урёнтаниҳои маро?
Бештар чун субҳ ранги чок дорад ҷомаам.
Бедил, аз Юсуф димоғи бениёзи ман пур аст,
Инфиоли бӯйи пироҳан надорад шомаам.

* * *

Дидаи муштоқе аз ҳар мӯ ба бор овардаам,
Нахли бодоме зи боғи интизор овардаам.
Шаш ҷиҳат дидор гул мечинад аз аъзои ман,
Аз таҳайюр зӯр бар оиназор овардаам.
Ҳосили маънист бо ҳусни иборат сохтан,
Каъбаҷӯён рӯ ба хоки пои ёр овардаам.
То кашад шавқ интиқоми ҳиҷлат аз афсурдагӣ,
Ранг меҷустам, бароте бар баҳор овардаам.
Чашми он дорам, ки гирам оламеро дар канор,
Чун мижа ҳарчанд як оғӯшвор овардаам.
Эй адаб, бигзор, то машқи суҷуде сар кунам,
Охир ин лавҳи ҷабин баҳри чӣ кор овардаам?
Содагӣ механдад аз оинаи андешаам,
Дил надорад ҳеҷу ман баҳри нисор овардаам.
Зарраро аз худфурӯшӣ шарм бояд доштан,
Бе фузулӣ нест, ҳарчанд инкисор[441] овардаам.
Бедилонат оламе доранд дар бори ниёз,
Туҳфаам ин бас, ки худро дар шумор овардаам.

* * *

Зи дасти офият доғам, сипанди яъспарвардам,
Ба ин оташ, ки ман дорам, магар оташ кунад сардам.
Асири шашдару тадбири озодӣ -ҷунун аст ин,
Чу тоси нард ҳар нақше, ки овардам, наёвардам.
Чу шабнам шарми пайдоист осори суроғи ман,
Арақ чандон ки меболад, баландӣ мекунад гардам.
Чу авроқи хазон беэътиборам хондаанд, аммо
Ҷаҳоне ранги силӣ хурдааст аз чеҳраи зардам.
Дар он мактаб, зи истиғно иёри маъниям гирад,
Кулоҳи Ҷам бинозад бар шикасти гӯшаи фардам.
Зи хешам мебарад ёди хироми ӯ ба он мастӣ,
Ки гул паймона гардонад, агар чун ранг баргардам.
Зи урёнӣ дар ин майдон надорам нанги расвоӣ,
Шукӯҳи ҷавҳари теғам, хати пешонии мардам.
Вафоям хиҷлати ноқадрдонӣ барнамедорад,
Агар бар обила по мениҳам, дил мекунад дардам.
Наям, Бедил, хиҷолатмояи нанги тиҳидастӣ,
Чу мазмун дар хаёли ҳар кӣ меоям, раҳовардам.

* * *

Зи савдои чашми ту то ком гирам,
Ду олам фурӯшам, ду бодом гирам.
Шаҳиди вафоям, зи роҳат ҷудоям,
Намурдам ба завқе, ки ором гирам.
Сияҳмасти шуҳрат наям, варна, ман ҳам
Чу нақши нигин субҳ дар шом гирам.
Зи бас ҳимматам нанги тазвир дорад,
Муҳол аст, агар дона дар дом гирам.
Чунин к-аз талаб бениёз аст табъам,
Гадо гар шавам, тарки ибром гирам.

Чу шабнам чӣ лофам ба сомони ҳастӣ?
Магар аз арақ сурате вом гирам.
Дар ин анҷуман машраби ғунча дорам,
Занам шиша бар санг, то ҷом гирам.
Замоне шавад, хоби айшам муяссар,
Ки чун нақши по соя бар бом гирам.
Камандам нафас, ҳирс сайёди анқост,
Ба ин норасоӣ магар ном гирам?
Ҷаҳон нест ҷуз этибори ману ту,
Ту таҳқиқ дон, гар ман авҳом гирам.
Таҷоҳул сарубарги ҳастист, Бедил,
Ҳама гар висол аст, пайғом гирам.

* * *

Сатре агар зи вазъи ҷаҳон вонавиштаем,
Гардондаем рангу чалипо навиштаем.
Дар мактаби талаб чӣ қадар машқи лағзиш аст,
К-ин ҷодаҳо ба сафҳаи саҳро навиштаем.
Ҳар ҷо хате зи нусхаи имкон дамидааст,
Ибрат ғубори дидаи бино навиштаем.
Аз захми ҳасрате, ки лаби ҷом мекашад,
Хун бар баёзи гардани мино навиштаем.
Рамзи азал, ки сад адам он сӯи фитрат аст,
Пинҳон нахонда, ки ҳама пайдо навиштаем.
Маънисаводи нусхаи ашки чакида кист?
Ғамномаҳо ба хуни таманно навиштаем.
З-ин орзу, ки пайкари мо хоки роҳи ӯст,
Хатти ғубори худ ба Сурайё навиштаем.
Аз нақши мо ҳақиқати офоқ хонданист,
Чун мавҷ корномаи дарё навиштаем.
Қосид чу ранг боз нагардид сӯи мо,
Маълум шуд, ки нома ба анқо навиштаем.

Дар мактаби ниёз чӣ ҳарфу кадом сатр?
Чун хома саҷдаест, ки сад ҷо навиштаем.
Дасте агар баланд кунад номабар, бас аст,
То равшанат шавад, ки дуоҳо навиштаем.
Асрори хатти ҷом, ки паргори бехудист,
Бедил, ба килки мавҷаи саҳбо навиштаем.

* * *

Шабе, к-аз хаёли ту гул чида будам,
Ҳамоғӯши сад ҷилва хобида будам.
Чаро оби гавҳар набошад ғуборам?
Ба роҳи ту як ашк ғалтида будам.
Ниҳон аз ту мебохтам бо ту ишқе,
Ту фаҳмида будӣ, нафаҳмида будам.
Кас оинадорат нашуд, в-арна, ман ҳам
Ба ҳайрат умеде тарошида будам.
Ба рангест чун сояам ҷӯши ғафлат,
Ки гар рафтам аз хеш, хобида будам.
Тариқи вафо талхкомӣ надорад,
Шакар буд, агар хок лесида будам.
Бинозам ба иқболи дарди муҳаббат,
Ки то чарх як нола болида будам.
Зи ваҳм, эй ҷунун, уқдаам во накардӣ,
Ба хеш онқадарҳо напечида будам.
Тамошо хаёл асту дидор ҳайрат,
Зи оина ин ҳарф пурсида будам.
Чу гул чок мерӯяд аз пайкари ман,
Надонам, барои чӣ хандида будам.
Ба мижгон кушудан ниҳон гашт, Бедил,
Ҷамоле, ки пеш аз нигаҳ дида будам.

* * *

Шарори коғази фурсаткаминам,
Чароғони нигоҳи вопасинам.
Зи хатти сарнавиштам метавон хонд
Гиребончокии лавҳи ҷабинам.
Ғамам, дарди дилам, оҳи ҳазинам,
Набудам, нестам, гар ҳастам, инам.
Ба ҳастӣ аз адам во кардаам чашм,
Чӣ хоҳам дид, агар ӯро набинам?
Навои аҷз агар фаҳмида бошӣ,
Ба чандин сур механдад taнинам.
Чӣ талх афтод оби гавҳари ман,
Ки натвонад фурӯ бурдан заминам.
Ҳаловат мемакад чун шамъам ангушт,
Ба қадри худ гудози ангубинам.
Чу нақши по ману ҷавлон чӣ ҳарф аст?
Зи кӯтоҳӣ ба доман нест чинам,
Зи найранги такутозам мапурсед,
Савори ҳайрате оиназинам.
Ғуборамро умеди домане нест,
Надонам, бар сари худ кай нишинам?
Чу шамъ аз норасоиҳои иқбол
Ба по афтод даст аз остинам.
Дукони ҷинси номам тахта авлост,
Нигин бандед бар нақши нигинам.
Агар, Бедил, ба фирдавсам нишонанд,
Ҳамон олудаи дунёст динам.

*   *   *

Ғайратанҷуман ҷоест, маъмане ки ман дорам,
Ғайри ман ҳама дорад, маскане ки ман дорам.
Дар баҳори огоҳӣ нози худфурӯшӣ нест,
Рангубӯфаромӯш аст, гулшане ки ман дорам.
Мавҷи гавҳарам умрест орамида менозад,
Ранҷи по намехоҳад, рафтане ки ман дорам.
Миннати кафан нанг аст бар шаҳиди истиғно,
Ғайрати шарар дорад, мурдане ки ман дорам.
Хомушӣ зи ҳеҷ оҳанг зеру бам намечинад,
Ношунида таҳсинест, гуфтане ки ман дорам.
Вазъи машраби Маҷнун фоштар зи расвоист,
Дар бағал намегунҷад, домане ки ман дорам.
Дору ресмон ин ҷо то ба ҳашр даркор аст,
Шамъи базми мансурист, гардане ки ман дорам.
Оҳ, дарди навмедӣ бар кӣ боядам хондан?
Дошт, ҳар киро дидам, шеване ки ман дорам.
Пеши новаки тақдир ҷустам аз фалак тадбир,
Гуфт: Дидаӣ, охир, ҷавшане ки ман дорам?
Чарбу нармии ҳарфам ҳилакори афсун нест,
Хушк медавад бар об, равғане ки ман дорам.
Ҳарфи олами асрор бар адаб ҳаволат кун,
Дамзаданхасухор аст, гулхане ки ман дорам.
Ғаври маънийям душвор, фаҳми матлабам мушкил,
Бедил, аз забони ӯст, ин мане ки ман дорам.

*   *   *

Уруҷи ҳиммате дар кор дорам,
Ҳама гар соям, девор дорам.
Ғуборам ошёни ҳасрати ӯст,
Чаман дар гӯшаи дастор дорам.

Нафас бетобии дил мешуморад,
Ҳуҷуми субҳа дар зуннор дорам.
Нигоҳе то ба мижгон мерасонам,
Зи худ рафтан ҳамин микдор дорам?
Мапурс аз инфиоли сози ғафлат,
Зи ҳастӣ ончи дорам, ор дорам.
Чу шамъам чора ғайри сӯхтан нест,
Ба сар оташ, таҳи по хор дорам.
Ба худ меларзам аз тамҳиди ором,
Чу гардун сақфи бедевор дорам.
Тазаллум қобили фарёдрас нест,
Танини пашша дар куҳсор дорам.
Аз ин як мушти хоки бодбурда
Ба дӯши ҳар ду олам бор дорам.
Дигар, эй нола, паҳлӯям магардон,
Ки паҳлӯи дили бемор дорам.
Ба ҳасрат меравам оина бар дӯш,
Суфоришномаи дидор дорам.
Ба чашмам тӯтиё мафрӯш, Бедил,
Ки ман бо хоки пое кор дорам.

* * *

Гузашт фурсату сайри дили фигор накардам,
Ҳазор гул ба бағал доштам, баҳор накардам.
Ҷаҳон ба забти нафас буду ман зи ҳарзадавиҳо
Ба ин каманди расо як-ду чин шикор накардам.
Насохтам ба тунукрӯӣ аз тааллуқи дунё,
Ба қатъи ваҳм дами теғе обдор накардам.
Зи дасти суда[442] наҷустам илоҷи ранҷи алоиқ,
Ба дарди сар задаму сандал ихтиёр накардам.

Вафо ба ибрати анҷоми кор кор надорад,
Зи шарми майкашӣ андешаи хумор накардам.
Ҷаҳон зи ҷӯши дил оинахона буд ба чашмам,
Гузаштам аз нафасу ҳеҷ ҷо ғубор накардам.
Иёри ҷилваи имкон гирифт оинаи ман,
Вале чӣ суд, ки худро ба худ дучор накардам.
Ба сайри ин чаманам об кард ғайрати шабнам,
Ки ҳарза тори нигаҳро арақсавор накардам.
Ҳавои суҳбати дилмурдагон нахонд фусунам,
Димоғи сӯхтаро шамъи ҳар мазор накардам.
Ҳазор ранг фусун дошт тардимоғии фитрат,
Вале зи шарми адам фикри ҳеҷ кор накардам.
Дар ин чаман ба чӣ доғ ошно шудам мани Бедил,
Ки тавфи сӯхтаҷонони лолазор накардам.

* * *

Мапурсед аз маоши хандаунвоне ки ман дорам,
Аз оби ношито тар мешавад, ноне ки ман дорам.
Ду рӯзам бояд аз иброми ҳастӣ об гардидан,
Ба ҷуз нанги фузулӣ нест, меҳмоне ки ман дорам.
Дили овора бо ҳеҷ улфате розӣ намегардад,
Чӣ созам чораи ин хонавайроне ки ман дорам?
Ҷудо з-он ҷилва натвон ин қадарҳо зиндагӣ кардан,
Ба хоро теша мебояд зад аз ҷоне ки ман дорам
Зи шӯхӣ қосидаш ҳар гом дорад боз гардидан,
Ба ранги судани дасти пушаймоне ки ман дорам.
Зи гулчинони боғи орзуи кистам, ё Раб,
Пари товус дорад гарди домоне ки ман дорам.
Надорад ҷуз тааммул мавҷи гавҳар мисраъе дигар,
Ҳамин як сакта аст, иншои девоне ки ман дорам.
Зи рангомезии ин боғи ибрат бар намеояд,
Ба ғайр аз нақшбанди тоқи нисёне ки ман дорам.

Ба ҳайрат рафт умру бар яқин накшудам оғӯше,
Ба чашми баста барбандед, мижгоне ки ман дорам.
Намедонам, чӣ сон аз шарми нодонӣ бурун ояд,
Ба зуннор ошно ногашта имоне ки ман дорам.
Кафили узри як олам хато зарфе дигар дорад,
Ҳаё бар дӯши раҳмат баст, товоне ки ман дорам.
Чу шамъ, аз фикри худ то хок гаштан барнамеоям,
Гиребонҳост, Бедил, дар гиребоне ки ман дорам.

* * *

Майпарасти эҷодам, нашъаи азал дорам,
Ҳамчу донаи ангур шиша дар бағал дорам.
Гар диҳанд бар бодам, рақс мекунам шодам,
Хоки аҷзбунёдам, табъи бехалал дорам.
Офтоб даркор аст, соя, гӯ, ба ғорат рав,
Чун мане агар гум шуд, чун туе бадал дорам.
Маънии баланди ман фаҳми тунд мехоҳад,
Сайри фикрам осон нест, кӯҳаму кутал дорам.
Аз манӣ таназзул кун, ӯ шаву туӣ гул кун,
Андаке тааммул кун, нукта муҳтамал[443] дорам.
Ҳақ буруни мардум нест, ҷӯши бода бехум нест,
Роҳи муддао гум нест, арзи мубтазал[444] дорам.
Дил мушаббак[445] аст имрӯз аз хаданги бедодат,
Маҳви лаззати шавқам, шоне[446] аз асал дорам.
Санг ҳам ба ҳоли ман гиря гар кунад, барҷост,
Бе ту зиндаам, яъне, марги беаҷал дорам.
Тарки суду савдо кун, қатъи ҳар таманно кун,
Май хуру тарабҳо кун, ман ҳам ин амал дорам.
Баҳри қудратам, Бедил, мавҷхези маъниҳост,
Мисраъе агар хоҳам сар кунам, ғазал дорам.

* * *

Набарӣ гумони фусурдагӣ ба ғубори бесарупоиям,
Ки ба чарх мефиканад нафас чу саҳар замини ҳавоиям.
Зи тааллуқам надиҳӣ нишон, ки гузаштаам ман аз ину он,
Ба хаёли силсилаи ҷаҳон гираҳе нахӯрда расоиям.
Ба димоғ мавҷи гуҳар задам зи ҷунуни нашъаи оҷизӣ,
Накашид гарди ҳавас саре, ки накӯфт обилапоиям.
Зи хаёл то мижа бастаам, қадаҳи баҳона шикастаам,
Хушат он ки сайри парӣ кунӣ зи тилисми шишанамоиям.
Ҳавасам зи нолаи беасар ба чӣ муддао шиканад назар?
Ниҳад устухон маҳи нав магар ба нишони тири ҳавоиям.
На нишемане ки кунам макон, на паре, ки барпарам аз миён,
Накунӣ ба ишваи имтиҳон ситамошёни раҳоиям.
Ба куҷост рафтану омадан, ки ба ғурбатам кашад аз ватан,
Зи фусуни санъати ваҳму зан ҳавасозмои ҷудоиям.
Ба ҷаҳони ҷилва расидаам, зи ҳазор парда дамидаам,
Самари ниҳоли ҳақиқатам, чамани баҳори худоиям.
Сари Каъба гарми фусуни ман, дили дайру ҷӯшиши хуни ман,
Магузар зи сайри ҷунуни ман, ки қиёмати ҳамаҷоиям.
Ба нигоҳ ҳайрати комилам, ба хаёл укдаи мушкилам,
Зи ҷаҳони фитрати Бедилам, на заминиям, на самоиям.

* * *

Надонам, чу шамъ аз чӣ хиҷлат чунинам?
К-аз оташ арақ мечаконад ҷабинам.
Нафас мешуморам ба уммеди раҳмат,
На дунё ба кори ман омад, на динам.
Ҳузуре надорад баҳори саломат,
Шикасте кунад гул, ки ранг офаринам.
Чӣ сон тарф бандад умед аз тасаллӣ?
Ба шак низ роҳе надорад яқинам.

Зарур аст поси хаёлоти ботил,
Адабпарвари ҳастии нозанинам.
Кӣ пӯшад уюби тиҳидастии ман?
Дароз аст кӯтоҳии остинам.
Илоҷе надорам, ба ҷуз хок гаштан,
Фитодаст саъйи нафас дар каминам.
Дил аз сарнавишти заифӣ чӣ нолад?
Ба чинӣ расидаст ин мӯ зи чинам.
Кам аз пашшаам, лек аз иброми матлаб
Туфанг аст дар гӯши мардум танинам.
Надорам ба ҷуз ҷонканӣ номи дигар,
Чу Фарҳод дар кӯҳ гум шуд нигинам.
Зи тимсол худбинӣ имкон надорад,
Ту оина пардоз, то ман бибинам.
Ҳисоби замин бо фалак рост н-ояд,
Бар ҳар ҷо ту бошӣ, ту ӯӣ, ман инам.
Дар ин базм танг аст ҷои сипандам,
Магар нола бархезаду ман нишинам.
Чӣ гӯям мани Бедил аз бекасиҳо?
Ба сар осмон ҳам надорад заминам.

* * *

На ибодат, на риёзат кардам,
Бодаҳо хӯрдаму ишрат кардам.
Меҳмони karаме буд хаёл,
Бо фузулӣ ду дам улфат кардам.
Ҳар чӣ з-ин моидаам пеш омад,
Неъмате буд, ки ғорат кардам.
Халқ дар дайру ҳарам так заду ман
Дили осуда зиёрат кардам.

Гардам аз арсаи ташвиш гузашт,
Он суи ҳашр қиёмат кардам.
Хокро арши барин натвон кард,
Тарки худдории ҳиммат кардам.
Офият ташнаи беқадрӣ буд,
Саҷдаи хоки мазаллат кардам.
Огаҳӣ ранҷи пушаймонӣ дошт,
Айшҳо дархури ғафлат кардам.
Бедимоғи манумо натвон зист,
Тан задам, хоби фароғат кардам.
Шавқ бемақсаду дил бепарво,
Хок бар фарқи надомат кардам.
Ту шудам мунҳариф[448] аз илму амал,
Сайри кайфияти раҳмат кардам.
Мағфират музди маосӣ [449] будаст,
Кист фаҳмад, ки чӣ хидмат кардам?
Ҳеҷам аз кардаву нокарда мапурс,
Ёди он чашми мурувват кардам.
Ҳар чӣ аз дасти ман омад, Бедил,
Ҳама бе рағбату нафрат кардам.

* * *

Ҳамчу оина таҳайюрсафарам,
Соҳиби хонааму дарбадарам.
Аз баҳору чаманам ҳеҷ мапурс,
Ба хаёли ту, ки ман бехабарам.
Ёди чашми ту ҷунунҳо дорад,
Ҳар куҷоям, ба ҷаҳони дигарам.
Шуълаам то нашавад хокистар,
Орамидан накашад зери парам.

З-ин ҷунунзори ҳавас обилавор
Чашм пӯшидааму мегузарам.
Ин чаман ибрати гулчинӣ дошт,
Чид доман зи табассум саҳарам.
Эҳтиёҷам дари изҳор назад,
Хушкии лаб написандид тарам.
Фақрам аз нанги ҳавасҳо во дошт,
Байза нашкаст кулоҳе ба сарам.[450]
Шӯри бекориям офоқ гирифт,
Баҳла[451] зад дасти тиҳӣ бар камарам.
Дил зи ташвиши ҳасад менолад,
Садафи обила дорад гуҳарам.
Ҷинси оташкада бе доғе нест,
Муфти оҳе ки надорад ҷигарам.
Раҳ набурдам бадар аз кӯчаи дил,
Такупӯи нафаси шишагарам.
Инфиол оинапардози ман аст,
Арақе мекунаму менигарам.
Ман на з-он гумшудагонам, Бедил,
Ки расад бод ба гарди асарам.

* * *

Ёди ман кардӣ, басомон гашт нози ҳастиям,
Номи дил бурдӣ, қиёмат кард сози ҳастиям.
Тухми аҷзам пур тунуксармояи нашвунумост,
Саҷдае медонаму бас, навниёзи ҳастиям.
Тангзарфи эҳтиётам, в-арна, монанди ҳубоб
Баҳр меболад зи оғӯши гудози ҳастиям.
Ҳамчу шамъам ҳар нигаҳ доғе дигар эҷод кард,
Ин қадар, ё Раб, кӣ фармуд имтиёзи ҳастиям?

Ман ҳам аз мавҳумии сози нафас ғофил наям,
То куҷо хоҳад дамид афсунтирози ҳастиям?
Субҳаму дар пардаи шаб зиндагонӣ мекунам,
Бенафас хобидааст афсонасози ҳастиям.
Гар ҳама тӯфон шавам, кайфиятам бепарда нест,
Ишқ дар гӯши адам хондаст рози ҳастиям.
Эй шарори рафта аз худ, пур ба берангӣ маноз,
Дидаам ранге, ки ман ҳам бениёзи ҳастиям.
Сояро бар хоки раҳ пайдост тарҷеҳи уруҷ,
Ин қадар ман низ, Бедил, сарфарози ҳастиям.

* * *

Як дам осоиш ба сад ибром пайдо кардаем,
Саъйҳо шуд хок, то ором пайдо кардаем.
Тирабахтӣ низ муфти дастгоҳи аҷзи мост,
Рӯз агар гум гашт, боре шом пайдо кардаем.
Мақсади ушшоқ расвоист, мо ҳам чун саҳар
Як гиребон ҷомаи эҳром пайдо кардаем.
Шуҳраи вомондагиҳоем чун нақши нигин,
Пой то бар санг омад, ном пайдо кардаем.
Қатраи ашкем, моро ҷаҳд ку, ҷавлон кадом?
Аз чакидан туҳмати як гом пайдо кардаем.
Эй шарар, з-ин беш бар оинаи фитрат маноз,
Мо ҳам аз оғози хеш анҷом пайдо кардаем.
Чашми ҳайрон дар кафем аз нашъаи дидору бас,
Бехудивақфитамошо ҷом пайдо кардаем.
Умрҳо шуд, бо хаёли ҷилваи ӯ тавъам аст
Бенигаҳ чашме, ки чун бодом пайдо кардаем.
Хомушӣ хилватгаҳи васл асту мо номаҳрамон
Аз лаби ғафлатнаво пайғом пайдо кардаем.

Умр зиндонхонаи чандин тааллуқ будааст,
Дар ғубори худ суроғи дом пайдо кардаем.
Хоки мо имрӯз гармоҳанги парвози фаност,
Эй ҳаваскасби ҳавоҳо, бом пайдо кардаем.
Олами мавҳумаи асбоб сурат бастааст,
Он чи, Бедил, аз хаёли хом пайдо кардаем.

* * *

Озодӣ охир бад бохт бо ман,
Ранҷи камар шуд чинҳои доман.
Муздури аҷз аст таслими улфат,
Дил ҳар чӣ бардошт, гаштам дуто ман.
Зеру бами умр равшан нагардид,
К-ин шӯри ибрат ӯ буд ё ман?
Ё Раб, чӣ пардохт сеҳри таайюн,
Халқе шаҳид аст з-ин хунбаҳо ман.
Ғофил мабошед аз фаҳми асрор,
Маънихаёлон, содест бо ман.
Дил бар кӣ бандам, ранг аз чӣ гирам?
Аз ҳар ду олам чун ӯ ҷудо ман.
Ҳар ҷо расидам, як нағма дидам,
Ё Раб, куҷояст ин ҷо ба ҷо ман?
Худсанҷи ваҳмӣ, бо бешу кам соз,
Муфти тарозуст мисқол то ман.[452]
Дил з-ин хароботт дигар чӣ ҷӯяд?
Зад шиша бар санг, омад садо «ман».
Ҳангомаи ваҳм бигзору бигзар,
Ман то куҷо ӯ, ӯ то куҷо ман?
Бедил, ба худ ҳеҷ тарфе набастам,
Дар маънӣ ӯ буд ин бевафо ман.

*  *  *

Осон макун тасаввур нози муғон[453] кашидан,
Сар медиҳад ба сангат ратли гарон[454] кашидан.
Нашвунумои ҳастӣ чун шамъ худгудозист,
Мебояд аз баҳорат ранҷи хазон кашидан.
Беҳуда фикри асбоб хам рехт дар биноят,
То чанд бори дунё чун осмон кашидан?
Эй зиндагӣ, фано шав, ё масдари ғано шав,
То миннате набояд з-ин нокасон кашидан.
Аз байза сар кашидем, аммо куҷост парвоз,
То болу пар тавонем аз ошён кашидан?
Коми амалпарастон[455] шоистаи тарӣ нест,
З-ин чоҳи тира то кай як ресмон кашидан?
Бадгавҳарӣ муҳол аст, кам гардад аз риёзат,
Рӯйи тунук диҳад об теғ аз фасон кашидан.
Гирам, кашад мусаввир сад Бесутун ба мӯе,
Чун ман агар тавонад як нотавон кашидан.
Бори хамидагиҳо яксар ба дӯши пирист,
Бастанд бар заифон зӯри камон кашидан.
Забти нафас чӣ миқдор бо мақсад ошноист,
Моро ба мо расонид охир инон кашидан.
Гар туҳфаи ниёзе манзури ноз бошад,
Дар пеши содарӯён хат метавон кашидан.
Бедил миёни хубон маҷбури нотавонист,
То кай ба тори мӯе кӯҳи гарон кашидан?

*  *  *

Аз ҷавон ҳусни сулуки пир натвон ёфтан,
Гӯшаи чашми камон аз тир натвон ёфтан.
Тинати комилхирад аз туҳмати нуқсон барист,
Ранги хун ҳаргиз ба рӯйи шир натвон ёфтан.

Ҳайфи ҳиммат, гар шавад мамнуни таҳсили мурод,
Эй хуш он оҳе, к-аз ӯ таъсир натвон ёфтан.
Мешаванд асҳоби ғафлат поймоли ҳодисот,
Хоби махмалро ҷуз ин таъбир натвон ёфтан.
Фақри мо оинаи рамзи ҳуваллоҳ асту бас,
Файзи ин хок аз ҳазор иксир натвон ёфтан.
Беиборат шав, ки гардад маънии дил равшанат,
Рамзи ин Қуръон зи ҳар тафсир натвон ёфтан.
Олами тақйид[456] яксар домгоҳи гуфтугӯст,
Ҷуз садо, дар хонаи занҷир натвон ёфтан.
Ҳирсу як олам фузулӣ, хоҳ тоқат, хоҳ аҷз,
Ҷуз ҷавониҳо аз ин бепир натвон ёфтан.
Мо дар ин маҳфил абас ҷоне ба ҳасрат меканем,
Як дил ин ҷо қобили тасхир натвон ёфтан.
Бехудинайрангам, аз пайдову пинҳонам мапурс,
Муддаои ҳайрати тасвир натвон ёфтан.
Дар ҳарими кибриё, Бедил, раҳи қурби вусул
Ҷуз ба саъйи нолаи шабгир натвон ёфтан.

* * *

Аз чарх бори миннат то кай тавон кашидан?
Бояд ба поймардӣ даст аз ҷаҳон кашидан.
Тӯфон куну барангез гард аз бинои ҳастӣ,
Домони мақсад охир хоҳӣ чӣ сон кашидан?
Як нолаи сипандат аз ваҳм мераҳонад,
То кай, ба ранги миҷмар[457] дуд аз даҳон кашидан?
Асбоб мефизояд бар ташнакомии ҳирс,
Гулро зи ҷӯши об аст чандин забон кашидан.
Эй ҳирси ваҳмпаймо, қатъи назар кун аз хеш,
Ин роҳ тай нагардад, ғайр аз инон кашидан.

Сайди заифи моро аз инқилоби парвоз
Бояд ба ҳалқаи дом хатти амон кашидан.
Оҳ аз ҳуҷуми пирӣ, дод аз ғами заифӣ,
Ҳамчун камон зи хешам бояд камон кашидан.
Гарди шикастаболам, парвози ман муҳол аст,
Дорам саре ки натвон з-ин остон кашидан.
Маҳви суҷуди шавқам дар ёди чашми масте,
Аз ҷабҳаи хаёлам май метавон кашидан?
З-он ҷилва ҳеҷ нанмуд оина ҷуз мисоле,
Наққошро муҳол аст тасвири ҷон кашидан.
Ку яъс, то намояд озодам аз ду олам,
То чанд нози Юсуф аз корвон кашидан?
Хокистарам ҳамон беҳ, к-аз шуъла пеш тозад,
Марг аст доғи хиҷлат аз ҳамраҳон кашидан.
Сад ранг шӯри мастӣ оинадори ҳастист,
Натвон чу гул дар ин боғ соғар ниҳон кашидан.
Бедил, диле зи оҳан бояд дар ин биёбон,
То як ҷарас тавонам бори фиғон кашидан.

* * *

Аз худсарӣ мачинед идбор то ба гардан,
Халқест з-инчунин сар безор то ба гардан.
Эй ғофилон, гар ин аст осори сарбаландӣ,
Фарқе наметавон ёфт аз дор то ба гардан.
Таслими теғи тақдир з-ин бештар чӣ бошад?
Чун мӯст пайкари мо як тор то ба гардан.
З-ин саркашӣ ки дорад табъи ҷунунсириштат,
Офот ҳамчу силист дар кор то ба гардан.
Тамкин намеписандад ҳангомаи руунат,
З-ин вазъ зери теғ аст куҳсор то ба гардан.
Фардост, хоки ин дашт по бар сарат шикастаст,
Имрӯз дар таҳи пош ангор то ба гардан.

Халқест, з-ин ҷунунзор урёни бетамизӣ;
Дастор то ба зону, шалвор то ба гардан.
Ранҷи халоби[458] дунё масти баҳонаҷӯист[459],
То по ниҳӣ, ки рафтӣ якбор то ба гардан.
Минои ин харобот бе май наметавон ёфт,
Дар хун нишастагонанд бисёр то ба гардан.
Гар ҳирсиботааллуқ дорад сари тамаллуқ,
Чандеш пой дар гил бигзор то ба гардан.
Мавҷи гуҳар чӣ микдор аз об сар барорад?
Дорад бинои иқбол девор то ба гардан.
То банд-бандат аз ҳам чун субҳа во нагардад,
Ақди аномили[460] яъс бишмор то ба гардан
То зиндагист, чун шамъ эмин наметавон зист.
Як кӯча оташ аз пост ин хор то ба гардан,
Дар халқ агар ба ин буъд[461] берабтии вифоқ аст,
Пайғоми сар тавон бурд душвор то ба гардан.
Ку силии заруре ё теғи имтиҳоне?
Халқе нишаста ин ҷо бекор то ба гардан.
Ку тоате, ки моро то кӯйи ӯ расонад?
Тасбеҳ то забон аст, зуннор то ба гардан.
Беди баҳори яъсем, аз бебарӣ мапурсед,
Аъзо ба хам шикастем з-ин бор то ба гардан.
Ранги ҳинояш имшаб сайри баҳори нозест,
По бӯсу миннати хун бардор то ба гардан.
З-он ҷуръате ки судам дасте ба теғи нозаш,
Бурдам зи ҳар сарангушт зинҳор то ба гардан.
Чун шуъла бурда будам бар чарх нози тоқат,
Ранги шикастаам кард ҳамвор то ба гардан.
Савдоии ҳавасро кам нест мӯйи сар ҳам,
Бедил, мапеч аз ин беш дастор то ба гардан.

* * *

Аз дида суроғи дили девона талаб кун,
Нақши қадами нашъа зи паймона талаб кун.
Аз паҳлуи дил шуълахироманд нафасҳо,
Эй ашк, ту ҳам оташ аз ин хона талаб кун.
Дилҳо ҳама хилваткадаи ҷилваи ёранд,
Аз ҳар садаф он гавҳари якдона талаб кун.
Тӯфонкадаи ҷӯши муҳит аст сароят,
Аз лафзи худ он маънии бегона талаб кун.
Эй улфати ободии мавҳум ҳиҷобат,
Он ганҷ ниҳон нест, ту вайрона талаб кун.
Умрест, ба ёдаш ҳама тан як дили чокем,
Чун субҳ зи оинаи мо шона талаб кун.
Афсуни равонӣ баладе ҷуръати мо нест,
Ашкем, зи мо лағзиши мастона талаб кун.
Сарҷӯши тамошокадаи маҳфили рангем,
Моро зи ҳамин шишаву паймона талаб кун.
Олам ҳама дар партави як шамъ ниҳон аст,
Ин сурма зи хокистари парвона талаб кун.
Мардӣ зи сару барги ғурур аст буридан,
Гар арра шавӣ, резиши дандона талаб кун.
Бе касби қаноат натавон ёфт дили ҷамъ,
Аз бастани минқори талаб дона талаб кун.
То марг фусуни манумо[462] муфти шунидан,
То хоб зи хешат барад, афсона талаб кун.
Туҳматқафаси улфати вахмест дили мо,
Ин шиша ҳам аз тоқи парихона талаб кун.
Бедил, рақами сафҳаи мо бехабариҳост,
Рав, сархати таҳқиқ зи фарзона талаб кун.

*   *   *

Аз нолаи дили мо то кай рамида рафтан?
З-ин дардманд ҳарфе бояд шунида рафтан.
Бе нашъа зиндагонӣ чандон намак надорад,
Ҳайф аст аз ин харобот май нокашида рафтан.
Оҳанги бенишонӣ з-ин гулситон зарурист,
Роҳи фано чу шабнам бояд ба дида рафтан.
Ҷуръатгари талаб нест бедаступоии мо,
Дорад ба саъйи қотил хуни чакида рафтан.
Чун шуълае, ки охир помоли доғ гардад,
Дар зери по нишастем аз сар кашида рафтан.
З-ин боғ маҳмили мо бар дӯши ноумедист,
Бар омадан набандад ранги парида рафтан.
Аз ваҳшати нафасҳо ку фурсати таммул?
Чун субҳ бояд аз хеш доман начида рафтан.
Бар халқи бебасират то чанд арзи ҷавҳар?
Бояд зи шаҳри кӯрон чун нури дида рафтан.
Ҳамдӯши орзуҳо дил меравад, нафас нест,
Дар ранг реша дорад тухми дамида рафтан.
Қатъи нафас намудем, ҷавлони муддао ку?
Дар хоб ҳам набинад пойи бурида рафтан.
Рафтори соя ҳаргиз вомондане надорад,
Дар манзил аст раҳрав аз орамида рафтан.
Қадди дутои пирист абрӯйи ин ишорат,
К-аз тангнои ҳастӣ бояд хамида рафтан.
Боли фишондаи оҳ бе гарди ҳасрате нест,
Бо оламе зи худ бурд моро ҷарида[463] рафтан.
Таъҷили тифлхӯён сози хатост, Бедил,
Лағзиш ба пеш дорад ашк аз давида рафтан.

*   *   *

Агар муште ғубори худ парешон метавон кардан,
Ба чашми ҳар ду олам нози мижгон метавон кардан.
Матоъи зиндагӣ ҳарчанд меарзад ба бод ин ҷо,
Ба ҳиммат андаке з-ин қимат арзон метавон кардан.
Шаби ҳирмон фурӯ бурдаст исёнгоҳи ҳастиро,
Агар ашке ба дард ояд, чароғон метавон кардан.
Баҳори дастгоҳи шавқу чандин ранги расвоӣ,
Ҷунун муфт аст, агар як нола урён метавон кардан.
Ғубори водии ҳасрат фусурдан барнамедорад,
Ба пойи ҳар кӣ аз худ рафт, ҷавлон метавон кардан.
Агар ҳирси гуҳар доман нагирад қатраи моро,
Бурун з-ин баҳр чандин ранг тӯфон метавон кардан.
Ба ранги шамъ дорам рафтане дар пеш аз ин маҳфил,
Ба по ҷаҳде ки натвонам, ба мижгон метавон кардан.
Ба ваҳшат домани ҳиммат агар як чин баланд афтад,
Ҷаҳонеро ғубори тоқи нисён метавон кардан.
Ба товусӣ наям қонеъ зи гулзори тамошоят,
Маро з-ин бештар ҳам чашми ҳайрон метавон кардан.
Адабгоҳи муҳаббат гар набошад дар назар, Бедил,
Зи шӯри дил ду олам як намакдон метавон кардан.

*   *   *

Агар нола гӯше наяфшорад аз ман,
Нафас сад найистон най анборад[464] аз ман.
Ман он безабонам, ки нашнид дил ҳам
Ҳадиси қабули туам ёрад[465] аз ман.
Вафое ки шуд робити обу гавҳар,
Туро ҳам ҷудо, кош, нагзорад аз ман.
Наям зинда дур аз ту чандон, ки қосид
Дили нозукатро биёзорад аз ман.

Муҳол аст дар ваҳдатободи ҳастӣ,
Ки худро кас ин ҷо ту пиндорад аз ман.
Ба бетобии ашкам, эй ҷилва, раҳме,
Ки гар нест, оина меборад аз ман.
Хами ибрате кардаам гул зи пирӣ,
Ба ин нохун охир кӣ сар хорад аз ман?
Шарорам зи беҳосилӣ чашм дорад,
Ки тухме ба рӯи ҳаво корад аз ман.
Ба сад орзу кушт шуғли дуоям,
Илоҳо, дуо даст бардорад аз ман.
Касе нест, ҷуз фурсати рафта аз каф,
Ки пайғоми ӯ сӯи ман орад аз ман.
Ҷунуне гирифтаст домони ваҳмам,
Маро кист, Бедил, ки водорад аз ман?

* * *

Эй ҳузури мақдамат бар зиндагӣ бурҳони ман,
Мурда будам, зиндаам кардӣ, биё, эй ҷони ман.
Дида бо дидор чун оина аҳде баста буд,
Кардаам забти нафас, то нагсалад паймони ман.
Бо ҳама дурӣ ҳузури қурби нозе доштам,
Бо камоли бехудӣ ғафлат набуд имкони ман.
Ҳар қадам ранге дигар пар мекушуд, огоҳ бош,
Дар тарабгоҳи хиромат гарди болафшони ман.
Пеш меомад ба ҳар ҷо дар раҳат барги гуле,
Бурда буд оинае аз дидаи ҳайрони ман.
Баҳри побӯси ту ҳар ҷо сабзае сар мекашид,
Дошт бо худ нусхае аз ҳасрати мижгони ман.
Ҳар куҷо мехӯрд овозе ба гӯши нозукат,
Бо тапиш сар мекашид он ҷо дили нолони ман.

Аз манозил маънии абёт медодам нишон,
Ҷода ҳам пеши ту сатре буд аз девони ман.
Дар адои шукри Ҳақ, к-аз ҳар чӣ гӯӣ, бартар аст,
То куҷо болад забони оҷизиунвони ман?
Интизорӣ доштам дар гӯшаи вайронае,
Юсуфистон кард фазлат кулбаи аҳзони ман.
Туҳфае мехостам назри хиромат оварам,
Бенавоӣ узри тоқат рехт дар домони ман.
Гавҳари чанде арақ кардам, хиҷолатмоягист
Бар ҷабин афтод аз дасти тиҳӣ товони ман.
Бедил, аз сози дилу дасти тиҳӣ шармандаам,
Ҷуз дуо дигар чӣ ояд аз ману сомони ман?
Бод то маҳшар, ба ҳаққи бедилонат, эй самад,
Дину давлат, фатҳу нусрат вақфи Шокирхони ман.

* * *

Эй ҳоҷатат далели ба идбор[466] зистан,
Иззат куҷост, то натавон хор зистан?
Андешае, ки дар чӣ хаёл уфтодаӣ?
Маҷбури маргу даъвии мухтор зистан.
То кай зи халқ парда ба рӯ афканӣ, чу Хизр?
Мурдан беҳ аз хиҷолати бисёр зистан.
Дар боргоҳи поси адаб ихтирои мост
Бехобию ба сояи девор зистан.
Ғафлатзудост партави андешаи карим,
Ҳайф аст ёди афву гунаҳкор зистан.
Беимтиёз буданат аз марг бадтар аст,
То кай ба қайди сакта чу бемор зистан?
Моро зи фарқ то ба қадам дар ҳино гирифт
Ранги баҳори олами бекор зистан.

Бе дӯст умрҳост дар оташ нишастаем,
Бо ин тааб[467] набуд сазовор зистан.
Зиллаткаши ҳазор хаёлему чора нест,
Лаънат ба вазъи дур зи дилдор зистан!
Охир ба марги зоғу заған кушта халқро,
Дар ҷустуҷӯи луқмаи мурдор зистан.
Аз дарди ноқабулии вазъи нафас мапурс,
Бар дил гарон шудам зи сабуксор[468] зистан.
Бо доғу ашку оҳ ба сар мебарам чу шамъ,
Хуш дорадам ба ин ҳама озор зистан.
Бедил, ман аз вуҷуду адам кардам интихоб
Беихтиёр мурдану ночор зистан.

* * *

Эй хоҷа, худситоии иқбол сар макун,
Бо муфлисон табахтури[469] теъдоди зар макун.
Пеш ой, то ҳақиқати хулқат баён кунам,
Мағзи тамизи пунба наӣ, гӯш кар макун.
Табъи фузул ғарраи парвози худсарист,
Бишкан чу ранг дар худу изҳори пар макун.
Дар бебизоатони тунукмояи ҳавас
Худро ба нози кисапуриҳо самар[470] макун.
Ҷое ки фақр хирқаи инсон даридааст,
Васфи ҷулу ситоиши полони хар макун.
Ашкест ҳар куҷо гираҳи дидаи ятим,
Аз хиҷлат об гарду назар бар гуҳар макун.
Ҳарфи ҳаё даме ки зи аҳбоб бишнавӣ,
Сарбарҳаво чу шамъ ба ҳар сӯ назар макун.
Ҳар ҷо хате ба чашми ту лағзад зи мистаре,
Чун нуқта по зи домани ғайрат бадар макун.
То лукнати такаллуми кас дар хаёли туст,
Шеъре ки сакта дошта бошад, зи бар макун.

Дар маҷмаи ҳузури ту то одами калест;
Гар сар бихорадат, ки ба нохун назар макун.
Минои ихтирои иҳонат[471] ба тоқ неҳ,
Дар пеши шахси ланг раҳи бом сар макун.
Гар рӯзи кас ба шом расонида рӯзгор,
Худро зи дастгоҳи табассум саҳар макун.
Кӯрӣ аз он беҳ аст, ки бинӣ хатои кас,
Кар бошу ҳарфи айб шунидан ҳунар макун.
Пӯшида дор ҷавҳари озодамшрабӣ,
Худро ҳам аз гузаштагии худ хабар макун.
Бедил, бас аст ин қадар андарзи офият,
Дар маҷлисе ки шарм набошад, гузар макун.

* * *

Ба тамошои ин чаман дари мижгон фароз кун[472],
Зи хумистони офият қадаҳе гиру ноз кун.
Машикан ҷоми обрӯ ба тапишҳои орзу,
Араҳи эҳтиёҷро майи минои роз кун.
Саписанд он қадар ситам, ки ба хиссат шавӣ алам[473],
Гираҳи дасту дил зи ҳам мижа бикшову боз кун.
Ба чӣ афсона моилӣ, ки зи таҳқиқ ғофилӣ,
Ту тамошомуқобилӣ, зи хаёл эҳтироз[474] кун.
На зуҳурест, не хафо, на бақоест, не фано,
Ба тахайюли ҳақиқате ки надорӣ, маҷоз кун.
Чу ғубори шикаста дар сари роҳат нишастаам,
Қадаме бар замин гузору маро сарфароз кун.
Ба адои такаллуме, ба фусуни табассуме
Шакареро қивом[475] деҳ, намакеро гудоз кун.
Аташи ҳирс яккалам зи ҷаҳон бурда ранги нам,
Ҳама хок аст об ҳам, ба таяммум намоз кун.

Накунад ришта кӯтаҳӣ, агар аз укда вораҳӣ,
Сарат аз орзу таҳӣ чу шавад, по дароз кун.
Зи фусурдан чу бигзарӣ, шавӣ оинаи парӣ,
Дили сангин гудозу коргаҳи шиша соз кун
Бинишин, Бедил, аз ҳаё паси зонуи хомушӣ,
Нафасе чанд ҳирсро зи талаб бениёз кун.

* * *

Бар шишахонаи дили афсурда санг зан,
Кам нестӣ зи гул, қадаҳеро ба ранг зан.
Чашме ба ваҳшат об деҳ аз боғи эътибор,
Муҳре ту ҳам ба маҳзари доғи паланг зан.
Ранҷи дигар макаш ба камонхонаи сипеҳр,
Ҷои нафас ҳамин пару боли ханданг зан.
Таслими ҳукми ишқ нашояд кам аз сипанд,
Гар худ дар оташат бинишонад, шаланг зан[476].
Амн аст, ҳар куҷо сари таслим раҳбар аст,
З-ин вазъ фол гиру ба коми наҳанг зан.
То кай нафас ба хун кашӣ аз интиқоми хасм?
Теғе ки мезанӣ ба фасонаш, ба занг зан.
Ҳар ғунча з-ин баҳор тилисми шукуфтанист,
Эй ғофил аз тараб, дари дилҳои танг зан.
Хулду ҷаҳим чанд кунад ғофил аз худат?
Оташ ба коргоҳи хаёлоти банг зан.
Ҳиммат раҳини[477] машраби тағйири ҳиҷлат аст,
Дар домане ки чин назанад даст, чанг зан.
Хумхонаҳо ба гардиши чашмат намерасад,
Имшаб муҳаррафе ба димоғи Фаранг зан,
Бедил, шикасти шишаи дил низ оламест,
Този ҷунун куну қадаҳе дар таранг[478] зан.

* * *

Бастаам чашми умед аз улфати аҳли ҷаҳон,
Кардаам пайдо чу гавҳар дар дили дарё карон[479].
Баски пастӣ дар камин дорад бинои эътибор,
Баъд аз ин деворҳо бесоя хоҳад шуд аён.
Аз таҷаммул сифларо сози бузургӣ мушкил аст,
Хок аз сомони болидан нагардад осмон.
Эй таманноят хаёландеши тасвири муҳол,
Сайри худ кун, дигар аз анқо чӣ меҷӯӣ нишон?
Норасоӣ ҷодаи сарманзили ҷамъият аст,
Аз шикасти бол меболад ҳузури ошён.
Ҷуз таҳайюр аз ҷунуни мо сияҳбахтон махоҳ,
Ҳалқаи занҷири гесӯ барнамедорад фиғон.
Ошиқ аз аҳли ҳавас дар сабр дорад имтиёз,
Кардаанд оинаву шабнам ба ҳайрат имтиҳон.
Рафтагон, ё Раб, чӣ сомон доштанд аз дарду доғ?
К-ин замонам медиҳад оташ суроғи корвон.
Айшҳо дорад адамфарсоии аҷзои ман,
Ҷӯши маҳтоб аст, ҳар ҷо пунба шуд тори катон.
Кӯшиши гардун илоҷи бебариҳоям накард,
Мушкил аст аз сарв гул чидан ба саъйи боғбон.
Дар фазои дил мақоми иззату хорӣ якест,
Нест садри хонаи оина ғайр аз остон.
Беривоҷиҳои арзи эҳтиёҷам доғ кард,
Обрӯ чандон ки мерезам, намегардад равон.
Субҳи ин ҳангомаӣ, аз сайри худ ғофил мабош,
Як нафас пайдоият аз оламе дорад нишон.
Чашми ӯро нест, Бедил, серӣ аз хун рехтан,
Ҷоми май аз бодапаймоӣ нагардад саргарон.

* * *

Ба кунҷи абруи дилдор холи фитнакамин
Сиёҳпӯш сияҳхонаест гӯшанишин.
Чу соя ҷазбаи хуршеди ӯ саропоям
Чунон рабуд, ки нагзошт саҷдаам ба ҷабин.
Суроғи мардумак аз чашми мо магиру мапурс,
Хаёли холи сиёҳи ту кардааст камин.
Ҳавои гулшани ёди туро баҳоре ҳаст,
К-аз ӯ чу шуъла тавон кард нолаҳо рангин.
Чу субҳ аз дами теғи ту пой то ба сарам
Ҷароҳатест, ки дорад табассуме намакин.
Ба шуълакории ғайрат[480] ҳазор дӯзах нест,
Ба сӯзи ҳастии ман ё ба сӯи ғайр мабин.
Ба ҷилваат рагигулдастабанди мижгонам,
Баҳор мечакад ин ҷо зи домани гулчин.
Зи бас ба ҳасрати ранги ҳино гудохтаам,
Зи хоки ман кафи пои ту мешавад рангин.
Ҳуҷуми ҳайратам аз нақши пои худ дарёб,
Ту мехиромию ман нақш бастаам ба замин.
Чу кӯҳ ғайри замингириям илоҷе нест.
Шикаст дар раҳи ман шишаҳо дили сангин.
Тапидан аз чӣ ҷарас вом боядам кардан?
Нафас надораму дил нола мекунад талқин.
Зи сар барор ҳавоҳои офиятталабӣ,
Ба оламе ки манам, соя нест соянишин,
Дар ин ҳадиқа сару барги хоби ноз кирост?
Баҳор ҳам зи пари ранг мекунад болин.
Баҳори лолаи ин боғ дидаӣ, Бедил,
Ту ҳам ба хотами дил доғ неҳ ба ҷои нигин.

*   *   *

Бигзашт зи хокам бути гулпираҳани ман,
Чун субҳ нафас ҷома дарид аз кафани ман.
Ёди нигаҳаш баски ба таҷдиди ҷунун зад,
Шуд чашми парӣ бахяи далқи куҳани ман.
Ё Раб, зи назарҳо ба чӣ найранг ниҳон монд
Барқи ду ҷаҳон-шамъи қиёматлагани[481] ман?
Бар ваҳшатам афсуни қиёмат натавон хонд,
Бе шуғли сафар нест чу киштӣ ватани ман.
То теғи ту шуд моили андози ишорат,
Гардан ҳама ҷо руст чу мӯ аз бадани ман.
Ранге нанамудам зи баҳорат, чӣ тавон кард?
Ҳайронаму оинагарӣ нест фани ман.
Шамъи саҳарам, пириям афсуни тасаллист,
Хоҳад мижа хобонд кунун пар задани ман.
Гуфтанд: Дар ин базм сазовори адаб кист?
Гуфтам: Нигаҳи кори баибратфикани ман.
Умрест тамошоии сайри дили тангам,
Дар ғунча шикастаст димоғи чамани ман.
Фикрам ба ҳарифон раги хомӣ написандид,
Шуд пухта ҷаҳоне зи нафас сӯхтани ман.
Як дил гуҳари риштаи афкор кафоф[482] аст,
Гӯ, пойи харе чанд набандад расани ман.
Ҷуз мубтазале[483] чанд, ки ом аст дар ин аср,
Бедил, нарасидаст ба ёрон сухани ман.

*   *   *

Бе сайри ибрате нест тарки ҳаё накардан,
Чизе ба пеш дорад сар бар ҳаво накардан.
Ҳангомаи руунат мандеш хосаи шамъ,
Дар ҳар сар оташе ҳаст то нақши по накардан.

Оинаи ҳузурем, аммо чӣ метавон кард?
Шармат ба дидаи мо зад қуфли во накардан.
Дар боргоҳи икром маснӯъи[484] беяқинист
Бо як ҷаҳон иҷобат ғайр аз дуо накардан.
Аз шӯхчашмии мо он ҷилва монд маҳҷуб,
Дод аз ҷунуннигоҳӣ, оҳ аз ҳаё накардан!
Ҳарчанд ранги нозат машшотаи ғано буд,
Бар хуни мо ситам кард ёди ҳино накардан.
Ҳайф аст, маҳрами баҳр бар мавҷ хурда гирад,
Бо халқ беҳаёист шарм аз Худо накардан.
Қулқулнавост мино, эй соқиён, сафире,
Бар ранги рафтаи мо то кай садо накардан?
Васли гуҳар дар ин баҳр мавқуфи беталошист,
Эй мавҷ, маслаҳат нест тарки шино накардан.
Накди ғаноими умр воҷустам аз рафиқон,
Гуфтанд: Домани ҳам аз каф раҳо накардан.
Анҷоми кор чун мавҷ манзури ҳеҷ кас нест,
Умрест, меравад пеш рӯ бар қафо накардан.
Маҳҷуби гуфтугӯем, маъзури ҷустуҷӯем,
Гуфтори мо хамӯшист, кирдори мо накардан.
Бедил, ғами алоиқ ҳайф аст бори дӯшат,
Сар нест ин, ки бояд аз сар ҷудо накардан.

*   *   *

Пур малоф аз ҷавҳари борикбинӣ доштан,
Сурма мехоҳад забони мӯйи чинӣ доштан.
Хуфта чандин мулки Ҷам дар ҳалқаи таслими факр,
Хотаме дорад ҷаҳони бинигинӣ доштан.
Ҳиммат аз дарюзаи илму ҳунар ворастан аст,
Ноз кун хирман зи нанги хӯшачинӣ доштан.

Бе мижа бастан раҳоӣ нест з-ин ошӯбгоҳ,
Чун нигаҳ то кай ғами ибраткаминӣ доштан?
Он қадар к-аз фикри истиғно бурун ой, бас аст,
То куҷо хоҳӣ димоғи нозанинӣ доштан?
Шуъларо гуфтам: Сарат помоли хокистар кӣ кард?
Гуфт: Савдои руунатофаринӣ доштан.
То саводи килки тақдир андаке равшан шавад,
Сурма гир аз чашм бар хатти ҷабинӣ доштан.
Бениёзоне, ки по бар авҷи иззат судаанд,
Ҷастаанд аз пастии болонишинӣ доштан.
Қайди ҷисм, он гаҳ димоғи бениёзӣ, шарм дор,
Осмон болидану гарди заминӣ доштан?
Бӯйи ин гулшан ҳам аз ғавғои зоғон нест кам,
Пунбаи гӯш андаке бояд ба бинӣ доштан.
Гар ба лафзу маънии афкори Бедил ворасӣ,
Тарк кун андешаи сеҳрофаринӣ доштан.

* * *

Ҷое ки бувад пешбарӣ пеш набурдан,
Муфти ту, агар пеш барӣ пеш набурдан.
То чанд тавон зист ба афсуни руунат
Макрӯҳтар аз саҷда ба ҳар кеш набурдан?
Эй шайх, ту дар кашмакашию на биҳиштест,
Аз шона қиёмат ба сари риш набурдан.
Анбӯҳии мӯ нисбати танзеҳ надорад,
Ҳукм аст ба фирдавс бузу меш набурдан.
Баргаштани мижгони бутон қосиди нозест,
Зулм аст навиде ба дили реш набурдан.
Дардо, ки дил огаҳ нашуд аз лаззати дарде,
Хун мехурам аз обила бар неш набурдан.

Соқӣ, хати паймона наям, ҳавсала то чанд?
Ҳайф аст ба мавҷи майам аз хеш набурдан.
Ҷуз дар сухани беғаразӣ рост наёяд,
Бар халқ ситамномаи ташвиш набурдан.
Бедил, ҳама дам мазраи иқболи каримон
Сабз аст зи оби рухи дарвеш набурдан.

* * *

Чӣ бувад сарукори ғалатсабақон?
Дари илму амал ба фасона задан,
Зи ғурури далоиили бехирадӣ ҳама тири хато ба нишона задан.
Мижае зи таваққуъи кори ҷаҳон ба ҳам ору
ғубори ҳавас бинишон,
Ба кушудани чашми тамаъ натавон сафи ҳалқа
ба ҳар дари хона задан.
Ақаботи ҷаҳаннаму ранҷи абад нарасад
ба азоби нифоқу ҳасад,
Ту амон талаб аз дари хулд, даро ба тағофул
аз аҳли замона задан.
Табу тоби қиёмату ғулғули он ба хаёл раҳо куну қисса махон,
Ҳазар аз нафасе, ки дар аҳли замон расад
оташи дил ба забона задан.
Зи мизоҷи ҷаҳони ғурури нафас ғалат аст
нишондани ҷӯши ҳавас,
Ки зи мазраи фитна нумӯ набарад сару гардани
хӯшаву дона задан.
Дили ошиқу аҷзи мизоҷи гадо, сари ҳусну
ғурури димоғи ҷафо,
Ману оинадории арзи вафо, туву турраи арбада шона задан.
Агарам ба фалак талабад зи замин вагарам
ба замин фиканад зи фалак,

Ба қабули итоати ҳукми қазо натавон дари узру баҳона задан.
Ҳама гар такутози ҷунунталабӣ кашадат
ба вусули бисоти ғано,
Чу табиати мавҷи гуҳар насазад зи муҳити адаб
ба карона задан.
Ба димоғи таайюни нози бутон зи харобии
Бедили мо чӣ зиён?
Ки ба кулфати табъи ғанӣ назанад ғами пина
ба далқи гадо назадан.

* * *

Чист мурдан? Мунфаил аз ҳастии козиб шудан,
Майкашӣ кардан ду рӯзе, баъд аз он тоиб[485] шудан.
Одамиро то фано бояд муриди ваҳм зист,
Ҳар чӣ бинад ҳирс, маҷбур аст дар толиб шудан.
Дарди сар бисёр дорад олами савту садо,
Сурма ногардида натвон бар сухан ғолиб шудан.
Бенишонӣ ҳам ба пеши халқ номе доштаст,
Нест з-ин ҷо, гар ҳама анқо шавӣ, ғоиб шудан.
Зиндагӣ шавқ аст, аз хавфу раҷо[486] озод бош,
Маҳрами ислом напсандад ба худ роҳиб[487] шудан.
Сарнавишти ҳастӣ аз идроки мо пӯшидаанд,
То куҷо хоҳӣ хати мавҳумро котиб шудан?
Нисбати итлоқ бо тақйид пурсидам зи ишқ,
Гуфт: Мумкин нест мумкин[488] низ бе воҷиб шудан.
З-ин сафопардозӣ, эй оина, зангорат хуш аст,
Муддао таҳқиқ, он гаҳ аксро ҷозиб шудан.
Даъвӣ осон кард, Бедил, пеши мавзунони Ҳинд
Мисраи чанде фароҳам кардану Соиб шудан.

*  *  *

Хоҳ ғафлатпешагӣ кун, хоҳ огоҳӣ гузин,
Эй адамфурсат, ду рӯзӣ, ҳар чӣ мехоҳӣ, гузин.
Зарра то хуршеди имкон гарми аз худ рафтан аст,
Як қадам, бо ҳар чӣ ҷӯшад шавқ, ҳамроҳӣ гузин.
Ҳар қадар ғафлат фузунтар, лофи ҳастӣ бештар,
Эй тилисми хоб, аз ин афсона кӯтоҳӣ гузин.
Чанд дар оташ нишонандат ба афсуни ғурур?
Ихтисори ноз чун шамъи саҳаргоҳӣ гузин.
Дастгоҳи мушти хоке нотавон пайдост, чист?
Эй ғуборат рафта бар бод, осмонҷоҳӣ гузин.
Ҳеҷ кас худро намехоҳад ғуборолуди аҷз,
Эй гадо, гар ихтиёре бошадат, шоҳӣ гузин.
Партави шамъи ҳидоят дар камини ғафлат аст,
Хизр агар з-ин дашт матлуб аст, гумроҳӣ гузин.
Ҷоҳ агар болад, ҳамин шоҳист авҷи иззаташ,
Аз камоли факр бош огоҳ, аллоҳӣ гузин.
Ҳар ду олам шӯхии пасту баланди нози ӯст,
Гар нигаҳ қосир набошад, моҳ то моҳӣ гузин.
Дар тамошогоҳи ҳастӣ кӯр натвон зистан,
Маҳрами он ҷилва шав ё марги ногоҳӣ гузин.
Эътиборандешаӣ, Бедил, надомат соз кун,
Шамъи маҳфил будан осон нест, ҷонкоҳӣ гузин.

*  *  *

Даҳр тӯфон дорад аз табъи ҷунунпаймои ман,
Қулқуле duzдидааст ин баҳр аз минои ман.
Нест холӣ як кафи хок аз ғубори ваҳшатам,
Чун нафас меҷӯшад аз ҳар дил тапиданҳои ман.
Ғунчаро ҷуз шӯхии ранг офате дар бор нест,
Худнамоӣ медиҳад охир ба бод аҷзои ман.

Ҳар нафас к-аз дил кашидам, хомушӣ афшонд бол,
Мезанад мавҷ аз забони моҳиён дарёи ман.
Баски афшурдам қадам дар хоки роҳи нестӣ,
Ҳамчу шамъ охир сари ман гашт нақши пои ман.
Софии дил дар ғубори арзи истеъдод рафт,
Мавҷи май шуд ҷавҳари оинаи минои ман.
Роҳи аз худ рафтанам аз шамъ ҳам равшантар аст,
Ҷодапарвоз аст барқи нола дар саҳрои ман.
Ҳусн ҳар ҷо ҷилвагар шуд, ишқ меояд бурун,
Арзи Маҷнун медиҳад оинаи Лайлои ман.
То қиёмат боядам саргаштаи парвоз буд,
Дом дорад бар ҳаво сайёди бепарвои ман.
Ҳамчу барқ оғӯше аз ваҳшат муҳайё кардаам,
Тӯли сад уқбо амал сарф аст бар паҳнои ман.
Пардаи таҳқиқ, Бедил, то куҷо хоҳӣ шикофт?
Оламе дорад ниҳон кайфияти пайдои ман.

* * *

Дар шиква софдил надиҳад рухсати забон,
Занҷирии ҳаёст ба мавҷи гуҳар фиғон.
Сунбул асири зулфи туро доми ваҳшат аст,
Афъигазида мерамад аз шакли ресмон.
Дар олами хаёли баҳори табассумат
Гулро чу шабнам об шавад ханда дар даҳон.
Кулфатшикори ғайратам аз оҳи беасар,
Бар дил расад, чу тир хато гардад аз нишон.
Чун шамъ баски дар таби ишқат гудохтам,
Маҳмил кашид бар сари табхолам устухон.
Не оби Хизр дораму не чашмаи ҳаёт,
Умрест мехурам дами шамшер чун фасон.

Дар роҳи интизори касе хок гаштаам,
Муште ғубори ман ба саломи чаман расон.
Чун субҳ занги оинаи ҳеҷ кас наям,
Гардун маро ба бенафасӣ кард имтиҳон.
Аз гуфтугӯ талоши ситампеша равшан аст,
Гоҳи хироми тир нафас мезанад камон.
Танҳо на осмон сари таслимҷустуҷӯст,
Афкандааст хок ҳам аз бехудӣ инон.
Бунёди даҳр оинадори сабот нест,
Яксар ғубори гардиши ранг аст осмон.
Найранги эътибори вуҷуду адам туӣ,
Манзил куҷост, гар набувад ҷода дар миён?
Бигзар зи сарбаландии иқболи ин бисот,
То обрӯ чу шамъ нарезӣ ба новдон.
Ҳарчанд дастгоҳ бувад беш, ҳирс беш,
Аз мавҷи баҳр ташналабӣ мекашад забон.
Бедил, зи баҳр миннати соҳил кӣ мекашад?
Бар ҳайратест завраќи мо – бехудон равон.

* * *

Дарси камоли худ гир аз нола сар кашидан,
То барнаёӣ аз хеш, натвон ба худ расидан.
Хубӣ яке ҳазор аст аз шеваи тавозуъ,
Абрӯйи ноз гардад шохи гул аз хамидан.
То гӯш метавон шуд, натвон ҳама забон шуд,
Нуқсон намефурӯшад сармояи шунидан.
Эй рамзиҷилвафаҳмон, ғофил зи дил мабошед,
Кӯрию зиштрӯист оинаро надидан.
Ҷуз аҷз саъйи ноқис чизе намебарад пеш,
Афтодан аст чун ашк атфолро давидан.

Фақру ҳузури тамкин, ҷоҳу ҳазор хиффат,
Аз баҳр беқарорӣ, аз соҳил орамидан.
Ҳайф аст, маҳрами дил гардад фасонамоил,
Оина дар муқобил он гаҳ нафас кашидан.
Аз теғи марг ушшоқ ранги бақо набозанд,
Умри дубора гиранд чун нохун аз буридан.
То ҷилва кард шӯхӣ, ҳуснат дари арақ зад,
Дорад ҳаё ба ин ранг оина офаридан.
Сайди каманди аҷзам, сомони ваҳшатам ку?
Ранги шикаста дорад сад ранг дом чидан.
Товуси ин баҳорам, соғаркаши хуморам,
Дар роҳи интизорам сад чашму як паридан.
Гар ҳастиям ба ин ранг маҳҷуби худнамоист,
Оина барнаёрад тасвирам аз кашидан.
Чун тухми ашк, Бедил, навмедиобёрам,
Бе барг аз ин гулистон мебоядам дамидан.

*   *   *

Дасти ҷуръат дидам охир муғтанам дар остин,
Ҳамчу шамъи кушта хобондам алам[489] дар остин.
Бо ҳама улфат чу мавҷ аз якдигар паҳлӯтиҳист,
Оламе з-ин баҳр ҷӯшидаст рам дар остин.
Ботини ин халқи кофаркеш бо зоҳир масанҷ,
Ҷумла Қуръон дар каноранду санам дар остин.
Доманафшон боядат чун мавҷ аз ин дарё гузашт,
Чанд чун гирдоб бандӣ печухам дар остин?
Шавқи бетобем, моро раҳбаре даркор нест,
Ашк ҳар ҷо сар кашад, дорад қадам дар остин.
Гар тааммул парда бардорад зи рӯйи ин бисот,
Ҳар кафи хокест чандин ҷоми Ҷам дар остин.

Дам задан шӯри қиёмат, хомушӣ ҳашри хаёл,
Як нафас созу ду олам зеру бам дар остин.
Панҷаи қудрат раҳини боддастиҳо[490] хуш аст,
То ба афсурдан нагардад муттаҳам дар остин.
Дар ҷунун ҳам дастгоҳи кулфати мо кам нашуд,
Нола урён асту дорад сад алам[491] дар остин.
Даъвии козиб гувоҳ аз хеш пайдо мекунад,
Чун забон шуд ҳарзагӯ, дорад қасам дар остин.
Саркашӣ дар тангдастиҳо мудоро мешавад,
Судан аст ангуштҳоро сар ба ҳам дар остин.
Баски, Бедил, ом шуд ифлос дар айёми мо,
Нақши нохун ҳам намебандад дирам дар остин.

* * *

З-он тағофулгар чаро ношод бояд зистан?
Эй фаромӯшон, ба завқи ёд бояд зистан.
Булбулон, не улфати дом аст ин ҷо, не қафас,
Бар муроди хотири сайёд бояд зистан.
Ман намегӯям, ба куллӣ аз тааллуқҳо баро,
Андаке з-ин дарди сар озод бояд зистан.
Хоҳ дар дӯзах ватан кун, хоҳ бо фирдавс соз,
Офият ҳар ҷо набошад, ёд бояд зистан.
Чун сипандам умрҳо дар кисвати афсурдагӣ,
Бар умеди як тапиш фарёд бояд зистан.
Нест з-ин душвортар ҷаҳде, ки моро то фано
Сулҳкори олами аздод бояд зистан.
Зиндагӣ дар гардан афтодаст, ёрон, чора чист?
Чанд рӯзе, ҳар чӣ бодо, бод, бояд зистан.
Мавҷи гавҳар дар қаноатгоҳи қисмат хушк нест,
Тардимоғи шарми истеъдод бояд зистан.

Ҳар сари мӯят хами таслими чандин ҷонканист,
Бо ҳазорон теша як Фарҳод бояд зистан.
Бедил, ин ҳастӣ намесозад ба ташвиши нафас,
Шамъро то кай ба роҳи бод бояд зистан?

* * *

Сари турраe ба ҳаво фишон, Хутане зи мушки тар офарин.
Мижае бар оина боз кун, гули оламе дигар офарин.
Зи саҳоби ин чаманам магӯ, бигузар зи ишваи рангу бӯ,
Ба ту илтимосии гиряам, ду-се ханда гул ба сар офарин.
Сари зулфи арбада шона кун, нигаҳе ба фитна фасона кун,
Равише ҷунуни баҳона кун, зи ғубори ман саҳар офарин.
Зи ҳузури ишрати бешу кам на биҳишт хоҳаму не Ирам,
Ба хаёли доғи ту қонеъам, ту барои ман ҷигар офарин.
Ба камоли холиқи инсу ҷон на замин расиду на осмон,
Ба садаф касе чӣ диҳад нишон зи ҳақиқати гуҳарофарин?
Ҳазар аз фузулии ваҳму зан, «ту» чӣ мекунад ба ҷаҳони «ман»?
Дари аҳволӣ ба ҳавас мазан, зи ду чашм як назар офарин.
Манишин чу матлаби дигарон ба ғубори миннати қосидон,
Рақами ҳақиқати ранг шав, зи шикасти нома пар офарин.
Чаманест олами бебарӣ зи тарабшикории офият,
Чу чанор рав, зи кафи тиҳӣ ҳама баҳла бар камар офарин.
Сарубарги роҳати ин чаман ба хаёли мо накунад ватан,
Чу ғубори намзада, гӯ, фалак, сари мо ба зери пар офарин.
Ба каломи Бедил агар расӣ, магузар зи ҷодаи мунсифӣ,
Ки касе наметалабад зи ту силае дигар, магар офарин.

* * *

Субҳи кишвари Майвот ёсаминбаҳор аст ин,
Бӯи ноз меояд, ҷилвагоҳи ёр аст ин.
Нашъа авҷҳо дорад, айш фавҷҳо дорад,
Ишқ мавҷҳо дорад, баҳри беканор аст ин.
Абри шавқ меборад, сабза ҳусн мекорад,
Санг ҳам диле дорад, турфа кӯҳсор аст ин.
Гар гул аз чаман рӯяд ё нафас суман бӯяд,
Дил ба дида мегӯяд: ранги он нигор аст ин.
Хуррамӣ чаманпиросӣ, ҷӯши гул қадаҳпаймост,
Рангу бӯ ҳамон барҷост, бехазонбаҳор аст ин.
Нақши гавҳари комил кист, то кунад ботил?
Ин чароғу ин маҳфил фазли кирдгор аст ин.
Коми дил гули доман, орзу тарабхирман,
Чашми бедилон равшан, музди интизор аст ин.

* * *

Ғанимат гир чун оина маҳви шони худ будан,
Ҷаҳонеро тамошо кардану ҳайрони худ будан.
Чи саҳрову чи гулшан, гар таамmул раҳбарат гардад,
Саломат нест ғайр аз пой дар домони худ будан.
Зи ташвиши ду олам чашмзахм озод мебошад
Таҳи як пираҳан аз пайкари урёни худ будан.
Ду дам шуғли маосӣ интизори раҳмате дорад,
Ки бояд то абад шармандаи эҳсони худ будан.
Ту маҳрамнашъаи фурсатшиносӣ нестӣ, варна,
Ба сад фирдавс дорад ноз дар зиндони худ будан.
Хаёли сидраву тӯбо[492] ниёзи токи нисён кун,
Нигоҳе боядат дар сояи мижгони худ будан.
Ризои хотири фурсат зарур афтодааст ин ҷо,
Ба ҳар тақдир, бояд ходими меҳмони худ будан.

Камони қабзаи асрори яктоӣ ба зеҳ дорад
Муқими гӯшаи таҳқиқ дар майдони худ будан.
Яқинро шубҳа диди, огаҳиро ҷаҳл фаҳмиди,
Худоӣ дод аз каф мункири фармони худ будан.
Вуҷуб оинаи худ низ ҷуз пеши ту нагзорад,
Замоне гар тавонӣ маҳрами имкони худ будан.
Ба гирди хеш мегардад сипеҳру нозҳо дорад,
Ки то ҳастист, мебояд ҳамин қурбони худ будан.
Табассумворе аз ахлоқ мехоҳад вафо Бедил,
Намак дорад ҳамин миқдор шӯри хони худ будан.

* * *

Гар ба хуни муштоқон теғи ӯ кашад гардан,
То қиёмат аз сарҳо ҷойи мӯ дамад гардан.
Мавҷҳо нафас дуздид, то гуҳар ба арз омад,
Кардаам саре таъмир аз шикасти сад гардан.
Ҳирси афсаророӣ сар ба санг мекӯбад,
Саҷда муфти роҳатҳо, гар кунад мадад гардан.
Ҳар чӣ дорад ин мазраъ, баргу сози таслим аст,
Тухм медамонад сар, реша медавад гардан.
Интихоби ин маслах қитъаҳои ҳамворест,
Пушту сина то бошад, кас намехарад гардан.
Коргоҳи истеъдод мекунад чиҳо эҷод?!
Хок ҷабҳа мебандад, шуъла мекашад гардан.
Зоҳид, аз чунин дастор дасти офият бардор,
Хоҳадат шикаст охир зери ин сабад гардан.
Эй ваболи пайдоӣ, ҳастӣ асту расвоӣ,
Аз ту чанд бардорад бори неку бад гардан?
Роҳи офият пӯйӣ, рахши худсарӣ пай кун[493],
Манзилат сари дор аст, гар шавад балад гардан.

Гул қиёмати чидан дар шукуфтагӣ дорад,
Ғунча гарду эмин бош, ханда мезанад гардан.
Саркашон дами ифлос рӯ ба накши по доранд,
Ҳар қадар тиҳӣ гардад, шиша хам кунад гардан.
Халқ мекашад яксар ранҷ дархури тоқат,
То саре зи дӯш афтад, кош, бишканад гардан.
Хоки мо сари мӯе аз замин намеболид,
Ё Раб, аз куҷо овард ин ҳазор қад гардан?
Теғ бар каф истодаст сарсари аҷал, Бедил,
Ҳамчу шамъ дар ҳар ҷо сар баровwarad гардан.

* * *

Мунфаили хулқро нози санам доштан,
Зангию бо он ҷамол оина ҳам доштан.
Хок хӯрӣ, хуштар аст з-ин ҳама танпарварӣ,
То ба кай анбонсифат ҳалқу шикам доштан?
Мешиканад сад кулоҳ[494] бар фалаки эътибор,
Сӯйи адабгоҳи хок як мижа хам доштан.
Чӯб ба карбос печ, тосею чармею ҳеч,
Нест ҷуз ин дастгоҳ таблу алам доштан.
Коргаҳи ҳайратӣ, варна, кӣ дорад гумон,
Дил ба бару ҳасрати дайру ҳарам доштан?
Гар талаби офият домани ҷаҳдат кашад,
Обилаворе хуш аст поси қадам доштан.
Маҳрамии вазъи даҳр бе араќи шарм нест,
Оина сайқал задаст ҷабҳа зи нам доштан.
Меҳри азал шомил аст бо ҳама зарроти кавн,
Нанги карамгустарист илми карам доштан.
Бар рухи мо бофтанд пардаи тасвири субҳ
Дам задани мо нахост шарми адам доштан.

Васвасаи вазъи шамъ доғи дили кас мабод,
Сӯхтам аз гиряву ханда ба ҳам доштан.
Оҳ, сарубарги мо сӯхт ғами оқибат,
Муҳлати айше надод мотами ҳам доштан.
Эй ҳавасандӯзи амн, ҷамъи зар офат шинос,
Хасми сари нохун аст шакли дирам доштан.
Бедил, аз уммеди хулд қатъи тавахҳум хуш аст,
Ҷуз дили осуда нест боғи Ирам доштан.

* * *

Меравам ҳар ҷо ба завқи офият андӯхтан,
Ҳамчу шамъам зоди роҳе нест ғайр аз сӯхтан.
Захми дил аз чораҷӯиҳои мо бепарда шуд,
Ин гиребон сахт расвоӣ кашид аз дӯхтан.
Шуъла гар соғар занад, аз паҳлуи хору хас аст,
Беш аз ин рӯи сияҳ натвон ба зулм афрӯхтан.
Ин чаман гар ҳосиле дорад, ҳамон дасти тиҳист,
То ба кай чун ғунча хоҳӣ рангу бӯ андӯхтан?
Дил агар арзад ба доғе, муфти савдои вафост,
Юсуфи мо мунфаил мегардад аз нафрӯхтан.
Ҷода гар печад ба хеш, оинадори манзил аст,
Мекунад шамъи бисоти дил нафасро сӯхтан.
Тору пуди ҳастии мо нест бе пайванди чок,
Хирқаи субҳем, бар мо чашм натвон дӯхтан.
Изтиробам оламеро кард помоли ғубор,
Хоки Маҷнунро намебоист ваҷд омӯхтан.
Бе ту бояд сӯхт Бедилро, ба ҳар ранге ки ҳаст,
Доғи дил гар нест, оташ метавон афрӯхтан.

*  *  *

Мавҷи хунам ҳар қадар тӯфоннамо хоҳад шудан,
Ҳаққи шамшери ту рангинтар адо хоҳад шудан.
Умрҳо шуд, дар таманнои хиромат мурдаам,
Хоки ман оинаи оби бақо хоҳад шудан.
Аз тағофул чанд бандӣ парда бар рӯйи баҳор?
Чашм во кун, ғунчаи бодом во хоҳад шудан.
Дар дами мурдан маро бар зиндагӣ афсӯс нест,
Ҳайфи домонат, ки аз дастам раҳо хоҳад шудан.
Дар камини шуълаи ҳар шамъ доғе хуфтааст,
Ҳар куҷо тоҷест, охир нақши по хоҳад шудан.
Бе талофӣ[495] нест шавқам дар такопӯйи висол,
Даст агар кӯтоҳ шуд, оҳам расо хоҳад шудан.
Нашъаи обу гили шӯхибинои ваҳшатем,
Домане гар бишканӣ, таъмири мо хоҳад шудан.
Дар биёбоне, ки дил менолад аз бори ғамат,
Гар ҳама кӯҳ аст, помоли садо хоҳад шудан.
Пухтагон яксар кабоби интизори хомиянд,
Интиҳои ҳар чӣ дидӣ, ибтидо хоҳад шудан.
Гар ба ин афсурдагӣ ҷӯшад ҷунуни эътибор,
Баҳрро мавҷи гуҳар занҷири по хоҳад шудан.
Ҷодаи сарманзили таҳқиқи мо пӯшида нест,
Нақши по то хок гаштан раҳнамо хоҳад шудан.
Дурӣ аз дилдор нанги иттиҳоди маънавист,
Мавҷи мо бо гавҳар аз гавҳар ҷудо хоҳад шудан.
Сурмаи саднаргисистонибрат аст аҷзои мо,
Хок агар гардем, чандин чашм во хоҳад шудан.
Нестам, Бедил, чу тухм аз хоксорӣ ноумед,
Охир ин афтодагиҳоям асо хоҳад шудан.

*   *   *

Ворастагӣ зи ҳусни дигар медиҳад нишон,
Олам ғубори домани нозест парфишон.
Мурдему ҳамчунон хамупечи ҳавас баҷост,
Аз сӯхтан нарафт бурун тоби ресмон.
Бар зулм чидаанд каҷон дастгоҳи умр,
Дорад зи тир омадурафти нафас камон.
Бемағз ҷуз шикаст зи давлат намекашад,
Аз сояи ҳумо чӣ барад баҳра устухон?
Дил маҳви ғафлату нафасе дар миёна нест,
Ман монда сар ба хобу зи худ рафта корвон.
Заъфам расондааст ба ҷое, ки чун садо
Оина ҳам надод зи тимсоли ман нишон.
Ҳастӣ ба ғайри пардаи рӯйи фано набуд,
Равшан шуд ин матоъ ба барчидани дукон.
Ошиқ куҷову орзуи хонумон куҷо?
Парвона дар камини фано дорад ошён.
Парвози бандагӣ ба худоӣ намерасад,
Эй хок, хок бош, баланд аст осмон.
Навмедам он қадар, ки агар бисмилам кунанд,
Ранги шикаста мешавад аз хуни ман равон.
Овораи сароби шуурему чора нест,
Эй бехудӣ, қадам зану моро ба мо расон.
Аз дарди ишқ шикваи аҳли ҳавас баҷост,
Бедил, зи шуъла ҳезуми тар нест бефиғон.

*   *   *

Ҳамъинони оҳам, ошӯби ҷаҳон хоҳам шудан,
Пайрави ашкам, муҳите бекарон хоҳам шудан.
Дил зи найранги тағофулҳои ӯ маъюс нест,
Ноз мегӯяд, ки охир меҳрубон хоҳам шудан.

Чун саҳар захмам суфоришномаи гулзори ӯст,
Қосиди хун гар набошад, худ равон хоҳам шудан.
Наргисашро гар чунин бо тирарӯзон улфат аст,
Баъд аз ин чун мардумак як сурмадон хоҳам шудан.
Пеши хуршедаш маро аз субҳ будан чора нест,
Ҳар куҷо ӯ моҳ бошад, ман катон хоҳам шуд.
Ман, ки аз худ рафтанам душвор меояд ба чашм,
Маҳрами тарзи хироми ӯ чӣ сон хоҳам шудан?
Дастгоҳи нотавонон ҷуз тазаллум ҳеҷ нест,
Чун нафас бар хеш агар болам, фиғон хоҳам шудам.
Бедимоғи фурсатам, савдоии иқбол кист?
То ҳумоояд ба парвоз, устухон хоҳам шуман.
Хонаи ҷамъиятам бе офати васвос нест,
То куҷоҳо хоби чашми посбон хоҳам шудан?
Мекашам умрест, Бедил, хиҷлати нашвунумо,
Дар арақ монанди шамъ охир ниҳон хоҳам шудан.

* * *

Ёди абрӯи каҷе зад ба дили мо нохун,
Мавҷ шуд баҳри ҷигаркovии дарё нохун.
Саъйи тардастии мутриб чӣ қадар пурзӯр аст,
Мешикофад ҷигари санг дар ин ҷо нохун.
Ғунчае нест, ки авроқи гулаш дар бар нест,
Ҳар гиреҳрост ба сад ранг муҳайё нохун.
Сурати қадди дуто ҳалли муаммои фаност,
Уқда боз аст кунун, кардаам иншо нохун.
Бетамизон ҳама ҷо қобили беруни даранд,
Барканор аст зи ҳангомаи аъзо нохун.
Худсариҳо чӣ қадар ҳарзаталош аст ин ҷо,
Медавад рӯ ба ҳаво бо сари бепо нохун.

Беҳисӣ баски дар ин шӯразамин коштаанд,
Мӯю дандон дамад аз пайкари мо ё нохун?!
Халқи бекор зи бас шефтаи сархорист,
Ҳамчу ангушт нишондаст ба сарҳо нохун.
Гираҳи ришта дигар, уқдаи маънӣ дигар аст,
Чӣ хаёл аст, кунад ҳалли муаммо нохун?
Мавҷи ин баҳр фурӯмондаи сунъи гуҳар аст,
Нест дил бастаи коре, ки кунад во нохун.
Ғофил аз нашвунумо нест камини офот,
Сар буридан накунад қатъи вафо бо нохун.
Ҷавҳари коркушоӣ алами эҳсонхост,
Мекунад дасти баланд аз ҳама боло нохун.
Бедил, аз давлати дунон ба тағофул бигузар,
Ҳеҷ накшояд, агар сар кашад аз по нохун.

* * *

Баски ёди қоматат бар бод дод аҷзои сарв,
Нолаи қумрӣ шуд охир қадкашиданҳои сарв.
Чидани доман дар ин гулшан гули озодагист,
Кист, то фаҳмад забони офиятимои сарв?
Матлаби озодагиҳо пур баланд афтодааст,
Оламе хам шуд ба фикри бори нопайдои сарв.
Боғбонон қадри озодӣ надонистанд, ҳайф,
Нола боистӣ дар ин гулшан нишондан ҷои сарв.
Бодаро дар домани мино баҳоре дигар аст,
Об дорад обрӯ, то меравад дар пои сарв.
Шуълаи идрок хокистаркулоҳ афтодааст,
Нест ғайр аз боли қумрӣ пунбаи минои сарв.
Баски мавзунон зи шарми қоматат гаштанд об,
Сурати фаввора бояд рехт аз аҷзои сарв.

Ин қадар раъно намеболад ниҳоли ин чаман,
Сояи нахли кӣ афтодаст бар болои сарв?
Пой дар занҷиру дарси гуфтугӯ озодагӣ?
Бедил, ин сатри такаллуф нест ҷуз иншои сарв.

* * *

Баски рашки қомати ӯ сӯхт сар то пои сарв,
Мавҷи қумрӣ рехт аз хокистари аҷзои сарв.
Пайкари озодию бори таҷаммул туҳмат аст,
Яккалам дасти тиҳӣ мерӯяд аз аъзои сарв.
Нолаи озод улфатпарвари занҷир нест,
Тавқи қумрӣ то куҷо холӣ намояд ҷои сарв?
Нахвати озодагӣ дуди димоғи кас мабод,
Як раги гардан намоён аст сар то пои сарв.
Нолаи дарде тароватобёри дил нашуд,
Ин чаман беоб монд аз норасоиҳои сарв.
Шӯри ҳусн аз този ишқаш бишнаву хомӯш бош,
Ку-куи қумрист ин ҷо қулқули минои сарв.
Рангу бӯям қобили ташрифи озодӣ набуд,
Аз такаллуф дӯхтанд ин ҷома бар болои сарв.
Сифр дар маънӣ алифҳоро яке даҳ мекунад,
Тавқи қумрӣ мефазояд қадри истиғнои сарв.
Хок бар сар карда ишқу пой дар гил монда ҳусн,
Гар баҳор ин ранг дорад, ҳайфи қумрӣ, вои сарв!
Барнамедорад нуҳуфтан ҷавҳари озодагӣ,
Домани барчида пӯшидаст сар то пои сарв.
Бедил, охир хок мегардад дар ин ҳирмонсаро
Оразн рангини гул то қомати раънои сарв.

* * *

Чу сиришк бесарупоиям қадаме назад ба ҳавои ту,
Ки ҳазор обила дар арақ нагудохтам зи ҳаёи ту.
Ба хироми фитна мадеҳ инон, ки мабод чун дили ошиқон
Ба таранги шиша занад ҷаҳон зи шикасти ранги ҳинои ту.
Ҳиҷил аст ҳиммати паркушо, ки ба фурсате барад илтиҷо,
Дили чок мекашад аз нафас саҳар интизори дуои ту.
Чамани вафокадаи карам накашад хиҷолати ин ситам,
Ки чу ғунча коса ба каф ниҳад зи дили шикаста гадои ту.
Ба сабот агар ҳама хам расад, манумо ба рабти адам расад,
Набарӣ гумон, ки ба ҳам расад лаби ман зи ҳарфи санои ту.
Зи сухан хурӯши ту ҷилвагар, зи хамӯшӣ оҳи ту пардадар,
Ба кадом замзама сар кашад мутаҳаййири манумои ту?
Зи фасонаи манию туӣ чӣ фурӯшам оинаи дуӣ?
Ба тааммуле нашудам гиреҳ, ки набуд банди қабои ту.
Агар аз туам, чӣ талаб кунам? Вагар ин манам, чӣ тараб кунам?
Ҳама инфиоли фузулиям, чи фанои ман, чи бақои ту.
Чӣ ҷунун? Ба худ такутози ман. Чӣ хато? Нишебу фарози ман,
Чӣ ҷаҳим? Ғафлати сози ман. Чӣ биҳишт? Ёди лиқои ту.
Ба чӣ ранг сурати хуни ман надарад ниқоби ҷунуни ман?
Ки ба оби оина шустааст асари ҳино кафи пои ту.
На ба дил зи аҷзи расо расам, на ба рамзи оина ворасам,
Ба куҷо расам, ки ба ҷо расам мани ғофил аз ҳама ҷои ту?
Чу саҳар ба олами ҷилваат хиҷилам зи туҳмати зиндагӣ,
Нафасе ки доштам, об шуд зи ҳиҷоби оинаҳои ту.
Мани Бедилу сафи инсу ҷон, дили хок то сари осмон
Ба фидои ту, ба фидои ту, ба фидои ту, ба фидои ту!

* * *

Гоҳ рӯй дар хокам, гоҳ ҷабҳа бар зону,
З-ин саре ки ман дорам, нест бехабар зону.
Ин қаламрави андӯҳ коргоҳи роҳат нест,
Ҳар кӣ фикри болин кард, ёфт зери сар зону.
Як мижа ба сад ибрат шарм чашми мо накшуд,
Ҳалқавор таҳ кардем бар ҳазор дар зону.
Гул дамидаем, аммо рангу бӯ пушаймонист,
Буд ғунчаи моро олами дигар зону.
З-ин талоши подаргил ку раҳу куҷо манзил?
Ҳамчу шамъ паймудем шом то саҳар зону.
Дил адабгаҳи ноз аст, даъвии ҳавас кам кун,
Боядат задан чун мавҷ пеши ин гуҳар зону.
Шӯхии тамиз аз мо вазъи амн напсандид,
Варна, санги ин куҳсор буд сар ба сар зону.
Бастаам камар умрест бар ҳаловати таслим,
Банд-банди ман дорад ҳамчу найшакар зону.
Узри тоқат аст ин ҷо қадрдони ҷамъият,
Пой то наёрад хам, нест дар назар зону.
Фикри сарнавишти ман то куҷо тариҳо дошт?!
То ҷабин ба ёд омад, гашт чашми тар зону.
Шаб зи кулфати асбоб шиква пеши дил бурдам,
Гуфт: Барнамедорад дарди сар, магар зону.
То ба кай ҳавастозӣ? Чанд ҳарзапардозӣ?
Тоирон, раҳо кардед зери болу пар зону.
Машқи маъниям, Бедил, бар табоеъ осон нест,
Сар фурӯ намеорад фикри ман ба ҳар зону.

* * *

Мунфаилам, бар кӣ барам ҳоҷати хеш аз бари ту,
Эй қадамат бар сари ман, чун сари ман бар дари ту.
Оинаи кавну макон ҳайрати сайри чаман аст,
Соғари ранги ду ҷаҳон ҳасрати гирди сари ту.
Тоби ҷамоли ту зи кас рост наёяд ба ҳавас.
Ҳалқаи гесӯи ту бас чашми тамошогари ту.
Маҳрами он лаъл нашуд коми таманнои касе,
Ғайри табассум кӣ барад чошнӣ аз шаккари ту.
Ранги ту ошуфта чу гул дар чамани орзуят,
Мавҷи ту ғалтон чу гуҳар дар талаби гавҳари ту.
Субҳ барад то ба куҷо поя зи қатъи нафасаш,
Во нашавад з-ин ҳавасе чанд раҳи манзари ту.
Нуҳ фалак аз гардиши сар гашта ба хамёза самар[496]
Туҳмати зарфи кӣ кашад бодаи бесоғари ту?
Саъйи талаб бесарупо, ҷодаи таҳқиқ расо.
Субҳасифат обилаҳо хуфта буруни дари ту.
Хатти ҳисоби манумо роҳ кушояд зи куҷо?
Сифр наёмад ба назар нуктае аз дафтари ту.
Бедил аз афсуни сухан булбули боғи чӣ гулӣ?
Ранги чаман мешиканад бӯи баҳор аз пари ту.

* * *

Маҳи нав менамояд имшабам аз осмон абрӯ,
Қадаҳ каҷ карда меояд ишоратҳои он абрӯ.
Таолаллаҳ, чӣ нақши дилфиреб аст ин, намедонам,
Ки ҷавҳар дар дами теғ аст ё ноз андар он абрӯ?
Ба ин андоз дар андешаи сайди кӣ метозад?
Ки умре шуд, ҳамон афкандааст аз каф инон абрӯ.
Ишорат маҳви ҳайрат кун, ки дар базми тамошояш
Ба ранги моҳи нав дар чашм мегардад ниҳон абрӯ.

На гулшан наргисе дорад, на дарё мавҷ меорад,
Ба олам фитна мекорад ҳамон чашму ҳамон абрӯ.
Чаро дар хоку хун наншонадам, дарде ки ман дорам?
Чу тир афкандааст аз хеш дурам он камонабрӯ.
Харобӣ мекунам, таъмири нозе дар назар дорам,
Зи бахти тираи ман вусмае мехоҳад он абрӯ.
Зи ғафлат шикваҳо пардохтам, аммо нафаҳмидам,
Ки хубонро тағофул гӯш мебошад, забон абрӯ.
Ҷаҳонеро таҳайюрбисмили нози ту мебинам,
Намедонам, чӣ теғ аст ин, ки дорад дар миён абрӯ?
Ба ёди чини абрӯи ту дарё ҳам зи амвоҷаш
Шикасте мекашад бар дӯши чандин корвон абрӯ.
Ишорат ҳам ба имои хаёлаш барнамеояд,
Агар бар авҷи истиғно набошад нардбон абрӯ.
Ба вазъи саркашӣ лутфи тавозуъ дидаам, Бедил,
Ба чашми маслаҳат теғам, ба арзи имтиҳон абрӯ.

* * *

Намегӯям, ба ишратгоҳи Маҷнун ҷаҳдпаймо рав,
Ғубори хонумон лахте[497] бирӯб аз дил, ба саҳро рав.
Ҷаҳоне мекашад бар дӯши фурсат бори номокӣ,
Ту ҳам имрӯз биншин дар сари ин роҳу фардо рав.
Намебояд сипанди миҷмари афсурдагӣ будан,
Ба пастӣ поймолӣ, андаке бо нола боло рав.
Чу овози ҷарас таҷриди[498] озодӣ ғанимат дон,
Бурун з-ин корвонҳо домани худ гиру танҳо рав.
Паёми ёр меояд, кунун нанг аст худдорӣ,
Арақворе ба ҳасрат об кун дилрову аз ҷо рав.
Талоши гавҳари ноёб ҷаҳде тунд мехоҳад,
Агар мардӣ, ба ғаввосӣ зану беруни дарё рав.

Дар ин маҳфил ба навмедӣ чӣ лозим зиндагӣ кардан?
Ду рӯзе ҳар чӣ пеш ояд, тараб кун ё зи дунё рав.
Ниҳоли гулшани иқбол пур маъкус[499] меболад,
Ба ранги шамъ, сар чандон ки афрозӣ, таҳи по рав.
Ҷунуни ҳирс ҳамвазъи қаноат барнамеояд,
Тасаллидушманӣ, чун умри муфлис дар таманно рав.
Мабош аз дастгоҳи ҳиммати аҳли фано ғофил,
Ҳама гар пашша бошӣ, чун пар афшондӣ, ба анқо рав.
Ғубори ман зи ҳад бурдаст иброми замингирӣ,
Мабодо, ишқ фармояд, ки бархез, аз дари мо рав.
Ба табъи дӯстон ёдат геронӣ мекунад, Бедил,
Ба домони фаромӯшӣ бизан дасту зи дилҳо рав.

* * *

Барорад гарам оташи дил забона,
Шавад гарди боли самандар замона.
Кушоям гар аз бехудӣ шасти оҳе,
Кунам қуббаи чарх занбӯрхона.
Ба сад лофи ворастагӣ сайди хешам,
Набурдаст парвозам аз ошёна.
Чароғи адабгоҳи базми хаёлам,
Намеболад аз оташи ман забона.
Дар ин дашт халқе зи худ рафт, аммо
Надонист сарманзиле ҳаёт ё на.
Фалак нақши номи кӣ хоҳад нишондан
Ба ин хотами саднигин дар миёна?
Садафвор то як гуҳар ашк дорӣ,
Аз ин осиёҳо маҷӯ обу дона.
Ду рӯзе к-аз ин мовуман масти нозӣ,
Ба хоби адам гуфта бошӣ фасона.

Кафи пучмағзӣ, макун фикри дарё,
Ки ҳар ҷо туӣ, нест ғайр аз карона.
Қиёматхурӯш аст бунёди имкон,
Аз ин сози найранг инсон тарона.
Дамидаст аз оби манӣ мушти хоке
Ба сад сахтҷонӣ чу санг аз масона[500].
Муҳол аст парвозат аз доми зулфаш,
Агар ҷумла тан бол гардӣ чу шона.
Ба пирӣ кашидем ранҷи ҷавонӣ,
Саҳар мекунад гул хумори шабона.
Агар гашти боғ асту гар сайри саҳро,
Равонем аз худ ба чандин баҳона.
Ғубори ҷасад чашмбанд аст, Бедил,
Чу деворат афтод, саҳрост хона.

* * *

Бар шуъла то чанд нозидани коҳ?
Дар давлати тез маргест ногоҳ.
Сад нақс дорад сози камолат,
Чандин ҳилол аст пешу паси моҳ.
Дар фикри хешем, озодагӣ ку?
Моро гиребон афканда дар чоҳ.
Ё Раб, чӣ сеҳр аст афсуни ҳастӣ?
Аз ҳеҷ будан кас нест огоҳ.
Бар ғафлати халқ хиффат мачинед,
Мағрури ноз аст оинаи шоҳ.
Дил сайди ишқ аст, маҳкуми кас нест,
Ал-ҳукму ли-л-лоҳ ва-л-мулку ли-л-лоҳ[501].
Умре тапидем, то хок гаштем,
Фарсангҳо дошт ин як қадам роҳ.

Аз субҳи ин боғ шабнам чӣ дорад?
Ҷуз маҳмили ашк бар ноқаи[502] оҳ.
Бар табъи озод зулм аст улфат,
То умр боқист, узр аз нафас хоҳ.
Эй нола, хомӯш, дар хона кас нест,
Як ҳарф гуфтем, афсона кӯтоҳ!
Бедил, чӣ гӯям аз яъси пирӣ?
Чун шамъам аз субҳ рӯз аст бегоҳ.

* * *

Ба ту нақши суҳбати мо чӣ қадар баҷо нишаста,
Ту ба нозу мо дар оташ, ту ба хобу мо нишаста.
Сару барги ҷуръати дил ба адаб чаро насӯзад?
Ки сипанд ҳам ба базмат зи тапиш ҷудо нишаста.
Чӣ қиёмат аст, ё Раб, ба ҷаҳони бениёзӣ,
Ки зи ғайб то шаҳодат ҳама ҷо гадо нишаста?
Чи ниҳон, чи ошкоро, набарӣ хаёли ваҳдат,
Ки зи дида то дил ин ҷо ҳама мосиво[503] нишаста.
Марав, эй нигаҳ, ба гулшан, ки ба рӯйи ҳар гул он ҷо
Зи ҳуҷуми чашми шабнам арақи ҳаё нишаста.
Чу адӯ занад дузону, нахурӣ фиреби аҷзаш,
Ки ба қасди ҷон туфанге ба сари дупо нишаста.
Ҳама имшабат муҳайё, ту дар интизори фардо,
Нигаҳе, ки нақши ваҳмат зи амал[504] куҷо нишаста?
Ба раҳе, ки барқтозон ҳама нақши пойи ланганд,
Ба куҷо расида бошам мани беасо нишаста?
Ба ҳазор хун тапидам, ки ба обила расидам,
Чӣ қадар баланд чинад сари зери по нишаста?
Ҳаваси кулоҳи шоҳӣ зи сарат барор, Бедил,
Ба чӣ нозад устухоне, ки бар ӯ ҳумо нишаста?

*   *   *

Паре мефишон, эй тааллуқбаҳона,
Ба дил чун нафас бастаӣ ошёна.
Дар ин арса зинҳор мафроз гардан,
Ки тири балоро нагардӣ нишона.
Гар аз сози бисмил асар бурда бошӣ,
Тапиш нест дар набзи дил бетарона.
Дили мову доғе зи савдои ишқат,
Сару саҷдаворе аз он остона.
Дар ин дашт ҷавлони бемақсади мо
Ба ҷуз шавқи манзил надорад баҳона.
Аз ин баҳр ворастан имкон надорад,
Маҷӯед бе хок гаштан карона[505].
Мапурсед аз анҷому оғози зулфаш,
Дароз аст сарриштаи ин фасона.
Баҳор аст, эй майкашон, нашъатозе,
Ҷунун дорад аз бӯи гул тозиёна.
Сиришки ниёзам, наме аҷзсозам,
Чӣ сон гардам аз хоки кӯят равона?
Дили хаста, он гоҳ савдои зулфат,
Бинолам ба носурии захми шона.
Ба навмедиям хок шуд арзи ҷавҳар
Чу шамшер дар қабзаи мӯриёна[506].
Садоест печида бар сози ҳастӣ,
Чӣ дорад ба ҷуз нола занҷирхона?
Фусурдему аз хеш рафтем, Бедил,
Чу ранг оташи мо надорад забона.

*   *   *

Тори пироҳани ҳаёст нигоҳ,
Косаи чашмро садост нигоҳ.
Ҳайрати оина замингирист,
Мижа то нест, беасост нигоҳ.
Шабнами ман ба васли гул чӣ кунад?
Ки зи чашми тарам ҷудост нигоҳ.
Ҳама офоқ наргисистон аст,
Чашм, гӯ, боз шав, куҷост нигоҳ?
Бетамизӣ тамизҳо дорад,
Кӯрро масҳи[507] дасту пост нигоҳ.
Нест нақше буруни пардаи хок,
Ҳайрат аст ин, ки бар ҳавост нигоҳ.
Ҳосили мо дар ин тамошогоҳ
Интиҳо ҳайрат, ибтидост нигоҳ.
Мижаи баста ошёни ғаност,
Варна, ҳар ҷо расад, гадост нигоҳ.
Фитратат пойдаррикоби ҳавост,
Гар туро бар пари ҳумост нигоҳ.
Касрати ҷилва муфти диданҳо,
Гар кунад аҳвалӣ, баҷост, нигоҳ.
Шамъи фонуси интизори туем,
Гарди парвози ранги мост нигоҳ.
Зиндагӣ сози ҷилвамуштоқист,
Шамъро риштаи бақост нигоҳ.
Баски олам баҳори ҷилваи ӯст,
Бар рухи ӯст, ҳар куҷост нигоҳ.
Бедил, аз ҷилва қонеъам ба хаёл,
Чӣ тавон кард, норасост нигоҳ.

*   *   *

Дар шиканҷи иззатанд арбоби ҷоҳ,
Оби гавҳар барнамеояд зи чоҳ.
Нахвати шоҳӣ даҳони аждар аст,
Шамъро дармекашад охир кулоҳ.
Умрҳо шуд, метапад бе рӯи дӯст
Чун раги ёқут дар хунам нигоҳ.
Дар хаёлаш маҳв шуд осори ман,
Ин катонро шуст охир нури моҳ.
Дар адабгоҳи хами абрӯи ӯ
Моҳи нав дорад забоне узрхоҳ,
Хонаи Маҷнуни мо ҳам дуд дошт,
Равзани чашми ғизолон шуд сиёҳ.
Шуълаи моро дар ин офатсаро
Ҷуз ба хокистар намебошад паноҳ.
Ноумедӣ дастгоҳи зиндагист,
Тору пуди кисвати субҳ аст оҳ.
Шарм дор, эй саркаш, аз лофи ғурур,
Нест боли шуълаат ҷуз барги коҳ.
Боғу бустон пур мукаррар мешавад,
Ҷониби дил ҳам нигоҳе гоҳ-гоҳ.
Дар тамошохонаи оинаам
Мешавад ҷавҳар, чу месӯзад нигоҳ.
Ишқро бар нақси истеъдоди ман
Гиряи абр аст бар ҳоли гиёҳ.
Мегудозад шамъу аз худ меравад,
К-эй ба худ вомондагон, ин аст роҳ.
Дам мазан, Бедил, агар соҳибдилӣ,
Маҳрами оинаро куфр аст оҳ.

*   *   *

Зоҳидо, донишнасиби қисмати мубҳам[508] наӣ,
Ҳасрати фирдавс то кай? Он қадар одам наӣ.
Зарра то хуршед лабрез аст аз истеъдоди хос,
Бешият ин бас, ки дар ҳар ранге аз худ кам наӣ.
Аз ҳарифон зарф мехоҳад хароботи яқин,
Ҷом бисёр аст, аммо кас чӣ созад? Ҷам наӣ.
Дар мизоҷат ҷавҳари таслим натвон ёфтан,
Гардани шамъӣ, ки ҳарчанд об гардӣ, хам наӣ.
Меҳрварзӣ дар ҳақи халқ эҳтироз аз кина аст,
Гар камини захм кам дорӣ, кам аз марҳам наӣ.
Даъвии ҳастист, к-охир хам ба дӯшат мекашад,
Дар каминат сернигунӣ чист, гар мулзам[509] наӣ?
Анҷуманро хилвати таҳқиқи ӯ фаҳмидан аст,
Гар ту ин ҷо нестӣ, ҳуше, ки он ҷо ҳам наӣ.
Риштаи мавҷи ту пур суст аст бе саъйи гуҳар,
Пой то сар то напечӣ бар камар, муҳкам наӣ.
Чун нафас ҳар дам задан шуғли ту таҷдиди рамест,
Гар ҳама сад сол бошӣ, пеши худ як дам наӣ.
Ҳалқаи дар бош, беруну дарун ҷуз вахм нест,
То нагардӣ гирди худ з-ин хонаҳо, маҳрам наӣ.
Хушк натвон ёфт аз шарми адам пешоният,
Гар ҳама субҳӣ, нафас то ҳаст, бешабнам наӣ.
Зери гардун, Бедил, аз мурдан касеро чора нест,
Ҳар куҷо бошӣ, бурун з-ин ҳалқаи мотам наӣ.

*   *   *

Оламу ин тардимоғиҳои ҷоҳ,
Шабнаме пошида бар муште гиёҳ.
Марг ғофил нест аз сайди нафас,
Оташ аз хас барнамедорад нигоҳ.

Сарзамини шуълакорон гулхан аст,
Кишти моро дуд мебошад гиёҳ.
Зиндагонӣ аз нафас ҷон меканад,
Умрҳо шуд, мекашам Юсуф зи чоҳ.
Ноумедӣ фатҳи боби ишрат аст,
Ханда лаб во мекунад аз ҳарфи оҳ.
Эй забони лофат афсуни сулук,
Бошад аз миқроз мушкил қатъи роҳ.
Бода равшанмашрабӣ, он гоҳ дурд,
Партави хуршеду маҳ, он гаҳ сиёҳ.
Безабонӣ аз хиҷолат растан аст,
Узр то боқист, меболад гуноҳ.
Ҷустуҷӯ оинадори мақсад аст,
Мешавӣ манзил, агар афтӣ ба роҳ.
Ноз кун, гар фикри хешат раҳ назад,
Аз гиребон ғофилӣ, бишкан, кулоҳ.
Нархи бозори карам нашкастанист,
Гар дилат чизе нахоҳад, узр хоҳ.
Бедил, аз ғафлат касеро чора нест,
Сояе дорад гадо то подшоҳ.

* * *

Офатэҷод аст табъ аз дастгоҳи худсарӣ,
Духтари раз фитнаҳо мезояд аз бешавҳарӣ.
То кай аҷзои камол аз гуфтугӯ барҳам задан?
Як нафас ҳам гар ду лаб бар ҳам гузорӣ, дафтарӣ.
Ҳеҷ кас аз тангнои чарх раҳ берун набурд,
Оламеро кулфати ин хона кушт аз бедарӣ.
Дил шикаст, аммо садоворе наболидем, ҳайф,
Мӯйи чинӣ кард моро дастгоҳи лоғарӣ.

То дар ин бозори ибрат ҷинси мо омад ба арз,
Ҳеҷ кас ҷуз бар фалак нашнид номи муштарӣ.
Този роҳат гар ҳама хор аст, доми ғафлат аст,
Бар нигаҳ таклифи хоб овард мижгонбистарӣ.
Рангҳо дорад баҳори интизори муддао,
Фарқи дом ин ҷо муҳол аст аз дукони ҷавҳарӣ.
Ҳамчу шабнам инфиоли норасоӣ мекашам,
Дар арақ хобонд парвозам зи беболупарӣ.
Чун дафи ибратхарош аз пайкари фарсудаам
Пӯст рафту барнаёмад устухон аз чанбарӣ[510].
Мастиоҳанг аст пайғоми азал, ҳушёр бош,
Ҷому мино дар бағал меояд овози парӣ.
Ҳар кудуратро ки мебинӣ, сафо мепарварад,
Санг ҳам дар парда дорад олами миногарӣ.
Заҳмати тадбир як сӯ неҳ, ки дар дарёи ишқ
Бодбоне нест киштиро беҳ аз белангарӣ.
Дар паноҳи машраби аҷз эмин аз офот бош,
Хори ин саҳро надорад шеваи домандарӣ.
Чун чанор аз қадрдонони матои роҳатам,
Кардаам савдо ба сад дасти дуо як бебарӣ.
Танбамурдандодаро офат далели эминист,
Нози болини пари тир аст хоби лашкарӣ.
Улфати ҳастию озодӣ ҷунуни ваҳми кист?
По каш аз доман чу ашк, он дам ки аз сар бигзарӣ.
Аз суроғи чашмаи ҳайвон, ки ваҳме беш нест,
Медиҳад обе нишон оинаи искандарӣ.
Халқе аз авҳом истихроҷи мастӣ мекунад,
Бод гир он май, ки паймояд фарас аз соғарӣ[511].
Тавқ дар гардан ба гардун мепарӣ чун гирдбод,
Ҷойи шарм аст он сулаймонию ин ангуштарӣ.
Аз фузулӣ қатъ кун, Бедил, ки дар базми яқин
Ҳалқа то гаштӣ ба фикри хеш, беруни дарӣ.

*   *   *

Офият пеш оядат, вақте ки аз дунё равӣ,
Зери гардун нест осудан, магар боло равӣ.
Кас рафиқи кас намебошад дар ин ғурбатсаро,
Гар ҳама бо корвон бошӣ, ҳамон танҳоравӣ.
Даъвати асмо салои ом дорад дар камин,
Кадяат[512] номест, бояд бар дари анқо равӣ.
Чун гуҳар то хок гаштан санг бар дил бастан аст[513],
Об шав, эй қатра, гар берун аз ин дарё равӣ.
Аз адам ноҷаста халқерост ташвиши адам,
Фурсатат гарде надорад, рафта бошӣ, то равӣ.
Бо талоши ғайратоҳангон гаравтозӣ хатост,
Сар чу шамъат по шавад, то ҳамъинони мо равӣ.
Аз такаллуфҳои ҳастӣ ҷастанат инсоф нест,
Бо рафиқон соате кун сабр, то якҷо равӣ.
Интизори ҳосили матлаб дар ин маҳфил кирост?
Қосиди пайғоми худ мебош, дар ҳар ҷо равӣ.
Нестӣ бо ҳастият дар хок ҳам дорад ҳисоб,
Як гиребон беҳ, ки онсӯтар зи нақши по равӣ.
Омадурафти нафасро фурсати андешаӣ,
Эй ҳавас, кай омадӣ имрӯз, то фардо равӣ?
Ҳеҷӣ, эй маъдум, дар исботи нафйи хеш бош,
«Ло» надорад пойи рафторе, ки то «илло» равӣ.
Масти аҷзӣ, Бедил, аз гарданфарозӣ шарм дор,
Сарнигун мебоядат аз хеш чун мино равӣ.

*   *   *

Афтодаам ба роҳат чун ашк бе равонӣ,
Мактуби интизорам, шояд маро бихонӣ.
Аз сози ҳайрати ман мазмуни нола дарёб,
Гарди нигоҳ дорад фарёди нотавонӣ.

Он ҷо ки ишқ резад оинаи таҳайюр,
Равшантар аз баёнҳо мазмуни безабонӣ.
Ё изтироби ашке, ё ваҳшати нигоҳе,
То кай ба ранги мижгон парвозошёнӣ?
Аз рафтани нафасҳо осор нест пайдо,
Нақши қадам надорад саҳрои зиндагонӣ.
Дарёи ишқу соҳил? Эй бехабар, чӣ ҳарф аст?
То қатра дорад ин ҷо тӯфони бекаронӣ?
То чанд санги роҳат бошад ғубори ҳастӣ?
Аз ваҳшати шарар кун машқи сабукъинонӣ.
Дар оламе, ки нақдаш масруфи эҳтиёҷ аст,
Ибром мефурӯшӣ, чандон ки зинда монӣ.
То табъи дун насозад мағрури ихтиёрат,
Нокардан аст авло, коре ки метавонӣ.
Бе сайд дидаи дом махмур менамояд,
Қадди дутост ин ҷо хамёзаи ҷавонӣ.
Хумхонаи таманно ҷоме дигар надорад,
Муфт аст бедимоғӣ, гар нашъа мерасонӣ.
Бедил, ғубори оҳе то ранги авҷ гирад,
Аз чоки сина дорам чун субҳ нардбоне.

*   *   *

Ин чӣ товусии ноз аст, ки андӯхтаӣ?
Пой то сар ҳама чашмию ба худ дӯхтаӣ.
Барқи найранг ба ин ҷилва қиёмат дорад,
Шуъла дар пардаи санг асту ҷаҳон сӯхтаӣ.
Равнақи чорсуи даҳр зи колои дилест,
Ку дуконе ки ту ин оина нафрӯхтаӣ?
Оташе мунфаилу дуд замингири ҳаёст,
Лола гул карда, чароғе ки ту афрӯхтаӣ.

Суфу атлас ба назар нози табахтур дорад,
Пинае чанд, ки бар далқи гадо дӯхтаӣ.
Фитрат об аст, зи изҳори камоле ки турост,
Санъати шишагарони арақ омӯхтаӣ.
Бедил, андешаи Туру шаҷари Айман чанд?
Оташе нест дар ин ҷо, ту нафас сӯхтаӣ.

* * *

Эй амаловора[515] фитратро чӣ расво кардаӣ?
Навҳа кун дар ёди имрӯзе, ки фардо кардаӣ.
Ҳусни мутлақро муқайяд то куҷо хоҳӣ шинохт?
Оҳ аз он Юсуф, ки дар чоҳаш тамошо кардаӣ.
Ошнои шахс бо исму сифат муҳтоҷ чанд?
Хондаӣ оёти таҳқиқу муаммо кардаӣ.
Пушту рӯи сафҳаи идроки туст ислому куфр,
Сатри Қуръонро зи каҷбинӣ чалипо кардаӣ.
Ҳукми анқо дошт ин ҷо маънии фақру ғано,
Ихтироъ аст ин, ки номаш дину дунё кардаӣ.
Пунбаи миност, гар маҳрам шавӣ, эй бехабар,
Он чи аз табъи дурушташ фаҳми хоро кардаӣ.
Чун кафи сайқалгарон то кай мукаддар зистан?
Зоҳират ҳам пок кун, гар дил мусаффо кардаӣ.
Сурати оинаӣ, аз ҳоли худ ғофил мабош,
Гар ҳама дар хона бошӣ, рӯ ба саҳро кардаӣ.
Дидани оина асрори адам фаҳмидан аст,
Нақши беранги́ст, тимсоле ки пайдо кардаӣ.
Дар адабгоҳе ки бояд аз фузулӣ об шуд,
Бехабар коре агар кардӣ, таманно кардаӣ.
Соғарат бар санг зан, то нолае гардад баланд,
Нашъаи ҳангомаи пастӣ дуболо кардаӣ.

Ҳар кучо ушшоқ домони мижа афшурдаанд,
Қатраҳоро дидаӣ гар, сайри дарё кардаӣ.
Ҳайрати бемаъният хамёза аст, оғӯш нест,
Ғафлати авҳом тӯле дошт, паҳно кардаӣ.
Сайри зиндон аст, Бедил, даъвии озодият,
Аз кушоди болу пар чоки қафас во кардаӣ.

* * *

Эй шайх, ба тадбири амал[516] беҳудасарфӣ,
Дастор ба куҳсор маяфкан, тали барфӣ.
Ҳамнисбатии гавҳари розат чӣ хаёл аст?
Аз ваҳм бурун о, кафи ин қулзуми жарфӣ.
Дунфитратият ғайри тарӣ мағз надорад,
Бар ҳавсалаи пуч маноз, обилазарфӣ.
Дар олами барқу шарар уммеди вафо нест,
Ҳастӣ рами ноз асту ту ҳасраткаши тарфӣ[517].
Бо нақши хаёл ин ҳама раъно натавон зист,
Чун пайкари товус зи найранг шигарфӣ[518].
Баҳси манумо бурдаӣ он сӯи қиёмат,
Эй мадди нафас, бо ҳама фурсат ду-се ҳарфӣ.
Бедил, адаби илму фан аз дур ба чо ор,
Чуз хичлати тақрир на наҳвию на сарфӣ.

* * *

Бо баҳсу чадал гар ҳама Бирчиси улумӣ,
Чуз мадраса ҳар чо биравӣ, раъси қудумӣ.
Хулқи ҳасан изои табоеъ написандад,
То даъвият илзом бувад, бар ҳама шумӣ.
З-ин касби саодат, ки ту дар мадраса кардӣ,
Ҳарчанд ҳумо зери пари туст, ки бумӣ.

Дар ваҳми худ одам шудаӣ, лек чӣ ҳосил?
Фаҳме нанамудӣ, ки ҷаҳулию залумӣ[519].
Ҳайф аз дили огоҳ, к-аз афсуни мавоиз,
Лофи дами Исо занию боди самумӣ.
Оинаи дил дошт канорат, чӣ шуд охир?
К-имрӯз дар андешаи афлоку нуҷумӣ?
Мушкил бадар оӣ зи сияҳкории авҳом,
Аз ҳандаса гар тавба кунӣ, масти руқумӣ.
Гар кам шавадат гандагии вазъи сирешум,
З-ибром ҳамон мустакию кундури[520] Румӣ.
Аз ҳарфи мулоим нашудӣ марҳами захме,
Дар шамъ магар сарф шавӣ з-ин ҳама мумӣ.
Аз дарди сари мавъизати халқ бадар зан,
Раҳме ба худ охир, ки ғубори чӣ ҳуҷумӣ?
Бедил, ту к-аз атвори касон мекунӣ инкор,
Шарме, ки чӣ ҷинсӣ, чӣ касӣ, дар чӣ русумӣ?

* * *

Боз аз дил ба суи дидаи мо меоӣ,
Эй дилу дида фидоят, зи куҷо меоӣ?
Хушксоли тараб иқболи тароват дорад,
Неъмат арзонии мо, қаҳтзудо меоӣ.
Аз гудози дили ҳасратзадагонат хабарест,
К-ин қадарҳо araқолуди ҳаё меоӣ.
Абрҳо дар қадамат резиши гавҳар доранд,
Фасли найсонию сероби сахо меоӣ.
Мехиромӣ туву ман нози таҳайюр дорам,
Гӯӣ, аз баҳри мани бесарупо меоӣ.
Эй муроди ду ҷаҳон орзуи муштоқон,
Ҳар қадам бар сари сад дасти дуо меоӣ.

Рафтану омаданат омадурафти дигар аст,
Мавҷи гул меравию оби бақо меоӣ.
Шаш ҷиҳат дидаи ушшоқ ба роҳат фарш аст,
Чӣ қадар оинабин номи Худо меоӣ.
Дида то дил ҳама гулчини баҳороғӯш аст,
Чашми бад дур, аҷаб укдакушо меоӣ.
Ку макону чӣ замон, к-аз ту тавон ёфт тиҳӣ?
Ҳама дам бо ҳама кас дар ҳама ҷо меоӣ.
Шаби Бедил нашавад рӯз? Чӣ имкон дорад?
Ки ту хуршедию дар кишвари мо меоӣ.

* * *

Бозам ба ҷунун зад ҳаваси тарҳи замине[521],
К-аз номи сухан тоза кунам қитъанигине.
Ҳайрат ба дилам раҳ накушояд, чӣ хаёл аст?
Бӯи нигаҳе бурдаам аз оинабине.
З-ин сози заифӣ ба чӣ оҳанг хурӯшам?
Сур аст, агар вокашӣ аз пашша танине.
Эй фақргузин, хирқаи садранг мапардоз,
Ҳайф аст, дамад гулбуне аз хокнишине.
Дар тинати хиссатнасабон ҷавҳари ахлоқ
Аз тангии ҷо дар раҳиме[522] мурда ҷанине.
Афсӯс ба домони ҳавоят нашикастам,
Гарде ки занад даст ба ороиши чине.
Хиҷлаткаши нақши қадами обиладор аст
Дар роҳи ту ҳар сӯ араққолуда ҷабине.
Бо фитнаи он наргиси кофар чӣ тавон кард
Чун субҳа, гирифтам, ба ҳам орам дилу дине.
Пеш ой, ки чун шамъ нишастаст ба роҳат
Дар гардиши рангам нигаҳи бозпасине.
Бедил, чу шарар чашм ба фурсат накушудам,
То як мижа ҷорӯб кашам хонаи зине.

* * *

Бардоштани дил зи ҷаҳон кард гаронӣ,
К-аз пириям охир ба ҳам афтод ҷавонӣ.
Маҳмези[523] раме нест чу таклифи тааллуқ,
Номат наҷаҳад, то ба нигинаш нанишонӣ.
Эй бехабар аз нанги сабукрӯҳии анқо,
То номи ту хиффаткаши ёдест, гаронӣ.
Сарпанҷаи тасхири ҷаҳонат ба чӣ арзад?
Дасти ту ҳамон аст, ки доман бифишонӣ.
Бар ҳар кӣ мадад кардаӣ аз олами исор,
Номаш ба забон гар бибарӣ, бозситонӣ.
Сатри нафасу қайди тааммул чӣ хаёл аст?
Ҳарчанд бимирӣ, ки туаш сакта нахонӣ.
Ҳар ҷот бипурсанд зи тимсоли ҳақиқат,
Бояд насаби ҳарф ба оина расонӣ.
Обест тағофул ба дами теғи ғурураш,
Ё Раб, ки зи хунам накунӣ қатъ равонӣ.
Таҳқиқи ту хуршеду ҷаҳон ҷумла далоил,
Пайдост, чӣ миқдор аёнию ниҳонӣ.
Ҳар кас ба хаёли дигар аз васли ту шод аст,
Ҳангомаи кунҷи даҳану мӯйи миёнӣ.
Кайфияти он дасти нигорин агар ин аст,
Товус кунад гул, магасеро ки биронӣ.
Эй мавҷи гуҳар, об шав аз нанги фусурдан,
Рафтанд рафиқону ту дар забти инонӣ.
Бедил, асари нашъаи назми ту баланд аст,
Уммед, ки худро ба димоғе бирасонӣ.

* * *

Баски бе рӯи ту хиҷлат кард хирман зиндагӣ,
Бар ҳарифон марг душвор асту бар ман зиндагӣ.
Бо чунин дарде, ки бояд зист дур аз дӯстон,
Беҳ, ки напсандад қазо бар ҳеҷ душман зиндагӣ.
Кош дар кунҷи адам бе дарди сар месӯхтам,
Ҳамчу шамъам кард роҳи марг равшан зиндагӣ.
Хиҷлати ишқу вафо, яъсу умеди муддао,
Оламе шуд бори дил з-ин бори гардан зиндагӣ.
Бенафас гардидан аз офот эмин мекунад,
Он чароғеро ки дорад зери доман зиндагӣ.
Ташнаи обе набояд буд, к-аз сар бигзарад,
Мешавад охир дами теғ аз гузаштан зиндагӣ.
Фурсати оворагӣ ҳам як-ду гардиш беш нест,
То ба кай дорад чу сангат дар фалохан зиндагӣ?
Ҳар кӣ мебинӣ, дуконорои нозе дигар аст,
З-ин қумоши пуч, яъне, боби мурдан зиндагӣ.
То куҷо ҳамкисвати товус хоҳӣ зистан?
Бехабар дар обат афкандаст равған зиндагӣ.
Гаҳ ба манзар мефиребад, гаҳ ба бомат мебарад,
Мекашад то хонаи гӯрат ба ҳар фан зиндагӣ.
Дастгоҳи нола ҳам, эй кош, мадде мекашид[524]
Чун сипандам сӯхт доғи ним шеван зиндагӣ?
Шабнаминшо буд, Бедил, хиҷлати парвози субҳ,
Бар кафан зад, то арақ кард аз давидан зиндагӣ.

* * *

Ба шуҳрат зад иқболи халқ аз табоҳӣ,
Сапед аст нақши нигин аз сиёҳӣ.
Димоғи ғурур аз фақирон наболад,
Каҷӣ нест сармояи бекулоҳӣ.

Гар ин аст дарди сари зарпарастон,
Ҳамон иҷтимои гадоист шоҳӣ.
Надонам димоғи хаёлофаринон
Чӣ дорад дар ин имтиҳонгоҳи воҳӣ.
Надидаст, аз ин баҳр ғайр аз фусурдан
Ба чашме ки мавҷи гуҳар нест роҳӣ.
Яқин эҳтиёҷи далоил надорад,
Дар об афканад сурмаро чашми моҳӣ.
Нахоҳӣ шудан мункири онҷи гуфтӣ,
Ду лаб дода дар ҳар ҳадисат гувоҳӣ.
Гар иқболи хуршедият авҷ гирад,
Фурӯзад чароғ аз дами субҳгоҳӣ.
Ба ҳар ҷо кушуданд мижгони нозат,
Ба чашми бутон хоб шуд хушнигоҳӣ.
Шунидам, қадам мегузорӣ ба чашмам,
Замин сабз кардаст мижгонсиёҳӣ.
Катон боби маҳтоб чизе надорад,
Ба ҳар ҷо туӣ, дигар аз ман чӣ хоҳӣ?
Карам баски гармимтиҳон аст, Бедил,
Маро сӯхт андешаи бегуноҳӣ.

* * *

Ба тарфи пухтагон тақлид дорад хиҷлати хомӣ,
Махоҳ аз ғунчаҳо миноию аз барги гул ҷомӣ.
Уруҷи нози бемағзон тамошо кардане дорад,
Ба афсуни ҳавое чанд сарҳо мекунад бомӣ?
Ба ороиш ниқоби табъи ноҳамвор натвон шуд,
Зи ранги ҷома доранд ин дуруштон нозукандомӣ.
Ривоҷ аз чарбнармиҳои ахлоқ аст хубиро,
Ба завқи чашмаки шуҳрат нигин то чанд бо доме?

Муҳайёи фано шав, чун сапедӣ сар зад аз мӯят,
Чӣ худдорист, ғофил, ҷомаи субҳ аст эҳромӣ.
Ҷаҳонеро ба рангомезии ваҳм аст кор ин ҷо,
Ту ҳам наққоши анқо бошу мекаш сурати номе.
Қаноат то ба кунҷи сабр домонат намегирад,
Гиребон чок бояд зад зи дасти ҳирсибромӣ.
Раҳи ҳастӣ агар тай шуд, адам дар пеш меояд,
Бадар ҷастан надорад з-ин тилисми субҳею шоме.
Фалак хунхорие дорад, куҷо мастӣ, чӣ махмурӣ?
Ҳарифе нест дигар, хатм бар хум шуд майошомӣ.
Ба дӯши зиндагӣ ҳаққест, мебояд адо кардан,
Нафасро кас намедонад, ки товонест ё воме?
Замоне нест, к-аз ташвиши ҳасратҳо бурун оям,
Ду олам орзу сайди хаёлам кард бедомӣ.
Сухан сеҳрест, Бедил, мадҳу зам таъсири найрангаш,
Зи мавзунӣ машав ғофил, чи таҳсине, чи дашноме.

* * *

Барӣ то зи таҳқиқи дидор бӯе,
Дар оина бингар, бибину магӯе.
Шикасте аён шуд зи сози манумо,
Дамидем аз чинии ваҳм мӯе.
Дар ин боғ аз сабза то нахл дидам,
Бурун омадан дошт аз худ нумӯе.
Ҳалокам, к-аз ин варта кай сар барорам?
Гирифтаст саъйи ду бозу кадуе.
Зи хиҷлат шудам пок, то хок гаштам,
Ба қадри таяммум намудам вузӯе.
Ғуборам чаро баъди мурдан нанозад?
Бар ин сурма чашмест аз нозхӯе.

Таби арзи ҳоҷат шикастам ба хиҷлат,
Бар оташ задам ҳамчу шамъ обрӯе.
Бар ихвон чу Юсуф ниҳон монд қадрам,
Зи бӯ дошт пироҳани ман утуе.
Чӣ миқдор нолам зи бедоди ҳиҷрон?
Магар бар найистон бибандам гулӯе.
Надонам, ба арзи намудам кӣ хандад?
Мусаввир магар созад аз шарм рӯе.
Агар хун хурӣ то қиёмат, наёбӣ
Дар ин шаш ҷиҳат ҳамчу ман ҳеҷсӯе.
Наям ончунон дур аз осори ҳастӣ,
Ки бар ман тавон кард имои ӯе.
Чу гул чораи ман муҳол аст, Бедил,
Ҳама захмаму нест тори руфӯе.

* * *

Ба нумӯ саре надорад гули боғи кибриёӣ,
Надамидаӣ ба ранге, ки бигӯямат куҷоӣ?
Пайи ҷустуҷӯйи анқо ба куҷо тавон расондан?
На суроғи фаҳм равшан, на чароғи ошноӣ.
Раҳи дашти ишқу он гаҳ мани гашта гум дар ин раҳ,
Ба сари чӣ хор бандам аламиˆ[525] бараҳнапоӣ?
Зада офтобу анҷум ба қабули боргоҳат
Зи сари бурида бар сар гули толеъозмоӣ,
Сари решаам, надонам, ба куҷо қарор гирам?
Таҳи хок ҳам наёсуд гули завқи худнамоӣ.
Зи шукӯҳи мулки сурат сару барги нозам ин бас,
Ки зи хоки аҳли маънӣ кунам обрӯ гадоӣ.
Ҳама тан чу соя зангам, ба сафо чӣ нисбати ман?
Магарам зананд сайқал ба қабули ҷабҳасоӣ.

Мани бехабар куҷоям, ки дари дигар кушоям?
Зи ту ончи вонамоям, туӣ, он ки вонамоӣ.
Зи ҷаҳон рамидам, аммо нараҳидам онқадарҳо,
Ки ҳанӯз ҳамчу субҳам қафасест ё раҳоӣ?
Хиради фусурдаҷавлон чӣ диҳад суроғи ирфон?
Бидарад магар гиребон зи ҷунуни норасоӣ.
Чӣ шигарфдилрабоӣ, чӣ қиёматошноист?
На зи мост олами ту, на ту аз ҷаҳони моӣ.
Баму зери сози имкон ба адабгаҳи саноят
Арақе дамонда берун зи ҷабини тарсадоӣ.
Ба сад анҷуман манумо сару барги мост якто,
Ҳама мавҷи як муҳитем, ҳама халқи як Худое.
Ба муҳити ишқ, ё Раб, зи чӣ обрӯ биболем?
Чу ҳубоб карда урён ҳамаро тунукридоӣ.
Зи висоли меҳри тобон чӣ расад ба соя, Бедил?
Равам аз худу ту гардам, ки ту дар канорам оӣ.

* * *

Ба вазъи ғурбатам манзури бетобист оромӣ,
Зи мавҷи гавҳарам гарди ятимӣ нест бе доме.
Дили маъюси моро, эй фалак, бекор нагзорӣ,
Ҳузури ишрати субҳе набошад, кулфати шоме.
Фано гаштему хоки мо ба зери чархи миноӣ
Чу реги шишаи соат надорад бӯйи ороме.
Ҳарифон, муғтанам доред даври комрониро,
Дар ин маҳфил ба коми бахти мо ҳам буд айёме.
Ғурураш саркаш афтодаст, эй бетоқатӣ, арзе,
Тағофул шӯхӣ аз ҳад мебарад, эй нола, иброме!
Зи чашми тангзарфи худ ба ҳуснаш барнамеоям,
Чӣ сон гирдоб гирад баҳрро дар ҳалқаи доме?

Дар ин саҳро намеёбам илоҷи ташнакомиҳо,
Магар табхола болад, то лаб аз ҳасрат кашад ҷоме.
Хумору мастии ин базм ҷуз ҳарфе намебошад,
Машав мағрури огоҳӣ, ки васл ин ҷост пайғоме.
Нигоҳи бениёзӣ, андаке таҳрики мижгон кун,
Ҷаҳоне пешат ояд, гар ту аз худ бигзарӣ гоме.
Шарар гардид умру ман ҳамон санги замингирам,
Нашуд ин ҷомаи афсурдагӣ манзури эҳроме.
Димоғи бенишонӣ худнамоӣ барнамедорад,
Бас аст, оинаи осори анқо кардаам номе.
Ҷунунсайёдии ман чун саҳар пинҳон намебошад,
Ба ҳар ҷо гарди парвозест, ман афкандаам доме.
Заифӣ дар амонам дорад аз бемеҳрии гардун,
Шикасте нест ранги сояро, гар афтад аз боме.
Дар ин маҳфил на он берабтӣ афшурдаст дилҳоро,
Ки ёбӣ эҳтимоли тавъамӣ дар мағзи бодоме.
Димоғе дар ҳавои пухтагӣ парвардаам, Бедил,
Ба мағзи фитратам нисбат надорад фикри ҳар хоме.

* * *

Баҳор[526] он дил, ки хун гардад ба савдои гули рӯе,
Хутан фикре, ки бандад ошён дар ҳалқаи мӯе.
Саҳар оҳе, ки ҷӯшад бо ҳавои сайри гулзоре,
Гуҳар ашке, ки ғалтад дар ғубори ҳасрати кӯе.
Зи пойи мӯр то боли магас сад бор санҷидам,
Нашуд беэътибориҳои ман санги тарозӯе.
Чу гул имшаб ба он ранг обрӯ бар хеш меболам,
Ки пиндорӣ, ба хоки пойи ӯ молидаам рӯе.
Ба сад улфат фиребам дод, аммо доғ кард охир
Гуландоми суманбӯе, чаманранги шарархӯе.

Сари савдопараст оворагӣ то кай кашад, ё Раб?
Гирифтам, болише дигар надорам, кунҷи зонуе.
Талоши ҳиммат аз тарки тааллуқ[527] мешавад зоҳир,
Зи дунё нест дил бардоштан бе зӯри бозуе.
Зи дарди матлаби ноёб бар худ метапад ҳар кас,
Ҷаҳон гардест тӯфонбурдаи ҷавлони оҳуе.
Видоъи фурсати дидор бе мотам намебошад,
Зи мижгон чашми қурбонӣ парешон карда гесӯе.
Қади хамгаштае дар раҳни[528] сад уқбо амал[529] дорам,
Ба ин дунболадориҳо кам афтодаст абрӯе.
Ба номе маҳз қонеъ будан аст аз нақши мавҳумам,
Ки ман чун мӯйи чинӣ нестам ҷуз сояи мӯе.
Дар ин гулшан зи бас танг аст, Бедил, ҷойи осудан,
Нагардонид гул ҳам бе шикасти ранг паҳлӯе.

* * *

Беҳосилиям баст ба гардан хами пирӣ,
Чун бед зи сар то қадамам олами пирӣ.
Дар олами фурсат чӣ қадар қофия танг аст?!
Мӯр аст сияҳ пештар аз мотами пирӣ.
То пунба ниҳад кас ба сари доғи ҷавонӣ,
Кофур[530] надорад асари марҳами пирӣ.
Мавқуфи фаромӯшии айёми шабоб аст,
Хулде агар эҷод кунад Одами пирӣ.
Ҳайҳот, ба ин ҳалқа дари дил накушуданд,
Рафтанд ҷавонон ҳама номаҳрами пирӣ.
Озодагӣ он нест, ки аз марг ҳаросад,
Бар сарв набастаст хамидан ғами пирӣ.
Дил хӯрд фишоре, ки зи ҳам рехт нигинаш,
З-ин беш чӣ тангӣ дамад аз қомати пирӣ?

Таъсир нафас сӯхт ба сомони фусурдан,
Рав, оташи ёқут фурӯз аз дами пирӣ.
Ангуштнамои адам аз мӯйи сапедам,
Карданд чу субҳам алам аз парчами пирӣ.
Чун мӯ ба сапедӣ занад, аз лоф ҳаё кун,
Ҳуш дор, ки Зол аст ҳамон Рустами пирӣ.
Бедил, ту ҷавонӣ, ба такутоз қадам зан,
Ман сояи девори худам аз хами пирӣ.

* * *

Бе ту дил дар синаам дорад ҷунунафсонае,
Нолаи ҷуғде қиёмат карда дар вайронае.
Дар суроғи фурсати гумкарда месӯзам нафас,
Рафта шамъ аз базму боле мезанад парвонае.
Оташе дар худ занам, чашме зи ибрат во кунам,
Чун чароғи куштаам маҳбуси зулматхонае.
Ҷустуҷӯҳо хок шуд, аммо дар ин саҳро наёфт
Он қадар майдон, ки ҳуе болад аз девонае.
Дар калиди саъй уммеди кушоди кор нест,
Аз шикасти дил магар пайдо кунам дандонае.
Чораи дигар намеёбам, гиребон медарам,
Нотавониҳо чу мӯ мехоҳад аз ман шонае.
Оламе додам ба тӯфони дили бемуддао,
Сӯхт хирманҳо ба ҳам, то пок кардам донае.
Субҳа то боқист, зоҳид, дар шумори ком бош,
Мову хатти соғареву лазиши мастонае.
Майкашон пеш аз саводи чарху ахтар хондаанд
Бар баёзи гардани мино хати паймонае.
Бар давоми суҳбати ҳам чашм натвон дӯхтан,
Охир, эй бедонишон, хешем ё бегонае?
Дуди дил умрест, Бедил, медиҳам парвозу бас,
Бар гусастан бастаам зуннори оташхонае.

*   *   *

Ҷаҳд кун, то наравӣ бар асари неку баде,
Ки Хизир низ дар ин бодия дом асту даде.
То гулистони ту дар сабзаи хат гашт ниҳон,
Дидае нест, ки чун лола надорад рамаде.
Доғҳо дар дили хунгашта муҳайё дорам,
Кардаам назри вафои ту пур аз гул сабаде.
Ҷон чӣ бошад, ки тавон назри туам андешид?
Ин қадар туҳфа наярзад ба қабулеву раде.
Офиятдӯстию парвариши ҳуш хатост,
Нест дар маҳфили таҳқиқ чу май бохираде.
Носеҳо, аз damat афсурд чароғи дили мо,
Кош, марг аз ту кунад гарм канори лаҳаде.
Ҷавҳаре лозими теғ аст, чи пайдо, чи ниҳон,
Абруи зулм тиҳӣ нест зи чини ҳасаде.
Равнақи ҷоҳ гар аз атласу дебо бошад,
Сайқали оинаи мост ғубори намаде.
Ҳамраҳи қофилаи ашк ту ҳам роҳӣ бош,
Ки беҳ аз лағзиши по нест ба мақсад баладе.
Ҳама ҷо доғи гадоӣ натавон шуд, Бедил,
Хиҷилам бештар, аз ҳар кӣ надорам мададе.

*   *   *

Ҷуз офиятам, нест ба савдои ту нанге,
Эй хок бар он сар, ки наярзид ба санге.
Он ҷо ки хироми ту шикорафкани дил буд,
Аз сарв чаман ҳам ба ҷигар дошт ходанге.
Махмури лабат гар чаманаш нашъа расонад,
Дар шишаи як ғунча намонад майи ранге.
Маҳв аст дар оинаи тамкини ту шӯхӣ,
Чун маънии парвози шарар дар дили санге.

То тарҳи табассум фиканӣ, чини ҷабин аст,
Дар лутфу итобат натавон ёфт диранге[531].
Дар олами эҷод мусаллам[532] натавон зист,
Ҳар дил аламе дораду ҳар оина занге.
Дар дидаи ибратасари доми ҳаводис
Хуфтаст ба зери пари товус паланге.
Хуш бош ба пирӣ, чу зи каф рафт шабобат,
Гар замзамаи най набувад, навҳаи чанге!
Ин машҳади найранг, ки субҳ аст далелаш,
Захми нафасе дораду хунрезии ранге.
Фарёд, ки дар сурма нуҳуфтанд хурӯшам,
Бишкаст дил, аммо нарасидам ба таранге[533].
Умрест, ки чун ашк қафотози нигоҳам,
Бо барқасаворон чӣ кунад кӯшиши ланге?
Дар дидаи абнои замон чанд тавон зист
Макрӯҳтар аз сурати имон ба Фаранге?
То хуни кӣ соғаркаши ороиши ноз аст,
Аз ранги ҳино мерасад оина ба чанге.
Бедил, наям озод ба ранге, ки зи туҳмат
Бар чашми шарорам мижа бандад раги санге.

* * *

Чанд печад бар мани бедаступо афтодагӣ?
Аз раҳам бардор, то гирад асо афтодагӣ.
Шеваи ушшоқ чун ашк аст дар роҳи ниёз,
Ибтидо саргаштагиҳо, интиҳо афтодагӣ.
Нест саъйи мо биёбонмарги миннатҳои Хизр,
Лағзиши поест, хоҳад бурд то афтодагӣ.
Оламе аз аҷзи мо чидаст сомони ғурур,
Кард моро сояи боли ҳумо афтодагӣ.

Бигзар аз кӯшиш, ки дорад водии таслими ишқ
Ҷода аз худ рафтану манзил зи по афтодагӣ.
Домани таслим ҳам осон намеояд ба даст,
Хок гардидем, то шуд ошно афтодагӣ.
Ҳар чӣ аз мо гул кунад, тамҳиди[534] таслим асту бас,
Саркашӣ ҳам дорад аз дасти дуо афтодагӣ.
Гар касе аз по дарафтад, мо зи сар афтодаем,
Як замину осмон аз мост то афтодагӣ.
Мо ба таъзим аз сари бунёди худ бархостем,
Шуъла ҳам гар кард бо хошоки мо афтодагӣ.
Хоки моро саҷдаи он остон муфт аст, муфт,
В-арна, эй ғофил, куҷо мову куҷо афтодагӣ?
Маҳрами нақши қадам сайри нигоҳаш зери пост,
Ибратомӯз аст вазъи мо, хушо афтодагӣ!
Ҳамчу оташ сар макаш, Бедил, ки дар тадбири амн
Хоки бунёди туро дорад бапо афтодагӣ.

* * *

Чу чинӣ шудам маҳви нозукадоӣ,
Зи мӯ хат кашидам ба шуҳратнавоӣ,
Фиғон доғи дил шуд зи бедаступоӣ,
Фусурд оташам, эй тапидан, куҷоӣ?
Ба он авҷи иқболам аз бекасиҳо,
Ки дорад магас бар сари ман ҳумоӣ.
Парафшони шавқам, хурӯшест тавқам,
Гирифторам, аммо ба қадри раҳоӣ.
Кабоби висолам, хароб аст ҳолам,
Зи ғам чун нанолам? Фиғон аз ҷудоӣ!
Нашуд охир аз хуни сайди заифам
Сарангушти пайкони тират ҳиноӣ.

Тарӣ нест дар чашмаи зиндагонӣ,
Зи хиҷлат нами ҷабҳа дорам гадоӣ.
Фано сози дидор кард аз ғуборам,
Нигаҳ шуд саропоям аз сурмасоӣ.
Такаллуф[535] макун сози тақлиди анқо,
Зи олам баро, то ба рангам бароӣ.
Биболад ҳавас дар дили содалавҳон,
Кунад акс дар оина худнамоӣ.
Дар ин коргоҳи ҳалокаттамошо
Чӣ бофад шабу рӯз, ҷуз карбалоӣ?
На оҳанги шавқе, на парвози завқе,
Ба бекориям кушт бемуддаоӣ.
Ҳавое нашуд дастгири ғуборам,
Заминам фурӯ бурд аз беасоӣ.
Ба сози хамӯшӣ шудам шуҳра, Бедил,
Дуболо зад оҳангам аз бенавоӣ.

* * *

Чун субҳ дорам аз чамани ранги ҷастае
Гарди шикастае, ба ҳаво нақшбастае.
Гул кардаам зи мисраи барҷастаи нафас
Як сакта дар димоғи тааммул нишастае.
Хун мехӯрам зи дарди дилу дам намезанам,
Тарсам, бинолад обиладарпошикастае.
Чун ман надорад оинадори бисоти ранг
Шерозаи мижа ба таҳайюр гусастае.
Не гарди маҳмилест дар ин дашту не ҷарас,
Меболад аз ҳавас дили бедору хастае.
Гардун чӣ ҷомҳо, ки ба гардиш надоштаст
Бар дастгоҳи шишаи гарданшикастае.

Ошуфтагӣ ба ҳайъати мо мехӯрад қасам,
Кам баста рӯзгор ба ин ранг дастае.
Сайёди парфишонии авқоти фурсатем,
Нахчири мост ҳар нафас аз хеш растае.
Бедил, наметавон ҳама дам зери осмон
Сар кӯфтан ба ҳовани гумкардадастае.

* * *

Чӣ маънибаёнӣ, чӣ лафзошноӣ?
Расоӣ мадон, то зи худ барнаёӣ.
Чу рӯ ёбад оинаи беҳаёӣ,
Шавад ҷавҳаророи дандоннамоӣ.
Чӣ микдор ороиши ханда дорад
Кафе хоку он гаҳ димоғи худоӣ.
Матан[536] бар ғуруре ки монанди оташ
Равӣ шуълае чанду хокистар оӣ.
Нафасмояро мекушад лофи ҳастӣ
Ба расвоии безару мирзоӣ.
Фалак ғам надорад зи оҳи заифон,
Чӣ парво ҳадафро зи тири ҳавоӣ?
Дар оинаи ҳуши мо занги ғафлат
Нуҳуфтаст чун фисқ дар порсоӣ.
Ба дарди сари туҳмати саркашиҳо
Ману офиятсандали ҷабҳасоӣ.
Чу резад пару боли ман аз тапидан,
Шикасти қафасро шавад мӯмиёӣ.
Сухан кард тӯфонии инфиолам,
Шино дод сози маро тарсадоӣ.
Қаноат кунад маркази обрӯят,
Шавад қатра гавҳар ба саброзмоӣ.

Агар киштии осмон ғарқ гардад,
Қаландар надорад ғами нохудоӣ.
Дар ин анҷуман ғайри ибрат чӣ дорад
Ғурури наю хиҷлати буриёӣ?
Ба ҳастӣ манумо зарурист, Бедил,
Нафас нест ҷуз мояи худситоӣ.

* * *

Хашмро оинапардози тараҳҳум кардаӣ,
Дар ниқоби чини пешонӣ табассум кардаӣ.
Ҳар сари мӯят забони илтифоте дигар аст,
Баски шӯхӣ, дар хамӯшӣ ҳам такаллум кардаӣ.
То арақ аз чеҳраат хуршедрези ғайрат аст,
Чархро як дашт нақши пойи анҷум кардаӣ.
Уқдаҳои ғунчаи дил бе гулоби ашк нест,
Май ба соғар кун, гар ин ангур дар хум кардаӣ.
Гавҳар аз таслим шуд эмин зи мавҷи инқилоб,
Соҳили ҷамъиятӣ, гар дасту по гум кардаӣ.
Бар ҳадиси муддаъӣ, к-афсонаи дарди сар аст,
Гар тағофул кардаӣ, бар худ тараҳҳум кардаӣ.
Эй хаёлат ғарқи савдои ҷаҳони мухтасар,
Қатраеро бурдаӣ ҷое, ки қулзум кардаӣ.
Мавҷи иқболи ту дар гарди адам пар мезанад,
Қулзумӣ, аммо бурун аз худ талотум кардаӣ.
Бе такаллуф, гар ҳамин аст эътибороти ҷаҳон,
Кам зи ҳайвонӣ, агар тақлиди мардум кардаӣ.
Маърифат к-аз истилоҳи мовуман ҷӯшидааст,
Ғафлат аст, аммо ту огоҳӣ таваҳҳум кардаӣ[537].
Ин замон арзи камолат фикри обу нон бас аст,
Одамият доштӣ, дар кори гандум кардаӣ.

Баҳри имкон шӯхии мавҷи саробе беш нест,
Даст аз обаш то намешӯӣ, таяммум кардаӣ.
Бастаӣ, Бедил, агар бар худ забони муддао,
Ақраберо, метавонам гуфт, бедум кардаӣ.

* * *

Хуш он соат, ки чун тимсол, аз оинаи фарде
Ту орӣ сар бурун аз ҷайби нозу ман кунам гарде[538].
Зи ранги нотавонӣ узрхоҳи сайри ин боғам,
Ба дастанбӯйии[539] хиҷлат надорам ҷуз гули зарде.
Агар гарде кунад хоки таҳи по, пушти мо бӯсад,
Бари аҳбоб аз ин бешам намебошад раҳоварде.
Уқубат аз камини маъсият[540] ғофил намебошад,
Шаби ман тиратар шуд охир аз ташвиши шабгарде.
Ҷаҳон яксар қимори орзуи пуч мебозад,
Магар дасти пушаймонӣ, кӣ дорад бурду оварде?
Мурувват сахт дур аст аз мизоҷи беҳиси золим,
Зи захми кас намегардад дучори нештар дарде.
Ба ин сомон, ки гардун нашъаи ворастагӣ дорад,
Баланд афтода бошад домани барчидаи марде.
Асири фақрам, аммо роҳате бе дарди сар дорам,
Ба мулки тирарӯзӣ нест чун ман сояпарварде.
Ба завқи Кавсару алвони неъмат хун махӯр, Бедил,
Биҳишт он бас, ки ёбӣ нонаке гарм, обаке сарде.

* * *

Дорад ба мани дилшуда имшаб сари ҷанге
Гулбаргкамоне, паритовусхаданге.
Пеши кӣ барам шиква аз он наргиси кофар?
Бечора шаҳидам зи дами теғи Фаранге.

Мушкил, ки зи фикри адами хеш бароям,
Дорам саре, аммо ба гиребони наҳанге.
Он ҷилва, ки беруни хаёл аст хаёлаш,
Дидем ба ранге, ки надидем ба ранге.
Муҳтоҷи нафас кард таҳайюр дили моро,
Оина шуд охир ҷараси нолабачанге.
Кулфат набарад раҳ ба дили бодапарастон,
Оинаи мино накашад заҳмати занге.
Найранги баду неки ду олам ҳама аз туст,
Гар бигзарӣ аз хеш, на сулҳест, на ҷанге.
З-ин оинаҳо чанд кашӣ соғари авҳом?
Он беҳ, ки занӣ шишаи тамсил ба санге.
Ҳуш дор, ки бар гӯши азизон натавон хӯрд,
Гар нест суханро асари тиру туфанге.
Гоме ба кушоди хати паргор нарафтам,
Чун нуқта фусурдам ба фишори дили танге.
Гарди рами айш аст, чи саҳрову чи гулзор,
Фурсат ҳама ҷо хун шудаву рехта ранге.
Бедил, хушам аз орази гулгун ба хати сабз,
Фориғ зи маям сохта кайфияти банге.

* * *

Дар зиндагӣ нагаштам манзури ошноe,
Афтад магар ба хокам чашме зи нақши поe.
Ҳамкисвати ҳубобам, урёниям ниҳон нест,
Чун ман надорад ин баҳр шахси тунукридоe[541].
Баъд аз фано ғуборам шӯри қиёмат ангехт,
Бар хоки ман ситам кард фарёди сурмасоe.
Хони маоли ҳастӣ ибратнасибие дошт,
Шуд сер ҳар кас ин ҷо аз хӯрдани қафоe[542].
Дар коргоҳи таҷдид ҳайрони рангу бӯ бош,
Чандин баҳор дорад гулзори бевафоӣ.

Мино нахӯрда бар санг, кам раст аз дили танг,
Паҳлу тиҳӣ кун аз хеш, дар базм нест ҷое.
Кайфияти мурувват дар чашми дӯстон нест,
Мижгон магар бибанданд, то гул кунад ҳаёе.
Ҷуз ибрате ки дорем, дигар чӣ вонамоем?
Оина кард моро найранги худнамое.
Ҷое ки нотавонаш афтода хас ба дандон[543],
Ангушти зинҳор аст, гар қад кашад асое.
Ҳиммат зи тарки дунё бар қадри худ чӣ нозад?
Мижгон баланд шуд, лек миқдори пушти пое.
Ҷайби даридаи субҳ мактуби ин паём аст,
К-эй бехабар, чунин бош, дунёст хандаҷое.
Асрори пардаи дил мафҳуми ҳозирон нест,
Бедил, зи дур дорем дар гӯши ҳам садое.

* * *

Даме ки аҷз шавад дастгоҳи бекорӣ,
Гиреҳкушоии нохун расад ба сархорӣ.
Миёни огаҳию роҳат аст безорӣ,
Зи ҷавҳар оинаҳорост доми бедорӣ.
Дамидааст зи занҷири бол ваҳшати мавҷ,
Бувад раҳоии ман дархури гирифторӣ.
Касе мабод асири шиканҷаи ифлос,
Ки одамӣ ба сари дор беҳ зи нодорӣ.
Зи лавҳи соя ҷуз ин ҳарф сархате надамид,
Ки поймоли ҷаҳонанд аҳли бекорӣ.
Чу барги лола сиёҳӣ зи доғи мо наравад,
Ба чашми ахтари мо нест ранги бедорӣ.
Ба қадри тафриқаи дил шукуфтаноҳангем,
Ҷунунбаҳории мо дошт ранги душворӣ.
Муқими олами таслим бошу роҳат кун,
Баланду пасти ҷаҳон соярост ҳамворӣ.

Чунон мабош, ки дар чашми мардум аз ҳасадат
Мижа ба каждумӣ афтад, нигаҳ кунад морӣ.
Чу гул баҳори нишотат далели бедардист,
Хуш он, ки хун шавию ранги дард бардорӣ.
Чу зарра ҳастии ман кош бенишон мебуд,
Хиҷил зи нестиям кард ҳеҷмиқдорӣ.
Ба гиря ирзи[544] румузи вафо мабар, Бедил,
Бароти дида макун фазлаи ҷигархорӣ.

*   *   *

Дуӣ ҳавас накунӣ, сӯи худ назар накушоӣ,
Даруни хонаат оина аст, дар накушоӣ.
Ба ҷаҳд боз нагардад румузи пардаи ашё,
Магар даме ки муаммои хайру шар накушоӣ.
Чу чашм сурати аҳдат ба як қарор намонад,
Чӣ мумкин аст, ки шаб бандию саҳар накушоӣ?
Фусурдагӣ натавон чид дар ҷаҳони тараддуд,
Чу мавҷ агар ҳама гавҳар шавӣ, камар накушоӣ[545].
Зи гиря манъи дили хаста бӯи раҳм надорад,
Раги бурида мукаррар ба нештар накушоӣ.
Дар ин аламкада пеш аз хаёли чашм кушудан,
Чу дуди шамъ муҳол аст, мӯи сар накушоӣ[546].
Гули муроди ду олам дар ин баҳори таманно
Ба доманест, ки дар пеши якдигар накушоӣ.
Тааммул ин қадар афкандааст укда ба корат,
Кушуда аст дар аз шаш ҷиҳат, агар накушоӣ.
Зи сози ибрати имкон ҷуз ин садо нашунидам,
Ки эй ситамзада, зинҳор, гӯши кар накушоӣ.
Фузулии ҳавасат танг кард кунҷи қаноат,
Қафас фишор надорад, агар ту пар накушоӣ.
Ба аҷзи тоқати хешат бас аст чашм кушудан,
Ба нохуне ки надорӣ, зеҳи[547] дигар накушоӣ.

Чӣ мумкин аст илоҷи дили гирифтаи Бедил?
Агар муҳит шавӣ, укдаи гуҳар накушоӣ.

* * *

Дӯстон, ин хокдон чун ман надорад дигаре
Хонае зери замин бунёд, нақши по даре.
Мурдаму ёди мазори ман накард он масти ноз,
Дар ғуборам дошт истиқболи побӯсаш саре.
Меравам аз худ чу шамъу по ба дил афшурдаам,
Киштии ман бодбон дорад ба ҷайби лангаре.
Хоби роҳат дар талоши махмалу санҷоб сӯхт,
Зери паҳлӯ доштам чун нотавонӣ бистаре.
Ахгаре будам, зи доғи бекасӣ помоли яъс,
Бар сари ман соя кард охир кафи хокистаре.
Аз ҳаловатгоҳи фақрам буриёе додаанд,
Бо замин чун банди най часпидаам бар шаккаре.
Орзуҳо дар саводи ваҳм ҷавлон мекунад,
Он суи майдон дарафтодаст бо ҳам лашкаре.
Занги ғафлат маҳрами оинаи дил будааст,
Офият дорад даруни хона беруни даре.
Даври чарх аз кавкаби ошиқ сиёҳӣ кам накард,
Умрҳо шуд, як мураккаб[548] мекашам аз миҳбаре[549].
Водии вомондагӣ тай мекунему чора нест,
Мебарад моро таҳи по норасидан раҳбаре.
Об мегардем, то муште арақ гул мекунем,
Шишасози мо надорад ҷуз ҳаё оташгаре.
Баски бе рӯяш чу шамъам зиндагонӣ хиҷлат аст,
Гар парад рангам, ба рӯи об мегардад паре.
Дар адабгоҳе ки ҳарфи теғаш ояд бар забон,
Гардани ман бин, агар хоҳӣ зи мӯ лоғартаре.
Бедил, аз миқдори зарфи худ намебояд гузашт,
Ваъзи мастон дар хати паймона дорад минбаре.

*  *  *

Раме, бетобие, тағйири ранге, гардиши ҳоле,
Фусурдӣ бехабар ҷаҳде, ки шояд во кунӣ боле.
Ба ранги ғунча натвон офиятмағрур гардидан,
Парешонӣ бувад тафсили ҳар ҷамъиятиҷмоле.
Ба ғайр аз нафйи ҳастӣ маҳрами исбот натвон шуд,
Ҳамон парвози рангат баста бар оина тимсоле.
Хусули обу ранги имтиёз осон намебошад,
Бисӯзу доғ шав, то бар рухи ҳастӣ ниҳӣ холе.
Ба завқи сӯхтан з-ин анҷуман кулфат ғанимат дон,
Ҳамин шом асту бас, гар шамъ дорад субҳи иқболе.
Таҳайюр заҳмати таклифи дигар барнамедорад,
Нигаҳ бошу мижа бардор, ҳар борею ҳаммоле.
Ман аз суду зиён огаҳ наям, лек инқадар донам,
Ки ҷинси офиятро ҷуз хамӯшӣ нест даллоле.
Ба ҳар ҷо рафтаем аз худ, асар рафтаст пеш аз мо,
Ғуборе ку, ки нозад корвони мо ба дунболе.
Ба расвоӣ кашид аз шӯхии чоки гиребонат
Табассум аз саҳар ҳамчун шиканҷ аз чеҳраи золе.
Ба ҳеҷ оҳанг арзи муддао сурат намебандад,
Чу мазмуни баланд афтодаам дар хотири лоле[550].
Магар хокистари дил дорад истиқболи оҳангам,
Ки аз табъи сипанди ман тапидан мекашад боле.
Тапиш дар табъи амвоҷ аст саъйи гавҳаророй,
Табе дорам, ки хоҳад рехт охир ранги табхоле.
Чӣ пардозам ба изҳори хати бематлаби ҳастӣ?
Магар аз хомаи таҳқиқ берун афканам ноле.
Ба носури ҷигар умрест гарди нола мебезам,
Хушо арзи бизоатҳо, кафи холию ғирболе.
Зи ташрифи ҷаҳон, Бедил, ба урёнӣ қаноат кун,
Ки гул ин ҷо ҳамин[551] як ҷома меёбад пас аз соле.

*  *  *

Зи пироҳан бурун о, бе шукӯҳе нест урёнӣ,
Ҷунун кун, то ҳубоберо либоси баҳр пӯшонӣ.
Гули оинаро рӯйи ту бахшад ранги ҳайронӣ,
Диҳад зулфат ба дасти шона асбоби парешонӣ.
Ба поси рози ашк аз забти мижгон нестам ғофил,
Ба хок афкандан аст ин тифлро гаҳворачунбонӣ.
Ба Маҷнун нисбати савдопарастонат намешояд,
Зи одам фарқ бисёр аст то ғӯли биёбонӣ.
Ба ҳар ҷо чора меҷустанд маҷрӯҳони улфатро,
Фатила дар даҳони захм буд ангушти ҳайронӣ.
Сари бемағзи моро чорае дигар намебошад,
Магар теғе шавад нохун бар ин ақди гаронҷонӣ.
Дари барбаста мегӯяд румузи хонаи мумсик,
Саводи тангии дил равшан аст аз чини пешонӣ.
Шумори уқдаи дил ҳамчунон боқист дар зулфаш,
Гар ангуштат шавад то шона хушк аз субҳагардонӣ.
Надонам, орзутамҳиди дидори киям имшаб?
Чу чашмам як лаби арзу ҳазор ангушти ҳайронӣ.
Ту аз худношиносӣ ҳаққи иззат кардаӣ ботил,
Дар он маҳфил ки хоки тира дорад оби ҳайвонӣ.
Ғурури табъ, он гаҳ лофи диндорӣ? Чӣ зулм аст ин?
Ба дилҳо решае чун субҳа меҳоҳад мусулмонӣ.
Зи изҳори камолам об мебояд шудан, Бедил,
Либоси ҷавҳарам, чун теғ то кай нанги урёнӣ?

*  *  *

Зи дастгоҳ мабар заҳмати гаронҷонӣ,
Макаш равонӣ аз оби гуҳар ба ғалтонӣ.
Хуш он нафас, ки чу маънӣ расад ба урёнӣ,
Чу бӯйи гул зи баҳораш либос пӯшонӣ.

Ба назму наср биноз аз латофати тақрир,
Забур муъҷизае дорад аз хушалҳонӣ.
Камоли нағма дар ин ҷо ба қадри ҳанҷара[552] аст,
Адо кунед ба хондан ҳақи сухандонӣ.
Сухан хуш аст ба кайфияте адо кардан,
Ки маънӣ об нагардад зи нанги урёнӣ.
Ҳарифи мардуми бадлаҳҷа будан осон нест,
Касе мабод тараф бо азоби рӯҳонӣ!
Дар ин ҳаваскада дарси хамӯшият авлост,
Ки бар виқор нависӣ бароти нодонӣ.
Худойро, написанд, эй баҳори ранги итоб,
Шикасти оинаи дил ба чини пешонӣ.
Тағофулат адамовора кард оламро,
Магар ба гардиши чашм ин инон бигардонӣ.
Масеҳ мавҷ занад, то табассум орой,
Ҷунун баҳор кунад[553], зулф агар барафшонӣ.
Нишот бо дили озурдаам намесозад,
Ба рӯйи захм кунад хандааш намакдонӣ.
Хатои фикри иқомат ба худ мабанд ин ҷо,
Ки дарси умр равон асту сакта мехонӣ.
Ба теғ қатъ нашуд интизори мо, Бедил,
Ҳанӯз номасиёҳ аст чашми қурбонӣ.

* * *

Шодам, к-аз ин гулистон гар суратам надидӣ,
Аз бӯи гул ба ранге фарёди ман шунидӣ.
Чун соя бори аҷзам вақфи тағофул авлост,
К-ин ҷо ба ранги мижгон, то ворасӣ, хамидӣ.
Дарди дилем, моро дар табъи нола рангест,
Наққош, хома бишкан, тасвири мо кашидӣ.

Хомӯш гаштӣ, эй шамъ, оҳ аз куҷот пурсам?
Бодат зи анҷуман бурд ё дар замин чакидӣ?
Дилро ба ҳар тапидан чандин ҷунуннавоист,
Сад сур агар хурӯшӣ, з-он нағмаҳо нашидӣ[554].
Дар водие, ки куҳсор сангест дар фалохан,
Нақши қадам набудӣ, бахри чӣ орамидӣ?
Пирӣ дамонд ҳарчанд хокистарат зи оташ,
Дар интизори парвоз як чашмию сапедӣ,
Ғафлат сари ғурурат бар осмон расонид,
З-ин як нафас таайюн чандин саҳар дамидӣ,
Дил чист, к-аз фузулӣ тоби ҷамолаш орад?
Ғофил зи барқи дидор оина офаридӣ,
Сайри саводи фақрат хоби баҳор дорад,
Марҳуни[555] бебарӣ бош, дар сояҳои бедӣ,
Гардун ба он такудав масти тавофи хок аст,
Зери қадам нигоҳе, эй ашк, пур давидӣ!
З-ин боғ доманат, ҳайф, чине накард ҳосил,
Эй бехабар, чӣ кардӣ, гул доштӣ, начидӣ?
Рӯзе дар аҳли таҳқиқ ҳасраткамин гузаштам,
Гуфтам: Талаб чӣ овард? Гуфтанд: Ноумедӣ.
Халқест бисмили ваҳм з-андешаи нигоҳаш,
Бедил, куҷост он теғ, к-аз ҳасраташ шаҳидӣ?

* * *

Шаб чашми ниммасташ во шуд зи хоб ниме,
Дар дасти фитна доданд ҷоми шароб ниме.
Мавҷи хиҷолати сарв пайдост аз лаби ҷӯ,
К-аз шарми қомати ӯ гардида об ниме.
Гирам, лабат нагардад бепарда дар такаллум,
Аз шӯхии табассум барзан ниқоб ниме.

З-он абри хат, ки дорад тарфи баҳори ҳуснат,
Хуршед панҷаи ноз зад дар хизоб ниме.
Ҳусн аз хати ту фарш аст сомони хоби нозаш,
Бар рӯи соя ниме, дар офтоб ниме.
Кайфияти табассум болид як сари мӯ,
К-аз нуқтаи даҳонат кард интихоб ниме.
Пок аст дафтари мо, к-аз барқи нокасиҳо
Боқӣ наметавон ёфт аз сад ҳисоб ниме.
Сармоя як нафас умр, он ҳам ба бод додем,
Дар касби ҳирс ниме, дар хӯрду хоб ниме.
Қонеъ ба ҷоми ваҳмем аз базми ҳастӣ, эй кош,
Қисмат кунанд бар мо аз як ҳубоб ниме.
Умрест оҳам аз дил монанди дуди миҷмар
Дар оташ аст ниме, дар печутоб ниме.
Он лолаам дар ин боғ, к-аз дарди бедимоғӣ
То як қадаҳ ситонам, кардам кабоб ниме.
Дар даъвии камолот сад нусха лофи фазлам,
Аммо наям ба маънӣ дар ҳеҷ боб ниме.
Мӯйи сафед гул кард, омодаи фано бош,
Яъне, саводи ин шаҳр бурдаст об ниме.
Бедил, нишоти ин базм азбаски нотамомист,
Чарх аз ҳилол дорад ҷоми шароб ниме.

* * *

Шарари коғазӣ, ороиши дуккон накунӣ,
Сафҳа оташ назанӣ, фикри чароғон накунӣ.
Амали пуч мукофоткамин мабошад,
Оташе нест, агар пунба намоён накунӣ.
Завқи дарёкашӣ аз ҳавсалаи ваҳм барор,
То зи хамёзаи амвоҷ гиребон накунӣ.

Ҳар куҷо ҷинси ҳавас қобили савдо бошад,
Нест нақди ту аз он киса, ки нуқсон накунӣ.
Эй сияҳкор, агар гиря набошад, арақе,
Оҳ аз он доғ, ки абр оию борон накунӣ!
Сели бунёди тамошо мижа бар ҳам задан аст,
Хонаи оина, ҳуш дор, ки вайрон накунӣ.
Дӯстон яккалам оғӯши видоъанд ин ҷо,
Такя чун ашк ба ҷамъияти мижгон накунӣ.
Чӣ хаёл аст, ки дар анҷумани ҳайрати ҳусн
Гул кунӣ оинаву ноз ба домон накунӣ.
Нафси аммора[556] ҷуз изои ҷаҳон напсандад,
То нахоҳӣ бади кас, бар худат эҳсон накунӣ.
Ҳайфи саъят, ки ба андози замингириҳо
Пойи худро нафасе обиладандон накунӣ.
Чашми мӯре агарат кунҷи қаноат бахшанд,
Ҳамчу Бедил ҳаваси мулки Сулаймон накунӣ.

* * *

Сад ранг нақш бастем дар ёди гулҷабине,
Товус кард моро тасвири нозанине.
Парвози шавқ имрӯз маҳмилкаши тапиш нест,
Дар байза ҳам ҷунун дошт бе болу пар камине.
Ваҳми бараҳнапоӣ гар доманат нагирад,
Ҳар хори ин биёбон дорад таранҷубине[557].
Суру хурӯши маҳшар дар гӯши ошиқонат
Кам нест, гар расонад аз пашшае танине.
Моро ғурури дониш шуд дурбоши таҳқиқ,
Мехост ин тамошо чашми бахуднабине.
Дар мактаби таайюн чандин варақ сияҳ кард
Машқи хаёли ҳастӣ аз сархати ҷабине.

З-ин дашту дар надидем, ҷое ки дил кушояд,
Дар баҳри назм шояд пайдо шавад замине.
Шуҳраткамини анқо мурдему хок гаштем,
Бар номи мо нахандид з-ин анҷуман нигине.
Аз зарра то маҳу меҳр омодаи раҳил аст,
Ҳар пой бар рикобе, ҳар тавсанею[558] зине.
Бедил, мапеч чандин бар дастгоҳи иқбол,
Дар домани баландат чин дорад остине.

* * *

Оламе бар бод рафт аз саъйи беповусарӣ,
Хомаҳо дар машқи лағзиш гум шуд аз бемистарӣ.
Фурсати ҷамъияти дил навбаҳори муддаост,
Ғунчахуспиҳо муқаддам гир бар гулбистарӣ.
Гуфтугӯ бунёди тамкинат ба тӯфон медиҳад,
Гар ҳама куҳсор бошӣ, з-ин садоҳо мепарӣ.
Бемуҳобо[559] дам мазан, гар поси дил мебоядат,
Бо нафас дорад ҳисоб оинаи миногарӣ.
Резиши ашке чу шамъат Хизри мақсад кардаанд,
Кош, бо ин лағзиш аз истодагиҳо бигзарӣ.
Реша бар гардун давонидему аҷзи мо ба ҷост,
Саъйи болидан набурд аз паҳлуи мӯ лоғарӣ.
Дар пайи мо инфиоли сарнавишт афтодааст,
Номаи моро мапечон, хатти мо дорад тарӣ.
З-ин асарҳо, к-аз саодат хуфта дар боли ҳумо,
Бар пари товус боистӣ дукони муштарӣ.
То куҷо он ҷилва дар дилҳо кашад[560] майдони ноз?
Дар фишори шиша афтодаст оғӯши парӣ.
Ғафлати зотӣ зи тадбири таҷоҳул фориғ аст,
Аз фусуни пунба миннат барнамедорад карӣ.
То адам овораи офот бояд тохтан,
Киштиятро ҷуз фурӯ рафтан надорад лангарӣ.

Файзи саҳро дар ғубори хонумон осуда аст,
То ба доман ворасӣ, бояд гиребон бардарӣ.
Барг-барги беди ин боғ имтиҳонгоҳи ҳамист,
Ҳеҷ боре нест сангинтар зи яъси бебарӣ.
Бо хирад гуфтам: Чӣ бошад инфиоли одамӣ?
Сӯи дунё диду гуфт: Ашғоли асбоби харӣ.
Умрҳо шуд, мезанӣ, Бедил, дари дайру ҳарам,
Оҳ аз он рӯзе, ки гӯяндат: чӣ заҳмат мебарӣ?

*  *  *

Иёри фитнаи чархи ситамгар то куҷо гирӣ?
Ҳисоби шуълаи ҷаввола чанд аз осиё гирӣ?
Руунат[561] бо заифӣ ҷамъ кардан шарм мехоҳад,
Ки бархезӣ зи ҷо чун шамъу аз гардан асо гирӣ.
Ба ранги субҳаат ҳайф аст роҳи шубҳа паймудан,
Ки яксар аз ғалатфаҳмӣ тарики ибтидо гирӣ.
Чӣ имкон аст гардидан ҳарифи забти авҳомат?
Баҳорат ғунча гардад, то инони рангҳо гирӣ.
Зи ибрат ғофилӣ, товусии боғи ҳавас то кай?
Кунӣ сайри биҳишт он дам, ки чашме зери по гирӣ.
Чӣ инсонист бо ҳамсоягон девонагӣ кардан?
Саге ҳам нанг медорад, ки пои ошно гирӣ.
Ионат[562] пеш натвон бурд бе имдоди якдигар,
Асо дасти ту гирад, гар ту ҳам дасти асо гирӣ.
Набояд буд аз аркони одоби сухан ғофил,
Вузӯе аз арақ шарт аст, агар номи ҳаё гирӣ,
Ба ҳастӣ барнаёӣ, то набинӣ хиҷлати мурдан,
Ба хок афтода бошӣ беҳ, ки куштӣ бо қазо гирӣ.
Ҳамин базм аст, хоҳӣ, сабр кун, хоҳӣ, бинол ин ҷо,
Муҳол аст ин, ки тарки унси ин ваҳшатсаро гирӣ.

Нафас бори ҷаҳоне чун саҳар бар дӯши мо дорад,
Фалакро аз замин бардоштӣ, гар дасти мо гирӣ.
Ба он озодагӣ бо аҳли олам соз кун, Бедил,
Ки пеши ҳар ки ой, чун нафас роҳи дуо гирӣ.

* * *

Умр гузашту ҳамчунон доғи вафост зиндагӣ,
Заҳмати дил куҷо барем, обилапост зиндагӣ?
Ҳар чӣ дамид аз саҳар, дошт зи шабнаме асар,
Дархури шӯхии нафас ғарқи ҳаёст зиндагӣ.
Охири кори худсарӣ нест ба ғайри инфиол,
Рафт шабобу ин замон қадди дутост зиндагӣ.
Дил ба забон намерасад, лаб ба фиғон намерасад,
Кас ба нишон намерасад, тири хатост зиндагӣ.
Партаве аз гудози дил баста раҳи хироми шамъ,
З-ин кафи хуни нимранг побаҳиност зиндагӣ.
То нафас ояти бақост, нола камини муддаост,
Дуди диле баланд кун, дасти дуост зиндагӣ.
Аз ҳама шуғл хуштар аст санъати айбпӯшият,
Пина ба рӯи ҳам бидӯз, далқи гадост зиндагӣ.
Як-ду нафас хаёл боз, риштаи шавқ кун дароз,
То абад аз азал битоз, мулки Худост зиндагӣ.
Хоҳ навои роҳатем, хоҳ танини кулфатем,
Ҳар чӣ бувад, ғаниматем, савту садост зиндагӣ.
Шӯри ҷунуни мовуман ҷӯши фунуни ваҳму зан
Вақфи баҳори зиндагист, лек куҷост зиндагӣ?
Ҷуз ба хамӯшӣ аз ҳубоб сарфаи офият кӣ дид?
Эй нафас, он қадар мабол, тангқабост зиндагӣ.
Бедил, аз ин сароби ваҳм ҷоми фиреб хӯрдаӣ,
То ба адам намерасӣ, дурнамост зиндагӣ.

*   *   *

Умрест ҳамчу мижгон аз дарди нотавонӣ
Доман фишондани ман дорад ҷигарфишонӣ.
Вомондаи адабро сармояи талаб ку?
Хок аст оби гавҳар дар олами равонӣ.
Фарёд, к-аз таваҳҳум бар боди худсарӣ дод
Муште ғубори моро савдои осмонӣ.
Он ҷо ки бедимоғӣ зӯрозмои аҷз аст,
Дорад нафас кашидан таклифи шахкамонӣ.
Эй офтоби тобон, дилгармие зарур аст,
Бар рағми сардтабъон магзар зи меҳрубонӣ.
Аз ваҳшати нафасҳо дарёб ҳасрати дил,
Бонги ҷарас ниҳон нест дар гарди корвоне.
Дар олами таайюн ворастан аз амал[563] нест,
Дар қайди ришта коҳад гавҳар зи сахтҷонӣ.
Пайваста нотавонон мақбули хосу оманд,
Аз бори соя набвад бар ҳеҷ кас гаронӣ.
Ҳиммат ба фикри ҳастӣ худро гиреҳ насозад,
Ҳайф аст кисадӯзӣ бар накди ройгоне.
Эй нестиаломат, то кай ғами иқомат?
Хоҳад ба бод рафтан, гарде ки менишонӣ.
Додем накди биниш бар боди гуфтугӯҳо,
Чашми тамизи мо баст гарди фасонахонӣ.
Бедил, бисоти дилро бастам ба нола оин,
Кардам ба гулшани доғ аз шуъла боғбонӣ.

*   *   *

Инонам гар нагирад хотири оинасимое
Ба қалби осмонҳо мезанам аз оҳи танҳое.
Зи сомони ду олам орзу мустағниям дорад
Шабистони хати ҷому ҳузури шамъи миное.

Дамидан, гӯ, набошад обёри решаи ҷаҳдам,
Ниҳоли доғи ҳирмонро замингирист болое.
Ниёзи хоки роҳи ноумедӣ боядам кардан
Дили хунгашта дар дасте, сари фарсуда дар пое.
Суроғи хуни ман аз гарди ранги гул чӣ мепурсӣ?
Ба ёди домани ӯ мекашам охир сар аз ҷое,
Чароғи ҳайратам чун лола дар даст аст, маъзурам,
Раҳе гум кардаам дар зулматободи сувайдое.
Дар ин гулшан муяссар нест тарки аҳвалӣ[564] кардан,
Ки дар ҳар барги гул оина дорад ҳусни раъное.
Зи нафйи мовуман исботи ваҳдат кард огоҳӣ,
Ҳубобе чанд аз худ рафту берун рехт дарёе.
Набуд уммеде аз ҷоми саломат ғунчаи моро,
Ҳам аз ҷӯши шикасти ранг пур кардем миное.
Надоматмояем, эй яъс, оташ зан ба уқбо ҳам,
Ки имрӯзи зиёнкорон намеарзад ба фардое.
Дил аз каф додаам, дигар зи кулфатҳо чӣ мепурсӣ?
Ба сомони ғуборам доман афшондаст саҳрое.
Мани Бедил ҳарифи саъйи беҷо нестам, зоҳид,
Туву қатъи манозилҳо, ману як лағзиши пое.

* * *

Гар дар ин қаҳтсароят накунад нон мададе,
На ҷасад ранги нумӯ гираду не ҷон мададе.
Сарсарӣ нагзарӣ, эй бехабар, аз уқдаи дил,
Гар зи нохун нашавад кор, ба дандон мададе!
Эй ғанӣ, то асари анҷуму афлок ба ҷост,
Кас намехоҳад аз иқболи ту чандон мададе.
Дар қаноат ҳама асбоб ба зери қадам аст,
Мӯри ин дашт нахоҳад зи Сулаймон мададе.

Инқадар боз нагардад дари ташвиши суол,
Аз каримон нарасад гар ба гадоён мададе.
Суҳбати бехирадон офати рӯҳонӣ буд,
Оҳ, агар Нӯҳ намедид зи тӯфон мададе!
Ҳайф аз он бехабаре чанд, ки бо қудрати ҷоҳ
Хок гаштанду накарданд ба ёрон мададе.
Фасли беҳосилии ашк тариҳо дорад,
Санг шуд абр, агар кард ба найсон мададе.
Ашк беравнақии бахти сияҳ напсандид,
Дошт ин шом ҳам аз файзи чароғон мададе.
Гули ин боғ ҷунунҳавсалае мехоҳад,
Бедил, аз чок зарур аст ба домон мададе.

* * *

Гар эътибор начидӣ бисоти фахрписандӣ,
Арақ ба ҷабҳа намебаст инфиоли баландӣ.
Ба ваҳм чашмат агар боз шуд, куҷост шуурат?
Ба ин ду сифр яке сад шудӣ, на чуну на чандӣ.
Набурдӣ огаҳӣ аз ибрати зиёди саринҳо[565],
Ҳазор бор сари нохунат ба теғ фикандӣ.
Ҷаҳон ҳазор нигин канду рафт дар гави[566] ҳирмон,
Ту пушти даст ҳам аз нанги ин талош накандӣ.
Ҳаловатест ҷаҳонро ба завқи неъмати қисмат,
Асал нагуфт ба ҳанзал, ки дар хаёли чӣ қандӣ?
Дилат насӯхт нафас, то бароварад зи газандат,
Чу чашмзахм ҳамин гӯш бар садои сипандӣ.
Чаро паранди[567] саҳар бар ҳаво хаёл набофад?
Ту низ аз ду нафас риштанӣ сипеҳркамандӣ.
Дар ин фанокада ҳар сӯ хатост чашм кушудан,
Ба хонае ки набошӣ, чӣ лозим оинабандӣ?

Дигар чу шамъ чӣ гул чинӣ аз баҳори таайюн,
Ки сар зи по бадар орию як-ду обила хандӣ.
Агар ҳадиси ту, Бедил, навиди зиндагӣ орад,
Ба гӯши аҳли ҳасад чун паёми марг газандӣ.

* * *

Гар нест дар ин майкадаҳо даври тамоме,
Қонеъ чу ҳилолем ба нисфи хати ҷоме.
Дар мулки қаноат ба маҳу меҳр мапардоз,
Гар нони шабе ҳасту чароғи сари шоме.
Ин боғ чӣ дорад зи сару барги таайюн?
Тухм орзуи пучу самар фитрати хоме.
Бунёди ғурури ҳама бар даъвии пуч аст,
Дар арсаи мо теғ кашидаст ниёме.
Шоҳон ба нигин ғарра, гадоён ба қаноат,
Ҳастӣ ҳамаро сохта хиффаткаши номе.
Ибрат хабаре медиҳад аз фурсати иқбол,
Ин васл на з-онҳост, ки арзад ба паёме.
Дилҳо ҳама маҷмӯаи найранги фунунанд[568],
Ҳар дона ки дидам, гираҳе буд ба доме.
Ҳастӣ равиши нози ҷунунтози кӣ дорад?
Меоядам аз гарди нафас бӯйи хироме.
То меҳри рухаш аз чӣ уфуқ ҷилва намояд,
Гӯши ҳама пур карда садои лаби боме.
Офоқ зи парвози ғуборам мижа пӯшид,
З-ин сурма ба ҳар чашм расидаст саломе.
Бедил, чӣ азал, ку абад, аз ваҳм бурун ой,
Дар кишвари таҳқиқ на субҳест, на шоме.

* * *

Мушкил, аз ҳарзадавӣ ҷуз ба табутоб расӣ,
По ба доман нашикастӣ, ки ба одоб расӣ.
Махмали коргаҳи ғафлатӣ, эй беҳосил,
Саъйи бедорият ин бас, ки ту то хоб расӣ.
Он қадар бар дари изҳор мабар ҳоҷати хеш,
Ки ба хиффаткадаи миннати аҳбоб расӣ.
Рамзи иқболи ҷаҳон вокашӣ аз идбораш,
Гар ба шогирдии шогирди расантоб[569] расӣ.
Миннатолуд макун чораи захми дили кас,
Тарсам, аз марҳами кофур ба маҳтоб расӣ.
Бе арақ нест дил аз ҳиҷлати таъмири ҷасад,
Бармадор он ҳама ин хок, ки то об расӣ.
Моҳии қулзуми ҳирс оби дигар мехоҳад,
Аташат[570] кам шавад он дам, ки ба қуллоб расӣ.
Сайри ин баҳр далели сабақи ибратҳост,
Гирди худ гард, замоне ки ба гирдоб расӣ.
Нашъапаймоии кайфияти ток осон нест,
Во шавад укдаи дил, то ба майи ноб расӣ.
Хатми ғаввосии дарёи яқинат ин аст,
Ки зи ҳар қатра ба он гавҳари ноёб расӣ.
Восили Каъбаи таҳқиқ адабкӯшонанд,
Сарбазону надавидӣ, ки ба меҳроб расӣ.
Роҳе аз мақсади бисмил накушудӣ, ҳайҳот,
То ба завқи талаби Бедили бетоб расӣ.

* * *

Набарӣ гумон, ки муфте ба Худо расида бошӣ,
Ту зи худ нарафта берун, ба куҷо расида бошӣ?
Сарат ар ба чарх соянд, нахурӣ фиреби иззат,
Ки ҳамон кафи ғуборӣ, ба ҳаво расида бошӣ.

Ба ҳавои худсариҳо наравӣ зи раҳ, ки чун шамъ
Сари ноз то биболад, таҳи по расида бошӣ.
Задан оина ба сангат зи ҳазор сайқал авло,
Ки ба зиштии ҷаҳоне зи ҷило расида бошӣ.
Хами турраи иҷобат ба уруҷи бениёзист,
Ту ба ваҳми хеш дасте ба дуо расида бошӣ.
Ҳама тан шикасти рангем, магузар зи пурсиши мо,
Ки ба дарди дил расидӣ, чу ба мо расида бошӣ.
Бирав, эй сипанд, имшаб сару барги мо хамӯшист,
Ту ки сӯхтанд созат, ба наво расида бошӣ.
На тараннуме, на ваҷде, на тапидане, ки ҷӯше,
Ба хуми сипеҳр то кай майи норасида бошӣ?
Нигаҳи ҷаҳоннавардӣ, қадаме зи худ бурун ой,
Ки зи хеш агар гузаштӣ, ҳама ҷо расида бошӣ.
Зи шикасти ранги ҳастӣ асари ту, Бедил, ин бас,
Ки ба гӯши имтиёзе чу садо расида бошӣ.

* * *

Нашуд ҳиҷоби хаёлам ғубори ҷисмонӣ,
Ҳубобро таҳи пироҳанаст урёнӣ.
Ҷуз ин қадар нашуд аз сарнавишти ман зоҳир,
Ки саҷда мечакадам чун нигин зи пешонӣ.
Чу шамъ доми умедест саъйи парвозам,
Сазад, ки ранги қафас резам аз парафшонӣ.
Ба хок то нашавад сози мовуман ҳамвор,
Нафас намегузарад аз талоши сӯҳонӣ.
Зи печутоби нафас оламе чунунқафас аст,
Чу гирдбод ту ҳам даста кун парешонӣ.
Сафаргузида ба фикри ватан чӣ пардозад?
Дубора мурғ нагардад ба байза зиндонӣ.
Навои айши ту то риштаи нафас дорад,
Зи сатри нусхаи занҷир нола мехонӣ.

Ба марг низ ҳамон ҳубби[571] ҷоҳи халқ ба ҷост,
Магар ҳумо барад аз устухон гаронҷонӣ.
Гудози мо чу нигаҳ он суи нам афтодаст,
Дилу димоғи чакидан ба ашк арзонӣ.
Ғубори касрати имкон ҳиҷоби ваҳдат нест,
Шукӯҳи шуъла ба хошок чанд пӯшонӣ?
Ҷунун ба кисвати номус ҷилваҳо дорад,
Чу ашк оина сайқал мазан зи урёнӣ.
Чу хома гар ба хамӯшӣ ба сар барӣ, Бедил,
Ту низ рози дили халқ бар забон ронӣ.

* * *

Нафас дар талаб сӯхтӣ, дил надидӣ,
Ба Лайлӣ чӣ дорӣ, ки маҳмил надидӣ?
Ба шабгир фарсуд чун шамъ ваҳмат,
Ба зери қадам буд манзил, надидӣ.
Ту, эй мавҷи ғофил зи асрори гавҳар,
Бурунгард мондию соҳил надидӣ.
Ба қатъи мурури замони тааййун
Нафас буд шамшери қотил, надидӣ.
Нашуд монеъи умр қайди тааллуқ,
Ту рафтори ин пой дар гил надидӣ.
Тараб дошт аз қайди парвоз растан,
Ту кайфияти рақси бисмил надидӣ,
Ҳисоби ту бо кибриё рост н-ояд,
Заминро ба гардун муқобил надидӣ.
Ба ғайр аз такутози гарди хаёлат
Кас ин ҷо набуду ту ғофил надидӣ.
Зи асбоб хӯрдӣ фиреби таҳайюр,
Тамошои беруни маҳфил надидӣ.

Тамизи ту шуд дурбоши ҳақиқат,
Ки ҳақ дидию ғайри ботил надидӣ.
Аз ин илму фазле ки ибрат надорад,
Чӣ хондӣ, гар ашъори Бедил надидӣ?

* * *

Намебошад дили маъюс бе кайфияти нозе,
Парӣ з-ин базм дур аст, эй шикасти шиша, овозе!
Ба таскини дили бетоби мо умрест, механдад
Шарархӯ луъбате, дар хонумонҳо оташандозе.
Ба боди нестӣ рафтем аз афсуни худорой,
Набуд оинаи мо ҷуз ғубори шуълапарвозе.
Ту хоҳӣ, навбаҳораш хону хоҳӣ, фитнаи маҳшар,
Зи муште хоки мо хоҳад дамидан шавқи гулбозе.
Дар ин аср аз тамизи модаву нар доғ шуд фитрат,
Ҷаҳон пар мезанад дар сояи боли ғаливозе[572].
Харон пур беҳисанд аз фаҳми андози гуландомон,
Магар з-ин анҷуман хезад лагадсармояи нозе.
Тамизи хубу зишт аз дидаи ҳезон намеояд,
Муқобилкӯби чандин бастагӣ дорам дари бозе.
Назокат бар хамӯшӣ бастааст оини ин маҳфил,
Лаб аз ҳам во макун, то нагсалонӣ риштаи созе.
Дар ин саҳро надонам, ошёни ман куҷо бошад?
Ғубори бепаруболам, ситамфарсои парвозе.
Ба номусе муҳаббат пайкарамро кард хокистар,
Ки дуде пар наяфшонд аз чароғи чашми ғаммозе.
Зи саъйи ҳарза чун хуршед рӯзи худ сияҳ кардам,
Бар анҷомам магар хандад чароғи гиряоғозе.
Шабе аз гӯшаи чашми адам ғофил шудам, Бедил,
Ҳанӯзам гӯш мемолад паёми сурмаовозе.

## ТАВЗЕҲОТ ВА ШАРҲИ ЛУҒОТ

1. Ташҳир – касеро ба расвоӣ шуҳратнок кардан.
2. Танзеҳ – покӣ, беолоишӣ, киноя аз олами боло.
3. Ташбеҳ – олудагӣ, киноя аз олами имкон.
4. Таайюн – ҳастӣ, олами имкон.
5. Шоҳин – чӯби рости тарозу, ки ба ҳар ду ҷониби он ҳар ду палларо овезанд.
6. Тахсис – хос гардонидан.
7. Гулҷом – шишаҳои рангин, ки дар деворҳои хонаҳо насб кунанд.
8. Таайюн – дар ин ҷо ба маънии худнамоӣ.
9. Калимаҳои «забон»-у «даҳон» ба ҳисоби абҷад, бо ҳам баробаранд.
10. Тазаллум – додхоҳӣ.
11. Коҳ дар даҳан гирифтан – киноя аз оҷизӣ ва амон хостан.
12. Шашдар – киноя аз олами саргаштагӣ, ҳайрат.
13. Табахтур – бо нозу ғурур хиромидан, кибру ғурур.
14. Сало – даъват.
15. Дарюза – гадоӣ.
16. Иҷобат – қабули дуо.
17. Мазоқ – лаззат.
18. Хамёза – орзу.
19. Пашм дар кулоҳ доштан – иззату эътибор доштан.
20. Минои аввал ба маънии осмон, минои дувум ба маънои шишаи май.
21. Домон чидан – чизеро тарк намудан.
22. Табақҳои занон – амале ки баъзе занон барои рафъи шаҳват анҷом медиҳанд.
23. Ҷадвали об – ҷӯйбор, наҳр.
24. Ҳафт хон – киноя аз сатҳи замин.
25. Ишора ба шамшери ҳазрати Алист, ки дар он навишта шуда буд: «Ло фато, илло Алӣ, ло сайф, илло Зулфиқор».
26. Қаҳба – зани бадкор, фоҳиша.
27. Маҳҷуб – дар парда, пинҳон, пардапӯш.
28. Туфанг – туфанги осиё дар назар аст, ки онро тири осиё низ мегӯянд.

29. Тарф бастан – муқобилат кардан.
30. Қафо хӯрдан – зарбаи пасигарданӣ хӯрдан.
31. Мақдур – аслӣ, воқеӣ, тақдиран.
32. Хушкор – ноне, ки аз орди сабӯсдор пазанд.
33. Ҷайҳун – ба маънии умуман дарё.
34. Духон – дуд.
35. Вақф – таслим, додашуда.
36. Иҳонат – беқадр кардан, хор намудан.
37. Димоғ – дар ин ҷо ба маънии тоқат.
38. Каф – кафк.
39. Риъша – ларзиш.
40. Тарсадо – маҳоратнок.
41. Масмуъ – шунидашуда.
42. Наъл дар оташ – киноя аз беқарорӣ.
43. Мурдарег – чизеро гӯянд, ки аз шахси мурда монда бошад. Ба маънии ночиз ва беарзиш ҳам меояд.
44. Раҳил – кӯчидан, сафар кардан.
45. Тайрон – паридан, парвоз намудан.
46. Ҳиндустон – дар ин ҷо ба маънии сиёҳӣ ва торикӣ.
47. Ҳарзарой – беҳудагӯӣ.
48. Ғасб – чизеро бо ситам аз касе гирифтан.
49. Ҷӯъ – гуруснагӣ.
50. Улв – баландӣ.
51. Самоҷат – зиштӣ ва айбнокӣ.
52. Зиллат – хорию забунӣ.
53. Фаръ – ҳар чизе, ки аз асл ҷудо бошад.
54. Мовуман – олами имкон.
55. Тар нахостан – шарманда кардан нахостан.
56. Тамҳид – оростан, шурӯъ кардан, оғоз намудан.
57. Савод – сиёҳӣ.
58. Мавқуф – пайваст, ҳамроҳ.
59. Қашқа – нишоне ки ҳиндувон аз сандал бар пешонӣ насб кунанд.
60. Кусуф – гирифтани офтоб.
61. Музайян – оростаг, бо зебу зинат.
62. Иъода – аз сар гирифтан, аз нав иҷро кардан.
63. Идбор – бадбахтӣ.

64. Мунқалиб – баргашта, аз ҳол беҳол омадан.
65. Гоз – миқроз, қайчӣ.
66. Матан – майл макун.
67. Қуллоб – шасти моҳигирӣ.
68. Вақф – дар ихтиёри касе додан.
69. Ёғӣ – саркаш, гурезон.
70. Илзом – шармандагӣ.
71. Ҷаноғӣ – шартан, гаравӣ.
72. Калоғӣ – зоғона.
73. Муҳтариз – парҳезкор.
74. Доғӣ – як навъи захм.
75. Саҳим – бемор.
76. Яъс – навмедӣ.
77. Мустағнӣ – бениёз.
78. Иёр – миҳак.
79. Маснадтироз – зебдиҳандаи мақому мартаба.
80. Шакархоб – хоби хуш.
81. Паҳлу задан – баробарӣ кардан.
82. Руфӯ – дӯхтани сӯрохи ин ё он матоъ.
83. Мовуман – олами имкон.
84. Думлобагӣ – думҷунбонии сагон, киноя аз чоплусӣ ва тамаллуқ.
85. Мазаллатпеша – одамони хору залил.
86. Ибром кардан – устувор будан.
87. Такаллуф – худнамоӣ, карруфар.
88. Ғарра – фирефта шудан.
89. Мубҳам – пӯшида, номаълум.
90. Чамандимоғӣ – хушвақтӣ.
91. Маол – оқибат.
92. Шабгир – саҳаргоҳ.
93. Сикка – оҳане, ки бо он симу зарро нақш кунанд.
94. Мазаррат – зарару зиён.
95. Самум – боди гарми зиёновар.
96 Фитрок – тасмае ки аз ақиби зини асп овезанд ва бо он сайди шикоршударо бибанданд.
97. Ҳисн – қалъа, паногоҳ.
98. Кацманиш – бадандеш, зиёнкор.

99. Таваҳҳум – ваҳму гумон.
100. Маъбад – ибодатгоҳ.
101. Бенасақ – бетартиб ва бенизом.
102. Сирешум – ширеш.
103. Қалъаи Хайбар – қалъаи воқеъ дар наздикии Мадина, ки макони яҳудиён буд ва дар оғози зуҳури ислом ба дасти ҳазрати Алӣ кушуда шуд.
104. Нафй – нестӣ, инкор, дур рондан.
105. Ионат – ёрӣ, мадад.
106. Тавъам – ҳамроҳ, бо ҳам.
107. Вокаш – дароз кашидан, ба роҳат хуфтан.
108. Чап хӯрдан – латма дидан, зарар ёфтан.
109. Кибриё – азамат, бузургӣ.
110. Сиёҳмаст – бадмаст ва бисёрнӯшанда.
111. Амал – (бо алиф) орзую ҳавас.
112. Тавқи гардан – дар ин ҷо ба маънии занҷири гардани зиндониён.
113. Амал (бо алиф) – орзую умед.
114. Кофур – доруест хушбӯ ва сафедранг.
115. Ибром – истодагарӣ кардан, исрор намудан.
116. Фол задан – орзу кардан.
117. Қатра задан – давидан, кӯшиш кардан.
118. Исор – саховат.
119. Табоеъ – табиатҳо, яъне одамон.
120. Ҳашиш – гиёҳи хушк.
121. Алоиқ – ҷамъи алоқа, яъне риштае, ки чизҳоро ба он банданд.
122. Қайсарзада – хунукхӯрда, сармозада.
123. Бесохта – воқеӣ, ҳақиқӣ.
124. Муслиҳ – басулҳоранда, илоҷикорёбанда.
125. Марас – расане ки дар гардани ҷонварон, аз қабили аспу саг банданд.
126. Хиффат – сабукӣ, бетамкинӣ, бевиқорӣ.
127. Адас – наск.
128. Шикаст – дар ин ҷо калимаи «шикаст» фоили ҷумла аст.
129. Тасаннуъ – худоройӣ кардан.
130. Пархош – ҷангу пайкор.

131. Дар ин ҷо мазмуни мақоли халқии «Камбағалӣ айб нест» ифода ёфтааст.
132. Хашхош – кӯкнор.
133. Наббош – кафандузд.
134. Даро – зангӯлаи гардани шутур.
135. Кеш – таркаш, тирдон.
136. Тангқабо – муносиб, мутаносиб.
137. Тӯбӣ – дарахте дар ҷаннат.
138. Имсок – бахилию мумсикӣ.
139. Мовуман – киноя аз амалиёт ва корубори зиндагӣ.
140. Чарбидан – фузунӣ кардан. ғолиб омадан, бартарӣ ёфан.
141. Амал (бо алиф) – орзуву ҳавас.
142. Бор – иҷозат.
143. Наддоф – ҳаллоҷ, пахтазан.
144. Ҳарроф – ҳарфзананда.
145. Мӯҳиш – ҳузновар, андӯҳоранда, ваҳшатовар.
146. Роиҷулқалб – дар ривоҷу сохта.
147. Сарроф – заршинос.
148. Машҳад – шаҳодатгоҳ. киноя аз дунё.
149. Хавфу раҷо – биму умед.
150. Камоҳӣ – чунон ки ҳаст.
151. Сарфа надоштан – бефоида будан.
152. Алам (бо алиф) – дарду алам.
153. Абно – фарзандон.
154. Чеҳра шудан – ҳариф шудан, баробарӣ кардан.
155. Ҷуд – саховат.
156. Таҳаммул – тоқат, бурдборӣ.
157. Димоғ – дар ин ҷо ба маънии хоҳиш.
158. Тӯмор – мактуб.
159. Таваҳҳум – ваҳму гумон.
160. Пон – доруворе, ки барои ҳазми таом ва тоза нигоҳ доштани даҳону дандон хоида мешавад.
161. Тӯмор – дар ин ҷо ба маънии мактуб аст.
162. Имтидод – давомнокӣ.
163. Сафро – зардоб.
164. Судоъ – дарди сар.
165. Ҳола – хирмани гирди моҳ.

166. Қаҳба – зани бадкор.
167. Шайб – мӯсафедӣ, пирсолӣ.
168. Инбисот – хушию хуррамӣ.
169. Фароз – боз, кушода.
170. Тавф – зиёрат, тавоф.
171. Инҳироф – бероҳагӣ, каҷравӣ.
172. Бурудат – хунукӣ, сармо.
173. Самак – моҳӣ.
174. Амал (бо алиф) – орзую ҳавас.
175. Афсару авранг – тоҷу тахт.
176. Далел – роҳнамо.
177. Боло кашидан – ба маънии қад кашидан аст.
178. Мадд – ба маънии дарозӣ.
179. Зи худ вокашидан – ҳаракат кардан.
180. Тарзабонӣ – хушгуфторӣ.
181. Сафро ва савдо – зарду сиёҳ.
182. Накбат – сахтию хорӣ.
183. Таҳаввур – шуҷоат, мардонагӣ.
184. Муғелон – як навъи дарахти хордор.
185. Лангар – оҳан ва занҷири бисёр вазнин, ки киштиро бо он нигоҳ медоранд.
186. Калаф – доғ.
187. Силӣ – зарба.
188. Таназзул – паст шудан, поин фуромадан.
189. Хасак – хорҳои кӯчак.
190. Тасалсул – ҳаракати доимӣ.
191. Тамағғул кардан – худро муғул вонамудан.
192. Илтиём – беҳбуд ёфтани захм.
193. Мубарҳан – ошкору намоён.
194. Манумо – корубори дунё.
195. Тааллуқ – дилбастагӣ ба дунё.
196. Таайюн – худнамоӣ, кибру ғурур.
197. Пираҳан қабо кардан – даридани пираҳан.
198. Салаф – гузаштагон.
199. Мусайлим – паямбари бардурӯғ.
200. Ҷулоҳ – бофанда.
201. Тунбак – таблак.

202. Сурин – рони пой.
203. Дубурсириштагон – дубур ба маънии паси инсон, мақъад.
204. Нура – доруе, ки барои резондани мӯй ба кор равад.
205. Самин – гаронбаҳо, пурқимат.
206. Таҳаввур – бебокӣ, далерӣ, густохӣ.
207. Амуд – дар ин ҷо ба маънии гурз.
208. Ҳола – хирмани моҳ.
209. Зонӣ – зинокор.
210. Иштирок – шарик шудан, бо ҳам будан.
211. Айман – номи водие, ки кӯҳи Тур дар он ҷо воқеъ аст.
212. Тавоф – зиёрат.
213. Ҳашр – аз нав зинда шудан.
214. Асас – миршаб.
215. Халхол – зангӯлае ки дар банди пой банданд.
216. Хиссат чидан – хасисӣ кардан.
217. Дирам – пулакчаҳои пӯсти бадани моҳӣ.
218. Сирешумихтилотӣ – бо ширеш пайванд кардани ду чиз.
219. Ибрат – панду андарз.
220. Табоеъ – табиатҳо, яъне одамон.
221. Пина – дарбеҳ.
222. Баҳла – миёнбанди чармин.
223. Яққалам – саропо, тамоман.
224. Мукаррар – такрор.
225. Тафохур – фахр.
226. Ҳамин – дар ин ҷо ба маънии «фақат» ва «танҳо».
227. Тамасхур – ришханд, масхара кардан.
228. Мавҳума – ваҳму гумон.
229. Қиллат – камӣ, кам будан.
230. Тақотур – қатра-қатра чакидани об.
231. Таассур – душворӣ, вазнинӣ.
232. Табаҳҳур – бофаҳмӣ, доноӣ, мусаллат будан дар коре.
233. Ҳамин – ба маънои фақат.
234. Сайёф – шамшерсоз.
235. Аҷлоф – ҷамъи ҷалф, яъне фурӯмоя.
236. Кашафӣ – мансуб ба кашаф, яъне сангпушт.
237. Сарроф – заршинос.

238. Сит – овоз, садо.
239. Азабӣ – танҳоӣ, муҷаррадӣ.
240. Лаган – шамъдон, манқал.
241. Тақрир – сухан гуфтан.
242. Табарро – парҳез.
243. Ибтизол – бисёр сарф кардани чизе.
244. Хуся – хасишуда, ахтакардашуда.
245. Таваҳҳум – ваҳму гумон.
246. Қоқум – ҷонварест шабеҳи санҷоб, ки пӯсти нарм дорад.
247. Роҳила – ҳайвони саворӣ ва боркаш.
248. Амал (бо алиф) – орзую ҳавас.
249. Сила – эҳсон ва ҷоиза.
250. Утоқа – тоҷе ки аз парҳои мурғ созанд.
251. Мазбала – ҷои наҷосат партофтан.
252. Каннос – руфтагар, ҷорӯбкаш.
253. Маҷнун шуд – яъне Маҷнун низ намонд.
254. Руунат – кибру ғурур.
255. Кад – кӯшиши ба даст овардани ризқу рӯзӣ.
256. Парвона – мактуби ҳукми амирон.
257. Нам кашидан – дар хиҷолат мондан.
258. Салосилу ағлол – салосил ҷамъи силсила, ағлол – ҷамъи ғул, яъне занҷири гардан ва пои зиндониён.
259. Нол – ноли қалам.
260. Сарсар – боди тунди зиёновар.
261. Сар кардан – шурӯъ кардан.
262. Арбоби ҳасаб – одамони бузург.
263. Бадрақа – раҳнамо.
264. Тааб – ранҷу азоб.
265. Анҷумани ваҳм – дунёи моддӣ.
266. Инқисом – тақсимшавӣ, ҷудошавӣ.
267. Кеш – тирдон.
268. Шито – зимистон.
269. Аринӣ – ба маънии бинамо ба ман худро. Ин ҷо ишорат аст ба қиссаи қуръонии ҳазрати Мӯсо ва кӯҳи Тур.
270. Муғтанам ангоштан – ғанимат донистан.
271. Укда – гиреҳ.
272. Айёш – аҳли айшу нӯш.

273. Хашхош – кӯкнор.
274. Хаффош – шабпарак.
275.Субҳа – тасбеҳ.
276. Зам – мазаммат.
277. Амал (бо алиф) – орзую ҳавас.
278. Икроҳ – кароҳатнок.
279. Инҳироф – каҷравӣ.
280. Алам (бо айн) – парчам.
281. Чалипо – каҷу килеб, салиб.
282. Даноат – пастӣ, фурӯмоягӣ.
283. Мусаммо – ҷисме, ки дорои ном аст.
284. Манумо – ҳастӣ, вуҷуд.
285. Наҳеб – тарсу ҳарос.
286. Шаст – шасти камон.
287. Раъша – ларзиш.
288. Банон – ангуштон.
289. Аташ – ташнагӣ.
290. Сувайдо – сиёҳӣ.
291. Тақаддум – пеш рафтан, пешӣ гирифтан.
292. Бас омадан – баробарӣ кардан.
293. Мақрун – наздикшуда.
294. Шухгин – чиркин.
295. Манҳус – шум, наҳс.
296. Масх – дигаргун кардани сурат ва баргардондани он ба сурати зишттар.
297. Ворун – вожгун, сарнишеб.
298. Тарф бастан – фоида бардоштан.
299. Шаланг – барҷастан аз ҷое ба ҷое, паридан аз ин ё он монеа.
300. Фассод – рагзан, хунгир.
301. «Сар»-и дувум ба маънии фикру хаёл.
302. Таайюн – худнамоӣ.
303. Иҷобат – қабули дуо.
304. Вуфур – зиёдӣ, фаровонӣ.
305. Ридо – либоси болопӯш.
306. Футур – харобӣ.
307. Масомат – сӯрохчаҳои зери пӯст.

308. Шӯр – ошӯб, ғавғо, фарёд.
309. Ин мисраъ аз ҷумлаи мисраъҳои машҳурест, ки чанде аз шоирони муосири Бедил, аз ҷумла худи Бедил, онро тазмин намудаанд.
310. Рокибу маркуб – шахси савора ва ҳайвони саворӣ.
311. Бебаргӣ – нодорӣ.
312. Таранг – садои шишаҳои холӣ.
313. Мушаббак – ҷисми сӯрохдор ба монанди панҷара.
314. Ихтилот – омезиш, бо ҳам будан.
315. Лиҳоф – болопӯш, рӯпӯш.
316. Алам (бо айн) – намоён, машҳур.
317. Иксир – дар истилоҳи кимиёгарон ҷавҳаре ки моҳияти ҷисмро тағйир диҳад, масалан, ҷеваро нуқра ва мисро ба тило табдил диҳад.
318. Гарда – нақша ва тарҳи чизе.
319. Мусалсал – силсиладор, давомдор.
320. Амал – орзу.
321. Таайюн – худнамоӣ.
322. Маъҷун – як навъи дору.
323. Мумтаҳин – озмоянда.
324. Нусхаи ваҳм – олами имкон.
325. Муҳра задан – зинат бахшидан, равшан намудан.
326. Хориқ – коромат.
327. Нигор – нақше ки аз ҳино ба дасту пои маъшуқ баста мешавад.
328. Ҳуру қусур – ҳурҳо ва қасрҳои ҷаннат.
329. Мусалсал кардан – дароз намудан.
330. Эъзоз – иззат.
331. Маҳзар – гувоҳнома.
332. Тамҳид – ибтидо, муқаддима.
333. Сафир – овоз, садо.
334. Силӣ – танбеҳ.
335. Сод – нуқтаи интихоб.
336. Амал (бо алиф) – орзуву ҳавас.
337. Умри арзал – замони пирӣ, ки давраи нотавонӣ ва фарсудагист.
338. Ло фато, илло Алӣ – нест ҷавонмарде, ба ҷуз Алӣ.

339. Тасоуд – болоравӣ, баланд шудан.
340. Хай – арақ, арақи хиҷолат.
341. Хуся – хасишуда.
342. Амал – орзуву ҳавас.
343. Ятимӣ – танҳоӣ.
344. Норанҷӣ – фиребу найранг.
345. Самоҷат – зиштию бешармӣ.
346. Иститоат – тавоноӣ.
347. Мубарро – беолоиш, бетуҳмат.
348. Танидан – дар ин ҷо ба маънии майл кардан, таваҷҷуҳ намудан.
349. Шай – чиз.
350. Ҳай – калимаест, ки дар мақоми танбеҳ ва гоҳе таҳсин гуфта мешавад. Ин калима ба маънии афсӯс низ меояд.
351. Мисқала – олати сайқалдиҳӣ.
352. Фоли кулфат задан – бе кулфат надонистан.
353. Таайюн – олами ҳастӣ.
354. Табоеъ – табиатҳо, яъне одамон.
355. Мақдур – тақдир кардашуда, қудрат додашуда.
356. Сундур – зебу зинат.
357. Арақ – арақи бадан.
358. Сақим – бемор, мариз.
359. Миҷмар – оташдон.
360. Тараф шудан – муқобилат кардан.
361. Забон кашидан – хомӯш будан, тоқат кардан.
362. Ал-аташ – ташнагӣ.
363. Ангуштчаш – намоён, машҳур.
364. Муртааш – ларзон.
365. Каффа – паллаи тарозу.
366. Ҷуд – атову карам, бахшиш.
367. Тарҷеҳ – бартарӣ.
368. Шарар дорад баҳор – яъне, шарар шукуфтан дорад, шарар хурсандӣ дорад, шарар баҳор дорад.
369. Ранги мо – дар ин ҷо низ фоили ҷумла калимаи «ранг» аст, на калимаи «баҳор».
370. Реша гир – реша тасаввур кун, реша гумон кун.
371. Тан задан – хомӯш будан.

372. Таваққуф – ист, истодан.
373. Мубтазал – беқадр.
374. Нифоқ – макру риё, мунофиқӣ.
375. Сувайдо – сиёҳӣ.
376. Норҷил – меваест, ки онро ҷавзи ҳиндӣ низ гӯянд.
377. Киштии дарвеш – киштии равон.
378. Сарфа надоштан – имкон надоштан.
379. Ҳон – хуш бош, бохабар бош.
380. Илзом – шарманда кардан.
381. Ихтилот – омезиш.
382. Таайюн – олами моддӣ.
383. Тардимоғ – сархуш ва ниммаст.
384. Каслат – касалӣ ва нотавонӣ.
385. Туранҷ – чин, шикан, чини пешонӣ.
386. Муояна – мушоҳида кардан, дидан.
387. Сипанҷ – муваққатӣ, дусерӯза.
388. По хӯрдан – пешпо хӯрдан, ба сар рафтан.
389. Ноҳинҷор – номуносиб.
390. Омос – варам.
391. Алам (бо айн) – парчам.
392. Инфиол – пушаймонӣ, шарму хиҷолат.
393. Кеш – тирдон.
394. Оташкор – гӯлахӣ, оташсоз.
395. Ташнеъ – танқид ва маломат.
396. Тасаннуъ – худоройӣ, сохтакорӣ.
397. Самоҷат – зиштӣ, бадхӯӣ.
398. Амал (бо алиф) – ҳавову ҳавас.
399. Интиош – некӯҳол шудан, ба нишот расидан.
400. Кадир – тира.
401.Бетамиз – беимтиёз, беихтиёр.
402. Ҷунб – тарсу бим.
403. Калоғ гирифтан – таъна задан.
404. Чаноғ – шарт, гарав.
405. Аъроз – ҷамъи араз, яъне, чизе ки собит ба нафси худ набошад ва қоим ба зоти дигар бошад.
406. Бенасақ – бетартиб, бенизом.
407. Манҳус – наҳс, шум, бадахтар.

408. Мидод – ранг.
409. Ҷурду мурд – калу кӯса.
410. Айёр – марди чолок, тундрав ва далер.
411. Бозича – киноя аз зиндагии пурфусун.
412. Занбил – сабад.
413. Нил – ранги кабуд.
414. Мубарҳан – ошкор.
415. Ҷасим – ба маънии зиёд ва амиқ.
416. Ғаним – душман.
417. Таранг – садои ба ҳам хӯрдани шишаҳо.
418. Дурудан – даравидан.
419. Сарфа бурдан – фоида кардан.
420. Афшурдан – афшондан.
421. Саморуқ – саморуғ, хорч.
422. Зам – мазаммат.
423. Шақ кардан – шикофтан, пора кардан, даридан.
424. Рамақ – лаҳзаҳои охирини ҳаёт, ҳаёти боқимонда.
425. Мустаҳақ – дар ин ҷо ба маънии нодор ва муҳтоҷ.
426. Зеҳ – бартарӣ.
427. Авранг – тахти шоҳӣ.
428. Таайюн – худнамоӣ.
429. Танзеҳ – покӣ, беолоишӣ.
430. Адим – гилем, пӯстак.
431. Камоҳӣ – чунон ки ҳаст.
432. Арбоби вусул – Мардони Худо.
433. Назр – ҳадя.
434. На ҳамин – на фақат, на танҳо.
435. Вифоқ – бо якдигар будан.
436. Каъбатайн – донаҳои шашпаҳлӯи нард.
437. Ҳаволӣ – пиромун, гирдогирди чизе ё касе.
438. Дар ин байт ишора ба шоири маъруф Бадруддини Ҳилолӣ нест. Шоир гуфтанист, ки дар асари пирӣ тамоми узвҳои вуҷуди ман хам задаанд. Ҳамин хамзадагиҳоро ҷамъ намуда, аз онҳо девоне тартиб медиҳам.
439. Пашм дар кулоҳ надоштан – қадру арзише надоштан.
440. Азмат – бузургӣ.
441. Инкисор – фурӯтанӣ.

442. Дасти суда – киноя аз пушаймонӣ.
443. Муҳтамал – мазмуни духӯра, мазмуне, ки ба чанд маъно фаҳмиданаш мумкин аст.
444. Мубтазал – мазмуни пешипоафтода.
445. Мушаббак – сӯрохдор.
446. Шон – хонаи занбӯри асал.
447. Тарф бастан – фоида бурдан, нафъ бардоштан.
448. Мунҳариф – бероҳа.
449. Маосӣ – ҷамъи маъсият, яъне гуноҳ.
450. Байза бар сар шикастан – киноя аз расво кардану мағлуб сохтан.
451. Баҳла – миёнбанд.
452. Мисқол то ман – мисқолу ман воҳидҳои вазнанд.
453. Муғ – дар ин ҷо ба маънии соқӣ омадааст.
454. Ратли гарон – пиёлаи бузурги шароб.
455. Амал (бо алиф) – ҳавову ҳавас.
456. Тақйид – дар қайд будан.
457. Миҷмар – зарфе ки дар он сипанд сӯзанд.
458. Халоб – замини пургил, ки по дар он фурӯ биравад.
459. Баҳонаҷӯӣ – манфиатхоҳӣ, фоидабарӣ.
460. Аномил – ҷамъи анмала, яъне ангушт.
461. Буъд – дурӣ.
462. Манумо – гирудори зиндагӣ.
463. Ҷарида – танҳо, якка.
464. Анборидан – анбор кардан, ҷамъ намудан.
465. Ёристан – тавонистан.
466. Идбор – тирарӯзӣ, бетолеъӣ.
467. Тааб – ранҷу сахтӣ, азобу уқубат.
468. Сабуксор – сабуксар, бемағз.
469. Табахтур – кибру ғурур.
470. Самар – машҳур.
471. Иҳонат – таҳқир намудан, паст задан.
472. Фароз кардан – боз намудан.
473. Алам (бо айн) – машҳур.
474. Эҳтироз – парҳез кардан, дурӣ ҷустан.
475. Қивом – поя ва асоси чизе. Қивом додан – устувор кардан.

476. Шаланг задан – ҷастухез намудан.
477. Раҳин – шарт, гарав.
478. Таранг – садои шишаҳои холӣ.
479. Карон – соҳил.
480. Ғайрат – рашк.
481. Лаган – шамъдон.
482. Кафоф – кифояткунанда.
483. Мубтазал – суханони умумӣ.
484. Маснӯъ – сохташуда.
485. Тоиб – тавбакунанда.
486. Хавфу раҷо – биму умед.
487. Роҳиб – порсо ва обиди насронӣ.
488. Мумкин – «мумкин»-и дувум ба маънои олами имкон.
489. Алам (бо айн) – парчам.
490. Боддастӣ – харҷи зиёд кардан, ҳотамӣ намудан.
491. Алам (бо алиф) – дарду алам.
492. Сидраву тӯбо – дарахтҳое, ки дар ҷаннат мавҷуданд.
493. Пай кардан – аз рафтор монондан.
494. Кулоҳ шикастан – тафохур кардан.
495. Талофӣ – чизеро дар ивази чизе гирифтан.
496. Самар – машҳур.
497. Лахте – каме, андаке.
498. Таҷрид – танҳоӣ.
499. Маъкус – сарнигун, вожгун.
500. Масона – обдон, хичак.
501. Ал-ҳукму ли-л-лоҳ в-ал-мулку ли-л-лоҳ – Ҳукм ҳам аз Худосту мулк ҳам.
502. Ноқа – шутур.
503. Мосиво – ба ғайр аз он, яъне ба ғайр аз Худо.
504. Амал (бо алиф) – ҳавову ҳавас.
505. Карона – соҳил.
506. Мӯриёна – занги оҳан.
507. Масҳ – даст расондан, палмосидан.
508. Мубҳам – номаълум.
509. Мулзам – мағлубшуда.
510. Чанбарӣ – доирашакл, хамзада.
511. Соғарӣ – сағрии асп, рони асп.

512. Кадя – сахтӣ, душворӣ, гадоӣ.
513. Санг бар дил бастан – сабру тоқат намудан.
514. Ҳисоб доштан – сарукор доштан.
515. Амаловора (амал бо алиф) – овораи ҳавову ҳавас.
516. Амал (бо алиф) – ҳавову ҳавас.
517. Тарф – манфиат.
518. Шигарф – аҷиб, турфа.
519. Ҷаҳулу залум – ҷоҳилу золим.
520. Мустакӣ ва кундур – навъҳои гуногуни сиреш.
521. Замин – дар ин ҷо ба маънии қолаб ва тарҳи шеър.
522. Раҳим – бачадони занон.
523. Маҳмез – халачӯб.
524. Мадд кашидан – дароз шудан.
525. Алам (бо алиф) – дарду алам.
526. Баҳор – дар ин ҷо ба маънии хурсандӣ ва шодмонӣ.
527. Тааллуқ – алоқамандӣ ба олами имкон.
528. Раҳн – гарав, иваз.
529. Амал (бо алиф) – ҳавою ҳавас.
530. Кофур – камфора, доруест хушбӯю сафедранг, ки аз дарахти маъруф ба кофур ба даст меояд.
531. Диранг – таъхир, таваққуф.
532. Мусаллам – саломат ва беташвиш.
533. Таранг – садо.
534. Тамҳид – ибтидо, замина.
535. Такаллуф кардан – ранҷ бурдан, ранҷеро ба худ раво дидан.
536. Танидан – печидан, майл кардан, наздик шудан.
537. Таваҳҳум кардан – гумон кардан.
538. Гард кардан – гардиш кардан, гирди сари касе гардидан.
539. Дастанбӯй – ҷисми кулӯлае, ки аз атриёт таркиб ёфтааст ва онро ҷиҳати бӯй кардан истифода мекунанд.
540. Маъсият – гуноҳ.
541. Ридо – либос.
542. Қафо хӯрдан – пасигарданӣ хӯрдан.
543. Хас ба дандон гирифтан – оҷизӣ кардан ва амон хостан.
544. Ирз – зот, ҷон, нафс.

545. Камар кушудан – тарк кардани коре, фориғ шудан аз коре.
546. Мӯи сар кушудан – мотам гирифтан.
547. Зеҳ – гиреҳ.
548. Мураккаб – ранги сиёҳ.
549. Миҳбар – давот, сиёҳидон.
550. Лол – гунг.
551. Ҳамин – танҳо, фақат.
552. Ҳанҷара – ҳалқ, гулӯ.
553. Баҳор кардан – шодмонӣ кардан, хурсандӣ кардан.
554. Нашид – суруд хондан ва садо баланд кардан.
555. Марҳун – гаравгон.
556. Нафси аммора – хоҳиши табиати инсон ба сӯи лаззоти ҷаҳон.
557. Таранҷубин – шаҳде ки дар хорҳои дарахти шутурхор пайдо шавад.
558. Тавсан – асп.
559. Бемуҳобо – бесабаб, белиҳоз, безарурат.
560. Майдон кашидан – бо неруи нав ба пеш рафтан.
561. Руунат – кибру ғурур.
562. Ионат – мадад, дастгирӣ.
563. Амал (бо айн) – кору фаолият.
564. Аҳвалӣ – каҷчашмӣ, якеро ду дидан.
565. Сарин – мансуб ба сар, болои сар, тарафи сар, муқобили поин.
566. Гав – чуқурӣ, чоҳ.
567. Паранд – абрешим, ҳарир.
568. Фунун – ҷамъи фан, яъне ҳилаву найранг.
569. Расантоб – ресмонбоф.
570. Аташ – ташнагӣ.
571. Ҳубби ҷоҳ – муҳаббати мансаб.
572. Ғаливоз – заған, киноя аз шахси нармода.

## МУНДАРИҶА

Бобобек Раҳимӣ. Ғазал дар эҷодиёти Бедил ..........5
Ба авҷи кибриё, к-аз паҳлуйи аҷз аст роҳ он ҷо ..........31
Оинаи чандин табу тоб аст дили мо ..........31
Аз ном агар нагзарӣ, аз нанг бурун о ..........32
Асар дур аст аз ин ёрон ҳуқуқи ошноиро ..........33
Эй мурдаи такаллуф, аз кайфу кам бурун о ..........34
Эй рустаи гулзорат з-он наргиси ҷодуҳо ..........35
Эй баҳористони иқбол, эй чамансимо, биё ..........36
Эй хаёли қоматат оҳи заифонро асо ..........36
Бо саҳар рабте надорад шоми мо ..........37
Бо ҳама афсурдагӣ муфти тамошоем мо ..........38
Ба аҷзе, ки дорӣ, қавӣ кун миёнро ..........39
Бар санг зад замона зи бас сози ошно ..........40
Баҳр мепечад ба мавҷ аз ашки ғампарварди мо ..........41
Ба меҳри модари гетӣ макаш ранҷи умед ин ҷо ..........42
Бар тоқ неҳ табахтури ҷоҳу ҷалолро ..........43
Ба даъват ҳам касеро кас намегӯяд: биё ин ҷо ..........44
Ба шабнаме субҳи ин гулистон нишонд ҷӯши ғубори худро ....44
Буд бемағз сари тундхурӯши мино ..........45
Бувад сармашқи дарси хомушӣ борикбиниҳо ..........46
Биё, хуршеди маъниро бибин аз равзани мино ..........47
Биё, ки ҷоми мурувват диҳем ҳавсаларо ..........47
Поси кори худ набошад соҳиби тадбирро ..........48
Пеши он чашми сухангӯ мавҷи май дар ҷомҳо ..........49
Пеши тавонгарманишон паҳлуи лоғар макушо ..........50
То ба кай дар парда дорам оҳи бетаъсирро? ..........50
Чандин димоғ дорад иқболи чоҳи мино ..........51
Чу ашк он кас, ки мечинад гули айш аз тапиданҳо ..........52
Ҳайф, к-аз ифлос навмедӣ фазояд мардро ..........53
Ҳайф аст, кашад саъйи дигар бодакашонро ..........54
Ҳирс фурсатинтизору даври ранг аст осиё ..........54
Дар талаб то чанд резӣ обрӯи комро? ..........55
Дар безарӣ зи ҷабҳаи ахлоқ чин кушо ..........56
Шафақ дар хуни ҳасрат метапад аз дидани мино ..........57
Айш донад дили саргашта парешониро ..........58

Ишқ агар дар ҷилва орад партави мақдурро .......... 59
Ақбае дигар набошад рӯҳи аз тан растаро .......... 59
Фусуни ҷоҳ узри ланг созад парфишониро .......... 60
Кардаам сармашқи ҳасрат сарви мавзуни туро .......... 61
Куҷо албони неъмат з-ин бисот осон шавад пайдо .......... 62
Гар даме бӯси кафат гардад муяссар теғро .......... 63
Мехурад хун нафас андар дили ғампешаи мо .......... 64
Назар бар каҷравон аз ростон беш аст гардунро .......... 64
Нест бо ҳуснат маҷоли гуфтугӯ оинаро .......... 65
Ҳарчанд гаронӣ бувад асбоби ҷаҳонро .......... 66
Ҳар куҷо таслим бандад дар миён шамшерро .......... 67
Аз хомушӣ мапурсу зи гуфтори андалеб .......... 68
Аз равонӣ дар таҳайюр ҳам асар медорад об .......... 68
Аз сари мастӣ набуд имшаб хитобам бо шароб .......... 69
Имшаб зи сози мино гарм аст ҷои мутриб .......... 70
Боз дар гулшан зи хешам мебарад афсуни об .......... 71
Бе латофат нест, аз бас ваҳшатоҳанг аст об .......... 72
Тоби зулфат соя овезад ба тарфи офтоб .......... 73
То занад фоли гуҳар, бетобиоҳанг аст об .......... 73
Чун писта нест дар ғами он рангипонбалаб .......... 74
Дил аз хумори талаб хун куну шароб талаб .......... 75
Субҳдам сайёра бол афшонд аз домони шаб .......... 76
Тараб дар ин боғ мехиромад зи сози фурсат паём бар лаб .......... 77
Файзи ҳаловат аз дили бекибрукин талаб .......... 78
Гар ба ин гармист оҳи шуълазои андалеб .......... 79
Мумсик агар ба арзи сахо ҷӯшад аз шароб .......... 80
Нагӯямат ба хато соз ё савоб талаб .......... 81
Вақти пирӣ шарм доред аз хизоб .......... 81
Ҳамеша сангдилонанд номдори тараб .......... 82
Ҳар куҷо оташе аз ваҳшатам афрӯхтааст .......... 83
Омадам, то сад чаман бар ҷилва нозон бинамат .......... 84
Он ҷангҷӯ ба зоҳир агар пушт додааст .......... 85
Аз ин бисот касе доғи орамидан рафт .......... 86
Агар май нест, ҷамъият кадом аст? .......... 87
Имрӯз даври суҳбат вақфи ситамаёғист .......... 88
Имрӯз, ки уммед ба кӯи ту муқим аст .......... 88
Андеша дар назокати маънӣ камол дошт .......... 89

Баҳри розам, печутоби фикр гирдоби ман аст ........................90
Базми гардун субҳхез аз гарди бетоби ман аст .......................91
Баски мастонро ба қадри майкашиҳо обрӯст .........................91
Барқ бо шавқам шароре беш нест.............................................92
Бурут тофтанат гурбашонии ҳавас аст.....................................93
Беқарориҳои чарх аз дасти каҷрафторӣ аст.............................94
Биё, эй ҷому минои тараб нақши кафи поят ...........................95
Пеши чашме ки нури ирфон нест..............................................96
То зи ҷинси табу тоби нафас осоре ҳаст..................................97
Танам зи банди либоси такаллуф озод аст ..............................98
Танҳо на зарра диққати изҳор доштаст....................................98
Чойи ором ба ваҳшаткадаи олам нест.......................................99
Ҷое ки нуҳ фалак зи ҳаё сар фикандааст ..............................100
Чашми хирад оинаи ҷоми майи ноб аст..................................101
Чашме, ки надорад назаре, ҳалқаи дом аст ...........................102
Ҳазар зи роҳи муҳаббат, ки пур хатарнок аст.......................102
Хоки ғурбат кимиёи мардуми некахтар аст ..........................103
Хомушӣ дар парда сомони такаллум кардааст .....................104
Халқро бар сари ҳар луқма зи бас саршиканист..................105
Хатти хубон ҳам ҳарифи табъи ваҳшатпеша нест................106
Ханда субҳест, ки дар банди гиребони гул аст .....................106
Хандаам субҳе ба сад чоки гиребон ошност ........................107
Худнамоиҳо касофатҷавҳарист .............................................108
Дар такаллум аз надомат ҳеҷ кас осуда нест........................109
Дар хамӯши яккалам овозаи ҷамъият аст.............................110
Дар рабти халқ яксар номуси кибриёест ..............................110
Дар тариқи рафтан аз худ раҳбаре даркор нест ...................111
Дар печутоби гесӯ то шонаро арӯсист .................................112
Дар хаёлободи роҳат огаҳӣ номаҳрам аст ............................112
Дар сояи абрӯ нигаҳат масту хароб аст ...............................113
Дил аз баҳори хаёли ту гулшани роз аст ..............................114
Рафтани умр зи рафтори нафасҳо пайдост...........................115
Зиндагӣ нақди ҳазор озор аст ...............................................116
Содагӣ дилро асири фикрҳои хом дошт ...............................117
Сармояи узри талабам аз ҳама беш аст.................................117
Сиришкам нусхаи девонаи кист? ..........................................118
Сари ҳар кас зи гуле пар задааст ..........................................119

Сифла бо ҷоҳ низ ҳеҷкас аст.................................................120
Шайх, то азм бар намоз шикаст ..........................................121
Ошиқӣ мақдури ҳар айёш нест..............................................122
Қонуни адаб пардадари савту садо нест...............................122
Коҳиши табъи ман аз фитрати бебоки худ аст ....................123
Кинаро дар домани дилҳои сангин маскан аст.......................124
Мовуман гум гашт, ҳар гаҳ хоб шуд ҳамбистарат ..............125
Машшотаи шӯхе, ки ба дастат дили мо баст .......................126
Масти ирфонро шароби дигаре даркор нест........................127
Нафаси булҳавасон бар дили равшан теғ аст.......................128
Нест эмин аз бало, ҳар кас ба фикри ҷустуҷӯст ..................128
Вазъи тартиби адаб дар арсагоҳи лоф нест..........................129
Ваҳми ҳастӣ ҳеҷ касро аз тапидан во надошт......................130
Ҳарчанд дар ин гулшан ҳар сӯ гули худрӯест .....................131
Ҳар куҷо гул кард доғе, бар дили девона сӯхт.....................132
Ёр дур аст зи мо, то ба назар наздик аст..............................133
Бемағзию дорӣ ба мани сӯхтаҷон баҳс.................................133
Хорист ба ҳар каҷманиш аз ростравон баҳс.........................134
То зи пайдоӣ ба гӯшам хонд афсун эҳтиёҷ .........................135
Мабод чашмаи шавқи маро фусурдани мавҷ........................136
Аз кавокиб гул фишонад чарх дар домони субҳ .................137
Бозам аз файзи ҷунун омода шуд сомони субҳ ...................137
Боз аз пон гашт лаъли навхати дилдор сурх .......................138
Шуд лаби ширинадояш бо ман аз ибром талх.....................140
Обу ранги ибрате сарфи баҳорам кардаанд .........................140
Оташи шавқи талаб он ҷо, ки равшан мешавад....................141
Офот аз ҳавас ба сарат ҳола мешавад..................................142
Огоҳӣ аз хаёли худам бениёз кард.......................................143
Огоҳии дил анҷумани ихтилоф шуд.....................................144
Он ки моро ба ҷафо сӯхта ё месӯзад....................................144
Онҳо ки лофи афсару авранг мезананд................................145
Оҳ, ба дӯстон дигар арзи дуо кӣ мебарад?..........................146
Аз ҳуққаи даҳонаш ҳар гаҳ сухан бароядд..........................147
Аз ғуборам ҳар чӣ боло мекашад..........................................147
Аз ҳуҷуми кулфати дил нола беоҳанг монд.........................148
Азбаски ба таҳсили ғано ҳирси ту ҷон канд .......................149
Ашк зи бедоди ишқ пардакушо мешавад............................150

Аз чарх на ҳар аблаҳу нодон гила дорад ..............................151
Аз дилам бигзашту хун дар чашми ҳайратсоз монд............152
Иттифоқ аст, он ки ҳар душворро осон намуд.....................152
Агар аз гудозам наме гул кунад...........................................153
Агар таайюни анқо ҳаваспаём набошад ..............................154
Агар маъшуқ бемеҳр асту гар ошиқ вафо дорад.................155
Имрӯз навбаҳор аст, соғаркашон биёед...............................156
Имрӯз, баъди умре дилдор ёди мо кард...............................157
Имрӯз ноқисон ба камоле расидаанд ...................................157
Ин давр даври ҳез аст, вазъи матин кӣ дорад?.....................158
Ин ситамкешон, ки ваҳми зиндагиро ҳолаанд ......................160
Ин қадар риш чӣ маънӣ дорад? ...........................................160
Ин ки тоқатҳо ҷавонӣ мекунад ............................................161
Ин ки дар дайри ғамат дамсард пайдо кардаанд..................162
Ин ҳирсҳо, ки домани сад фан шикастаанд..........................163
Эҳтиёҷе, ки сари мард ба хам меорад ..................................164
Эҳтиёҷам хиҷлат аз аҳбоб бурд ..........................................164
Боз махмур аст дил, то бехудӣ иншо кунад .........................165
Бо хазони орзу ҳашри баҳорам кардаанд ............................166
Бодаи таҳқиқро зарфи ҳавас тангӣ кунад .............................167
Бо кӣ гӯям, чӣ қиёмат ба сарам мегузарад?..........................168
Ба андак шӯхие бунёди тамкин канда мегардад ..................169
Ба пастӣ вонамонад, ҳар кӣ аз дарде нишон дорад .............169
Бути ҳиндӣ кай аз дарди сари туркон хабар дорад? ............170
Барои хотирам ғам офариданд..............................................171
Ба шӯхӣ зад тараб, ғам офариданд .......................................172
Бар тамаъ табъи хасисе, ки тафохур дорад..........................173
Бар ин ситамкада, ё Раб, чӣ санг меборад ...........................173
Ба гармии нигаҳ аз шуъла тоб мерезад ...............................174
Ба гуфтугӯи касон мардуме ки мелофанд.............................175
Балокашони муҳаббат гули чӣ найранганд ..........................176
Баҳори умр ба субҳи дамида мемонад .................................177
Баҳор мераваду гул зи боғ мегузарад..................................178
Ба ҳар ҷо сози ғайрат инфиолоҳанг мегардад ......................178
Булҳавас аз сабуксарӣ ҳифзи сухан намекунад ...................179
Бинои ранги фитрат бар мизоҷи дун намебошад.................180
Ба ёдат гардиши рангам ба ҳар ҷо бор мебандад.................181

Бе занг дар ин маҳфил оина намебошад................................182
Бехудӣ имшаб пару боли фиғоне мешавад ...........................182
Бе фақр ошкор нагардад иёри мард ......................................183
Бенамак аз намаки ғайр таваҳҳум дорад ..............................184
Бе яъс дил аз ҳар чӣ надорад, гила дорад .............................185
Пари ҳумо чӣ кунад? Бахт агар дигаргун шуд.......................186
Пириям охир маю паймона бурд...........................................186
Пирӣ видоъи умри сабукбол вонамуд ...................................187
Пир хамёзакаши вазъи ҷавон мебошад .................................188
Пеши арбоби ҳасаб тарки насаб бояд кард ...........................189
То ба олам ранги бунёди таманно рехтанд ...........................190
То ҳино аз кафат ба ком расид ..............................................191
То машраби муҳаббат нанги вафо набошад.........................192
То маҳи нав бар фалак болкушо меравад.............................193
Тадбир инони мани пуршӯр нагирад.....................................194
Тасаллӣ ку, агар манзурат асбоби ҳавас бошад?..................195
Танпарастон, ки ба ин нону намак айёшанд ........................195
Ҷамъият аз он дил, ки парешони ту бошад ..........................196
Ҷавҳари тамкини мард аз лоф барҳам мешавад ..................197
Чоки кисвати фақрам ранги ханда мерезад..........................198
Чашми ту ба ҳоли ман гар ним назар хандад.......................199
Чун оби равон пур магузар бехабар аз худ ..........................200
Чун риштае, ки аз гираҳ огоҳ мешавад.................................201
Чу субҳа бар сари ҳам то ба кай қадам шумаред?...............201
Чу давлат дараш бар хасон во шавад....................................202
Чунин гар табъи бедардат ба хӯрду хоб месозад.................203
Ҳадиси ишқ шавад нола тарҷумонашу ларзад......................204
Ҳирс агар бар аташ ғулӯ дорад.............................................205
Ҳирсат он нест, ки маргаш зи ҳавас водорад.......................206
Ҳусни бешарм аз ҳуҷуми булҳавас маҳшар шавад ..............207
Ҳарифиҳои ишқ аз ҳар касу нокас намеояд .........................208
Хориҷи абнои ҷинс аст, он ки мавзун мешавад....................208
Хирад ба ишқ кунад ҳиласози ҷангу гурезад.......................209
Хушхиромон, доди табъи сустбунёдам диҳед......................210
Хаёли хушнигоҳон боз бо шӯхӣ саре дорад.........................211
Дар эҳтиёҷ натвон бар сифла илтиҷо бурд..........................212
Дар биёбоне, ки саъйи бехудӣ раҳбар шавад.......................213

Дар ишқ он ки қобили дардаш надидаанд............................214
Дар ғамат охир ба ҷое кори бедодам расид..........................214
Дуруштхӯ суханаш офиятсамар набувад..............................215
Дил хоки сари кӯйи вафо шуд, чи баҷо шуд .........................216
Дил аз вусъат агар шоне надорад ..........................................217
Дил аз дами муҳаббат чандин футур дорад...........................218
Дил ҷаҳоне дигар аз миръоти якдигар шавад........................218
Дилдор гузашту нигаҳи бозпасин монд.................................219
Дил мабод афсурда, то бар кас нагардад кор сард................220
Дилдор муқими дили мо шуд, чи баҷо шуд ..........................221
Дили саброзмо камтар зи доругир фарсояд..........................222
Дил анҷумани маҳраму бегона набошад ..............................223
Дӯстон, афсурд дил, чанде ба оҳаш хун кунед .....................224
Дунтабъ қадраш аз ҳавас афзун намешавад.........................225
Рамзошнои маънӣ ҳар хирасар набошад ..............................225
Рӯзи сияҳам соясифат ҷузви бадан шуд ...............................226
З-он нашъа, ки қулқул ба лаби шиша давонад.......................227
Зи баъди мо на ғазал, не қасида мемонад .............................228
З-ин шишаи соат, ки маҳу сол баровард...............................228
Зи сахтҷонии ман умр танг мегузарад .................................229
Зи ҳар мӯ домбардӯшам, гирифтор инчунин бояд ...............230
Зи дунё чӣ гирад, агар мард гирад?.......................................231
Зи нанги миннати роҳат ба маргам кор меафтад .................232
Сози имкон аз шикаст овоз пайдо мекунад..........................233
Сухан, зи машқи адаб, мавҷи гавҳараш гиред ......................234
Сели ғаме ки дод, ҷаҳони хароб дод ....................................234
Шудам хоку нагуфтам, ошиқам, кор инчунин бояд .............235
Шамъи базмат чӣ қадам бардорад?.......................................236
Шӯхӣ баҳори табъи чаманзод мешавад.................................237
Сабре, ки субҳи ин боғ аз мо ҷудо нахандад........................238
Сафофиреб фақеҳон нафас гудохтаанд.................................239
Толеъам зулфи ёрро монад ....................................................240
Золим чӣ хаёл аст муаддаб бадар ояд? .................................241
Ишқи мутрибзодае бар сози тақве зӯр кард .........................241
Умри арзал, эй Худо, магмор бар нерӯи мард ......................242
Ид аст, ғубори сари роҳи ту тавон шуд ...............................243
Ақл агар сад анҷуман тадбир равшан мекунад ....................243

Олами гирифторӣ хуш тасалсуле дорад ............................ 244
Фусурдан аз мизоҷи шуъла хокистар бурун орад ............... 245
Фусурдагиҳои сози имкон таронаамро инон нагирад.......... 246
Қумоши ранг зи бас беҳиҷоб мебофанд ............................. 247
Кори ҷаҳон хоҳ аҷз, хоҳ сарӣ мекунад ............................... 247
Гарди аҷзам, хушхиромон сарфарозам кардаанд ................. 248
Гар шавқ ба роҳат қадаме пеш барорад............................. 249
Ғар бӯи вафоро нафас оина набошад.................................. 250
Гар тамаъ дасти талаб во мекунад .................................... 250
Муҳаббат ситамгар набошад, набошад ............................... 251
Мактуби шавқ ҳаргиз бе номабар набошад ........................ 252
Мавҷи гул бе ту хорро монад ............................................ 253
Нашъа дудест, ки аз оташи май мехезад ............................ 254
Номам ҳаваси нигин надорад ............................................ 255
На бо сози ҳавас ҷӯшад, на бар касби ҳунар печад............. 256
Нишоти ин баҳорам бе гули рӯят чӣ кор ояд?.................... 257
На фахр медамад ин ҷо, на нанг меборад........................... 257
Вазъи фалак он ҷо, ки ба як ҳол набошад .......................... 258
Ҳарчанд ба Ҳақ қурби ту мақдур набошад ......................... 259
Ҳарчанд дил аз васл қадаҳнӯш набошад ............................ 260
Ҳар сухансанҷе, ки хоҳад сайди маъниҳо кунад ................ 261
Ҳар куҷо ушшоқро дарди талаб манзур шуд ....................... 262
Ҳар кӣ анҷоми ғурури манумо мебинад.............................. 262
Ҳаргиз ба дастгоҳи назар по намерасад ............................. 263
Ҳамчу оташ ҳар киро дуди талаб дар сар бувад.................. 264
Ҳамчу мино ғунчаи розам баҳороҳанг шуд ........................ 265
Ҳинди малоҳатэҷод Зангу Ҳабаш набошад ......................... 266
Ёрон дар ин биёбон аз мо асар маҷӯед ............................... 267
Аз ғубори ҷилваи ғайри ту то бастам назар ........................ 267
Ин баҳрро як оина дашти сароб гир.................................... 268
Ба иршоди адаб дар дарсгоҳи худсарон магзар .................. 269
То қиссаи чакидани ашкам шунид абр ............................... 270
Ҷисми ғофилро ба андӯҳи рами фурсат чӣ кор?.................. 271
Чист ҳастӣ ба он ҳама озор? .............................................. 272
Чашм во кун, ранги асроре дигар дорад баҳор .................... 273
Ҳукми дил дорад зи ҳамворӣ сару рӯйи гуҳар ..................... 273
Даст дорӣ, барфишон чун гул дар ин гулзор зар ................. 274

Дар ҳавасгоҳи олами бекор ........................................ 275
Дар гулистоне, ки сарви ӯ набошад ҷилвагар ........................ 275
Дарси ҳастӣ фикри такроре надорад, хонда гир ...................... 276
Сайри гулзори кӣ, ё Раб, дар назар дорад баҳор? ................... 277
Қади хамида надорад ба ғайри нола ҳузур ........................... 278
Мардӣ, чу шамъ дар ҳама ҷо ҷо нигоҳ дор ............................ 279
Мерасад аз гиря имшаб дар димоғам бӯи шир .......................... 280
Ҳамнишин, бо ман зи ташвиши ҳавасҳо кин магир ...................... 281
Ҳавои теғи ту афтод то маро дар сар ............................... 281
Пӯч аст сарбасар фалаки бемадормағз ................................ 282
Ҷоме магар аз базми ҳаё дарзадаӣ боз .............................. 283
Кай равад аз хотири ошуфтаам савдои ноз? ........................... 284
Наргисаш во мекунад тӯмори истиғнои ноз ............................ 285
Аз лаби хомуш забон вомондаи ком асту бас .......................... 285
Чашм во кун, шаш ҷиҳат ёр асту бас ................................ 286
Завқи шуҳратҳо далели фитрати хом асту бас ......................... 287
Зиндагӣ маҳруми такрор асту бас ................................... 288
Субҳ асту дорад он гул дар сар ҳавои наргис ........................ 289
Нест бе шӯри ҳаводис омадурафти нафас ............................. 289
Об аз ёқут мерезад такаллум карданаш ............................... 290
Эй хаёловораи найранги ҳуш ........................................ 291
Ба лавҳи ибрати Қоруну умри рафта ба ранҷаш ......................... 292
То кай афсурдан? Даме аз фикри худ вораста бош ...................... 292
Тапид оина баски дар орзуяш ....................................... 293
Чу абру баҳр зи лофи сахо пушаймон бош ............................. 294
Хоҳ дар маъмура ҷо кун, хоҳ дар вайрона бош ......................... 295
Дилеро ки бахшад гудоз орзуяш ...................................... 296
Дил ба коми туст, чанде хуррамиизҳор бош ............................ 297
Сухансанҷе, ки мадҳи халқ нафребад ба васвосаш ...................... 297
Сурати фақрам агар кашанд манолаш ................................. 298
Урён баро, ба мулки ҷунун подшоҳ бош ............................... 299
Камоли фақр набвад ҷузви истеъдод аз ин бешаш ....................... 300
Гар наӣ айни тамошо, ҳайрати саршор бош ............................ 301
Ман намегӯям, зиён кун ё ба фикри суд бош ........................... 302
Аз қаноат хок бояд кард дар анбони ҳирс ............................ 302
Пур кӯтаҳ аст дасти ба ҳар сӯ дарози ҳирс ........................... 303
Эй бехабар, масӯз нафас дар ҳавои файз .............................. 304

Мабод, домани кас гирам аз фусуни ғараз ........................... 305
Бар ҷунун натвон шуд аз ақли адабпарвар муҳит ................ 306
Гаштам аз бедаступоиҳо ба хушку тар муҳит........................ 306
Набуд нуқтае аз илми ин китоб ғалат ................................... 307
Бе нами ҳиҷлат намебошад сару кори тамаъ ......................... 308
Сӯхтан як нағма аст аз сози шамъ .......................................... 309
Ҳар чӣ дар дил гузарад, вақфи забон дорад шамъ................ 310
Фақри моро машуморед кам аз олами теғ............................. 311
Кунун, ки мегузарад айш чун насим зи боғ .......................... 312
Нозад ба ишқ ғозаи ҳусни ҷунундимоғ ................................. 312
Баҳсу ҷадал ба офати ҷон мекунад тараф............................... 313
То намегардад табу тоби нафасҳо бартараф .......................... 314
Бар худ аз сози шукуфтан кай гумон дорад ақиқ?................ 315
Эй муждаи дидори ту чун ид муборак.................................. 316
Дар назарҳо маъниям гул мекунад ғайрат ба чанг ............... 316
Магӯ, паёми вафо ҷаста-ҷаста дорад ранг ............................ 317
Боз о, ки бе ҷамолат тӯфон шикаста бар дил ........................ 318
Ба ранге яъс ҷӯшидаст бо дил ................................................ 318
Захми теғе зи ту бардоштаам ҳамчу ҳилол ........................... 319
Зи ман умрест, мегардад ҷудо дил ......................................... 319
Гар кунад товуси ҳайратхонаи асбоб гул .............................. 320
Гашт бар дили маъюс васлҷӯ шудан мушкил ....................... 321
Метавон дар боғ дид аз синаи афгори гул............................. 322
Мекунад дарси раме аз рангу бӯ такрор гул ......................... 323
Навбаҳор орад ба имдоди мани бемор гул............................. 324
Вуфури мол ба таъкиди хиссат аст далел.............................. 324
Аз иззату хорӣ на умедест, на бимам ................................... 325
Эй наргисат ҳаёкадаи сулҳу ҷанг ҳам.................................... 326
Бар хамӯшӣ задаам, фикри хурӯше дорам ............................ 327
Баъд аз ин аз суҳбати ин девмардум рам кунам ................... 328
Барги худдорӣ маҷӯед аз дили девонаам............................... 329
Ба гулшан нолае чанд армуғони булбулон бурдам .............. 330
Пеш о, ки бихонӣ рақами синаи решам................................. 331
Ҷуғди вайронаи хаёли худем .................................................. 331
Ҷавлони ҷунун охир бар аҷзи расо бастам............................ 332
Чашмаш афканд тарҳи бедодам ............................................. 333
Чун хома аз заифӣ афлокдастгоҳам ....................................... 334

Чу шабнам, то ниқоби эътибори хеш шақ кардам ...............335
Чун оина чандон ба бараш танг гирифтам ...........................336
Чун тапиш дар дил нафас дуздидаам ..................................336
Чизе аз худ ҳар қадам зери қадам гум мекунам ...................337
Чӣ миқдор хун дар адам хӯрда бошам .................................338
Ҳарфам ҳама аз мағз аст, в-аз пӯст намегӯям .......................339
Халқро нисбати бегонагие ҳаст ба ҳам ................................339
Дар ҷигар сад ранг тӯфон кардаем .......................................340
Дар ҷайби ғунча бӯйи баҳорест, ранг ҳам ...........................341
Далели корвони ашкам, оҳи сардро монам ..........................342
Даъвати танзеҳи ҳусни бемисолӣ мекунам ..........................343
Дӯш чун най сатри дарде мечакид аз хомаам ......................343
Дидаи муштоқе аз ҳар мӯ ба бор овардаам ..........................344
Зи дасти офият доғам, сипанди яъспарвардам ......................345
Зи савдои чашми ту то ком гирам .......................................345
Сатре агар зи вазъи ҷаҳон вонавиштаем...............................346
Шабе, к-аз хаёли ту гул чида будам .....................................347
Шарори коғази фурсаткаминам............................................348
Ғайратанҷуман ҷоест, маъмане ки ман дорам......................349
Уруҷи ҳиммате дар кор дорам ..............................................349
Гузашт фурсату сайри дили фигор накардам.......................350
Мапурсед аз маоши хандаъунвоне ки ман дорам ................351
Майпарасти эҷодам, нашъаи азал дорам .............................352
Набарӣ гумони фусурдагӣ ба ғубори бесарупоиям .............353
Надонам, чу шамъ аз чӣ хиҷлат чунинам? ..........................353
На ибодат, на риёзат кардам ................................................354
Ҳамчу оина таҳайюрсафарам................................................355
Ёди ман кардӣ, басомон гашт нози ҳастиям ........................356
Як дам осоиш ба сад ибром пайдо кардаем.........................357
Озодӣ охир бад бохт бо ман..................................................358
Осон макун тасаввур нози муғон кашидан .........................359
Аз ҷавон ҳусни сулуки пир натвон ёфтан ...........................359
Аз чарх бори миннат то кай тавон кашидан?.......................360
Аз худсарӣ мачинед идбор то ба гардан...............................361
Аз дида суроғи дили девона талаб кун ................................363
Аз нолаи дили мо то кай рамида рафтан?............................364
Агар муште ғубори худ парешон метавон кардан...............365

Агар нола гӯше наяфшорад аз ман........................................365
Эй ҳузури мақдамат бар зиндагӣ бурҳони ман......................366
Эй ҳоҷатат далели ба идбор зистан......................................367
Эй хоҷа, худситоии иқбол сар макун...................................368
Ба тамошои ин чаман дари мижгон фароз кун .....................369
Бар шишахонаи дили афсурда санг зан .................................370
Бастаам чашми умед аз улфати аҳли ҷаҳон ..........................371
Ба кунҷи абруи дилдор холи фитнакамин.............................372
Бигзашт зи хокам бути гулпираҳани ман .............................373
Бе сайри ибрате нест тарки ҳаё накардан.............................373
Пур малоф аз ҷавҳари борикбинӣ доштан ...........................374
Ҷое ки бувад пешбарӣ пеш набурдан ...................................375
Чӣ бувад сарукори ғалатсабақон...........................................376
Чист мурдан? Мунфаил аз ҳастии козиб шудан ..................377
Хоҳ ғафлатпешагӣ кун, хоҳ огоҳӣ гузин ..............................378
Даҳр тӯфон дорад аз табъи ҷунунпаймои ман.....................378
Дар шиква софдил надиҳад рухсати забон...........................379
Дарси камоли худ гир аз нола сар кашидан .........................380
Дасти ҷуръат дидам охир муғтанам дар остин ....................381
З-он тағофулгар чаро ношод бояд зистан?...........................382
Сари туррае ба ҳаво фишон, Хутане зи мушки тар офарин.383
Субҳи кишвари Майвот ёсаминбаҳор аст ин........................384
Ғанимат гир чун оина маҳви шони худ будан .....................384
Гар ба хуни муштоқон теғи ӯ кашад гардан ........................385
Мунфаили хулқро нози санам доштан .................................386
Меравам ҳар ҷо ба завқи офият андӯхтан ...........................387
Мавҷи хунам ҳар қадар тӯфоннамо хоҳад шудан ................388
Ворастагӣ зи ҳусни дигар медиҳад нишон...........................389
Ҳамъинони оҳам, ошӯби ҷаҳон хоҳам шудан......................389
Ёди абрӯи каҷе зад ба дили мо нохун ..................................390
Баски ёди қоматат бар бод дод аҷзои сарв ..........................391
Баски рашки қомати ӯ сӯхт сар то пои сарв........................392
Чу сиришк бесарупоиям қадаме назад ба ҳавои ту .............393
Гоҳ рӯй дар хокам, гоҳҷабҳа бар зону ................................394
Мунфаилам, бар кӣ барам ҳоҷати хеш аз бари ту ................395
Маҳи нав менамояд имшабам аз осмон абрӯ. ......................395
Намегӯям, ба ишратгоҳи Маҷнун ҷаҳдпаймо рав ................396

Барорад гарам оташи дил забона......................................397
Бар шуъла то чанд нозидани коҳ? ....................................398
Ба ту нақши суҳбати мо чӣ қадар баҷо нишаста.................399
Паре мефишон, эй тааллуқбаҳона ......................................400
Тори пироҳани ҳаёст нигоҳ...............................................401
Дар шиканҷи иззатанд арбоби ҷоҳ .....................................402
Зоҳидо, дониш, насиби қисмати мубҳам най .......................403
Оламу ин тардимоғиҳои ҷоҳ ..............................................403
Офатэҷод аст табъ аз дастгоҳи худсарӣ.............................404
Офият пеш оядат, вақте ки аз дунё равӣ............................406
Афтодаам ба роҳат чун ашк бе равонӣ ...............................406
Ин чӣ товусии ноз аст, ки андӯхтай? .................................407
Эй амаловора фитратро чӣ расво кардай? ..........................408
Эй шайх, ба тадбири амал беҳудасарфӣ .............................409
Бо баҳсу ҷадал гар ҳама Бирҷиси улумӣ ............................409
Боз аз дил ба суи дидаи мо меой .......................................410
Бозам ба ҷунун зад ҳаваси тарҳи замине ............................411
Бардоштани дил зи ҷаҳон кард гаронӣ ...............................412
Баски бе рӯи ту хиҷлат кард хирман зиндагӣ.......................413
Ба шуҳрат зад иқболи халқ аз табоҳӣ...................................413
Ба тарфи пухтагон тақлид дорад хиҷлати хомӣ...................414
Барӣ то зи таҳқиқи дидор бӯе ...........................................415
Ба нумӯ саре надорад гули боғи кибриёӣ ..........................416
Ба вазъи ғурбатам манзури бетобист оромӣ .......................417
Баҳор он дил, ки хун гардад ба савдои гули рӯе..................418
Беҳосилиям баст ба гардан хами пирӣ.................................419
Бе ту дил дар синаам дорад ҷунунафсонае..........................420
Ҷаҳд кун, то наравӣ бар асари неку баде............................421
Ҷуз офиятам, нест ба савдои ту нанге.................................421
Чанд печад бар мани бедаступо афтодагӣ? ..........................422
Чу чинӣ шудам маҳви нозукадой .......................................423
Чун субҳ, дорам аз чамани ранги ҷастае .............................424
Чӣ маънибаёнӣ, чӣ лафзошной? ...........................................425
Хашмро иинапардози тараҳҳум кардай................................426
Хуш он соат, ки чун тимсол, аз оинаи фарде.......................427
Дорад ба мани дилшуда имшаб сари чанге..........................427
Дар зиндагӣ нагаштам манзури ошное ................................428

Даме ки аҷз шавад дастгоҳи бекорӣ....................................429
Дуӣ ҳавас накунӣ, сӯи худ назар накушой...........................430
Дӯстон, ин хокдон чун ман надорад дигаре.........................431
Раме, бетобие, тағйири ранге, гардиши ҳоле.......................432
Зи пироҳан бурун о, бе шукӯҳе нест урёнӣ..........................433
Зи дастгоҳ мабар заҳмати гаронҷонӣ...................................433
Шодам, к-аз ин гулистон гар суратам надидӣ .....................434
Шаб чашми ниммасташ во шуд зи хоб ниме.......................435
Шарари коғазӣ, ороиши дуккон накунӣ...............................436
Сад ранг нақш бастем дар ёди гулҷабине ............................437
Оламе бар бод рафт аз саъйи беповусарӣ............................438
Иёри фитнаи чархи ситамгар то куҷо гирӣ? .......................439
Умр гузашту ҳамчунон доғи вафост зиндагӣ.......................440
Умрест ҳамчу мижгон аз дарди нотавонӣ............................441
Инонам гар нагирад хотири оинасимое................................441
Гар дар ин қаҳтсароят накунад нон мададе..........................442
Гар эътибор начидӣ бисоти фахрписандӣ............................443
Гар нест дар ин майкадаҳо даври тамоме............................444
Мушкил, аз ҳарзадавӣ ҷуз ба табутоб расӣ..........................445
Набарӣ гумон, ки муфте ба Худо расида бошӣ ...................445
Нашуд ҳиҷоби хаёлам ғубори ҷисмонӣ...............................446
Нафас дар талаб сӯхтӣ, дил надидӣ ....................................447
Намебошад дили маъюс бе кайфияти нозе ..........................448
Тавзеҳот ва шарҳи луғот .......................................................449

**«АХТАРОНИ АДАБ» (СИЛСИЛА)**
**ИБОРАТ АЗ 50 ҶИЛД**

**Ҷилди 37**

**Абдулқодири Бедил**

**МУНТАХАБОТ**

Муҳаррири ороиш *Ромиш Лоиқзода*
Муҳаррири саҳифабандӣ *Меҳрӣ Саидова*

Ба матбаа 04.06.2018 супурда шуд.
Чопаш 08.06.2018 ба имзо расид.
Ҷузъи чопӣ 30,0. Андозаи 60x90 $^{1}/_{16}$.
Адади нашр 5000 нусха

Муассисаи нашриявии «Адиб»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
734018, ш. Душанбе, кӯчаи Н. Қаробоев 17а

Дар чопхонаи ҶДММ «Илм» чоп шудааст.